**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ**
**АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ-82.09(575.3)**
**ТКБ-83.3(0)9**
**З-80**

**ЗОИРОВ ҲАЛИМҶОН ЗОҲИДҶОНОВИЧ**

# АЙНУЛҚУЗОТИ ҲАМАДОНӢ ВА ҶОЙГОҲИ «НОМАҲО»-И Ӯ ДАР НАСРИ ФОРСУ ТОҶИКИ АСРИ XII

**(таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ
аз рӯйи ихтисоси 10.01.00- Адабиётшиносӣ (10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)

**Мушовири илмӣ: доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор, узви вобастаи АМИТ**
**Зоҳидӣ Низомиддин Шамсиддинзода**

**ХУҶАНД - 2024**

МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА** .......................................................................................... 5

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ** .................................................................. 12

**БОБИ I. АЙНУЛҚУЗОТИ ҲАМАДОНӢ ВА МЕРОСИ ИЛМИЮ АДАБИИ Ӯ** .................................................................................. 24

**I**.1. Зиндагиномаи Айнулқузоти Ҳамадонӣ ................................................... 24

**I**.2. Мероси илмӣ ва адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ. Осори мафқуди суханвар ................................................................................................ 36

**I**.3. Осори мавҷуди Айнулқузоти Ҳамадонӣ .................................................. 47

**I**.4. Осори мансуб ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ .............................................. 66

**БОБИ II. ТАЪРИХИ ТАТАВВУР ВА МУХТАССОТИ ТАРАССУЛ ВА НОМАҲОИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ ТО ЗАМОНИ АЙНУЛҚУЗОТИ ҲАМАДОНӢ** .......................................................... 89

**II**.1. Пайдоиши хат ва оғози номанигорӣ то давраи Сосониён ......................... 89

**II**.2. Оини тарассул ва муншаотнависӣ дар аҳди Сосониён ............................ 98

**II**.2.1**.** Анвои номаҳо ва одоби нигориши онҳо ............................................. 100

**II**.2.2. Мухтассоти номаҳои аҳди Сосониён .................................................. 115

**II**.2.3. Осори марбут ба оини нигориш ва номанависӣ .................................. 125

**II**.3. Одоби нигориш ва расми номанигорӣ аз оғози давраи исломӣ то замони Сомониён ..................................................................................... 139

**II**.4. Оини тарассул ва муншаотнависӣ аз аҳди Оли Бӯя ва Оли Зиёр то замони Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён ................................................. 154

**БОБИ III. ВИЖАГИҲОИ АДАБИВУ УСЛУБИИ «НОМАҲО»-И АЙНУЛҚУЗОТИ ҲАМАДОНӢ** ........................................................ 164

**III**.1. Суннати дабирӣ ва услуби нигориши номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ ....................................................................... 164

**III**.2. Забон ва шеваи баёни номаҳои Айнулқузот ......................................... 177

**III**.3. Касрати корбурди вожаю ибороти арабӣ, истилоҳоти ирфонӣ, оёт ва ҳуруфи муқаттаа дар «Номаҳо»-и Айнулқузот ............................ 188

**III**.4. Аҳаммияти адабӣ ва вижагиҳои «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ........ 197
**III**.4.1. Назари Айнулқузоти Ҳамадонӣ нисбат шеър ........ 197
**III**.4.2. Андешаҳои ахлоқӣ ва тарбиявӣ дар «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ........ 200
**III**.4.3. Дифоъ аз Иблис дар «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ........ 206
**III**.4.4. Мафҳуми ишқ дар «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ........ 211
**III**.4.5. Зарбулмасалу мақол ва пуркорбурдтарин санъатҳои бадеӣ дар «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ........ 216
**БОБИ IV. «НОМАҲО»-И АЙНУЛҚУЗОТИ ҲАМАДОНӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ АДАБӢ ВА МАТНШИНОСӢ** ........ 229
**IV.**1. Муруре ба нусхаҳои хаттии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ........ 229
**IV.**2. Назари интиқодӣ ба нашри «Номаҳо»-и Айнулқузот ........ 241
**IV.**3. «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ – сарчашмаи адабӣ ........ 248
**IV.**3.1. Ашъори Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар «Номаҳо» ........ 251
**IV.**3.2. Авроман ва фаҳлавиёт дар «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ........ 255
**IV.**4. Атрибутсия – мансубияти ашъори истишҳодшуда ........ 260
**IV.**4.1. Баҳсе дар тасҳеҳ ва таъйини муаллифи мисраъҳои арабии «Номаҳо»-и Айнулқузот ........ 279
**IV.**5. Аҳаммияти «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар тасҳеҳ ва маърифати ашъори суханварони қарнҳои IX-XII ........ 288
**IV.**5.1. Аҳаммияти «Номаҳо»-и Айнулқузот дар тасҳеҳи ашъори устод Рӯдакӣ ........ 288
**IV.**5.2. Таъсирпазирии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ........ 294
**IV.**5.3. Аҳаммияти «Номаҳо»-и Айнулқузот дар тасҳеҳ ва маърифати ашъори Саноии Ғазнавӣ ........ 299
**ХУЛОСА** ........ 318
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ** ........ 329

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** ........................................................................................ 331
**НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ** ...... 375

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар қарни XII нисбат ба қарнҳои қаблӣ хеле рушд намуд. Дар ин давра баробари анвои мухталифи наср тарассул ва номанигории форсӣ-тоҷикӣ низ ривоҷ ёфт. Агар дар даврони Тоҳириёну Саффориён забони номаҳои девонӣ арабӣ буд ва дар замони Сомониёну Ғазнавиён ба ғайр аз номаҳое, ки ба дарбори Хилофат ирсол мешуданд, боқии маноширу фармонҳо ва анвои дигари номаҳоро ба забони форсӣ-тоҷикӣ менавиштанд, дар давраи ҳукумати шоҳони Салҷуқӣ ва Хоразмшоҳӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ навиштани номаҳо расм шуд ва танҳо камтари номаю маншурҳо ва фармонҳо ба забони тозӣ навишта мешуданд. Аз ин нигоҳ, қарни мазкурро метавон аҳди ривоҷи насри форсӣ-тоҷикӣ, аз ҷумла, тарассул ва номанигорӣ ва бартарӣ ёфтани номанигории форсӣ-тоҷикӣ бар номанигории арабӣ номзад кард. Шоистаи зикр аст, ки насри давраи мавриди баҳс дигар содагию равонии насри давраи Сомониёнро надошт, балки насри форсии омезишёфта ба забони арабӣ буд. Тарки эҷоз ва таваҷҷуҳ ба итноб намудани дабирону нависандагон, истифодаи луғоту таркиботи нав ва истилоҳоти тасаввуф, касрати корбурди оёту аҳодис, истишҳоди ашъору амсоли форсӣ ва арабӣ дар зимни наср аз ҷумлаи вижагиҳо ва мухтассоти сабки наср ва номаҳои қарни мазкур ба ҳисоб меравtotalанд, ки шоҳиди ин фикр муншаоте ба монанди «Атабат-ул-катаба»-и Мунтаҷибуддини Бадеъ [190], «Ат-тарассул ила-т-тавассул»-и Бадруддини Румӣ, «Ат-тавассул ила-т-тарассул»-и Баҳоуддин Муҳаммад Муайяди Бағдодӣ [57], «Ароис-ул-хавотир ва нафоис-ун-наводир» ва «Абкор-ул-афкор фӣ расоил-ил-ашъор»-и Рашидуддини Ватвот [69], «Макотиб»-и Ҳаким Саноии Ғазнавӣ [76], «Номаҳои форсӣ»-и Шайх Аҳмади Ғаззолӣ [74] ва «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ [171] мебошанд.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ яке аз суханварони орифи қарни XII мебошад, ки, мутаассифона, рӯзгору осор ва, махсусан, «Номаҳо»-и ӯ то ҳол дар адабиётшиносии форсу тоҷик ба қадри боиста омӯхта нашудааст. Омӯзиш ва

таҳқиқи ин мавзуъ имкон медиҳад, ки оид ба зиндагинома, мероси илмию адабии мафқуду мавҷуди Айнулқузоти Ҳамадонӣ, муаллифони аслии осори мансуб ба ӯ, ашъори форсию арабии ӯ, вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносию нусхашиносӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ин суханвари ориф дар таърихи адабиёт, махсусан, насри қарни XII тасаввуроти комил ва возеҳ пайдо шавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Масъалаи омӯзиши нома ва номанигории форсӣ-тоҷикӣ ҳамчун навъе аз осори адабӣ ва ҳунари нависандагӣ ва таҳқиқи рӯзгору осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ пайваста мавриди пажуҳиши муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ қарор гирифта, дар ин замина чандин осори таҳқиқӣ рӯйи кор омадаанд. Дар ин таълифоти илмӣ ба осори мансури форсӣ-тоҷикии Айнулқузоти Ҳамадонӣ, махсусан «Номаҳо»-и ӯ низ ишора шудааст, вале чун таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, нусхашиносӣ ва матншиносии «Номаҳо»-и ин суханвари ориф ба доираи аҳдофи чунин пажуҳишҳо ворид набуд, аксари муаллифони онҳо бо зикри замони таваллуду шаҳодат, номгӯйи осор ва миқдори номаҳои ӯ иктифо намудаанд. Хидмати ин муҳаққиқон аз он иборат аст, ки дар мақолаву китобҳо ва рисолаҳои илмии худ таваҷҷуҳи соири пажуҳишгаронро ба «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҷалб намуда, зарурати таҳқиқи онро таъкид сохтаанд. Пажуҳишҳои дар ин замина анҷомёфтаро метавон ба се даста ҷудо кард: а) таҳқиқоте, ки ба пайдоиш ва таҳаввули номанигорӣ то замони Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён бахшида шудаанд; б) таҳқиқоте, ки мухтасар дар атрофи таърих ва назарияи номанигорӣ ва ҳам «Номаҳо»-и Айнулқузот баҳс мекунанд; в) таҳқиқоте, ки бевосита ба рӯзгору осор ва «Номаҳо»-и Айнулқузот ихтисос доранд.

Аз ҷумла, Ҳ. Хатибӣ дар китоби «Фанни наср дар адаби форсӣ» дар хусуси таърихи татаввур ва мухтассоти макотиби форсӣ аз даврони пеш аз ислом то қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ, баробар ба асри сездаҳуми мелодӣ ба таври умумӣ баҳс намудааст [401, с. 283-428]. Ишораҳо ва нуктаҳои судманд доир ба масъалаҳои нома ва номанигории форсӣ дар давраи тоисломӣ ва қарнҳои аввали исломӣ

дар осори адабиётшиносони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили А. Тафаззулӣ [394], М. Донишпажуҳ [355, с.1-32], М. Муҳаммадӣ [367; 371; 372], М. Баҳор [339, ҷ.1-2] ва Н. Зоҳидӣ [229; 230; 231; 232; 233] ба назар мерасанд.

З. Ҳасанова дар рисолаи «Соми и теория эпистолярного стиля в таджикской литературе XIXв.» [301] ба ихтисор дар бораи оини дабирӣ ва шеваи нигориши номаҳо, аҳаммияти «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзӣ, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Эъҷози Хусравӣ»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, «Махзан-ул-иншо»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва «Санъати маҳзун»-и Мирзо Азимуддини Сомӣ дар шинохти назарияи номанигории форсӣ-тоҷикӣ маълумот додааст. А.М. Хуросонӣ ва Ҷ. Назрӣ дар китоби «Нома ва номанигорӣ дар «Шоҳнома» дар хусуси нома ва номанигории форсӣ-тоҷикӣ аз замони пайдоиш то қарни XVIII маълумот дода [400, с.19-31], перомуни номаҳои мундариҷ дар «Шоҳнома» ва ҳунари номанигории Ҳаким Фирдавсӣ батафсил баҳс намудаанд [400, с. 31- 183]. Аммо зикри «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва аҳаммияти адабиву ирфонии онҳо аз доираи баҳси муҳаққиқони мазкур берун мондааст. Д. Бобоев низ дар рисолаи «Нома ва номанигорӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ» ба тарви мухтасар перомуни таърихчаи нома ва номанигорӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ баҳс карда [205, с. 12-38], аммо аз «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ёд накардааст.

Х. Шарифзода (Шарифов) дар китоби «Назарияи наср» дар хусуси дабирӣ ва дастурҳои дабирӣ, аҳаммияти «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзӣ, «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-и Муҳаммади Авфӣ, «Қобуснома»-и Кайковус, «Дастури дабирӣ»-и Майҳанӣ, «Дастур-ул-котиб фӣ таъйин-ил-маротиб»-и Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ ва «Эъҷози Хусравӣ»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ дар таҳқиқи ин мавзуъ [320, с. 154-177] ва дар китоби ««Шоҳнома» ва шеъри замони Фирдавсӣ» перомуни номаҳои манзуми «Шоҳнома» [318, с. 277- 284] ва ниёиш дар номаҳои ин асари безавол [318, с. 288- 291] баҳс намудааст.

Масъалаи таҳқиқи аҳволу осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва «Номаҳо»-и ӯ низ таваҷҷуҳи бештари муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб

намудааст. Мақолаи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ»-и Е.Э. Бертелс аз он ҷумла аст, ки дар бораи аҳволи зиндагӣ ва «Тамҳидот»-и ин суханвар баҳс мекунад [202, с. 310-319]. А. Зарринкӯб низ дар китоби «Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон» [213] дар бораи зиндагинома ва мероси Қозии Ҳамадон чанд нуктаи судманд гуфта, аммо дар мавриди замони таваллуд, мероси аслӣ ва мансуби суханвар андешаҳое баён намудааст, ки холӣ аз хато нестанд [213, с. 156-176].

Китоби «Аҳвол ва осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ»-и Р. Фарманиш яке аз аввалин таҳқиқоти ҷомеъ оид ба зиндагинома ва мероси адабии Айнулқузот аст [398]. Мутаассифона, донишманди мазкур дар баробари баҳсҳои ҷолиб дар асоси осори мансуби суханвар чанд хулосаҳои илмӣ баён намуда, дар боби «Феҳристи ашъори Айнулқузот» [398, с.212- 289] ва фасли «Ашъори истишҳодшуда» [398, с. 290- 340] ба чанд хатои матншиносӣ роҳ додааст.

Хидмати А. Усайрон дар мавриди таҳқиқи аҳволу осор ва тасҳеҳу нашри «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Шаква-л-ғариб» [175], «Тамҳидот» [172] ва «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ [171, ҷ. 1-2] шоистаи шинохт ва таъкид аст. Муқаддимаи муфассали А. Мунзавӣ бар «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, махсусан бахши якуми он, ки перомуни зиндагинома ва осори ин суханвари ориф баҳс мекунад, аҳаммияти зиёди илмиро молик аст [171, ҷ.3, с. 21- 36, с. 106-121]. Н.М. Ҳиравӣ дар бахши аввали китоби «Хосияти оинагӣ» баёни нақди ҳол, тавсифи осор ва гузораи орои Айнулқузоти Ҳамадонӣ карда [407, с. 3- 123], дар бахшҳои баъдӣ гузидае аз «Тамҳидот» [407, с.128- 184], «Номаҳо» [407, с. 186- 262] ва «Рисолаи Ҷамолӣ»-ро таҳти мавзуоти алоҳида овардааст. Бо вуҷуди муҳассаноти зиёд андешаҳое, ки муҳаққиқи мазкур дар хусуси замони таваллуд ва осори мансуб ба Айнулқузот баён доштааст, холӣ аз хато нестанд.

Ҳ. Баннопур дар китоби «Айнулқузоти Ҳамадонӣ» [336], Н. Пурҷаводӣ дар китоби «Айнулқузот ва устодони ӯ» [385], Қ. Ансорӣ дар муқаддимаи китоби «Дифоиёт» ва Гузидаи ҳақоиқ» [162], С. Фадавӣ дар китоби «Айнулқузоти Ҳамадонӣ: меросдори сияҳгилеме ва зуннордоре»[397] ва

дигарон ба ихтисор аз рӯзгор ва мероси ин суханвари ориф ёд кардаанд, ки дар рисола ба онҳо ишора шудааст.

М. Ризоиён дар рисолаи «Рамз дар рубоиёти Айнулқузоти Ҳамадонӣ» мухтасар оид ба рӯзгору осори Айнулқузот маълумот дода, он иштибоҳоте, ки муҳаққиқони қаблӣ дар баёни замони таваллуд ва осори аслию мансуби суханвар роҳ дода буданд, такрор кардааст [388]. Афзун ба ин, муҳаққиқи мазкур рисолаи «Лавоеҳ»-ро аз ҷумлаи осори Айнулқузот дониста, дар асоси чанд рубоии асари мазкур хулосаҳои илмӣ баровардааст, ки машкук ба назар мерасанд. Ҳ. Довудӣ низ дар рисолаи «Социально-этические учение Наджибуддина Сухраварди и Айнулкузота Хамадони (историко-философский анализ)» [212] мухтасар оид ба рӯзгор ва осори Айнулқузот баҳс намуда, ба иштибоҳ рисолаҳои «Яздоншинохт» ва «Лавоеҳ»- ро аз ҷумлаи осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ донистааст [212, с. 30].

И. Умаров (Умарзода) яке аз аввалин муҳаққиқони тоҷик аст, ки дар рисолаи «Философские и этические взгляды Айнулкузота» [295] ва китоби «Айнулқузот» [294] оид ба зиндагинома, мероси илмию адабӣ ва ақоиди фалсафию ахлоқии Айнулқузоти Ҳамадонӣ маълумот додааст, вале дар атрофи арзиши адабӣ ва услубии осори суханвар, махсусан «Номаҳо»-и ӯ, ки ба доираи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқи ӯ ворид набудаанд, баҳс накардааст.

Н. Салимӣ дар китоби «Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XIII)» [287] аз мавҷудияти чанд номаи шоҳони тоисломии Эрон ва дар қарнҳои X-XIII сурати комил ва танаввуъ пайдо кардани номаҳо ва тарассулоти форсӣ баҳс намуда, аз маҷмуаи номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва «Рисолаи айния»-и Аҳмади Ғаззолӣ, ки ба унвони Айнулқузот навишта шудаанд [287, с. 351- 358], мероси адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ, аз ҷумла «Рисолаи Ҷамолӣ», «Тамҳидот» ва «Зубдат-ул-ҳақоиқ»-и ӯ ба ихтисор ёд карда, нисбат ба аносири адабиву бадеӣ имтиёз доштани унсурҳои илмиву истилоҳӣ ва бештар ба забони осори илмӣ тамоюл пайдо кардани «Тамҳидот»- ро таъкид намудааст [287, с. 293-295].

Саҳми М. Нарзиқул дар шинохти таърих ва назарияи номанигории форсӣ-тоҷикӣ нисбатан бештар аст. Донишманди мазкур дар рисолаи докторӣ [253], китобҳои «Таърих ва назарияи номанигорӣ» [254] ва «Нома ва номанигорӣ»-и худ [256] дар баробари ташаккул ва равиши номанигории тоисломӣ, таърихи таҳаввули жанри нома ва таълифи дастуроти нависандагии форсӣ аз оғоз то замони Амир Хусрави Деҳлавӣ мухтасар перомуни муросилоти Аҳмади Ғаззолӣ бо Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва «Номаҳо»-и Қозии Ҳамадонӣ баҳс намуда, порае аз як номаи ӯро ба хатти форсӣ овардааст [253, с. 71-74; 254, с. 67- 70; 255, с. 223-227]. Азбаски рисолаи илмӣ ва таҳқиқоти дигари муҳаққиқи мазкур бештар ба «Эъҷози Хусравӣ»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ ва мақоми он дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ихтисос доранд, масъалаи таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба доираи аҳдофи баҳси муҳаққиқи мазкур ворид набудааст. М. Раҷабова дар рисолаи «Ҷойгоҳи пораҳои манзум дар рисолаҳои мансури ирфонӣ» ба ихтисор дар бораи замони таваллуду вафот, осор ва ҷойгоҳи пораҳои манзум дар «Тамҳидот»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ баҳс кардааст [276, с. 80-95].

Афзун ба ин, даҳҳо мақолоти дигар дар аҳволу осор ва паҳлуҳои алоҳидаи «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз ҷониби муҳаққиқони эронӣ навишта шудаанд, ки ҳангоми таълифи рисола аз онҳо ёд шудааст. Вале, дар маҷмуъ, дар хусуси оғози номанигорӣ то замони Сосониён, расм ва оини номанигории форсӣ-тоҷикӣ аз даврони Сосониён то замони Салҷуқиён, рӯзгор ва мероси илмию адабӣ, осори мафқуду мавҷуд ва мансуби Айнулқузоти Ҳамадонӣ, вижагиҳои адабиву услубӣ ва матншиносии «Номаҳо»-и ӯ дар адабиётшиносии тоҷик то ҳол ягон таҳқиқоти мукаммал ва монографӣ сурат нагирифтааст. Аз ин нигоҳ, муаллифи рисола бо такя ба сарчашмаҳои илмию адабӣ ва нусхаҳои хаттии маҳфуз дар китобхонаҳои маъруфи хориҷӣ кӯшиш намудааст, ки дар баробари зиндагинома ва мероси илмию адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ вижагиҳои адабиву услубӣ, шеваи нигориш ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯро дар насри форсу тоҷики асри XII муайян намояд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Масъалаҳои дар диссертатсия баррасигардида бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои таҳқиқоти илмӣ иртиботи қавӣ доранд. Диссертатсия дар доираи яке аз самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи адабиёти классикии тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», ки «Поэтика, матншиносӣ ва маърифати осори бадеӣ» унвон дорад, анҷом ёфтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ**. Ҳадаф аз таълифи рисола таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва муайян намудани ҷойгоҳи он дар насри форсу тоҷики асри XII мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ**. Ҷиҳати расидан ба мақсад, ки дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст мавриди таҳқиқ қарор мегирад, ба ҳаллу фасли вазифаҳои зерин саъй карда шуд:

- таҳқиқи рӯзгор ва осори илмию адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ бо такя ба осори худи суханвар ва сарчашмаҳои боэътимоди асрҳои миёна;

- равшанӣ андохтан ба ихтилофи назарҳо миёни муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар мавриди ном, кунияту лақаб, замони таваллуду шаҳодат, осори мафқуду мавҷуд ва мансуби Айнулқузоти Ҳамадонӣ;

- баррасии расму оини номанигорӣ то замони Айнулқузоти Ҳамадонӣ;

- муайян намудани заминаҳои пайдоиш ва оғози номанигории форсӣ-тоҷикӣ то даврони Сосониён;

- муайян кардани омилҳои зуҳур ва ривоҷи номанигорӣ дар аҳди Сосониён;

- баррасии оини тарассул, шеваи нигориш ва муншаотнависии форсӣ-тоҷикӣ аз оғози даврони исломӣ то замони Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён;

- муайян намудани сабк ва шеваи хоси нигориши номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ;

- баррасӣ ва таъйин намудани ном, кунияту лақаб ва замони зиндагии Айнулқузоти Ҳамадонӣ;

- таъйин намудани осори мафқуд ва мавҷуди Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва муаллифони аслии осори мансуб ба ӯ;

- дар натиҷаи муқоиса ва муқобала муайян намудани арзиши илмии нусхаҳои хаттии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ;

- назари интиқодӣ ба нашри «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва бо такя ба нусхаҳои хаттӣ тасҳеҳ намудани хатоҳои матншиносии он;

- муайян намудани мухтассот ва вижагиҳои адабиву услубии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ;

- ошкор намудани таъсирпазирии «Номаҳо»-и суханвар аз забони арабӣ ва осори суханварони арабизабон;

- нишон додани касрати истишҳоди ашъори арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ дар «Номаҳо»-и Қозии Ҳамадонӣ ва муайян намудани муаллифи онҳо;

- таъйини аҳаммияти «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар маърифат, тасҳеҳ ва матншиносии ашъори суханварони қарнҳои IX – XII;

- муайян намудани аҳаммияти «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун сарчашмаи адабӣ.

**Объекти таҳқиқ**. Объекти асосии таҳқиқ мероси илмию адабӣ, махсусан «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ мебошад. Афзун ба ин, дар ҷараёни таҳқиқ аз катибаҳо, номаҳои тоисломӣ ва муншаоти қарнҳои IX-XII, ки бевосита ва ё тавассути тарҷума ва сарчашмаҳои адабию таърихӣ то замони мо расидаанд, истифода шудааст.

**Предмети таҳқиқ.** Мавзуи таҳқиқи диссертатсия Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқ**. Асосҳои назариявии таҳқиқи диссертатсия ба дастовардҳои илмии олимони шарқшинос ва адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ, ба монанди Э. Браун, А. Кристенсен, Е. Э. Бертелс, З. Сафо, С. Нафисӣ, А. Зарринкӯб, Ҳ. Хатибӣ, А. Тафаззулӣ, М. Баҳор, Ш. Кадканӣ, Б. Фурӯзонфар, М. Муҳаммадӣ, Исо ал-Окуб, Р. Фарманиш, А. Усайрон, А. Мунзавӣ, Н.М. Ҳиравӣ, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, Х. Шарифов, И. Умарзода, А. Сатторзода, А. Насриддинов, Н. Салимӣ, Н. Зоҳидӣ, А. Кучарзода, Б. Мақсудов, М. Нарзиқул, З. Ҳасанова ва дигарон бунёд ёфтааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ**. Ҳини таълифи диссертатсия аз усулҳои маъмули адабиётшиносӣ, монанди методи муқоисавӣ-таърихӣ, шарҳу тафсир, таҳлили матнӣ, оморӣ, нусхашиносӣ, матншиносӣ ва ғ. истифода шудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ**. Сарчашмаҳои асосии диссертатсия нусхаҳои хаттӣ ва нашри «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ мебошанд. Афзун ба он

ҷиҳати муайян намудани мухтассот, расму одоб ва шеваи нигориши тарассулот ва номаҳо то замони Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз нусхаҳои асл ва тарҷумашудаи катибаҳо, «Ойини нома набиштан», «Аҳди Ардашер», «Номаи Тансар», номаҳои мундариҷ дар «Таърихи Байҳақӣ», «Таърихи Балъамӣ» ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Асрор-ут-тавҳид»-и Муҳаммади Мунаввар, «Фазоил-ул-аном мин расоили Ҳуҷҷатилислом»-и Муҳаммади Ғаззолӣ, «Атабат-ул-катаба»-и Мунтаҷибуддини Бадеъ, «Номаҳо»-и Рашидуддини Ватвот, «Ат-тавассул ила-т-тарассул»-и Баҳоуддин Муҳаммад Муайяди Бағдодӣ, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзӣ, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Дастури дабирӣ»-и Муинуддин Муҳаммад ибни Абдулхолиқи Майҳанӣ, «Номаҳои форсӣ» ва «Айния»-и Аҳмади Ғаззолӣ истифода намудем. Ҳамчунин бамаврид аз тазкираҳо ва маъхазҳои муҳимми арабӣ ва форсӣ, аз қабили «Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср»-и Имодуддини Исфаҳонӣ, «Ал-вузаро ва-л-куттоб»-и Ҷаҳшиёрӣ, «Ал-феҳрист»-и Ибни Надим, «Муруҷ-уз-заҳаб ва маодин-ул- ҷавҳар» ва «Ат-Танбеҳ ва-л-ишроф»-и Масъудӣ, «Табақот-уш-шофеият-ил-кубро»-и Тоҷуддини Субкӣ, «Ал-ахбор-ут-тивол»-и Динаварӣ, «Ал-ансоб»-и Самъонӣ, «Футуҳ-ул-булдон»-и Балозурӣ, «Уюн-ул-ахбор»-и Ибни Қутайба, «Вафаёт-ул-аъён»-и Ибни Халликон, «Муъҷам-ул-удабо» ва «Муъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ, фарҳангномаҳои тафсирию ирфонӣ ва ҷиҳати муайян кардани муаллифи ашъори истишҳодшуда аз девони ашъори суханварони қарнҳои IX-XII мадад ҷустем, ки дар феҳристи адабиёти рисола зикр шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ**. Навгониҳои илмии диссертатсия дар нукоти зерин зоҳир шудаанд:

- бори аввал дар таърихи адабиёти тоҷик рӯзгор ва осори илмию адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ бо такя ба осори худи суханвар ва сарчашмаҳои боэътимод мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, ихтилофи андешаҳое, ки дар мавриди ном, кунияту лақаб, замони таваллуду шаҳодат, осори мафқуду мавҷуд ва мансуби ӯ байни муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ҷой доштанд, ҳаллу фасл гардидааст;

- дар рисола бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик заминаҳо ва омилҳои ташаккул ва таҳаввули номанигории форсӣ-тоҷикӣ қабл аз ислом ва ривоҷи минбаъдаи он дар қарнҳои нахустини исломӣ то замони Айнулқузоти Ҳамадонӣ мавриди таҳқиқи алоҳидаи монографӣ қарор гирифтааст;

- расму оини дабирӣ ва мақоми табақоти дабирон дар замони Сосониён бо такя ба сарчашмаҳои куҳани қарнҳои аввали исломӣ омӯхта шуда, анвою ақсом, аркон, хутути хос, шеваи нигориш ва мухтассоти мактуботи аҳди Сосонӣ муайян карда шудааст;

- нахустин бор дар таърихи адабиёти тоҷик «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба таври алоҳида ва муфассал мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, забон ва шеваи хоси нигориши онҳо дар қиёс бо номаҳои қуруни қаблӣ ва аҳди Салҷуқиён таъкид гардидааст;

- дар баробари вижагиҳои адабию услубӣ ҷойгоҳи «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар насри форсу тоҷики асри XII муайян карда шуда, саҳми ӯ дар рушди адабиёти ирфонӣ ва таҳаввули номанигорӣ таъкид гардидааст;

- бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик аҳаммияти «Номаҳо»-и Қозии Ҳамадонӣ ҳамчун сарчашмаи беназир ва мунҳасир ба фард дар шинохти ашъори форсии худи суханвар, ҳамчунин чанд тан адибону орифон, авромa ва фаҳлавиёт муайян ва баён шудааст;

- бори аввал дар таърихи адабиёт ва матншиносии тоҷик нусхаҳои хаттии «Номаҳо»-и Қозии Ҳамадонӣ баррасӣ гардида, аҳаммияти онҳо дар тасҳеҳ ва нашри нусхаҳои илмию интиқодии осори суханварони асрҳои IX-XII таъкид гардидааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

1. Айнулқузоти Ҳамадонӣ яке аз акобири сӯфия ва суханварони беназири охири асри XI ва ибтидои қарни XII мебошад. Агарчи дар хусуси ном, кунияту лақаб, замони таваллуд ва шаҳодаташ байни муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ва ахбори сарчашмаҳо ақоиди мухталиф ҷой доранд, номи аслиаш Абдуллоҳ, кунияташ Абулмаолӣ, номи падараш Абубакри Муҳаммад, лақабаш

Айнулқузот, нисбааш Миёнаҷӣ ва зодгоҳаш Ҳамадон мебошад. Соли 490 ҳ./1096м. ба дунё омада, соли 525 ҳ./1131м. ба шаҳодат расидааст.

2. Дар хусуси осори илмӣ ва адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ байни муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ва ахбори сарчашмаҳо андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Осори аслии суханварро метавон ба ду қисмат ҷудо кард: осори мафқуд ва осори мавҷуд. Аз миёни осори боқимонда бештар «Тамҳидот», «Номаҳо», «Зубдат-ул-ҳақоиқ фӣ кашф-ид-дақоиқ» ва «Шаква-л-ғариби ъан-ил-автони ило ъуламо-ил-булдони» шуҳрат доранд, ки ду китоби аввал ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва ду асари сонӣ ба забони арабӣ таълиф шудаанд.

3. Маъруфтарин осори мансуб ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ рисолаҳои «Лавоеҳ», «Яздоншинохт», «Шарҳи калимоти қисори Боботоҳир» мебошанд, ки аксари муҳаққиқон ба иштибоҳ онро аз ҷумлаи осори аслии суханвар донистаанд. Муаллифи аслии «Лавоеҳ» Ҳамидуддин Муҳаммад ибни Атоуллоҳи Ногаврӣ – яке аз сӯфиёни қарни сездаҳуми мелодӣ мебошад.

4. «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз лиҳози сабк, одобу шеваи нигориш ва мавзуот аз мактубот ва тарассулоти аҳди худ фарқ мекунанд. Аксари номаҳои ин суханвар дар баён ва шарҳу тафсири мавзуоти алоҳида навишта шудаанд. «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ бинобар он, ки ба унвони ёрону бародарон ва муридон навишта шудаанд ва ё дар посух ба пурсишҳои онон иншо гардидаанд, ба худ номи «мактуб» ё «нома»-ро гирифтаанд, аммо дар асл онҳо рисолаеро мемонанд, ки муаллиф тайи онҳо нуктаҳои муҳимми ирфониро бо истифода аз ашъори зиёди арабӣ ва форсӣ баён намудааст.

5. Нома ва номанигории форсӣ-тоҷикӣ таърихи хеле қадим дошта, зоҳиран, оғози он баробар бо таърихи пайдоиши хат ва муқаддам бар ҳама осори катбӣ, ҳатто қабл аз сангнабиштаҳо ва соири катибаҳо мебошад. Куҳантарин намунаи номаҳои форсӣ-тоҷикии то мо расида катибаҳо, сангнабиштаҳо ва сафолнавиштаҳои аҳди Ҳахоманишӣ мебошанд, ки аз ҷиҳати сохт ва одоби нигориш то андозае ба нома ва номанигории қадим шабоҳат доранд. Дар замони Ҳахоманишиён катибаҳо ва сангнавиштаҳоро бо

хатти мехӣ, вале мактуботи ихвонӣ ва девониро ба хатти оромӣ менавиштанд. Баъд аз давраи Ҳахоманишиён забони оромӣ оҳиста-оҳиста мақоми худро аз даст дод ва минбаъд ба ҷои он забонҳои дигари эронӣ, монанди паҳлавӣ, портӣ, суғдӣ ва хоразмӣ ба ҳайси забони мукотибот ва муросилот пазируфта шуданд, аммо суннати ороминависӣ то дер байни дабирони эронӣ боқӣ монд. Нахуст, мактуботи давраи Ашкониён низ ба забони оромӣ буд, тахмин баъд аз нимаи қарни дуюми пеш аз мелод забон ва хатти портӣ ҷойи онро гирифт, қисме аз номаҳои ин давр ба забони юнонӣ низ навишта шудаанд. Дар ибтидо номаҳо бисёр сода ва кӯтоҳ буда, баробари рушд кардани хат ва ҳунари нависандагӣ рӯ ба инкишоф овардаанд.

6. Дар замони Сосониён дабирон аз ҷумлаи табақаи мумтоз ва аз аркони давлат маҳсуб мешуданд. Дабирони девонро расму одоб ва шароити махсусе буд, ки минбаъд пас аз пирӯзии ислом аъроб низ ба он тақлид намуданд. Дар давраи мазкур анвои гуногуни номаҳо мавҷуд буданд, ки ҳар як одоби нигориши худро дошт. Намунаи номаҳои аҳди мазкурро ба таври пароканда ва ихтисор метавон дар манобеи қарнҳои нахустини исломӣ ба даст овард.

7. Дар қарнҳои аввали исломӣ арабҳо бо вуҷуди пирӯзӣ аз болои эрониён дар бисёре аз созмонҳои идории худ равиши давлатдории эрониёнро пайравӣ намуданд ва ҷиҳати пеш бурдани умури идорӣ, аз ҷумла дабирӣ ва нависандагӣ ба эрониён рӯй оварданд. Дар замони Тоҳириён ва Саффориён забони расмии девон ва номанигорӣ арабӣ буд. Дар давраи Сомониён чароғи ниммурдаи забони форсӣ-тоҷикӣ дигарбора неру гирифт ва аз ҷониби дабирону нависандагон баробар бо забони арабӣ дар дарбор ба кор мерафт. Дар замони ҳукумати Оли Бӯя ва Оли Зиёр низ забони номаҳои дарборӣ арабӣ буд, вале аксари дабирони номӣ ва адибони маъруфи ин аҳд эронитабор буданд, ки дар рушди адабиёт, номанигорӣ ва нависандагӣ саҳми беназир гузоштанд.

8. Дар аҳди Ғазнавиён номаҳо ба ду забон арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ навишта мешуданд. Дар аҳди Султон Масъуди Ғазнавӣ ҷуз макотибе, ки ба дарбори Хилофат навишта мешуданд, боқии номаҳои девонӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ

буданд, қисме аз номаҳои дарборӣ ба ду забон навишта мешуданд ва султон ҳардуро тавқеъ мекард. Давраи ҳукуматҳои Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён муҳимтарин давраи муншаотнависӣ ва ривоҷи фанни номанигорӣ дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба шумор мераванд.

9. Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар «Номаҳо»-и худ аз ашъору аҳволи суханварон ва орифони зиёди форсу тоҷик ва арабизабон истишҳод намудааст, ки ашъор ва аҳволи устод Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Анварӣ, Воизи Сарахсӣ, Саноии Ғазнавӣ, Боботоҳир, Носири Хусрав, Харақонӣ, Саҳл ибни Абдуллоҳи Тустарӣ, Ибни Муътаз, Ибни Аббос, Абунувос, Буҳтурӣ, Шайх Барака, Шайх Муҳаммади Ҳаммуя, Шайх Фатҳа, Муҳаммади Маъшуқ, Абулаббоси Қассоб, Абуалои Мааррӣ, Амир Муизӣ, Абусаиди Абулхайр, Абуҳомиди Ғаззолӣ, Шайх Аҳмади Ғаззолӣ, Авҳадуддини Кирмонӣ, Унсурии Балхӣ, Ҳусайн ибни Мансури Ҳаллоҷ, Маҷнуни Омирӣ, Умар ибни Аберабиа, Мутанаббӣ, Ҷоҳиз, Фараздақ, Абутаммом, Абуфирос, Асмаӣ, Соҳиб аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

10. «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ яке аз сарчашмаҳои мунҳасир ба фард мебошад, ки дар баробари фарогири ашъори форсӣ ва арабии муаллиф будан оид ба рӯзгор ва аҳволи урафо ва машоихи бузурги замон – Шайх Баракаи Ҳамадонӣ, Шайх Фатҳа, Муҳаммад ибни Ҳаммуя ва Шайх Абулҳасани Бустӣ маълумоти пурарзиш медиҳад. Афзун ба ин, Қозии Ҳамадонӣ дар «Номаҳо»-и худ истишҳоди зиёд аз фаҳлавиёт ва аврома мекунад, ки ба лаҳҷаи маҳаллӣ суруда шудаанд.

11. Айнулқузоти Ҳамадонӣ бузургтарин мудофеи Иблис дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва адабиёти ирфонӣ ба шумор меравад.

12. Забони «Номаҳо»-и Айнулқузот ба зоҳир оҳанги тунду сахт доранд, аммо дар асл бисёр равону ширин, дилкаш ва дорои мусиқии хос мебошанд, ки гоҳе назму шеърро мемонанд. Дар насри мактубҳояш, ки аксар ҳамчун рисола перомуни мавзуоти алоҳида баҳс мекунанд ва ё дар ҷавоб ба саволҳои муридон навишта шудаанд, тасаннуот ва такаллуфоти муншиёнаи қарни дувоздаҳуми мелодӣ ба назар намерасад.

13. Суханвари ориф дар нигориши номаҳо аз калимаву иборoти арабӣ, оёти Қуръону аҳодиси набавӣ, ашъори форсиву арабӣ, таронаҳои халқӣ, зарбулмасалу мақолҳои форсиву арабӣ, ақволи бузургони дину ирфон чунон моҳирона истифода намудааст, ки хонандаи огоҳ аз тасаввуфу ирфон дар фаҳми онҳо мушкилие эҳсос намекунад ва ин омехтагиҳо аз фасоҳат ва балоғати номаҳо чизе накостааст. Гоҳе номаҳои суханвар чунон пуррозу рамз ва дорои маонии ирфониву фалсафӣ аст, ки на танҳо хонандагони одӣ ва бехабар аз тасаввуфу ирфон, балки аксари муридону мухлисони ҳамзамонаш низ ба таври боиста матлаби ӯро дарк намекарданд.

14. «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ намунаи беҳтарини насри ирфонии аҳди Салҷуқиён буда, дар таърихи адабиёти форсу тоҷик мақом ва ҷойгоҳи хоси худро дорад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ.** Натиҷаҳои илмии пажуҳиш имкон дорад, ки ба омӯзиши минбаъдаи таърих ва назарияи номанигорӣ, вижагиҳои адабиву услубӣ, нусхашиносӣ ва матншиносии тарассулот ва муншаоти суханварони дигари асри XII ва қарнҳои баъдӣ, таҳқиқи паҳлуҳои номакшуфи мероси илмӣ ва адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ мусоидат кунанд. Ҳамчунин хулоса ва тавсияҳои муаллифи рисола метавонад маводи зарурии назариро доир ба меъёрҳои шинохт ва баҳодиҳӣ ба ҷараёни тарассулот ва муншаотнависии форсӣ-тоҷикӣ фароҳам оварад.

Натиҷаҳои амалии рисоларо метавон ҳангоми таълифи китобҳои таърихи адабиёти тоисломии форсӣ-тоҷикӣ, қарнҳои нахустини исломӣ ва асрҳои IX-XII, таърих ва назарияи фанни номанигорӣ, таҳияи китобҳои дарсии академӣ ва донишгоҳии таърихи адабиёти тоҷик, адабиёти тасаввуф, забоншиносӣ, сарчашмашиносӣ, матншиносӣ, сабкшиносӣ, фарҳангшиносӣ, таълифи рисолаҳои илмии доктории дараҷаи PhD, магистрӣ, рисолаҳои хатми дараҷаи бакалавр, корҳои курсӣ истифода намуд. Ҳамчунин натиҷа ва хулосаҳои рисола метавонанд зимни хондани лексияҳо, дарсҳои амалӣ аз фанни таърихи адабиёти тоҷик, таърихи забони адабии тоҷикӣ, матншиносӣ, нусхашиносӣ,

сарчашмашиносӣ, сабкшиносӣ ва курсҳои махсус дар факултетҳои филологияи тоҷик ва забонҳои шарқ мавриди истифода қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқотро мувофиқати ҳаҷми диссертатсия, коркарди натиҷаҳои тадқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ ва хулосабарориҳо дар асоси манбаъҳои тадқиқшуда собит мекунанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои илмии диссертатсия ба муҳаққиқони баъдӣ пешниҳод гардида, паҳлуҳои тозаи ин равияи омӯзишро барояшон кушода медиҳанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссертатсия дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи мавзуъ.** Ҷамъоварии маводи фаровони сарчашмаҳои қадимаи арабӣ ва форсӣ, тарҷума ва баргардони онҳо ба забони тоҷикӣ ва хатти кириллӣ, омӯзиши назарияҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия ва муқоисаи онҳо, муайян ва баррасӣ намудани марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввул, расм ва одоби номанигорӣ аз давраи пайдоиш то асри XII, бо такя ба осори аслии Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва сарчашмаҳои қадиму боэътимод аниқ кардани ном, куният у лақаб, замони таваллуд ва шаҳодат, мероси илмӣ ва адабии мафқуду мавҷуд ва осори мансуб ба ин суханвари ориф, муаррифӣ ва муайян намудани арзиши нусхаҳои хаттии «Номаҳо»-и Қозии Ҳамадонӣ, ошкор кардани вижагиҳои адабиву услубӣ, мухтассот ва таъсирпазирии «Номаҳо»-и Айнулқузот аз забони арабӣ ва оёту аҳодис, истишҳоди ашъори зиёди форсӣ ва арабии суханварони қарнҳои VII-XII дар «Номаҳо» ва бо такя ба девони ашъори суханварони қарнҳои мазкур муайян намудани муаллифи аслии чанде аз онҳо, муайян сохтани арзиши «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар матншиносӣ, тасҳеҳ ва таҳияи ашъори форсии шуарои асрҳои

IX-XII, муайян намудани арзиши «Номаҳо»-и Айнулқузот ҳамчун сарчашмаи адабӣ ва мунҳасир ба фард дар шинохти аҳвол ва осори чанд тан аз суханварон ва урафои маъруф, муайян кардани истишҳоди ашъори форсӣ ва арабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар «Номаҳо» саҳми шахсӣ ва бевоситаи муаллифро оид ба мавзуи интихобнамуда инъикос менамояд. Таҳқиқи мазкур заҳмати наздик бистсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Мазмун ва муҳтавои пажуҳиши мазкур дар ҳамоишҳои сатҳҳои гуногуни илмӣ – дар конференсияҳои байналхалқӣ, аз қабили «Румӣ-Гӯте: Муколамаи фарҳангҳо» (Хуҷанд 16-18-уми майи соли 2007), «Ҷойгоҳи Рӯдакӣ ва забони тоҷикӣ дар муколамаи фарҳангҳо» (Хуҷанд, 28- 29-уми майи соли 2008), «Муколамаи фарҳангҳо: Ҷойгоҳи Имоми Аъзам дар фарҳанги ислом ва ҷаҳон» (Хуҷанд, 28-29-уми майи соли 2009,), «Мақоми Абумаҳмуди Хуҷандӣ дар рушди илмҳои дақиқ» (Хуҷанд, 2010), «Бузургдошти Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ дар ҳазораи дувуми «Шоҳнома» (Донишгоҳи Систон ва Балуҷистони ҶИЭ, 3-5 даймоҳи 1390 /24-26-уми десомбри соли 2011), «Ҷойгоҳи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар муколамаи фарҳангҳо» (Хуҷанд, 3-4-уми ноябри соли 2014), «Камоли Хуҷандӣ: Ташаккули адабиётшиносӣ ва равобити адабӣ» (Хуҷанд, 28-29-уми октябри соли 2016), «Саноии Ғазнавӣ ва таҳаввули адабиёти тасаввуфӣ» (Душанбе, 27-уми ноябри соли 2020), «Филологияи шарқ дар масири фарҳангҳо ва тамаддунҳо» (Душанбе, 22-юми декабри соли 2020), «Алишер Навоий адабий ва илмий меросини урганиш масалалари №67» (Тошкент, 8-уми феврали 2022), «Шеъри имрӯз: суннат ва навоварӣ» (Хуҷанд, 20-уми майи соли 2022), «Ҷуғрофиёи таърихӣ ва фарҳангии «Шоҳнома»« (Душанбе, 11-12-уми октябри соли 2022), «Рушди забони адабии тоҷикӣ дар асрҳои X-XV» (Душанбе, 16-уми январи соли 2023), «Алишер Навоий адабий ва илмий меросини урганиш масалалари №68» (Тошкент, 8-уми феврали соли 2023), «Саҳми Пешвои миллат дар тақвияти мақоми забони тоҷикӣ дар арсаи байналмилалӣ» (Хуҷанд, соли 2023), «Аз таърихи пайвандҳои илмӣ ва адабии

халқҳои тоҷику ӯзбек: гузашта, ҳозира ва оянда» (Душанбе, 27-28-уми апрели соли 2023), «Масъалаҳои мубрами суханшиносӣ дар ҳавзаҳои илмӣ ва адабии Осиёи Марказӣ» (Хуҷанд, 17-18-уми ноябри соли 2023), конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла «Заминаҳои ривоҷу ташаккули филологияи араб дар ҷаҳони муосир» (Душанбе, 16-уми ноябри соли 2021), «Пешвои миллат ва рушди илм дар Тоҷикистон» (Хуҷанд, 25-уми апрели соли 2023), «Саъдӣ ва инкишофи ғазал» (Хуҷанд, 28-29-уми апрели соли 2023), конференсияҳои минтақавӣ (вилоятӣ), аз қабили конфронси илмии олимон ва муҳаққиқони ҷавони вилоят (Хуҷанд, 16- 20-уми майи соли 2006), конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Инсон. Ҷамъият. Табиат. Илм» (Панҷакент, 30 -юми апрели соли 2019), конференсияи илмӣ-амалӣ ба ифтихори 1161-солагии асосгузори адабиёти форсу тоҷик устод Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ (Панҷакент, 22-юми сентябри 2019), «Ҷойгоҳи Мирзо Турсунзода ва Лоиқ Шералӣ дар адабиёти навини тоҷик» (Хуҷанд, 14-15-уми майи соли 2021), беш аз даҳ конфронси илмии донишгоҳӣ, маҳфилҳои илмию адабии вилоятии «Ганҷи сухан», конференсияҳои анъанавии илмию назариявии ҳайъати профессорону омӯзгорони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷандба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (солҳои 2004-2023), семинарҳои илмӣ-назариявии кафедраҳои адабиёти классикии тоҷик (солҳои 2004-2023) ва кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ (солҳои 2018-2023) дар шакли гузоришҳои илмӣ баён карда шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи адабиёти классикии тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар таърихи 24- уми ноябри соли 2023 (протоколи № 4) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудаааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Мазмуни асосии диссертатсия дар 1 монография ва 65 мақолаи илмӣ баён гардидааст, ки аз ҷумлаи онҳо 24 мақола дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, 3 мақола дар хориҷа (Эрон- 2011, Ӯзбекистон - 2022, 2023) нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, 4 боб, 17 фасл, 14 зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 382 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

# БОБИ I. АЙНУЛҚУЗОТИ ҲАМАДОНӢ ВА МЕРОСИ ИЛМИЮ АДАБИИ Ӯ

## I.1. Зиндагиномаи Айнулқузоти Ҳамадонӣ

Абулмаолӣ Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳасан ибни Алии Миёнаҷӣ, маъруф ба «Айнулқузоти Ҳамадонӣ» (490-525ҳ./1096-1131м.) яке аз суханварони орифи охири асри XI ва ибтидои қарни XII мебошад. «Нафсат-ул-масдур»-и Нӯшервон ибни Холиди Кошонӣ (459-532ҳ./1066-1137м.) яке аз қадимтарин сарчашмаҳои форсӣ-тоҷикӣ аст, ки аз Айнулқузоти Ҳамадонӣ ёд намудааст. Асли ин китоб, ки дар хусуси таърихи Салҷуқиён ва вазирони ин давр баҳс мекунад, аз байн рафтааст, вале тарҷумаи арабии он, ки ба қалами Имоди Котиби Исфаҳонӣ (519-597ҳ./1125- 1200м.) тааллуқ дошта, унвони «Нусрат-ул-фатра ва усрат-ул-фитра»- ро бар худ гирифта буд, аз ҷониби Фатҳ ибни Алии Бундории Исфаҳонӣ (586-643ҳ./1190- 1245м.) хулоса гардида, бо номи «Зубдат-ун-нусра ва нухбат-ул-усра» ва «Китоб таърих давла Ол Салҷуқ» чоп шудааст [95]. Минбаъд мухтасари Бундори Исфаҳониро Муҳаммад Ҳусайни Ҷалилӣ аз забони арабӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума намуда, таҳти унвони «Таърихи силсилаи Салҷуқӣ» ба нашр расонидааст [96], ки, хушбахтона, ҳам нашри Бундории Исфаҳонӣ ва ҳам тарҷумаи Ҷалилӣ зери дасти мо қарор доранд. Муаллифи асари мавриди баҳс Нӯшервон ибни Холид ибни Муҳаммади Кошонӣ вазири маъруфи Султон Маҳмуд ва Султон Масъуди Салҷуқӣ ва халифаи Аббосӣ ал-Мустаршид Биллоҳ ва ҳамзамони Айнулқузоти Ҳамадонӣ буд. Фатҳ ибни Алии Бундори Исфаҳонӣ дар фасли «Баёни вазорати Шарафуддин Абунаср Анӯшервон ибни Холид» ҷое дар хусуси бори дигар ба мансаби вазорат баргаштани Даргузинӣ ва даст ба хунрезии бегуноҳон задани ӯ ёд намуда мегӯяд: «Даргузинӣ, бемуҳобо, ба гуноҳон ва рехтани хуни некон даст бигшуда буд, гоҳе тазоҳур ба суннигарӣ мекард, барои рехтани хуни як сайиди алавӣ. Айёме доияи ташайюъ нишон медод, барои куштани пешвоёни суннимазҳаб. Аз ҷумла, касонеро, ки маъдум кард ва хунашонро бирехт, Алоуддавла – раиси Ҳамадон буд... Ҳамчунин

Айнулқузот Миёнаҷии Ҳамадонӣ, ки аз бузургворони пешво ва авлиёи соҳибкаромат буд, тавассути Даргузинӣ кушта шуд. Айнулқузот ҷонишини Абуҳомид Ғаззолӣ, ки Худояш биёмурзад, аз назари таълифоти динӣ ва таснифот буд. Нодонони рӯзгор, ки худро дар либоси донишмандон ва аҳли илм менамуданд, бар вай рашк бурданд. Вазир низ ононро дар озори Айнулқузот таҳрик кард. Кор ба он ҷо расид, ки Даргузинӣ дар Ҳамадон ӯро бар дор кард ва аз Худо ва имон натарсид» [96, с. 178].

Имоди Котиби Исфаҳонӣ низ дар бахши «Зикри фузалои аҳли Форс» (фасли «Фузалои Ҳамадон»)-и китоби «Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср» нахуст аз Айнулқузоти Ҳамадонӣ ёд намуда, ӯро «Миёнаҷӣ-ул-асл» ва «Ҳамадонӣ-ул-аҳл» мегӯяд: « أبوالمعالی عبدالله بن أبی بکر محمد بن علی بن الحسن بن علی المیانجی الأَصل؛ الهمذانی الأهل» [100, с.137]. Шоистаи таъкид аст, ки Имоди Котиб ва амуяш (бародари падараш) Азизуддин аз ҷумлаи муридони Айнулқуззот буданд ва нисбат ба муаллифони дигар ӯро беҳтар мешинохтанд. Сафадӣ ӯро «Айнулқузоти Миёнаҷӣ» хонда ва номи пурраашро Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳасан Абулмаолӣ Айнулқузот ал-Миёнаҷӣ медонад. Аз миёни муаллифони сарчашмаҳо танҳо Субкӣ ӯро аз аҳли Хуросон гуфтааст [150, с.128].

Дар хусуси номи пурраи Айнулқузот байни ахбори сарчашмаҳо ва ақоиди донишмандони ватаниву хориҷӣ ихтилофе ба назар мерасад. Забеҳуллоҳ Сафо номи ӯро «Айнулқузот Абулмаолӣ Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Алии Миёнаҷии Ҳамадонӣ» [390, с. 936] гуфта ва Алинақии Мунзавӣ дар такя ба «Харидат-ул-қаср»-и Имоди Котиби Исфаҳонӣ, «Ансоб»-и Абдулкарими Самъонӣ, «Табақот-уш-шофеия»-и Абдулваҳҳоби Субкӣ ва «Муъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ, ки аз куҳантарин сарчашмаҳо оид ба шинохти Айнулқузот мебошанд, исми комили ӯро Айнулқузот Абулмаолӣ Абдуллоҳ ибни Абубакри Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳасан ибни Алии Миёнаҷии Ҳамадонӣ медонад [171, ч. 3, с. 21]. Бино ба ахбори аксари манобеъ, номи аслиаш Абдуллоҳ, кунияташ Абулмаолӣ, номи падараш Абубакри Муҳаммад мебошад. Аммо муаллифи тазкираи «Райҳонат-ул-адаб» ба иштибоҳ номи ӯро

«Муҳаммад» ва номи падарашро «Абдуллоҳ» гуфтааст, чунонки гӯяд: «Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳасан Миёнаҷии Ҳамадонӣ, маъруф ба «Айнулқузот», муканно ба «Абулфазоил» ё «Абулмаолӣ» мувофиқи он чӣ аз «Риёз-ул-уламо» ва «Нафаҳот-ул-унс» ва «Табақот-уш-шофеият-ил-кубро» ва ғайри онҳо нақл шуда, аз машоҳири урафои авоили қарни шашуми ҳиҷрат мебошад...» [152, с. 224]. Мударриси Табрезӣ дар поёни зикри ин суханвар аз мавҷуд будани ихтилоф дар номи Айнулқузот ёд намуда, қавли мазкури худро, ки саҳеҳ нест, нисбатан машҳур мешуморад ва мегӯяд: «Махфӣ намонад, ки номи соҳиби тарҷума бино бар машҳур Муҳаммад ибни Абдуллоҳ аст, чунончи мазкур доштем, лекин дар «Қомус-ул-аълом» ва «Хазинат-ул-асфиё» ва «Тазкираи Ҳусайнӣ» номашро фақат Абдуллоҳ ва ё Абдуллоҳ ибни Муҳаммад навиштаанд ва ин гуна ихтилофот бисёр ва илло яке будани мусаммо маҳалли тардид намебошад» [152, с. 226]. Зоҳиран, муаллифи «Райҳонат-ул-адаб» аз қавли аксари манобеи наздик ба замони Айнулқузот бехабар буда, аз ин нигоҳ дар зикри номи суханвар ва падараш ба иштибоҳ роҳ додааст. Агарчи Мударриси Табрезӣ маълумоти овардаи худро мувофиқ бо ахбори «Риёз-ул-уламо», «Нафаҳот-ул-унс» ва «Табақот-уш-шофеият-ил-кубро» мегӯяд [152, с. 224], зоҳиран, муродаш танҳо аз машоҳири урафо будани Айнулқузот аст, на ному насаб ва кунияту алқоби суханвар, зеро Субкӣ дар «Табақот-уш-шофеият-ил-кубро» ному насаб ва кунияти ӯро чунин овардааст: «عبد الله بن محمد بن علىّ بن الحسن بن علىّ المیانَجیِّ أبوالمعالى بن أبى بكر. من أهل خُراسان، يُعرَف بعين القضاة» [150, с.128].

Муаллифи «Риёз-ул-орифин» низ ба иштибоҳ номи суханвар ва падарашро иваз намуда мегӯяд: «Фозиле аст гаронмоя ва комиле аст баландпоя, Абулфазоил Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Миёнаҷӣ ном ва лақаби ӯст...» [178, с. 167]. Бешак, сабаби иштибоҳи муаллифони «Риёз-ул-орифин» ва «Райҳонат-ул-адаб» ивази номи аслии Айнулқузоти Ҳамадонӣ бо номи падараш аст.

Чунонки ишора шуд, кунияи Айнулқузот «Абулмаолӣ» аст, ки аксари манобеи қадим, аз ҷумла соҳиби «Харидат-ул-қаср» [100, с.137] ва «Табақот-

уш-шофеийят-ил-кубро» [150, с.128] ӯро «Абулмаолӣ» хондаанд, аммо баъзе аз тазкиранигорон ва сарчашмаҳои адабӣ кунияи ӯро «Абулфазоил» гуфтаанд, ки яке аз онҳо Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ аст. Мавлоно Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» мегӯяд: «Кунияти ва номи вай Абулфазоил Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ал-Миёначӣ аст ва Айнулқузот лақаби вай аст...» [185, с. 414; 51, с. 513]. Чунонки зикр гардид, Ризоқулихони Ҳидоят кунияи ӯро «Абулфазоил» [178, с. 167] ва Мударриси Табрезӣ «Абулфазоил ё Абулмаолӣ» [152, с. 224] навиштаанд. Файласуфи тоҷик И. Умаров дар нашри русии китоби худ иштибоҳан кунияи Айнулқузотро «Абдулмаолӣ» ва «Абдулфазоил» забт карда [295, с. 9], аммо дар нашри тоҷикии он шакли саҳеҳи кунияи Айнулқузотро, ки аксар «Абулмаолӣ» ва баъзе «Абулфазоил» зикр кардаанд, овардааст [294, с. 26].

Лақабаш «Айнулқузот» аст. А. Усайрон бар он бовар аст, ки, зоҳиран, Қозии Ҳамадон лақаби худро қабл аз 28-солагӣ соҳиб шуда, зеро Шайх Аҳмади Ғаззолӣ, ки яке аз устодони ӯст, дар номаҳои худ ӯро бо ин лақаб мехондааст [172, с. 46]. Афзун ба ин, суханвари ориф дар «Номаҳо» ва «Тамҳидот» аз худ ба номи «Қозӣ» ва «Айнулқузот» ёд карда, дар ҳеч як осор номи аслии худро зикр накардааст.

Нисбат ё нисбаи «Миёначӣ» ба яке аз шаҳрҳои Озарбойҷон ишора мекунад, ки миёнаи Мароға ва Табрез воқеъ буд. Абулҳасан Алӣ ибни Ҳасан – бобои Айнулқузот, ки қозии Ҳамадон буд ва аз дасти ҳасудону душманон кушта шуд, дар ҳамон шаҳр мутаваллид шудааст. Писари ӯ, яъне падари Айнулқузот Абубакри Муҳаммад низ қозӣ будааст. Ёқути Ҳамавӣ дар китоби «Муъҷам-ул-булдон» зайли вожаи «Миёна» дар ин хусус мегӯяд: «مِيَانَه: بكسر أوله و قد يفتح، و بعد الألف نون، والنسبة إليه ميانجى كالذى قبله: و هو بلد بأذربيجان معناه باالفارسية الوسط و إنما سمى بذلک لأنه متوسط بين مراغة و تبريز، و أنا رأيتها و هو منها مثل زاوية إحدى المثلّثات؛ و قد نسب إليها القاضى أبو الحسن على بن الحسن الميانجى قاضى همذان استشهد بها، رحمه الله، و ولده أبوبكر محمد وولده عين القضاة عبدالله بن محمد كان له فضلٌ و فقهٌ و كان بليغاً شاعراً متكلماً تمالأ عليه أعداء له فقتل صبراً، كما ذكرنا فى كتابنا أخبار الأدباء» [58, с. 240]. Аксари муҳаққиқон ва

таҳиягарони нашрҳои Тоҷикистонӣ вожаи «Миёначӣ»-ро «Миёнҷӣ» хондаанд [294, с. 25; 51, с. 513; 317, с.170].

Зодгоҳи Айнулқузот Ҳамадон аст ва дар ин хусус худ дар «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Шаква-л-ғариб» ёд кардааст, аксари манобеъ ва муҳаққиқон низ ӯро аз аҳли Ҳамадон гуфтаанд. Номи маҳаллае, ки хонаи падариаш он ҷо буд ва айёми хуши кӯдакӣ ва наврасиаш дар он макон гузаштааст, «Мовашон» аст. Дар китоби «Шаква-л-ғариб», ки дар зиндони Бағдод навиштааст, аз ин макон ба ҳасрат чунин ёд кардааст: «و کأنی بالرکب العراقی یُوافون همذان و یَحطُّون رحالَهم فی محانی ماوَشان و قد اخضّرت منها التلاعُ والوهاد، وألبسها الربیعُ حِبرَةٌ یحسدُها علیها البلاد؛ و هی تَفُوح کالمسک أزهارُها و یَجری بالماء الزلالِ أنهارُها» (Гӯйӣ ман бо он қофилаи Ироқӣ ҳастам, ки раҳсипори Ҳамадонанд ва бору бунаи худро дар маҳалли Мовашон фуруд меоваранд, дар ҳоле ки фарозу нишеби заминҳои сарсабзи он ва фасли баҳор чунон ҷомае аз бурди ямонӣ бар тани он сарзамин пӯшонидааст, ки билоди дигар ба он ҳасад мебаранд. Шукуфаҳояш мушкосо бӯйи хуш мепароканад ва оби зулол дар ҷӯйҳои он равон аст) [175, к.1, с. 4].

Дар хусуси замони таваллуд ва вафоти Айнулқузоти Ҳамадонӣ байни муҳаққиқон андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Р. Фарманиш дар китоби «Аҳвол ва осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ» [398, с. 9], А. Усайрон дар муқаддимаи «Тамҳидот» [172, с.45], Н.М. Ҳиравӣ дар китоби «Хосияти оинагӣ» [407, с. 5], А. Зарринкӯб дар китоби «Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон» [213, с. 170], Ҳ. Баннопур дар китоби «Айнулқузоти Ҳамадонӣ [336, с. 14], Н. Пурҷаводӣ дар китоби «Айнулқузот ва устодони ӯ» [385, с.11], Қ. Ансорӣ дар муқаддимаи «Дифоиёт ва Гузидаи ҳақоиқ» [162, с. ду], И. Умаров дар китобҳои худ [294, 27-28; 295, с.10], Муҳаммадризо Ризоиён дар рисолаи «Рамз дар рубоиёти Айнулқузоти Ҳамадонӣ» [386, с.11] замони валодати ӯро дар соли 492ҳ./1099м. ва шаҳодаташро дар соли 525ҳ. /1131м. меҳисобанд ва мегӯянд, ки Айнулқузот дар сиюсесолагӣ ба шаҳодат расидааст. Аз ҷумла, Р. Фарманиш дар хусуси замони таваллуди Айнулқузот мегӯяд: «Таърихи таваллуди Айнулқузот дар ҳеч як аз кутуб ва тазкираҳо ба ҷуз «Маҷмаъ-ул-одоб» ва журнали «Озиётик» мазкур намебошад ва чун дар санаи шаҳодат

(шаби чаҳоршанбеи ҳафтуми ҷумодиулухрои санаи 525) бино ба тасреҳи худаш дар синни сиюсесолагӣ будааст... лиҳозо таърихи таваллуди вайро боястӣ мутобиқи навиштаи «Маҷмаъ-ул-одоб» ва журноли «Озиётик» соли 492-юми ҳиҷрӣ-қамарӣ, баробар бо 1098-уми мелодӣ донист» [398, с. 8-9]. Бино ба қавли Р. Фарманиш, дар китоби «Маҷмаъ-ул-одоб» замони таваллуди Айнулқузот ба таври зер зикр шудааст: «و مولده اثنان و تسعون و اربعمائة و قبره مزار بها» [398, с. 9]. А. Усайрон ҳам дар муқаддимаи китоби «Тамҳидот» замони таваллуди Айнулқузотро соли чаҳорсаду наваду дувуми ҳиҷрӣ дар шаҳри Ҳамадон мегӯяд ва сарчашмаи фикри ӯ чопи ҳиндустонии «Маҷмаъ-ул-одоб»-и Ибни Фуватӣ аст, ки дар он замони мавлуди суханвар, зоҳиран, чунин забт шудааст: «مولده اثنان و تسعون و اربعمائة و قبره و مزاره بها» [172, с. 45]. И. Умарзода низ бо такя ба қавли донишмандони мазкур замони таваллуди Айнулқузотро соли 492-юми ҳиҷрӣ ва 1099-уми мелодӣ гуфтааст [294, с. 27-28]. Ба андешаи мо, аксари муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ки зикрашон гузашт, бо такя ба қавли Р. Фарманиш ва А. Усайрон замони таваллуди Айнулқузотро соли 492-юми ҳиҷрӣ гуфтаанд, на бевосита аз рӯйи фармудаи муаллифи «Маҷмаъ-ул-одоб». Ҷиҳати муайян намудани замони таваллуди Айнулқузот бевосита ба яке аз нашрҳои «Маҷмаъ-ул-одоб фӣ муъҷам-ил-алқоб»-и Ибни Фуватӣ рӯй намудем [92, ч. 2, с. 388-389]. Ибни Фуватӣ дар хусуси замони таваллуд ва шаҳодати Айнулқузот мегӯяд: «و مولده سنة تسعين و أربعمائة و كان فقيهاً أديباً يميل إلى الصوفية، صنّف فى فنون العلوم و كان حسن الكلام و كان الناس يعتقدون فيه و يتبركون به و ظهر له القبول التام بين الخاص والعام حتى حسدوه و أطلقوا ألسنتهم فيه و قصده أبوالقاسم الوزير الدركزينى و عقد عليه محضراً و حمله إلى بغداد مقيّداً، و صلب بهمذان فى اليوم السابع من جمادى الآخرة سنة خمس و عشرين و خمسمائة و قبره يزار بها و لما دخلتُ همذان أقمتُ بها» (Ва ӯ дар соли чаҳорсаду навад таваллуд шуд. Фақеҳ ва адиб буд ва ба тасаввуф гироиш дошт. Дар улуми фунун ва балоғати сухан беназир буд ва назди мардуми хосу ом обрӯ ва эътибори баланд ёфт. Ин мақому эътибори баланд боис шуд, ки ба ӯ ҳасад бурданд ва забон ба иттиҳоми ӯ кушоданд ва вазир Даргузинӣ гузорише дар ин хусус таҳия намуд ва дар қайди занҷир ба зиндони Бағдод фиристод. Сипас, дар рӯзи ҳафтуми ҷумодиулохири соли панҷсаду бисту панҷум ба дор овехта шуд) [92, ч.2, с.

389-390]. Аз иқтибоси фавқ маълум мешавад, ки Ибни Фуватӣ замони таваллуди Айнулқузотро ба таври равшан соли чаҳорсаду навади ҳиҷрӣ гуфтааст, на чаҳорсаду наваду ду. Аз муқоисаи матни арабии «Маҷмаъ-ул-одоб» [92, ч.2, с. 389] ва порае аз нашрҳои дигари он, ки дар ҳошияи китоби Р. Фарманиш [398, с. 9] ва А. Усайрон [172, с. 45] омадаанд, метавон тахмин намуд, ки дар нашрҳое, ки муҳаққиқони мазкур истифода намудаанд, ба ҷойи вожаи «санату» (سنة) калимаи «иснона» (اثنان) забт шудааст. Имкон дорад, ки ин ихтилоф ва хатои матншиносӣ, зоҳиран, ҳини китобат аз ҷониби котиб ва ё ҳангоми нашр аз ҷониби таҳиякунандаи матни «Маҷмаъ-ул-одоб» рух намуда ва муҳаққиқони мазкур бо такя ба нашрҳои ғалат замони таваллуди Айнулқузотро соли 492-юми ҳиҷрӣ гуфтаанд ва минбаъд муҳаққиқони баъдӣ он қавлро бидуни рӯй овардан ба сарчашма такрор кардаанд. Аз байни муҳаққиқон А. Мунзавӣ бо такя ба яке аз нашрҳои «Маҷмаъ-ул-одоб» соли таваллуди суханварро 490-уми ҳиҷрӣ ва замони ба шаҳодат расидан сиюпанҷсола буданашро таъкид намудааст [171, ч. 3, с. 25]. Афзун ба ин, донишманди мазкур яке аз номаҳои Айнулқузотро, ки дар ин нашр таҳти шумораи 98-ум омадааст, зоҳиран, охирин асари суханвар медонад ва ба он бовар аст, ки ин номаро Айнулқузот дар 34-солагии худ навиштааст, чунонки гӯяд: «Чун Қозӣ «Зубдат-ул-ҳақоиқ»-ро дар синни бистучаҳорсолагӣ ва «Шакво»-ро дар сиюсесолагӣ, нуҳ сол пас аз «Зубдат-ул-ҳақоиқ» нигоштааст ва ин номаро (мурод номаи таҳти рақами 98-ум-З.Ҳ.) даҳ сол пас аз «Зубдат-ул-ҳақоиқ» менависад, пас ин нома як сол пас аз «Шаква-л-ғариб» ва дар сиючаҳорсолагии ӯ навишта шудааст ва шояд охирин асари Қозӣ бошад, ки ба даст аст» [171, ч. 3, с.25]. Дарвоқеъ, Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаи мазкур мегӯяд, ки «Зубдат-ул-ҳақоиқ»-ро даҳ сол қабл навиштааст: «Ва агар дар «Зубдат-ул-ҳақоиқ» даъвӣ кардаам он аз даҳ сол боз сохтаам ё дар он даовии аризи тавил козиб будаам ва бехабар аз он чӣ гуфтаам ё маро дар он рӯзгор ҳолате будааст, ки акнун монда нест. Пас он дар вақти худ ба изофат бо он рӯзгор дуруст будааст. Ва ин ба изофат бо ҳоли ҳозир аст. «والصوفی ابن وَقتِهِ». Дар ҳар нафасе он гӯяд ва он пӯяд, ки бошад» [171, ч.2, с.357].

Аз иқтибоси мазкур метавон ба ин хулоса расид:

1) Қозӣ ин номаро даҳ сол баъд аз «Зубдат-ул-ҳақоиқ», яъне дар сиючаҳорсолагӣ навиштааст.

2) Андешаҳое, ки даҳ сол қабл дар «Зубдат-ул-ҳақоиқ» гуфта буд, мувофиқ ба ҳолоти он рӯзгор буданд ва дар он рӯзгор дуруст шуморида мешуданд, аммо аз он даовӣ ва ҳолот дигар боқӣ намондааст.

3) Худро чун сӯфӣ ибн-ул-вақт мехонад ва мегӯяд, ки «ҳар нафасе он гӯяд ва он пӯяд, ки бошад».

4) Қозӣ дар ин нома низ ба монанди «Шаква-л-ғариб» ишорае ба туҳмати ноҳақи уламои замон мекунад, ки аз рӯйи ҳасад ва душманӣ калимоти парокандаеро аз як рисолаи ӯ, ки дар ҳудуди бистсолагӣ навишта буд, гирд оварда, ба ӯ хурда гирифта буданд. Дар сурати дуруст будани ин андешаҳо метавон гуфт, ки, ба занни қавӣ, номаи мазкур баъд аз китоби «Шаква-л-ғариб», тахмин дар синни сиючаҳорсолагии адиб навишта шудааст ва яке аз охирин навиштаҳои Айнулқузот ба шумор меравад. Аммо ин нома оё «вопасин асар ё охирин нома»-и Айнулқузот аст, чунонки А. Мунзавӣ мегӯяд, баҳси алоҳида ва таҳқиқи бештарро тақозо дорад.

М.Вазин низ дар мақолаи «Муруре бар осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ», ки нақде ба китоби «Хосияти оинагӣ: нақди ҳол, гузораи оро ва гузидаи осори форсии Айнулқузоти Ҳамадонӣ»-и Н.М. Ҳиравӣ аст, мегӯяд, ки замони таваллуди Айнулқузот соли 490ҳ. мебошад ва замоне, ки зиндонии Бағдод шуд, сиюсесола буда ва ду сол баъд аз он, яъне то соли 525ҳ. зинда буд [345, с.107].

Бино ба ахбори сарчашмаҳо ва муҳаққиқони осораш, ҷадд ё бобои падариаш Булҳасан Алӣ писари Ҳасан писари Алии Миёнаҷӣ баъд аз омӯхтани улуми замона ҷиҳати такмили дониш аз Миёна ҳиҷрат намуда ба Бағдод меояд. Булҳасан Алии Миёнаҷӣ низ қозии Ҳамадон буд. Ҳамчунин соҳиби табъи равон ва завқи латиф буда, дар сурудани ашъори арабӣ маҳорати тамом доштааст. Аз ин рӯ, дар аҳди худ ҳамчун шоир низ маъруф будааст. Аксар ӯро шаҳиди аввали ин хонадон мехонанд, зеро, ба қавле, баъд аз адои намози

бомдод, ҳангоме ки аз масҷид берун мешуд, ба қатл расонида шудааст. Дар хусуси замони шаҳодати ҷадди Айнулқузоти Ҳамадонӣ – Булҳасани Алӣ ихтилофи назар аст, баъзе замони қатлашро моҳи шавволи 441ҳ. (марти 1050м.) ва баъзе 471ҳ. (1079м.) гуфтаанд. Падари Айнулқузот – Бубакри Муҳаммад низ монанди ҷаддаш қозии Ҳамадон ва сӯфимашраб буд. Ба эҳтимоли қавӣ, нахустин устоди Айнулқузоти Ҳамадонӣ падараш буда, дар баробари таҳсилоти муқаддамотӣ улуми адабиёту ирфон ва калому фиқҳро аз ӯ омӯхтааст. Зоҳиран, Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз хурдӣ ҳамроҳи падар дар маҷлиси сӯфия ширкат мекарда ва ҳамроҳи онҳо самоъ мерафтааст. Чунончи, дар «Тамҳидот» гӯяд: «Донам, ки шунида бошӣ ин ҳикоят: Шабе ману падарам ва ҷамоате аз аиммаи шаҳри мо ҳозир будем дар хонаи Муқаддами Сӯфӣ. Пас мо рақс мекардем ва Абусаиди Тирмизӣ байтаке мегуфт. Падарам дарбингарист, пас гуфт: «Хоҷа Имом Аҳмади Ғаззолиро дидам, ки бо мо рақс мекард ва либоси ӯ чунин ва чунон буд ва нишон медод». Шайх Бусаид гуфт: «Намеёрам гуфт, маргам орзу мекунад». Ман гуфтам: «Бимир, эй Бусаид». Дарсоат беҳуш шуд ва бимурд. Муфтии вақт донӣ, худ кӣ бошад, гуфт: «Чун зиндаро мурда мекунӣ, мурдаро низ зинда кун.» Гуфтам: «Мурда кист?» Гуфт: «Фақеҳ Маҳмуд». Гуфтам: «Худовандо, фақеҳ Маҳмудро зинда кун». Дарсоат зинда шуд» [172, с. 250-251]. Аз иқтибоси мазкур равшан мегардад, ки Айнулқузоти Ҳамадониро монанди бузургони дину ирфон қудрате будааст, ки ба изни Худованд зиндаро мурда ва мурдаро зинда мегардонидааст.

Падари Айнулқузот – Абубакри Муҳаммадро панҷ писар будааст, бо номҳои Муҳаммад, Зиёуддин, Абдуллоҳ (Айнулқузот), Муқаддам, Баҳоуддини Абутолиб.

Чунонки таъкид шуд, Айнулқузоти Ҳамадонӣ низ мисли бобо ва падари худ қозии Ҳамадон буд ва майл ба шеъру адабиёт ва тасаввуф дошт. Дар бораи зиндагиномаи ӯ маълумоти кофӣ дар даст нест. Зоҳиран, ӯро фарзанде будааст бо номи «Аҳмад», ки дар қатори муридони дигар дар маҷлисҳои ӯ ширкат мекарда ва номаҳои навиштаи Қозии Ҳамадонӣ – падарро ба дасти мухотабон

ва муридон мерасонидааст. Дар ин хусус Айнулқузот худ дар чанд нома хабар додааст, ки бамаврид дар фаслҳои рисола ёд кардаем.

Аз мазмуни номаҳо равшан мегардад, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун муршид ва пири роҳнамой муридони зиёд дошт ва дар хонақоҳи худ ба тарбияту таълими онҳо машғул буд. Зоҳиран, ба касрат маҷлиси самоъ барпо мекард ва дар он ашъори ошиқона ва орифона ба такрор чун тасбеҳ хонда мешуд, зеро борҳо дар номаҳои худ ба ин маъно ишора намудааст. Чунончи, ҷое ғазаби маъшуқро низ аз ҷумлаи раҳмат мехонад ва аз мухотаб мепурсад, ки магар боре дар оҳанги ин абёт самоъ рафтааст: «Эй дӯст, агар аз «сабақат раҳматӣ ғазабӣ» хабар дорӣ, туро расад, ки гӯӣ: «Ё Раҳмону, ё Раҳиму». Эй дӯст, ғазаб ҳам аз раҳмат аст. Надонам, то дар олам кай пай хоҳад афтод ин дурри саминро! Гӯӣ, туро ҳаргиз дар ин байтҳо самоъ будааст?

Эй ба харобот шуда, кам зада,
Хӯрда майе панҷу шашу дам зада.
Хоста дову ду-се захми ҳаром
Бар ҳама зуррияти Одам зада.
Гӯӣ, ки дуди дили реши ман аст,
Хайма бар он орази хуррам зада.

«Сабақат раҳматӣ ғазабӣ» дар байти солис металаб...» [172, с. 250-251].

Айнулқузот дувумин қозии шаҳид дар ин хонавода аст, ки монанди ҷадди хеш кушта шудааст. Аз мутолиа ва мазмуни чанд нома ва осори дигари суханвар равшан мешавад, ки худ борҳо аз маргу шаҳодати хеш монанди авлиё хабар додааст. Чунончи, ҷое гуфтааст: «Комил-уд-давлати ва-д-дин набишта буд, гуфт ки «дар шаҳр мегӯянд, ки Айнулқузот даъвии худоӣ мекунад ва ба қатли ман фатво медиҳанд». Эй дӯст, агар аз ту фатво хоҳанд, ту низ фатво медеҳ. Ҳамаро ин васият мекунам, ки фатво ин оят нависанд: «وَلِلَّهِ الْأَسْمَاءُ الْحُسْنَى فَادْعُوهُ بِهَا وَذَرُوا الَّذِينَ يُلْحِدُونَ فِي أَسْمَائِهِ سَيُجْزَوْنَ مَا كَانُوا يَعْمَلُونَ («Ва номҳои нек аз они Худо аст. Пас Ӯро ба он номҳо бихонед; ва касонеро бигузоред, ки дар номҳои Худо каҷравӣ мекунанд; ба онҳо ҷазои он чи, ки мекарданд, дода хоҳад шуд», ояти 180-уми сураи Аъроф (7) - З.Ҳ.)". Ман, худ ин қатл ба

дуо мехоҳам, дареғо, ҳанӯз дур аст! Кай бувад? «وَمَا ذَٰلِكَ عَلَى اللَّهِ بِعَزِيزٍ» («Ва ин бар Худо душвор нест», ояти 20-уми сураи Иброҳим (20)-З.Ҳ.)» [172, с. 250-251].

Дар бораи поёни умри Айнулқузот, иттиҳомоти ҳасудону душманон ва уламои замон, гирифториҳои ӯ дар зиндони Бағдод, душмании Абулқосими Даргузинӣ – вазири Султон Маҳмуди Салҷуқӣ ва бо дастури ӯ ваҳшиёна ба шаҳодат расидани ин орифи беназир аксари сарчашмаҳо ва муҳаққиқони осораш сухан кардаанд [95, с. 178; 100, с.137; 178, с. 167-168; 152, с. 224-226; 398, с. 55-81; 407, с. 27-39; 384, с. 9-38; 336, с. 29-32]. Аз ҷумла соҳиби «Риёз-ул-орифин» мегӯяд: «Охируламр, ӯро ба даъвии улуҳият муттаҳам сохта, маҳзаре бар қатлаш пардохта, ба саъйи Абулқосими Даргузинӣ – вазири халифа пӯсти ӯро қананд, дар мадрасаи худаш бар дор карда, пас аз он ба зер овард, дар бурёи банафтолуда печида сӯхтанд, чунонки худ гуфтааст:

Мо маргу шаҳодат аз Худо хостаем,
В-он ҳам ба се чизи камбаҳо хостаем.
Гар дӯст чунин кунад, ки мо хостаем,
Мо оташу нафту бурё хостаем» [178, с. 167-168].

Лозим ба зикр аст, ки дар бораи замони қатли Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва чӣ гуна бар дор кардану сӯхтани ӯ монанди урафо ва машоихи дигари маъруф ҳикоёти зиёди афсонаомез аст, ки Р. Фарманиш қисмате аз онҳоро нақл намудааст [398, с. 65-72].

Яке аз сарчашмаҳои боэътимод, ки ҷиҳати шинохти зиндагиномаи Айнулқузоти Ҳамадонӣ моро кӯмак мекунад, осори худи суханвар, махсусан, «Шаква-л-ғариб», «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Тамҳидот» ва «Номаҳо» мебошанд. Аз ҷумла, дар «Номаҳо» ҳикоёти зиёдеро аз рӯзгори худ нақл намудааст, ки ҷиҳати шинохти зиндагиномаи Қозии Ҳамадон моро кӯмак мекунанд.

Аз осори мазкур метавон ба ин натиҷа расид, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар соли 490ҳ.қ. / 1096м. дар Ҳамадон ба дунё омада, соли 525ҳ.қ./1131м. дар синни сиюпанҷсолагӣ ба шаҳодат расидааст. Баъзе аз тазкиранигорон, монанди муаллифи «Риёз-ул-орифин» [178, с. 168] ва «Райҳонат-ул-адаб»

[152, с. 226] замони шаҳодати Айнулқузотро соли 533ҳ./1138м. гуфтаанд, ки саҳеҳ нест. Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз хурдӣ ҳамроҳи падар дар маҳофили ирфонӣ ва маҷлиси самоъ, ки дар хонаи урафо ва сӯфияи замон баргузор мегардид, ширкат мекард ва чун баъзе аз машоих ва сӯфияи маъруф соҳиби каромат будааст. Агарчи ҳикояти мазкур ба зоҳир афсонаомез аст, дар бораи гироиш ба тасаввуф доштани падари Айнулқузот ва ҳамроҳи падар дар маҳофили самоъ ширкат намудани ӯ хабар медиҳад. Падар ва бобои Айнулқузот низ қозии Ҳамадон буда, ба тасаввуф ва шеъру адабиёт майл доштаанд. «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ яке аз сарчашмаҳои аслӣ ва боэътимоде аст, ки ҷиҳати шинохти зиндагиномаи суханвар моро кӯмак менамояд.

## I.2. Мероси илмӣ ва адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ. Осори мафқуди суханвар

Сарчашмаи қадимтарин ва боэътимоде, ки аз номгӯи осори илмӣ ва адабии Айнулқузот хабар медиҳад, таълифоти боқии худи суханвар мебошанд. Айнулқузот дар китоби «Шаква-л-ғариби ъани-л-автони ило уламои-л-булдони» (Шиквои як ғариб аз ватан ба уламои шаҳрҳо) аз унвони чанд осори худ ёд намуда ва гоҳе аз мавзуи баҳси баъзе аз рисолоту кутуб ва замони таълифи онҳо низ хабар додааст. Чунонки гӯяд: «Ҳар кӣ мехоҳад бар сиҳҳати он чӣ зикр кардаам, огоҳ шавад, навиштаҳоямро талаб кунад ва дар онҳо бингарад ва чунон тааммул ва баррасӣ кунад, ки маънӣ ва мақсуди онҳоро дарёбад ва ҳаққи онҳо адо шавад, монанди: рисолае ба номи «**Қиро ал-ъошӣ ило маърифати-л-урон вал-аъошӣ**» ва ду рисолаи «**Алоия**» ва «**Ал-муфталазу мин-ат-тасриф**» (он ду аз рисолоти кӯтоҳ ва мухтасар аст) ва монанди рисолаи мулаққаб ба «**Амолӣ ал-иштийоқ фӣ лайолӣ ал-фироқ**» ва китобе ба номи «**Мунят-ул-ҳайсуб**», ки дар илми ҳисоби ҳиндӣ аст ва рисолае, ки онро «**Ғоят-ул-баҳси ъан маън-ал-баъси**» номидаам ва рисолае дигар ба номи «**Савлат-ул-бозили-л-амуни ъало Ибн ал-Лабуни**» ва китобе, ки онро «**Зубдат-ул-ҳақоиқ**» лақаб додам ва ин охирин китобе аст, ки навиштаам ва дар он замон бо бистучаҳорсолагон ҳамсол будам ва дар ин сол, ки сарнавишт бад-ин фитна дучорам сохт, ба сиюсесолагӣ расидаам… Аз фарзандони зодаи хотирам, ҳазор байт ғазал аст, ки бахшиши даҳрӯзаи табъи мананд ва дар саҳифаи маъруф ба «**Назҳат-ул-ушшоқ ва наҳзат-ул-муштоқ**» гирд омада… Ва ба навиштани ду китоби мабсут ва муфассал пардохтам, ки қасдам ин буд, ки ҳар як аз онҳо муштамил бар даҳ ҷилд бошад. Яке дар улуми адабӣ, ки онро «**Ал-мадхалу ила-л-арабиййати ва риёзати улумиҳа-л-адабиййати**» ва дигареро «**Тафсири ҳақоиқ-ал-Қуръон**» ном ва нишон дода будам, ки муҳиммоти дин ва иқбол ба он чӣ воҷиби айнӣ аст, маро аз итмоми он ду китоб боздошт…» [175, к.1, с. 39-41; 162, с. 57-58].

Аз иқтибоси боло равшан мешавад, ки Айнулқузот дар китоби «Шаква-л-ғариб» аз 11 осори худ ном бурдааст.

А. Усайрон осори илмӣ ва адабии Айнулқузотро ба се дастаи зер тақсим намудааст: 1. Осоре, ки дар аҳди ҷавонӣ таълиф намудааст (11 адад); 2. Осоре, ки баъд аз синни 24-солагӣ таълиф намудааст (4 адад); 3. Осоре, ки ба Айнулқузот нисбат медиҳанд (3 адад) [172, с. 1-2]. Донишманди мазкур осори даврони ҷавонии Айнулқузотро 11 адад медонад ва мегӯяд, ки «аз ин китобҳо ҷуз ном ва андак иттилооте аз мазомини онҳо, ки ба сурати пароканда дар таълифоти мавҷуди ӯ ба ҷой монда, чизе дар даст нест» [172, с. 2]. Аммо А. Усайрон дар ин даста аз осоре низ ном бурдааст, ки то мо расидаанд ва шоҳиди ин сухан «Рисолаи Ҷамолӣ» ва «Назҳат-ул-ушшоқ ва наҳзат-ул-муштоқ» мебошанд. Афзун бар ин, баъзе аз осоре, ки А. Усайрон замони таълифи онҳоро даврони ҷавонии Айнулқузот медонад, имкон дорад, ки минбаъд навишта шуда бошанд. Агар гӯем, ки Айнулқузот дар «Шаква-л-ғариб» осори худро ба тартиби замони таълиф овардааст, пас имкон дорад, ки «**Назҳат-ул-ушшоқ ва наҳзат-ул-муштоқ**», «**Ал-мадхалу ила-л-арабиййати ва риёзати улумиҳа-л-адабиййати**» ва «**Тафсири ҳақоиқ-ал-Қуръон**» -ро баъд аз «Зубдат-ул-ҳақоиқ», яъне баъд аз 24-солагӣ навишта бошад. Қ. Ансорӣ замони таълифи «**Тафсири ҳақоиқ- ал-Қуръон**» ва И. Умарзода замони таълифи «**Ал-мадхалу ила-л-арабиййати ва риёзати улумиҳа-л- адабиййати**» ва «**Тафсири ҳақоиқ-ал-Қуръон»-** ро ба солҳои охири ҳаёти Айнулқузот нисбат медиҳанд ва мегӯянд, ки ба сабаби амон надодани аҷал [162, с. ҳафт] ва расидани «марги бемаҳал» ин ду китоб нотамом мондааст [294, с. 32]. Аммо андешаи мазкури Қ. Ансорӣ ва И. Умарзода чандон боварибахш ва қобили қабул нестанд, зеро Айнулқузот дар китоби «Шаква-л-ғариб», ки дар охирин рӯзҳои умри хеш дар зиндони Бағдод навиштааст, дар бораи сабаби нотамом мондани ду китоби охир чунин мегӯяд: «...муҳиммоти дин ва иқбол ба он чӣ воҷиби айнӣ аст, маро аз итмоми он ду китоб боздошт» [175, к.1, с. 41; 162, с. 58]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки сабаби нотамом мондани ду китоби охир на марги бемаҳал, балки аҳволи зиндагии Айнулқузот мебошад.

А. Усайрон дар дастаи дувуми мусаннафоти Айнулқузот дар бораи осоре маълумот медиҳад, ки, зоҳиран, баъд аз 24-солагии муаллиф таълиф шудаанд. Дар ин бахш перомуни чаҳор осори боқимондаи Айнулқузот – «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Мактубот», «Тамҳидот» ва «Шаква-л-ғариб» маълумоти муфассал додааст [172, с. 4-34]. Донишманди мазкур дар дастаи сеюм дар бораи «Шарҳи калимоти қисори Боботоҳир», «Рисолаи Яздоншинохт» ва «Рисолаи лавоеҳ», ки мансуб ба Айнулқузот мебошанд, баҳс намудааст [172, с. 34-44].

А. Мунзавӣ феҳристи осори Айнулқузотро нахуст аз «Шаква-л-ғариб» ва сипас аз китоби «Аҳвол ва осори Айнулқузот»-и Р. Фарманиш ва пешгуфтори китоби «Тамҳидот», ки ба қалами А. Усайрон мутааллиқ аст, овардааст [171, ҷ. 3, с. 27- 30].

Р. Фарманиш осори Айнулқузотро ба ду дастаи зер ҷудо намудааст: 1. Он чӣ то кунун ба даст омадаанд; 2. Он чӣ то кунун ба даст наомадаанд [173, с. «вов» ба баъд]. Аммо номгӯи осоре, ки Р. Фарманиш дар дебочаи «Рисолаи лавоеҳ» овардааст, холӣ аз камбудӣ нест. Аввалан, бояд гуфт, ки «Рисолаи лавоеҳ» аз ҷумлаи осори аслии Айнулқузот нест, балки осори мансуб ба ӯ аст, ки дар фавқ ишора намудем. Сониян, Р. Фарманиш «Рисолаи Яздоншинохт»-ро, ки осори мансуб ба Айнулқузот аст, дар қатори осори аслие овардааст, ки то кунун ба даст омадаанд [173, с. «вов»].

Чун замони таълифи ҳамаи осори Айнулқузот маълум нест, мо онҳоро ба дастаҳои зер ҷудо намудем: 1. Осори мафқуд, яъне осоре, ки матни аслии онҳо пурра аз миён рафта, аз онҳо ҷуз ном ва иттилои андак чизе то кунун ба даст наомадааст; 2. Осори мавҷуд, яъне осоре, ки то мо расидаанд; 3. Осори мансуб ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ.

**Осори мафқуди суханвар.** Муроди мо аз осори мафқуд осори зерин мебошанд, ки матни аслии онҳо ҳанӯз ба даст наомада ва Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар таълифоти худ унвони онҳоро зикр карда ва ё ба таври андак аз мазмуни онҳо иттилоъ додааст:

1. **«Қиро ал-ъошӣ ило маърифат-ил-урони ва-л-аъошӣ»**. Ин якумин рисолае аст, ки Айнулқузот дар китоби «Шаква-л-ғариби ъани-л-автони ило

уламои-л-булдони» аз он ном бурдааст [175, к.1, с. 40; 162, с. 57]. Муаллифи сарчашмаҳои дастрас ва муҳаққиқони осораш, ба мисли А. Усайрон [172, с. 2], А. Мунзавӣ [171, ҷ. 3, с. 27], Қ. Ансорӣ [162, с. ҳафт], Ҳ. Баннопур [336, с. 93] ва Р. Фарманиш [173, поёни дебоча] дар бораи сохт ва мавзуоти баҳси ин рисола ҳеч маълумоте надодаанд ва танҳо таъкид кардаанд, ки он ба забони арабӣ таълиф шудааст. Танҳо И. Умарзода аз мавзуи баҳси ин рисола ёд намуда мегӯяд, ки «ин асар дар бораи маърифати ҳақ аз тарафи солик бахшида шудааст» [294, с. 32]. Аммо ин донишманд дар ду нашри китоби худ унвони рисолаи мазкурро ба гунаи мухталиф овардааст, ки дар ҳар ду маврид низ хатохонии матн ва дар нашри русӣ хатои тарҷума эҳсос мешавад. Чунончи, дар нашри русӣ унвони рисолаи Айнулқузотро ««Кари ал-оши оли маъруфа ал-аврон вало аʹъоши» (о путях познания бога суфием-мистиком)» [295, с. 12] ва дар нашри тоҷикӣ ««Кура-л-ашӣ-ила маърифати-л-ауран ва-л-аа-шӣ» («Саховати хонишҳои шабонаи илмӣ баҳри нобиноён»)» [294, с. 31] овардааст.

Рисолаи мазкур яке аз аввалин осоре аст, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ онро дар синни ҷавонӣ, яъне то синни бистучаҳорсолагӣ навиштааст. Рисолаи мазкур ба забони арабӣ таълиф шудааст. Дар хусуси мавзуъву мундариҷа ва мухтассоти он дар осори мавҷуди суханвар, сарчашмаҳои баъдӣ, навиштаҳои муҳаққиқони китобшиноси қарнҳои чордаҳуму понздаҳум ва адабпажуҳони ватаниву хориҷӣ ҳеч иттилое ба назар намерасад. Аз қавли зерини Айнулқузот маълум мешавад, ки, зоҳиран, рисолаи мавриди баҳс нисбат ба ду рисолаи баъдӣ, яъне «Рисолаи Алоия» ва «Ал-муфталазу мин-ат-тасриф» муфассалтар будааст, зеро баъд аз номгӯи ду рисолаи баъдӣ аз мухтасар будани онҳо ёд карда, вале баъд аз зикри ин рисола онро мухтасар нахондааст: «و من أرادَ أن يقِفَ على صِحَّة ما ذكرتُ فی جميع ما أورَدتُ و أصدرتُ طَلَب مُصنَّفاتی و نَظَر فيها و تصفَّحها تَصفُّحاً يَستوعِبُ به معانيها و يَستَوفيها كرسالتی الموسومة ب«قِرى العاشی الی معرفة العوران و الأعاشی» و ك«رسالتی العلائية» و «المُفتَلَذ من التصريف» و هما من مُختصراتِ التصانيف...» [175, к.1, с. 39-40].

2**. «Рисолаи Алоия»**. Ин рисола ба забони арабӣ нигошта шудааст. Бино ба навиштаи Айнулқузот, яке аз рисолаҳои кӯтоҳ ва мухтасар мебошад [175, к.1, с. 40]. Чун ба Мавлоно Тоҷуддин Алоуддавла бахшида шудааст, ба ин

сабаб «Рисолаи Алоия» гӯянд. А. Усайрон ин рисоларо махсуси авом ва хос донистааст [172, с. 2]. Худи Айнулқузот низ дар оғози «Зубдат-ул-ҳақоиқ» аз ин рисола ёд мекунад ва мегӯяд, ки онро дар мазҳаби пешиниёни солеҳ ва равандагони роҳи онон (раз.) ба усуле, ки авом аз онҳо бениёз нестанд, таълиф намудааст: «و قد ذكرت فى «الرسالة العلائية» التى عملتها فى مذهب السلف الصالحين- رضى الله عنهم و عن من سلك طريقهم أجمعين- ما لا يستغنى عن اعتقاده العوام فى تلك الاصول؛ أمّا الذى يشفى غليل الخواص فقد أعربت عن بيانه فى هذه الفصول (Дар «Рисолаи Алоия», ки дар баёни мазҳаби пешиниёни солеҳ – Худованд аз ҳамаи онон ва равандагони роҳи онҳо хушнуд бод- фароҳам сохтаам, ба усуле, ки авом аз онҳо бениёз нестанд, пардохтаам, аммо он чиро ки ташнагии хосро фурӯ менишонад, дар ин фаслҳо баён кардаам)» [175, к.2, с. 1]. Аз қавли мазкури Айнулкузот равшан мешавад, ки дар асл ин рисола дар хусуси пешиниёни солеҳ ва расму одоби равандагони он баҳс мекунад ва барои авом бо сабк ва забони нисбатан сода навишта шудааст, аммо дар фаслҳои «Зубдат-ул-ҳақоиқ», ки махсуси хос аст, он мавзуотро нисбатан ошкор ва батафсил баён намудааст. Аз ин ҷо метавон хулоса намуд, ки рисолаи мазкур раҳнамое барои оммаи мардум ҷиҳати шинохти мазҳаби пешиниён ва равандагони роҳи онон аст.

Айнулқузот дар оғози номаи 127-уми худ, ки «Рисолаи Ҷамолӣ» ном дорад, аз «Рисолаи Алоия» ва сабаби таълифи он чунин ёд кардааст: «Бидон, ки чун аҳли залолат бисёр гаштаанд, воҷиб дидам иноят намудан дар баёни мазҳабе, ки салафи солеҳ бар он будаанд ва хавосу авомро бад-он иқтидо фармудаанд ва китобе кардам дар ин маънӣ ба тозӣ ва «Рисолати Алоӣ»-аш ном кардам аз баҳри хизонаи Мавлоно Тоҷуддин Алоуддавла» [171, ҷ.2, с. 483].

Аз иқтибоси фавқ маълум мешавад, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ рисолаи мавриди баҳсро қабл аз «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Рисолаи «Ҷамолӣ» таълиф намудааст. Аммо аз ин рисола ҷуз унвон ва маълумоти мухтасаре, ки худи суханвар дар «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Номаҳо» изҳор доштааст, иттилои дигаре ба даст наёмад. А. Мунзавӣ [171, ҷ.3, с. 27] ва Ҳ. Баннопур танҳо аз номи рисола [336, с. 93] ва Р. Фарманиш аз унвон ва ба забони арабӣ таълиф

шудани ин рисола хабар додаанд [173, поёни дебоча]. А. Усайрон [172, с. 2] ва Қ. Ансорӣ [162, с. шаш] аз маълумоти мухтасаре, ки дар «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Рисолаи Ҷамолӣ» омадааст, ёд намудаанд. И. Умарзода ба маълумоте, ки дар «Рисолаи Ҷамолӣ» ва таҳқиқоти А. Усайрон омадааст, ишора мекунад [294, с. 32; 295, с. 12]. Забеҳуллоҳ Сафо таъкид намудааст, ки он ба забони арабӣ дар баёни мазҳабе, ки салафи солеҳ бар он рафтаанд, таълиф гардида, ба Тоҷуддин Алоуддавла бахшида шудааст [390, с. 937-938].

3. «**Ал-муфталазу мин-ат-тасриф**». Ин рисола низ ба забони арабӣ буда, кӯтоҳ ва мухтасар аст [175, к.1, с. 40]. Р. Фарманиш танҳо унвони ин рисоларо оварда, онро яке аз осоре медонад, ки то кунун ба даст наёмадаанд [173, поёни дебоча], Қ. Ансорӣ ба забони арабӣ будани он [162, с. ҳашт], А. Усайрон ва Ҳ. Баннопур дар илми сарф буданашро таъкид намудаанд [172, с. 3; 336, с. 93]. И. Умарзода нисбат ба дигарон маълумоти бештар медиҳад ва мегӯяд, ки ин рисола дар бораи илми сарф буда, маълумотҳои нисбатан умумии забон, махсусан сарфро дар бар мегирад, ки онҳоро маълумоти тақрибӣ дар бораи қоидаҳои сарфи асримиёнагӣ метавон шуморид [294, с. 32], аммо сарчашмаи ин маълумотро зикр накардааст. Донишманди мазкур дар нашри русии китоби худ унвони рисолаи мавриди баҳсро «Краткие сведения о грамматике» тарҷума намудааст [295, с. 12].

4. «**Амолӣ ал-иштийоқ фӣ лайолӣ ал-фироқ**». Ин рисола ба забони арабӣ ва нисбатан мухтасар буда, зоҳиран, дар атрофи улуми адабӣ баҳс мекунад. Сафадӣ дар китоби «Ал-вофӣ би-л-вафиёт» номи ин асарро ба ихтисор «Амолӣ ал-иштиқоқ» овардааст [149, с. 291], аммо чунонки зикраш гузашт, дар «Шаква-л-ғариб» худи Айнулқузот онро «Амолӣ ал-иштийоқ фӣ лайолӣ ал-фироқ» гуфтааст. Р. Фарманиш танҳо унвони ин рисоларо оварда [173, поёни дебоча], Қ. Ансорӣ ва Ҳ. Баннопур ба забони арабӣ навишта шудани он [162, с. ҳафт; 336, с. 93] ва А. Усайрон ба адабӣ будани он ишора намудаанд [172, с. 3]. И. Умарзода нисбат ба донишмандони мазкур маълумоти бештар дода, унвони рисоларо ба забони тоҷикӣ «Рисолаи умеду орзуҳои иштиёқ дар шабҳои фироқ» [294, с. 32] ва ба забони русӣ «Трактат о

желаниях» (теории литературы и правила стихосложения) [295, с. 12] тарҷума кардааст. Бино ба ахбори ин донишманд рисолаи мазкур доир ба илми адабиёт таълиф шуда, оид ба баъзе хусусиятҳои адабиёти бадеӣ, назарияи адабиёт ва қоидаву қонунҳои назми бадеӣ маълумот медиҳад [294, с. 32].

5. «**Мунйат-ул-ҳайсуб**». Ин китоб низ ба забони арабӣ буда, бино ба қавли Айнулқузот, оид ба илми ҳисоби ҳиндӣ аст [175, к.1, с. 40]. Сафадӣ дар китоби «Ал-вофӣ би-л-вафиёт» аз унвони ин асар ёд накарда, танҳо гуфтааст, ки дар илми ҳисоби ҳиндӣ - «Муқаддима» дорад, чунонки гӯяд: «و من تصانيفه «الرسالة العلائية»، «أمالى الاشتقاق»، «البحث عن مَعنى البَعث»، كتاب «زُبدة الحقائق»، فى الحساب الهندى مقدمة، و غير ذلك» – [149, с. 291]. Зоҳиран, муроди Сафадӣ аз «Муқаддима» ҳамин асар, яъне «**Мунйат-ул-ҳайсуб**» аст. Имкон дорад, ки ин асар нисбатан мухтасар ва муқаддимаи илми ҳисоби ҳиндӣ бошад. Муҳаққиқони аҳволу осори суханвар низ дар хусуси ин асар маълумоти тозае ба даст намедиҳанд. Р. Фарманиш ин китобро яке аз осоре медонад, ки то кунун ба даст наёмадаанд [173, поёни дебоча], А. Усайрон онро дар қатори осоре ном мебарад, ки Айнулқузот дар аҳди ҷавонӣ таълиф намуда, ҷуз ном ва иттилои андак аз он чизе ба даст наомадааст [172, с. 3], Қ. Ансорӣ бошад, ба забони арабӣ ва оид ба илми ҳисоби ҳиндӣ будани он ишора намудааст [162, с. ҳашт]. Ҳ. Баннопур ва А. Усайрон ба ҷуз ахбори мазкур аз маълумоти мухтасари Сафадӣ ёд намудаанд [336, с. 93; 172, с. 3].

**6.** «**Ғоят-ул-баҳси ъан маън-ал-баъси**». Ин рисола ба забони арабӣ буда, унвони онро худи Айнулқузот гузоштааст [175, к. 1, с. 40]. Мавзуи баҳси ин рисола нубувват ва мутааллиқоти он буда, суханвар онро дар синни 21- солагӣ навиштааст. Дар оғози китоби «Зубдат-ул-ҳақоиқ» Қозии Ҳамадон мегӯяд: «Вақте ин рисоларо менавиштам, бисту як сол доштам ва акнун бисту чаҳор сол дорам ва дар ин се сол, раҳмати азалӣ, аз маорифи гуногуни ғайбӣ ва нафоиси ҳолоти кашфӣ, чизҳое насибам сохт, ки шарҳу васфи он бароям душвор аст ва ба иборат овардани онҳо ба ҳарфу савт дар ҷаҳони гӯиш муҳол менамояд…» [162, с. 82-83; 175, к. 2, с. 3-4].

Қ. Ансорӣ ҳини тарҷумаи «Шаква-л-ғариб» номи ин рисоларо ба шакли дуруст, яъне «**Ғоят-ул-баҳси ъан маън-ал-баъси**» оварда [162, с. 57], аммо дар тарҷумаи форсии китоби «Зубдат-ул-ҳақоиқ» унвони ин рисоларо ба иштибоҳ «**Ниҳоят-ул-баҳси ъан маън-ал-баъси**» овардааст [162, с. 82]. Дар нашри арабии «Шаква-л-ғариб» [175, к.1, с. 40] ва «Зубдат-ул-ҳақоиқ» [175, к. 2, с. 3] унвони ин рисола «Ғоят-ул-баҳси ъан маън-ал-баъси» омадааст, чунонки гӯяд: «و لقد ذكرت فى النبوّة و ما يتعلّق بها من المقدّمات العلمية فى رسالتى الموسومة «بغاية البحث عن معنى البعث» ما يشفى غليل الطالب المستفيد و يكفى الناظر المستبدّ بنظره السديد» («Дар бораи нубувват ва мутааллиқоти он, аз муқаддамоти илмӣ дар рисолаи «Ғоят-ул-баҳси ъан маън-ал-баъси» ба андозае, ки ҷӯяндаи ташнаро сероб созад ва бинандаи алоқаманд ва борикбинро ба кор ояд, чизҳое навиштаам…») [175, к.2, с. 3; 162, с. 82]. Аз муқоисаи нусхаҳои арабӣ ва тарҷумаи форсии он маълум мешавад, ки ин иштибоҳ дар нусхаи тарҷумаи Қ. Ансорӣ ба сабаби хато хондан ё нохоно будани матни арабӣ рух намудааст. Эҳтимол, Қ. Ансорӣ «Биғоят-ул-баҳси ъан маън-ал-баъси»- ро [175, к. 2, с. 3] ба иштибоҳ «Ниҳоят-ул-баҳси ъан маън-ал-баъси» [162, с. 82] хонда, яъне ҳарфи «б» (ب) ба иштибоҳ «н» (ن) ва ҳарфи «ғ» (غ) ба сабаби шабоҳати андак «ҳ» (ح) хонда шудааст. Имкон дорад, ки ин иштибоҳ ҳангоми нашр ғайри ихтиёри мутарҷим рух намуда бошад.

А. Мунзавӣ [171, ҷ. 3, с. 27], А. Усайрон [172, с. 3] ва Ҳ. Баннопур [336, с. 93] унвони ин рисоларо ба шакли саҳеҳ, яъне «Ғоят-ул-баҳси ъан маън-ал-баъси» оварда таъкид намудаанд, ки Айнулқузот онро дар синни 21-солагӣ таълиф намудааст. Афзун бар ин, А. Усайрон дар хусуси ҳақиқати нубувват ва барои хос таълиф шудани рисоларо изҳор кардааст [172, с. 3]. И. Умарзода дар бораи ин китоб низ нисбат ба дигарон маълумоти бештар медиҳад, вале унвони рисоларо ба иштибоҳ «Ғоятулбаҳс ан маноалбаҳс» (Баҳси охирин роҷеъ ба эҳёи пас аз марг) овардааст [294, с. 32]. Аз баҳсҳои фавқ равшан мегардад, ки ҷуз унвон, забон ва мавзуи баҳси ин рисола маълумоти дигаре ба даст наомадааст.

7. «**Савлат-ул-бозили-л-амуни ъало Ибн ал-Лабуни**». Айнулқузот дар «Шаква-л-ғариб» унвони ин рисоларо дар қатори осори дигари худ зикр намудааст [175, к. 1, с. 40]. А. Усайрон ин рисоларо яке аз осори аҳди ҷавонии Айнулқузот медонад ва пас аз зикри унвони рисола дар қавс номи «Муҳибб-ул-Лабун»-ро меорад, ки, зоҳиран, унвони дигари ин рисола мебошад [172, с. 3]. Р. Фарманиш унвони ин рисоларо дар қатори осоре меорад, ки то кунун ба даст наёмадаанд [173, поёни дебоча], А. Мунзавӣ танҳо бо овардани унвони рисола иктифо мекунад [171, ч. 3, с. 27], Ҳ. Баннопур [336, с. 93] ва Қ. Ансорӣ [162, с. ҳафт] ба ҷуз унвон ба забони арабӣ таълиф шудани рисоларо изҳор кардаанд. И. Умарзода унвони ин рисоларо «Муҳиб-ул-Лабун» гуфта ва аз номи аслии он ёд накардааст [294, с. 32; 295, с. 12]. Зоҳиран, И. Умарзода ин унвонро аз қавли А. Усайрон, ки пас аз унвони аслӣ дар қавс зикр намудааст [172, с. 3], оварда ва мегӯяд, ки он ба тарбияи схоластикии асримиёнагӣ (о средневековом схоластическом воспитании) бахшида шудааст [294, с. 32; 295, с. 12]. Чун асли рисола дастрас нест, перомуни мавзуи баҳси он сухан намудан муҳол аст ва, ба қавли И. Умарзода, ки рисолаи мавриди баҳсро оид ба «тарбияи схоластикии асримиёнагӣ» гуфтааст, наметавон розӣ шуд.

8. «**Ал-мадхалу ила-л-арабиййати ва риёзати улумиҳа-л-адабиййати**». Ин китоб ба забони арабӣ буда, перомуни улуми адабӣ баҳс мекунад. Айнулқузот ин асарро яке аз ду китобе медонад, ки мехостааст мабсут ва муфассал бошанд ва қасд доштааст, ки онро ба даҳ ҷилд расонад, аммо муҳиммоти дин ва иқбол боис шудаанд, ки ин китоб нотамом бимонад [175, к. 1, с. 41; 162, с. 58]. А. Усайрон ва И. Умарзода ба ҷуз овардани унвон аз мавзуи баҳси ин китоб ёд намуда мегӯянд, ки он перомуни адабиёт ва улуми арабӣ мебошад [172, с. 3; 293, с. 33; 294, с. 12]. А. Мунзавӣ баъди овардани унвони ин китоб ба нотамом мондани он ишора кардааст [171, ч. 3, с. 29]. Р. Фарманиш унвони ин асарро дар қатори осоре овардааст, ки то ҳол ба даст наомадаанд ва ба даҳ ҷилд будану нотамом мондани он ишора месозад [173, поёни дебоча]. Қ. Ансорӣ низ ба забони арабӣ будани китобро изҳор мекунад ва меафзояд, ки Айнулқузот қасди дар даҳ ҷилд таълиф намудани онро дошт [162, с. ҳашт]. Ҳ.

Баннопур танҳо ба забони арабӣ таълиф шудани онро зикр мекунад ва онро яке аз осоре медонад, ки фақат номе аз онҳо боқӣ мондааст [336, с. 93]. И. Умарзода ҷое унвони китобро «Ал-мадхал ала-л-арабийати ва рийадати улуми ҳа-л-абийати» («Макони мадохил ба сӯи арабӣ ва риёзати илмҳои арабӣ адаб аст») [294, с. 33] ва ҷои дигар «Ал- мадхал ало ал- мураббия» (посвящена различным отраслям науки эпохи мыслителя, в частности, проблемам языкознания и литературоведения) [295, с. 12] овардааст, ки дар ҳар ду маврид низ хатохонии матн ва тарҷумаи тоҷикию русии он ба назар мерасад.

9. «**Тафсиру ҳақоиқ- ал-Қуръон**». Ин китоби тафсир яке аз ду китобе аст, ки Айнулқузот қасди дар даҳ ҷилд таълиф намудани онҳоро доштааст [175, к. 2, с. 41]. А. Усайрон мегӯяд, ки бинобар сабабҳои динӣ ва ба иршоди муридон пардохтан он нотамом боқӣ мондааст [172, с. 3]. Қ. Ансорӣ аз забони арабӣ будани китоб ёд мекунад ва меафзояд, ки ба сабаби амон надодани аҷал он нотамом боқӣ мондааст [162, с. ҳашт]. Р. Фарманиш [173, поёни дебоча] ва Ҳ. Баннопур [336, с. 93] онро аз ҷумлаи осоре медонанд, ки то ҳол ба даст наомадаанд ва аз онҳо танҳо унвон боқӣ мондааст. Агар Қ. Ансорӣ сабаби нотамом мондани ин асарро амон надодани аҷал донад, А. Усайрон онро яке аз китобҳое мешуморад, ки Айнулқузот дар даврони ҷавонӣ ба таълифи он пардохта ва сабаби нотамом мондани онро гирифториҳои динӣ ва машғул гаштан ба иршоди муридон меҳисобад. Аммо худи Айнулқузот мегӯяд, ки «муҳиммоти дин ва иқбол ба он чӣ воҷиби айнӣ аст», ӯро аз итмоми он китобҳо боздоштааст [175, к. 1, с. 41; 162, с. 58]. И. Умарзода аз тафсири ирфонӣ будани ин китоб ёд мекунад [294, с. 33; 295, с. 12] ва мегӯяд, ки ба сабаби гирифториҳои динӣ, иршоди муридон ва расидани марги бемаҳал он нотамом боқӣ мондааст [294, с. 33]. Ба андешаи мо, ин китобро яке аз осори аҳди ҷавонӣ ҳисобидани А. Усайрон чандон дуруст нест, зеро худи Айнулқузот сабаби нотамом мондани онро муҳиммоти динӣ медонад. Қавли Қ. Ансорӣ ва И. Умарзода низ, ки сабаби нотамомии онро расидани марги бемаҳал медонанд, баҳс мехоҳад. Чун асли ин китоб ҳанӯз ба даст наомадааст, наметавон беш аз ин баҳс намуд.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ қисме аз ин осорро дар замони наврасӣ, аниқтараш то бистсолагӣ ва қисми дигарро то бистучаҳорсолагӣ таълиф намудааст. Ҳанӯз дар замони наврасӣ соҳиби фазлу дониши беназир буда, дар улуми динӣ ва дунёвӣ, аз ҷумла забону адабиёт, фалсафаю ҳикмат, ҳисоби ҳиндӣ ва ғ. китобу рисолаҳое навиштааст, ки на танҳо наврасону ҷавонон, яъне бистсолаҳо ва болотар аз онҳо, балки панҷоҳу шастсолаҳо дар фаҳму дарки онҳо мушкилӣ мекашиданд. Далели ин сухан қавли зерини худи Қозии Ҳамадонӣ аст, ки дар «Шаква-л-ғариб» гуфтааст: «... аҷабе нест, ки ман низ мавриди ҳасад қарор гирам (дар ҳоле ки наврас будам ва барои бистсолагон ва болотар ширхора менамудам), китобҳое навиштаам, ки панҷоҳ ва шастсолаҳо наметавонистанд онро фаҳм кунанд, то чӣ расад ба таълиф ва таснифи онҳо...» [162, с. 57].

Аз баҳсҳои фавқ маълум мешавад, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба ҷуз «Тамҳидот», «Номаҳо», «Зубдат-ул-ҳақоиқ фӣ кашф-ид-дақоиқ» ва «Шаква-л-ғариби ъан-ил-автони ило ъуламо-ил-булдони» боз чанд китобу рисола таълиф намудааст, ки, мутаассифона, то замони мо нарасидаанд. Нуҳ китоб ва рисолае, ки зикр намудем, ҳамагӣ ба забони арабӣ буда, Айнулқузоти Ҳамадонӣ онҳоро дар китоби «Шаква-л-ғариби ъан-ил-автони ило ъуламо-ил-булдони» ёд намуда, дар «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Номаҳо» ба баъзеи онҳо ишора кардааст. Аз зикри осори мафқуди суханвар ва мавзуи баҳси онҳо равшан мегардад, ки Қозии Ҳамадон на танҳо суханвари ориф, балки яке аз олимони беназири аҳди хеш буда, аксари осори илмию ирфонии худро ба забони арабӣ нигоштааст. Маҳз донишу фазл ва осори пурбаҳои ӯ боис шудаанд, ки ҳасудони давр ва уламои замон аз рӯйи рашк ва нотавонбинӣ ба душманияш бархостанд. Агарчи нисбати Айнулқузот беҳад зулму ситам намуданд, ба туҳмат ва иттиҳоми бардурӯғ ба зиндон андохтанд ва ноҷавонмардона ба қатл расониданд, натавонистанд заррае аз мақому обрӯи ӯ кам созанд.

## I.3. Осори мавҷуди Айнулқузоти Ҳамадонӣ

Дар хусуси осори аслӣ ва мансуб ба Айнулқузот байни тазкиранигорон ва донишмандон ақоиди ягона нест. Баъзе аз муҳаққиқон осори мавҷуди Айнулқузотро мафқуд пиндошта, баъзеи дигар осори мансуби ӯро аз ҷумлаи осори аслии суханвар донистаанд ва ба иштибоҳ дар асоси осори мансуб мухтассоти осори Қозии Ҳамадониро «муайян сохта» хулосаҳои илмӣ баровардаанд, ки яке аз онҳо Р. Фарманиш мебошад. Осори аслӣ ва мавҷуди Айнулқузоти Ҳамадонӣ инҳо мебошанд:

1. «**Назҳат-ул-ушшоқ ва наҳзат-ул-муштоқ**». Ин девони ашъори Айнулқузот аст, ки шомили наздик 1000 байт насиб (баъзе ғазал гуфтаанд) мебошад ва, зоҳиран, дар 10 рӯз суруда шудааст. Айнулқузот дар китоби «Шаква-л-ғариб» дар ин хусус маълумоти мухтасар медиҳад ва барои шоҳид 15 мисраи онро, ки дар баҳри раҷаз суруда шудааст, меорад:

«و من مُوَلَّدات خاطِرى ألفُ بيتِ فى النسيب سَمح بها الخاطِرُ فى عشرةِ أيامٍ وهى مجموعةٌ فى صحيفَةِ تُعرَفُ «نُزهَة العُشاق و نهزَةِ المشتاق» و هذه الأُرجوزةُ منها:

وَ غادَةٍ مِن سَلَفى مَعَدِّ　　تُعزَى اِلى خيرى اَبٍ و جَدِّ
يَكتِفُها جَحاجِحُ كَالأُسدِ　　تَغزوالعِدى عَلى جِيادِ جُردِ
بِكُلِّ صَمصامٍ صَقيلُ الحَدِّ　　وَ ذابِلٍ مِنَ الرِّماحِ المُلدِ
زارَت وَ صَحبى هُجَّعُ بِنَجدِ　　فى خَفِراتٍ مِن غَوانى سَعدِ
وَ طِئنَ هاماتِ الرُّبى وَالوَهدِ　　اِلى رَحيبِ الباعِ وارِى الزَّندِ
يَلبَسنَ ثوبَى كَرَمٍ وَ مَجدِ　　فَبِتنَ فى عَيشِ لَذيذٍ رَغدِ
وبِتُّ جِذلانَ وَ هِندُ عندى　　اَلثَمُها مُتَشَّحاً بِالرَّندِ
وَ اجتَنىِ بِاللَّثمِ وَردَالخَدِّ »

**Тарҷума:** «Аз фарзандони зодаи хотирам ҳазор байт ғазал аст, ки бахшиши даҳрӯзаи табъи мананд ва дар саҳифаи маъруф ба «Назҳат-ул-ушшоқ ва наҳзат-ул-муштоқ» гирд омада ва ин қисмат дар баҳри раҷаз аз он абёт аст:

Бонуе, ки аз ҷониби падару модар, аз қабилаи «Маад(д)» ва ба беҳтарин падар ва падарбузург мансуб аст,

Ва бузургоне ҳамчун шер ӯро мепарваранд ва савор бар асбҳои хушнажод бо душманон меҷанганд,

Бо шамшерҳои тездам бо найзаҳои борик ва нарм

Ба дидорам омад, дар ҳоле, ки дӯстони ман дар «Наҷд» миёни духтарони маҳбуби қабилаи «Саъд» буданд.

Фарози теппаҳо ва нишеби гавдолҳоро барои расидан ба шахсияте кушодабозу ва растагор паймуданд.

Ҷомаҳои бахшиш ва бузурге ба тан карда ва шабро дар айши хуш ва гуворое ба рӯз оварда.

Ва ман дар ҳоле ки «Ҳинд» дар канорам буд ва гулӯбанде аз гули хушбӯйи «ранд» ба гардан дошт ва мебӯсидамаш, шабро ба рӯз меовардам

Ва ба бӯса гули сурхи гунаашро мечидам» [175, к. 1, с. 40-41; 162, с. 58].

А. Усайрон ин асарро дар қатори осоре овардааст, ки Айнулқузот онҳоро дар даврони ҷавониаш таълиф намуда, аз онҳо ҷуз ном ва иттилооти андак чизе ба даст наомадааст. Донишманди мазкур ин асарро рисола мехонад ва мегӯяд: «Ин рисола ҳазор байт шеър аст, ки ба сурати тағаззул суруда шудааст» [172, с. 3]. Р. Фарманиш низ ин асарро яке аз осоре медонад, ки то кунун ба даст наомадаанд ва онро маҷмуаи ашъоре дар насиб мехонад, ки фарогири 1000 байт аст [173, поёни дебоча]. Ҳ. Баннопур асари мазкурро яке аз осоре медонад, ки танҳо номе аз онҳо боқӣ мондааст ва мисли А. Усайрон, Р. Фарманиш ва Қ. Ансорӣ [162, с. ҳашт] дар шеваи ғазал суруда шудан ва шомили 1000 байт будани он ёд мекунад [336, с. 93]. И. Умарзода дар як китоби худ ҳини номгӯи осори Қозӣ бештар ба маълумоти А. Усайрон такя мекунад ва асари мазкурро рисолае мехонад, ки дорои характери ирфонӣ ва шомили 1000 байт мебошад, аммо номи асарро ба иштибоҳ «Назҳатулушшоқ ва назҳатулмуштоқ» («Покизагии ишқ ва покии ошиқон») овардааст [294, с. 32]. Дар китоби дигараш номи асарро ба ихтисор меорад ва аз мавзуи баҳси он чунин ёд мекунад: ««Нузхат-ул-ушшок» (небольшая поэма, посвященная некоторым проблемам суфизма, в частности, проблеме любви)» [295, с. 12].

А. Мунзавӣ дар қиёс бо донишмандони фавқуззикр аз девони ашъори арабӣ будани ин асар ва мавҷудияти як нусхаи он хабар медиҳад. Бино ба ахбори А. Мунзавӣ, нусхае аз ин девон, ки 8-уми шаъбони соли 641ҳ. (баробар ба 21-уми январи соли 1244м.) китобат шудааст, дар Китобхонаи Маръашӣ дар Қум мавҷуд мебошад. Агар замони шаҳодати Айнулқузотро 525ҳ. гӯем, пас ин нусха баъди 116 соли қатли ӯ китобат шудааст. Чунонки ишора шуд, Айнулқузот дар «Шаква-л-ғариб» ин девонро шомили ҳазор байт мехонад. Дар дебочаи ин девон низ, ки А. Мунзавӣ қисме аз оғози онро нақл намудааст, миқдори абёти онро 1000 байт гуфтаанд [171, ч. 3, с. 28], аммо нусхаи мазкур, ки фотокопияи он зери дасти А. Мунзавӣ қарор доштааст, аз 154 барг иборат буда, дорои 164 банд ва ҳар банд аз 2 то 8 байт будааст, ки дар маҷмуъ 933 байтро ташкил медиҳанд [171, ч. 3, с. 28]. Чун ин нусха тоза ба даст омадааст ва аксари муҳаққиқон аз мавҷудияти он иттилоъ надоранд, донишманди мазкур чанд сатрро аз оғоз ва анҷоми он нақл намудааст [171, ч. 3, с. 28-29]. М. Вазин низ дар мақолаи «Мируре бар осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ» аз мавҷудияти нусхаи мазкур дар Китобхонаи марҳум Оятуллоҳ Маръашӣ ва дар феҳристи китобхонаи мазкур, ки ба қалами Сайид Аҳмади Ашкурӣ мутааллиқ аст, муаррифӣ гардидан ва дар ихтиёри ҳамагон қарор доштани он хабар медиҳад ва пораеро аз оғозу анҷоми нусхаи мазкур меорад [345, с. 119].

**2. Қасидае дар мадҳи Муҳаммад(с) ва хулафои рошидин.** Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар фасли дувуми «Шаква-л-ғариб», ки «Дар имон ба нубувват» унвон дорад, аз замони суруда шудан, мавзуъ ва теъдоди умумии ин қасида ба таври зер ёд мекунад ва барои шоҳид се байти онро нақл месозад: «و قد حَيَّرتُ فی عُنفُوان الصِبی قصیدةً ، أحلی من المُنَی فی الفؤاد و ألذُّ مِن وِصال الأحِبَّةِ بعد طولِ البِعد ، مَدحتُ بها رسول الله – صلی الله علیه – و الخلفاءَ الراشدین – رضی الله عنهم أجمعین – بل مدحتُ نفسی و شِعری حین تَصدَّیتُ لذلک ، و هی تَشتمِلُ علی سبعین بیتاً و هذه الأبیات منها:

سَأُزجی اِلَیهِ یَعمَلاتِ سَواهِماً　　طَلائِحَ أنضاها التَّوَقُّصُ وَ الوَخدُ

وَ اُکحِلُ أجفَانَ الوِجَاءِ بِتُربَةٍ　　ثَوی جِسمُهُ فِیهَا فَأَجفانُهُ رُمدُ

وَاِن لَم تُبَلِّغنِی اِلَیهِ رَکائِبی　　فَلا سَرَّها عُشبُ وَ لا ضَمَّها وِردُ.[175, к. 1, с. 45].

Иқтибоси фавқро Қ. Ансорӣ чунин тарҷума кардааст: «Ман дар унфувони кӯдакӣ қасидае сурудаам, ки ширинтар аз орзуи дилҳо ва гуворотар аз расидан ба дӯстон аст (дӯстоне, ки муддате тулонӣ ҷудоии онҳо таҳаммул шудааст) ва дар он расули Худо (с) ва хулафои рошидин-разияллоҳу анҳумро мадҳ кардаам, балки худ ва шеърамро ба сурудани он сутудаам. Қасида муштамил бар ҳафтод байт ва абёти зер аз онҳост:

Шутурони хаста ва лоғареро (ки тунд ва йӯрға рафтан лоғарашон кардааст) ба сӯи ӯ меронам.

Ва чашмони бемори орзуро ба хоке, ки тани ӯ дар он ҷо гирифта ва дидагонаш хуфта, сурма мекашам.

Агар маркабҳоям маро ба ӯ нарасонанд, гиёҳе он ҷоро сабзу хуррам накунад ва чашмае серобаш насозад» [162, с. 62-63].

Аз иқтибоси боло маълум мешавад, ки Айнулқузот ин қасидаи худро дар айёми ҷавонӣ, зоҳиран, то бистсолагии худ гуфтааст. Он аз ҳафтод байт иборат буда, дар васфи расул (с) ва чаҳор ёри ӯ – Абубакру Умару Усмон ва Алӣ суруда шудааст.

А. Мунзавӣ дар фасли «Осори Айнулқузот» аз мавзуъ ва миқдори абёти ин қасида ёд мекунад ва мегӯяд, ки Қозӣ се байти онро дар «Шаква-л-ғариб», зоҳиран, ҷиҳати таъкиди суннӣ будани худ нақл намудааст [171, ҷ. 3, с. 29]. Р. Фарманиш ин қасидаро «ҳафтод байт шеъри арабӣ (дар мадҳи ҳазрати расул (с) ва хулафои рошидин)» гуфта ва дар қатори осоре зикр кардааст, ки то кунун ба даст наомадаанд [173, поёни дебоча]. А. Усайрон [172], Қ. Ансорӣ [162], Ҳ. Баннопур [336] ва И. Умарзода [294; 295] ҳангоми номгӯи осори Айнулқузот аз мавҷудияти ин қасида ёд накардаанд. Асли ин қасида ҳанӯз ба даст наомадааст ва ягона сарчашмае, ки аз суруда шудани он хабар медиҳад ва се байти онро нақл месозад, «Шаква-л-ғариб» мебошад.

**3. Рисолаи Ҷамолӣ**. Матни комили ин рисола дар поёни ҷилди дувуми «Номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ» оварда шудааст [171, ҷ. 2, с. 483-488]. Дар хусуси ин рисола байни донишмандон ақоиди мухталиф ба назар мерасад. А. Усайрон ин рисоларо дар қатори осоре овардааст, ки Айнулқузот онҳоро дар

даврони ҷавонӣ таълиф намуда, аз онҳо ҷуз ном ва иттилооти андак чизе ба даст наомадааст [172, с. 2]. Аммо пас аз овардани унвон аз мавҷудияти як нусхаи ин рисола, сохт, мавзуи баҳс ва замони таълифи он ба таври зер хабар медиҳад: «Ин рисола чаҳор сафҳа аст, ки дар се фасл навишта шуда ва дар Китобхонаи Мулло Мурод, замимаи «Мактубот», аз сафҳаи 235 то 238-ум сабт шудааст. Матолиби ин рисола дар бораи зарурати баъсати паёмбарон ва дармони бемориҳои рӯҳӣ аст. Замони таълифи ин рисола пеш аз таснифи «Рисолаи Алоӣ» мебошад» [172, с. 2].

А. Усайрон дар мавриди баёни замони таълифи «Рисолаи Ҷамолӣ» ба иштибоҳ роҳ дода ва бар он бовар аст, ки таълифи ин рисола қабл аз таълифи «Рисолаи Алоия» сурат гирифтааст. Дар асл «Рисолаи Ҷамолӣ» баъд аз «Рисолаи Алоия» таълиф шудааст, зеро худи Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар оғози «Рисолаи Ҷамолӣ» аз замони таълифи рисолаҳои мазкур ба таври зер хабар медиҳад: «... китобе кардам дар ин маънӣ ба тозӣ ва «Рисолати Алоӣ»-аш ном кардам аз баҳри хизонаи Мавлоно Тоҷуддин Алоуддавла. Ва чун аз он китоб бипардохтам, ин рисолатро ба порсӣ сохтам аз баҳри подшоҳзода Ҷамолуддин Шарафуддавла азза насраҳу. Ва ин китобро ном «Рисолати Ҷамолӣ» кардам...» [171, ҷ. 2, с. 483].

Дар иқтибоси боло Айнулқузот мегӯяд, ки «чун аз он китоб (мурод «Рисолаи Алоия» - З.Ҳ.) бипардохтам, ин рисола (мурод «Рисолаи Ҷамолӣ»- З.Ҳ.)-ро ба порсӣ сохтам». Аз ин гуфта равшан мешавад, ки Айнулқузот пас аз таълифи «Рисолаи Алоӣ» ба навиштани «Рисолаи Ҷамолӣ» даст задааст, на баръакс.

И. Умарзода низ ба монанди А. Усайрон дар мавриди ин рисола андешаи мухталиф дорад. Нахуст аз унвон, забони таълиф, мавзуи баҳс ва ба кӣ бахшида шудани он ёд намуда, барои тақвияти гуфтор аз матни рисола иқтибосҳо меорад, вале сипас ин рисоларо аз ҷумлаи осоре мехонад, ки «ба ҷуз ном, чанд ҷумла ва ё чанд байт, ки дар «Шаква-ул-ғариб» ва мактуботи ӯ дида мешаванд, дигар чизе боқӣ намондааст» [294, с. 33-34].

Р. Фарманиш ин рисоларо аз ҷумлаи осори бадастомада медонад ва мегӯяд, ки он «дар баёни нисбати анбиё ва Қуръон бо халқ» буда, дар се фасл ба забони форсӣ нигошта шудааст ва матни он дар ҷузви мактубот мавҷуд буда, то ҳанӯз чоп нагардидааст [173, дебоча, с. «вов»].

**Мухтасар дар бораи сохт ва мавзуи баҳси рисола.** Чунонки ишора шуд, матни аслии «Рисолаи Ҷамолӣ» ҳамчун номаи 127-ум дар ҷилди дувуми «Номаҳо»-и Айнулқузот оварда шудааст [171, ҷ. 2, с. 483-488]. Рисола бо шукру сипоси Худованд ва дуруди пайғомбар- Муҳаммад(с) ва аҳли байти ӯ оғоз шудааст. Сипас Қозӣ дар бораи сабаби таълифи «Рисолаи Алоӣ» ва ба Тоҷуддин Алоуддавла бахшида шудани он ва минбаъд аз баҳри подшоҳзода Ҷамолуддин Шарафуддавла ба таълифи ин рисола пардохтан ва онро «Рисолаи Ҷамолӣ» унвон кардани худ сухан намудааст.

Рисола аз се фасл иборат аст. Дар фасли аввал муаллиф халқро ба беморон, пайғамбаронро ба табибон ва Қуръони каримро ба доруханае монанд мекунад ва мегӯяд, ки доруи ҳамаи беморон он ҷо аст, чунонки гӯяд: «Бидон, ки мисоли пайғамбарон мисоли табибон аст ва мисоли халқ беморон ва мисоли Қуръон мисоли хизона. Доруи ҳама беморон он ҷо бувад ва барои ин гуфт Ҳақ таоло: «وَنُنَزِّلُ مِنَ الْقُرْآنِ مَا هُوَ شِفَاءٌ وَرَحْمَةٌ لِلْمُؤْمِنِينَ» («Ва аз Қуръон он чиро фуруд меорем, ки вай барои муъминон шифо ва раҳмат аст...» - сураи Исро (17), ояти 82-юм - З.Ҳ.) [171, ҷ. 2, с. 483].

Қозӣ кофирон ва фосиқонро, ки тибқи фармудаи пайғамбар (с) амал намекунанд, ба бемороне ташбеҳ мекунад, ки сухани табиб намегиранд ва бемориашон ҳар рӯз зиёдтар мегардад. Ҷиҳати тақвияти ин фикр қисмате аз ояти 125-уми сураи Тавба ва ояти 10-уми сураи Бақараро нақл месозад. Муъминонеро, ки тибқи фармудаи расул (с) амал мекунанд ва имонашон ҳар рӯз ба пайғамбар (с) ва Қуръон зиёд мегардад, ба бемороне монанд мекунад, ки тибқи фармудаи табиб амал месозанд ва имонашон ҳар рӯз нисбат ба табиб ва дору меафзояд. Барои шоҳиди ин сухан қисмате аз ояти 17-уми сураи Муҳаммад ва ояти 4-уми сураи Фатҳро меорад [171, ҷ. 2,, с. 484]. Чунонки табиб ба бемор мувофиқ ба беморияш дору мефармояд, Худованд пайғамбарро

(с) амр намудааст, ки мувофиқ ба қадри фаҳми муъминон ба онҳо сухан гӯяд. Қозӣ дар ин хусус мегӯяд: «Ва чунонки табиб муолаҷати бемор дархури беморӣ кунад, баъзеро доруи талх фармояд ва баъзеро доруи ширин ва баъзеро доруи андак ва баъзеро бисёр, ҳамчунин Эзад таоло хитоб мекунад бо пайғамбар, салъам, ки «وَأَنْذِرْ عَشِيرَتَكَ الْأَقْرَبِينَ» («Ва хешовандони наздики худро бим кун» - сураи Шуаро (26), ояти 214-ум аст, аммо таҳиягарони матн дар ҳошияи сафҳа ояти мазкурро ба иштибоҳ аз сураи 24-ум, яъне Нур донистаанд - З.Ҳ.). Маънӣ он аст, ки бо Алии Бутолиб, ки сипаҳсолори дин аст, сухан бемуҳобо гӯ ва хабараш деҳ аз қаҳр ва ҷабарути мо ва бигӯ, ки: «إِنَّ اللَّهَ عَزِيزٌ ذُو انْتِقَامٍ» («...Ҳамоно Худованд ғолиб ва соҳиби интиқом аст» - сураи Иброҳим (14), қисмати охири ояти 47-ум - З.Ҳ.). Боз Суҳайб ва Билол, ки шикастадилонанд, тақвият деҳ ба лутфи мо ва бигӯ, ки: «إِنَّ اللَّهَ عَزِيزٌ غَفُورٌ» («Ба ростӣ ки Худо Ғолиби Омурзанда аст» - сураи Фотир (35), қисмати охири ояти 28-ум – З.Ҳ.). Пас ҳамчунин пайғомбар, салъам, ҳамин васият мекунад ҷамоатро, ки меросдорони ӯянд аз уламо, ки: «Каллиму-н-носа ало қадри уқулиҳим», яъне агар бо касе аз олами хавф бояд гуфт, ӯро аз олами раҷо магӯед, ки ӯро ҳалок кунед ва ҳамчунин бо касе, ки раҷо бар ӯ ғолиб бошад, агар шумо ҳам он раҷо бо вай бигӯед, ӯро ҳалок карда бошед...». Хуршед на муҷрим ар касе бино нест» [171, ҷ. 2, с. 484-485]. Мисраи мазкур маъхуз аз рубоие аст, ки шакли комили он дар номаи 106-уми суханвар ба таври зайл омадааст:

Дар ишқ ҳадиси Одаму Ҳавво нест,
Эй ҳар ки на ошиқ аст, ӯ аз мо нест.
Гӯянд маро, ки ин сухан зебо нест,
Хуршед на муҷрим, ар касе бино нест [171, ҷ. 2, с. 411].

Аммо дар поёни фасли «Тамҳиди асли робеъ»-и китоби «Тамҳидот» ин рубоӣ ба гунаи зер омадааст, ки ҳам аз ҷиҳати услуби баён ва ҳам аз лиҳози вазни шеър холӣ аз хатои матншиносӣ нест:

Дар ишқ ҳадиси Одаму Ҳавво нест,
Эй ҳар ки зи Одам аст, ӯ аз мо нест.

Моро гӯнд, к-»ин сухан зебо нест,

Хуршед номаҳрам аст, каси бино нест» [172, с. 64].

Зоҳиран, ҳамаи халқ ба беморие (мушкилие, сахтие, гуноҳе ва ғ.) гирифторанд ва доруи шифобахши ҳамаи онҳо каломи Худованд аст. Бемор (халқ)-ро лозим аст, ки ин дору (оёти Қуръони карим) тибқи фармудаи табиб (пайғамбар (с) истеъмол кунад, дар акси ҳол суд нахоҳад кард. Айнулқузот ин маъниро бисёр равшан ва ба таври зер баён кардааст: «Ва агар на он будӣ, ки маъҷунҳои рангоранг будӣ дар Қуръон Худои таоло нагуфтӣ, ки: « قُلْ كُلٌّ يَعْمَلُ عَلَى شَاكِلَتِهِ» («Бигӯ: «Ҳар касе бар тариқаи худ кор мекунад» - сураи Исро (17), қисмати аввали ояти 84-ум - З.Ҳ.), маънӣ он аст, ки ҳар бемор аз он маъҷун хӯрад, ки пайғомбар, салъам, фармояд, ки ин вайро суд дорад. Яке ин маъҷун хӯрад, ки: «فَاعْلَمْ أَنَّهُ لَا إِلَهَ إِلَّا اللَّهُ» («Пас, яқин кун, ки ба ҷуз Худо ҳеҷ маъбуде нест» - сураи Муҳаммад (47), қисмати аввали ояти 19-ум - З.Ҳ.) ва яке ин хӯрад, ки: «وَأَقِيمُوا الصَّلَاةَ وَآتُوا الزَّكَاةَ» («Ва намозро барпо доред ва закотро бидиҳед» - сураи Бақара (2), қисмати аввали ояти 43-юм аст - З.Ҳ.) ва яке ин хӯрад, ки: «اتَّقُوا اللَّهَ وَذَرُوا مَا بَقِيَ مِنَ الرِّبَا» («...аз Худо ҳазар кунед; ва агар аз аҳли имон ҳастед, он чиро, ки аз суд мондааст, тарк кунед» - сураи Бақара (2), қисмате аз ояти 278-ум - З.Ҳ.)... ва бештари Қуръон ҳама шарҳи маъҷунҳо ва матбухҳо ва шарбатҳои бемории мухталифи халқ аст.

Аввалу охири Қуръон зи чӣ «бо» омаду «син»,

Яъне андар раҳи дин раҳбаратон Қуръон бас» [171, ч. 2, с. 485-486].

Сипас, Айнулқузот аз мушкилоти тайи водии илми нубуввват сухан мекунад ва мегӯяд, ки ҳазорон нафар мардони мард аз мушкилоти он саргаштаву ҳайрон мондаанд, зеро ин раҳ саропо оташ аст ва тайи он ба ҷон бояд, на ақдом:

Оташ аст ин раҳ аз он ақдом сӯзад рӯзу шаб,

Ҷуз ба ҷон рафтан дар ин раҳ як қадамро ёр нест [171, ч. 2, с. 485].

Айнулқузот на танҳо ҳофиз ва олими Қуръон, балки шореҳ ва муфассири беназири Қуръон аст. Дар бисёр маврид баъди овардани оёти Қуръон ба шарҳу тафсири онҳо мепардозад. Бешак, аксари ин шарҳу тафсири оёти Қуръон

махсуси қалами Қозӣ аст ва, зоҳиран, дар ҳеч як тафосири Қуръон ба назар намерасанд. Шоҳиди ин фикр шарҳу тафсири чанд ояти Қуръон аст, ки дар иқтибоси боло зикр шуд. Муқоисаи шарҳу тафсири оёти қуръонии осори Айнулқузот бо китобҳои тафосири Қуръон сухани моро тақвият хоҳанд дод. Аммо ин мавзуъ баҳс ва таҳқиқи ҷудо мехоҳад.

**Фасли дувум.** Айнулқузот дар ин фасл мегӯяд, ки пайғамбарон ва олимонро воҷиб аст, ки ба муолаҷати беморон (халқ) машғул шаванд ва ҳар беморро дархури бемории ӯ илоҷ созанд. Олимро ба доруе муолаҷа созанд, ки ҷоҳилро нашояд. Афзун бар ин, мухтасар дар бораи бисёр гаштани аҳли бидъат, хавосро воҷиб будани муолаҷати авом, фарқи уламо ва хавос аз авом, мушкилоти илмомӯзӣ ва ғ. сухан мекунад. Бино ба қавли Қозӣ, уламо ва хавосро шартҳои зиёд пеши роҳ аст ва на ҳар як омӯзандаи илм ва равандаи ин тариқ метавонад ба мурод расад. Агарчи беш аз панҷоҳ соли умр сарфи омӯзиши илм мекунанд, танҳо андаке олим шаванд ва аксар зандиқӣ берун оянд [171, ҷ. 2, с. 486-487]. Ниҳоят, аз авоме ёд мекунад, ки хабаре аз илм надоранд ва худро бо уламо баробар месозанд ва ҳатто аҳли илмро кофир мехонанд. Чунончи, дар ин хусус гӯяд: «Пас аҷаб аз авом, ки ҳаргиз як соат дар талаби илм сарф накарда бошанд ва хештанро баробар кунанд бо касоне, ки рӯзу шаб хуни ҷигар хӯранд ва дар талаби ҳар масъала чандон ранҷ кашанд, ки кӯҳ аз он бигдозад, ло балки бар ин ихтисор намекунанд ва уламоро кофир ва мубтадеъ хонанд ва аҳли илм дар эшон ба чашми раҳмат нигаранд ва ба ҷавоби эшон машғул нагарданд ва забони ҳол аз эшон аз ин маънӣ ҳикоят кунад, ки:

Фардо, ки бар ману ту вазад боди меҳргон,
Он гаҳ шавад падид, ки аз мо ду мард кист?» [171, ҷ. 2, с. 487].

**Фасли савум**. Қозӣ дар ин фасл аз касоне сухан оғоз мекунад, ки рӯ ба илми калом овардаанд. Онҳоро ба бемороне монанд мекунад, ки ба доруи ҳалол сиҳҳат нашаванд ва ба ҳукми зарурат ба доруи ҳаром муолаҷа кардани онҳо ҳалол бошад. Айнулқузот ҳамчун олими дин ва фақеҳи беназир ин навъи муолаҷаро ба нӯшидани шароб ва хӯрдани гӯшти хук, ки дар шариат ҳаром

аст, ташбеҳ мекунад ва мегӯяд: «… ва дар шаръ хамр ҳаром аст, валекин агар беморе бувад, ки табибон гӯянд «шифои ин дар хамр хӯрдан аст ва агар хамр нахӯрад, бимирад», қатъан ӯро хамр ҳалол бувад ба иҷмои ҳамаи уламои дин. Ло бал агар нахӯрад, осӣ бувад, ҳамчунонки касе бе ин зарурат хӯрад. Ва ҳамчунин гӯшти хук ва мурдор ҳаром аст, валекин ба вақти зарурат мубоҳ бувад, ҳамчунин раво набувад, ки касе калом хонад, илло дар зарурат, ки дар рӯзгори пайғамбар, салъам, ба калом машғул набудандӣ ва на ба рӯзгори саҳоба (раз.) ва пас аз эшон фирақи мубтадиа падид омаданд ва пайғамбар, салъам, мегӯяд: «Куллу муҳдасин бидъатун ва куллу бидъатин залолатун». Маънӣ он аст, ки ҳар чӣ пас аз ман падид ояд, ки он маъҳуд набошад аз ман, бидъат ва залолат бувад, аз он бипарҳезед» [171, ч. 2, с. 487-488].

Айнулқузот дар иқтибоси фавқ ҷое, ки хамр ва гӯшти хукро ба зарурат мубоҳ медонад, зоҳиран, ба фармудаи ояти 173-юми сураи Бақара (2) ва ояти 3-юми сураи Моида (5) ишора мекунад. Афзун ба ин, аз фирақи мубтадиа ва бо такя ба ҳадиси расул (с) аз маънии бидъат ва залолат хабар медиҳад.

**4. Зубдат-ул-ҳақоиқ**. Ин асар ба забони арабӣ буда, бо ҳамду сипоси Худованд ва дуруди расул (с), аҳли хонадон ва ёрони ӯ оғоз шудааст [175, к.2, с. 1]. Сипас, суханвар дар бораи унвон, сохти асар ва мавзуи баҳси он ба таври зер хабар додааст: «و بعد فهذه اللُمعة موسومة «بزُبدة الحقايق» مشتملةٌ على كشف الغطاء عن الاصول الثلاثة التى تعبّد بها كافة الخلائق. و قد أودعتها مائة فصل و وشحتها بُنكت دقيقة من كل أصل. و هى عدّة كاملة للطالبين فى أصول الدين و غُنية وافية بمقاصدالسالكين من علم اليقين الى عين اليقين» (Ин асари дурахшон «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ном дорад ва равшангару дарбаргирандаи се асле аст, ки ҳамаи мардум ба сабаби он бандагӣ мекунанд. Онро дар сад фасл пардохтам ва ҳар аслеро ба нукоте борик оростам, ки барои толибони усули дин омодагии комил ва барои мақсуди соликон, аз илм-ул-яқин ба айн-ул-яқин, андӯхтае кофӣ аст) [175, к. 2, с. 1; 162, с. 81]. Аз иқтибоси мазкур равшан мешавад, ки ин асар «Зубдат-ул-ҳақоиқ» унвон дошта, муштамил ба се асл ва сад фасл аст, ки ҷиҳати омодагии комили толибони усули дин ва ба мақсуд расидани соликони роҳи Илоҳ аз илм-ул-яқин ба айн-ул-яқин андухтаниҳо дорад.

Аҳаммияти ин асар боз дар он аст, ки худи муаллиф дар бораи сабаби таълиф ва мавзуи баҳси «Рисолаи Алоия», айёми машғул гаштан ба таҳсили улум, муддате аз талаби илм ва таълифот даст кашидан ва боз бо талаби ёрон ба таълифи ин асар даст задан, ҳамчунин дар бораи «Ғоят-ул-баҳси ъан маън-ал-баъси» ва мавзуи баҳси он ҳикоят мекунад. Аз гуфтаҳои Қозии Ҳамадон маълум мешавад, ки ӯ рисолаи «Ғоят-ул-баҳси ъан маън-ал-баъси»-ро дар бистуяксолагӣ ва ин асар, яъне «Зубдат-ул-ҳақоиқ»-ро дар бистучаҳорсолагӣ таълиф сохтааст [175, к. 2, с. 1-3]. Аз муқаддимаи асари мавриди баҳс равшан мешавад, ки сабаби таълиф ва ангезандаи аслии нигориши ин асар ду ғараз будааст: 1) дархости ёрон ва бародарон, ки пайваста аз ӯ талаб мекарданд, рисолае сода ва мухтасар барои исботи ақлии илм ба зот ва сифоти Худованд, имон ба ҳақиқати нубувват ва рӯзи қиёмат бинависад [175, к. 2, с. 3-4]; 2) Айнулқузот ин ғараз: «أن تكون هذه الفصول ذخراً يجنّب الطالب مهالک العلم», яъне барҳазар доштан ҷӯяндаи ҳақиқатро аз партгоҳи илм унвон намудааст, ба ибораи дигар, ин фусул андӯхтаҳое бошад, ки толибонро аз афтодан ва лағжиданҳои раҳи илм дур дорад. Муаллиф ин ҷо аз душвориҳои паймудани роҳи Илоҳ, ки дарёҳои жарфу ғарқкунанда, оташҳои сӯзонанда, кӯҳҳои баланд, биёбонҳои пур аз раъду барқ дорад ва васфашон тавассути забон муҳол аст, баҳс намудааст [175, к. 2, с. 4-5].

А. Усайрон дар муқаддимаи «Тамҳидот» дар хусуси ба забони арабӣ таълиф гардидани «Зубдат-ул-ҳақоиқ», ҳини таълифи он 24-сола будани Қозии Ҳамадон ва мавзуоти баҳси асар ба таври бисёр мухтасар ёд кардааст [172, с. 4]. Баъзе аз тазкиранигорон ва муҳаққиқон «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Тамҳидот»-ро ба иштибоҳ як асар methodologies дониста ва ё «Тамҳидот»-ро тарҷумаи форсии «Зубдат-ул-ҳақоиқ» пиндоштаанд. Баъзе аз муҳаққиқони осори суханвар Абдураҳмони Ҷомиро нахустин ва ё яке аз тазкиранигороне медонанд, ки ба иштибоҳ «Тамҳидот»-ро тарҷумаи форсии «Зубдат-ул-ҳақоиқ» гуфтаанд [172, муқаддима с. 5; 397, с. 54]. Ҳангоми муқоисаи матни аслии «Зубдат-ул-ҳақоиқ» бо «Нафаҳот-ул-унс» равшан гашт, ки Абдураҳмони Ҷомӣ дар китоби «Нафаҳот-ул-унс» пораеро аз китоби «Зубдат-

ул-ҳақоиқ» ба форсӣ-тоҷикӣ тарҷума кардааст. Чунончи, Мавлоно Ҷомӣ мегӯяд: «Айнулқузот дар китоби «Зубдат-ул-ҳақоиқ» мегӯяд, ки: «Баъд аз он ки аз гуфтугӯи улуми расмӣ малул шудам, ба мутолааи мусаннафоти Ҳуҷҷат-ул-ислом иштиғол намудам ва муддати чаҳор сол дар он будам. Чун мақсуди худ аз он ҳосил кардам, пиндоштам, ки ба мақсуди худ восил шудам... Ва наздик буд, ки аз талаб бозистам ва бар он чӣ ҳосил карда будам аз улум, иқтисор намоям ва муддати як сол дар ин бимондам. Ногоҳ сайидӣ ва мавлавӣ аш-шайх-ул-имом, султон-ут-тариқа Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Ғаззолӣ, раҳимаҳу-л-Лоҳу таоло, ба Ҳамадон, ки мавтини ман буд, ташриф овард. Ва дар суҳбати вай дар бист рӯз бар ман чизе зоҳир шуд, ки аз ман ва талаби ман ғайри худ ҳеч боқӣ нагузошт...» [185, с.414-415]. Иқтибоси мазкур тарҷумаи форсӣ-тоҷикии порае аз муқаддимаи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» аст [175, к. 2, с. 6-7]. Баъд аз иқтибоси мазкур Мавлоно Ҷомӣ пораи зерро аз осори Айнулқузот овардааст: «Ва ҳам вай (Айнулқузот- З.Ҳ.) гуфта, ки: «Падарам ва ман ва ҷамоате аз аиммаи шаҳри мо ҳозир буданд, дар хонаи Муқаддами Сӯфӣ. Пас мо рақс мекардем ва Бусаиди Тирмизӣ байтаке мегуфт. Падарам бингарист ва гуфт: «Хоҷа Аҳмади Ғаззолӣ, қаддаса-л-Лоҳу руҳаҳу, дидам, ки бо мо рақс мекард ва либоси ӯ чунин ва чунон буд ва нишон медод, ба тариқи мукошифа. Абусаид гуфт: «Маргам орзуст». Ман гуфтам: «Бимир!». Дарҳол беҳуш шуд ва бимурд. Муфтии вақт ҳозир буд, гуфт: «Чун зиндаро мурда мекунӣ, мурдаро низ зинда тавонӣ кард?» Гуфтам: «Мурда кист?» Гуфт: «Фақеҳ Маҳмуд». Гуфтам: «Худовандо, фақеҳ Маҳмудро зинда гардон!». Дарсоат зинда шуд...» [185, с. 415].

Иқтибоси мазкур аз «Тамҳидот»-и Айнулқузот аст [172, с. 250-251], ки Абдураҳмони Ҷомӣ онро бо андаке тағйир овардааст. Лозим ба зикр аст, ки Ҷомӣ қабл аз иқтибоси фавқ «Ва ҳам вай гуфта» мегӯяд, аммо аз «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ё асари дигар будани онро таъкид накардааст. Аммо А. Усайрон ва баъзе аз муҳаққиқони дигар таъкид намудаанд, ки гӯё Мавлоно Ҷомӣ «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Тамҳидот»-ро як асар пиндоштааст [172, муқаддима, с. 5]. Аз ин ҷо, метавон хулоса намуд, ки Мавлоно Ҷомӣ ин ду асари Айнулқузот –

«Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Тамҳидот»-ро як асар нагуфта, балки пораи аввалро аз «Зубдат-ул-ҳақоиқ» гуфта ва аз забони арабӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума намудааст, иқтибоси сониро бе зикри унвони асар аз «Тамҳидот», ки худ ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълиф шудааст, бо андаке тағйир баён кардааст.

Муаллифи "Ҷавоҳир-ул-асрор» дар муқаддимаи китоби худ ҷое зикри Айнулқузот намуда, ӯро яке аз исавимашрабон ва ворисони илми Исо (а) мехонад ва барои шоҳид мазмуни иқтибоси фавқро аз «Тамҳидот» оварда, ба иштибоҳ номи асарро «Зубда» номидааст. Чунончи, гӯяд: «Ва Имом Айнулқузоти Ҳамадонӣ низ, раҳмату-л-Лоҳи алайҳ, тасреҳ кунад, ки маро машраби Исо алайҳи-с-салом ҳаст, ки Абусаид ба нафаси вай бимурд ва Маҳмуди фақеҳ зинда гашт ва тафсили қисса дар «Зубда» мастур аст» [160, с. 13]. Камолуддин Хоразмӣ ҷойи дигар аз сифати маъшуқ, ки истиғно аст ва сифати ошиқ, ки ифтиқор бошад, ёд намуда, Айнулқузотро яке аз муридони мазҳари алтофи раббонӣ, исавимашраб мехонад ва мегӯяд, ки «камолоту каромоти ӯ зоҳир аст, то ба ҳадде, ки эҳё ва амота ба қудрати Илоҳӣ дар дасти ӯ ба зуҳур пайвастааст» [160, с. 87]. Соҳиби «Райҳонат-ул-адаб» ба иштибоҳ «Зубдат-ул-ҳақоиқ»-ро дар асл ҳамон китоби «Тамҳидот» медонад, ки гӯё ба забони арабӣ ва форсӣ таълиф гардидааст [152, с. 224-225]. Аз ахбори Мирзо Муҳаммадалии Мударрис равшан мегардад, ки ӯ аз осори аслии Айнулқузот, махсусан «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Тамҳидот» иттилои дуруст надорад. Аввалан, ӯ «Зубдат-ул-ҳақоиқ»-ро дар асл номи дигари китоби «Тамҳидот» мехонад. Сониян, маълумоте, ки дар хусуси «Тамҳидот», сохту таркиб ва мавзуъву мундариҷаи он овардааст, саҳеҳ нест [152, с. 224-225]. Аз ин нигоҳ, ҳини таҳқиқи осори Қозӣ бояд дар ахбори муаллифи «Райҳонат-ул-адаб» таммул кард. Муаллифи тазкираи «Риёз-ул-орифин» низ ҳангоми баёни осори Айнулқузот ба иштибоҳ «Зубдат-ул-ҳақоиқ»-ро китобе медонад, ки ба «Тамҳидот» маъруф аст [178, с. 168].

А. Зарринкӯб асари мавриди баҳсро як рисолаи фалсафӣ ва марбут ба масоили мабдаъ ва маод дониста, матолиби онро сабаби ғавғои мухолифони суханвар ва, ниҳоят, ҳабсу қатли ӯ медонад [213, с. 168]. Донишманди мазкур

дар бораи мавзуи баҳси «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ёд намуда, «Тамҳидот»-ро идомаи ҳамон баҳс мехонад ва яке аз сабабҳои як асар пиндоштани баъзе аз тазкиранигорон ва пажуҳишгаронро оид ба як масоил баҳс намудани ду асари мазкур медонад, чунонки гӯяд: «Ҳадафи Қозӣ дар таснифи китоб («Зубдат-ул-ҳақоиқ»- З.Ҳ.) он буд, ки нишон диҳад дар боби зоту сифоти Худо ва имон ба ҳақиқат, нубуввату қиёмат сайру идроки ақл то куҷост. Ҳамин масоил буд, ки баъдҳо дар рисолаи «Тамҳидот»-и вай низ мавриди баҳс шуд, аммо «Тамҳидот», ки муҳимтарин асари форсии Айнулқузотро арза мекунад, ба як маъно ҳамон «Зубда» аст, бо баёни дигар мабсуттар ва шоиронатар. Шояд аз ҳамин рӯст, ки баъзе онро низ «Зубда» хондаанд ё бо «Зубдат-ул-ҳақоиқ»-и арабӣ халт кардаанд» [213, с. 168].

Лозим ба зикр аст, ки ду асари мазкур агарчи шабоҳати зиёд доранд, аз ҷиҳати мавзуи баҳс, сохт ва мундариҷа аз ҳамдигар фарқ мекунанд, аз ин рӯ «Тамҳидот»-ро баёни дигар ва шоиронатари «Зубдат-ул-ҳақоиқ» номидани А. Зарринкӯб чандон дуруст нест. Айнулқузот дар муқаддимаи «Тамҳидот» баъд аз ҳамди Худованд ва дуруд ба пайғамбар (с) ва Олу асҳоби ӯ ин китобро «Зубдат-ул-ҳақоиқ фӣ кашф-ид-дақоиқ» мехонад ва бо хоҳиши ҷамъе аз дӯстон ба таълифи он даст задани худро чунин баён мекунад: «Ҷамъе дӯстон дархостанд, ки аз баҳри эшон сухане чанд дарҷ карда шавад, ки фоидаи рӯзгор дар он бувад. Мултамаси эшон мабзул дошта омад ва ин китоб ба «Зубдат-ул-ҳақоиқ фӣ кашф-ид-дақоиқ» бар даҳ тамҳид тамом карда шуд, то хонандагонро фоида бувад» [172, с. 1]. Ба андешаи мо, яке аз сабабҳои «Тамҳидот»-ро китоби «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва ё тарҷумаи форсии китоби арабии Қозӣ хондани баъзе аз тазкиранигорон ва муҳаққиқон дар муқаддимаи он омадани ибораи «зубдат-ул-ҳақоиқ» аст, на мавзуи баҳси ягона доштани онҳо, ки устод Зарринкӯб таъкид доштааст. Аз ҷониби дигар, на танҳо байни «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Тамҳидот», балки байни осори дигари Айнулқузот низ масоилу мавзуоти шабеҳ, ҳатто такрори ашъори арабию форсӣ ҷой доранд.

Н.М. Ҳиравӣ китоби «Зубдат-ул-ҳақоиқ»-ро яке аз арзишмандтарин китобҳои Айнулқузот медонад, ки аз замони зиндагии суханвар то ба имрӯз

шуҳрати худро аз даст надодааст [407, с. 47]. Р. Фарманиш онро рисолаи мухтасаре медонад, ки дар сад фасл ба забони тозӣ таълиф гардидааст ва барои шоҳид наздик ду сафҳа аз оғози рисоларо айнан ба забони арабӣ нақл намудааст [398, с. 107-110]. Донишманди мазкур замони таълифи ин рисоларо соли 516ҳ./1122м. медонад [398, с. 110] ва далелаш ҳамон сухани Айнулқузот дар муқаддимаи китоби мазкур мебошад, ки худро бистучаҳорсола хондааст [175, к. 2, с.4]. Ин фикри Р. Фарманиш дар ҳоле дуруст хоҳад буд, ки замони таваллуди суханварро 492ҳ. гӯем. Чун замони таваллуди Қозӣ 490ҳ. муайян гардидааст, пас замони таълифи ин асарро метавон соли 514ҳ./1120м. гуфт. Донишманди мазкур забони насри ин асарро содаву бетакаллуф ва тақрибан холӣ аз истишҳод ба оёту аҳодис мехонад [398, с. 110], ки дар қиёс бо «Номаҳо» ва «Тамҳидот» нисбатан дуруст хоҳад буд, аммо дар маҷмуъ аз ояти 17-уми сураи Оли Имрон, ояти 77-уми сураи Қасас, ояти 60-уми сураи Наҳл, ояти 27-уми сураи Рум, ояти 11-уми сураи Шӯро, ояти 6-уми сураи Фатҳ, ояти 180-уми сураи Соффот, ояти 3-юми сураи Ихлос, ояти 3-юми сураи Ҷин ва ғ. бамаврид мадад ҷустааст, ки набояд нодида гирифт [175, к. 2].

**5. «Тамҳидот»**. Яке аз осори пурбаҳои Қозии Ҳамадон аст, ки ба забони ширини форсӣ-тоҷикӣ эҷод шудааст. Он аз муқаддимаи кӯтоҳ ва даҳ тамҳид иборат мебошад. Муаллиф дар муқаддима аввал ҳамду ситоиши Худо ва дуруди пайғамбар (с) ва аҳли хонадону асҳоби ӯ гуфта, сипас бо дархосту талаби ҷамъе аз дӯстон ба таълифи ин китоб даст задани худро таъкид сохтааст [172, с. 1]. Феҳристи матолиби китоб чунин аст: Тамҳиди асли аввал: Фарқи илми муктасаб бо илми ладунӣ [172, с.1-19]; Тамҳиди асли сонӣ: Шартҳои солик дар роҳи Худо [172, с.19-38]; Тамҳиди асли солис: Одамиён бар се гуна фитрат офарида шудаанд [172, с. 39-56]; Тамҳиди асли робеъ: Худро бишнос, то Худоро бишносӣ [172, с. 56-64]; Тамҳиди асли хомис: Шарҳи аркони панҷгонаи ислом [172, с. 64-96]; Тамҳиди асли содис: Ҳақиқат ва ҳолоти ишқ [172, с. 96-141]; Тамҳиди асли собеъ: Ҳақиқати руҳ ва дил [172, с. 141-167]; Тамҳиди асли сомин: Асрори Қуръон ва ҳикмати хилқати инсон [172, с. 168-203]; Тамҳиди асли тосеъ: Баёни ҳақиқати имон ва куфр [172, с. 204-254];

Тамҳиди асли ошир: Асл ва ҳақиқати осмону замин нури Муҳаммад (с) ва Иблис омад [172, с. 254-354]. Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба ин асари худ унвоне нагузошта ва намехостааст, ки ҳамагон – мардуми хосу ом аз матолиби он огоҳ шаванд, зеро аз мушкилоти авзои сиёсии замон ва аз фаҳму дарки ин матолиб бебаҳра будани аксар нек воқиф будааст. Дар ибтидо Қозӣ мехостааст, ки батафсил перомуни матолиби мазкури ирфонӣ баҳс кунад, аммо ниҳоят тасмим гирифтааст, ки ба таври гузида ва бо рамз, яъне пӯшида атрофи онҳо изҳори ақида намояд. Чунончи, худ дар тамҳиди охир ба ин маънӣ ишора намуда гуфтааст: «Дареғо, чӣ донӣ, ки дар ин тамҳид чанд ҳазор мақомҳои мухталиф вопас гузоштем ва аз ҳар оламе зубдае дар кисвати румуз бо олами китобат овардем! Падид бошад, ки аз он олам бо ин олам чӣ тавон овардан, ҷуръае аз косаи «لابَل هَذا كَثيرٌ قَطرَةٌ مِن بَحرٍ لُجِّيٍ لابَل شُعاعٌ مِن شَمسٍ» [172, с. 309].

Аз мутолааи ин китоб бармеояд, ки Айнулқузот дар ин асар вожаи «зубда»-ро ба касрат ба кор бурдааст ва дар муқаддима низ «ин китоб ба зубдат-ул-ҳақоиқ фӣ кашф-ид-дақоиқ бар даҳ тамҳид тамом карда шуд» мегӯяд [172, с. 1]. Зоҳиран, корбурди зиёди вожаи мазкур боис гардидааст, ки гурӯҳе аз тазкиранигорон ва муҳаққиқони осори суханвар онро «Зубдат-ул-ҳақоиқ» унвон кардаанд ва ё тарҷумаи форсии китоби мазкур пиндоштаанд, ки мо дар фавқ ба ин матлаб ишора намудем. Яке аз муҳаққиқон ва мутарҷимони осори Айнулқузот Қ. Ансорӣ низ «Тамҳидот»-ро ба иштибоҳ тарҷумаи форсии «Зубдат-ул-ҳақоиқ» пиндошта мегӯяд: «Тамҳидот» ба форсӣ, ки, дарвоқеъ, шарҳи форсии китоби «Зубдат-ул-ҳақоиқ»-и ӯст ва, аз ин рӯ, ба «Зубда» маъруф аст» [162, с. ҳафт]. Аммо аз даҳ тамҳиде, ки дар ин асар баён гардидааст ва ҳам оғози тамҳиди охир, ки ин асарро худ «тамоҳид» унвон мекунад, равшан мегардад, ки муроди суханвар таълифи китоби тамҳидот будааст. Чунончи, гӯяд: «وَ هُوَ المُشتَمِلُ عَلَى الغَرَضِ المَقصُدِ بَيانُهُ فى هذِهِ التّماهِيدِ» [172, с. 254]. Онҳое, ки ин ду асарро дар асл як китоб гуфтаанд, зоҳиран иштибоҳ мекунанд ва ба назар чунин мерасад, ки аз матолиби онҳо хабар надоранд.

Сабки баёни суханвари ориф дар «Тамҳидот» низ монанди «Номаҳо» аст ва бештар ба мухотаб бо таркиби «эй азиз», «эй дӯст» ва ғ. муроҷиат мекунад.

Чунончи, ҷое ба мухотаб мегӯяд: «Эй азиз, агар хоҳӣ, ки ҷамоли ин асрор бар ту ҷилва кунад, аз одатпарастӣ даст бидор, ки одатпарастӣ бутпарастӣ бошад» [172, с. 12]. Ҷойи дигар гуфтааст: «Эй дӯсти дин ва толиби калимоти ҳаққулякин...» [172, с. 254]. Афзун ба ин, дар «Номаҳо» ва «Тамҳидот»-и Айнулқузот такрори мавзуъ, ашъор, андешаю ҳарфҳои зиёд ба назар мерасанд, ки гоҳе муаллиф онҳоро айнан ва гоҳе бо андаке тағйир дар асари дигар низ баён намудааст. Чунончи, Қозӣ дар яке аз номаҳои худ гуфтааст: «Ибни Аббос мегӯяд, ки: «Якшаб во Алии Бутолиб будам то рӯз, шарҳи «бо»-и «бисмиллоҳ» мекард» [171, ч. 1, с. 351]. Дар «Тамҳидот» нақли мазкур бо андаке тағйир ва чунин омадааст: «Абдуллоҳ ибни Аббос мегӯяд: «Шабе бо Алӣ ибни Абитолиб, каррама-л-Лоҳу ваҷҳаҳу, будам то рӯз, шарҳи «бо»-и «бисмиллоҳ» мекард. «فرأيتُ نفسی كالجرَّةِ عندالبحرِ العظيم», яъне худро назди вай чунон дидам, ки сабӯе назди дарёе азим» [172, с. 8]. Матолиби номаҳо бештар марбут ба фалсафа ва ирфон мебошанд, аммо фарқи «Тамҳидот» аз «Номаҳо» дар он аст, ки дар мактубот аз матолиби фалсафию ирфонӣ нисбатан муфассалтар ва амиқтар сухан рафтааст [172, с. 10]. Ҳ. Баннопур ба ин китоб баҳои шоиста дода мегӯяд, ки «китоби мазбур (Тамҳидот- З.Ҳ.) дарёе аст аз улум ва маорифи исломӣ, хоса дар ҳавзаи ирфон ва тасаввуф» [336, с. 67].

**6. «Шаква-л-ғариби ъани-л-автони ило уламои-л-булдони»** аз ҷумлаи охирин осори Айнулқузот аст, ки ба забони арабӣ замони гирифторӣ дар зиндони Бағдод барои додхоҳӣ навишта шудааст. А. Мунзавӣ тахмин намудааст, ки бахше аз ин асарро Қозӣ баъд аз раҳоӣ аз зиндони Бағдод дар Ҳамадон нигоштааст [171, ч. 3, с. 116]. Баъзе аз муҳаққиқони осораш ин асарро «дифоънома», «дифоиёт», «шикоятнома», «номаи саркушод» хондаанд. Алинақавии Мунзавӣ ба он бовар аст, ки Қозӣ ин асарро тахминан ду сол қабл аз даргузашти худ, яъне дар соли 523ҳ./1128-1129м. навиштааст [171, ч. 3, с. 112]. Асли ин китоб бо саъй ва эҳтимоми А. Усайрон ба нашр расидааст, ки бамаврид дар фавқ ишора намудем. Ин асар ба забони форсӣ аз ҷониби Қ. Ансорӣ тарҷума шудааст [162]. Муаллифони «Нафаҳот-ул-унс» [185, с. 414-415] ва «Риёз-ул-орифин» (178, с. 167-168) аз ин асар ном набурдаанд, соҳиби

«Райҳонат-ул-адаб» дар қатори осори дигари Қозӣ унвони ин асарро зикр намуда, аммо дар борааш маълумоте надодааст [152, с. 225].

Асари мазкур аҳаммияти зиёди адабӣ, ирфонӣ ва тарҷумаиҳолӣ дошта, бо сӯзу дарди зиёд иншо шудааст. Аксари муҳаққиқон, ба монанди Р. Фарманиш [398, с. 161-16], Ҳ. Баннопур [336, с. 87-94], А. Мунзавӣ [171, ч. 3, с. 111-117], А. Усайрон [172, с. 33-34] ва Н. Пурҷаводӣ [385, с. 9-38] ба қадри лозим дар бораи аҳаммияти адабӣ, ирфонӣ, тарҷумаиҳолӣ ва нусхаҳои мавҷудаи он иттилоъ додаанд, ки мо аз такрори онҳо худдорӣ мекунем.

**7. «Номаҳо».** Баъзе аз донишмандон, монанди А. Усайрон ва Р. Фарманиш бо такя ба унвони нусхаҳои хаттӣ онро «Мактубот» хондаанд. Теъдоди умумии номаҳои Қозӣ маълум нест, зеро миқдори мактубот дар нусхаҳои хаттии мавҷуда ба як қарор нестанд. Нашри охири «Номаҳо» шомили 159 мактуб мебошад [171], ки аз онҳо танҳо 2 нома пурра ба забони арабӣ буда, боқимонда ба забони форсӣ-тоҷикӣ навишта шудаанд. Мухотабони Айнулқузот дар мактубот аксар ёрону бародарон ва муридон мебошанд. Аз омӯзиш ва таҳқиқи номаҳои Қозӣ равшан мешавад, ки аксар ба унвони қозӣ Имом Саъдуддини Бағдодӣ, Хоҷа Имом Иззуддин, Имом Зиёуддин ва Хоҷа Комилуддавла навишта шудаанд. Зоҳиран, бештари номаҳои Қозӣ ба унвони Комилуддавла - аз вазирони Султон Маҳмуд, ки дар Бағдод муқим буд, навишта шудаанд. Айнулқузот дар «Тамҳидот» ба ин маънӣ ишора намуда мегӯяд: «Бисёр расоил ба рӯзгори дароз ба қозӣ Имом Саъдуддини Бағдодӣ ва Хоҷа Имом Иззуддин ва Имом Зиёуддин ва Хоҷа Комил-уд-давлати ва-д-дин навиштам, ки муҷалладот бувад» [172, с. 15]. Аммо дар маҷмуъ номаҳои Қозӣ на ба номи шахсони алоҳида, ки зикрашон гузашт, балки ба унвони ёрону бародарон ва муридон ва дар посух ба саволҳои онҳо навишта мешуд, сипас муридон аз он нусхабардорӣ намуда, ба омӯзиши онҳо рӯй мекарданд. Аз гуфтаи зерини Айнулқузот равшан мешавад, ки номаҳои ӯ бештар ба назди фарзандаш, ки «Аҳмад» ном дошт, фиристода мешуд ва сипас, баъд аз нусхабардорӣ, ба дасти муридону ёронаш мерасид, чунонки мефармояд: «Набишта будӣ, ки панҷ набишта беш нахондам. Эй

субҳоналлоҳ, ман чӣ донам, ки чанд набиштаам? Ва арҷу, ки ҳама бирасад. Ва ин набишта неку набиштаам. Ва коғазпорае дар миёни он буд. Набишта буд, ки нарасид. Дилам машғул шуд... Ман набиштаҳо ба наздики фарзанд Аҳмад, ҳафизаҳ-ул-Лоҳ, мефиристам, надонам, то киро медиҳад! Агар чунон аст, ки нарасидааст, набиштаҳоро он ҷо нусха кардаанд» [171, ҷ. 1, с. 363].

Айнулқузот замони таълифи номаҳои худро гоҳи зиёд равшан баён накарда, дар бораи он ки ӯ аз кай ба нома навиштан шуруъ намуда ва охирин мактубҳояш кадом сол навишта шудаанд, маълумоти дақиқ нест. А. Усайрон замони иншои номаҳои Айнулқузотро байни солҳои 516-525ҳ./1122-1131м. гуфта [172, с. 12-13], Н.М. Ҳиравӣ низ бо такя ба таҳқиқоти А. Усайрон замони нигориши номаҳои Қозиро байни солҳои мазкур медонад [407, с. 55]. Сабо Фадавӣ дар китоби «Айнулқузоти Ҳамадонӣ: меросдори сияҳгилеме ва зуннордоре» замони навишта шудани номаҳои суханварро байни солҳои 517-524ҳ./1123-1130м. хондааст [397, с. 53]. Дар маҷмуъ, номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ арзиши зиёди илмию адабӣ ва ирфонӣ доранд, ки дар фаслҳои баъдӣ батафсил дар ин хусус баҳс хоҳем кард.

## I.4. Осори мансуб ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ

Дар хусуси мероси илмӣ ва адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ байни баъзе аз тазкиранигорон андешаҳои мухталиф ба назар мерасанд. Баъзе аз онҳо ба иштибоҳ осори суханварони дигарро ба Қозии Ҳамадон нисбат дода, онро аз ҷумлаи мероси ин суханвари ориф донистаанд, ки дар фаслҳои қаблӣ ҷо-ҷо ба онҳо ишора намудем. Аз ҷумла, муаллифи «Риёз-ул-орифин» мегӯяд: «Он ҷаноб (Айнулқузот-З.Ҳ.)-ро тасонифи олия аст, минҷумла рисолаи «Лавоеҳ» ва китоби «Зубдат-ул-ҳақоиқ», ки ба «Тамҳидот» маъруф аст» [178, с. 168]. Рисолаи «Лавоеҳ» аз ҷумлаи осори мансуб ба Айнулқузот аст, ки дар поён атрофи он баҳс хоҳем кард, аммо «Зубдат-ул-ҳақоиқ» аз ҷумлаи осори аслӣ ва мавҷуди Айнулқузот аст, ки ба забони арабӣ таълиф шудааст, вале маъруф ба «Тамҳидот» нест. Чунонки дар фасли қаблӣ таъкид шуд, «Тамҳидот» асари дигари Айнулқузот аст, ки ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълиф гардидааст.

Соҳиби «Райҳонат-ул-адаб» зимни номгӯи таълифоти Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба иштибоҳи бештар роҳ дода, баъзе аз таълифоти Аҳмади Ғаззолиро низ аз ҷумлаи осори Қозӣ хондааст. Чунончи, гӯяд: «Порае каромот ва таълифоти арабӣ ва форсӣ бад-ӯ мансуб доранд, ки аз он ҷумла аст: 1. «Тозиёнаи сулук», ки дар Теҳрон чоп шудааст; 2. «Тамҳидот», ки арабӣ ва форсӣ, ба сад фасл муштамил, ҳовии таҳқиқоти шарифа ва мабоҳиси дақиқаи латифаи ишқ ва ирфон мебошад. Номи аслии он «Зубдат-ул-ҳақоиқ фӣ кашф-ид-дақоиқ», вале ба номи «Тамҳидот» шуҳрат ёфтааст; 3. «Ҳақоиқ-ул-Қуръон», ки тафсир мебошад ва ба итмоми он муваффақ нашудааст; 4. «Рисолаи айния», ки номи аслии ҳамон «Тозиёнаи сулук» аст; 5. «Зубдат-ул-ҳақоиқ», ки ба номи «Тамҳидот» мазкур шуд; 6. «Савонеҳ-ул-ушшоқ», ки ба навиштаи баъзе ба номи пир ва муршиди худ Шайх Аҳмади Ғаззолӣ таълиф дода ва зоҳири каломи «Риёз-ул-орифин» баръакси ин мебошад, яъне ин китобро Ғаззолӣ ба муҳаббати Айнулқузот таълиф дода ва дар «Кашф-уз-зуннун» низ фақат як китоб ба номи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» зикр карда ва онро ҳам ба Шайх Аҳмади Ғаззолӣ нисбат додааст. Нигоранда гӯяд: «Дур нест, ки

китоби «Савонеҳ»-ро ба Ғаззолӣ нисбат додан мисли нисбати «Девони Шамс» ба Шамс аст, ки қатъан аз осори табъи Муллои Румӣ мебошад, ки ба номи муршиди худ Шамси Табрезӣ назмаш кардааст; 7. «Шаква-л-ғарибиби анил автони ило уламо-ил-булдони»; 8. «Лавоеҳ»; 9. «Ал-мадхал фӣ-л-арбияти», ки дар улуми адабия буда ва муваффақ ба итмомаш нашудааст; 10. «Назҳат-ул-ушшоқ ва наҳзат-ул-муштоқ», ки маҷмуаи ашъори ӯ мебошад» [152, с. 224-225].

Мирзо Муҳаммадалии Мударрис зимни зикри номгӯи осори Айнулқузот ба иштибоҳи зиёд роҳ додааст. Аз ҷумла:

1) «Тозиёнаи сулук» унвони дигари рисолаи «Айния» ё мактуби Аҳмади Ғаззолӣ ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ аст, ки Саид Насруллоҳи Тақавӣ соли 1319-ум онро бо номи «Тозиёнаи сулук» ба нашр расонид. Дар асл он аз таълифоти Аҳмади Ғаззолӣ аст, на Айнулқузоти Ҳамадонӣ. Шайх Аҳмади Ғаззолӣ худ номе ба ин рисола нагузоштааст ва ҳар як аз котибон ё таҳиягарон унвоне ба он гузоштаанд, ки «Тозиёнаи сулук», «Тазкира», «Рознома», «Рисолат-уш-шайх ал-Имом Аҳмад ал-Ғаззолӣ ило-ш-шайх Айнулқузот ал-Ҳамадонӣ», «Саломия», «Салавоти шарифа», «Рисолаи ирфонӣ аз Аҳмади Ғаззолӣ», «Рисолаи Айнулқузот», «Ибороти манқула мин мақолоти Аҳмад ал-Ғаззолӣ», «Айния», «Рисолату фӣ-л-мавъизати», «Макотиби форсии Аҳмади Ғаззолӣ», «Рисолаи маймуна», «Номаҳои Шайх Аҳмади Ғаззолӣ» аз он ҷумлаанд [74, с. 179-180]. Муаллифи «Райҳонат-ул-адаб» зайли шумораи чорум низ аз ин рисола бо номи «Рисолаи айния» ёд карда, онро номи аслии «Тозиёнаи сулук» хондааст [152, с. 224].

2) Мирзо Муҳаммадалии Мударрис зайли рақами дуюм низ ба иштибоҳ роҳ дода, китоби «Тамҳидот» ва «Зубдат-ул-ҳақоиқ»-ро як асар донистааст. Аз баёни муаллифи тазкира равшан мешавад, ки ӯ аз мавзуъ ва мундариҷаи ин ду асари Айнулқузот хабар надорад ва, зоҳиран, ахбори дигаронро ба ғалат ва омехта ба ҳам нақл намудааст, зеро «Тамҳидот» ба забони форсӣ-тоҷикӣ навишта шудааст, на арабӣ. Яке аз вижагиҳои насри форсии Айнулқузот дар он аст, ки аз оёту аҳодис, нақлу ашъори арабӣ зиёд истишҳод мекунад, аммо

забони аслии асар форсӣ мебошад. Гузашта аз ин, китоби «Зубдат-ул-ҳақоиқ», ки ба забони арабӣ таълиф гардидааст, шомили сад фасл аст, аммо «Тамҳидот» фарогири даҳ тамҳид мебошад, ки дар фасли қаблӣ мо дар ин хусус баҳс намудем. Афзун ба ин, номи аслии «Тамҳидот»-ро «Зубдат-ул-ҳақоиқ фӣ кашф-ид-дақоиқ» хондани соҳиби «Райҳонат-ул-адаб» саҳеҳ нест. Поёнтар, зайли шумораи панҷум бори дигар равшан мешавад, ки муаллифи тазкира «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Тамҳидот»-ро ба иштибоҳ як асар медонад.

3) Муаллифи тазкира ба иштибоҳ «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Шайх Аҳмади Ғаззолиро, ки, бешак, нахустин асари форсӣ-тоҷикӣ дар боби ишқи ирфонӣ аст, аз ҷумлаи таълифоти Айнулқузоти Ҳамадонӣ донистааст. Дар нусхаҳои хаттӣ ин рисола бо номҳои «Савонеҳ», «Ас-савонеҳ фӣ-л-ишқ», «Савонеҳ-ул-ушшоқ», «Ар-рисолат-ул-ишқия» ва ғ. ба назар мерасад [74, с. 98]. Мирзо Муҳаммадалии Мударрис агарчи аз ахбори саҳеҳи сарчашмаҳои дигар, ба монанди «Риёз-ул-орифин» ва «Кашф-уз-зуннун» бохабар аст, боз ба иштибоҳ ин асарро аз таълифоти Айнулқузот хондааст. Бехабарии муаллифи ин тазкира аз нигорандаи аслии асари мавриди баҳс ба андозае аст, ки ахбори саҳеҳи манобеи дигарро инкор мекунад ва мегӯяд, ки интисоби ин асар ба Аҳмади Ғаззолӣ монанди нисбат додани «Девони Шамс» ба Шамси Табрезӣ аст [152, с.225].

4) Мирзо Муҳаммадалии Мударрис ба монанди соҳиби «Риёз-ул-орифин» рисолаи «Лавоеҳ»-ро аз Қозии Ҳамадон медонад.

5) Муаллифи «Райҳонат-ул-адаб» унвони «Ал-мадхалу ила-л-арабиййати ва риёзати улумиҳа-л-адабиййати» (اَلمَدخلُ اِلی العَرَبیَّةِ و رياضَة عُلومِهَا الاَدَبیَّة)- ро, ки нотамом мондааст, ба шакли «Ал-мадхалу фӣ-л-арабияти» (المدخل فى العربية) овардааст.

Баъзе аз адабпажуҳон ва муҳаққиқон низ ҳангоми зикри номгӯи таълифоти Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба иштибоҳ роҳ дода, осори мансуб ба ӯро ба иштибоҳ аз ҷумлаи таълифоти суханвар донистаанд, ки дар поён ёд хоҳем кард. Маъруфтарин осори мансуб ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ инҳо мебошанд:

**Рисолаи «Лавоеҳ».** Ин рисола аз ҷумлаи осори мансури ирфонии омехта ба ашъори форсӣ ва арабӣ аст, ки ба тақлид аз «Савонеҳ»-и Аҳмади Ғаззолӣ навишта шуда, бештар шарҳу баёни ҳолоти ишқи ирфонӣ, румузу дақоиқи он, васфи маъшуқи якто мекунад ва аз роҳу равиши ошиқони содиқ ва соликони роҳи Илоҳ хабар медиҳад. Рисолаи мазкур бидуни муқаддима ва хотима буда, аз рӯйи шумори мо шомили 201 фасл аст ва ҳеч яке аз фусул унвон ва ё рақам надоранд. Оғози рисола чунин аст: «Бисмиллоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим. Фасл: Руҳ ва ишқ ҳар ду дар як замон мавҷуд шуданд ва аз мукавван дар зуҳур омаданд. Руҳро бар ишқ омезиш падид омад ва ишқро бо руҳ овезише зоҳир шуд, чун руҳ ба хосият дар ишқ овехт, ишқ аз латофат бад-ӯ омехт...» [173, с.1]. Поёни рисола: «Фасл: Агар маъшуқ тухми иноят бар замини муроди ошиқ афканад, то гули умеде бароянд, раво бувад, ки аз роиҳаи он машоми ӯ баросоянд, аммо бар он дил ниҳодан нашоянд... تَمّ الرِّسالَةُ بعَونِ اللهِ المَلِکِ جَلَّ جَلالُهُ بتاریخ 15 شهر جمادی الثانیة» [173, с.13].

Нашре, ки зери дасти мо қарор дорад, ба тасҳеҳ ва таҳшияи Р. Фарманиш таҳия гардидааст ва аз дебоча, ки бо тартибу таркиби қадими алифбои арабӣ, яъне ҳисоби абҷад сафҳагузорӣ шудааст [173, с. алиф- ҳо], матни рисола [173, с.1-138], феҳристи аҳодис [173, с. 139], феҳристи ашъори форсӣ [173, с. 140-163] ва феҳристи ашъори арабӣ [173, с. 164-165] иборат мебошад.

Р. Фарманиш ин рисоларо аз таълифоти Қозии Ҳамадон медонад ва дар оғози муқаддима мегӯяд: «Рисолаи «Лавоеҳ» таълифи орифи номӣ Айнулқузот Абулмаолӣ Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибн-ал-Ҳасан ибни Алӣ ал-Миёнаҷӣ ал-Ҳамадонӣ турфа гуле аст бемонанд аз гулзори беҳамтои адабиёти форсӣ ва падидаест ҷовидонӣ аз қудрати ишқ ва вусъати иттилоот ва завқи саршори нависандаи он, ки дар таҷассуми ҳақоиқ ва ибдои маонӣ вайро назир ва бадиле набуда ва дар тамоми навиштаҳояш мадад аз олами ғайб ҷуста ва илҳом аз манбаи лоязоли ишқ гирифтааст» [173, с. алиф]. Аз муқаддимаи Р.Фарманиш равшан мешавад, ки ӯ ин рисоларо дар авосити соли 1333ҳ.ш./1954м., замоне, ки сахт саргарми мутолиа ва таҳқиқи шарҳи аҳвол ва осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ буд, дар маҷмуаи хаттии маҳфуз дар

Китобхонаи мадрасаи олии Сипаҳсолор ба даст овардааст. Бино ба қавли донишманди мазкур, дар ин маҷмуа унвони «Лавоеҳ» ва ё унвони дигаре бар ин рисола мазбут набуда ва ҳатто номи муаллифи он низ зикр нашуда, таҳиягар ба сабаби «каломи ошно» ва «дар дил нишаст»-ани матни он «ва бо намунаҳое, ки қаблан аз матни ин рисола дар тазкираи «Маҷолис-ул-ушшоқ» мутолиа гардида буд, бо татбиқи он намунаҳо бо матни ҳозир ва ҳамчунин тааммулу диққати кофӣ дар бораи хусусиёти сабки насру назми Айнулқузот ва ҳамин тавр ақоиду орои сӯфиёнаи вай, ба вижа дар бораи Иблис ва тариқаи истишҳоди ӯ ба оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ ва амсилаву ҳикоёт ва ашъоре, ки аз худ ва дигарон ба истишҳод оварда», гумон кардааст, ки ин яке аз расоили гумшудаи Қозии Ҳамадон аст ва ҷиҳати дастраси аҳли завқ намудан ба табъу нашри он даст задааст [173, с. алиф-бо]. Маҷмуаи мазкур шомили осори зайл будааст: 1. «Рашф-ун-насоеҳ ал-имония ва кашф-ул-фазоеҳ ал-юнония» (аз с. 1 то 320); 2. «Рисолаи Лавоеҳ» (аз с. 1 то 81); 3. «Савонеҳ»-и Аҳмади Ғаззолӣ (аз с. 81 то 101); 4. «Тамҳидот»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ (аз с. 101 то 236) [173, с. дол- ҳе (ҳавваз)]».

Аз муқаддимаи нашри рисола равшан мешавад, ки Р. Фарманиш онро бар асоси як нусхаи хаттии маҳфуз дар Китобхонаи мадрасаи олии Сипаҳсолор, ки бидуни унвон ва зикри муаллиф будааст, мунташир намудааст. Таҳиягар бо вуҷуди кӯшиши зиёд нусхаи дигареро аз ин рисола аз китобхонаҳо ва осорхонаҳои дохиливу хориҷӣ ба даст наёварда ва муддати се соли умри худро ба тасҳеҳи матни он, ки муштамил бар ағлоти зиёд будааст, сарф намудааст [173, с. бо-ҷим]. Чунонки зикр шуд, рисолаи мазкур бидуни муқаддима ва хотима буда, дар фаслҳои он ҳеч ишорае ба унвони рисола ва муаллифи он ба назар намерасад. Агарчи аз нашри аввали рисола (1337ш./1958м.) беш аз шаст сол гузашта, то ин замон ду бори дигар ба ҳамон сурат таҷдиди чоп шудааст, то ҳол асари мазкур ба қадри боиста мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст ва аксари муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ онро аз ҷумлаи осори аслӣ ва ё мансуб ба Айнулқузот мехонанд ва аз муаллифи аслии он иттилое ба даст намедиҳанд.

И. Умарзода ба иштибоҳ рисолаи «Лавоеҳ»-ро «яке аз асарҳои ҷолиби диққати Айнулқузот» медонад ва аз мазмуни фалсафӣ, забон ва услуби салису равони он ёд намуда, онро намунае аз насри шоиронаи қарни ёздаҳум мехонад ва мегӯяд: «Муаллиф барои ороиши насри худ дар ин рисола бештар аз «Тамҳидот» ва «Мактубот» аз назм мисол оварда, саросар рисоларо аз рубоиёти фавқулода рақиқ ва тарабангези худ (?) ва аз ҷумла ашъори пешгузаштагонаш пурра кардааст» [294, с. 37]. Файласуфи мазкури тоҷик ҳам дар нашри русӣ ва ҳам тоҷикии китоби худ ба иштибоҳ рисолаи мавриди баҳсро шомили 301 фасл медонад ва ба ихтисор ва андаке тағйир пораеро аз фасли якуми он нақл месозад [294, с. 37; 295, с. 14]. Лозим ба зикр аст, ки «Лавоеҳ» осори Айнулқузот нест. Дар асл он, аз ҷумлаи осори мансури ирфонии қарни сездаҳум мебошад, на асри ёздаҳум. Дар сурати таълифоти Айнулқузот буданаш низ мансуб ба қарни дувоздаҳум мешуд, на қарни ёздаҳум, зеро Қозӣ дар поёни қарни панҷуми ҳиҷрӣ ва ёздаҳуми мелодӣ ба дунё омадааст. Аз омӯзишу таҳқиқи муқоисавии рисолаи «Лавоеҳ» ва «Тамҳидот»-у «Номаҳо»-и Айнулқузот равшан гардид, ки дар «Лавоеҳ» ашъори Айнулқузот ба назар намерасад. Афзун ба ин, теъдоди ашъори форсӣ ва арабии «Лавоеҳ»-ро бештар аз «Тамҳидот» ва «Номаҳо»-и Қозии Ҳамадон гуфтани И.Умарзода саҳеҳ нест. Чунонки таъкид шуд, теъдоди фусули «Лавоеҳ» 201 адад аст, на 301. С. Мирзоев низ «Лавоеҳ»-ро аз Айнулқузоти Ҳамадонӣ медонад ва мегӯяд, ки «Лавоеҳ»-и Айнулқузот, «Ламаот»-и Ироқӣ ва «Лавоеҳ»-и Мавлоно Ҷомӣ дар пайравии «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ таълиф шудаанд [245, с. 93].

А. Зарринкӯб, зоҳиран, бар таълифоти Айнулқузот будани рисолаи «Лавоеҳ» тардид дорад ва ҳамзамон бар он ақида аст, ки шояд Қозӣ онро қабл аз даврони камолоти худ нигошта бошад, чунонки мегӯяд: «Рисолаи «Лавоеҳ» ҳам, агар, воқеан, аз Айнулқузот бошад, бояд мутааллиқ бошад ба адвори қабл аз аҳди камоли ӯ – қабл аз таълифи «Зубдат-ул-ҳақоиқ»...» [213, с. 169]. Довудӣ Ҳассан низ «Лавоеҳ»-ро аз таълифоти илмии Айнулқузот гуфта, дар баёни ишқ ва фарогири 201 фасл будани он ишора намудааст [212, с. 30]. Ризоиён

Муҳаммадризо «Лавоеҳ»-ро дар қатори осори мансуб ба Айнулқузот оварда, аммо ба иштибоҳ ақидаи Р. Фарманишро ҷонибдорӣ намуда мегӯяд: «Албатта, бо каме диққат дар навъи нигориш ва сабки ин китоб ва масоили мавриди баҳс метавон назари Хирадманишро (Фарманишро ба иштибоҳ як бор дуктур Фардманиш ва ин ҷо Хирадманиш овардааст-З.Ҳ.) дуруст ангошт» [388, с. 13].

А. Усайрон дар қиёс бо Р. Фарманиш, И. Умарзода ва А. Зарринкӯб «Лавоеҳ»-ро аз ҷумлаи осори мансуб ба Айнулқузот медонад. Ин донишманд баръакси Р. Фарманиш сабки баён ва мавзуъву мундариҷаи «Лавоеҳ»-ро дур аз таълифоти дигари Айнулқузот медонад ва мегӯяд: «Кош оқои дуктур Фарманиш ишора карда буданд, ин ташобуҳи сабк ва орои сӯфиёнаи «Лавоеҳ» бо сабки орои дигар таълифоти Айнулқузот дар куҷо ва кадом қисмат аз ин рисола аст. Мо ҳар андоза рисолаи «Лавоеҳ»-ро бештар баррасӣ кардем, дар мавриди нисбати ин асар ба Қозии Ҳамадонӣ ҳам аз назари сабк ва ҳам аз лиҳози мазмун бар тардидамон афзуда гардид, зеро сабки «Лавоеҳ» бо сабки муаллафоти Қозии Ҳамадонӣ мухталиф, балки мутазод аст, чун сабки Айнулқузот содаву пуршӯр ва орӣ аз ташбеҳ аст, дар ҳоле ки дар «Лавоеҳ» саноеи лафзӣ ва ташбеҳоту истиороти зиёде дида мешавад» [172, муқаддима, с. 40]. Сипас, ҷиҳати исботи ақоиди худ чанд намуна аз рисолаи мавриди баҳс оварда, фарқи онҳоро аз намунаҳои мушобеҳ дар «Тамҳидот» таъкид сохтааст [172, муқаддима, с. 40-43]. Аз ҷумла мегӯяд: «Дар «Тамҳидот» ва «Макотиб»-и Қозии Ҳамадонӣ ҳамеша бо луғоте, монанди «дареғо», «эй азиз», «эй дӯст» ва сиғаҳои мухотаб ва амсоли он бисёр бармехӯрем, дар ҳоле ки аз ин навъ калимот дар рисолаи «Лавоеҳ» абадан асаре вуҷуд надорад ва ин фарқе бузург аст» [172, с. 41-42]. Лозим ба зикр аст, ки муаллифи «Лавоеҳ» низ гоҳе мухотабро «эй азиз» [173, с. 80], «эй дӯст» [173, с. 110] ва «эй бародар» [173, с. 43] хондааст, чунонки гӯяд: «Эй азиз, маъшуқ султони вилояти вуҷуди ошиқ аст, ба қаҳр ва ғалаба фурӯ гирифтааст ва дар вай ба тақаллубу кибриё ва нафур мутасарриф шуда, ҳар гоҳ ки ошиқ қасди олами қурбат кунад, ба теғи қаҳраш паст кунад...» [173, с. 80]. Ҷойи дигар мефармояд: «Эй дӯст, чун бидояти дӯстӣ аз «юҳиббуҳум» бувад, ҳар оина аз илали муқаддас бувад ва аз залал

муназзаҳ...» [173, с. 110-111]. Аз ин рӯ, «аз ин калимот дар рисолаи «Лавоеҳ» абадан асаре вуҷуд надорад» гуфтани А. Усайрон дуруст нест. Агарчи А. Усайрон рисолаи «Лавоеҳ»-ро аз ҷумлаи осори мансуб ба Қозӣ медонад, дар бораи нусхаҳои хаттии он маълумоти мухтасар дода, фарқи онро аз таълифоти аслии Айнулқузот баён месозад [172, с. 39-43], дар бораи муаллифи аслии «Лавоеҳ» маълумоте намедиҳад.

Сабо Фадавӣ низ бо такя ба пажуҳишҳои охир мегӯяд, ки «Лавоеҳ» наметавонад аз таълифоти Айнулқузот бошад [397, с. 54], аммо аз муаллифи аслии он иттилоъ намедиҳад. Қ. Ансорӣ рисолаи мавриди баҳсро аз ҷумлаи осори мансуб ба Айнулқузот медонад ва мегӯяд: «Мутобиқи охирин таҳқиқе, ки анҷом гирифта, ба назари оқоён Донишпажуҳ ва Аҳмади Мунзавӣ ин китоб аз Абдулмалики Вирконӣ мутаваффои 573ҳ.қ. (1177м.-З.Ҳ.) аст [162, с. нуҳ]. А. Мунзавӣ низ ин рисоларо яке аз осори мансуб ба Айнулқузот медонад ва мегӯяд, ки «бародарам, Аҳмади Мунзавӣ дар «Феҳристи нусхаҳои хаттӣ» (ҷ.2, с.1255) нишон медиҳад, ки таълифи Вирконӣ аст, на Айнулқузот» [171, ҷ. 3, с. 36]. Аз гуфтаҳои фавқ равшан мешавад, ки Қ. Ансорӣ ва А. Мунзавӣ худ бевосита ба таҳқиқи ин мавзуъ даст назада, ақоиди донишмандони дигар, яъне Донишпажуҳ ва Аҳмади Мунзавиро ҷонибдорӣ намудаанд.

Н. Пурҷаводӣ яке аз аввалин муҳаққиқоне аст, ки интисоби «Лавоеҳ»-ро ба Айнулқузот рад карда, муаллифи аслии онро Ҳамидуддини Ногаврӣ мехонад [386, с. 176]. Аммо Н.М. Ҳиравӣ ақидаи мазкурро рад намуда, монанди М. Донишпажуҳ [354, с. 107 ва 165], Аҳмади Мунзавӣ [363, с. 1355-1356] ва А. Мунзавӣ ба иштибоҳ муаллифи «Лавоеҳ»-ро Абдулмалики Вирконӣ медонад [407, с.61] ва дар ҳошияи сафҳа мегӯяд: «Нисбати ин асар ба Хоҷа Ҳамидуддини Ногаврӣ (д.643ҳ.қ./1245м.-З.Ҳ.) ҳам, ки бархе аз муосирин матраҳ доштаанд, наметавонад қарини савоб бошад, чаро ки насри китоб насре аст шоирона, ки пайванде амиқ бо насри сӯфиёнаи хонақоҳиёни Хуросон ва Эрон дорад ва бо насри Ногаврӣ, ки насри форсии ҳиндӣ аст, ба таври чашмгир фарқ дорад» [407, с. 61-62].

Муҳаммад Амини Риёҳӣ дар муқаддимаи «Нузҳат-ул-маҷолис» муаллифи «Лавоеҳ»-ро Тоҷуддини Ушнувӣ (Ушнуҳӣ) медонад ва мегӯяд: «Як рисолаи ирфонӣ ба номи «Ғоят-ул-имкон» ба ӯ (Тоҷуддини Ушнувӣ-З.Ҳ.) мансуб аст, ки ба номи «Лавоеҳ»-и Айнулқузот чоп шудааст» [192, с.82]. Аз миёни муҳаққиқон танҳо Муҳаммади Шодрӯйманиш дар мақолаи «Лавоеҳ» аз кист?» интисоби ин асарро ба Қозӣ рад намуда, бо шоҳиди зиёди дарунматнӣ ва бурунматнӣ муаллифи аслии «Лавоеҳ»-ро Ҳамидудддини Ногаврӣ, яке аз сӯфиёни қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ ва сенздаҳуми мелодии ҳавзаи шибҳи қораи Ҳинд медонад [414, с. 203- 224]. Мо низ ҷонибдори ақидаи Н. Пурҷаводӣ ва Муҳаммади Шодрӯйманиш мебошем ва бар он боварем, ки «Лавоеҳ» нигоштаи Ҳамидуддини Ногаврӣ аст, на навиштаи Абдулмалики Вирконӣ, Тоҷуддини Ушнувӣ ва Қозии Ҳамадонӣ, чунонки баъзе аз муҳаққиқон ва тазкиранигорон таъкид доштаанд. Шоҳиди ин фикр метавонанд далоили зер бошанд:

1) Дар «Лавоеҳ» намунаҳо аз осори манзум ва мансури суханвароне оварда шудаанд, ки баъди даргузашти Айнулқузоти Ҳамадонӣ (525ҳ./1130-1131м.) зиндагӣ ва эҷод намудаанд. Чунончи, муаллифи «Лавоеҳ» зайли фасли чилу шашум байтеро аз Шарафи Шафарваҳ овардааст, ки, ба занни қавӣ, баъд аз вафоти Айнулқузот зиндагӣ ва эҷод кардааст, чунонки гӯяд: «Фасл: Ишқи ҳақиқиро бо одамӣ аз он илтифоти куллӣ нест, ки ишқ мурғест, ки ошёнаи ӯ азал аст, бар шохи умми ғелон (хори муғелон - З.Ҳ.) кай нишинад ва дар тангнои арсаи имкон кай парвоз кунад ва он чӣ Шарафи Шафарваҳ гуфтааст, бад-ин маънӣ қариб аст:

Даъвии ишқи мутлақ машнав зи насли Одам,
К-он ҷо, ки шаҳри ишқ аст, инсон чӣ кор дорад?» [173, с. 29-30].

Замони даргузашти Шарафуддини Шафарваҳ ҳудуди 600ҳ./1203м. аст. Аз ин нигоҳ Қозии Ҳамадон наметавонад аз ашъори шоире иқтибос кунад , ки баъд аз даргузашти ӯ зиндагӣ ва эҷод кардааст. Худи Р. Фарманиш дар ҳошияи сафҳа нахуст Шарафуддин Муҳаммади Шафарваҳро аз шуарои бузурги Исфаҳон ва аз маддоҳони Арслон ва Туғрал хонда, замони вафоташро соли

600ҳ. мегӯяд ва сипас бо такя бар он ки гӯё Айнулқузот дар «Лавоеҳ» аз ӯ иқтибос кардааст, замони зиндагии Шарафуддинро қабл аз соли 525ҳ. гуфтааст [173, с. 30], ки саҳеҳ нест.

Дар фасли чилу ҳафтум соҳиби «Лавоеҳ» аз «Руҳ-ул-арвоҳ» иқтибос намуда мегӯяд: «Дар «Руҳ-ул-арвоҳ» омадааст, ки шаҳбози муҳаббат аз шаҷари иззат дарпарид, ба арш расид, азамат дид, даргузашт, ба курсӣ расид, вусъат дид, даргузашт, ба биҳишт расид, неъмат дид...» [173, с. 31]. Бино ба қавли Муҳаммади Шодрӯйманиш, «Руҳ-ул-арвоҳ»-и Шаҳобуддини Самъонӣ тахмин байни солҳои 530-535ҳ. (баробар ба 1135-1139м.), яъне дасти кам панҷ сол баъд аз шаҳодати Айнулқузот таълиф гардидааст [414, с. 210]. Аз ин ҷо низ маълум мешавад, ки «Лавоеҳ» баъд аз вафоти Қозии Ҳамадонӣ навишта шудааст. Дар «Лавоеҳ» абёте бо андаке тағйир ва бидуни зикри муаллиф зайли фаслҳои чилу ҳаштум [173, с. 32], наваду шашум [173, с. 65)] ва наваду нуҳум [173, с. 68] оварда шудаанд, ки аз Шайх Аттори Нишопурӣ мебошанд ва Муҳаммади Шодрӯйманиш дар мақолаи худ ба онҳо ишора намудааст [414, с. 210-211]. Чун замони зиндагӣ ва эҷоди Аттори Нишопурӣ (540-618ҳ./1145-1221) баъд аз даргузашти Айнулқузот аст, метавон хулоса намуд, ки «Лавоеҳ» наздик як қарн баъд аз даргузашти Қозии Ҳамадонӣ таълиф гардидааст. Афзун ба ин, истифодаи ашъори Шамсуддин Кирмонӣ (ваф. 618ҳ./1221м.), Хоқонии Шарвонӣ (520-591ҳ.қ./1126-1195м.) ва диг. равшан месозад, ки таърихи таълифи «Лавоеҳ» баъд аз даргузашти Айнулқузот аст ва наметавонад аз осори аслии Қозӣ бошад.

2. Соҳиби «Лавоеҳ» бештар мухотабро «эй дарвеш» [173, с.20, 30, 40, 43, 64, 77], «эй бародар» [173, с. 8, 43, 64, 70, 73, 82, 93], «эй азиз» [173, с.3, 43, 44 (ду бор), 45, 63, 73, 80, 87, 89], «эй дӯст» [173, с.7, 110, 111] ва худро «дарвеш» [173, с. 42, 48] ва «бечора» [173, с. 56, 101] мехонад, чунонки гӯяд: «Ошиқе буд аз руфақои ин бечора. Кабке ёфт, ӯро ба кӯҳсор бурд ва дар марғзори хуррам бигзошт ва мегуфт: «Рафтори ӯ ба рафтори ёрам монад»...» [173, с. 56]. Аммо, чунонки ишора шуд, Айнулқузот мухотаби номаҳои худро бештар «бародари аазз» [171, ҷ. 1, с.17, 31, 88, 99, 107, 117; ҷ. 3, с.277], «ҷавонмардо»

[171, ҷ. 1, с.154, 156, 164; ҷ. 2, с.102; ҷ. 3, с.279], «эй ҷавонмард» [171, ҷ. 2, с.172; ҷ. 3, с.279], «эй дӯст» [171, ҷ. 2, с.160, 85, 248; ҷ. 3, с.278], «эй дӯсти азиз» [171, ҷ. 2, с. 97], «эй бародар» [171, ҷ. 2, с.220], «эй бародари азиз» [171, ҷ. 2, с.152; 373], «эй азиз» [171, ҷ. 2, с.73, 123, 152, 164, 165, 168], «бародари азиз ва дӯсти мухлис» [171, ҷ. 2, с.281] гӯяд, вале ҳеҷ ҷо «эй дарвеш» нагуфта ва худро «бечора»-ву «дарвеш» нахондааст. Агарчи гоҳе мухотаб айни якдигар хонанд, сабки баёни ин ду асар аз ҳам хеле фарқ мекунад.

3. Муаллифи «Лавоеҳ» гоҳе зикри Ҳинд ва расми ҳиндувон мекунад [173, с. 25 ва 28], ки дар канори шавоҳиду мадорики дигар қаринае аст, ки хонандаро ба муаллифи аслии рисола роҳнамоӣ мекунад [414, с. 213]. Чунончи, дар фасли чилу чорум аз расми ҳиндувон чунин ёд кардааст: «Ҳиндувон чун дар ишқи бут камоле ёбанд, бар сари худ аз хамир коса бисозанд ва равғани нафт дар ӯ андозанд ва андом бад-он чарб кунанд ва оташ дар даст гиранд ва хоҳанд, ки дар муқобалаи он дидаи бебиноии бут бимиранд, чун шаманон ба таъзим парда аз пеши ҷамоли бут бардоранд. Эшон назар бар он ҷамол гуморанд ва оташ дар нафт андозанд ва ба сайри хайли ӯ ишқҳо мебозанд ва хуш месӯзанду месозанд... Он гаҳ тамом бисӯзанд ва дамназананд, хокистари эшон бардоранд ва аз барои шифои бемор ба кор доранд...» [173, с. 28]. Ё дар фасли 153-юм нақле аз ҳакими Ҳинд мекунад: «Ҳакими Ҳинд гӯяд: «Дӯст дар сурати осор худ зоҳир кунад. Ҳамоно дар сурати оташ осори анвори ишқ зоҳир шавад, ки сӯзанда набвад, раво бувад, ки месӯзад, аммо барои шифои ошиқ ба таҷаддуди амсол бақо меёбад» [173, с. 107]. Аммо дар «Номаҳо»-и Айнулқузот зикри Ҳинд ва расми ҳиндувон ба назар намерасад.

4. Муаллифи мақолаи «Лавоеҳ» аз кист?» ҷиҳати шоҳиди фикри худ чанд шоҳиди бурунматнӣ низ оварда таъкид сохтааст, ки муаллифи рисолаи мавриди баҳс Қозӣ Ҳамидуддини Ногаврӣ мебошад. Аз ҷумла, гӯяд: ««Фавоид-ул-фуод» маҷмуае аст аз малфузоти Низомуддини Авлиё, ки Ҳасани Деҳлавӣ онро рӯзона бо таърихи дақиқи рӯзу моҳи сол ёддошт мекардааст. Вай дар ин китоб аз қавли Низомуддини Авлиё овардааст, ки Шамси Дабир «Лавоеҳ»-и Қозӣ Ҳамидуддини Ногавриро назди шайх-ул-ислом Фаридуддин

хонда буд (с. 156 ва 194). Ин матлабро ӯ ду бор бо зикри таърихи дақиқи нигориш (як бор ёздаҳуми зулҳиҷҷаи 714ҳ. (баробар бо 18.03.1315м. - З.Ҳ.) ва як бор даҳуми рамазони 716ҳ. (баробар бо 26.11.1316м. - З.Ҳ.)) нақл кардааст, ки ба лиҳози ин ки қадимтарин ҷое аст, ки «Лавоеҳ»-ро ба Ногаврӣ нисбат медиҳад, камоли аҳамиятро дорад» [414, с. 214]. Дар «Фавоид-ул-фуод» ҷойи дигар аз Низомуддини Авлиё нақл шудааст: «Қозӣ Ҳамидуддини Ногаврӣ, раҳмат-ул-Лоҳи алайҳ, ҷое навиштааст: «Мардеро ба иттиҳоме гирифтанд. Ӯро ҳазор чӯб бизаданд, ҳеч ҷазаъ ва фазаъ (фиғону фарёд, нола,зорӣ; тарсу бим-З.Ҳ.) накард ва асари аламе дар ӯ надиданд. Баъд аз иқомати сиёсат аз ӯ пурсиданд, ки: «Чӣ гуна буд туро аз ин зарб ҳеч аламе нарасид?» Гуфт: «Дар он ҳол, ки маро мезаданд, маъшуқи ман дар ман назар мекард. Дар назари ӯ ҳеч дарде маро нарасид» [414, с. 215]. Нақли мазкур дар «Лавоеҳ» зайли фасли наваду сеюм чунин омадааст: «Ошиқеро дар шариати Бағдод ҳазор тозиёна заданд, аз даст нашуд ва аз пой дарнаёмад. Восиле бад-ӯ расид, ӯро аз он ҳол пурсид. Гуфт: «Маҳбуб маро ҳозир буд ва ман ба қуввати мушоҳидаи ӯ ин таҳаммул кардам» [173, с. 61].

Гузашта аз ин, Муҳаммади Шодрӯйманиш аз «Самарот-ул-қудс»-и Мирзо Лаълбеги Лаъли Бадахшӣ (968-1022 ҳ./1561-1613м.) ёд намуда мегӯяд, ки дар он зайли Фаридуддини Масъуд ҳикояте аз мусаннафоти Шайх Ҳамидуддини Ногаврӣ дар баёни сӯзу шавқи ишқ ва аз дидани ҷамоли Лайлӣ чун мурғи нимбисмил гаштани Маҷнун омадааст, ки он ҳикоят бо андаке тағйир дар «Лавоеҳ» ба назар мерасад [414, с. 215-216]. Зоҳиран, муроди Муҳаммади Шодрӯйманиш нақле аз Мансури Мағрибӣ аст, ки дар яке аз фусули «Лавоеҳ» (фасли ҳафтоду чорум) омадааст [173, с. 46-47] ва аз ҷиҳати мазмун ба ҳикояти мазкур шабоҳат дорад. Агар дар «Самарот-ул-қудс» Маҷнун аз дидани ҷамоли Лайлӣ беҳуш шавад, дар «Лавоеҳ» сухан дар бораи ҷавоне аз қабоили араб меравад, ки дар хаймае маъшуқи хеш мебинад ва наърае зада беҳуш мешавад ва забонаш аз гуфтан хомӯш мегардад [173, с.46-47].

Агарчи ин ду ҳикоят аз лиҳози мазмун андаке ба ҳам монандӣ доранд, аз ҷиҳати сабк ва баёни ҳолоти ишқ фарқ мекунанд.

Чунонки ишора шуд, соҳиби «Лавоеҳ» борҳо аз Шайх Аҳмади Ғаззолӣ ва «Савонеҳ»-и ӯ мадад ҷуста, бамаврид иқтибос намудааст. Зоҳиран, ба ин сабаб аксар онро ба услуби «Савонеҳ»-и Аҳмади Ғаззолӣ ва ё шарҳгунае ба асари мазкур хондаанд. Муаллифи рисола дар фасли шасту панҷум ба такя ба «Савонеҳ»-и Аҳмади Ғаззолӣ гӯяд: «Хоҷа Аҳмади Ғаззолӣ, қаддаса-л-Лоҳу руҳаҳу, гӯяд дар «Савонеҳ»: «Маъшуқ бо ошиқ гуфт: «Биё, ту ман бош». Гуфт: «Агар ман ту гардам, он гоҳ маъшуқ дарбояд ва дар ошиқ наяфзояд ва чун ту ман гардӣ, дар маъшуқ афзояд, ҳама маъшуқ бувад ва ошиқ на, ҳама ноз бувад ва ниёз на, ҳама ёфт бувад ва дарбояст на, ҳама тавонгарӣ бувад ва қиллат на, ҳама иззат бувад ва зиллат на» [173, с. 41-42]. Ҳамчунин дар фасли яксаду шастум мефармояд: «Хоҷа Аҳмади Ғаззолӣ, қаддаса-л-Лоҳу руҳаҳу, гуфтааст: «Нуқтаҳои «юҳиббуҳум»-ро дар замини фитрат афкананд, тухми «юҳиббунаҳу» баромад...» [173, с. 111-112].

Лозим ба зикр аст, ки муаллифи «Лавоеҳ» суханони Аҳмади Ғаззолиро айнан наоварда, балки мазмунан ё ба ихтисор ва тағйири андак нақл намудааст. Чунончи, дар фасли яксаду шонздаҳум мефармояд: «Он муқтадои аҳли таҳқиқ Аҳмади Ғаззолӣ, қаддаса-л-Лоҳу руҳаҳу, гуфтааст: «Ошиқ замини зиллат аст ва маъшуқ осмони иззат. Ӯ бо зиллати ин кай фароҳам ояд ва нози Ӯ бо ниёзи ин кай ба ҳам шавад. Ӯ чораи ин ва ин бечораи Ӯ.... Беморро дору зарурат аст, аммо доруро бемор зарурат нест» [173, с. 81]. Аҳмади Ғаззолӣ дар «Савонеҳ» гӯяд: «...ошиқ ҳама мазаллат бувад ва маъшуқ осмони тааззуз ва такаббур бувад... Ҷаббории маъшуқ бо зиллати ошиқӣ кай фароҳам ояд? Нози матлубӣ бо ниёзи толибӣ кай ба ҳам афтад? Ӯ чораи ин, ин бечораи Ӯ. Беморро дору зарурат афтад, аммо доруро бемор ҳеч зарурат нест» [74, с.142].

Лозим ба зикр аст, ки дар нашри «Лавоеҳ» чанд байти Аҳмади Ғаззолӣ гоҳе бо зикри муаллиф ва гоҳи дигар бидуни зикри муаллиф ба назар мерасанд, ки, зоҳиран, холӣ аз хатои матншиносӣ нестанд. Аз ин нигоҳ ҷиҳати тасҳеҳи онҳо аз «Савонеҳ» ва осори дигари Аҳмади Ғаззолӣ бояд мадад ҷуст. Чунончи, муаллифи «Лавоеҳ» ҷое (фасли ҳафтоду панҷум) рубоии Аҳмади Ғаззолиро ба сурати зерин овардааст, ки холӣ аз хато нест:

То ҷоми **чаҳойнамой дар** дасти ман аст,

Аз рӯйи хирад чархи барин пасти ман аст.

То **қиблаи** нест қиблаи ҳасти ман аст,

Ҳушёртарин халқи ҷаҳон масти ман аст [173, с. 48].

Шакли нисбатан саҳеҳи рубоии мазкур дар «Савонеҳ» чунин омадааст:

То ҷоми ҷаҳоннамой бар дасти ман аст,

Аз рӯйи хирад чархи барин пасти ман аст.

То Каъбаи нест қиблаи ҳасти ман аст,

Ҳушёртарин халқи ҷаҳон масти ман аст [74, с. 129].

Дар фасли 116-уми «Лавоеҳ» рубоие бидуни зикри муаллиф чунин омадааст:

Ҳамсанги замину осмон **хун** хӯрдам,

**Не** сер шудам, **на бо касе хӯ** кардам.

Оҳу ба масал ром шавад бо мардум

Ту менашавӣ **чӣ кард** ҳилат кардам [173, с. 81].

Шакли нисбатан саҳеҳи он дар «Савонеҳ» ба таври зайл омадааст:

Ҳамсанги замину осмон ғам хӯрдам,

На сер шудам, на ёри дигар кардам.

Оҳу ба масал ром шавад бо мардум

Ту менашавӣ, ҳазор ҳилат кардам [74, с. 142].

Аз баҳсҳои фавқ метавон ба ин хулоса расид:

1) Рисолаи «Лавоеҳ» аз мусаннафоти Айнулқузот нест. Зоҳиран, монандиҳои андаке аз мазомин, ки дар осори Қозии Ҳамадонӣ ва «Лавоеҳ» ба назар мерасанд, таъсирпазирии ҳар ду аз осори Аҳмади Ғаззолӣ, махсусан «Савонеҳ»-и ӯ, дар як маҷмуа бо «Савонеҳ»-и Аҳмади Ғаззолӣ ва «Тамҳидот»-и Қозӣ омадани нусхае аз рисолаи «Лавоеҳ» боис шудаанд, ки баъзе аз тазкиранигорон ва муҳаққиқон ба ин гумони хато раванд.

2) Интисоби «Лавоеҳ» ба Абдулмалики Вирконӣ, ки М. Донишпажуҳ, Аҳмади Мунзавӣ, Алинақии Мунзавӣ ва Н.М. Ҳиравӣ ҷонибдори ин ақидаанд,

низ саҳеҳ нест. Зоҳиран, донишмандони мазкур ба сабаби зикри номаш дар яке аз нусхаҳо онро ба иштибоҳ аз Абдулмалики Вирконӣ хондаанд.

3) Муаллифи аслии «Лавоеҳ» Ҳамидуддин Муҳаммад ибни Атоуллоҳи Ногаврӣ, яке аз сӯфиёни қарни сездаҳуми мелодӣ мебошад, ки дар Бухоро таваллуд шуда, дар Ногаври Ҳинд зиста, дар Деҳлӣ вафот кардааст.

4) Нашри «Лавоеҳ», махсусан, ашъори форсии он холӣ аз хатои матншиносӣ нест, ки ҷиҳати тасҳеҳи онҳо метавон аз «Савонеҳ»-и Аҳмади Ғаззолӣ ва нусахи дигари мавҷуда мадад ҷуст ва минбаъд бо номи муаллифи аслӣ, яъне Ҳамидуддини Ногаврӣ ба нашр расонд.

**Рисолаи «Яздоншинохт».** Ин рисола ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълиф шуда, фарогири се боб мебошад. Муаллифи рисола дар муқаддима аз унвони бобҳо чунин хабар додааст: «Номи ин рисолат «Яздоншинохт» ниҳодам ва бар се боб тақсим кардам: аввал, «Дар исботи Борӣ таоло ва шинохтани баъзе аз сифот (ва афъол)-и Ӯ, субҳонаҳу ва таоло, ва нуктае чанд аз румузи Илоҳӣ; боби дувум «Дар маърифати нафси инсонӣ ва кайфияти (ҳоли) ӯ баъд аз муфорикат (-и бадан) ва маърифати саодат ва шақоват (дар миод); боби савум «Дар маърифати нубувват ва муъҷизоту каромот» [151, с. 8].

А. Усайрон аз шаш нусхаи ин рисола хабар додааст, ки, зоҳиран, чаҳор нусхаи он бидуни зикри муаллиф буда, яке аз онҳо аз мусаннафоти Шайх Афзали Кошонӣ (ин нусха ҷузве аз маҷмуаи «Зубдат-ул-маориф» мутааллиқ ба Донишгоҳи Теҳрон аст, ки зайли шумораи 1237 маҳфуз аст ва таърихи китобати он 874ҳ.қ./1469м. мебошад) ва дигаре аз таснифоти Шайхи Ишроқ (ин нусха ҷузве аз маҷмуаи мусаннафоти Шайхи Ишроқ буда, таърихи китобаташ 886ҳ.қ. аст ва зайли шумораи 644 дар Китобхонаи Маҷлиси Шӯрои Миллӣ нигоҳдорӣ мешавад) дониста шудаанд [172, муқаддима, с. 36-37] ва дар ҳеч яке аз нусхаҳо номи Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба назар намерасад. Мавлоно Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» [185, с. 414-416], Ризоқулихони Ҳидоят дар «Риёз-ул-орифин» [178, с. 167-168] ва Мирзо Муҳаммадалии Мударрис дар «Райҳонат-ул-адаб» [152, с. 224-227] аз ин асар ёд накардаанд.

Р. Фарманиш ин рисоларо аз ҷумлаи таълифоти Айнулқузоти Ҳамадонӣ медонад ва мегӯяд, ки онро Қозӣ дар масоили илоҳӣ ва ҳикмату улуми табиӣ барои Азизуддин Муставфии Исфаҳонӣ- амми Имоди Котиби Исфаҳонӣ, ки нисбат ба вай иродати хос дошт ва ҳомии ӯ буд, навиштааст [398, с. 103]. Донишманди мазкур дар бораи шомили се боб ва 21 фасл будани ин рисола ва мавзуоти баҳси абвобу фусули он ба ихтисор маълумот дода мегӯяд, ки дар он масоили ғомизу печидаи ҳикмат бо содатарин баён шарҳу тавзеҳ шудааст [398, с. 103-105]. Бино ба қавли Р. Фарманиш, дар ин рисола истидлолоти қуръонӣ хеле камтар аз «Тамҳидот» ва «Номаҳо» буда, ҳамагӣ се байти арабӣ ва ду байти форсӣ ҷиҳати шоҳид оварда шудаанд [398, с. 106]. Аз ин нукта худ равшан мешавад, ки сабк ва тарзи нигориши ин рисола аз таълифоти дигари форсии Айнулқузот, махсусан «Номаҳо» ва «Тамҳидот» куллан фарқ мекунад.

И. Умарзода ҳам рисолаи мавриди баҳсро аз ҷумлаи осори Айнулқузот медонад ва ахбори Р. Фарманишро ба ихтисор ва бо андаке тағйир такрор намуда мегӯяд, ки он шомили се боб ва фаслҳои ҷудогона буда, перомуни маърифати Худо ва сифатҳои Ӯ, маърифати нафси инсонӣ, чигунагии ҳол ва шақовати ӯ дар охират, нубувват ва муъҷизоту каромот баҳс мекунад [294, с. 36-37; 295, с. 14].

М. Баҳор унвони ин рисоларо «Эзадшинохт» оварда, онро яке аз кутуби илмии ин давра (аз 552 то 620ҳ. / 1157-1223м.) мехонад, ки, зоҳиран, Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар тавҳид нигоштааст [339, ч. 2, с. 399-400]. Андешаи М. Баҳорро наметавон қабул кард, зеро ин рисола дар масоили маърифати Худо ва сифоту афъоли Ӯ, маърифати нафси инсонӣ, нубувват ва муъҷизоту каромот баҳс мекунад, на тавҳид. Афзун ба ин, донишманди мазкур онро дар қатори китобҳои илмие зикр намудааст, ки байни солҳои 552-620ҳ. / 1157-1223м. таълиф шудаанд. Агар гӯем, ки «Яздоншинохт» маҳз дар ҳамин давра нигошта шудааст, пас наметавонад он аз таълифоти Қозии Ҳамадонӣ (490-525ҳ. / 1097-1131м.) бошад. Ҳ. Довудӣ низ ба иштибоҳ ин асарро аз ҷумлаи осори илмии Айнулқузот хонда, фарогири се боб ва ба Азизуддин Муставфии Исфаҳонӣ бахшида шудани онро таъкид намудааст [212, с. 30].

А. Зарринкӯб мегӯяд, ки ин рисоларо ба Шиҳобуддини Сухравардӣ ва Бобоафзали Кошӣ низ нисбат медиҳанд, аммо дар нусхаи нисбатан қадимтар мансуб ба Айнулқузот аст. Донишманди мазкур бо вуҷуди ихтилофи маонии ин рисола бо таълифоти дигари суханвар онро аз осори Айнулқузот мехонад ва тахмин мекунад, ки Қозӣ онро қабл аз «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Тамҳидот» нигоштааст [213, с. 169].

Сайид Насруллоҳи Тақавӣ ин рисоларо аз таълифоти Шаҳобуддини Сухравардӣ медонад ва соли 1316-ум баъд аз тасҳеҳ ба чоп расонидааст, ки ин нашр дар ихтиёри мо аст [151]. Баҳман Каримӣ бошад, онро аз мусаннафоти Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳисобида, бо муқаддима ва тасҳеҳ соли 1327-ум дар Теҳрон нашр кардааст [174].

А. Мунзавӣ дар фасли «Китобҳои мансуб ба Айнулқузот» аз ин рисола ёд накардааст [171, ҷ. 3, с.35-36]. А. Усайрон дар муқаддимаи «Тамҳидот» дар бораи ин рисола маълумоти нисбатан муфассал дода [172, муқаддима, с. 36-39], онро, зоҳиран, аз таълифоти Сухравардӣ медонад [172, муқаддима, с. 36] ва дар интисоби он ба Қозии Ҳамадонӣ тардид доштани худро изҳор мекунад [172, муқаддима, с. 37].

Чун муаллифи рисолаи «Яздоншинохт» дар чанд ҷойи асар маҳзари ӯро «маҷлиси олӣ» зикр намуда, баъзе аз муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки ин ҷо мухотаби муаллиф вазири Султон Маҳмуд Азизуддини Исфаҳонӣ мебошад. Чунонки зикр шуд, Р. Фарманиш [398, с.103] ва И. Умарзода [294, с. 36; 295, с. 14] бар ҳамин ақидаанд, аммо А. Усайрон ин ақидаро нодуруст мехонад ва мегӯяд, ки «Қозии Ҳамадонӣ барои муридони соҳиби мақом ва мансаб аз ин қабил унвонҳо қоил намешуда, балки ҳамеша онҳоро монанди шогирде мухотаб қарор медодааст» [172, муқаддима, с. 37-38]. Н.М. Ҳиравӣ низ интисоби ин рисоларо ба Айнулқузот рад мекунад ва ақоиди мазкури муҳаққиқонро беасос мехонад ва мегӯяд: «Далели онон ки забти «маҷлиси олӣ»-ро дар муқаддимаи он рисола ба пайванди Қозӣ бо Азизуддини Муставфӣ нисбат додаанд, чун аз руҳияи дарборситезӣ ва маҷлисгурезии Қозӣ беиттилоанд, талоши онон чизе аст баробар бо об дар ҳован кӯбидан» [407, с.

62-63]. Онҳое, ки ин рисоларо ба иштибоҳ аз таълифоти Айнулқузот хондаанд, мухотаби муаллифро Азизуддини Исфаҳонӣ гуфтаанд. Чун муаллифи аслӣ Айнулқузот нест, пас мухотаб низ наметавонад Азизуддин бошад. Гузашта аз ин, Қозӣ дар ҳеч як номаи худ, ибораи «маҷлиси олӣ»-ро дар ҳаққи касе ба кор набурдааст.

А. Усайрон пас аз мутолаа ва муқобалаи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» бо рисолаи «Яздоншинохт» ба чунин хулоса расидааст, ки «ин ду таълифро аз лиҳози сабк ва мазмун наметавон ба як муаллиф нисбат дод, зеро аз лиҳози сабк ва гироӣ ва лутфе, ки дар «Зубдат-ул-ҳақоиқ» машҳуд аст, дар рисолаи «Яздоншинохт» асаре нест ва аз назари мазмун, ақоид ва орой ин ду китоб асосан бо ҳам мутазоданд» [172, муқаддима, с. 38-39].

Муҷтабо Минавӣ низ интисоби ин рисоларо ба Айнулқузот рад мекунад ва муътақид аст, ки чун Қозӣ дар соли 525ҳ. ба шаҳодат расида ва дар ин рисола чанд байт аз Ҳаким Саноии Ғазнавӣ омадааст, ки дар соли 535 ё 545ҳ. даргузаштааст, наметавонад аз ӯ бошад [336, с. 96]. Мо ба ин ақидаи Муҷтабо Минавӣ розӣ буда наметавонем, зеро дар «Номаҳо»-и Айнулқузот абёти зиёде аз Саноӣ истишҳод шудаанд, ки дар фасли алоҳида мо дар ин хусус баҳс хоҳем кард.

Сабаби тардиди мо дар интисоби рисолаи «Яздоншинохт» ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ инҳо мебошанд:

1) Ҳеч як аз тазкиранигорон, ба монанди муаллифони «Нафаҳот-ул-унс», «Риёз-ул-орифин» ва «Райҳонат-ул-адаб» рисолаи мавриди баҳсро дар радифи таълифоти Қозӣ зикр накардаанд.

2) Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар «Шаква-л-ғариб» ва осори дигари худ аз ин рисола ёд накардааст.

3) Сабк ва шеваи баёни рисолаи «Яздоншинохт» аз сабк ва шеваи нигориши осори форсии Айнулқузот, яъне «Номаҳо» ва «Тамҳидот» куллан фарқ мекунад. Корбурди андаки истидлолоти қуръонӣ ва ҳамагӣ се байти арабӣ ва ду байти форсӣ ҷиҳати шоҳид овардани муаллифи «Яздоншинохт» далели дигаре бар таълифоти Қозӣ набудани рисолаи мавриди баҳс мебошанд,

зеро Айнулқузот дар осори худ ба касрат аз оёти Қуръон мадад ҷуста, ашъори зиёди арабӣ ва форсӣ-тоҷикиро барои истишҳод овардааст, ки дар мактуботи суханварони дигар ба ин миқдор нестанд.

**«Шарҳи калимоти қисори Боботоҳир».** «Калимоти қисор» дар луғат суханони кӯтоҳ ва пурмаъноро гӯянд [437, ч. 2, с. 1240]. Баъзе аз муҳаққиқон ва таҳиягарони тоҷик онро «калимоти қассор» [213, с. 169] ва «калимоти қусор» [294, с. 36] хондаанд, ки саҳеҳ нест, зеро вожаи «қассор» дар луғат маънии «гозур, рахтшӯй, шустагару ҷомашӯй»-ро дошта, калимаи «қусор» маънии «сустӣ ва поён»-ро дорад. Китоби мазкур ба забони арабӣ буда, зоҳиран, фарҳангномаи содаи луғот ва истилоҳоти тасаввуф мебошад. А. Усайрон ба мавҷудияти се нусхаи он, ки дар китобхонаи Остонаи Қудси Разавӣ (зайли шумораи 843, таърихи китобат 1265ҳ.қ./1849м.), китобхонаи Маҷлиси Шӯрои Миллӣ (зайли шумораи 661, таърихи китобат 1314ҳ.қ./1896м.) ва китобхонаи Донишгоҳи Теҳрон (зайли шумораи 361, бидуни таърихи китобат) маҳфузанд, ишора намудааст. Замони китобати нусхаҳои мазкур нисбатан мутааххир ва хеле дур аз замони зиндагии Боботоҳир ва Айнулқузот аст. А. Зарринкӯб низ ба замони китобати нусхаҳои китоби мавриди баҳс ишора намуда мегӯяд: «Нусхаҳои мавҷуди «Шарҳи калимоти қассор (қисор - З.Ҳ.)-и Боботоҳир» ҳам биннисба тоза аст ва ин нукта ҳам шояд ҳокӣ бошад аз саъйи ҷамоате, ки Боботоҳир бад-онҳо мансуб будааст – дар ихфои он» [213, с. 169].

Акси нусхаи хаттие, ки зери дасти мост, мансуб ба китобхонаи Маҷлиси Шӯрои Миллӣ буда, зайли шумораи 661 (зоҳиран, рақами 661 бо ранги сурх минбаъд навишта шудааст, аммо қаблан бо ранги сиёҳ шумораи 9022 навиштаанд) нигоҳдорӣ мешавад [176]. Дар болои сафҳаи аввали ин нусха баъд аз «бисмиллоҳ» номи китоб ва муаллифи он – Айнулқузот бо ранги сурх навишта шудааст. Китоби мазкур бо ҳамди Худованд ва дуруди расул (с) оғоз гардидааст: «بسم الله الرحمن الرحيم. الحمد لله الواحد الاحد الصمد الّذی لم يلد و لم يولد و لم يكن له كفوا احد...» [176, с. 1а]. Дар поёни китоб замони китобати он, яъне шаҳри ҷумодӣ-ус-сонӣ мутобиқи санаи 1314ҳ. сабт шудааст, ки баробар ба моҳи

ноябри соли 1896м. мебошад. Мутаассифона, ин нусха сафҳагузорӣ нашудааст.

А. Усайрон дар интисоби ин китоб ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ шак дорад ва мегӯяд, ки «Қозии Ҳамадонӣ ба навиштани чунин фарҳанги содае мубодират намеварзид, магар он ки дар авоили умраш ин коррро карда бошад. Аз тарафе дар рисолаи «Шаква-л-ғариб» мебинем, ки Қозии Ҳамадонӣ тамоми таълифоти даврони ҷавонии худро валав ин ки беарзиш буда, монанди чанд байт шеъре, ки гуфтааст, ёдоварӣ мекунад, вале аз «Шарҳи калимоти қисори Боботоҳир» ном набурдааст» [172, муқаддима, с. 35]. Р. Фарманиш дар боби савуми китоби «Аҳвол ва осори Айнулқузот», ки «Осори Айнулқузот» унвон дорад, дар бораи ин китоби мансуб ба Қозӣ ба таври алоҳида баҳс накардааст [398, с. 99- 165]. Гузашта аз ин, дар муқаддимаи нашри «Лавоеҳ» зимни номгӯи осори Қозӣ ҳатто унвони ин китобро наовардааст [398, с. «вов», «зо», «ҳо»].

А. Зарринкӯб китоби мавриди баҳсро аз таълифоти Қозии Ҳамадонӣ медонад ва сабаби дар «Шаква-л-ғариб» зикр нагардидани онро кӯшише аз иҷтиноб дар иттиҳоми тоза мехонад [213, с. 169] ва меафзояд, ки «дар мавриди «Шарҳи калимоти Боботоҳир» мумкин аст тааммуде ҳам дар ин сукут будааст ва намехостааст як қаринаи дигар ба даст диҳад, дар баёни интисоби хеш ба ҷамоате аз сӯфияи Ҳамадон ва амсоли Шайх Барака, ки назди муташарриа ва уламои зоҳир мавриди суизан будаанд» [213, с. 169]. Донишманди мазкур на танҳо шарҳи калимот, балки нақли калимотро низ, ки ба забони арабӣ аст, мансуб ба қалами Айнулқузот медонад ва мегӯяд, ки асли суханони Боботоҳир аз навъи фаҳлавиёт аст, на арабӣ [213, с. 169].

И. Умарзода номи ин китобро «Шарҳи калимоти қусори Боботоҳир» хонда, бо такя ба маълумоти муҳаққиқон дар қатори рисолаҳои «Лавоеҳ» ва «Яздоншинохт» онро аз ҷумлаи осори Айнулқузот медонад ва мегӯяд, ки он «ба забони арабӣ навишта шудааст, ки он дар бораи фарҳанги сода ва терминологияи тасаввуф мебошад. Муаллиф кӯшиш кардааст афоризм ва суханони ҳикматноки аҳли тасаввуфро тафсир кунад» [294, с. 36].

Донишманди мазкур дар нашри русии китоби худ унвони ин асарро нисбатан саҳеҳ оварда (Шархи калимоти кисори Бобо Тахир), аммо ба забони русӣ унвони онро «Комментарии к крылатым выражениям Бобо Тахира» тарҷума кардааст, ки саҳеҳ нест [295, с. 14].

Ҳ. Баннопур китоби мавриди баҳсро аз ҷумлаи осори мансуб ба Айнулқузот меҳисобад ва номи комили онро «Шарҳи аҳволу осор ва дубайтиҳои Боботоҳири Урён» мехонад ва таъкид месозад, ки он ба кӯшиши Ҷаводи Мақсуд ба нашр расидааст [336, с. 95-96].

А. Мунзавӣ низ ин асарро аз осори мансуб ба Айнулқузот мехонад ва мегӯяд, ки «ин китобро шодравон Мишкот, ки нусхаи онро дошт, ба Айнулқузот мансуб мекард ва Донишпажуҳ низ дар Феҳристи Донишгоҳ (3:468) ҳамин нисбатро такрор кард... Оқои дуктур Ҷаводи Мақсуд дар «Феҳристи китобхонаи ғарби Ҳамадон» (с.152) ба дурустӣ нишон дод, ки шореҳи ин калимот наметавонад Айнулқузот бошад, чун Ҳамадонӣ нест ва сафаре ба Ҳамадон кардааст» [171, ҷ. 3, с. 35-36].

Баъзе аз муҳаққиқон китоби мавриди баҳсро аз таълифоти Боботоҳир медонанд, ки муаллифи «Луғатнома» – Деҳхудо аз ҷумлаи онҳо аст. Алиакбари Деҳхудо зайли исми «Боботоҳир» мегӯяд: «Боботоҳир аз сухангӯёни соҳибдил ва дардманд буда ва нағмаҳое, ки шоҳиди сӯзи дарунӣ аст, суруда ва низ рисолоте ба арабӣ ва форсӣ таълиф намудааст. Аз он ҷумла, маҷмуаи калимоти қисорест ба арабӣ, ки ақоиди тасаввуфро дар илму маърифат ва зикру ибодат ва ваҷду муҳаббат дар ҷумлаҳои кӯтоҳ ва муассире баён мекунад» [432, ҷ.3, с.3815].

С. Фадавӣ интисоби ин асарро ба Айнулқузот инкор мекунад ва дар радди иддаои муҳаққиқоне, ки ин китобро аз Қозӣ медонанд, ду шоҳид меорад ва мегӯяд: «Яке он ки дар муқаддима муаллиф мегӯяд: «Боре замоне, ки гузорам ба шаҳри Ҳамадон афтод» ва дигар ин ки дар «Шарҳи калимоти Боботоҳир» дақиқан иборати «ваҳдати вуҷуд» омадааст, бинобар ин шореҳи ин рисола бояд орифе пайрави мактаби Ибни Арабӣ дар садаи ҳафтуми ҳиҷрӣ (сездаҳуми мелодӣ-З.Ҳ.) ва пас аз он бошад» [397, с. 54-55]. Афзун ба ин, муҳаққиқи

мазкур сабки нигориши ин китобро аз осори дигари Қозӣ комилан мутафовит медонад ва дар ҷузви таълифоти дигари худ наовардани онро сабаби дигари радди интисоби ин асар ба Айнулқузот мехонад ва мегӯяд, ки ҳаросе барои ифшои ин асар вуҷуд надошта, зеро «Шарҳи калимоти қисори Боботоҳир» ба шеваи аҳли саҳв навишта шудааст ва холӣ аз суханони шатҳомез мебошад [397, с. 55].

Аз гуфтаҳои фавқ равшан мешавад, ки «Шарҳи калимоти қисори Боботоҳир» низ монанди рисолаҳои «Лавоеҳ» ва «Яздоншинохт» наметавонад аз мусаннафоти Айнулқузоти Ҳамадонӣ бошад. Ба занни қавӣ, он нигоштаи муаллифе аст, ки аз пайравони мактаби Муҳйиддин ибни Арабӣ буда, тахмин баъд аз қарни сездаҳуми мелодӣ зиндагӣ ва эҷод намудааст.

Афзун ба ин, осори зеринро ба Қозии Ҳамадон нисбат медиҳанд, ки бо овардани унвони онҳо, шарҳи мухтасар ва зикри манобее, ки дар атрофи онҳо баҳс намудаанд, иктифо намуданро савоб медонем:

**«Ғоят-ул-имкони фӣ дироят-ил-макони»**. Зоҳиран, ин китоб аз мусаннафоти Маҳмуди Ушнавӣ (ҳудуди 550-610ҳ./ 1155-1213м.) аст, аммо Р. Фарманиш ба иштибоҳ онро ба Айнулқузот нисбат дода, дар соли 1338 ба нашр расонидааст. Сипас, оқои Латифуллоҳ онро бо тарҷума ба забони урду соли 1984м. чоп карда, дар муқаддима онро ба Қозӣ нисбат дода, ба иштибоҳ матни онро бо матни осори аслии Айнулқузот муқоиса намудааст [171, ҷ. 3, с.36]. Ҳ. Баннопур унвони онро «Ғоят-ул-имкон фӣ дироят-ил-макон» ё «Рисолат-ул-амкана ва-л-азмана» мехонад ва онро мансуб ба қалами Шайх Абумуҳаммад Маҳмуд ибни Худодод ибни Юсуфи Ушнавӣ донista, аз нашр ва макони нусхаҳои мавҷудаи он хабар медиҳад [336, с. 97]. Қ. Ансорӣ низ муаллифи аслии онро Тоҷуддини Ушнавӣ мегӯяд ва интисоби онро ба Айнулқузот рад месозад [162, с. нуҳ]. Аммо Н.М. Ҳиравӣ унвони онро «Ғоят-ул-имкон фӣ маърифат-из-замон ва-л-макон» оварда мегӯяд, ки «бархе аз муосирон исрори аҷиб ва ғарибе доранд, то онро ба номи ӯ (Айнулқузот-З.Ҳ.) барбанданд. Ба ҳамин ҷиҳат шабоҳатҳо ва монандагиҳое байни рисолаи

мазкур ва рисолаҳои «Лавоеҳ» ва «Яздоншинохт» ҷустуҷӯ кардаанд, ғофил аз ин ки нисбати ҳар се ба Қозӣ мардуд аст» [407, с. 62].

**«Мадор-ул-уюби фӣ-т-тасаввуфи».** Ин асар низ ба забони арабӣ аст ва дар «Эзоҳ-ул-макнун»-и Бағдодӣ ва «Муъҷам-ул-муаллифин»-и Умар Ризо Каҳҳола ҷузви мусаннафоти Айнулқузот دониста шудааст [162, с. ҳашт]. Н.М. Ҳиравӣ номи ин китобро ба ихтисор «Мадор-ул-уюб» оварда, сарчашмаи ин интисобро монанди Қ. Ансорӣ китоби «Эзоҳ-ул-макнун»-и Исмоил Пошо ва «Муъҷам-ул-муаллифин»-и Каҳҳола медонад [407, с. 63].

**«Ар-рисолат-ул-яминия»**. Ин рисола ба забони арабӣ буда, Ҳоҷӣ Халифа дар «Кашф-уз-зуннун» ва Умар Ризо Каҳҳола дар «Муъҷам-ул-муаллифин» онро ба Қозии Ҳамадонӣ нисбат додаанд [162, с. нуҳ]. Муаллифи китоби «Хосияти оинагӣ» дар бораи рисолаи мазкур мегӯяд: «...аз он нусхае шинохта нашудааст, то дурустӣ ва нодурустии нисбати онро ба Қозӣ тафтиш кунем» [407, с. 63].

Имкон дорад, ки баъзе аз тазкиранигорон ва муҳаққиқон шояд боз чанд асари дигарро ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ нисбат дода бошанд. Чунонки ишора шуд, муаллифи тазкираи «Райҳонат-ул-адаб» ба иштибоҳ рисолаи «Айния» («Тозиёнаи сулук») ва «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Шайх Аҳмади Ғаззолиро аз осори Айнулқузот донистааст.

Аз баҳсҳои фавқ равшан мешавад, ки баъзе аз тазкиранигорон ва муҳаққиқон бидуни таҳқиқ ахбори манобеъ ва пажуҳишгарони қаблии худро такрор намудаанд. Онҳое, ки бевосита бо сабк ва шеваи нигориши осори аслии Айнулқузот ошноӣ доранд, ҳангоми муқоиса метавонанд интисоби чанд асарро, ки котибони нусах ё муҳаққиқон ба номи Қозии Ҳамадонӣ китобат ё нашр кардаанд, рад созанд. Афзун ба ин, Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар китоби «Шаква-л-ғариб», «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Тамҳидот» ва «Номаҳо» аз мусаннафоти худ ёд намудааст, ки моро дар шинохти осори аслии ӯ кӯмак ва роҳнамоӣ мекунанд.

# БОБИ II. ТАЪРИХИ ТАТАВВУР ВА МУХТАССОТИ ТАРАССУЛ ВА НОМАҲОИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ ТО ЗАМОНИ АЙНУЛҚУЗОТИ ҲАМАДОНӢ

## II.1. Пайдоиши хат ва оғози номанигорӣ то давраи Сосониён

Бешак, ҳар падидае мавлуди ниёз аст ва бидуни ниёз чизе тавлид ва ё эҷод намешавад. Чунончи, инсони ибтидоиро зарурате пеш омад ва хост, ки фикри худро ба наздиконаш баён созад ва ҳам аз фикри дигарон огаҳ гардад, зоҳиран, ба ин сабаб забон ба вуҷуд омад. Яъне забон дар замоне ба вуҷуд омад, ки дар ҷамъияти ибтидоӣ ниёзе ба он пайдо шуд. Аз ин нуқтаи назар, кулли донишмандон забонро муҳимтарин воситаи алоқа байни одамон ва беҳтарин васила ҷиҳати ифодаи фикру мақсуд медонанд. Аммо гурӯҳе аз донишмандон таърихи пайдоиши забонро баробар бо таърихи офариниши башар ва замони такомули зеҳни инсон ва ташкили ҷомеа медонанд [402, с.7].

Дар ибтидо забони шифоҳӣ то андозае тавонист ҳамчун воситаи алоқаи байни инсонҳо хидмат кунад, аммо чун инсони ибтидоӣ ба сафар баромад ва аз ёру диёри худ ба дур афтод, дигар натавонист тавассути забон паёми хешро ба наздикону пайвандон расонад ва ҳам аз аҳволи онон иттилоъ ёбад, баъд аз андешаи зиёд паёми шунидани (забон)-ро ба диданӣ (хат) мубаддал кард ва бо ин тартиб хат ихтироъ шуд [355, с. 2]. А. Афсаҳов ва Ҳ. Қаҳҳоров низ сабаби пайдоиши хатро дур аз ҳам афтодани мардуми ибтидоӣ медонанд ва бар он боваранд, ки дар ибтидо хат ҳамчун воситаи иловагии мададрасон барои муҳовара ба вуҷуд омада, бештар барои ба масофаи дур расонидани нутқ хизмат менамуд [200, с. 4].

Баъзе аз донишмандон пайдоиши нома ва номанигориро баробар бо замони пайдоиши хат медонанд ва ҷиҳати шинохти таърихи пайдоиши фанни номанигорӣ донистани таърихи хатро ҳатмӣ мешуморанд [355, с. 1-2; 200, с. 4]. Аз ин рӯ, ҷиҳати шинохти пайдоиши номанигорӣ бояд аз таърихи зуҳури хат низ огоҳ бошем.

Нахустин навъи хат, ки башар эҷод намуд, хатти ҷумлавӣ (фразеограмма) буд. Ин навъи хат бештар барои расонидани хабари том ба кор мерафт. Куҳантарин навъи ин хат аломатҳои шартии қадим буд, ки ҷиҳати муайян сохтани соҳиби мол ва ба кӣ мутааллиқ будани ашё ба кор мерафт. Ин аломатҳо қариб дар ҳамаи ашёи рӯзгор, аслиҳа ва ҳайвонҳои хонагӣ гузошта мешуд. Масалан, соҳиби чорвои хурди хонагӣ барои он ки молҳояш бо моли дигарон омехта нашаванд, дар гӯшҳои онҳо аломати махсус мегузошт. Бар молҳои нисбатан бузург (асп ва ғ.) бошад, тамға ва ё доғи махсус гузошта мешуд. Ин аломатгузорӣ имрӯз низ байни чорводорони маҳаллӣ бар ҷой аст ва маълум мешавад, ки он аз замони бисёр қадим то ба имрӯз расидааст.

Навъи дигари хатти ҷумлавӣ хатти аксӣ ё тасвирӣ (пиктографӣ) мебошад, ки баъзе аз донишмандони ватанӣ замони пайдоиши онро ба давраи неолит (6-8 ҳазор сол қабл аз мелод) мутааллиқ медонанд [200, с. 5]. П.Н. Хонларӣ давронн қабл аз пайдоиши хатро «давраи моқабли хат» ва давронн истифодаи хатти тасвириро «маҷмуае аз қиссаҳои бегуфтор» мехонад [402, с. 32]. Ин навъи хат, чунонки аз исмаш пайдост, як навъ хатте буд, ки нигорандаи он мақсуди хешро тавассути тасвирҳо баён медошт. Бинобар фармудаи П.Н. Хонларӣ, хатти тасвирӣ - «қиссаҳои бегуфтор» на ҳокӣ аз калимот, балки ҳикоят аз умуре мекард, ки мутазаммини паёмҳои кӯтоҳ ё хабарҳо буд [402, 32-33]. Ин навъи хатро қариб аксари мардуми ибтидоӣ ба кор мебурд ва фаҳм мекард. Намунаи ин навъи хатро имрӯз низ метавон пайдо кард, ки мисолашон нишонаҳои қадди роҳ мебошанд.

Зоҳиран, қабл аз пайдоиши хатти ҷумлавӣ низ байни мардуми ибтидоӣ воситаи дигари фиристодани паём мавҷуд будааст, ки баъзе аз муҳаққиқон онро «воситаи ашёии фиристодани хабар» номидаанд [200, с. 6]. Бино ба ахбори А. Афсаҳов ва Ҳ. Қаҳҳоров ин навъи фиристодани паём байни аксари халқҳо расм будааст. Донишмандони мазкур ҷиҳати шоҳиди ин фикр аз паёми ашёии скифҳо ба сӯи эрониёни қадим ёд кардаанд. Тибқи ин ривоят, гӯё скифҳо сӯи эрониён ғук, муш, мурғ ва панҷ тир фиристодаанд, ки чунин маънӣ доштааст: «Агар шумо, форсҳо, чун мурғ ба осмон парвоз карда натавонед,

чун ғук дар ботлоқ давида натавонед ва чун муш зери замин пинҳон шуда натавонед, ҳамаатон дар зери тирборони мо ҷон хоҳед дод» [200, с. 6]. М. Баҳор низ дар хусуси пайдоиши хат ва нависандагӣ баҳс намуда мегӯяд, ки «асли хутути олам аз нақш кардани пиндор ва тасаввури башарӣ бо сурате сода ва орӣ аз санъат» пайдо шудааст [339, ч. 1, с. 85]. Донишмандони мазкур бар он боваранд, ки қадимтарин хатти олам куҳантарин нақш (акс, тасвир) аст, ки инсони ибтидоӣ ҷиҳати баёни андеша ва мақсуди хеш нигоштааст. Ба гумони наздик ба яқин хатҳое, ки минбаъд ихтироъ шудаанд, хулосаи ҳамон нуқуш ва комилшудаи ҳамон заҳамот мебошанд, ки бо саъю кӯшиш, талош ва ислоҳоти зиёд аз мардуми бостон то замони мо расидаанд.

М. Баҳор мароҳили такомул ва татаввури хатҳои оламро иборат аз чаҳор марҳила: хатти нигорӣ ё нақшӣ, хатти намудорӣ ё аломатӣ (идеограмма), хатти оҳангӣ ё савтӣ ва хатти алифбоӣ медонад [339, ч.1, с. 86-87]. Муаллифони китоби «Хат ва пайдоиши он» низ хутути оламро аз рӯйи ифодасозии нутқ ба чаҳор гурӯҳ ҷудо намудаанд, ки инҳо хатти ҷумлавӣ (фразеограмма), хатти калимавӣ (логограмма), хатти ҳиҷоӣ (силлабограмма) ва хатти овозӣ (фонограмма) мебошанд [200, с. 5 ба баъд]. Донишманди маъруфи рус В.А.Истрин бошад, хутути оламро ба панҷ қисмат: фразеограммаҳо, логограммаҳо, морфемограммаҳо, силлабограммаҳо, фонограммаҳо (фонемограммаҳо) ҷудо намуда, сабаби ба ин ақсом ҷудо намудани онҳоро низ шарҳ додааст [236, с. 36]. Афзун бар ин, донишманди мазкур батафсил дар хусуси фразеография [236, с.37-39], логография [236, с.39-43], морфемография [236, с.43-45], силлабография [236, с.45-46] ва фонография [236, с.46-48] маълумот додааст.

Аз хутути қадими форсӣ, ки то мо нарасидаанд, сухан намудан хеле душвор аст. Дар бораи асли хатҳои дунё низ байни донишмандон ақоиди пурихтилоф ба назар мерасад. М. Баҳор бар он бовар аст, ки қадимтарин ва саҳлтарин хатти алифбоии дунёи қадим хатти финиқӣ (хатти махсуси Канъониён) мебошад, ки минбаъд хатҳои дигари олам, ба мисли хатҳои ибрӣ, сурёнӣ, набатӣ, арабӣ, муснад, оромӣ, паҳлавӣ, юнонӣ, лотинӣ, санскрит,

суғдӣ, уйғурӣ, ҳабашӣ ва хатҳои дигари дунё аз он хат гирифта ва тақлид шудаанд. Яъне аз ҷумлаи хутути то мо расида танҳо хатти мисрӣ ва чинӣ аз боқимондаҳои хатти нигории қадим буда, сарчашмаи боқии хатҳо хатти финиқӣ мебошад [339, ҷ.1, с. 87-88].

М. Донишпажуҳ пайдоиши номанигориро муқаддам бар ҳама осори катбӣ, ҳатто қабл аз сангнабиштаҳо ва соири катибаҳо медонад ва мегӯяд, ки «агар ихтирои хатро натиҷаи ниёзи инсони мусофир ба ирсоли паём бидонем, ки ба эҳтимоли қариб ба яқин чунин аст, нахустин нигориш ва китобати инсон нома будааст, ки ниёз бад-он муқаддам бар сангнабиштаҳост, ки мусалламан ниёзе пас аз ниёзи номанависии як мусофир ба бастагон ва ошноён аст, чаро ки сангнабиштаҳо, набиштани нома ба ояндагон аст ва номанависӣ паёме ба ҳамасрон» [355, с. 2].

Зоҳиран, сангнабиштаҳои боқӣ пас аз рушду камол ёфтани фанни нависандагӣ ва номанигорӣ аз ҷониби дабирони махсус ва нависандагони соҳибтаҷриба бо дастур ва супориши подшоҳ ва ё ҳокиме бар рӯйи сангҳо навишта шудаанд. Дар сурати дуруст будани андешаи мазкур метавон гуфт, ки нахустин номаҳои инсони қадим мактубҳои ихвонӣ буданд, ки ба ёрону пайвандон нигоштааст, на номаҳои султонӣ ва девонӣ, ки хеле дертар аз номаҳои ихвонӣ пайдо шудаанд. Чун аз номаҳои куҳани инсони ибтидоӣ ҳеҷ иттилое дар даст нест, метавон тахмин кард, ки аввалин номаҳои нигоштаи ӯ бисёр сода, кӯтоҳ, холӣ аз ҳар гуна ҳунари нависандагӣ ва дархури фаҳми мухотаб буд.

Дар замони Ҳахоманишиён катибаҳо ва сангнабиштаҳо ба хатти мехӣ навишта мешуд, аммо номаҳо ва анвои макотиб, ки барои муосирон менавиштанд, ба хатти оромӣ сурат мегирифт. Дабирони ин давр оҳиста-оҳиста дар баробари хатти мехӣ истифодаи хатти оромиро ба роҳ монданд ва ниҳоят ҳамаи номаҳо, номаҳои давлатӣ ва макотиби шоҳон, фармонҳо ва навиштаҳои одию ҳаррӯзаи худро ба ин хат менигоштанд. Сабаби аз тарафи дабирон барои номанависӣ ихтиёр шудани хатти оромӣ, пеш аз ҳама, нигориши осон ва дастрасии маводи сабти он буд [339, ҷ.1, с. 101]. Аз ин ҷо,

маълум мешавад, ки дабирони аҳди Ҳахоманишӣ дар баробари донистани забони форсии бостон ва забони оромӣ дар нигоришу хондани хатҳои мехӣ ва оромӣ низ моҳир будаанд. Шоҳони Ҳахоманиширо ба ҷуз дабирони форсизабон дабирони оромизабон ё худ оромидон низ буданд, ки дар хондану нигоштани номаҳои давлатӣ бад-онҳо муроҷаат мекарданд. А. Тафаззулӣ аз забон ва мухтассоти номаҳои ин давр ба таври зер ёд намудааст: «Аммо забони девонӣ ва мукотибаи шоҳаншоҳии Эрон оромӣ будааст. Номаҳои давлатиро дабирони оромизабон ё оромидон аз гуфтаи шоҳ ё фармонравоёни дигар, ки ба форсии бостон баён мешуд, ё аз гуфтаи фармонравое, ки забони дигаре дошт, ба забони оромӣ боз мегардониданд ва менавиштанд ва номаҳоеро, ки аз устонҳои дигари шоҳаншоҳӣ ба забони оромӣ мерасид, барои шоҳ ба форсии бостон, ё барои ҳукмроне, ки нома хитоб ба ӯ буд, ба забони худи ӯ тарҷума карда мехонданд. Теъдоде аз ин мукотибот мутааллиқ ба қарни панҷуми қабл аз мелод ба забони оромӣ бар рӯйи чарм аз Миср ба даст омада, ки мансуб ба шаҳрбони Миср ба номи Аршом аст. Ин аснод бо ин ки ба оромӣ навишта шуда, аммо аз назари сабк таҳти таъсири форсии бостон аст ва луғоти ин забон ва ҷумлаҳое, ки айнан тарҷумаи форсии бостон аст, дар он бисёр дида мешавад» [394, с. 23].

Пас аз давраи ҳукумати Ҳахоманишиён забони оромӣ оҳиста-оҳиста мақоми худро аз даст дод ва минбаъд ба ҷои он забонҳои дигари эронӣ (ба мисли паҳлавӣ, портӣ, суғдӣ ва хоразмӣ) ба ҳайси забони мукотибот ва муросилот пазируфта шуданд. Аммо суннати ороминависӣ то дер байни дабирони эронӣ боқӣ монд ва тахмин сабаби бозмондани ҳузворишҳо гашт [394, с. 24].

Аз салотини Ашконӣ катибае то мо нарасида ва маълумоти андаке, ки донишмандон дар ин мавзуъ баён доштаанд, аз манобеи арманию румӣ ва юнонӣ гирифта шудаанд [381, к.1, с. 176]. Забони ин қавмро ориёии эронӣ медонанд, ки миқдоре аз луғоти сакоӣ низ ба он ворид шудааст. Гӯё ин ҳамон забоне аст, ки минбаъд ба паҳлавӣ маъруф шуд ва байни забони форсии куҳан ва форсии нав мақоми васатиро дошт. Аз замони Искандар ва замони

тасаллути силавкиҳо забони юнонӣ низ вориди ин забон мегардад, ки шоҳиди ин ҳарф чанд сиккаи шоҳони Ашконӣ мебошанд, ки ба забон ва хатти юнонӣ ба даст омадаанд. Селевкиён (334 то 126 қабл аз мелод), ки ҷойнишини Искандар буданд, мардуми Эронро водор месохтанд, ки забону хат ва фарҳанги юнониро қабул созанд. Аз ахбори манобеи мавҷуда равшан мешавад, ки ғолиби шоҳон ва дабирони Ашконӣ донандаи хуби забони юнонӣ буданд ва, ба эҳтимоли наздик ба яқин, қисмате аз номаҳои шоҳон ва номаҳои дарбории ин давр ба забони юнонӣ нигошта мешуд [381, к.1, с. 147- 180].

Осори адабӣ ва номаҳои давраи Ашконӣ то мо нарасидаанд. Аз ин нигоҳ, дар хусуси вазъи адабиёт ва ҳунари нависандагию номанигории ин давр сухан намудан душвор аст. Танҳо дар заминаи баъзе қароини мавҷуда метавон дарёфт, ки нахуст номаҳои салотини ин давр низ мисоли номаҳои шоҳони Ҳахоманишӣ ба забони оромӣ буда, баъд аз нимаи қарни дуюми пеш аз мелод забон ва хатти портӣ ҷойи онро гирифтааст [394, с. 75]. Қисме аз номаҳои ин давр ба забони юнонӣ низ навишта шудаанд. Чунончи, номаи Ардавони савум ба мардуми Шуш ба забони юнонӣ навишта шудааст [394, с. 75]. Аз ин ҷо метавон хулоса намуд, ки дар ин давра бар замми забони оромӣ забони юнонӣ низ ҳамчун забони расмии дарбори Ашконӣ дар кор будааст. Сиккаҳои ин давр нахуст ба расми Селевкиён ба хатти юнонӣ зарб шуда, баъд аз нимаи қарни аввали мелодӣ портӣ ҷои онро гирифтааст [394, с. 75]. Эҳтимол дорад, ки забони юнонӣ танҳо дар муҳити дарбори Ашкониён, хосса шоҳон ва дабирони дарбор ба кор мерафт, на миёни оммаи мардум, зеро ҳеч яке аз манобеи зери дасти мо аз ин хусус хабар намедиҳанд.

Аз катибаҳои портӣ (паҳлавии Ашконӣ) чанд сангнавиштаю чармнавишта, фулузнавиштаю сафолнавишта боқӣ мондаанд, ки андаке аз онҳо ба давраи Ашкониён мутааллиқ мебошанд. Аз осори бозмондаи шаҳри Нисо, Ишқободу Марв, Авромони Курдистон, Дуро Урупус ва ғ. маълумоти андаке ба даст омадааст [394, с. 76-79], ки ба номаҳои он давр ишора мекунанд. Чунончи, байни сафолнавиштаҳои кашфшудаи шаҳри Нисо ва Ишқободу Марви бостон, ки бештарашон ба асри аввали қабл аз мелод тааллуқ доранд,

чанд сафолшикастаҳое ба даст омадаанд, ки дар замони худ ба унвони пешнависи нома ба кор мерафтаанд [394, с. 76- 77]. Афзун бар ин, аз шаҳри Дуро Урупус дар қатори чанд деворнигора ва навиштаҳои рӯйи сафол (шомили феҳристе аз номҳои ашхос) як номае ба даст омадааст, ки бар рӯйи тиккае пӯст нигошта шудааст [394, с. 78- 79].

Аз ахбори манобеъ, баҳсҳои фавқ ва заминаи баъзе қароини мавҷуда равшан мешавад, ки нахустин навиштаҳои эрониён бисёр сода, дур аз зарофат буда, дабирону нависандагон ҷиҳати баёни мақсуд тасвири чизҳоро мекашидаанд ва ин навъи хатро хатти тасвирӣ мехондаанд. Минбаъд хат ва алифбо пайдо шуд, ки яке аз қадимтарини онҳо хатти меҳӣ мебошад. Сипас хутути дигар, ба мисли хатти авастоӣ ва паҳлавӣ пайдо шуданд, ки осоре пурбаҳо ба ин хатҳо нигошта шудаанд.

Хулоса, таъйини таърихи дақиқи оғози ошноии эрониён бо хат, нависандагӣ ва оғози номанигории форсӣ нисбатан душвор аст. Зеро онҳо дар ин хусус афсона ва ривоятҳои мутааддиде доранд. Баъзе агар Беварасб писари Вандосб маъруф ба «Заҳҳок»-ро аввалкасе донанд, ки ба форсӣ навишт [90, с. 20], баъзе Ҷамшедро нахустин касе медонанд, ки хат бинавишт [90, с. 20-21], табақоти мардумро танзим кард, нависандагонро табақабандӣ намуд ва рутбаҳояшонро таъйин сохт [183, с. 29]. Дар манобеи куҳан омадааст, ки чун Фаридун хост сарзамини худро миёни писаронаш – Салм, Тур ва Эраҷ тақсим кунад, ба ҳар кадом як савуми он бидод ва дар ин хусус номае навишта ба онон дод. Зоҳиран, дар замони Ибни Надим он нома дар назди подшоҳи Чин маҳфуз буда ва дар замони Яздигурд якҷо бо ганҷинаҳои Эрон он ҷо фиристода шудааст [90, с.20]. Ҳамчунин Ибни Надим мегӯяд: ба хатти Ҷаҳшиёрӣ дар китоби «Ал-вузаро ва-л-куттоб»-и ӯ хондам, ки дар замони подшоҳии Гуштосп – писари Луҳросп номанигорӣ бисёр кам буд ва мардум бар басти калом ва баёни маонӣ ба алфози фасеҳ тавоноӣ надоштаанд [90, с. 21] ва сипас аз гуфтаҳои Ҷамшед, Фаридун ва Кайковус писари Кайқубод ба Рустам, ки дар хотираҳо монда ва тадвин шудаанд, пораҳо овардааст, ки ба зоҳир қисмате аз

номаҳоро мемонанд [90, с. 21]. Поёнтар мегӯяд, ки дар аҳди Бистосб (муарраби Гуштосп) навиштан тавсеа ёфт [90, с. 21].

Лозим ба зикр аст, ки кам будани номанигорӣ ҳеч гоҳ маънии аз лиҳози адабӣ ва нависандагӣ камаҳамият будани номаҳои ин даврро надорад. Зеро аз ахбори Ҷаҳшиёрӣ равшан мешавад, ки Гуштосп дар аҳди худ ба гузиниши дабирон ва нигориши номаҳои девонӣ аҳаммияти махсус медода ва дабирони худро пайваста ба инсофу адолат даъват менамудааст. Чунонки ҷое мегӯяд: «Покдоманиро пешаи худ созед ва дар он чӣ ки ба шумо супурда мешавад, амонатдор бошед ва ғаризаву ақли худро ба шунидани адаб ва муроoти назокат мутаваҷҷеҳ созед. Он чӣ аз одоб ва усул баҳраманд шудед, онро мутобиқи табъи ақлии худатон ба кор бандед. Адолат ва инсофро пешаи худ бисозед. Он чиро ки интихоб ва баҳси он барои мо шоиста нест, ба мо ҷилва надиҳед» [183, с. 35]. Агарчи қисме аз ин ривоёту ҳикоёт афсонаро мемонанд, ба далели катибаҳои куҳани форсӣ, ки то имрӯз боқианд, тасвири подшоҳон дар шаҳри Истахр ва навиштаҳои куҳани марбут ба китоби динии «Авасто» метавон бовар намуд, ки ошноии мардуми эронинажод бо хат ва нависандагӣ бисёр куҳан аст.

Аз баҳсҳои фавқ метавон ба ин натиҷа расид, ки нома ва номанигории форсӣ баробар бо пайдоиши хат пайдо шудааст. Дар ибтидо номаҳо бисёр сода ва кӯтоҳ буда, минбаъд баробари тараққӣ кардани хат ва ҳунари нависандагӣ рӯ ба инкишоф овардаанд. Агарчи катибаҳои шоҳони Ҳахоманишӣ ба хатти мехӣ нигошта шудаанд, аксари номаҳои девонӣ аз тарафи дабирони оромизабон ва оромидон ба хатти оромӣ навишта мешуд. Маводи сабти номаҳои эрониёни қадим папирусу чарм ва лавҳаҳои сафолӣ буданд. Номаҳои қадими форсӣ то мо нарасидаанд, аммо аз катибаҳои куҳан метавон то андозае аз расм ва усули номанигории он давр иттилоъ ба даст овард.

Катибаҳои форсии бостон, ки ба хатти мехӣ навишта шудаанд, бешак, аз лиҳози таърихӣ ва забоншиносӣ арзиши зиёд доранд, вале аз ҷиҳати адабӣ ва ҳунари нависандагӣ аҳаммияти камтарро моликанд. Чунонки аз тарҷумаи катибаи Бесутун бармеояд, аксари иборот ва ҷумлаҳо ба такрор омада, ҳатто

баъзе бандҳо аз лиҳози мазмун такрори якдигарро мемонанд, гоҳи зиёд ҷумлаҳо сода ва кӯтоҳ буда, холӣ аз тахайюлоти адабӣ, санъатҳои бадеӣ ва сувари хаёл мебошанд.

## II.2. Оини тарассул ва муншаотнависӣ дар аҳди Сосониён

Бидуни тардид, Сосониён дар рушди илму фарҳанг ва адабиёти форсӣ хидмати беназиреро анҷом доданд, ки шоҳони пешини Эронзаминро муяссар нагашта буд. Онҳо дар ин давра тавонистанд давлати неруманде бунёд ниҳанд ва беш аз чаҳорсад сол бахши бузурге аз ҷаҳони он рӯзро зери итоати хеш қарор диҳанд. Маҳз дар ҳамин замон ба табақаи дабирон ва ҳунари нависандагӣ эътибори махсус дода шуд, ки, бешак, яке аз сабабҳои рушди тамаддуну фарҳанг ва илму адаби эронӣ баста ба ҳамин табақаи ҷомеа буд.

Дар замони Сосониён дабиронро лозим буд, ки расму оин ва одоби дабириро қатъиян риоят кунанд. Барои омӯзиши дабирӣ китобу дастурҳои махсуси дабирӣ навишта шуда буданд, ки аз хурдсолӣ барои фарзандони аҳли дарбор аз ҷониби муаддибон таълим дода мешуд. Дар ин хусус, чанде аз манобеи қуруни аввали исломӣ ва муҳаққиқони адабиёти тоисломӣ иттилоъ дода, роздорию ростгӯӣ, хайрхоҳию некнафсӣ ва амонатдории дабиронро аз ҷумлаи сифот ва ахлоқи писандида шуморидаанд [374, с. 52-54].

Яке аз одоби дабирӣ ва номанигорӣ риояти балоғати сухан, яъне дар каломи андак баён намудани маонии бисёр буд. Ҷаҳшиёрӣ низ ҷое ба ҳамин маънӣ ишора намуда, аз номи шоҳони тоисломии Эрон мегӯяд, ки кӯтоҳ кардани сухан набояд ба андозае бошад, ки матлаб норавшан бимонад: «Подшоҳони Эрон номанависонро тарҷумонҳои шоҳ мехонданд ва ба онон мегуфтанд: «Мабодо аз матлаб ба хотири ҳазфи маънои он бикоҳед ва аз танзими иборот ва балоғати онҳо чашм бипӯшед ва мантиқи онҳоро суст бикунед» [183, с. 30]. Дар китоби «Ҷовидон хирад»-и Мискавайҳ қитъае омадааст, ки дар он Ҷамшед ба дабири девони расоилаш чунин хитоб мекунад: «...навиштаи ту забони ман аст ва хабардиҳандаи мардумон аст аз амре, ки ғоибона ба эшон мекунам, пас мухтасар кун ва кӯтоҳ соз бар мардум роҳи фаҳмидани амри маро ва иҳота кун (яъне тамом фаро гир) андозаи умурро ва ибтидо кун ба амре, ки авлитар аз ҳамаи умур бошад ва баъд аз он ба амре

дигар, ки баъд аз амри аввал ӯ авлитар аз умури дигар бошад ва ҳамчунин кун то охири умур» [125, с. 121].

Аз ҷумлаи балоғат, ки донистану риояти он аз дабирони девон талаб карда мешуд, шинохтани фасл аз васл буд, яъне дар куҷо ҷудо намудан ва дар куҷо пайвастани матолибро хуб бидонанд. Ҳамчунин ҳангоми навиштан ситоишро аз накӯҳиш ҷудо созанд ва танҳо пас аз поёни як гуфтор гуфтори дигарро оғоз намоянд. Шоҳиди ин фикр, иборати зери Бузургмеҳр аст: «Чун мардеро ситудӣ ва дигареро накӯҳидӣ, он ду суханро аз якдигар ҷудо соз, то ситоиш аз накӯҳиш бозшинохта шавад. Ҳамчунонки дар навиштаҳоят ҳангоме гуфтореро оғоз мекунӣ, ки гуфтори пешинро поён бурда бошӣ» [374, с. 54-55].

Дар даврони тоисломӣ меъёрҳоеро барои балоғат муайян сохта буданд ва дабирони девонро зарур буд, ки онҳоро хуб омӯзанд ва дар навиштаҳои хеш ба кор баранд. Аз ҷумла, дабир (номанигор) ва нависандаро лозим буд, ки қабл аз навиштан хуб андеша кунад, ҳадду марзи он чиро, ки ба қалам меорад, нахуст дар зеҳни худ мураттаб намояд; Сухан ва навиштаҳояш мебоист баёнгари тамоми андешаҳояш бошанд; Ҷиҳати баёни мақсуд мебоист ҳамон миқдор калимоту таъбиротро ба кор барад, ки мавриди ниёз бошад, яъне кӯтоҳ ва пурмаънӣ гӯяд; Ҷиҳати баёни матлаб муносибтарин калимотро ба кор барад ва аз истифодаи калима ва ибороти маъмулӣ ва омиёна парҳез кунад [374, с. 55- 57].

Ҷиҳати омӯзиши ҳунари дабирӣ ва оини нигориш фарҳангномаҳои паҳлавӣ аҳаммияти зиёд доштанд. Чун дар аксари ин фарҳангномаҳо тарзи дурустнависии калимоту иборот, маонии вожаҳои душвор ва шарҳу тафсири истилоҳоти махсуси дабирӣ оварда мешуданд, эҳтимол дар дабиристонҳо ҷиҳати омӯзиши расму оин ва шароити дабирӣ аз онҳо истифода менамуданд. Яке аз ин гуна луғатномаҳо «Фарҳанги паҳлавиг» мебошад. Муаллиф дар ин фарҳангномаи кӯчак тавонистааст чанд калимоту иборотеро, ки аз назари имло навиштанашон душвор буд, ҷамъ намояд [394, с. 321-322].

Донишу фарҳанге, ки барои идораи умури девонҳо, навиштани номаҳо ва асноди мухталиф дар мавзуъҳои гуногун зарурӣ буд, минбаъд мақоми

дабириро ба он поя ва эътибор расонид, ки дар аҳди Сосониён табақаи дабирон на танҳо аз табақоти мумтоз ва бузургони кишвар маҳсуб мешуданд, балки яке аз аркони муҳимми давлат ва омили муассире дар идораи умури мамлакат ба шумор мерафтанд.

Дабирони девонро мебоист, ки асноди расмӣ ва номаҳои хусусиро ба сурати маснуъ ва сабки муқаррар таҳрир созанд. Ҳанӯз дар аҳди Сосониён дар номаҳо истифода бурдани қавли бузургон, андешаҳои ахлоқӣ, панду насиҳатҳои динӣ, ашъори пурмаъно, латоифу муаммо, луғазу румуз, амсоли пурҳикмат аз ҷониби дабирон расм гашта буд. Чун ҳунари нависандагии дабирони девон, бешак сабаби обрӯ ва эътибори подшоҳон буд, ҳар як шоҳ дар гузиниши дабирон бевосита ширкат мекард. Ва ҳар яке аз салотин ҳамеша ба дабирони тавоно ва оқилу фарзона ниёз доштанд.

Аз байни салотини Сосонӣ, беш аз ҳама, Нӯшервон бо адлу доди хеш шуҳрат дорад. Назди ӯ табақаи дабирон мақоми бисёр баланд доштанд, ба ҷуз нигориши номаҳо ва нависандагӣ ҳисоби тамоми дахлу харҷи мамлакатро низ бар дӯши онҳо гузошта буд.

Хулоса, шоҳони Сосонӣ ба гузиниши дабирони дарбор аҳаммияти махсус медоданд. Нахуст, мебоист дабир аз табақаи ашроф ва бузургзодагон бошад, аммо танҳо бузургии насаб барои расидан ба ин мақом кифоят намекард. Сипас, дониши комил, ҳунари нависандагӣ ва ҳусни хатти котибон ба назар гирифта мешуд. Афзун ба ин, барои гузиниши дабирон озмоиш ва имтиҳоноти хос доир мешуд, ки дар он бевосита худи шоҳ ва бузургони дарбор ширкат мекарданд. Мавҷудияти либос ва иди махсуси дабирон, ки дар сатҳи баланд таҷлил мешуд, аз мақом ва эҳтироми беназири дабирон назди шоҳони Сосонӣ хабар медиҳанд.

### II.2.1. Анвои номаҳо ва одоби нигориши онҳо

Дар даврони Сосониён анвои гуногуни номаҳо мавҷуд буданд, ки ҳар як шеваи нигориш ва мухтассоти худро доштанд ва намунае аз онҳоро метавон ба таври пароканда ва ихтисор дар манобеи қарнҳои нахустини исломӣ ба даст

овард. Ҳ. Хатибӣ макотиби аҳди Сосониёнро ба чунин навъҳо тақсим намудааст: маношир, фатҳнома, аҳднома ва савгандномa, султониёт, ихвониёт, тавқеот [401, с. 289-298]. Аммо, ба эҳтимоли наздик ба яқин, анвои макотиби даврони тоисломӣ беш аз ин будаанд, ки шоҳиди ин ҳарф васиятнома ва таслиятнома мебошанд. Афзун бар ин, байни аҳднома ва савгандномa фарқе ҷой дорад ва як навъи нома хондани онҳо чандон дуруст нест.

**Маношир** яке аз муҳимтарин ақсоми номаҳои девонии аҳди Сосонӣ буда, аз девони салотин дар тавфизи машоғил содир мешуд. Ин навъ нома дар девони расоил нигошта шуда, баъд ба тавшеҳу муҳри подшоҳ мерасид [401, с. 290-291]. Одатан, маношири тоисломӣ бо ҳамди Худованд оғоз шуда, сипас рукне дар зикри номи мухотаб ва рукне дар шароити тафвизи шуғл ва ниҳоят рукне ба унвони хотима, ки муҳру имзои подшоҳ буд, оварда мешуд. Баъзе манобеъ пас аз ҳамди Офаридгор овардани рукнеро дар зикри котиб низ изҳор кардаанд. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ намунаи зиёдеро аз маношир метавон дид, ки мисолашон маншури Кайхусрав ба Рустам, маншури Кайхусрав ба Гев ва маншури Кайхусрав ба Тӯс мебошанд [47, ҷ. 5, с. 462-466]. Чунончи, Фирдавсии Тӯсӣ дар фасли «Хостани Зол маншур аз Кайхусрав барои Рустам» аз маншури Кайхусрав ба Рустам ва бар ӯ тафвиз намудани кишвари Нимрӯз чунин ёд намудааст:

Бифармуд, то рафт пешаш дабир,
Биёвард қиртосу мушку абир.
Навиштанд аҳде зи шоҳи замин,
Сарафроз Кайхусрави покдин.
Зи баҳри сипаҳбад Гави пилтан
Ситуда ба мардӣ ба ҳар анҷуман.
Ки ӯ бошад андар ҷаҳон пешрав,
Ҷаҳондору солору бедору гав.
Сипаҳдори пирӯзу лашкарфирӯз,
Ҳам ӯро бувад кишвари Нимрӯз.

Ниҳоданд бар аҳд-бар муҳри зар,
Бар оини Кайхусрави додгар.
Бад-ӯ дод маншуру кард офарин,
Ки «Обод бодо ба Рустам замин!» [47, ҷ. 5, с. 462-463].

Аз абёти фавқ равшан мешавад, ки маншури мазкур аз ҷониби дабири хоси дарбор ба рӯйи коғаз (қиртос) бо мураккаби омехта ба мушку абир ё коғазе, ки бо мушку абир хушбӯй сохтаанд, аз Кайхусрав – шоҳи замин ба унвони сипаҳбад, Гави пилтан – Рустам навишта шудааст. Дар он маншур (аҳд, фармон) баъд аз зикри мухотаб – Рустам, дар бораи ба ӯ бахшида шудани кишвари Нимрӯз сухан рафта, ниҳоят аз рӯйи ойини номанигории аҳди Кайхусрав ба он муҳри зар гузошта шудааст. Агарчи асли маншури мазкур то мо нарасида ва, зоҳиран, Фирдавсӣ мазмуни мухтасари онро ба назм даровардааст, аз абёти мазкур метавон то андозае аз расм ва одоби нигориши маншур дар аҳди Кайхусрав (рукнҳои нома, хушбӯй намудани коғаз ё мураккаб ва гузоштани муҳри зар) иттилое ба даст оvard.

**Фатҳнома (**фирӯзинома) маъмулан аз ҷониби дабири қӯшун бо супориши султон ё фармондеҳи қӯшун нигошта мешуд. Одатан, мулуки Сосонӣ ҳангоми ҳарб ва набардҳо бо душман яке аз дабирони тавонои хешро ҳамроҳ мефиристоданд, то аз рафти набард пайваста ба шоҳ гузориш нависад. Афзун ба ин, дабири мазкур вазифадор буд, ки ҳангоми музаффар шудан фирӯзиномае муфассал бо зикру васфи мардонагии лашкариён ва обуранги бадеӣ бинависад ва чун он фатҳнома ба шаҳрҳо мерасид, ҷашну сур барпо мекарданд. Дабирони қӯшун ба ҷуз нависандаи тавоно будан боз донандагони илми ҳарб буданд ва мулуки Сосонӣ аз фармондеҳони хеш талаб мекарданд, ки ҳангоми набард бо душман назари дабирони қӯшунро ба инобат гиранд ва бо онҳо машварат намоянд [183, с. 31].

Дар сарчашмаҳои мавҷуда намунаҳое аз ин навъи номаҳо ба назар мерасанд. Чунончи, Табарӣ хулосае аз фатҳномаи Баҳроми Гӯрро нақл намуда ва балоғати онро васф карда, Байҳақӣ дар китоби «Ал-маҳосин ва-л-масовӣ» муқаддимаи фатҳномаи Хусрави Парвизро, ки баъд аз шикасти Баҳроми

Чӯбин ба мулуки атроф навишта буд, нақл сохта ва Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» теъдоди зиёде аз фатҳномаҳои тоисломиро ба таври мухтасар нақл кардааст, ки мисолашон «Фатҳномаи Манучеҳр назди Фаридун» [47, ч.1, с. 199- 201], «Фирӯзинома навиштани Рустам ба Зол» [47, ч.1, с. 384-385], «Фатҳнома навиштани Кайхусрав ба Ковус» [47, ч.5, с. 284-285] мебошанд. Агарчи асли ин навъи номаҳо дар ҳеч як сарчашмае ба назар намерасанд, бо таваҷҷуҳ ба тарҷумаи мухтасари онҳо, ки дар сарчашмаҳои фавқ омадаанд, метавон то андозае аз аркон, сабк ва услуби нигориши онҳо пай бурд. Маъмулан фатҳномаҳо бо муқаддимаи махсус, ҳамди Худо оғоз шуда, сипас шарҳи набард бо ишора ба сабаби вуқуъ, таърих ва маҳалли он нақл мешуд. Одатан, барои бузург нишон додани фатҳ дар ин рукни нома қувваи душман ба муболиға васф мегардид. Дар рукни охир бошад, аз пирӯзии лашкар ва аҳаммияти он сухан мерафт. Чунончи, дар «Фирӯзинома навиштани Рустам ба Зол» қисме аз мухтассоти ин навъи номаро метавон ба мушоҳида гирифт:

Яке нома бинвишт назди падар,
Зи кору зи кирдори худ сар ба сар.
Нахуст офарин бар Худованди ҳур,
Худованди мору Худованди мӯр…
В-аз Ӯ офарин бар сипаҳдор Зол,
Яли Зобулӣ, паҳлави беҳамол…
Ба фармон расидам ба кӯҳи Сипанд,
Чӣ кӯҳе, ба сони сипеҳри баланд.
Ба поёни он кӯҳ фуруд омадам,
Ҳамон гаҳ зи меҳтар дуруд омадам.
Ба фармони меҳтар барористам,
Баромад бар он сон, ки ман хостам.
Шаби тира бо номдорони ҷанг,
Ба диж-дар якеро надодам диранг.
Чи кушта, чи хаста, чи бигрехта,
Зи тан сози кина фурӯ рехта.

Ҳамоно, ки харвор понсад ҳазор
Бувад нуқраи хому зарри аёр.
Зи пӯшиданиву зи густурданӣ,
Зи ҳар чиз, к-он бошад овварданӣ.
Ҳамоно шумораш надонад касе,
Зи моҳу зи рӯз ар шуморад басе.
Кунун то чӣ фармон диҳад паҳлавон,
Ки фархундапай боду равшанравон» [47, ҷ. 1, 384-385].

Ҳаким Фирдавсӣ дар номаи мазкур то ҳадди мумкин шеваи номанигории тоисломиро риоят намудааст, ки метавон онро ба аркони зер тақсим намуд: 1) Ҳамд ва офарини Худой; 2) Зикр ва ситоиши мухотаб, яъне падараш Зол; 3) Шарҳи набард ва чигунагии он. Ин ҷо дар бораи расидани Рустам ба кӯҳи Сипанд ва ба сони сипеҳр баланд будани он, ба поён, яъне пушти он кӯҳ фуруд омадани ӯ ва бо ҷамъи душманон ҷангидану ҳеч якеро амон надоданаш сухан меравад. 4) Шарҳи пирӯзӣ аз болои душман, ба даст овардани ғанимати беҳисоб ва дуои мухотаб.

**Аҳднома** - дар истилоҳ маҷмуаи дастурҳо ва авомиреро гӯянд, ки аз ҷониби мулуки Сосонӣ дар даврони салтанат роҷеъ ба мавзуъҳои мухталиф аз оини ҷаҳондорӣ ва роҳу расми подшоҳӣ ва мазомини ахлоқӣ хитоб ба ҷонишини худ ё бузургони кишвар, аз ҷумла ба дабирон навишта мешуд. Дар аҳди Сосониён аҳдномаҳои зиёде навишта шудаанд, ки аксар мансуб ба шоҳони маъруфи Сосонӣ мебошанд ва дар сарчашмаҳои форсӣ ва арабии қарнҳои аввали исломӣ намунае аз ин навъ номаҳоро метавон пайдо кард. Чунончи, дар «Ал-феҳрист»-и Ибни Надим чанд аҳднома, минҷумла «Аҳди Ардашер» [90, с. 186, 207] ва «Аҳди Анӯшервон» [90, с. 559] зикр шуда, ҳамчунин Масъудӣ дар китоби «Муруҷ-уз-заҳаб» аз «Аҳди Шопур» [117, с. 191; 116, ҷ.1, с. 244] ва Ибни Тақтақӣ дар китоби «Ал-одоб-ус-султония» аз «Аҳди Қубод ба писараш Хусрави Анӯшервон» ёд намудаанд [91, с. 56-57]. Аз ҷумла, Ибни Тақтақӣ аҳдеро аз уҳуди Қубод ба писараш Хусрав

овардааст, ки аҳаммияти зиёди тарбиявӣ дорад. Дар ин аҳднома мегӯяд, ки «Эй писарам, аз бахил ва тарсу дурӣ бигузин, фурсатро ғанимат бидон, он чи ба худ намеписандӣ бар раийят низ раво мадор, мардумон ва зердастонро афв кун, чунонки дӯст дорӣ нафарони баландмартабатар туро афв кунанд»: «كتب قباذ الملك لابنه كسرى عهداً، فمن جملته: يا بُنَيَّ لا تُدخِل في مشورتك بخيلاً فإنهُ يقصّر بك عن غاية الفضل، ولا جباناً فإنهُ يضيِّق عليك الأمور عند انتهاز الفرصة، يا بنيّ ليكن أبغض رعيتك إليك أكثرهم تكشيفاً لمعايب الناس، فإن في الناس عيوباً أنت أحقّ مَن سترَها وكَرِه ما تكشَّف من غائبها ، فإنما إليك الحكم على ما ظهر والله يحكم فيما غاب، فاكره للرعية ما تكره لنفسك، واستر العورة يستر الله عليك ما تحب ستره، ولا تَعجَل إلى تصديق ساعٍ فإن الساعيَ غاشٌّ وإن قال قولَ النصيح، وأعط الناس من عفوك مثل ما تحب أن يعطيك مَن فوقك» [91, с.56-57].

Бино ба ахбори «Ал-феҳрист», Абуҷаъфар Аҳмад ибни Яҳё ибни Ҷобири Балодурӣ («Балозурӣ» низ гӯянд), ки аз ҷумлаи шоирону ровиёни Бағдод ва мутарҷимони форсӣ ба арабӣ буд, китоби «Аҳди Ардашер»-ро ба назм даровардааст [90, с. 186]. Ҷойи дигар, зери унвони «Беҳтарин китобҳо дар назари ҳама» нахуст аз «Аҳди Ардашер» ва сипас аз «Калила ва Димна», «Рисола»-и Аммора ибни Ҳамза, «Ятима»-и Ибни Муқаффаъ ва «Рисолаи хамис»-и Аҳмад ибни Юсуфи Котиб ном мебарад [90, с.207]. Афзун ба ин, Ибни Надим дар фасли «Номи китобҳое, ки эрониёну румиён ва ҳиндиёну араб дар мавоизу одоб ва ҳикам таълиф кардаанд», аз «Китоб аҳд Кисро ило ибниҳи Ҳурмуз ювассиҳи ҳина асфоҳу ал-мулка ва ҷавоб Ҳурмуз иййоҳу», «Китоб аҳд Кисро ило ман адрак-ат-таълима мин баниҳи», «Китоб аҳд Ардашер Бобакон ило ибниҳи Собур», «Китоб аҳд Кисро Анӯшервон ило ибниҳи аллазӣ юсаммо ашш-ул-балоға» (дар ҳошияи сафҳа унвони дигари он «Китоб аҳд Кисро Анӯшервон ило ибниҳи аллазӣ юсаммо Айн-ул-балоғат» омадааст, ки нисбатан маъруф аст – З.Ҳ.) ёд намудааст [90, с. 559].

Масъудӣ дар китоби «Муруҷ-уз-заҳаб» аз «Аҳди Шопур ба писараш Ҳурмуз ва подшоҳони баъдии ӯ» ёд намуда, андарзи зеринро аз он нақл намудааст: « اجعلو علو أخلاقكم كعلو أخطاركم و ارتفاع كرمكم كارتفاع هممكم و فضل سعيكم كفضل جَدِّكم» [117, с.191], яъне «ахлоқатонро чун мақоматон олӣ кунед ва

караматонро боло баред ва кӯшишатонро ба таносуби иқболатон биафзоед» [116, ч.1, с. 244].

А. Тафаззулӣ аз чанд аҳдномаи даврони тоисломӣ маълумот додааст, ки «Аҳди Ардашер», «Аҳди Ардашер ба писараш Шопур», «Аҳди Шопур ба писараш Ҳурмуз», «Аҳди Қубод», «Аҳди Анӯшервон» аз ҷумлаи онҳо мебошанд [394, с. 215-218, 218-219, 220-221, 221, 221-222]. Н.Зоҳидов низ батафсил дар бораи аҳдномаҳои аҳди Сосониён баҳс намуда, «Аҳди Ардашер»-ро намунаи беҳтарини аҳдномаҳои паҳлавӣ донистааст [232, с.198-201].

Агарчи асли паҳлавии аҳдномаҳо то мо нарасидаанд, аз рӯйи тарҷумаи арабии онҳо метавон то андозае аз шеваи нигориш ва аркони онҳо иттилоъ ёфт. Ҷиҳати шоҳид метавон ба тарҷумаи арабии «Аҳди Ардашер» рӯй намуд [123, с. 97-107]. «Аҳди Ардашер» низ аз се қисмат – муқаддима, матни аслӣ ва хотима иборат аст. Дар муқаддима, ки бо номи Худо оғоз шудааст, зикри нигоранда, мухотабон ва дуои шоҳоне мекунад, ки пас аз вай шоҳони Эрон хоҳанд шуд [123, с. 97; 124, 114-115]. Матни аслии аҳдномаи мазкур пур аз андарзҳои беназир ба шоҳони баъдӣ буда [123, с.98-107; 124, с. 115 -129], дар қисмати хотима дуои шоҳони баъдӣ ва мардуми ҳамдостон мекунад [123, с. 107; 124, 129]. Тарҷумаи арабии «Аҳди Ардашер» чунин оғоз мешавад: «باسم ولیِّ الرَّحمةِ. مِن مَلِکِ المُلوکِ أردشیرَ بن بابَکَ إلی من یخلُفُه بِعَقِبهِ من مُلوک فارسَ. السَّلامُ والعافیةُ. أمّا بعدُ...» [123, с. 97].

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ метавон намунае аз ин навъи номаҳоро пайдо намуд. Агарчи назм муқтазиёти худро дорад ва, зоҳиран, Фирдавсӣ ҳини баргардон ба назм тағйире ба матни аслии онҳо ворид намудааст, ҷиҳати иттилои бештар аз шеваи нигориш ва мухтассоти аҳдномаҳои даврони мазкур метавон ба «Аҳд навиштани Нӯшинравон писари худ Ҳурмузд» руҷуъ намуд [47, ч. 8, с. 440-445]. Аҳдномаи мазкури Нӯшервон мисли аксари номаҳои аҳди Сосонӣ аз се рукн иборат аст: 1) муқаддима, яъне ҳамду ситоиши Худо; 2) матни аслӣ, яъне панду андарзи Нӯшервон ба меҳтари фарзандони худ – Ҳурмузд; 3) хотима, яъне дуои мухотаб.

**Савгандномa** - қасамнома; навиштаеро гӯянд, ки дар он савганд ёд шудааст [433, ч. 2, с. 1730]. Навиштани савгандномa дар Эрони қадим, махсусан, аҳди Сосониён расм буда ва, зоҳиран, аксари савгандномаҳо ва амонномаҳои қарнҳои нахустини исломӣ дар тақлид ва пайравии савгандномаҳои тоисломии форсӣ иншо шудаанд. Чунончи, Ҳ. Хатибӣ амонномаи Ибни Муқаффаъро тақлиде аз савгандномаҳои паҳлавӣ донистааст [401, с. 295]. Дар маҷмуаи ривоёти зардуштии Дороб Ҳурмуздёр, ки пас аз ислом ҷамъоварӣ ва тадвин шудааст, матни ду савгандномa ба назар мерасад, ки, ба эҳтимоли зиёд, аз матни аслии паҳлавӣ нақл ва иқтибос шудаанд [401, с. 293-294]. Ҷиҳати огоҳӣ аз сабк ва шеваи иншои савгандномa матни яке аз онҳоро ба ихтисор нақл месозем: «Ман ки фалон писари фалонам, савганд мехӯрам пеши додор Урмузди …шукӯҳанда, назди Баҳман амшоспанд... ва назди Амрдод амшоспанд, ки дар пеши ман аст. Савганд мехӯрам ба равони Зартушти Испинтамон ва ба равони Озарбоди Меҳраспандон ва фаравахри ҳама покон, ки буда ва ҳастанд, ки ман ҳеч чиз аз ту – фалон, писари фалон надорам ва ба ҷое нанҳодам ва ба касе надодам ва ҳеч аз он огоҳ нестам; на аз зарин ва на аз симин ва на аз оҳанин ва на аз ҷомаи тан ва на аз ҳар чиз, ки додор Урмузд биёфаридааст. Агар ин савганд ба дурӯғ хӯрам, аз тану равони хеш безор бошам, аз равони падару модар ва ниёкон ва зану фарзанди худ безор бошам, аз равони Зартушти Испинтамон безор бошам, ӯ низ аз ман безор бошад, аз гуфтори Ҳурмузд безор бошам, аз «Авасто» ва «Занд» безор бошам… аз ҳама фурӯғҳои эзадӣ безор бошам, онҳо низ аз ман безор бошанд. Агар ин савганд ба дурӯғ хӯрам, ҳар гуноҳ, ки аждаҳоки ҷодугар кард, аз ҳаштсолагӣ то ҳазорсолагӣ, ки ӯро дар банд карданд, ман ба чинутпул подофроҳи он бикашам. Агар ин савганд ба дурӯғ хӯрам, ҳар гуноҳ, ки Афросиёби Тӯронӣ кард аз понздаҳсолагӣ то он гоҳ ки ӯро бикуштанд, ман подофроҳи он гуноҳон бикашам. Агар ин савганд ба дурӯғ хӯрам, ҳар кирфаҳ (савоб; муқобили гуноҳ- З.Ҳ.), ки ман кардам ба ту фалон писари фалон додам ва ҳар гуноҳ, ки ту кардаӣ ба чинутпул подофроҳи он бикашам. Эзади меҳр ва эзади суруш ва эзади рашн донанд, ки ман рост мегӯям. Амшоспандон донанд,

ки ман рост мегӯям. Равонам донад, ки ман рост мегӯям. Дилу равонам яксон аст. Он чӣ ба забон меронам, бо он чӣ дар дил дорам яке аст ва ҳеч гуна фиреб дар кор надорам ва ба Эзад, ки чунин аст, ки мегӯям» [401, с. 294].

Аз матни савгандномаи мазкур равшан мешавад, ки шеваи нигориши он аз номаҳои дигар фарқ мекунад ва қисмати асосии матнро савганд ташкил медиҳад.

**Васиятнома** яке аз анвои дигари номаҳои тоисломии форсӣ аст, ки пур аз панду андарз, насиҳат ва мазомини ҳикамӣ мебошад. Аксари мулуки Сосонӣ қабл аз даргузашти худ васиятномае ба ҷойнишини худ навиштаанд ва дар адабиёти паҳлавӣ теъдоди ин навъ номаҳо зиёд буда, қисме аз онҳо дар даврони нахустини исломӣ ба забони арабӣ низ тарҷума шудаанд. Маълумоти кӯтоҳ ва намунаи ин навъи номаҳоро аз «Таърихи Табарӣ», «Ахбор-ут-тивол»-и Динаварӣ, «Уюн-ул-ахбор»-и Ибни Қутайба, «Таърих синий мулук ал-арз ва-л-анбиё»-и Ҳамзаи Исфаҳонӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва ғ. метавон пайдо кард. Яке аз ин навъ номаҳо, ки тавассути тарҷума дар кутуби арабӣ боқӣ мондаанд, номае мансуб ба Хусрави Парвиз аст, ки дар ҷавоби номаи писараш Шерӯя нигоштааст. Дар сабаби иншои ин нома чунин навиштаанд, ки вақте Шерӯя падари хеш – Хусрави Парвизро ба зиндон афканд, номаи муфассале дар шарҳи ситамкориҳои ӯ, ки дар замони подшоҳии хеш намуда буд, навишт ва сипас Хусрав посухи муфассале ба он нома нигошт ва ҳар як аз иттиҳомоти писарро рад намуд ва дар охир ӯро панду андарз дод [6, с. 639-652; 7, с. 632-645]. Дар хусуси замони таълиф ва сабку услуби ин нома наметавон ба таври қатъӣ изҳори назар намуд, зеро аз ахбори Табарӣ маълум мешавад, ки асли пайғоми Шерӯя ба падар ва посухи Хусрав ба писараш ба таври шифоҳӣ будааст, на катбӣ. Чунончи, омадааст: «Шерӯй мардеро бихонд, номи вай Асфоди Ҷушнас, меҳтари дабирон буд бо илму ҳикмати бисёр ва ӯро гуфт: «Кисро(ро) аз ман пайғом деҳ ва бигӯ, ки ин бало, ки ба ту расид, аз ту буд, на аз ману на аз касе дигар…» [6, с. 644]. Ҷойи дигар ба таври шифоҳӣ будани посухи Хусрав ишора намуда мегӯяд: «Пас расул бозгашту ҳама ҳарфан би ҳарфин бо Шерӯй бигуфт ва ҳадиси он обӣ низ бо Шерӯй шарҳ дод. Шерӯй

бигиристу дард омадаш аз куштани падар» [6, с. 649]. Аз ахбори Фирдавсии Тӯсӣ низ маълум мешавад, ки асли ин пайғомҳо шифоҳӣ будаанд. Чунончи, Шерӯя тавассути расулон ба падар мегӯяд:

**Бигӯйӣ**, ки моро набуд ин гуноҳ,
На эрониёнро буд ин дастгоҳ…
Кунун пӯзиши ин ҳама бозҷӯй,
Бад-ин номдорони Эрон **бигӯй**…
**Чу бишнид пайғоми ӯ ин ду мард**,
Бирафтанд дилҳо пур аз доғу дард [155, с. 537].

Посухи Хусрави Парвиз низ ба таври шифоҳӣ будааст. Чунончи, Хусрав пас аз шунидани паёми писар ба он расулон мегӯяд:

Бад-он номвар **гуфт: «Посух шунав**,
Якояк бибар сӯи солори нав.
**Бигӯяш**, ки зишти касонро маҷӯй,
Ҷуз онро, ки бартобӣ аз нанг рӯй» [155, с. 538].

Бидуни ташреҳ ва тафсир худ аз абёти мазкур равшан мешавад, ки паёми Шерӯя ба падар ва посухи Хусрав ба сӯи писар ба таври шифоҳӣ будааст. Аммо, ба эҳтимоли наздик ба яқин, минбаъд пайғомҳои мазкур ба сурати номаи мактуб даромада ва дар адабиёти паҳлавӣ шуҳрат ёфтаанд ва мутарҷимину таърихнависони даврони исломӣ онҳоро дар кутуби хеш овардаанд. Чунончи, ишора шуд, посухи Хусрав ба Шерӯя танҳо радди иттиҳомоти писар набуда, балки васиятномаи падар ба писар аст ва аҳаммияти зиёди адабӣ ва ахлоқӣ дорад. Чунончи, Хусрав дар ниҳояти пайғоми хеш ба Шерӯя гӯяд: «Акнун ман донам, ки кори ман ба карона расиду рӯзгори ман табоҳ шуд, валекин хостам, ки туро огоҳ кунам, ки ту маро ба нодонӣ маломат кардию ҳуҷҷати ман надонистӣ. Ва маро бар ту дил месӯзад, ки чун ту маро бикушӣ, аз мулки ман бар нахӯрӣ, ки халқи ҷаҳон андар ҳама дине муттафиқанд: ҷуҳудону тарсоёну муғон, ки ҳар ки падарро бикушад, мероси падар бар вай ҳаром шавад, пас агар бигирад, аз он бар нахӯрад. Ва камтарин малике, ки ӯро андар ин ҷаҳон мулку зиндагонӣ бошад, ту бошию ту хоҳӣ

будан, вассалом» [6, ҷ.1, с. 649]. Посухи Хусрав дар «Шоҳнома» низ бисёр муассир, пур аз панду ҳикмат ва беҳтарин намунаи васиятномаи падар ба писар аст [47, ҷ. 9, с. 357- 362]. Ҷаҳшиёрӣ низ мухтасар аз васиятномаи Хусрави Парвиз ба писараш Шерӯя овардааст, ки то андозае аз шеваи нигориш ва мухтассоти номаи мазкур иттилоъ медиҳад [183, с. 37]. Шопур – писари Ардашер фарзанди худро васият мекунад, ки дар гузиниши дабирон, маъмурини молиёт ва хироҷ аҳаммияти хос бидиҳад ва пайваста аз кору амали эшон бохабар бошад. Аз ҷумла мегӯяд: «…Дар миёни муншиёни худ беҳтарини эшонро барои ин корҳо баргузин. Онон бояд аз мардуми некбину пок ва шоиста бошанд. Ба ҳар як аз эшон саҳме аз кор вогузор кун, ки дар он озмуда бошад ва битавонад аз уҳдаи анҷоми он барояд. Ҳар гоҳ хабар ёфтӣ, ки яке аз эшон хиёнат варзида ва ё тааддӣ кардааст, ӯро сахт танбеҳ ва муҷозот кун» [183, с. 33].

**Султониёт** – мукотиботи шоҳӣ, номаҳои расмӣ ва давлатиро хонанд [433, ҷ. 2, с. 1706; 437, ҷ.1, с.872], ки аз ҷониби дабирони хос бо сабки мутнаб ва ороишу зебоии калом, истиороту киноёт ва дигар саноеи лафзӣ нигошта мешуданд ва дорои аркон, алқобу ановин, нуут, таъбироти хос ва дебочаҳои балеғ буданд. Агарчи аз ин навъи номаҳо намунае комил ба забони аслӣ то мо нарасидааст, аз тарҷумаҳо ва нақлу ривоёте, ки дар сарчашмаҳои адабӣ ва таърихии даврони исломӣ омадаанд, метавон то андозае аз сабку услуб, аркон ва хусусиятҳои дигари ин навъ номаҳо пай бурд.

Маъмулан номаҳои султонӣ бо зикри алқобу ановини котиб оғоз шуда, сипас ба алқоби мактубилайҳ мепайваст ва номи котиб қабл аз нуут ва ановин меомад ва муқаддимаи нома ба салом ба поён мерасид. Номаҳое, ки подшоҳон ба вузарову умаро ва мулуки атроф менигоштанд, пас аз ҳамду ситоиши Худованд номи шоҳон бо нууту ановини хос зикр шуда, сипас номи мухотаб «бо тавсифу ситоише дархӯри мақоми подшоҳ бо киноя аз инқиёд ва итоату давлатхоҳӣ ва мафоҳиме аз ин қабил» оварда мешуд. Аммо номаҳое, ки аз ҷониби зердастон, ба мисли вазирону амирон ва дигар бузургони дарбор дар посух ба шоҳон навишта мешуд, бо алқобу ановин ва зикри дарёфти фармон

ва номаи шоҳ оғоз шуда, сипас ному лақаби котиб бидуни нууту ановин оварда мешуд ва бо салом ба поён мерасид [401, с. 303]. Дар «Шоҳнома» намунаи зиёде аз султониёт оварда шудааст, ки мисолашон номаи Нӯширавон ба кордорони хеш [47, ч. 8, с. 78-84], номаи Нӯширавон ба Қайсари Рум [47, ч. 8, с. 108- 109] ва посухи Қайсари Рум ба ӯ [47, ч. 8, с. 109-111] мебошанд.

**Ихвониёт** – номаҳои дӯстона [433, ч. 1, с. 105] ва мактуботеро гӯянд, ки миёни дӯстон радду бадал мешуд (436, с. 56) ва ҳанӯз то ислом дорои завобит ва шароити хос буд ва маъмулан бо сабки фаннӣ навишта мешуд. Бешак, нома ва номанигорӣ бо нигориши ихвониёт оғоз шуда, минбаъд ҳамчун ҳунар ва фанни махсус номаҳои девонӣ ва дарборӣ аз ҷониби дабирони хоси девон навишта шудаанд. Яке аз фарқҳои ин навъ номаҳо аз султониёт дар он аст, ки маъмулан бо дуои мухотаб оғоз шуда, бо дуо ба поён мерасанд. Гоҳе пас аз ҷумлаҳои дуоӣ нуут ва ановине, ки мутаносиб ба мартаба ва шуғли мухотаб аст, оварда мешуданд. Монанди «бузургкирдор», «озодтухма», «перостахӯй» ва ғ. [401, с. 302]. Маъмулан дар оғози ихвониёти ин давр ду шеваи нигориши мутамоиз ба кор мерафт: 1) бо дуои мухотаб ва таркиботи дуоӣ, бидуни зикри нуут ва ановин оғоз мешуданд, ба монанди «Аз бахшиши Яздон, ҳамаро тавонгариву равшанӣ ва фаррухию арҷмандӣ меҳмон ва пойдор бод»; 2) бо таркиботе ба шеваи нууту ановин ва зикри исми мухотаб оғоз мешуданд, мисли «фарозтарин ба доноӣ, ситуда ба чеҳр, барозанда андар ҳангом, ёридиҳанда дар ҳар ду ҷаҳон, Баҳмон писари Баҳмон» [401, с. 304-305].

Куҳантарин сарчашмае, ки аз шева ва қавоиди иншоъ, кайфияти оғозу анҷом ва дигар мушаххасоти ихвониёти тоисломии форсӣ иттилоъ медиҳад, рисолаи «Ойинномаи набиштан» ё «Оини нома набиштан» мебошад [77, с. 139-143, 307-313; 138, с. 609-611; 15, с. 282-286; 42, с.433-438].

**Тавқеот** - дар истилоҳ навиштаҳои кӯтоҳ ва мухтасаре аст, ки шомили чакидаи матлабе буда ва мебоястӣ бар асоси он номае аз дабирхонаи шоҳӣ содир шавад ва ё мутазаммини дастуре буда, ки тибқи он мебоястӣ кореро анҷом диҳанд. Тавқеот, маъмулан, дар канори номаҳои девонӣ тибқи дастуроти подшоҳ ё фармонраво аз ҷониби дабири махсус ва ё мустақиман аз

сӯи шоҳ ё фармонраво навишта мешуд ва сипас ба дабирхона ирҷоъ мегардид. Соҳиби китоби «Субҳ ал-аъшо» тавқеъро асоси номаҳои девонӣ ва пояи макотиби дабирони шоҳӣ медонад ва чунин таъриф мекунад: «Тавқеъ дар асл навиштаеро гӯянд, ки бар номаҳо ва ароиз нависанд ва асоси номаҳое аст, ки аз девон содир мешавад ва он ба хатти соҳиби девони иншо ё котиб-уд-даст, ё касе аст, ки дар мартабаи онҳо бошад. Бинобар ин, тавқеъ он поя аст, ки муншиён навиштаҳои худро бар он бино мениҳанд» [106, с. 54]. Ҳ. Хатибӣ низ тавқеъро навиштае бисёр мухтасар ва пурмаънӣ медонад ва мегӯяд: «Тавқеъ, маъмулан иборат буд аз қитъаоте фишурда ва мухтасар, ки пас аз тавшеҳ ба девон фиристода мешуд, то бар мабнои он посух таҳия шавад. Гоҳ тавқеъро подшоҳ ба хатти худ менавишт. Ин гуна тавқеот, ки қисмате аз он баъд аз ислом ба арабӣ тарҷума шуд ва ҷамъоварӣ гашт…, бисёр муъҷаз буд ва ҳамон буд, ки нависандагони қадим омӯхтани онро аз шароити фанни нависандагӣ ба шумор меоварданд» [401, с. 288]. Аз ахбори Ҷаҳшиёрӣ маълум мешавад, ки макотиби мулуки Сосонӣ, маъмулан, ба тариқи тавқеъ ва камоли эҷоз бар пушти нома нигошта мешуда ва сипас дабирони хос онро ба иборате зебо ва ба фаҳм наздик, ба таври муфассал ва на дур аз маънии тавқеъ менавиштаанд. Ба ин шева нигоштани тавқеъ дар даврони исломӣ низ аз ҷониби нависандагони эронӣ ва араб мавриди тақлид қарор гирифта ва, махсусан, нависандагони эронинажод онро дар давовини араб ривоҷ додаанд [401, с. 298].

Тавқеоти аҳди Сосонӣ беҳтарин намунаи фасоҳат ва балоғати калом мебошанд. Дабирони девон кӯшиш мекарданд, ки маонии бисёрро ба иборати кӯтоҳ ва лафзи андак баён доранд. Маъмулан, дабирони ҳунарманд ва фарзона барои нигоштани тавқеъ муносибтарин алфоз ва зеботарин иборотро бармегузиданд ва аксари авқот тавассути ин гуна иборот мазомини ҳакимона ва омӯзанда ба вуҷуд меоварданд. Шояд ҳамин ҳунари беназири нависандагон боис шуда, ки дар даврони исломӣ бисёре аз тавқеоти тоисломӣ ба забони арабӣ тарҷума шуда, ҷузъи адабиёти арабӣ гардиданд ва то ба имрӯз аз ҷумлаи осори баргузидаи насри адабӣ маҳсуб мешаванд. Н.Зоҳидов ва М.Муҳаммадӣ

тавқеотро аз ҷумлаи осори адабиву ҳунарӣ ва ахлоқии адабиёти тоисломии Эрон дониста таъкид намудаанд, ки минбаъд дар қарнҳои аввали исломӣ чанде аз маҷмуаҳои тавқеоти аҳди Сосонӣ ба забони арабӣ тарҷума гардида, мавриди истиқболи аҳли адаб ва салотини давр қарор гирифтаанд [232, с. 236- 238; 367, с. 274-275]. Чунончи, Абдуллоҳ ибни Тоҳир – волии Маъмун дар Хуросон, тавқее доштааст ба ин иборат: «مَن سعی رعی و مَن لِزمَ المنام رَأی الأحلام», яъне **«Ҳар кӣ роҳ равад, бичарад ва ҳар кӣ мулозими хоб шавад, рӯё бинад»** , ки, зоҳиран, маъхуз аз ин тавқеи Анӯшервони одил будааст: **«Ҳар кӣ раваз, чараз, ҳар кӣ хусбаз, хоф виназ»** ё ба ибораи дигар **«Ҳар кӣ равад, чарад ва ҳар кӣ хусбад, хоб бинад».** Чун Анӯшервон мехост ҳукумати маконеро ба касе супорад, дабири махсуси хешро мегуфт, ки дар он фармон чаҳор сатрро холӣ ва нонавишта гузорад ва сипас чун фармонро ба назди ӯ меоварданд, бо хатти хеш чунин менавишт: «**Бо некони мардум ба меҳр даромез, бо авом биму умед ба ҳам омез ва бо сифлагонашон ба қаҳр даровез**» [232, с. 236-237; 367, с. 275].

Аз ахбори сарчашмаҳо маълум мешавад, ки бисёре аз мулуки тоисломии Эрон, монанди Ардашери Бобакон, Анӯшервони одил, Хусрави Парвиз ва дигарон бо доштани тавқеъҳои зебо ва адибона маъруф будаанд. Дар фасли «Суханони Ардашери Бобакон» омадааст: «Пандгӯнамое ба ӯ (Ардашер-З.Ҳ.) навишт: «Гурӯҳе ба бадгӯии ту пардохтаанд». Ардашер зери номаи ӯ навишт: «Агар эшон бо забонҳои пароканда баде гуфтаанд, ту ҳама он чиро гуфтаанд, дар номаи худ фароҳам овардаӣ. Захми ту шигифтиовартар ва забонат дурӯғгӯтар аст» [56, с. 119].

Зоҳиран, дар даврони исломӣ, беш аз ҳама, аз Хусрави Анӯшервон тавқеоте дар даст буда ва он ҳама ҳамчун сармашқ барои дабирони девони Хилофат ва удабои аср хидмат мекардаанд [373, с. 335- 336]. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ҳудуди 36 тавқеи мансуб ба Анӯшервонро ба таври манзум овардааст [47, ҷ. 8, с. 377-391].

Бидуни тардид, дар девонҳои мулуки Сосонӣ боз чанд навъи дигари номаҳо аз ҷониби дабирон навишта мешуда, ки ба сабаби то мо нарасидани

асли паҳлавии онҳо муайян намуданашон муҳол аст. Аммо аз осори адабӣ ва таърихие, ки дар асрҳои нахустини исломӣ таълиф шудаанд, метавон перомуни чанд навъи дигари макотиби тоисломии форсӣ маълумоти мухтасар пайдо кард, ки мисолашон таслиятнома мебошад.

**Таслиятнома** - сӯгнома, номаеро гӯянд, ки дар он шахси мусибатдидаро таслият мегӯянд ва дилбардорӣ мекунанд. Куҳантарин намунаи таслиятномаро аз рисолаи «Оини нома набиштан» метавон дарёфт кард. Мутуне, ки аз банди 18-ум то 27-уми рисолаи мазкур омадаанд, дар маҷмуъ як таслиятномаро мемонанд. Ин таслиятнома мисоли аксари макотиби тоисломӣ аз се рукн иборат аст: 1) Муқаддима. Нома бо дуо ва зикри номи мухотаб оғоз мешавад. Ба монанди «Эй ҳаме пирӯзгар, Баҳмон писари Баҳмон, (Эзад) ҳаме сипӯзад (дур созад-З.Ҳ.) андуҳро ва аз байн бибарад зориро ва (аз шумо) дур бошад ҳар патёра (осебрасон), муҳтарам бошед ба ҳар фаррухии менӯӣ ва модӣ» [77, с. 140-141]; 2) Матни аслӣ. Дар ин қисмати нома котиб аз мусибати ба сари мухотаб расида ва хислатҳои хуби марҳум ёд намуда, ӯро тасаллӣ медиҳад ва мегӯяд, ки аз дасти марги беамон ҳеч яке аз махлуқотро раҳоӣ нест. Ба мисли: «Замоне, ки ба мо (аз даргузашти) анӯшаравон, Баҳмон писари Баҳмон, огоҳӣ расид, аз марги (ӯ) андуҳи гарон ёфтем, аммо аз он ҷо, ки чораи дунявӣ ҷиҳати раҳоӣ аз марг ва (низ) сайри инсон ба (сӯи мақсади ниҳоӣ) ба дасти (ашхоси) пурфараҳ ва ҳунари ҳунармандон ва доноён ва фарзонагон ва низ ситамгарон ва гуноҳкорон ва низ бузургкунишон ва кирфаварзон (савобкорон-З.Ҳ) нест, (бино бар ин,) расидани марг ва рӯзи омор (ва) гузаштан аз Чинавадпул бар ҳар кас муқаддар шудааст» [77, 140-141]; 3) Хотима. Нома бо дуои мухотаб ва пайвандони ӯ, зикри исми котиб ва узрхоҳӣ аз кажиҳое, ки ҳини нигориши нома рух намудааст, поён меёбад. Монанди «Бо дуруди бешумор (ва) дар паноҳи эзадон, Баҳмон писари Баҳмон навишт. Аз Баҳмон ба Баҳмон дуруди бисёр. (Умед, ки) нисбат ба кажиҳо(-и мавҷуд дар нома) бартар бошед (=нодида бигиред), зеро нома бошитоб (навишта шудааст)» [77, с. 140-141].

Хулоса, дар Эрони пеш аз ислом, ба хусус дар давраи Сосонӣ анвои зиёди макотиб мавҷуд буданд, ки ҳар яке аз онҳо ба сабк ва шеваи махсус аз ҷониби дабирони девон нигошта мешуданд. Агарчи асли макотиби тоисломии форсӣ то мо нарасидаанд, бо таваҷҷуҳ ба тарҷумаи мавҷуди онҳо ва ахбори сарчашмаҳо метавон дарёфт, ки қабл аз ислом, махсусан дар давраи Сосонӣ макотиби форсӣ анвои мухталифе дошта, бо сабку шеваи махсус нигошта мешуданд ва минбаъд ҳамин усули нигориш ва анвои макотиб ба василаи дабирони эронитабор дар номанигории арабӣ роҳ ёфта, сабаби пайравӣ ва тақлиди нависандагони араб гардидаанд.

### II.2.2. Мухтассоти номаҳои аҳди Сосониён

Дар даврони тоисломӣ, махсусан, дар замони ҳукумати Сосониён дар хатти форсӣ аз ҷониби дабирони девон равише махсус ба кор мерафт. Дар асари рушди ҳунари нависандагӣ гунаҳои мухталифе аз хатти форсӣ ба миён омаданд, ки баъзе аз онҳо аз лиҳози ҳусни хат ва зебоӣ дар радифи ҳунари наққошӣ қарор гирифтанд ва бархе аз онҳо аз роҳи тафаннун, риояти таносуб ва балоғати калом ҳамчун номаҳо ва расоил ба навиштаҳои ғайриодӣ ихтисос ёфтанд. Дабирони Сосонӣ ҷиҳати навиштани ҳар як навъи нома хутути хосеро ба кор мебурданд, ки баъзе аз он хатҳо ба ҷуз шаклу сурат аз лиҳози теъдоди ҳуруф ва ҳаракат низ аз ҳам фарқ мекарданд. Афзун ба ин, чун барои ҳар як навишта хатти махсус роиҷ буд, дабирони девонро мебоист, ки ба таври қатъӣ онро риоя созанд.

Забони осори аҳди Сосониён забони паҳлавии Сосонӣ буд. Баъзе аз муҳаққиқон паҳлавии Сосониро паҳлавии ҷанубӣ низ хондаанд. Аммо ин забон аз забони паҳлавии Ашконӣ, ки қабл аз даврони ҳукумати Сосониён дар кор буд, фарқ мекунад. Аксари осоре, ки аз даврони тоисломӣ ба ёдгор мондаанд, ба забони паҳлавии Сосонӣ аст ва, ба эҳтимоли наздик ба яқин, бештари осори форсии эрониён, ки имкони мутолааи он барои дабирону нависандагони араб фароҳам буд ва ба адабиёти арабӣ таъсир гузошт, ба забони паҳлавии Сосонӣ буд.

**Шеваи нигориш ва оростагии зоҳири номаҳои тоисломӣ**. Дар ин хусус, маълумоти мухтасарро аз осори донишмандони маъруф, ба монанди А. Кристенсен, М. Муҳаммадӣ, А. Тафаззулӣ, Ҳ. Хатибӣ ва дигарон метавон пайдо кард. Намунаи номаҳои Ҳахоманишӣ, ки ба забони форсии бостон навишта шудаанд, катибаи Дориюш дар Бесутун аст. Забони форсии бостон ҳамон забони қавми порс аст, ки дар аҳди Ҳахоманишиён бо он такаллум мекарданд. Катибаи мазкур ба се забон: форсии бостон, аккадӣ ва эломӣ навишта шудааст. Ҳар катибае, ки ба номи Дориюши аввал навишта шудааст, аз се бахш: муқаддима, бахши аслӣ ва хотима иборат аст ва, ба гумони наздик ба яқин, ҳамаи номаҳои дарбории аҳди Сосониён аз бахшҳои мазкур иборат буданд. Зоҳири катибаҳо, ки намунае аз номаҳои бостонро мемонанд, ба таври куллӣ ва андаке тафовут аз ситоиши Аҳурамаздо, муаррифии шоҳ, номи сарзаминҳои хироҷгузор, ёд кардани сохтани бино, зикри фурӯ нишондани шӯришҳо, васият ё андарз ба шоҳони оянда, дуо ва шукргузорӣ аз Аҳурамаздо иборат мебошанд. Номаҳои давлатӣ ва макотиби шоҳон, ки аз ҷониби дабирони девон ба хатти оромӣ нигошта мешуданд, пур аз вожаҳои сода, ҷумлаҳои кӯтоҳ, такрори ибороту ҷумлаҳо, дур аз муболиға, холӣ аз саноати шеърӣ, тахайюлоти адабӣ ва ҳунари нависандагӣ буданд.

Дар аҳди Ашкониён (миёнаи қарни савуми қабл аз мелод-чоряки аввали қарни савуми мелодӣ) забони расмии Эрон забони портӣ буд. Намунаҳои қадими ин забон то мо нарасидаанд, аммо аз адвори миёнаи он сангнавиштаҳо, чарму сафолнавиштаҳо, навиштаҳои рӯйи филизу сиккаҳо, муҳрҳо ва ғ. ба хатти катибаи (ғайрикитобӣ)-и портӣ ва навиштаҳои монавиён ба хатти монавӣ то мо расидаанд. Агарчи аз мутуни адабии портӣ матне ба шакли аслӣ то мо нарасидааст, метавон тахмин намуд, ки дар аҳди Ашкониён осори адабӣ ба шакли наср ё назм (бештар назм) мавҷуд будааст. Баъзе ба он боваранд, ки адабиёти ғайридинии портӣ бештар ба шакли манзум буда ва қиссагӯёну наққолон ва хунёгарон (гӯсон) бо соз онҳоро нақл мекардаанд ва ин достонҳо минбаъд дар тадвини «Худойномак»-и паҳлавӣ истифода шуда ва, зоҳиран, асли достонҳои «Вис ва Ромин» ва «Бежан ва Манижа» ба забони портӣ

будааст [442]. Зоҳиран, баробари осори адабӣ нома ва номанигорӣ низ дар ин давр нисбатан пеш рафт ва дабирони девон ба расму оини номанигорӣ бештар аҳамият медоданд.

Дар замони Сосониён нома ва номанигорӣ ва ҳунари нависандагӣ хеле рушд кард. Дабирони дарбор ҳамчун нависандаи моҳир дар баробари зоҳири номаҳо ба шеваи нигориш ва мазмуни онҳо диққати махсус медоданд. Бино ба қавли А. Кристенсен, «эрониён ҳамеша оростагии сурати зоҳири умурро муҳим мешумурдаанд. Асноди расмӣ ва номаҳои хусусӣ ҳамеша мебоист ба сурати маснуъ ва сабки муқаррар таҳрир гардад. Дар ин номаҳо нақли қавли бузургон ва насоеҳи ахлоқӣ ва пандҳои динӣ ва ашъору муаммаёт (ҷамъи муаммо- З.Ҳ.)-и латифа ва амсоли он ворид мешуд ва маҷмуаи бисёр зарифе ташкил медод, мақом ва рутбаи мухотаб ва нависандаро дар тарзи истеъмоли калимот комилан риоят менамуданд. Ҳамон иборатпардозӣ ва тасаннуоти адабӣ, ки дар ағлаби кутуби паҳлавӣ ва дар аксари баёноти подшоҳон ҳангоми ҷулус мебинем, дар мукотиботе, ки зимомдорони бузурги давлати Сосонӣ фимобайни худашон ё бо дували хориҷа мекардаанд, ошкор аст» [361, с. 157; 362, с. 56-57]. М. Муҳаммадӣ дар такя бар қавли мазкури А. Кристенсен ин маъниро ба тафсили бештаре баён сохтааст [374, с. 216- 219].

Зоҳиран, шеваи нигориш ва зоҳири номаҳои қуруни аввали исломӣ низ то андозае аз номаҳои тоисломии Сосониён иттилоъ медиҳанд, зеро дар оғози даврони исломӣ аксари кулли дабирон эронитабор буданд ва чун расму оини дабирӣ, одоби номанигорӣ ва нависандагии аъроб ба монанди Сосониён пешрафта набуд, дабирони эронӣ ночор ба осори тоисломии худ мурољиат мекарданд ва дар баробари аз онҳо баҳра бурдан барои истифодаи дигарон қисме аз осори тоисломии худро ба забони арабӣ тарҷума мекарданд. Минбаъд ин расму оини нигориш мавриди эҳтиром ва қадршиносии аъроб қарор гирифт ва бештари касоне, ки ба тарҷумаи китобҳои илмӣ ва адабии аҳди Сосониён даст заданд, аз ҷумлаи дабирони эронитабор буданд [365, с. 14-15].

**Таваҷҷуҳи махсус ба зебоии хат, зарофати коғаз ва мураккаб.** Дабирони девони аҳди Сосонӣ ба ҷуз зебоии хат ба зарофати коғаз ва мураккаб

низ аҳаммияти махсус медоданд ва пайваста кӯшиш менамудаанд, ки маониро ба кисвате неку ва алфозу ибороти бадеъ ҷилвагар созанд. Ин роҳу равиши нависандагӣ ва завқи ҳунарӣ дар қарнҳои аввали исломӣ мулуку нависандагони арабро низ сӯи худ кашид ва онҳоро водор ба таҳайюр ва омӯзиш намуд.

Мулуки Сосонӣ гоҳи зиёд ба дабирони махсуси хеш супориш мекарданд, ки беҳтарин ҳарфҳо ва панду ҳикматҳоро бо ҳусни хатти зебо ва бо оби зар нависанд. Чунончи, Хусрави Анӯшервон фармон дода буд, ки панду андарзҳои Бузургмеҳрро бо оби зар нависанд. Шоҳони Сосонӣ ҳангоми навиштани нома ба навъи коғаз низ эътибор медоданд. Нақл мекунанд, ки Хусрави Парвиз бӯи коғазҳои маъмулӣ ва маводи дигари сабти номаҳоро хуш надошт ва бад-ин сабаб дастур дода буд, ки қабл аз он ки гузориши молии кишварро ба ӯ тақдим мекунанд, он авроқро бо гулобу заъфарон оғушта созанд [367, с. 327]. Бино ба қавли дигар Хусрави Парвиз ба хушбӯӣ ва атриёт завқи зиёд дошт. Чун бӯи пӯстҳои таҳрирро дӯст намедошт, дабирони девонро фармон медод, ки номаҳоро бар рӯйи коғазе, ки ба гулоб ва заъфарон оғушта аст, нависанд. Дар қасру коххои ӯ бӯйи уду анбар, мушку кофур ва сандал пайваста ҳаворо муаттар медоштаast [361, с. 490- 491]. Дар хусуси хушбӯ кардани номаҳое, ки рӯйи пӯст навишта мешуданд, дар сарчашмаҳои дигар низ сухан рафтааст. Боре ин расми дабирони эронӣ дар даврони исломӣ аз тарафи дабире, ки асли эронӣ дошт, ба кор рафта буд ва ҳоким маҳз аз ин расм асли эронӣ доштани он дабирро шинохтааст.

**Таваҷҷуҳи махсус ба баёни маънӣ ва балоғат**. Дар аҳди Сосониён дабирони девон ба баёни маънӣ ва балоғату фасоҳати калом диққати махсус медоданд. Фанни нависандагӣ ва дабирӣ дорои қавоиде марсум буда ва дабиронро мебоястӣ, ки он қавоиду русумро аз рӯйи кутуб ва рисолаҳое, ки дар ин замина таълиф шудаанд, биёмӯзанд. Яке аз куҳантарин китобҳое, ки оид ба балоғат ва қавоиду русуми нависандагӣ баҳс мекунад, «Корванд» аст, ки дар сафаҳоти баъдӣ перомуни он баҳс хоҳем кард. Фирдавсии Тӯсӣ низ хатти зебо ва балоғатро барои дабир зарур медонад ва мегӯяд:

Балоғат чу бо хат фароз оядаш,
Ба андеша маънӣ бияфзоядаш.
Зи лутф он гузинад, ки кӯтоҳтар,
Ба хат он намояд, ки дилхоҳтар [47, ҷ. 8, 197-198].

**Сабки махсуси номаҳо**. Дар даврони Сосониён ҳар яке аз навиштаҳо ва ҳатто ҳар навъе аз макотиби девонӣ ба сабки махсус навишта мешуд. Масалан, навиштаҳои маъмулӣ ва муҳоварот ба насри сода, осори адабӣ, номаҳои девонӣ ва фармонҳо бо насри махсуси ҳунарӣ нигошта мешуданд ва мулуки Сосониро барои навиштани ин навъ номаҳо дабирони хос буданд. Зоҳиран, шоҳони Сосонӣ қабл аз он ки номае аз девон содир кунанд, яке аз дабирон ё Эрондабирбадро супориш мекардаанд, ки хулосаи матлабро дар ҳузури подшоҳ бинависад, баъд аз сабт дар дафтари тавқеот муҳрдори салтанатӣ онро бо муҳри махсус муҳр мекарда ва сипас дабири хос он номаро бо сабки адабӣ ва услуби муқаррар менавиштааст [367, с. 330].

**Овардани дебочаи балеғ дар номаҳо.** Яке аз шеваҳои хосе, ки дар нигориши номаҳои аҳди Сосонӣ ба кор мерафт, ба сурати зебо ва балеғ овардани дебоча, яъне муқаддимаи номаҳо буд. Ин навъ дебочаҳои балеғро, ки аксар дар ҳамду ситоиши Худованд ва шукру сипоси неъматҳои Офаридгор иншо шудаанд, дар номаҳои мулуки Сосонӣ, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва сарчашмаҳои дигар омадаанд, метавон дид. Афзун бар ин, мулуки Сосонӣ ба нигориши вақоеи муҳим, ки боиси шуҳрат ва овозаи номи эшон мешуд, диққати махсус медоданд ва аз нависандагон ва дабирони хеш талаб менамуданд, ки ин навъи нигоштаҳо низ мисоли номаҳо дорои дебочаи балеғ бошанд. Байҳақӣ дар китоби «Ал-маҳосин ва-л-масовӣ» ривояти ҷолиберо аз рӯзгори Хусрави Парвиз овардааст, ки баёнгари ин маъност. Чун ҷангҳои Хусрави Парвиз бо Баҳроми Чӯбин ба охир расид, дабирони девонро фармон дод, ки он набардро аз оғоз то анҷом бинависанд. Дабирони девон баъд аз адои ин амр навиштаи худро ба шоҳ арза доштанд, Хусрави Парвизро дебочаи он писанд наёмад. Ниҳоят, яке аз дабирони ҷавон дебочаи балеғе бар он бинавишт

ва ба шоҳ пешниҳод кард. Хусравро писанд омад ва фармон дод, ки бар пойгоҳи он дабир бияфзоянд [59, с. 481].

**Оростагӣ ва ҳунарӣ будани насри номаҳо.** Хусусияти дигари номаҳои ин давр дар оростагӣ ва ҳунарӣ будани насри онҳо буд. Чунонки дар фаслҳои қаблӣ низ ишора шуд, дар нигориш ва таҳрири номаҳои девонӣ насри ҳунарӣ ба кор бурда мешуд ва дабирон ин навъи нигоштаҳои хешро бо ақволи бузургон ва латоифу ҳикам оро медоданд. Беҳтарин шоҳид барои ин фикр, «Номаи Тансар» мебошад. Агарчи асли паҳлавии ин нома то мо нарасида ва нусхаи мавҷудаи он аз паҳлавӣ ба арабӣ ва аз забони арабӣ ба форсӣ тарҷума шудааст, бояд иқрор шуд, ки ҳанӯз услуби фаннӣ ва оростагии насри он то андозае боқӣ ва намудор мебошад. Ҳамчунин аз пораи номаҳое, ки Ардашер ба раоё ва уммоли худ навиштааст, то андозае аз ороста ба панду ҳикмат ва ҳунарӣ будани насри онҳо метавон пай бурд. Чунончи, Ардашер дар номае, ки ба яке аз уммоли худ навиштааст, мухотабро чунин панд ва дастур медиҳад: «Шунидам, ки ту мулоиматро бар хушунат ва муҳаббатро бар маҳобат ва тарсро бар шуҷоат тарҷеҳ медиҳӣ, вале бояд дар оғози кор хашин ва дар охир мулоим бошӣ. Ҳеч касро аз маҳобати худ бенасиб нагзорӣ ва аз муҳаббат маъюс накунӣ ва ин суханро, ки ба ту мегӯям, мустабъид надонӣ, ки ин ду қарини якдигаранд» [116, ч.1, с. 243].

**Риояти дараҷа ва мақом дар номаҳо.** Яке аз вижагиҳои дигари макотиби ин давр дар риояти дараҷа ва мақоми котиб ва мухотаб буд. Дар номаҳое, ки аз ҷониби мулук ва бузургон ба зердастон содир мешуд, равиши итноб ба кор мерафт, аммо дар номаҳое, ки аз тарафи зердастон ба шоҳон ва бузургон навишта мешуд, мебоист тариқи эҷоз ба кор равад. Афзун бар ин, дабирони девон муваззаф буданд, ки ҳини нигориши нома мақоми мактубилайҳро ба эътибор гиранд ва аз санъатҳои лафзӣ ва маънавӣ бамаврид истифода намоянд. Чунончи, дар номае, ки Ардашер ба хавоси раоё ва уммоли худ навиштааст, равиши итноб ба кор рафта ва нигоранда – Ардашер, баъд аз дуруд дар қисмати аслии нома табақаи мумтози кишвар – дабирону фақеҳон ва кишоварзонро панду насиҳатҳои беназир дода ва амр намудааст, ки онҳоро ҳифз доранд ва

ба кор баранд [116, ҷ.1, с. 243]. Агарчи номаи мазкур дар даврони исломӣ ҷомаи исломӣ ба бар кардааст, зоҳири нома ва мазомини он метавонад то андозае аз вижагиҳои макотиби аҳди Сосонӣ иттилоъ диҳад.

**Вуҷуди аркони мухталиф, алқоб ва ановину нуут дар номаҳо.** Дигар аз вижагиҳои макотиби девонии аҳди Сосонӣ мавҷудияти аркони мухталиф ва овардани унвонҳо, лақабҳо ва сифатҳо аст. Одатан, аксари номаҳо бо ҳамду ситоиши Худо ва тавсифи мактубилайҳ оғоз гардида, сипас рукни аслии нома оварда мешуд ва бо дуои мухотаб хотима меёфт. Шоҳиди ин фикр номаҳое мебошанд, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ омадаанд. Гоҳе маноширӣ ин аҳд дорои чор рукн буданд: ҳамду ситоиши Худо, васфу ситоиши мухотаб, рукне дар шароити тафвизи шуғл, хотима ва дуо.

Овардани нуут ва ановину алқоб дар номаҳои тоисломии Эрон собиқаи тулонӣ дошта, намунаҳои онҳоро дар куҳантарин номаҳои мавҷуди он, ҳатто дар катибаҳои Ҳахоманишӣ метавон пайдо кард, зеро дар сангнавиштаҳо низ номи шоҳони тоисломӣ бо унвонҳою лақабҳо ва сифатҳои хос оварда мешуд. Аз ахбори сарчашмаҳо ва таҳқиқоти донишмандон равшан мешавад, ки дар замони ҳукумати Сосониён ҳар яке аз табақоти бузург дорои алқобе хос буданд ва дабирони девон муваззаф буданд, ки ҳини навиштани номаҳо он алқобро ба кор баранд. Афзун бар ин, соҳибони ҳар яке аз машоғилро ановин ва нууте буд шабеҳ ба алқоб ва дабирони девон қабл аз зикри ном ва алқоби хоси мухотаб онҳоро меоварданд. Чунончи, дар номае, ки Ардашери Бобакон хитоб ба хавоси раият ва уммоли худ навиштааст, аз дабирон бо наъти «уҳдадори тадбири мулк», аз фақеҳон бо наъти «сутунҳои дин» ва аз кишоварзон бо наъти «ободкунони замин» ёд шудааст: «Аз Ардашер писари Баҳман шоҳаншоҳ ба дабирон, ки уҳдадори тадбири мулканд ва фақеҳон, ки сутунҳои динанд ва кишоварзон, ки ободкунони заминанд. Дуруд бар шумо, биҳамдуллаҳ, мо хубем ва ба иқтизои раъфат ва марҳамат молиёт аз раият бардоштем. Ин насиҳатро, ки ба шумо менависем, ба хотир супоред: «Кинатӯзи ҳамдигар мабошед, то душман ғофилгиратон накунад ва эҳтикор макунед, то дучори қаҳт нашавед. Паноҳгоҳи раҳгузарон бошед, то фардо ба

растохез сероб шавед. Зан аз хешовандон гиред, ки хонадон ва насабатон маҳфуз монад. Ба дунё эътимод макунед, ки ба ҳеч кас пойдор намонад ва ғами он махӯред, ки ҳар чи Худо хоҳад, ҳамон шавад. Маазолик, дунёро раҳо накунед, ки охиратро ҷуз ба дунё ба даст натавон овард» [116, ч.1, с. 243].

Маъмулан, номаҳои ихвонӣ бо адъия оғоз шуда, дар зимни он нуут ва ановини мухотаб, ки ба шуғлу мартабаи ӯ мутаносиб буд, оварда мешуд. Ба монанди ин таркибот: «ёридиҳандаи дарвешон ва офаридагон», «умеддиҳанда ба ҳама офаридагон», «пероян ҷаҳон», «шукӯҳи кишвар», «пуштибони фурӯтанон», «силоҳи эзидон» ва ғ. [77, с. 140]. Аммо дар султониёт нууту ановине махсус ба кор мебурданд, ба монанди «фармонравои Эрон ва Анирон», «вориси узамо», «далертарини паҳлавонон», «бародари хуршеду моҳ» ва ғ. [161, с. 141, 156, 190].

**Таъбироти махсуси номаҳо**. Афзун бар ин, дар номаҳои девонӣ дабирон аз таъбироте махсус истифода мекарданд. Аз ахбор ва номаҳои мундариҷ дар китоби «Таърихи Арманистон» равшан мешавад, ки дар маношири подшоҳон аз худ ба «мо» ва дар султониёт ба таносуби маврид ба «мо» ва аз мактубилайҳ ба «он бародар», «бародараш», «бародарамон» таъбир мекардаанд. Чунончи, дар «Номаи Хусрав ба нохорорҳо» нигоранда аз худ ба «мо» ва аз мухотаб ба «шумо» таъбир кардааст: «Шод бошед ва мо низ тандурустем ва бо касби хабари саломати шумо шодмон шудем. Инак, паймон ва қарордодро мутобиқи тақозоятон бароятон мефиристем...» [161, с. 259].

Номаҳое, ки аз ҷониби шоҳони Сосонӣ ба мулуки кишвари дигар навишта мешуданд, аз номаҳое, ки ба ҳокимон, раоёву уммоли кишвар ва ҷойнишинону фарзандон менавиштанд, фарқ мекарданд. Чунончи, дар номае, ки Шопур писари Ардашер ба подшоҳи Рум дар ҷавоб ба номаи ӯ навишт, аз равиши итноб ва ороиши зоҳири нома худдорӣ намуда, ба тариқи эҷоз сабаби тавфиқ ёфтани худро дар низоми умури кишвар, кори сипоҳ ва осоиши аҳли мамлакат баён намуда мегӯяд: «Ин тавфиқ ба ҳашт сифат ёфтаам. Ҳаргиз дар кори амру наҳй мазоҳ нагуфтам ва ҳаргиз хилофи ваъда ваид накардам ва ҷанг барои таҳсили сарват кардам, на ҳавас, ҷалби қулуб ба умеду бим кардам, на зӯр ва

хусумат ва муҷозот аз рӯйи гуноҳ додам, на аз рӯйи хашм, маоши ҳамаро фароҳам кардам ва чизҳои беҳударо аз миён бурдам» [116, ҷ.1, с. 244]. Дар номае, ки Шопур писари Ардашер ба яке аз ҳуккоми худ навиштааст, бештар аз усули гузиниши зердастон ва муомала бо онон сухан мекунад ва панду дастурҳои пурарзиш медиҳад, ки ба зоҳир қисме аз «дастур-ул-мулук» ва «насиҳат-ул-мулук»-ро мемонанд. Чунончи, гӯяд: «Вақте аз марде кифоят хоҳӣ, муқарраре кофӣ ба ӯ бидеҳ ва ба василаи ёрони лоиқ кӯмакаш кун ва дар тадбири умур озодаш неҳ, ки чун муқаррарияш кофӣ бошад, тамаъ бибарад ва чун ба камоли ёрон неру гирад, дар муқобили душманон сахттар шавад ва чун дар тадбири умур озодии амал дошта бошад, дар авоқиби кори худ бияндешад. Он гоҳ вайро аз коре, ки барояш дар назар гирифтаӣ, воқиф кун, то аз пеш омодаи он шавад ва хотир бад-он машғул дорад. Агар кор чунон кард, ки интизор мерафт, мақсуди хеш бо вай гузор ва пеш бурдани ӯро вазифаи худ шумор. Пас, агар кирдори ӯ мувофиқи дастури ту бувад, анҷоми мақсуди худро ба уҳдаи ӯ гузор ва инъоми бештари ӯро вазифаи худ шумор ва агар аз кори ту бигашт, ҳуҷҷат бар ӯ неҳ ва даст ба муҷозоташ гушой ва дуруд бар ту бод» [116, ҷ.1, с.244]. Ҳамчунин дар номае, ки Ҳурмуз ба яке аз уммоли худ навиштааст, сабк ва шеваи мазкури номанигорӣ ба назар мерасад [117, с.191]. Аммо дар номае, ки Шопур ба писараш Ҳурмуз ва мулуки баъдӣ навиштааст, бештар ҳамчун шоҳи хирадманд ва рӯзгордида панду дастур медиҳад ва васият мекунад [116, ҷ.1, с. 244]. Бешак, ин васият ва панд қисмате аз «Аҳди Шопур ба писараш Ҳурмуз ва подшоҳони баъдии ӯ» аст. Агарчи дар тарҷумаи форсии китоб аз «Аҳди Шопур» будани он ёд нашуда [116, ҷ.1, с. 244], дар нашри арабии «Муруҷ-уз-заҳаб» Масъудӣ ба таври равшан қабл аз иқтибос аз аҳдномаи мазкури Шопур будани он ёд намуда мегӯяд: « و عهد سابور إلى والده هرمز وَ مَن تلاه من الملوک بعده، فقال...» [117, с.191].

Аз баҳсҳои фавқ метавон ба ин натиҷа расид, ки шеваи нигориши тамоми ақсоми номаҳои тоисломии Эрон яксон набудааст. Ҳангоми навиштани нома мақом ва дараҷаи котиб ва мухотабро низ ба инобат мегирифтаанд. Номаҳое, ки аз ҷониби мулук ва бузургони дарбор ба зердастон ва умуми мардум

нигошта мешуд, ба мисли фармонҳо, фатҳномаҳо ва ғ. равиши итнобро ба кор мебурданд, аз амсолу ҳикам, панду андарз ба таври фаровон мадад меҷустанд ва, баръакс, агар нома аз ҷониби зердастон ба подшоҳон ва бузургони дарбор навишта шавад, тариқи эҷозро ба кор мебурданд ва аз ороиши зоҳири номаҳо худдорӣ мекарданд. Нависандаи нома дар ҳама маврид вазифадор буд, ки дараҷот ва мартабаи мактубилайҳро ба эътибор гирад ва ба таври қатъӣ онро риоят созад, бо бузургон ҳамчун бо оммаи мардум ва бо оммаи мардум ҳамчун бо бузургон сухан нагӯяд. Сабаби тариқи итноб ва эҷози номаҳо гоҳи зиёд баста ба мақому манзалати мактубилайҳ будааст.

Хулоса, насри номаҳои тоисломӣ, махсусан аҳди Сосониён, чунин вижагиҳоро доро буд:

1. Ба ороиши зоҳири номаҳо диққати махсус дода мешуд.

2. Дабирони девон ба баёни маънӣ ва зебоии зоҳири калом бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамуданд.

3. Номаҳои девониро, ки аз ҷониби мулук ба зердаст навишта мешуд, бо истиораву киноёт ва дигар санъатҳои лафзиву маънавӣ, ки дар насри он давра маъмул буд, оро медоданд.

4. Номаҳое, ки аз ҷониби шоҳони Сосонӣ ба мулуки дигар навишта мешуданд, бештар ба тариқи эҷоз, мушаххас ва дур аз итноб буданд.

5. Мактубҳо ба таносуби мавзуъ ба аркони мухталиф тақсим мешуданд.

6. Дар номаҳо барои табақоти мухталифи ҷомеа алқобу ановин ва нууте мутаносиб бо мақом ва дараҷаи онон оварда мешуд.

7. Оғозу анҷоми мактубҳо низ шева ва равиши мушаххас доштанд. Чунончи, фармонҳо ва аҳкоми девонӣ бо ситоиши Худо ва муқаддимаи мутаносиб оғоз мешуд, аммо дар номаҳои султонӣ нахуст алқобу ановини котиб ва сипас алқобу ановини мухотаб оварда мешуд. Дар номаҳое, ки подшоҳон ба зердастони худ, монанди вазирон, амирони сипоҳ, мулуки атроф менавиштанд, баъд аз ситоиши Худованд номи подшоҳ бо нууту ановини хоси ӯ зикр мешуд ва сипас номи мухотаб оварда мешуд.

8. Дар насри номаҳо таъбироти хос ва такаллуфоти лафзии дигаре низ ба кор мерафт. Чунончи, асноди расмӣ, номаҳои девонӣ ва султониёт одобу шароити хосе доштанд ва ба аҳволу мавоиз, панду ашъор ва муаммиёти латифа, киноёту истиорот ороста мешуданд.

### II.2.3. Осори марбут ба оини нигориш ва номанависӣ

Дар даврони Сосониён фанни нависандагӣ одобу шароити махсусе дошта, дабирону нависандагони девонро зарур буд, ки он қавоиду одобро ба хубӣ азбар намоянд ва дар нигоштаҳои хеш аз онҳо риоят кунанд. Ҷиҳати омӯзиши оини дабирӣ ва номанависӣ китобҳои махсусе мавҷуд буд ва муаддибон бештар аз рӯйи онҳо ба шогирдон дарс мегуфтаанд. Аз ахбори зайли Ҷаҳшиёрӣ маълум мешавад, ки ҳанӯз дар аҳди қадим подшоҳони Эронро навиштаҳое будааст, ки дар онҳо барои дабирон ва коргузорони хеш дастуроте дода будаанд ва онҳоро лозим будааст, ки ҳини адои вазоифи хеш он қавоиду шароитро риоят намоянд. Чунончи, гӯяд: «Абдулвоҳид ибни Муҳаммад ба нақл аз Муҳаммад ибни Возеҳ ба ман гуфт: «Дар Исфаҳон навиштаҳои қадиме аз хусравон (подшоҳони Эрон) дидам, ки дар онҳо барои амри хироҷ ва умрон ба уммоли худ дастуроте навишта буданд. Ин навиштаҳо ҳар гоҳ хитоб ба ҷамоат буд, бо ҷумлаи «пойдор бимонед» ва агар ба унвони як нафар буд, бо ҷумлаи «пойдор бимонӣ» шуруъ шуда буд. Сипас нависанда матолиби худро баён мекард» [183, с. 29].

Ба эҳтимоли наздик ба яқин, мурод аз «навиштаҳо»-и подшоҳони қадими Эрон кутуб ва расоиле мебошанд, ки андар ойини номанигорӣ ва шароиту қавоиди нависандагӣ баҳс мекунанд, зеро дар иқтибоси фавқ сухан аз қавоиду оини номанигорӣ ва усули оғози номаҳои девонӣ меравад. Инчунин аз ахбори Ҷаҳшиёрӣ маълум мешавад, ки номаҳои девонии он давр, одатан, бо дуои мухотаб («пойдор бимонед» ё «пойдор бимонӣ») шуруъ мешудаанд. Н. Зоҳидов низ бар он бовар аст, ки мурод аз «навиштаҳо»-и шоҳони эронӣ дастуроти хоси ойини номанависӣ мебошад [232, с. 24]. Мутаассифона, асли он кутуб, ки дар бораи қавоиду одоби номанигорӣ баҳс мекунанд, то мо

нарасидаанд, аммо дар сарчашмаҳои қарнҳои аввали исломӣ ишораҳои кӯтоҳе ба мавҷудияти ин гуна кутуб шудааст, ки мисолашон китоби «Корванд» ва рисолаи «Ойини нома набиштан» мебошанд.

**Китоби «Корванд».** Бешак, эрониён пас аз ҳуҷуми аъроб дар саҳнаҳои сиёсию низомӣ ва мазҳабӣ ба шикаст мувоҷеҳ шуданд, аммо дар майдони илму адабиёт ва фарҳанг мақоми баланди худро аз даст надоданд. Гурӯҳе бо номи шуубия ба адабиёту фарҳанги миллӣ ва осори пурбаҳои тоисломии худ рӯй оварда, онҳоро ба забони арабӣ тарҷума карданд ва дар даъват ба фарогирии фарҳанг, андеша ва сабки баёни ниёкони худ лаҳзае аз по нанишастанд. Яке аз китобҳое, ки аз паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷума шудааст ва шуубия омӯзиши онро барои нависандагон зарур медонистанд, «Корванд» мебошад.

Китоби «Корванд» ба ақраби эҳтимолот перомуни оини нависандагӣ ва фанни балоғат баҳс мекунад. Мутаасссифона, аз ин китоб ба ҷуз ном чизе ба ёдгор намондааст. Ин китобро Ҷоҳиз дар китоби «Ал-баён ва-т-табйин» ҳангоми баҳс аз шуубигарии эрониён ва даъвати онҳо ба омӯзиши китобҳои тарҷумашуда аз форсӣ ном бурдааст. Чунончи, ҷое аз забони шуубияи Эрон мегӯяд: «وَ مَن اَحَبَّ اَن يَبلُغَ فى صَناعَةِ البَلاغَةِ وَ يَعرفَ الغَريبَ وَ يَتَبَحَّرَ فى اللُّغَة فَليَقراء "كتاب كاروند"» [189, с. 14]. Яъне «Ҳар кӣ бихоҳад ба кунҳи фанни балоғат бирасад ва ба луғоти ғариб пай барад ва дар луғат ғавр кунад, бояд китоби «Корванд»-ро бихонад». Аз сухани мазкури Ҷоҳиз чунин бармеояд, ки китоби «Корванд», зоҳиран, перомуни қавоиди илми балоғат баҳс мекарда ва ҳамчунин намунаҳое аз суханони балеғро дар бар доштааст.

М. Баҳор «Корванд»-ро яке аз кутубе медонад, ки ба забони дарӣ таълиф шудаанд. Чунончи, мегӯяд: «Ҷоҳиз дар «Ал-баён ва-т-табйин»-и худ аз китобе форсӣ ба номи «Корванд» ном мебарад ва онро яке аз кутуби фасеҳ ва муҳимми забони форсӣ медонад ва дур нест, ки ин китоб ҳам аз кутуби дарӣ бошад, ки аз миён рафтааст» [339, ҷ.1, с. 312]. Исо ал-Окӯб китоби «Корванд»-ро тахмин ҳамон номае донистааст, ки Кисро ба писари хеш нигоштааст, аммо дар поёни сухан «Номаи Хусрав ба писараш» будани онро ҷонибдорӣ мекунад ва мегӯяд: «Илова бар ин, дар ин давра шоҳиди китобе ҳастем дар бораи усули

балоғат, ки аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума шуда ва баид нест ҳамон «Аҳди Кисро ила ибниҳи», ки «Айн-ул-балоғат» номида мешавад, бошад. Ҷоҳиз вақте аз шуубигарии эрониён сухан мегӯяд, ба ин китоб ишора кардааст. Ӯ дар васфи балоғати эрониён мегӯяд: «Ҳар кӣ бихоҳад ба кунҳи фанни балоғат бирасад ва ба луғоти ғариб пай барад ва дар луғат ғавр кунад, бояд китоби «Корванд»-ро бихонад». Ва далеле вуҷуд надорад, ки китоби «Корванд» ҳамон «Номаи Хусрав ба писараш» набошад» [358, с. 121].

Зоҳиран, асли номаи мазкур «Китоб аҳди Кисро ила ибниҳи», яъне «Аҳдномаи Хусрав ба писараш» унвон доштааст, ки баъзе «Айн-ул-балоғат» низ гуфтаанд. К.А. Иностранцев муътақид аст, ки ин китоб ҳамон «Аҳд Кисро ило ибниҳи Ҳурмуз ювассиҳи ҳина асфоҳу-л- мулка ва ҷавоб Ҳурмуз иййоҳу», яъне «Аҳдномаи Хусрав ба писараш Ҳурмуз, ки ҳангоми бар тахт нишондан андарз гуфт ва посухи Ҳурмуз ба ӯ» мебошад. Муҳаммад Муҳаммадӣ бар он бовар аст, ки он китоб «Номаи Хусрави Парвиз ба писараш Шеруя» мебошад, на «Номаи Хусрави Анӯшервон ба писараш Ҳурмуз». Аз таҳқиқоти М. Муҳаммадӣ бармеояд, ки дар ин нома сухан аз балоғат ва фанни суханварӣ низ рафта ва бад-ин сабаб баъзе онро «Айн-ул-балоғат» номидаанд [367, с. 36; 358, с. 120]. Н. Зоҳидов пазируфтани андешаи К.А. Иностранцевро то андозае душвор [232, с. 210-211] ва ақидаи М. Муҳаммадиро ғайри қобили қабул медонад ва муътақид аст, ки М. Муҳаммадӣ ин ҷо ба иштибоҳ роҳ додааст [232, с. 211]. Н. Зоҳидов ин номаро аҳдномаи Хусрави Анӯшервон медонад ва сабаби «сарчашмаи балоғат» унвон гирифтани онро баста ба балоғати сухан ва расоии фикри ин аҳднома меҳисобад ва ақоидеро, ки гӯё дар он сухан аз усул ва қавоиди балоғат рафтааст, инкор намуда мегӯяд: «Тавсифи «сарчашмаи балоғат», ки дар унвони аҳднома омадааст, зоҳиран, ишора ба балоғати сухан ва расоии фикр дар аҳдномаи Анӯшервон аст ва онро набояд ба ин маънӣ фаҳмид, ки дар аҳднома сухан аз усул ва қавоиди балоғат рафта бошад» [232, с. 211]. Дар сурати дуруст будани ин фикр метавон гуфт, ки ин аҳднома дар ниҳояти балоғат ва ҳунари нависандагӣ иншо шуда, минбаъд ҳамчун сарчашма ҷиҳати омӯзиши расму оини дабирӣ хидмат намудааст, зеро

қабл аз ислом эрониён ҷиҳати омӯзиши оин ва шароити дабирӣ ҳамчун сарчашма аз номаҳои шоҳони маъруфи хеш низ истифода мекарданд. Дар қарнҳои аввали исломӣ низ андарзномаи Ардашер шуҳрати беназир доштааст. Чунончи, халифа Маъмун муаддиби фарзандашро фармон дод, ки пас аз ёд додани Қуръон, «Аҳди Ардашер»-ро ба ӯ бихонад ва водорад, ки «Калила ва Димна»-ро азбар кунад [56, с. 49].

Ҷоҳиз дар китоби мазкури хеш асолати китобҳои «Корванд» ва «Калила ва Димна»-ро дар қатори чанд китоби дигари тоисломии форсӣ инкор сохта, онҳоро аз бофтаҳои хаёлии нависандагони баъдӣ донистааст, вале Н. Зоҳидов ботил будани ин қавли Ҷоҳизро ошкор мекунад ва мегӯяд: «Ангезаи зиддишуубии Ҷоҳиз ӯро ба он водоштааст, ки китоби мазкурро дар баробари «Калила ва Димна» ва осори дигари тоисломӣ аз бофтаҳои хаёли адибони эронӣ аз қабили Абдулҳамиди Котиб, Ибни Муқаффаъ, Саҳл ибни Ҳорун ва дигарон пиндорад. Китоби «Корванд»-ро дар радифи «Калила ва Димна» гузоштан ва асолати онро бад-ин шева инкор кардан худ ботил будани даъвои Ҷоҳизро собит мекунад, зеро имрӯз асолати «Калила ва Димна» шакку шубҳаеро ба вуҷуд намеоварад ва дар ҳамин қиёс иддаои маҳсули хаёли нависандагони баъдӣ будани китоби «Корванд» низ рад мегардад» [232, с. 25-26]. Ҳамчунин аз тадқиқоти Н. Зоҳидов маълум мешавад, ки муаллифи китоби «Сифату-д-давот ва-л-қалам ва тасрифуҳо» Абулқосим Абдулазизи Бағдодии Наҳвӣ дар қатори тарҷумаҳои «Калила ва Димна», «Китоби Маздак», «Ҳазор афсона» ва «Аҳди Ардашер» тарҷумаи китоби «Корванд»-ро низ мансуб ба Ибни Муқаффаъ донистааст [232, с. 104].

Аз баҳсҳои фавқ метавон ба ин натиҷа расид, ки дар асри зиндагии Ҷоҳиз китоби «Корванд» ҳамчун китоби омӯзиши фанни балоғат ва оини нависандагӣ шуҳрат дошта, мавриди истифода будааст, вале ақоиди зиддишуубии ӯ иҷозат нададааст, ки онро эътироф ва изҳор намояд.

**Рисолаи «Ойини нома набиштан».** Яке аз рисолаҳои мухтасаре, ки тахмин аз охирҳои даврони Сосониён ба забони паҳлавӣ то мо расидааст, рисолаи «Ойини нома набиштан» аст. Агарчи чанде аз донишмандони

ватаниву хориҷӣ ҳини таҳқиқоти хеш ба таври ихтисор аз ин рисола ёд намудаанд [р.к: 401, с. 295-297, 302, 304-306; 394, с. 294- 295; 339, ҷ.1, с. 149-150; 232, с. 25; 285, с. 65; 254, с. 34-35], вале ҳанӯз ҷойи пажуҳиш дар он комилан эҳсос мешавад.

Унвони ин рисола дар осори ба мо дастрас ба гунаи мухталиф омадааст. Дар асли паҳлавӣ номи ин рисола «Abar ēwēnag nāmag nibēsišnĪh» [77, с. 307] ва «Abar ēwēnag i nāmag nibēsišnīh» [394, ҳошияи с. 294] омада ва С. Урён онро «Дар бораи ойини номанависӣ» тарҷума кардааст [77, с. 139], аммо Ҳ. Хатибӣ унвони ин рисоларо ба сурати «Оинномаи набиштан», А. Тафаззулӣ «Ойини номанависӣ», М. Баҳор «Андар оини номанависӣ», Н. Салимов «Ойини нома навиштан» ва Н. Зоҳидов «Ойини нома набиштан» ва таҳиягарони матни тоҷикии ин рисола унвони онро «Дар бораи оини номанависӣ» [15, с. 282] овардаанд. Аз таҳқиқоти донишмандон маълум мешавад, ки чунин унвоне дар матни аслии рисола ва нусхаҳои хаттии он наёмада ва ин унвон интихоби таҳзибгари китоб будааст [394, с. 294]. Ҳ. Хатибӣ дар фасле, ки перомуни ақсоми номаҳои давраи Сосонӣ баҳс мекунад, аз ин рисола ёд намуда ва барои шоҳиди фикр аз он мадад ҷустааст. Донишманди мазкур ин рисоларо фасли мухтасаре аз китоби муфассал медонад, ки, мутаассифона, шакли комили он то мо нарасидааст. Зоҳиран, асли ин китоб ба забони паҳлавӣ буда, дар охирҳои аҳди Сосониён ва ё дар қарнҳои аввали исломӣ бо таваҷҷуҳ ба услуби номаҳои ихвонии аҳди Сосонӣ тадвин шудааст [401, с. 295].

Ин рисолаи кӯчак аз 44 қитъа ё банд иборат буда, ҳар як аз ин бандҳо баёнгари шеваҳои сабки номанигорӣ бо зикри намуна мебошанд. Мурод аз тадвини он фароҳам овардани намунаҳое барои дабирон будааст, ки ҳини номанигорӣ аз он ҳамчун дастури дабирӣ истифода мекардаанд. Манижа Аҳадзодагон Оҳанӣ матни ин рисоларо иборат аз 45 банд медонад, ки аз қавли муҳаққиқони дигар фарқ мекунад [138, с. 609]. Дар асли паҳлавӣ низ ин рисола ба 44 банд ҷудо карда шудааст [77, с. 307-313]. Ҳини муқоиса ва муқобала моро маълум шуд, ки ҳамаи бандҳои нусхаи асл ва нусхаи тарҷумакардаи Манижа Аҳадзодагон айни якдигаранд. Сабаби 45 банд гуфтани Манижаи

Аҳадзодагон, зоҳиран, дар он аст, ки ӯ сухани поёнии рисоларо низ рақамгузорӣ карда ва онро банди 45-ум донистааст. Аммо дар нусхаи асли паҳлавӣ, ки зери дасти мост, охирсухани рисоларо шумор накардаанд [77, с. 313].

Рисолаи мазкур фарогири ду бахш аст. Бахши аввал дар шеваи оғози номаҳои ихвонӣ ва бахши дувум марбут ба бун (поён)-и номаҳо ва шароиту қавоиди онҳо мебошад. Аз матни аслии рисола метавон пай бурд, ки номаҳои ихвонӣ аксар бо васфу ситоиш ва дуои мухотаб оғоз гардида, бо дуои мухотаб ба поён мерасиданд. Чунончи, дар банди панҷум, ки, зоҳиран, хоси оғози нома аст, мухотабро чунин васфу ситоиш кардааст: «wuzurg-ummed, abaxšāyišngar, wasān kas frayādišnĪg, az har juttarĪh abēzārēnĪdār, dūr ud pad pahrēz dārand, hamē pērōzgar wahmān Ī wahmānān» (Эй бузургумед, бахшоишгар, фарёдраси бисёр касон, (эзадон шуморо) аз ҳар таорузе безор, дур ва дар парҳез бидоранд, эй ҳаме пирӯзгар, Баҳмон писари Баҳмон) [77, с.308 ва с.140]. Ҳамчунин, дар банди 37-ум, ки махсуси поёни нома аст, мухотабро чунин васфу дуо мекунад: «andar bun Ī nāmag, u-tān yazdān pad ān Ī abrangĪg-tum gāh, astišnĪg, winārišnĪg ud pattāyišnĪg dārand» (Дар поёни нома, Эзадон шуморо дар бошукуҳтарин замон, поё, муназзам ва барқарор бидоранд) [77, с. 313 ва с. 142].

Лозим ба тазаккур аст, ки матолиби мундариҷи ин рисолаи кӯчак дорои назму тартиби муайяне нест. Зоҳиран, ҳар яке аз бандҳои рисола намоёнгари шевае аз сабки номанигории тоисломии форсӣ мебошанд. Банди аввали рисола ба зоҳир муқаддимаеро мемонад ва он ҷо шарҳи касоне омадааст, ки ба якояки онон ин навъ номаҳоро навиштан мумкин аст, чунонки омадааст: «Акнун навишта мешавад (бо) навишта(е) басазо, номае ба якояки фармонравоён, ба подшоҳону меҳон ва ашроф ҳаме перӯзгар, ба ҳама коргузорони фаррухтар, ба онон, ки нисбат ба ҳар офарине арзанда (=лоиқ) ҳастанд, Яздон паноҳ ва ёридиҳандаи кишвар, ба фурӯдастони анӯш ёди ҳазор анӯш, ба бандагон ва фурӯдастон ҳазор анӯш ёд, (ба онон ки) аз анӯша ёди (он) андак фароз дошта шудаанд, боозармтарин (ва) гиромитарин (афрод), ба падар ё бародарон ё

фарзандон ё ба онон, ки ҳаммонанди падару бародар ва фарзанд ҳастанд» [77, с. 139].

Аз иқтибоси фавқ маълум мешавад, ки ин навъ номаҳо ба ҳамаи фармонравоён: ба подшоҳон, бузургону ашроф, коргузорони давлат, онҳое, ки лоиқи ҳар таҳсину офаринанд ва онон, ки гиромитарин ва маҳбубтарин касонанд, ба мисли падару бародар ва фарзанд ва ҳаммонанди онҳо ва ғ. навишта мешудааст.

Дар бандҳои боқии рисола тарзи навиштани анвои васфу ситоиш, оғози нома, ҳамдардию тасаллият, матолиби аслӣ ва поёни номаҳо зикр гардидааст.

Аз чанд банди ин рисола маълум мешавад, ки ихвониёти даврони Сосонӣ низ бештар бо ҷумлаҳои дуоӣ оғоз шуда, бо ҷумлаҳои дуоӣ поён мепазируфтаанд. Инчунин аз мутуни ин рисола маълум мешавад, ки ҳанӯз дар аҳди Сосониён овардани алқобу ановини мухотаб дар оғози нома (бандҳои 5, 6, 7, 8, 10, 11, 12, 34), ҳангоми набиштани посух хабар додан аз гирифтани номаи мухотаб (банди 20, 31), ба некӣ ва бо эҳтиром ёд кардани гузаштагон (банди 21), умри тулонию хайру саодати мухотаб хостан (бандҳои 22, 23, 24), дуои хайр намудани мухотаб (бандҳои 29, 30), овардани унвони нома (банди 18), иттилоъ додан аз таърихи навишта шудани нома, хабар додан аз саломатии хеш, изҳори хурсандӣ кардан аз саломат будани мухотаб ва расидани номаи набиштаи ӯ (банди 31), иттилоъ додан аз аҳволу рӯзгори хеш (банди 32), дуои хайр намудани мухотаб дар поёни нома (банди 33, 35, 37, 39, 40, 42, 44), дар ниҳояти нома зикр намудани ном ва насаби котиб (банди 25, 44), пурсидани аҳволи наздикону дӯстон ва дуруд фиристодан ба онҳо (банди 27) ва пузиш хостани котиб аз кажиҳои нома (банди 27) расм будааст.

Ба эҳтимоли наздик ба яқин, чанде аз бандҳои рисола дар якҷоягӣ матни комили як номаро мемонанд. Аз ин нигоҳ метавон тахмин намуд, ки рақамгузории ин бандҳо минбаъд сурат гирифтааст. Шоҳиди ин фикр метавонанд мутуне бошанд, ки дар бандҳои 18-27-ум ва 31-33-юм омадаанд.

Матнҳое, ки дар бандҳои 18-27-ум омадаанд, дар маҷмуъ як таслиятнома (сӯгнома)-ро ташкил медиҳанд ва, бешак, намунаи беҳтарини ин навъи нома

мебошанд. Ҷиҳати эҳтироз аз итолаи калом танҳо овардани тарҷумаи форсии онҳоро кифоя медонем. Таваҷҷуҳ намоед: «18. Нома ҷиҳати ҳамдардӣ ва тасаллӣ додан ба бузургон ва нуҷабо; 19. Эй ҳаме пирӯзгар, Баҳмон писари Баҳмон, (Эзад) ҳаме сипӯзад (дур кунад-З.Ҳ.) андуҳро ва аз байн бибарад зориро ва (аз шумо) дур бошад ҳар патёра (осебрасон), муҳтарам бошед ба ҳар фаррухии менӯӣ ва модӣ; 20. Замоне, ки ба мо (аз даргузашти) анӯшаравон Баҳмон писари Баҳмон огоҳӣ расид, аз марги (ӯ) андуҳи гарон ёфтем, аммо аз он ҷо, ки чораи дунявӣ ҷиҳати раҳоӣ аз марг ва (низ) сайри инсон ба (сӯйи мақсади ниҳоӣ) ба дасти (ашхоси) пурфараҳ ва ҳунари ҳунармандон ва доноёну фарзонагон ва низ ситамгарону гуноҳкорон ва низ бузургкунишон ва кирфаварзон (савобкорон - З.Ҳ) нест, (бино бар ин) расидани марг ва рӯзи омор (рӯзи ҳисоб - З.Ҳ) (ва) гузаштан аз Чинавадпул (пули сирот - З.Ҳ.) бар ҳар кас муқаддар шудааст; 21. Он анӯшаравон низ хубкунишу бузургном ва бузургсуд (=хайр) буд ва (аз ин рӯй) баҳраи (ӯ) биҳишт ва подоши (ӯ) гарудмон (фирдавс - З.Ҳ.) бошад; 22. (Бошад, ки) шумо умри тулонӣ кунед ва дуруст (=солим) зиндагӣ кунед, хурсандӣ ёбед ва хотир осуда доред ва равони хешро таоло бахшед ва бо пазириши хурсандӣ (= тасаллӣ ёфтан) шикаставу нобуд ва вайрон кунед, ганноги мину ва девонро, равони он анӯшаравонро бо ситоиш ва ниёиши дархур (ва низ) зикри офарингон даҳмон (дуҳмон) хушнуд кунед; 23. (Эзадон) шуморо барои замоне дароз аз ҳар юриши (аҳриманӣ) бипоянд (ҳифз доранд - З.Ҳ.) ва бартарин ромиш ва некиро (бар шумо) бияфзоянд ва ин тани фаррухи (шумо) то замони фрашгирд (то замони растахез - З.Ҳ.) нек фазоянда бошад; 24. Пайваста шуморо дар дурӣ аз ҳар таоруз (ихтилоф варзидан-З.Ҳ.) бартарин фаррухӣ бошад; 25. Бо дуруди бешумор (ва) дар паноҳи эзадон Баҳмон писари Баҳмон навишт; 26. Аз Баҳмон ба Баҳмон дуруди бисёр; 27. (Умед, ки) нисбат ба кажиҳо (-и мавҷуд дар нома) бартар бошед (=нодида бигиред), зеро нома бошитоб (навишта шудааст)» [77, с. 140-141].

Бидуни тардид, то имрӯз баъзе аз қисматҳои таслиятномаи мазкур дар номаҳои ихвонӣ ба кор мераванд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ин сабки нигориши номаҳо ҳанӯз қабл аз ислом байни дабирон роиҷ будааст.

Матнҳое, ки дар бандҳои 31-33-юм омадаанд, рукнҳои аслӣ (бандҳои 31, 32) ва поёнии (банди 33) як номаи дӯстона мебошанд, ки тибқи оини номанигорӣ, одатан, пас аз дуо ва ановину нуути мухотаб меоянд. Эҳтимол дорад, ки бандҳои қаблии рисола (бандҳои 28, 29, 30) қисмати садр, яъне қисмати муқаддимавии он нома бошанд. Аз мазмуни бандҳои мазкур равшан мешавад, ки онҳо намунаи як мактуби ҷавобӣ мебошанд ва навиштани ин навъи номаҳо бештар байни дӯстоне роиҷ буд, ки дар масофаи дур аз ҳам зиндагӣ мекарданд. Забони баёни ин бандҳо бисёр содаву фаҳмо ва дилчасп мебошанд, ки хоси номаҳои ихвонӣ аст. Таваҷҷуҳ кунед: «31. Акнун менависам, ки то рӯзи баҳмон ва моҳи баҳмон, ки ин номаро навиштем, дуруст ва дурудманд (=солим) ва пурорзу будем, номаи шумо омад ва (онро) дидем, он чи (-ро, ки) навишта шуда буд, гузидор донистем ва аз саломати шумо шод ва нисбат ба эзадон сипосдор шудем; 32. Ба некӣ ва хубӣ бифармоед, огоҳ бошед, ки ин ҷо рӯзгор хубу нек ва замона нек аст, (авзоъ) барои беҳон мусоид аст, беҳонро некӣ ба ком аст; 33. (Эзадон) шуморо ҳамеша тандуруст ва дорои ҷони бемарг ва номи боиззат, иқболи хуш ва фараҳи боланда, сарвати моно ва дини фрашгирдӣ (فرشگردی дар нусхаи асл «frašgirdĪh», зоҳиран, маънии «абадӣ»-ро дорад-З.Ҳ.), насли поё (поянда-З.Ҳ.) ва равони гарудмонӣ (گرودمانی дар нусхаи асл «garōdmānĪg», зоҳиран, ба маънии «биҳиштӣ»-З.Ҳ.) бидоранд» [77, с. 142, бандҳои 31-33].

Аз намунаҳои овардашуда ва бандҳои дигари рисолаи мавриди баҳс метавон то андозае аз мухтассоти номаҳои ихвонии аҳди Сосониён иттилоъ ёфт, ки инҳоянд:

1. Нигориши номаҳо ба сабки мутнаб. Аз намунаҳои дар фавқ овардашуда маълум мегардад, ки дабирони аҳди Сосонӣ дар нигориши номаҳои ихвонӣ тариқи итнобро ба кор мебурдаанд.

2. Дурӣ аз шеваи эҷоз. Одатан, дабирон дар номаҳое, ки ба шеваи эҷоз нигошта мешуданд, танҳо мафоҳими аслиро баён медоштанд ва аз баёни ановину алқоб ва дуо парҳез мекарданд. Аз бандҳои рисолаи мазкур маълум

мешавад, ки дар номаҳои ихвонии ин давр овардани алқобу ановин ва дуоҳо расм будааст.

3. Тақсими номаҳо ба аркони мухталиф. Номаҳои ихвонии ин давр низ мисли номаҳои султонӣ ва девонӣ дорои аркони муайяне будаанд. Маъмулан, ин номаҳо низ аз муқаддима (ҳамду ситоиши эзадон ва мухотаб), рукни аслӣ ва хотима (дуои хайри мухотаб, зикри номи котиб) иборат буданд. Шоҳиди ин сухан таслиятномае мебошад, ки дар фавқ овардем.

4. Овардани алқоб, ановину нуут ва адъия. Аз бандҳои рисола маълум мешавад, ки дар номаҳои ихвонӣ низ муносиб ба мақом ва дараҷаи мухотаб алқобу ановин ва нууту адъия оварда мешуданд. Шоҳиди ин фикр ановину нуути зер мебошанд: «Эй бузургумед, бахшоишгар, фарёдраси бисёр касон» (банди 5), «бузургкирдор…ёридиҳандаи дарвешон ва офаридагон, умеддиҳанда» (банди 6), «перояи ҷаҳон, шукӯҳи кишвар ва нигоҳбони остонҳо» (банди 7), «силоҳи эзадон ва неруи ҳунаровандон (=ҳунарварон) ва пуштибони фурӯтанон ва паноҳи маздояснон» (банди 8), «ба тухма озода васитуда ба ҳунар ва дар куниш пок ва комил дар хирад ва номӣ ба ҳар беҳӣ» (банди 10), «фарозтарин дар доноӣ ва ба чеҳр ситуда ва дорои дурахшиши тобон андар замона ва фарёдрас андар ҳарду ҷаҳон» (банди 11), «ба гавҳар дуруст ва ба хим (=серишт) вироста, бахшоишгар андар подшоҳӣ ва хубварз андар порсоӣ ва ёри ҳар беҳон» (банди 12) ва ғ. [77, с. 140].

Шоистаи зикр аст, ки овардани алқоб ва ановину нуут ҳанӯз аз даврони қадим байни нависандагони Эрон расм буд ва мисоли ин ҳарф катибаҳои аҳди бостон мебошанд, ки дар фаслҳои қаблӣ ёд намудем.

5. Истифодаи шева ва равише мушаххас дар оғозу поёни номаҳо. Аз бандҳои рисолаи мазкур бармеояд, ки, одатан, номаҳои ихвонии аҳди Сосонӣ, ки ҷанбаи дӯстона доштанд, бо зикри алқобу ановин ва номи мухотаб оғоз мешудаанд. Чунончи: «Эй перояи ҷаҳон, шукӯҳи кишвар ва нигаҳбони остонҳо, Баҳмон писари Баҳмон» [77, с. 140, банди 7]. «Эй ба тухма озода ва ситуда ба ҳунар ва дар куниш пок ва комил дар хирад ва номӣ (=номовар) ба ҳар беҳӣ, Баҳмон писари Баҳмон» [77, с. 140, банди 10]. Гоҳе дар садри номаҳо

пас аз ановину нуут таркиботи дуоӣ ва номи мухотаб оварда мешуд [77, с. 140, банди 5].

Аз оғози номаҳои ихвонӣ, ки дар ин рисола омадаанд, маълум мегардад, ки онҳоро аз оғози анвои дигари номаҳои тоисломӣ фарқ будааст, зеро номаҳои девонӣ, одатан, бо ситоиши Худо ва муқаддамоте мутаносиб ва номаҳои султонӣ бо зикри алқобу ановини котиб оғоз мешуданд [401, с. 303]. Аз ишорот ва иқтибосости боло маълум мешавад, ки номаҳои ихвонӣ, ғолибан, бо зикри алқобу ановин, ҷумлаҳои дуоӣ ва номи мухотаб оғоз мешуданд. Лозим ба зикр аст, ки оғози ихвониёти дӯстона аз ихвониёти ҷанбаи расмӣ дошта имтиёз менамуданд, зеро номаҳои ихвоние, ки ҷанбаи расмӣ доштанд, ғолибан бо дуои мухотаб оғоз мешуданд. Чунончи: «(Эзадон) ҳама (шуморо) андар афрози (=таоло) ҳар фаррухӣ афзун ва дорои ҳама гуна эҳтиром ва (дар) шодмонии ҳар ду ҷаҳон команҷом бидоранд» [77, 140, банди 9].

Аз рисолаи мазкур маълум мешавад, ки номаҳои ихвонӣ ғолибан бо дуои мухотаб поён меёфтаанд [77, с. 142, банди 37]. Баъзе номаҳо бо дуруд [77, с. 139 ва с. 142 банди 2 ва 40] ва зикри номи котиб [77, с. 141 ва 142, банди 25 ва 44] поён пазируфтаанд.

Шоистаи зикр аст, ки поёни номаҳои ихвонӣ аз анҷоми номаҳои девонӣ ва султонӣ фарқ мекунанд, зеро поёни номаҳои девонӣ ва султонӣ мисоли номаҳои ихвонӣ сурати мушаххас надоранд. Дар номаҳои ихвонӣ, бахусус, дар номаҳои дӯстона байни котиб ва мухотаб чандон фарқ дида намешавад ва нависанда ҷиҳати ҳусни баён аз саноати шеърӣ, панду андарз ва осори сухансароён истифода намекунад. Аммо дар номаҳои девонӣ ва султонӣ, дабиронро лозим буд, ки тамоми ҳунари нависандагии хешро намоиш диҳанд ва аз панду ҳикмати бузургон, ашъори суханварон ва санъатҳои шеърӣ фаровон истифода кунанд. Дар номаҳое, ки аз тарафи подшоҳон ба оммаи мардум навишта мешуд, равиши итнобро ба кор мебурданд, вале дар номаҳое, ки аз ҷониби мардуми одӣ ба подшоҳон ва бузургони давлат нигошта мешуд, мебоист аз равиши эҷоз истифода кунанд ва аз ороиши сухан, истифодаи саноати бадеӣ, панду ҳикмат ва осори адибон парҳез намоянд.

А. Тафаззулӣ бандҳои рисолаи мазкурро ба шаш гурӯҳ (намуна) тақсим намудааст, ки ба гунаи зайланд:

1. Бандҳое, ки бо ному лақаб ё алқоб ва ҷумлаҳои дуоӣ оғоз шуда, бо дуои мухотаб поён ёфтаанд (бандҳои 2, 3, 4, 13, 14, 15, 16, 17, 36).

2. Бандҳое, ки бо алқоби ситоишомез оғоз шуда, сипас бо ҷумлаҳои дуоӣ ва зикри номи мухотаб поён пазируфтаанд (банди 5).

3. Бандҳое, ки шомили алқоби ситоишомез ва номи мухотабанд (бандҳои 6, 7, 10 то 12).

4. Бандҳое, ки нахуст алқоби ситоишомез, пас аз он номи мухотаб ва ниҳоят ҷумлаҳои дуоӣ омадаанд (бандҳои 8, 9, 34, 35, 38, 39, 43).

5. Бандҳое, ки бо ситоиши Зардушт оғоз шуда, сипас алқоби ситоишомез ва номи мухотаб оварда шудаанд (бандҳои 28, 29).

6. Бо ҷумлаи дуоӣ, ки дар он ном ва лақаби мухотаб зикр шудааст (банди 41) [394, с. 295].

Аммо мо наметавонем тақсимоти А. Тафаззулиро пурра ва дуруст донем, зеро бандҳои рисоларо аз лиҳози сохт ва мазмуну муҳтаво метавон боз ба гурӯҳҳои дигар ҷудо кард. Гузашта аз ин, тақсимоти донишманди мазкур холӣ аз иштибоҳ нест. Чунончи, банди ҳаштуми рисоларо, ки мувофиқ бо намунаи сеюм аст, иштибоҳан дар намунаи чорум овардааст.

Ба эҳтимоли наздик ба яқин, намунаҳое, ки дар ин рисолаи кӯчак омадаанд, бештар дар номаҳои расмии ихвонӣ ба кор бурда мешуданд, на номаҳои дӯстона, зеро аксари ҷумлаҳое, ки дар ин бандҳо омадаанд, сохтаву тасаннуӣ мебошанд, на сода. Зоҳиран, ба ин сабаб А. Тафаззулӣ ин намунаҳоро хоси номаҳои расмии адибона донистааст [394, с. 295].

Рисолаи «Оини нома набиштан» ба забони форсии имрӯза низ тарҷума шудааст, ки ду нусхаи тарҷумаи он зери дасти мо қарор дорад [77, с. 139-143; 138, с. 609- 611]. Афзун бар ин, тарҷумаи форсии чанд банди он дар китобҳои «Сабкшиносӣ»-и М. Баҳор ва «Фанни наср»-и Ҳ. Хатибӣ оварда шудаанд [339, ҷ. 1, с. 149-150; 401, с. 296-297, 302, 304-306]. Зоҳиран, нашри Тоҷикистонии рисолаи мазкур [15, с. 282- 286] баргардони нашри С. Урён [77, 139-143] аст.

Ҳини муқоисаи тарҷумаҳои форсии рисола ва ҳам нашри Тоҷикистонии он маълум шуд, ки ихтилофи зиёде байни онҳо ҷой дорад. Аз ин нигоҳ бо ҷалби мутахассисон ва донандагони забони паҳлавӣ дар асоси нусхаи аслӣ ва нусахи тарҷумашуда бояд як нусхаи нисбатан саҳеҳ ва боэътимоди илмиро таҳия намуд.

Аз байни нусхаҳои ба мо дастрас нусхаи С. Урён нисбатан боэътимод аст. Аммо дар ин нусха низ калимоту ибороте ба назар мерасанд, ки имрӯз дар забони тоҷикӣ истифода намешаванд ва барои хонандагони имрӯзи тоҷик маънии онҳо пӯшида аст. Ба монанди «анӯш», «фрашгирд» (فرشگرد), «фрашгирдӣ» (فرشگردی), «гирудмонӣ» (گرودمانی), «бузургкунишон», «гурфаварзон» (گرفه ورزان), «Чинавадпул», «ганноги мину» (گناگ مینو), «даҳмон»(دهمان) ва ғ. Афзун бар ин, нусхаи мазкур низ мисоли нусахи дигар холӣ аз хато нест. Чунончи, дар банди ёздаҳум бар ивази «фарозтарин ба гавҳар» иштибоҳан «фаротарин ба гавҳар» омадааст [77, с. 140]. Нашри Тоҷикистонӣ нисбат ба нашрҳои Эрон хатоҳои бештар дорад. Аксариағлоти он ба сабаби хатохонии хатти форсӣ рух намудаанд, ки **мисолашон «маздиснон» (дурусташ: маздояснон), «росткории равон» (дурусташ: растагории равон), «пероячаҳон» (дурусташ: перояи ҷаҳон), «сирр» (дурусташ: сайр), «ростгор» (дурусташ: растагор), «аҳлуфурӯҳар» (дурусташ: аҳлуфарҳавар- муҳофизи порсоӣ), «карафаварзон» (дурусташ: кирфаварзон), Чинводпул (дурусташ: Чинавадпул), «фаршгарди» (дурусташ: фарашгард), «бонанг» (дурусташ: бенанг), «дардманд» (дурусташ: дурудманд, яъне солим), «маздисно» (дурусташ: маздоясно), «ромиш лоинтиҳоиро» (дурусташ: ромиши лоятаноҳиро), «вачия» (дурусташ: вачеҳ)** ва ғ. мебошанд. Афзун ба ин, ҳини баргардон аз хатти арабиасос ба хатти кириллӣ ва нашр чанд вожа, пешоянд, бандаки изофӣ ва пайвандакҳо афтода ва ё бандаки изофӣ беҷо гузошта шудааст, ки дар нашрҳои баъдӣ бояд ислоҳ кард [15, с. 282- 286]. Дар ҳар сурат, фурсате расидааст, ки дар асоси нусахи хаттӣ ва нусхаҳои чопии мавҷуда бо такя ба матни паҳлавӣ

як нусхаи боэътимоди ин рисоларо таҳия сохта, пешкаши хонандагон ва аҳли таҳқиқ намоем.

Аз гуфтаҳои фавқ метавон ба ин натиҷа расид, ки ҳанӯз қабл аз ислом, махсусан дар аҳди Сосониён, эрониён ба омӯзиши ҳунари дабирӣ ва номанигорӣ диққати махсус медоданд. Муаддибон барои таълими расм ва оини дабирӣ ва номанигорӣ аз китобу расоили махсус истифода менамуданд, ки мисолашон китоби «Корванд» ва рисолаи «Ойини нома набиштан» мебошанд.

## II.3 Одоби нигориш ва расми номанигорӣ аз оғози давраи исломӣ то замони Сомониён

Бино ба ахбори сарчашмаҳо, арабҳо қабл аз ислом низоми муназзами сиёсӣ ва иҷтимоӣ надоштанд ва нишонаи тамаддуни онҳо ҳукумати қабилаӣ буд. Дар замоне, ки оини дабирӣ ва расми номанигории форсӣ хеле рушд намуда буд ва дабирон назди шоҳони Сосонӣ аз ҷумлаи табақоти мумтоз ба шумор мерафтанд, қабилаҳои араб ба сабаби набудани қудрати марказӣ байни ҳам низоъ ва ҷангҳо доштанд. Маҳз ба сабаби пирӯзии ислом арабҳо тавонистанд соҳиби давлати исломӣ гарданд. Дар замони пайғамбари акрам (с) оини дабирӣ ва номанигорӣ нисбатан рушд намуд. Дар ин давра дабиронро расму оини хос буд ва котибонро мебоист, ки онро риоят кунанд. Аз ҷумла, Убайдуллоҳ ибни Абирофеъ мегӯяд, ки рӯзе Алӣ ибни Абитолиб ба ман гуфт: «Давоти худро лайқиҳ кун, нӯки қаламатроислоҳ намо, миёни сатрҳо фосила бигзор, ҳангоми навиштан бадиққат бош ва ҳарфҳоро наздики ҳам бинавис» [183, с. 50].

Дар замони ҳукумати Уммавиён (661-750м.) девонҳои зиёд ташкил гардид, ки девони хироҷ, девони хотам, девони барид ва девони иншо аз ҷумлаи онҳо буданд. Дар ин давра девонҳо ба ду забон, яъне ба забони арабӣ ва паҳлавӣ фаъолият мекарданд. Дабирони девони хироҷ аксаран эрониён буданд ва онро ба шеваи хоси эронии тоисломӣ идора мекарданд. Муҳр ниҳодан ба номаҳои девонӣ, ки ҳанӯз то ислом байни эрониён расм буд, баъд аз пирӯзии ислом дар давраи пайғамбар (с) ва халифаҳо низ зарур дониста мешуд. Бинобар ахбори Ҷаҳшиёрӣ нахустин шахсе, ки девони хотамро таъсис дод, Муовия ибни Абисуфён буд [183, с. 52].

Дар давраи Аббосиён бо падид омадани пойгоҳи вазорат ба тақлид аз оини шаҳриёрони тоисломии Эрон бисёре аз корҳои кишвар, махсусан дастгоҳи девонӣ ба дасти эрониён афтод. Нависандагони эронитабор на танҳо дар шеъру насри одӣ, балки дар насри адабии арабӣ низ саромад гаштанд. Қ. Туйсарконӣ ба нақл аз «Иқд-ул-фарид»-и Ибни Абдираббиҳ мегӯяд, ки аз

миёни ёздаҳ тан дабирони дарбори Аббосиён даҳ нафар эронӣ буданд [396, с. 86].

Лозим ба таъкид аст, ки арабҳо бо вуҷуди пирӯзӣ аз болои эрониён дар бисёре аз созмонҳои идории худ равиши давлатдории эрониёнро пайравӣ намуданд ва аз ин нигоҳ ҷиҳати пеш бурдани умури идорӣ, аз ҷумла дабирӣ ва нависандагӣ ба эрониён рӯй оварданд. Маҳз ба ин сабаб забони девонӣ дар аҳди Уммавиён ва Аббосиён забони форсӣ (паҳлавӣ) буд. Агарчи дар замони Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф девон аз забони форсӣ ба арабӣ баргардонида шуд, адибон ва дабирони эронитабор бо фаро гирифтани забони арабӣ тавонистанд осори пурарзиши тоисломии худро ҳифз намоянд. Дар ин давра гурӯҳе аз эрониён ба тарҷумаи арабии осори тоисломии форсӣ пардохтанд, ки Ибни Муқаффаъ, хонадони Навбахт: Мӯсо ва Юсуф, писарони Холид, Ҳасан ибни Саҳл, Аҳмад ибни Яҳёи Балозурӣ, Исҳоқ ибни Язид, Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ, Умар ибни Фаррухон аз ҷумлаи онҳо мебошанд [396, с. 71]. Хулоса, оини номанигорӣ баъд аз ислом ба василаи дабирони эронӣ дар номанигории арабӣ роҳ ёфт ва мавриди омӯзишу тақлид қарор гирифт.

Дар рушди номанигорӣ ва нависандагии арабӣ хидмати Абулалои Солим, Ҷабала ибни Солим ибни Абдулазиз, Абдулҳамид ибни Яҳё ва Ибни Муқаффаъ шоистаи зикр аст. Махсусан, Абдулҳамиди Котиб дар муншаот ва тарассул таҳаввули тоза ба вуҷуд овард, яъне номаҳоро аз сурати эҷоз ба тариқи итноб ва шеваи насри мурсал андохт, ки минбаъд ин масал дар забони арабӣ шуҳрат пайдо кард: «بُدِئَتِ الكِتابَةُ بِعبدِ الحميد» [401, с. 106].

Дар қарнҳои IX-X дар насри арабӣ таҳаввули нав, яъне истифодаи санъати саҷъ ба вуҷуд омад, ки ба насри номаҳо низ бетаъсир намонд. Маъруфтарин нависандае, ки дар корбурди саҷъ маҳорати беназир дошт, Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн, маъруф ба «Ибни Амид» буд. Аз ин нигоҳ агар Абдулҳамидро оғозбахши китобат хонанд, Ибни Амидро поёнбахши он донистаанд. Ба ибораи дигар, нома ва номанигории арабӣ дар қарнҳои VIII-X ба сабаби Абдулҳамиди Котиб аз тариқи эҷоз ва ихтисор ба итноб гузашт ва бо зуҳури Ибни Амид ба тасаннуъ ва такаллуф афтод. Н. Зоҳидов дар боби

аввали китоби «Насри арабизабони адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX» дар бораи идомаи суннатҳои насри тоисломии форсу тоҷик дар қуруни аввали исломӣ, нуфузи услуб ва балоғати форсӣ-тоҷикӣ дар насри арабӣ ва нақши дабирони эронӣ, махсусан Абулалои Солим ва Абдулҳамиди Котиб дар рушди нависандагӣ ва тарассулоти арабӣ батафсил баҳс намудааст, ки моро аз вуруд ба ин мавзуъ бениёз месозад [232, с. 10-94].

Хулоса, бинобар ба даст наомадани номаҳои арабии тоисломӣ ва рӯзгори ҷоҳилият наметавон дар бораи дабирӣ ва расму оини номанигории он давр сухан кард. Аз номаҳои то мо расидаи пайғамбари акрам (с) ва ахбори сарчашмаҳо равшан мешавад, ки дар қарнҳои аввали исломӣ номаҳои арабӣ монанди номаҳои форсии тоисломӣ аз се бахш: оғоз (муқаддима), матн, поён (хотима) иборат буданд. Дар аксари номаҳои қуруни аввали ислом баъд аз «бисмиллоҳ» ё салом нахуст номи фиристанда, сипас номи мухотаб, яъне гирандаи мактуб ва баъд аз он матни нома оварда мешуд. Чунончи, дар «Номаи паёмбар (с) ба Муқавқис – соҳиби Миср» аввал номи пайғамбар (с), сипас номи Муқавқис, баъд аз салом матни нома омадааст [110, с. 378]. Аммо Валид ибни Абдулмалик – яке аз хулафои Умавӣ ин расм ва шеваи номанигориро тағйир дод ва дастур дод, ки дар номаҳое, ки ба унвони ӯ менависанд, номи ӯро пеш аз номи худ биёранд. Ин расми номанигорӣ, зоҳиран, тақлиде аз шеваи номанигории тоисломии форсӣ аст, зеро яке аз расмҳои дабирони девони аҳди Сосониён он буд, ки номи шаҳриёронро қабл аз номи худ меоварданд.

Дар ибтидо номаҳои арабӣ, ҳатто номаҳои пайғамбар (с) бо ҳамду ситоиши Худованд оғоз намешуд. Танҳо дар қарни VIII дар оғози мактуб овардани таҳмидот расм шуд, ки бунёдгузори ин расм Абдулҳамиди Котиб – дабири охирин халифаи Умавӣ Марвон ибни Муҳаммад буд. Матни номаҳо бисёр кӯтоҳу мухтасар, сода, холӣ аз пероя ва корбурди саноати бадеӣ буд ва дабирони девон аз итноб, истифодаи мутародифот ва саҷъ дурӣ меҷустанд. Одатан, номаҳо бар рӯйи пӯсти даббоғишудаи хос навишта мешуданд ва дабирону нависандагон ҳангоми ислоҳу таҳрир метавонистанд навиштаи онро

поку тоза намуда, аз нав нависанд. Номаҳои пайғамбар (с) низ ба рӯйи пӯст навишта мешуд ва шоҳиди ин фикр номаҳое мебошанд, ки нусхаи асли онҳо то ҳол дар осорхонаҳои маъруфи ҷаҳон ва осорхонаҳои шахсӣ нигоҳдорӣ мешаванд [137, с. 38-39]. Дар оғози даврони исломӣ дар поёни номаҳо номи нигоранда ва дабир навишта мешуд, аммо дар қисме аз номаҳои пайғамбар (с) дар поёни нома номи нависанда ва ҳам гувоҳон оварда шудааст, ки аз расми номанигории тоисломии форсӣ-тоҷикӣ фарқ мекунад. Чунончи, дар поёни «Паймонномаи сулҳи Ҳудайбия» дар баробари нависандаи он - Алӣ ибни Абутолиб (а) номи ҳафт нафар гувоҳ оварда шудааст [137, с.126-128].

Дар ибтидо то соли ҳафтуми ҳиҷрӣ номаҳои пайғамбар (с) муҳр надошт, аммо дар моҳи муҳаррами соли ҳафтуми ҳиҷрӣ замоне, ки хост расулони худро ҳамроҳ бо номае ҷиҳати даъват ба ислом ба кишварҳои дигар фиристад, гуфтанд, ки подшоҳон номаи бемуҳрро нахонанд. Аз ин рӯ, тибқи дастури пайғамбар (с) муҳр ё ангуштаре сохтанд аз нуқра, ки нақши он аз се калима ва се сатр «Муҳаммад расул Аллоҳ» (محمد رسول الله) иборат буд. Дар болои муҳр вожаи «Аллоҳ», дар миёна калимаи «расул» ва дар поён вожаи «Муҳаммад» ҷой дошт ва минбаъд ба ҳар як нома аз ҷониби дабири хос он муҳр гузошта мешуд, ки тасвири асли «Номаи паёмбар (с) ба Муқавқис» [137, с. 183-185] ва «Номаи пайғамбар (с) ба Мунзир ибни Совии Абдӣ, коргузори Хурав дар Баҳрайн» [137, с. 193-194] далели ин сухан мебошанд.

Дар аҳди ҳукумати Тоҳириён (821-873) забони расмии девон арабӣ буд. Ҳар нафаре аз ин хонадон дар суханварӣ ва нигориши забони арабӣ маъруф буд. Тоҳириён нисбат ба забони арабӣ ва дини ислом эҳтироми зиёд доштаанд. Тибқи ахбори Давлатшоҳи Самарқандӣ, рӯзе амир Абдуллоҳ ибни Тоҳир – амири Хуросон дар Нишопур нишаста буд, шахсе ба расми ҳадя китоби «Вомиқ ва Узро»- ро овард. Чун амир аз мушаххасоти китоб огаҳ шуд, гуфт: «Мо мардуми қуръонхон ҳастем ва ҷуз Қуръон ва ҳадиси расул (с) чизе нахоҳем». Фармуд, то он китобро дар об андохтанд ва ҳукм кард, ки ҳар ҷо аз тасонифи аҷам китобе бошад, бисӯзонанд [38, с. 47]. Эҳтимол дорад, ки ин ҷо

муболиғае ба кор рафта бошад, аммо ривояти мазкур баёнгари он аст, ки Тоҳириёнро нисбат ба забони тозӣ эҳтироми махсус будааст.

Дар сарчашмаҳои мавҷуда дар хусуси «Номаи Тоҳир ибни Ҳусайн ба писараш Абдуллоҳ ибни Тоҳир» низ сухан рафтааст, ки ба забони арабӣ мебошад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки бо ин ҳама арабидонӣ ва пос доштани эҳтироми забони тозӣ ҳар яке аз афроди ин хонадон забони форсӣ нек медонист ва дар маҳофилу маҷолиси худ ба забони форсӣ ҳарф мезад. М. Муҳаммадӣ дар ин хусус мегӯяд: «Ин хонадон (Тоҳириён- З.Ҳ.) бо ин ки афроде аз онҳо дар навиштани арабӣ даст бисёр тавоно доштаанд, вале ҳама форсизабон буда ва дар маҷолиси худ ба форсӣ сухан мегуфтаанд. Охирин сухане, ки дар торих аз гуфтаи Тоҳир нақл шуда, ин иборати форсӣ аст, ки пеш аз марги худ гуфта: «Дар марг низ мардӣ войаз (=бояд)» [373, с. 31- 32].

Дар замони ҳукумати Саффориён (873-899) низ забони расмии девон арабӣ буд. Эҳтимол дорад, ки номаҳои ихвонии ин давр ба забони форсӣ бошад, зеро дар номаҳои ихвонӣ маҳдудиятҳои сиёсии номаҳои дарборӣ набуд ва, аз сӯи дигар, аксари мардуми берун аз дарбор забони тозӣ намедонистанд. Тибқи ахбори сарчашмаҳо, Яъқуби Лайс марди айёрпеша буд ва аз фарҳангу адабиёти замони худ камтар баҳра дошт ва забони арабӣ нек намедонист. Чун бар тахт нишаст, аҳли дарборро амр кард, ки дар маҷолиси ӯ ба форсӣ ҳарф зананд. Соҳиби «Таърихи Систон» мегӯяд, ки чун шуарои дарбор Яъқуби Лайсро ба тозӣ мадҳ гуфтанд, фаҳми он ашъор накард ва ба яке аз коргузорони девони расоили худ Муҳаммад ибни Васиф гуфт: «Чизе, ки ман андар наёбам, чаро бояд гуфт?». Аз ин пас Муҳаммад ибни Васиф ба эҷоди ашъори форсӣ даст зад [342, с. 252].

Мутаассифона, аз асли номаҳои давраи Тоҳириён ва Саффориён асаре дар даст нест. Аз ин нигоҳ наметавон дар хусуси расму оин, анвои номаҳо ва хусусиятҳои хоси номаҳои ин давр ба қадри лозим сухан кард.

Дар замони Сомониён (899-999) забон ва адаби форсӣ ва фанни нависандагӣ беш аз пеш рушд кард, ки шоҳиди ин ҳарф, қабл аз ҳама, мақоми бемонанди адабиёт аст. Пайдост, ки ин ҳама пешрафт ва шукуфоӣ бидуни

замина ва ба якборагӣ рӯйи кор намеояд ва маълум мешавад, ки ин забону адабиёт ва ҳам фанни нависандагӣ ҳеч гоҳ аз байн нарафта ва дур аз назари аъроб ба кор будааст. М. Баҳор дар ин хусус мегӯяд: «Дар авохири қарни савум ва оғози қарни чаҳорум (охири асри IX ва ибтидои қарни X - З.Ҳ.) дар ҳамаи ин дарборҳо ҳаракате адабӣ ба забони порсии дарӣ маҳсус аст ва чизе, ки моро ба ин ақида водор мекунад, он аст, ки сабки таҳрири кутуби форсӣ дар қарни чаҳорум тавре пухта ва мунсаҷим ва санҷида аст, ки намешавад бовар кард, ки ин навъи таҳрир мавлуди сӣ-чиҳил сол бошад, балки бояд гуфт донишмандоне аз оғози ислом маълумот ва ҳунари худро сина ба сина ва пушт ба пушт ва китоб ба китоб ба фарзандон мурдарӣ (мерос- З.Ҳ.) ниҳода буданд ва вуҷуди подшоҳони Фарғонаву Суғд ва умарои маҳаллии Хуросон ва Тахористон, ки ҳама ба забони порсии дарӣ сухан мегуфтаанд, дар муддати раёсати худ, ки аз тарафи умарои бузурги араб гумошта мешуданд, дар тарбияти ин мардум ва сиёнати нависандагии форсӣ беасар набудааст» [339, ч.1, с. 264].

Агар дар даврони ҳукумати Тоҳириён ва Саффориён забони расмии девон ва номаҳо пурра арабӣ бошад, бо омадани Сомониён ва таваҷҷуҳи беназири онҳо ба забони миллӣ, дигарбора ба забони форсӣ нигоштани номаҳо ҷорӣ гардид. Мунтаҷибуддини Бадеъ дар ин хусус менависад: «…ва мукотиботу муросилот ба луғати тозӣ соир ва содир буд, то бад-ин айёми мамлакати Сомониён ва Дайламиён ва Саффориён, ки ба тадриҷ порсӣ навиштан гирифтанд ва бар даргоҳи мулук бозори забони дарӣ нафоқ (ривоҷ, равнақ- З.Ҳ.) ёфт ва маноширу уҳуд ва рисолот бад-ин иборат равон гашт ва бо он ки ин қоида мумаҳҳад шуд ва ин расму оин мутаррад, чун салотин ва мулукро дар хадамот ва мутолаот, ки ба дор-ул-хилофа бар медоштанд ва ба мулуки араб менавиштанд, аз таҳрири тозӣ чора набуд…» [190, с. 2]. Аз гуфтаи соҳиби «Атабат-ул-катаба» маълум мегардад, ки дар замони ҳукумати Сомониён низ ҳама он номаҳо, ки сӯи халифа равона мегашт, ба забони арабӣ нигошта мешуд ва забони девони рисолат тозӣ буд. Зарурати сиёсии давр Сомониёнро маҷбур месохт, ки забони муросилоти расмии дарбор арабӣ бошад.

Бояд қоил шуд, ки дар эҳё ва рушди номанигории форсӣ хидмати Сомониён беш аз салотини дигар аст, зеро маҳз бо кӯшиш ва талаби онҳо дигарбора набиштани номаҳои форсӣ расм шуд ва, ба гумони наздик ба яқин, дар ин давр байни оммаи мардум ва гоҳе байни умаро, ҳукком ва фузалои эронӣ низ номаҳо (ихвониёт) ба забони форсӣ менигоштанд. Соҳиби «Аҳсан-ут-тақосим» бар он бовар аст, ки дар замони Сомониён забони гуфтугӯии аҳли дарбор ва забони номаҳои шоҳон форсии дарӣ будааст ва муаллиф «дарӣ» ном гирифтани ин забонро маҳз бад-ин сабаб медонад: «…аз он рӯй ин гуна забонро «дарӣ» меноманд, ки номаҳои шоҳон бад-он навишта мешавад ва ба вай мерасад ва аз решаи «дар» сохта шуда, зеро ки забоне аст дарбориён бад-он гуфтугӯ доранд» [131, с. 491].

Дар даврони ҳукумати Сомониён ва минбаъд низ номаҳои дарборӣ (муроди мо султониёт аст, на ихвониёт) чи бар хулафои араб ва чи ба ҳокимони маҳаллӣ ба забони тозӣ навишта мешуд, зеро аксар тозӣ навиштанро ҳунар ва нигориши порсии мутлақро нохуш меҳисобиданд. Чунончи, Унсурулмаолии Кайковус дар насиҳати фарзанди хеш гӯяд: «Ва агар нома порсӣ бувад, порсии мутлақ манабис, ки нохуш бувад, хосса порсии дарӣ, ки на маъруф бувад, он худ набояд набишт ба ҳеч ҳол, ки худ ногуфта беҳтар аз гуфта бувад. Ва такаллуфҳои номаи тозӣ худ маълум аст, ки чун бояд кард ва андар номаи тозӣ саҷъ ҳунар аст ва хуш ояд, лекин андар номаи порсӣ саҷъ нохуш ояд, агар нагӯӣ, беҳтар бошад. Аммо ҳар сухане, ки гӯӣ, олӣ ва мустаор гӯй ва мухтасар бояд гуфт ва котиб бояд, ки асрори котибӣ нек донад ва суханҳои мармузро нек андар ёбад.» [103, с. 208].

Чун замони зиндагии Унсурулмаолии Кайковус ба даврони ҳукумати Сомониён бисёр наздик аст, ба гумони ғолиб, суханҳое, ки ӯ дар боби сиву нуҳуми китоби хеш - «Дар одоб ва оини дабирӣ ва шарти котиб» баён доштааст, ба одобу оин ва шароити дабирии аҳди Сомонӣ шабоҳати зиёд дорад [103, с. 207- 215; 21, с. 141- 148]. Аз ин нигоҳ дар такя ба иқтибоси боло ва ҳам боби мазкури «Қобуснома» метавон тахмин кард, ки номаҳои замони Сомонӣ дорои мухтассоти зайл будаанд:

1. Дар лафзи андак маонии бисёр гуфтан: «…ва дар нома бояд, ки бисёр ғараз ва маонӣ дар андак моя сухан ба кор барӣ…» [103, с. 207].

2. Нома ба истиорат ва оёти Қуръону ахбори расул (с) оростан.

3. Навиштани анвои гуногуни нома ба забони арабӣ ва гоҳе форсӣ. Аммо тозӣ набиштан ҳунар ва порсии мутлақ нигоштан нохуш будааст. Ин ҷо муроди Унсурулмаолии Кайковус номаҳои дарборӣ (султониёт) аст, на ихвониёт. Эҳтимол дорад, ки дар ихвониёти даврони Сомонӣ порсии мутлақ нигоштан мақбул ва расм буд, на тозии мутлақ, зеро оммаи мардум забони арабӣ намедонистанд.

4. Ба такаллуф ва саҷъ навиштани номаи тозиро ҳунар меҳисобиданд, вале номаҳои мусаҷҷаи порсиро мақбул намедоштанд. Аз таърихи номанигории форсӣ маълум мешавад, ки дар ибтидо ба саҷъ навиштани номаҳои форсӣ расм набуда, вале минбаъд нигоштани номаҳои мусаҷҷаъ чунон расм шудааст, ки онро аз ҷумлаи ҳунари дабирӣ донистаанд. Аммо соҳиби «Атабат-ул-катаба» холӣ аз саҷъ будани наср ва ё саҷъи бетакаллуфро назди булағои рӯзгори хеш писандида медонад ва мегӯяд, ки «чун дабир хотир бар ҷамъи саҷъ ва татаббуи қавофӣ гуморад, аз мақсуди сухан ва матлуби фаҳво бозмонад ва аз ҷодаи ғараз дар музиллаи итноб ва татвили бефоида афтад…» [190, с. 1].

5. Дабирӣ низ мисоли улум ва фунуни дигар асрори хешро дошта ва омӯзишу фаҳми он асрор барои котибони девон фарз будааст, ки дар ин хусус дар «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзӣ ва «Қобуснома»-и Кайковус ҳикоёти зиёд аст.

Андешаҳои мазкури соҳиби «Қобуснома» бештар ба дабирони девон дахл дорад, на ба дабироне, ки берун аз дарбор фаъолият доштанд. Аз сӯи дигар, агарчи Унсурулмаолии Кайковус тозӣ навиштанро неку ва порсии мутлақ нигоштанро нохуш медонад, китоби «Қобуснома»-и ӯ намунаи олии насри форсӣ буда, калимоту ибороти арабии он нисбат ба кутуби ҳамзамони худ камтар аст.

Унсурулмаолии Кайковус дар китоби хеш чанд панди судманд дар шароити котибӣ баён доштааст, ки омӯзиши онҳо барои дабирони девон ҳатмӣ

мебошад. Бино ба навиштаи ӯ дабирони девонро мебоист, ки пайваста муҷовири ҳазрати хеш бошанд, ҳофизаи хубу фаҳми тез дошта бошанд ва собиқаи ҳама кор дар хотир нигоҳ доранд. Бузургтарин ҳунари дабирӣ забон нигоҳ доштан ва сирри худованди хеш ошкор накардан будааст. Инчунин дабирони девонро таълим медиҳад, ки дар навиштани ҳар навъи хат моҳир бошанд ва аз тазвир кардан бипарҳезанд [103, с. 213].

Соҳиби «Қобуснома» дар хусуси чанде аз дабирони замони Сомонӣ низ ахбори тоза медиҳад. Шоҳиди ин сухан маълумоте аст, ки дар бораи Соҳиб Исмоил ибни Аббод (вазир ва дабири маъруфи Бувайҳӣ), Абдулҷаббори Хуҷонӣ (дабири Абуалии Симҷӯр), Аҳмад ибни Рофеъ ал-Яъқубӣ (дабири амири Хуросон), Рабеъ ибни Мутаҳҳар ал-Қасрӣ (аз дабирони девони Соҳиб ибни Аббод) баён шудаанд.

Афзун бар ин, Унсурулмаолии Кайковус дар китоби хеш аз Абунасри Мушкон (ваф. 431ҳ./ 1039-1040м.) ёд мекунад, ки дар аҳди Султон Маҳмуд ва Масъуди Ғазнавӣ соҳиби девони рисолат буд. Бино ба ахбори сарчашмаҳо чун Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ дар соли 401ҳ./ 1010м. ба вазорати Маҳмуд расид, Абунасри Мушкон ба ҷойи ӯ соҳиби девони расоил гашт ва дар замони Султон Масъуд низ ин вазифаро бар дӯш дошт [103, с. 447]. Пайдост, ки ҳеч як дабир ба якборагӣ ба мақоми соҳиби девони рисолат намерасад. Аз ин нигоҳ, ба эҳтимоли қавӣ метавон гуфт, ки Абунасри Мушкон ҳанӯз дар замони Сомониён ба касби дабирӣ машғул буда, дар замони ҳукумати Султон Маҳмуди Ғазнавӣ (эҳтимол замоне, ки Маҳмуд дар соли 384ҳ./ 994м. аз тарафи Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ аморати Хуросонро соҳиб гашт ва раёсати девони расоили хешро ба Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ супорид) нахуст дабири девон ва сипас соҳиби девони рисолат (401ҳ./1010м.) гаштааст. Дар сурати дуруст будани ин фикр метавон Абунасри Мушконро аз дабирони замони Сомониён ва дарбори Ғазнавиён шуморид.

Соҳиби «Қобуснома» низ мисли Низомии Арӯзӣ ҳикоёте ширин ва омӯхтанӣ аз рӯзгори дабирон нақл кардааст. Яке аз ҳикоёте, ки аз расму оин ва ҳунари дабирони аҳди Сомонӣ маълумот медиҳад, ҳикояти сеюм аз боби

сию нуҳум аст. Муаллиф дар ин ҳикоят дар баробари расму оин ва асрору шароити котибӣ аз дабирони маъруфи аҳди Сомонӣ Абдулҷаббори Хуҷонӣ (дабири Абуалии Симҷӯр) ва Аҳмад ибни Рофеъ ал-Яъқубӣ (дабири амири Хуросон) иттилоъ медиҳад, ки дар сарчашмаҳои дигари ба мо дастрас зикр нашудаанд [103, с. 210- 213].

Сарчашмаи дигаре, ки перомуни расму оини номанигорӣ ва дабирони аҳди Сомонӣ иттилоъ медиҳад, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ мебошад [144]. Низомии Арӯзӣ дар мақолати аввали китоб – «Дар моҳияти дабирӣ ва кайфийяти дабири комил ва он чӣ таъаллуқ бад-ин дорад» нахуст дар бораи расму оин ва ҳунари дабирӣ сухан ронда, барои тақвияти фикр аз рӯзгори дабирони номӣ даҳ ҳикояти кӯтоҳ меорад. Мазмуни мухтасари ҳикояти аввали «Чаҳор мақола» чунин аст: Искофӣ аз дабирони маъруфи Оли Сомон буд ва саноати дабирӣ неку медонист ва дар девони рисолати Нӯҳ ибни Мансур муҳаррирӣ мекард. Чун қадри ӯ нашнохтанд ва ба қадри фазлаш нанвохтанд, аз Бухоро ба Ҳирот ба дарбори Алптегин омад. Алптегин турки хирадманд ва бофаросат буд ва қадри Искофӣ шинохт ва девони рисолат ба ӯ дод. Боре ҷамоате навхоста исён карданд ва амир Нӯҳ аз Бухоро ба Зобулистон нома навишт, то Сабуктегин бо лашкари худ биёяд ва Симҷӯриён аз Нишопур биёянд ва бо Алптегин ҳарб кунанд. Чун он лашкарҳо ба Ҳирот расиданд, амир Нӯҳ бо дарбони хеш - Алӣ ибни Муҳтоҷ ал-Кушонӣ номае сӯи Алптегин фиристод, ки «чун обу оташ мазмуни ӯ ҳама ваъид ва мақруни ӯ ҳама таҳдид, сулҳро маҷол ногузошта… Ҳама нома пур аз он ки биёям ва бигирам ва бикушам». Чун ин нома ба Алптегин расид, сахт озурда шуд ва Искофиро фармуд, ки бар пушти ҳамин нома ҷавоб нависад ва аз ҳақорату таҳқир ҳеч кам накунад. Искофӣ пушти он нома чунин посух гуфт: «Бисмиллаҳир раҳманир раҳим. Ё Нӯҳу қад ҷодалтано фааксарта ҷидолано фаътино бимо таъидуно ин кунта минассодиқин» [144, с. 24]. Вақте ки ин посух ба Нӯҳ ибни Мансур расид, сахт тааҷҷуб кард ва ҳама хоҷагону дабирони дарбор низ дар таҳайюр шуданд. Чун кори Алптегин яксӯ шуд, Искофии дабир аз тарс муддате пинҳон гашт. Пас аз муддате амир Нӯҳ ӯро ба

дарбор хонд ва дабирии девон бад- ӯ супурд. Дере нагзашт, ки кори Искофӣ боло гирифт ва миёни дабирони девон шуҳрати тамом ёфт [144, с. 22- 24].

Дар асл ин нома мутааллиқ ба Искофии дабир нест, аммо ба таҳқиқ аз ҷумлаи номаҳои аҳди Сомонӣ аст, ки ба Нӯҳ ибни Мансур навишта шудааст. Дабири мазкур дар номаи ҷавобии хеш аз ояти 32- юми сураи «Ҳуд» истифода кардааст, ки Худованд мефармояд: «Гуфтанд: Ай Нӯҳ! Муқобара (яъне баҳсу мунозара) кардӣ бо мо, пас аз ҳад зиёд кардӣ муқобараро бо мо, пас биёр болои мо он чи (азобе), ки ваъда мекунӣ, агар ҳастӣ аз ростгӯён!» [24, с. 523]. Нависандаи нома дар посухи мухтасари хеш бо истифода аз ояти мазкури Қуръон тавонистааст лутфи зебое ба кор барад ва ҳунари дабирии хешро намоиш диҳад:

1. Фармони Алптегинро иҷро кард ва ба амир Нӯҳ ибни Мансур гуфт, ки бо мо бисёр ситеза кардӣ ва дар номаи хеш таҳқиру таҳдид ва дашноми зиёд намудӣ. Пас агар аз ростгӯёнӣ, биё, ки мо низ омодаи ҷангем ва аз ту ҳарос надорем.

2. Нӯҳ ибни Мансур аз ин посух ранҷур нашуд ва пас аз чанде дабирии девони хеш бар дӯши ӯ гузошт, зеро нависандаи нома дар посух оёте аз Қуръони карим меорад, ки ишора ба қиссаи Нӯҳ (а) мекунад ва, зоҳиран, манзураш қиссаи Нӯҳ (а) - пайғомбари Худо аст, на амири Бухоро – Нӯҳ ибни Мансур. Ин аст ҳунари дабирӣ, ки аз ҷаҳлу хашми ду шоҳи мухолиф раҳоӣ ёфт ва аз обрӯю шуҳрати хеш ҳеч кам накард. Ва ин аст аз ҷумлаи асрори котибӣ, ки соҳиби «Қобуснома» писари хешро ба омӯхтани он амр карда буд.

Дар ҳикояти дувуми ин мақолат низ Низомии Арӯзӣ аз ҳунари дабирии Искофӣ нақл мекунад, ки баёнгари намунаи дигаре аз расму оини дабирӣ ва номаҳои аҳди Сомонӣ аст. Мазмуни мухтасари ҳикояти дувум чунин аст: Замоне, ки Искофӣ дар дарбори Нӯҳ ибни Мансур обрӯ ёфт, Мокон ибни Кокуй (Кокӣ) ба Рай ва Кӯҳистон исён намуд ва аз итоати Сомониён сар тофт. Нӯҳ ибни Мансур аз ин рафтори ӯ битарсид ва Тоши сипаҳсолорро бо ҳафт ҳазор савор супориш кард, ки он фитнаро фурӯ нишонад. Сипас Искофиро ба хилват хонд ва гуфт: «Бояд ки бо Тош мувофақат кунӣ ва ҳар чӣ дар ин воқеа

аз лашкаркашӣ бар вай фурӯ шавад, ту бо ёди ӯ фурӯ диҳӣ. Ва ман ба Нишопур муқом хоҳам кард, то пушти лашкар ба ман гарм гардад ва хасм шикастадил шавад. Бояд ки ҳар рӯз мусрее (қосиди тезрафтор- З.Ҳ.) бо мулаттафа (номае кӯчак, ки ба тариқи эъҷоз ҳовии хулосаи матолиб бошад- З.Ҳ.) аз они ту ба ман расад ва ҳар чӣ рафта бошад, нукат аз он берун оварда бошӣ ва дар он мулаттафа сабт карда, чунонки тасаллии хотир ояд» [144, с. 25]. Дар ин ҷанг Тош пирӯз шуд ва Мокон кушта гашт. Баъди фароғат аз ҷанг Тош ба Искофӣ гуфт: «Кабутар бибояд фиристод бар муқаддима, то аз пайи ӯ мусреъ фиристода шавад, аммо ҷумлаи вақоеъро ба як нукта боз бояд овард, чунонки бар ҳамагии аҳвол далел бувад ва кабутар битавонад кашид ва мақсуд ба ҳосил ояд». Пас Искофӣ ду ангушт коғаз баргирифт ва бинавишт: «Аммо Мокон фасора каисмиҳӣ, вассалом» (аммо Мокон ҳамчун номаш гардид- З.Ҳ.)» [144, с. 27].

Чунонки зикр шуд, Низомии Арӯзӣ баробари донистани Қуръони карим ва аҳодиси расул (с) омӯзиши осори нависандагони салафро барои дабирони девон зарур медонад ва ҷиҳати шоҳид аз тарассули Соҳиб, Собӣ ва Қобус ибни Вушмгир, алфози Ҳумодию Имомӣ ва Қудома ибни Ҷаъфар, мақомоти Бадеъ, Ҳарирӣ ва Ҳамид, тавқеоти Балъамӣ, Аҳмади Ҳасан, Абунасри Кундурӣ, номаҳои Муҳаммади Абда (Абдуҳ), Абдулҳамиди Котиб ва Саидурруасо ва кутуби маҷолис ва девонҳои ашъори шуарои араб ва аҷам ёд мекунад. Лозим ба зикр аст, ки қисмате аз муаллифони мазкур аз ҷумлаи дабирон ва вазирони замони Сомониён мебошанд. Чунончи, Абулқосим Исмоил ибни Аббоди Толиқонӣ маъруф ба «Соҳиб» (ваф. 385ҳ./ 995м.) аз вазирони фозил ва дабирони маъруфи Бувайҳӣ буд, ки ба забони арабӣ менавишт. Абуисҳоқи Иброҳим ибни Ҳилол ал-Ҳарронӣ ал-Собӣ (ваф. 384ҳ./ 994м.) низ аз дабирони тозинависи Дайламӣ буд. Шамсулмаолӣ Қобус ибни Вушмгир (ваф. 1012м.) – шоҳи Ҷурҷон ва Табаристон ҳусни хатти зебо дошт ва соҳиби тарассулоти зиёд буд. Боре Соҳиб ибни Аббод чун ҳусни хатти ӯ дид, аз ғояти тааҷҷуб гуфт: «Ҳозо хатту Қобус ам ҷаноҳу товус», яъне ин хатти Қобус аст ва ё пари товус [211, с. 433].

Афзун бар ин, Низомии Арӯзӣ аз «Тавқеот»-и Балъамӣ ҳамчун дастури омӯзишӣ барои дабирон ёд мекунад, аммо маълум намесозад, ки муродаш кадом Балъамӣ аст: Абулфазл Муҳаммад ибни Убайдуллоҳ (Абдуллоҳ) - вазири аъзами Наср ибни Аҳмади Сомонӣ ё писараш Абуалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад - вазири Абдулмалик ибни Нӯҳи Сомонӣ. М. Баҳор ба кадоме аз инҳо мутааллиқ будани «Тавқеот»-ро маълум насохтааст [339, ч.2, с. 360]. С. Нафисӣ низ ба кадоме аз онҳо мутааллиқ будани «Тавқеот»-ро намедонад ва дар китоби хеш мегӯяд: «Маълум мешавад, ки яке аз ин ду Балъамӣ (падар ё писар)… китобе доштааст ба исми «Тавқеоти Балъамӣ»… Ва чун падару писар ҳарду дабир будаанд, маълум нест, ки аз кадом як аст. Ва низ пӯшидааст, ки ин тавқеот ба тозӣ буда ё ба порсӣ» [267, с. 497-498]. Баъзе аз донишмандон бар он боваранд, ки китоби «Тавқеот» моли Абуалии Балъамӣ аст. Аммо Муҳаммад Муин дар таълиқоте, ки бар «Чаҳор мақола» навиштааст, китоби «Тавқеот»-ро мансуб ба қалами Абулфазли Балъамӣ медонад, ки мо низ бар ин бовар ҳастем. Ва аммо муроди соҳиби «Чаҳор мақола» аз Аҳмади Ҳасан ҳамон Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ (ваф. 424ҳ./1032-1033м.) аст, ки аз дабирон ва фозилони аҳди хеш буд ва қурби бист сол дар вазорати Султон Маҳмуд ва писараш Масъуд хидмат кард. Гӯянд, ки маҳз ба фармони ӯ тамоми таҳрироти расмии давлатӣ, ки то ин дам ба забони форсӣ сурат мегирифт, ба забони арабӣ навишта шуд [146, с. 238]. Афзун бар ин, Маймандиро метавон аз дабирони номии девони расоили аҳди Сомониён гуфт, зеро чун Маҳмуд дар соли 384ҳ. / 994м. аз тарафи Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ аморати Хуросонро соҳиб гашт, раёсати девони расоили хешро ба Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ супорида буд. Ба гумони ғолиб «Тавқеот»-е, ки Низомии Арӯзӣ ба ӯ нисбат медиҳад, шояд дар ҳамин даврон нигошта шудааст.

Дар манобеи дастрас, аз ҷумла «Таърихи комил»-и Ибни Асир [85; 86; 87], «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ [29] ва ғ. аз номаҳои зиёде ёд шудааст, ки аксар аз ҷониби умаро ва ҳукамои Сомонӣ нигошта шудаанд. Шоҳиди ин сухан номаи Муҳаммади Ҳорун - волии Сарахс ба Амир Исмоили Сомонӣ ва посухи Исмоил бар ӯ, номаи мардуми Рай ба Муҳаммад ибни Ҳорун, номаи

Абуабдуллоҳ - писари Хоҷа Абуҳафс ба Наср ибни Аҳмад ибни Асад ас-Сомонӣ - амири Самарқанду Фарғона, номаи Амир Наср ба Фарғона ба бародараш Абулашъас ва ба Шош ба бародари дигараш Абуюсуф Яъқуб ибни Аҳмад, номаи Амир Исмоил ба Рофеъ ибни Ҳарсама - амири Хуросон, номаи Вушмгир ибни Зиёр (ҳокими Рай-З.Ҳ.) ба Мокон ибни Кокӣ мебошанд. Чунончи, Наршахӣ аз номаи Абулаббос - ҳокими Табаристон ба Аҳмад ибни Амир Исмоили Сомонӣ чунин ёд кунад: «Чун аз шикор бозомад (Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ-З.Ҳ.), қосиде омад ва номае овард аз Абулаббос – амири Табаристон. Нома бархонд. Навишта буд, ки «Ҳусайн ибни Ало хуруҷ кард ва бештар аз вилояти Гургону Табаристон гирифт ва маро ба зарурат мебояд гурехтан» [29, с. 167]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки аксари амирону ҳокимони Сомонӣ низ аз ҳунари дабирӣ бархурдор будаанд. Эҳтимол дорад, ки номаҳои мазкурро дабирони дарбор аз номи амирону ҳокимони худ нигоштаанд. Вале бешак метавон гуфт, ки худи амирони Сомонӣ ба дӯстону пайвандони худ номаҳо менигоштанд ва, ба эҳтимоли қавӣ, аксари ин номаҳо ба забони форсӣ буданд. Чунончи, С. Нафисӣ дар хусуси номаҳои Исмоили Сомонӣ ёд карда мегӯяд: «Аз мардумию вафодории ӯ ҳамин бас, ки гӯянд, чун Исмоил ба подшоҳӣ расид, ҳамчунон ки пеш аз он вайро буд, бо ёрони дерини хеш мукотибат мекард ва аз алқобу ановини эшон чизе накост» [267, с. 314].

Маъруфтарин дабирони замони Сомонӣ инҳоянд: Абулфазли Балъамӣ (аз дабирони Сомонӣ ва вазири аъзами Исмоил ибни Аҳмад), Абуалии Балъамӣ (аз вазирони маъруфи Сомонӣ ва писари Абулфазли Балъамӣ аст, ки дабирӣ неку медонист), Абулаббос Фазл ибни Аҳмади Исфароинӣ (яке аз дабирони аҳди Сомонӣ, ки дар замони Султон Маҳмуд ба вазорат расид), Абулфазл ибни Амид (аз дабирон ва адибони аҳди Сомонӣ, ки муддате вазорати Рукнуддавлаи Дайламиро бар дӯш дошт), Абулфатҳ Алӣ ибни Муҳаммади Бустӣ (аз дабирон ва шоирони ин давр аст, ки муддате вазири Сабуктегин буд), Абулҳасан Наср ибни Исҳоқ (котиби Аҳмад ибни Исмоил, ки ба ҷурми даст доштанаш дар шаҳодати амир ба қатл расонида шуд), Абулҳасан (Абулҳусайн)-и Қурайш (яке аз дабирони хизонаи Сомониён), Абубакри дабир (зоҳиран, аз дабирони

Аҳмад ибни Исмоил), Алии Домғонӣ (дабири Вушмгир ибни Зиёр), Аҳмад ибни Рабиа (аз дабирони Амр ибни Лайс), Абуисҳоқи Собӣ (аз дабирони Муизуддавла ва писараш- Азудуддавла аст, ки Низомии Арӯзӣ омӯзиши осори ӯро барои дабирони девон тавсия намудааст), Абуабдуллоҳи Кулаҳ (котиби амир Исмоил ибни Аҳмад ва вазири Аҳмад ибни Исмоил буд), Абулқосим Алӣ ибни Муҳаммади Искофӣ (аз дабирони маъруфи Сомонӣ аст, ки дар боло батафсил аз он ёд шуд), Абунаср Муҳаммад ибни Абдулҷаббори Утбӣ (аз дабирони номӣ ва муаллифи «Таърихи Яминӣ» аст), Абулфатҳи Бустӣ (аз дабирон ва адибони маъруфи аҳди Сомонӣ ва Ғазнавӣ аст), Фазл ибни Аҳмади Марвазӣ (аз дабирони амир Исмоили Сомонӣ), Мутриф ибни Муҳаммад ибни Ҷурҷонӣ (дабири Мардовиҷ ва вазири Асфор ибни Шерӯя), Абутаййиби Мусъабӣ (соҳиби девони рисолати Наср ибни Аҳмад, ки сипас вазорати ӯ бар дӯш гирифт), Соҳиб Исмоил ибни Аббод, Абдулҷаббори Хуҷонӣ, Аҳмад ибни Рофеъ ал-Яъқубӣ, Рабеъ ибни Мутаҳҳар ал-Қасрӣ.

Аз баҳсҳои фавқ равшан мешавад, ки дар қарнҳои аввали исломӣ нақши дабирони эронӣ дар рушди тарассул ва нависандагии арабӣ зиёд аст. Дар замони ҳукумати Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён забони расмии дарбор забони арабӣ буд. Дар замони ҳукумати Сомониён чароғи ниммурдаи забони форсӣ-тоҷикӣ дигарбора неру гирифт ва баробар бо забони арабӣ дар дарбор ба кор мерафт. Боиси таассуф аст, ки аз номаҳои форсии даврони Сомонӣ низ асаре дар даст нест. Бад-ин сабаб дар асоси номаҳои тозии ин давр, ки дар «Қобуснома», «Чаҳор мақола» ва сарчашмаҳои арабӣ омадаанд, дар хусуси расму оин ва одобу шароити дабирии аҳди Сомонӣ метавон маълумоте ба даст овард.

## II.4. Оини тарассул ва муншаотнависӣ аз аҳди Оли Бӯя ва Оли Зиёр то замони Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён

Оли Бӯя ё Бувайҳиён хонаводаи эронинажод аз авлоди «Бӯя» ном Дайламӣ буданд, ки дар Эрони ҷанубӣ ва Ироқ ҳукмронӣ доштанд. Муддати ҳукмронии хонадони Оли Бӯяро баъзе беш аз яксаду бист (320-448ҳ. / 932 - 1056м.) [423, ҷ.1, с. 190] ва баъзе яксаду бисту шаш сол ва фарогири се давра гуфтаанд [315, с. 11-12]. Бунёдгузори ин хонадон се бародар – Алӣ (Имодуддавла), Ҳасан (Рукнуддавла) ва Аҳмад (Муизуддавла) – фарзандони Бӯяи моҳигир ва ёрони Мокони Кокӣ буданд. Баъди шикасти Мокони Кокӣ аз дасти Мардович ба Мардович пайвастанд ва дере нагузашта, ба Хузистон ва Форс даст ёфтанд. Баъд аз кушта шудани Мардович бештар кишваркушоӣ карданд ва бар бахше бузург аз сарзаминҳои Эрон ва тоза намудани он аз арабҳо даст ёфтанд. Бино ба қавли Қ. Туйсарконӣ бузургтарин кори Бувайҳиён даст ёфтан ба Бағдод буд, яъне он чӣ Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ дар қарни нуҳуми мелодӣ ва Мардович дар ин даврон орзу доштанд, ин бародарон комёб шуданд [396, с. 191-192].

Аксари дабирони Оли Бӯя тозигӯй буданд ва забони расмии девони расолати онҳо арабӣ буд. Дабирони номии ин хонадон Абуҷаъфари Саймарӣ (ваф. 339ҳ./950м.) - нахустин нафаре, ки лақаби «Устод»-ро соҳиб шуд, Абумуҳаммад Ҳасан ибни Муҳамади Муҳаллабӣ (291-353ҳ./ 904-964м.) - дабири номӣ ва вазири Муизуддавла, соҳиби «Девони расоил» ва «Девони шеър», Абуаҳмад Абдураҳмон Фазли Шерозӣ - аз суханварони тозигӯй, Абулҳасан Муҳаммад ибни Аҳмади Мофаррухӣ ва фарзандону наводагони онҳо, ҳамчунин Абуисҳоқи Собӣ, Ибни Амид, Абдулазиз ибни Юсуф ва Соҳиб ибни Аббод буданд, ки симати дабирӣ ва соҳибдевониро ба зимма доштанд [396, с. 189-190]. Чунонки ишора намудем, забони расмии девони Бувайҳиён ҳам дар Ироқ ва ҳам дар Эрон арабӣ буд. Ба занни қавӣ, Бувайҳиён бо сардорону коргузорон [396, с. 195-196] ва оммаи мардум низ бо забони арабӣ мукотиба мекарданд [396, с. 198]. Аз ин ҷо равшан мешавад, ки дар ин давра

на танҳо номаҳои девонӣ, балки номаҳои ихвонӣ низ ба забони тозӣ навишта мешудаанд. Аз намунаҳои расоил [148, ҷ. 1, с. 153; 148, ҷ. 3, с. 286-290] ва тавқеоти Соҳиб ибни Аббод [148, ҷ. 3, с. 233-234; 359, с. 220; 338, с. 221] равшан мешавад, ки дабирони эронитабори ин давр дар номанигорӣ ва ҳунари нависандагии арабӣ саҳми беназир гузоштаанд. Дар хусуси авзои адабӣ, ривоҷи адабиёти арабизабони форсу тоҷик дар аҳди Оли Бӯя ва саҳми Соҳиб ибни Аббод – вазири донишманд ва адабпарвари он дар рушди адабиёти арабизабон ва ҳунари беназири ӯ дар расоили ихвонӣ, таърихӣ ва сиёсӣ [316, с.127-132] ва тавқеънависӣ [316, с.132-136] адабиётшинос Ҳ.К. Ҳомидиён дар рисолаи «Соҳиб ибни Аббод ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бувайҳиён» батафсил баҳс намудааст, ки моро аз такрори ин мавзуъ бениёз месозад.

Дар хусуси номанигорӣ ва чигунагии девони расоили Оли Зиёр маълумоти зиёд дастрас нест. Оли Зиёр ё Зиёриён яке аз хонадонҳои кӯчак ё силсилае аз мулук ва умарои эронинажод буданд, ки байни солҳои 316ҳ./928м. то 434ҳ./1043м. [432, ҷ. 1, с. 192] ва, ба қавли дигар, солҳои 319ҳ./931м. – 486ҳ./1093м. дар Гургону Табаристон ва чанд муддат дар Қумис, Дайлам ва Гелон низ ҳукумат доштаанд. Бунёдгузори ин силсила Мардовиҷ ибни Зиёр буд, ки худро аз аъқоби шоҳони қадими Эрон мехонд.

Мунтаҷибуддин Бадеъ менависад: «Маро, ки дар аҳди сабӣ андешаи талаби ин саноат (дабирӣ-З.Ҳ.) ва тадбири таҳсили олот ва адавоти он ба дил роҳ ёфт, сабаб он буд, ки аз машоихи уламо ва қудамо мешунидам, ки ҷадде аз они ман дабири Шамсулмаолӣ Қобус ибни Вушмгир будааст ва ҷузве чанд аз расоили тозӣ, ки дар он хидмат навишта будааст, ба дасти ман афтод ва мутолиати он боис омад бар баҳс аз он илми шариф ва санъати азиз...» [190, с. 2]. Аз қавли мазкури муаллифи «Атабат-ул-катаба» ва ишорааш ба соҳиби чанд ҷузв расоили тозӣ будани бобояш маълум мешавад, ки дар аҳди Зиёриён низ забони расмии девони расоил забони арабӣ будааст. Қобус ибни Вушмгир мулаққаб ба «Шамсулмаолӣ», муканно ба «Абилҳасан» чаҳорумин шаҳриёри Оли Зиёр буд, ки соли 367ҳ. / 978м. баъд аз бародараш Бесутун ибни Вушмгир ба тахти Гургон нишастааст. Қобус ибни Вушмгир марди адиб ва хушнавис

буда, дар сурудани ашъори форсӣ ва арабӣ ва дар иншои насри арабӣ маҳорати тамом дошта, аз беҳтарин булағои замон ба ҳисоб мерафтааст [432, ҷ.11, с. 17288-17289].

Сарчашмаи дигаре, ки аз шеваи номанигории аҳди мавриди баҳс маълумот медиҳад, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус мебошад. Амир Унсурулмаолии Кайковус ибни Искандар ибни Қобус ибни Вушмгир яке аз донишмандони хонадони Оли Зиёр буд. Аз боби сиву нуҳуми китоби «Қобуснома», ки «Дар одоб ва оини дабирӣ ва шарти котиб» унвон дорад, равшан мешавад, ки Қобус ибни Вушмгир аз ҳунари дабирӣ ва расму оини номанигории аҳди хеш хуб огоҳӣ доштааст. Аз панду насиҳатҳое, ки дар ин боб ба фарзандаш Гелоншоҳ намудааст, маълум мешавад, ки номаҳои ин давр ҳам ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва ҳам ба забони арабӣ навишта мешудааст. Аммо назди аҳли фазл, шоҳону дабирони девон нома ба тозӣ навиштан ҳунар ва порсии мутлақ нигоштан нохуш будааст [103, с. 208]. Аз панду насиҳатҳои муаллифи «Қобуснома» ва гуфторҳои соҳиби «Атабат-ул-катаба» метавон муайян намуд, ки номаҳои ин аҳд вижагиҳои зерро доро будаанд:

1. Номаҳо дар аҳди Зиёриён ба ду забон, яъне забони форсӣ ва арабӣ навишта мешудаанд.

2. Забони расмии девон забони арабӣ будааст.

3. Назди аҳли ҳунар номаи форсӣ, махсусан форсии мутлақ ва форсии дарӣ навиштан нохуш будааст.

4. Истифодаи саҷъ дар номаҳои тозӣ ҳунар, аммо дар номаҳои форсӣ мақбул набудааст.

5. Дар баробари кӯтоҳу мустаор сухан гуфтан аз асрори котибӣ нек огоҳ будан ва суханони мармузро нек дарёфтан аз ҷумлаи ҳунари дабирӣ будааст. Афзун ба ин, назди дабирони девон дар каломи андак маонии бисёр гуфтан ва нома ба оёти Қуръон ва аҳодиси расул (с) оростан аз ҷумлаи ҳунари дабирӣ маҳсуб мешудааст.

Дар аҳди Ғазнавиён (963-1186) низ нахуст забони номаҳои девонӣ ба монанди давраи Тоҳириён, Саффориёну Сомониён ва хонадонҳои Оли Бӯя ва

Оли Зиёр арабӣ буд ва ин шева то ба рӯзгори вазорати Абулаббос Фазл ибни Аҳмади Исфароинӣ - соҳибдевони бузурги дарбори Султон Маҳмуд идома кард. Дар даврони вазир Абулаббос забони девони расоил аз арабӣ ба форсӣ-тоҷикӣ баргардонида шуд. Дар ин хусус муаллифи «Тарҷумаи «Таърихи Яминӣ» мегӯяд: «Ва вазир Абулаббос дар саноати дабирӣ бизоате надошт ва ба муморасати қалам ва мудорасати адаб иртиёз наёфта буд ва дар аҳди ӯ мактуботи девонӣ ба порсӣ нақл карданд ва бозори фазл косид шуд ва арбоби балоғат ва бароатро равнақе намонд ва олиму ҷоҳил ва фозилу мафзул мусовӣ шуданд» [191, с. 345].

Ба андешаи мо, Ҷурфодиқонӣ худ ҷонибдори забони тозӣ буд ва монанди муаллифи китоби «Қобуснома» ҳунари дабириро дар тозинависӣ медонист ва ба ин сабаб форсӣ навиштанро сабаби коста гардидани бозори фазл ва аз равнақ боз мондани арбоби балоғат ва бароат дониста, ин иқдоми Абулаббоси вазирро сабаби бехабарии ӯ аз саноати дабирӣ унвон кардааст. Дар асл ин иқдоми Абулаббос на ба сабаби бехабарии ӯ аз забони арабӣ ва саноати дабирӣ, балки эҳтиром ва алоқамандии ин вазири фозил ба забони форсӣ буд, зеро дар он давр нафаре, ки забони тозӣ ва ҳунари дабирӣ намедонист, ҳеч мумкин набуд, ки ба ин мақом - соҳибдевони бузурги дарбор соҳиб шавад. Абулаббоси Исфароинӣ ҳамон шахсе аст, ки Абулқосим Фирдавсиро ба дарбори Султон Маҳмуди Ғазнавӣ муаррифӣ намуд ва таваҷҷуҳи ӯ ба Фирдавсии Тӯсӣ ва китоби «Шоҳнома» худ далел ба эҳтиром ва гиромӣ доштани ӯ ба забони форсӣ мебошад. Афзун ба ин, шоистаи таъкид аст, ки Абулаббоси Исфароинӣ дар оғоз дабири Абулҳасани Фоиқ - ҳоҷиб ва сардори ҳафтумин амири Сомонӣ - Нӯҳ ибни Мансур буд. Замоне ки Маҳмуди Ғазнавӣ аз ҷониби падар аморати Хуросонро соҳиб шуд, Абулаббоси Исфароинӣ дар Марв соҳиби барид буд. Дар ин хусус худи Ҷурфодиқонӣ дар оғози фасли «Зикри вазир Абулаббос ал-Фазл ибни Аҳмад ибн ал-Фазл ва хотимати ҳоли ӯ» мегӯяд: «Вазир Абулаббос аз маорифи куттоб ва машоҳири асҳоби Фоиқ буд ва дар он аҳд, ки султон ба Нисобур ба мансаби аморат мавсум буд, Абулаббос соҳиби барид буд ба Марв...» [191, с. 337]. Ин ҷо ихтилофе дар

суханони соҳиби «Тарҷумаи Таърихи Яминӣ» ба назар мерасад. Дар оғози ин фасл Абулаббоси вазирро «аз маорифи куттоб ва машоҳири асҳоб» мехонад [191, с. 337], аммо ҳангоми баёни нақли девон аз забони тозӣ ба форсӣ-тоҷикӣ мегӯяд, ки «вазир Абулаббос дар саноати дабирӣ бизоате надошт ва ба муморасати қалам ва мудорасати адаб иртиёз наёфта буд» [191, с. 345]. Аз ихтилофи суханони муаллифи китоб бори дигар равшан мешавад, ки, зоҳиран, Ҷурфодиқонӣ нисбат ба вазир Абулаббоси Исфароинӣ бадбинӣ ва ғаразе дошта ва, чунонки зикр шуд, мехостааст, ки забони девон ва мактуботи девонӣ арабӣ бошад. Афзун ба ин, аз суханони зерин, ки дар хусуси дубора аз забони форсӣ ба забони арабӣ нақл гардидани забони девон ҳикоят мекунад, бори дигар нисбат ба вазир Абулаббос ғаразе доштан ва ҷонибдори забони арабӣ будани Ҷурфодиқонӣ ба таври равшан намудор мешавад: «Чун маснади вазорат ба фазлу фазоили Шайхи ҷалил (мурод Абулқосим Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ - З.Ҳ.) ороста шуд, кавкаби куттоб аз маҳовии ҳубут ба авҷи шараф расид ва гули фазл ва маосир ба боди қабули ӯ шукуфта шуд ва рухсораи фазлу адаб ба макони тарбияти ӯ барафрӯхт ва бифармуд то куттоби давлат аз порсӣ иҷтиноб намоянд ва ба қоидаи маъҳуд маноширу амсила ва мухотабот ба тозӣ нависанд, магар ҷое, ки мухотаб аз маърифати арабият ва фаҳми он қосир ва оҷиз бошад» [191, с. 345-346].

Абулаббоси Исфароинӣ, ки ҳудуди ҳаждаҳ сол вазири Султон Маҳмуди Ғазнавӣ буд, аз ҷониби Сабуктегин - падари Султон Маҳмуд ба вазорат гумошта шуда буд, на бо хосту даъвати Султон Маҳмуд. Султон Маҳмуд аз оғоз мехост, ки вазорати худро ба дасти дӯст ва ҳамсабақаш – Абулҳасан Қосим Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ диҳад, аммо наметавонист, ки ҳукму пешниҳоди падарро рад созад. Аз ин нигоҳ бадгӯиҳои аҳли дарбор, арабиро дуруст надонистан, нақли девон аз арабӣ ба форсӣ намудани Исфароинӣ ва ғ. баҳонае гардид, ки Султон Маҳмуд ба ҷойи Абулаббоси Исфароинӣ ҳамсабақи худ - Маймандиро ба мақоми вазирӣ таъйин мекунад. Хоҷа Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ, ки унвони ифтихорияш «Шамс-ул-куфот» ва «Шайхи Ҷалил» буд, соли 405ҳ./1014м. ба ҷойи Абулаббоси Исфароинӣ ба мақоми

вазорат нишаст ва, чунонки зикр шуд, дубора забони девонро аз форсӣ-тоҷикӣ ба арабӣ баргардон намуд. Яке аз сабабҳои асосии интиқоли забони девон аз форсӣ ба арабӣ дар он буд, ки Султон Маҳмуд ва вазир Маймандӣ мехостанд ба ин васила муносибати дарбори Ғазнавиро бо дарбори Хилофати Бағдод ва дарборҳои дигар, ки забони расмии девонашон арабӣ буд, густариш ва пайванд диҳанд.

Аз гуфтаҳои мазкур, яъне интиқоли забони девон аз арабӣ ба форсӣ ва дигарбора аз форсӣ ба арабӣ ва «бифармуд (Маймандӣ-З.Ҳ.) то куттоби давлат аз порсӣ иҷтиноб намоянд ва ба қоидаи маъҳуд маноширу амсила ва мухотабот ба тозӣ нависанд, магар ҷое, ки мухотаб аз маърифати арабият ва фаҳми он қосир ва оҷиз бошад» [191, с. 345-346] гуфтани Ҷурфодиқонӣ равшан мешавад, ки дар аҳди Ғазнавиён номаҳои девонӣ ба ду забон - арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ навишта мешудааст.

Бо такя ба гуфтаҳои фавқ метавон хулоса намуд, ки миёни девонҳои аҳди Сомониён, Оли Зиёр, Оли Бӯя ва девонҳои давраи Ғазнавиён фарқе ҷой дорад, зеро дар девонҳои аҳди Сомониён забони расмӣ забони арабӣ буд ва номаҳо ба забони тозӣ навишта мешуданд, аммо дар аҳди Ғазнавиён дар баробари номаҳои арабӣ номаҳои форсӣ-тоҷикӣ низ навишта мешуданд ва муддате дар замони вазир Абулаббоси Исфароинӣ забони девон аз арабӣ ба форсӣ-тоҷикӣ баргардон шудааст. Аз оғози давраи Султон Масъуди Ғазнавӣ на танҳо ихвониёт, балки номаҳои девонӣ низ ба ду забон - арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ навишта мешуданд. Ҷуз номаҳое, ки ба дарбори Хилофат навишта мешуданд, боқии номаҳо, маноширу фармонҳо, султониёт ва анвои дигар ба забони форсӣ-тоҷикӣ буданд. Қисмате аз номаҳои дарборӣ ба ду забон- арабӣ ва форсӣ навишта мешуданд ва султон ҳардуро тавқеъ мекард [401, с. 314-315].

Қадимтарин номаҳои девонии форсӣ, ки то мо расидаанд, номаҳое мебошанд, ки дар аҳди Султон Масъуди Ғазнавӣ нигошта шудаанд ва намунаҳои он номаҳои Абунасри Мушкон – соҳибдевони расоили Султон Маҳмуд ва Султон Масъуди Ғазнавӣ мебошанд, ки дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» ҷой доранд. Аз ҷумла, муаллифи китоби «Таърихи Байҳақӣ» ҷое аз

номаи форсӣ навиштани устоди худ - Абунасри Мушкон ба унвони Қадархон - хони Туркистон ёд мекунад ва мегӯяд: «Ва устодам ду нусхат кард ин ду номаро, чунонки ӯ кардӣ, яке ба тозӣ сӯйи халифа ва яке ба порсӣ ба Қадархон» [60, с. 63].

Муншаот ва маҷмуаи номаҳои ин давр, ки дар сарчашмаҳо ё таърихномаҳо аз онҳо ёд шудаанд ва қисме боқӣ мондаанд, инҳо мебошанд: «Мақомот»-и Абунасри Мушкон (дастрас нест), «Зинат-ул-куттоб» ё «Чанд сухан, ки дабирон дар қалам оранд» (Чанд сухани Байҳақӣ)-и Абулфазли Байҳақӣ [61], «Тавқеот»-и Хоҷа Аҳмади Маймандӣ (асли он мавҷуд нест, аммо Ҷурфодиқонӣ дар «Тарҷумаи «Таърихи Яминӣ» ва Низомии Арӯзӣ дар «Чаҳор мақола» аз он ёд кардаанд), номаҳои мундариҷ дар «Таърихи Байҳақӣ», «Номаҳо»-и Абусаиди Абулхайр [114; 115], «Фазоил-ул-аном мин расоили Ҳуҷҷатилислом» - маҷмуаи номаҳои Имом Муҳаммади Ғаззолӣ [72].

Номаҳои девонии аҳди Ғазнавиён анвои гуногун доштанд, ки фатҳнома, аҳднома, шикастнома, мисол (ҳукм ва фармон), мувозаа (қарордод), мулаттафа (номаи кӯчак ва мухтасар) ва ғ. аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Аркони номаҳои ин давр аз номаҳои даврони қаблӣ фарқ мекарданд, яъне рукни дуо ва шавқи иштиёқ дар муқаддима ва оғози нома, сипас рукни аслӣ ва ниҳоят рукни хотима меомад, ки одатан бо дуо ва «вассалом» ба охир мерасид.

Давраи Салҷуқиён (1038-1194) ва Хоразмшоҳиён (1097-1231) муҳимтарин давраи муншаотнависӣ, тараққӣ ва ривоҷи фанни номанигорӣ дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба шумор меравад. Дар ин давра бисёре аз дабирони дарбор, ба монанди Мунтаҷибуддини Бадеъ ва Рашиди Ватвот, адибону муншиёни берун аз дарбор монанди Хоқонии Шарвонӣ ва Абдулвосеи Ҷабалӣ, олимону орифон монанди Аҳмади Ғаззолӣ ва Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар бораи номанигорӣ ва маҷмуаи номаҳои форсӣ-тоҷикӣ кутуби алоҳида таълиф намудаанд.

Дар давраи Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён панҷ девон арзи вуҷуд дошт: 1) баландтарини онҳо девони вазорат ё садорат буд, ки мутасаддии онро «хоҷаи бузург» ё «вазир» мегуфтанд; 2) девони истифо ва мутасаддии онро

«муставфӣ» мехонданд, ки мақомаш поёнтар аз хоҷаи бузург буд; 3) девони туғро ва сарвари онро «туғроӣ» меномиданд, ки дар ғиёби султон вазир маҳсуб мешуд; 4) девони ишроф, ки мутасаддии онро «мушриф» мегуфтанд; 5) девони арз ё арз-ул-ҷуюш, ки мутасаддии онро «ориз» мехонданд. Дар аҳди Салҷуқиён девони расоил ва иншо ҷузве аз девони туғро маҳсуб мешуд, аммо дар давраи Хоразмшоҳиён девони расоил мақоми болотарро аз девони туғро соҳиб гашт. Номаҳои девонӣ аз ҷониби дабирони девони расоил ва иншо навишта мешуд. Забони девони расоил дар оғози ин давра низ арабӣ буд, аммо минбаъд ҳамаи номаҳои девонӣ ба ҷуз номаҳое, ки ба дарбори хулафо навишта мешуданд, ба забони форсӣ-тоҷикӣ буд.

Дабирони номии аҳди Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён Амидулмулки Кундурӣ (дабири Туғралшоҳ ва вазири Алпарслон ибни Чағрибеки Салҷуқӣ), Мунтаҷибуддини Бадеъ - муаллифи китоби «Атабат-ул-катаба» (дабири маъруф ва соҳиби девони расоили Султон Санҷари Салҷуқӣ), Бадруддини Румӣ - соҳиби маҷмуаи номаҳои «Ат-тарассул ила-т-тавассул» (дабири Алоуддин Кайқубоди Салҷуқӣ), Рашидуддини Ватвот- муаллифи «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» ва маҷмуаи номаҳои форсӣ ва арабӣ (дабири зуллисонайни дарбори Алоуддин Отсизи Хоразмшоҳ), Баҳоуддин Муҳаммад Муайяди Бағдодӣ – муаллифи «Ат-тавассул ила-т-тарассул» (дабири Алоуддин Текиши Хоразмшоҳ), Шаҳобиддин Муҳаммади Насавӣ - муаллифи «Нафсат-ул-масдур» ва «Сирати Ҷалолуддини Минкубирнӣ» (дабири Султон Ҷалолуддини Хоразмшоҳ), Нуриддини Муншӣ - муаллифи «Расоил-ур-расоил ва далоил-ул-фазоил» (муншии Ҷалолиддини Хоразмшоҳ) ва ғ. буданд.

Муншаоти ин давронро метавон ба се қисмат ҷудо намуд: 1) муншаоте, ки марбут ба оини дабирӣ ва номанигорӣ баҳс мекунанд, ба монанди «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзӣ ва «Дастури дабирӣ»-и Муинуддин Муҳаммад ибни Абдулхолиқи Майҳанӣ (ё Меҳанӣ); 2) Муншаоти девонӣ ва дарборӣ, монанди «Атабат-ул-катаба»-и Мунтаҷибуддини Бадеъ, «Ароис-ул-хавотир ва нафоис-ун-наводир» ва «Абкор-ул-афкор фӣ расоил-ил-ашъор»-и Рашидуддини Ватвот ва «Ат-тавассул ила-т-тарассул»-и Баҳоуддини Бағдодӣ;

3) Муншаоти ғайридевонӣ, ба монанди «Макотиб»-и Саноии Ғазнавӣ, «Номаҳои форсӣ»-и Аҳмади Ғаззолӣ, «Номаҳо»-и Айнулкузоти Ҳамадонӣ, «Муншаот»-и Хоқонии Шарвонӣ, «Номаҳо»-и Маҷдуддини Бағдодӣ ва ғ.

Номаҳои аҳди Салҷуқӣ ва Хоразмшоҳӣ расму оини махсус доштанд ва дабирони девонро лозим буд, ки ҳини нигориши номаҳо он расму шароитро риоят намоянд. Ҳар яке аз анвои номаҳо тарзу одоби хоси нигориш ва ороишро доштанд ва аз дабир ва номанигор маҳорати махсуси нависандагиро талаб мекарданд.

Номаҳои ин давр монанди мактуботи адвори пешин одатан аз се рукн иборат буданд: муқаддима, рукни асосӣ ва хотима. Фарқ дар он буд, ки худи муқаддима ё унвон, дар навбати худ, аз се қисмати зер иборат буд: а) **хитоб**, ки, одатан, қабл аз алқоби мухотаб ба таври муболиғаомез навишта мешуд. Хитобҳо ду гуна мешуданд: расмии девонӣ ва ғайрирасмӣ ё умумӣ, афзун ба ин хитобҳои аслӣ ва фаръӣ, монанди «султони аъзам», «худованди ҷаҳон» ва ғ.; б) **лақаб**, ки бештар ба забони тозӣ навишта мешуд ва алқоби подшоҳону вазирон, амирону қозиён, машоихи рӯзгор ва ғ. аз ҳам фарқ мекарданд ва дабирони девонро лозим буд, ки ҳини нигориши номаҳо онро риоя намоянд, монанди муиз-уд-дунё ва-д-дин, носир-уд-дунё ва-д-дин (хоси подшоҳон), амид-ул-мулк, низом-ул-мулк (хоси вазирон) ва ғ.; в) **дуо**, ки охирин қисмати муқаддимаи номаҳо буд. Дуоҳо низ бештар ба забони арабӣ ва гоҳе ба забони форсӣ ва гоҳе омехта иншо мешуданд ва барои ҳар яке аз мансабҳо ва мартабаҳо дуоҳои хос буданд. Дабиронро мебоист, ки дар рукни аслӣ ё мақсуд низ ҳунари нависандагии худро намоиш диҳанд ва расму оини номанигориро риоят намоянд. Қисмати охири номаҳо, ки «хотима» гӯянд, фарогири орзу ва дуо буд. Баъд аз баёни орзу, одатан, «иншоаллоҳ» ва «Аллоҳу валий-ут-тавфиқ» менавиштанд ва сипас «вассалом» мегуфтанд.

Хулоса, агарчи забони номаҳои дарбории аҳди Оли Бӯя ва Оли Зиёр ба забони арабӣ буд, аксари дабирони номӣ ва адибони маъруфи ин аҳд эронитабор буданд, ки ба ҳар шева, номанигорӣ, таълифи китоби илмию адабӣ, тарҷумаи осори форсӣ-тоҷикӣ, таҳияи луғот ва ғ. дар рушди адабиёт

саҳмгузор буданд. Ба ибораи дигар, агарчи забони номаҳои девонии ин давр тозӣ буд, рӯҳ ва шеваи нигориши онҳо форсӣ-тоҷикӣ буданд.

Муншаотнависӣ дар давраи Ғазнавиён, Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён нисбатан рушд намуд. Номаҳои девонӣ ва ихвонӣ бештар ба ду забон: арабӣ ва форсӣ - тоҷикӣ навишта мешуданд. Номаҳои девонӣ ва ихвонӣ расму оин ва шеваи хоси навиштор доштанд, ки дабиронро мебоист онро риоят намоянд.

# БОБИ III. ВИЖАГИҲОИ АДАБИВУ УСЛУБИИ «НОМАҲО»-И АЙНУЛҚУЗОТИ ҲАМАДОНӢ

## III.1. Суннати дабирӣ ва услуби нигориши номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ

Сабк, усули номанигорӣ ва мавзуоти номаҳои Айнулқузот аз макотиби аҳди худ фарқ мекунад. Сабаб дар он, ки ӯ расму одоб ва ойини махсуси дабирони замони хешро ба кор набурдааст ва мавзуоти номаҳояш низ гуногун, пур аз оёти Қуръон, розу рамз ва баёни мароҳили сулук аст. Дар мактубҳояш асаре аз тасаннуот ва такаллуфот, ки хоси дабирони замонаш буд, ба назар намерасад. Р. Фарманиш дуруст мегӯяд, ки «макотиби ҳеч як аз урафо на аз лиҳози мутазаммин будани аҳволи тариқат ва сулук ва на аз лиҳози чошнии завқ ба пойи мактуботи Айнулқузот намерасанд» [398, с. 128].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ нисбат ба Имом Муҳаммади Ғаззолӣ ва Шайх Аҳмади Ғаззолӣ эҳтироми зиёд дошт. Имом Муҳаммади Ғаззолӣ устоди бавосита ва Шайх Аҳмади Ғаззолӣ устоди бевоситаи Айнулқузот буданд. Ба суҳбати аввалӣ нарасид, аммо аз тариқи навиштаҳояш ӯро хуб шинохт ва устоди худ хонд, аммо ба мулоқоти дувумӣ расид ва ҳудуди бист рӯз аз файзи суҳбат ва маҳзари беназираш бархурдор гашт ва то поёни умр, ҳудуди панҷ сол пайваста байни онҳо, ҳамчун муршид ва мурид равобити самимона ва мукотиботи дӯстонаву орифона барқарор буд. Аз ин нигоҳ сабки осори ин ду устод ба навиштаҳои Айнулқузот бетаъсир намонд. Айнулқузот дар осори арабӣ то андозае аз сабк ва шеваи баёни Имом Муҳаммади Ғаззолӣ ва дар мусаннафоти форсӣ-тоҷикӣ то андозае аз сабк ва шеваи баёни Аҳмади Ғазззолӣ пайравӣ намудааст, ки ҳангоми омӯзиши муқоисавии осори онҳо метавон ба он пай бурд. Дар баробари ин, сабк ва шеваи нигориши Айнулқузот ба осори суханварони орифи баъдӣ низ бетаъсир намонд, ки асари онро мо дар осори мансури Мавлонои Балхӣ, махсусан «Фиҳӣ мо фиҳӣ» ва «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷмуддини Розӣ метавонем мушоҳида намоем.

Дар номаҳои қарни XII, ки ба замони зиндагии Айнулқузот рост меояд, овардани ановину нуут ва адъия аз аркони аслии номаҳо ба ҳисоб мерафт. Ба хусус, дар номаҳое, ки ба аркони давлат навишта мешуданд, қабл аз зикри алқоб ҷиҳати бузургдошти мухотаб ановину нуути пур аз муболиға оварда мешуд, ки бештар ба забони арабӣ буданд ва ин навъи баён аз расм ва оини дабирӣ маҳсуб мегардид. Аз ҷумла, наввоби девони салтанат, вазирону мулук ва ҳамсарону фарзандони онҳо, муставфӣ, сафирону расулон, ҳоҷибону надимон, соҳиби девони расоил ва муншиён, сипаҳсолорону қозиён, уламову ҳукамо, муфассирону муҳаддисон, табибону мунаҷҷимон, устодону шоиронро ановину нуути хос буд, ки дабирони девон ҳангоми номанигорӣ онро истифода мекарданд. Чунончи, дар номае, ки ба наввоби девони салтанат менавиштанд, ановину нуути зерро ба кор мебурданд: «соҳиби аъзам», «мавло мулуки-л-вузарои фӣ-л-олам», «малозу ҷамоҳир-ул-варо би иҷмои-л-умам», «мушиpy давлати-л-мукаррама», «дастур-ул-олам», «низом-ул-мамолик», «каҳф-ул-милла», «ифтихору низоми Эрон», «паноҳи аҳли имон» [401, с. 326]. Вақте ки ба шоирону олимон ва фозилон мактуб менавиштанд, аз чунин унвонҳо ва ситоишҳо истифода мекарданд: «афзали шуарои олам», «наққоду афкори-з-завоҳир», «малику афозили-ш-шуаро», «афзалу акобири-ш-шуаро»; «ворису улуми-л-анбиёи вал-мурсалин», «янбуъ-ул-фазли вал-ҳикам», «алломат-уз-замон», «устод-ул-афозил», «имом-ул-миллати вад-дин ва ғ. [401, с. 332-335].

Агарчи Айнулқузот аз ин расму оини номанигорӣ хуб огоҳ буд, онро риоят накардааст ва дар оғози номаи шасту дуюм сабаби риоят накардани расми дабирони замони хешро ба таври зер баён намудааст: «Агар маро ба ман бозгузоштандӣ, садо камтар додаме. Валекин «ло раъйа лиман ло йутоъ» (Фикри касе асар надорад, ки ӯро итоат намекунанд - З.Ҳ.). Бузургонро дарди сар додан кори ман нест, лекин «макратун ахика лотуъаллал» (аз макри бародарат ғофил мабош – З.Ҳ.). Эй бузурги дину дунё! Аввало маро маъзур дор, агар роҳи одати халқ наспарам дар мукотибот, ки Мустафо (с) гуфт: «Куллу муҳдасин бидъатун» (Ҳама чизҳои нав бидъат аст – З.Ҳ.). Ва аз

муҳдасоти бидъа яке он аст, ки дар нома нависанд, ки «ал-абду ва-л-ходиму ва-л-фулону». Ин бидъат аст. Ба рӯзгори Мустафо бад-ӯ чунин нома набиштандӣ, ки: «Мин фулон ибни фулон, ила Муҳаммадин расулиллоҳ». Ва акнун агар касе ин суннат ба кор дорад, мардум бар ӯ шаноате азим кунанд. Ва агар дар ин хавз кунам аз мақсуд, ки муҳимтар аз ин аст, бозмонам. «Ва-л-аҳамму фа-л- аҳамму» (Муҳимтарини муҳимҳо - З.Ҳ.) [171, ч. 1, с. 466].

Аз қавли мазкури Айнулқузот метавон ба ин натиҷа расид:

1. Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба мухотаби хеш, ки аз ҷумлаи бузургони дину дунё аст, мегӯяд: «…маро маъзур дор, агар роҳи одати халқ наспарам дар мукотибот…». Кадом одати халқ аст, ки дар нигориши мукотибот Айнулқузот онро риоят накарда, барои он ки сабаби малоли хотири мактубунилайҳ нагардад, аз ин равиши хеш узр пеш меорад? Ба эҳтимоли қавӣ, муроди Қозӣ аз «одати халқ» овардани ановин ва нуути пурмуболиға дар оғози макотиб аст, ки аз ҷумлаи расму одоби дабирон маҳсуб мешуд ва ӯ онро риоят намекард.

2. Айнулқузот овардани унвону ситоиш ва авсофи пурмуболиғаро дар ҳаққи мактубунилайҳ бидъат медонад ва бад-ин сабаб намехоҳад онро риоят намояд.

3.Маълум мешавад, ки Қозии Ҳамадонӣ аз расм ва шароити номанигории замон хуб огаҳ аст, вале ба сабаби мазкур намехоҳад онро риоят кунад.

Номаҳои аҳди Салҷуқиён ба монанди давраҳои қаблӣ, одатан, аз се рукни асосӣ - муқаддима, рукни калом ва хотима иборат буданд. Муқаддимаи нома, дар навбати худ, шомили се қисмат буд, ки онҳоро хитоб, алқоб ва дуо мегӯянд, вале дар ҳеч як аз муқаддимаи номаҳои Айнулқузот ин қисматҳо пайи ҳам ба назар намерасанд. Ҷиҳати шоҳиди ин калом овардани оғози чанд номаро савоб медонем, ки аз ҳам фарқ мекунанд ва дар ҳеч яки онҳо ановину нуут ва дуои пурмуболиғаи мактубунилайҳ ба назар намерасад: «Дирӯз дар ҳақиқати ният чизе хостам навиштан, аз он худ дур афтодам, иншоаллоҳ, ки имрӯз навишта шавад...» [171, ч. 1, с. 9]. «Рӯзгори бародар ба хайроту саодат ороста бод. Эй дӯст, хостам, ки чизе бинависам бар таъйини илме, ки талаби он фарзи роҳи ислом аст ва дар шарҳи ин ҳадис, ки «Ал-имону нийфун ва

сабъуна бобан» (Имон ҳафтоду чанд дар дорад- З.Ҳ.). Ва дирӯз дар шарҳи имон чизе мухтасар навиштаам, аммо илми имон батафсил илми роҳи Худо аст ва талаби ин илм фарз аст ба наздики касоне, ки ба сулуки ин роҳ рағбат кунанд…» [171, ч. 2, с. 333].

Аз оғози номаҳои мазкур маълум мешавад, ки Айнулқузот на танҳо ановину нуути пурмуболиға, балки ному насаби мактубунилайҳро низ наовардааст. Чунонки ишора шуд, аксари номаҳои Айнулқузот номи мухотабро надоранд. Шояд сабаб дар он аст, ки Қозӣ бештари номаҳояшро ба кулли муридону мухлисони хеш менавишт, на ба як шахси алоҳида ва тавассути номаҳо ба суоли онҳо посух мегуфт. Чун номаи хеш ба нафаре аз онҳо мефиристод, он мурид номаро чанд нусха мекард ва ба муридони дигари муроди хеш мерасонид. Дар ин хусус худи Қозӣ дар номаҳояш иттилои бештар медиҳад. Чунончи, дар номаи 46 -ум ба мухотаби хеш, ки аз ӯ ном намебарад ва «**эй азизи ман**» [171, ч. 1, с. 358] ва «**ҷавонмардо**» [171, ч. 1, с. 360] гӯён муроҷаат мекунад, мегӯяд: «Набишта будӣ, ки панҷ набишта беш нахондам. Эй субҳоноллоҳ, ман чӣ донам, ки чанд набиштаам… Ман набиштаҳо ба наздики фарзанд Аҳмад, ҳафизаҳуллоҳ, мефиристам, надонам, то киро медиҳад! Агар чунон аст, ки нарасидааст, набиштаҳоро он ҷо нусха кардаанд…» [171, ч. 1, с., 363].

Аз иқтибоси фавқ метавон ба ин хулоса расид:

1.Айнулқузот аксари номаҳои фалсафӣ ва ирфонии худро, ки барои ҳамаи муридон дахлдор буд, назди нафаре, ки Аҳмад ном дошт, мефиристод. Сипас худи Аҳмад ва ё шахсони масъули дигар он номаро чанд нусха рӯйнавис намуда, ба муридони дигар, ки Айнулқузот супориш карда буд, ирсол мекарданд.

2. Муроди Қозии Ҳамадон аз «Аҳмад» кист? а) Эҳтимол дорад, ки Аҳмад фарзанди худи Айнулқузот бошад ва Қозӣ номаҳои хешро нахуст назди ӯ мефиристод ва сипас дар хонаи ӯ он номаҳоро нусхабардорӣ намуда, ба муридони дигар мефиристоданд. Дар сурати дуруст будани ин фикр, маълум мешавад, ки Аҳмад дар ҳавлии алоҳида ва ҷудо аз падар зиндагӣ мекардааст.

Р. Фарманиш гумон намуда, ки Аҳмад фарзанди Комилуддавла аст, аммо А. Мунзавӣ тахмин мекунад, ки Аҳмад фарзанди Айнулқузот мебошад ва барои ин фикр як-ду шоҳид низ овардааст [171, ч. 3, с. 109]; б) Имкон дорад, ки Аҳмад исми яке аз муридон бошад, ки Айнулқузот ба ӯ бештар эътимод дошт ва ӯро ҳамчун ҷойнишин баргузида буд. Ва чун ин мурид нисбат ба Айнулқузот ҷавонтар буд, ба эҳтиром «фарзанд» гӯён мурочаат мекард. Дар акси ҳол номаҳояшро нахуст ба ӯ намефиристод ва иҷозат намедод, ки онҳоро нусхабардорӣ кунанд.

3. Дар ҳар сурат, маълум мешавад, ки хонаи Аҳмад маркази пахши номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ буда, маҳз дар он ҷо номаҳои ӯ нусхабардорӣ шуда, ба муридони дигар дастрас мегардидааст.

4. Айнулқузот, одатан, номаҳои хешро пинҳонӣ пахш мекард ва бад-ин сабаб дар аксари кулли номаҳо номи мухотаб ва ҳам номи хешро ошкоро ба расми номанигорони дигар зикр наменамуд. Чун медонист, ки номаҳояш рӯйнавис шуда, ба ҳамаи муридону мухлисонаш бо навбат мерасанд ва ҷанбаи ҳамагонӣ доштанд, номи ҳеч яке аз муридонро дар оғози номаҳояш ҳамчун мухотаб зикр намекард, аммо дар байни макотибаш номаҳое низ ҷой доранд, ки ба шахсони алоҳида навишта шудаанд ва дар оғози номаҳо исми онҳо ҳамчун мактубунилайҳ оварда шудаанд. Мисоли ин ҳарф мактубҳое мебошанд, ки ба Имом Саъдуддини Бағдодӣ, Хоҷа Имом Иззуддин, Имом Зиёуддин ва Хоҷа Комилуддавла навиштааст.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар яке аз номаҳои худ дар бораи маънии ҳаром, воҷиб ва мубоҳ баҳс намуда, барои шоҳиди фикр ва дарки бештари мухотаб мисоли зерро меорад ва дар он оид ба расм ва одоби нигориши номаҳои арабӣ, маънии ҳаром, воҷиб ва мубоҳ назди номанигорон маълумот медиҳад, ки назирашро наметавон дар ҳеч як китоб ва дастури котибон пайдо кард. Чунончи, гӯяд: «Чун касе хоҳад, ки номаи тозӣ нависад, ӯро баъзе корҳо карданӣ бувад ба зарурат ва баъзе ба зарурат нокарданӣ ва баъзе бувад, ки бад-он мухайяр бувад, хоҳад бикунад ва хоҳад, накунад. Аввалан, асомии муфрадот ӯро ёд гирифтан **воҷиб** бувад, чи агар ёд нагирад, ҳаргиз нома

натавонад навиштан, чунонки надонад, ки осмону замину кӯҳу санг ва нону обу равғану ангубин ва чашму гӯшу забону даҳон дар тозӣ чӣ ном дорад. Ва агар ин бинадонад, муҳол бувад, ки ба мақсуди хеш расад ҳаргиз. Ва амсоли он ки бар вай воҷиб бувад, бисёр бувад, ки бозгӯям, масалан нон хӯрданаш ва об ошомиданаш воҷиб бувад, зеро ки бақо ва ҳаёт аз ин мустафод бувад ва беобу нон ҳаёт бинамонад ва чун ҳаёт бинамонад, вусулаш ба мақсуд муҳол бувад. Ва баъзе чизҳо ӯро **ҳаром** бувад, ки агар он чиз бикунад, аз мақсуд ба зарурат бозмонад, чунонки нашояд, ки дасти худ бибурад ё дидаи худ кӯр кунад, чи агар чунин кунад, нома мумкин набувад набиштан. Ва дар баъзе корҳо **мухайяр** бувад, ки на воҷиби зарурӣ бувад, аммо карданаш ба нисбат бо мақсуди ӯ беҳ аз нокардан бувад. Чун ашъори тозӣ бисёр ёд гирифтан, чи агар ашъор ёд нагирад, аз нома навиштан ба тозӣ бознамонад, аммо он беҳ бувад, ки ёд гирад, то мактуботи ӯ мувашшаҳ бувад ба ашъори арабӣ. Ва ин қисмро дар забони шаръ мустаҳаб хонанд ё мандуб» [171, ч. 1, с. 2-3].

Аз иқтибоси фавқ маълум мешавад, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ на танҳо олими беназир ва орифи фозил, балки донандаи хуби расм ва одоби фанни номанигорӣ буда, дар нигориши номаҳои форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ маҳорати тамом доштааст. Ҳамчунин равшан мешавад, ки дар он рӯзгор корбурди калимоту иборот ва ашъори арабӣ аз ҷониби котибон ва номанигорони форсизабон мақбулу писандида будааст. Зоҳиран, ба ин сабаб суханвари ориф дар номаҳои худ ба касрат аз калимоту иборот ва ашъори арабӣ истифода намуда, ин усули номанигории замонро ба шакли аҳсан ва беназир риоят намудааст.

Қозӣ чанде аз макотиби худро бо мисраъ, байт, рубоии форсӣ ва ё арабӣ оғоз мекунад, на бо муқаддимаи махсус ва тавсифи мактубунилайҳ, ки расми дабирону куттоби давр буд ва сипас ба баёни матлаб мегузарад. Чунончи, номаи панҷоҳу чаҳорумро бо ин мисраъ оғоз мекунад: «**Танҳо хӯрад ин дил ғаму танҳо кашадо**. Эй бародар! Гуфтаӣ аз дари дил агар хабар дорӣ, чӣ нишон дорад? «وَمَا جَعَلَ أَدْعِيَاءَكُمْ أَبْنَاءَكُمْ ذَلِكُمْ قَوْلُكُمْ بِأَفْوَاهِكُمْ» **(**Қисмате аз ояти 4-уми сураи Аҳзоб (33) аст: «…ва писархондагонатонро писарони шумо насохтааст.

Ин сухани шумо аст, ки ба даҳони хеш мегӯед…» - З.Ҳ.**)** зоҳираш хитоб аст, бо ту ва ҳақиқаташ дарёи дард аст, ки мавҷ мебарорад ва ниҳоди башарӣ тоқати он намедорад. «وَاللَّهُ يَقُولُ الْحَقَّ» (идомаи ояти 4-уми сураи Аҳзоб (33) аст: «… ва Худо сухани рост мегӯяд…»).· Пиндорӣ, ки ин бозӣ аст? Фарёд!...» [171, ҷ 1, с. 411].

Номаи шасту чаҳорум бо абёти зер ибтидо мешавад:

«Аз дам задане фалак дигаргун гардад,
Ҳар дун сахию ҳар сахие дун гардад.
З- андешаи он, ки то чунин чун гардад,
Дил дар бари зиракон ҳаме хун гардад.

Хунук он азизро, ки аз роҳи дида дар ин аҷоиб наззора тавонад кард. « كُلَّ يَوْمٍ هُوَ فِي شَأْنٍ» ( «…Ҳар рӯз Худо дар коре аст» - сураи Раҳмон (55), қисмати сонии ояти 29-юм - З.Ҳ.). Бас булъаҷабиҳо, ки паси пардаи Туст…» [171, ҷ. 1, с. 477].

Номае, ки зайли шумораи ҳафтоду ҳафтум омадааст, бо байти арабӣ ва рубоии форсии зер оғоз шудааст:

«فأنت اليوم فى الشهداءِ بدرٌ
وَ مَن يَهواک من شهداءِ بدر

Бархост хурӯши ошиқон аз чапу рост,
Дар буткада имрӯз надонам, ки чӣ хост.
Дар буткада гар нишони маъшуқаи мост,
Аз Каъба ба бутхона шудан низ равост [171, ҷ. 1, с.129].

Номаҳои Айнулқузот аз макотиби замони хеш боз бо он фарқ мекунанд, ки аксар дар баён ва шарҳу тафсири мавзуи алоҳида баҳс мекунанд, монанди, шарҳу баёни «ният», «намоз», «Аллоҳу акбар», «фотиҳат-ул-китоб», муҳаббат ба Қуръон ва Офаридгор, муҳаббат ба расул (с) ва ёрону саҳобагон, зарурати пир ва муроду муршид, одоби муридӣ, ситоиши Иблис, даъват ба ахлоқи ҳамида, эҳсон ва закоту садақа додан, шарҳу баёни тасаввуф ва истилоҳоти хоси сӯфия, роҳи сулук ва тариқи расидан ба Ҳақ ва ғ . Лозим ба зикр аст, ки гоҳи зиёд Қозӣ ин мавзуотро муфассал ва дар чанд нома паси ҳам зикр

мекунад. Чунончи, нуҳ номаи аввал дар шарҳу тафсири «ният» аст ва Қозӣ дар ин номаҳо кӯшиш менамояд, ки маонии аслӣ ва ирфонии «ният»-ро баён созад. Афзун бар ин, Айнулқузот дар чанд номаи дигар низ перомуни «ният» баҳс кардааст. Чунончи, дар номаи 138-ум қурби сӣ мактуб дар шарҳи «ният» навиштани худро ёд намуда мегӯяд: «Эй дӯст, пинҳон гирям ба ошкоро хандам. Ҳазор банд бар дасту қалами ман ниҳад, ҳар соат тақдир. Ман низ месозам, ки ҷуз сохтан тадбире нест, ба ҳеч ҳол. Агар ба ихтиёри ман бозгузорад, мехоҳам, ки дар шарҳи «фотиҳат-ул-китоб» чизе нависам, чи порсол, ки хостам, ки дар шарҳи шурут ва аркони салот чизе нависам ва дар шарҳи «ният» қурби сӣ мактуб навиштам ва он гоҳ аз он эъроз афтод. Магар имсол тақдир мувофақат намояд, то чизе аз он чӣ дар дил бувад, навишта шавад» [171, ч. 3, с. 327- 328].

Чунонки худи Айнулқузот дар иқтибоси боло ишораи кӯтоҳ намуд, ҳеч яке аз номаҳои ин сӯфии исёнгар пурра ба шарҳу баёни як мавзуъ бахшида нашудааст. Қозӣ дар аксари макотиби хеш мехоҳад перомуни як мавзуъ баҳс кунад, вале ҳини баёни мавзуъ дарк месозад, ки фаҳми ин матлаб бидуни фаҳми мавзуи дигар муридон ва мубтадиёнро муяссар нашавад, пас ночор ба шарҳу тавзеҳи мавзуи дигар мепардозад ва баёни мавзуи аввалро ба номаи сонӣ мегузорад. Ин навъи равиши баён усули қисса андар қисса ва ҳикоят андар ҳикоятро ба хотир меорад, ки дар осори мансури классикии мо мисолашон бисёр аст, аммо дар фанни номанигорӣ махсуси Айнулқузоти Ҳамадонӣ мебошад.

Ба таҳқиқ, баёни андешаҳои ирфонӣ ва тасаввуфи исломӣ, тариқи ишқу ирфон ва аҳволи ошиқон дар гуфтору навиштор муҳол аст. Эҳтимол, яке аз сабабҳои дар як нома перомуни чанд мавзуъ баҳс намудан ва гоҳи зиёд аз мақсуд дур шудани Қозӣ низ дар мушкилии баёни андешаҳои ирфонӣ ва аҳволи соликон бошад, зеро сухани ҳол дар қол намегунҷад. Мардуми бедору огаҳро як ишора бас бошад, аммо хомону номаҳрамонро аз он хабаре нахоҳад буд.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ борҳо аз теъдод ва мавзуоти макотиби хеш дар номаҳояш ёд мекунад. Ин ахбор то андозае ҷиҳати шинохти тартиб ва миқдори аслии номаҳо муҳаққиқро кӯмак месозад. Масалан, дар оғози номаи бисту дувум аз мавзуъҳо ва миқдори номаҳои ба он мавзуот бахшидаи хеш ба таври зер хабар медиҳад: «Сездаҳум мактуб аст, ки дар шарҳи «Аллоҳу акбар» менависам. Ва зарурат аст, ки фарзи эътиқоди умум дар сифати қадим бинависам. Ва дар навиштае, ки пеш аз ин навиштаам, сухан рондам дар муҳаббату ғазаб ва ризо…» [171, ҷ. 1, с. 184]. Дар оғози номаи понздаҳум мегӯяд: «Худойи таоло бародари ааззро дар зимни саодат ва саломат бидорад. Панҷ мактуб дар шарҳи «Аллоҳу Акбар» набиштам. Иншоаллоҳ, ки ба рӯзгор ба ҳақоиқи он расӣ…» [171, ҷ. 1, с. 124]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки номаи мазкур шашум мактуб дар шарҳи «Аллоҳу акбар» мебошад ва қабл аз ин панҷ нома дар ин мавзуъ навиштааст. Дар оғози номаи шонздаҳум бошад, мегӯяд, ки «Ин ҳафтум навишта аст дар шарҳи «Аллоҳу акбар»…» [171, ҷ. 1, с. 132].

Набояд гумон кард, ки Қозӣ дар хусуси мавзуот ва миқдори макотиби дар он мавзуъ навиштаи худ танҳо дар оғоз ва ё поёни номаҳо иттилоъ медиҳад. Ҳини омӯзиш ва таҳқиқ моро равшан шуд, ки гоҳе Айнулқузот дар миёнаи номаҳо низ аз миқдори макотиби дар як мавзуъ навиштаи худ хабар додааст. Чунончи, дар номаи бисту чаҳорум мегӯяд, ки то ҳол нуҳ нома дар шарҳи «ният » ва понздаҳ мактуб дар шарҳи «Аллоҳу акбар» навиштааст, ки дар маҷмуъ бисту чаҳор номаро ташкил мекунанд. Афзун бар ин, Қозӣ ин миқдори номаҳоро дар мавзуоти мазкур ниҳоӣ намедонад ва мегӯяд, ки чун шунаванда ва муриде шоистатар пайдо шуд, ин мавзуъ ба тафсили бештар хоҳад гуфт: «Ва ҳолӣ бисту чаҳор мактуб навиштам, нуҳ андар шарҳи ният ва он бағоят муфид аст, то андак надонад ва понздаҳум мактуб аст, ин ки дар шарҳи «Аллоҳу акбар» менависам, чунонки бар қадри зарурат ихтисор мекунам. Агар вақт будӣ ва мустамеъ ёфтаме, оламе аз асрор ба саҳро ниҳодаме. Аммо падид бувад, ки бо ту чӣ тавон гуфт. Ва агарчи ту ҳама мақсуд нестӣ, на аз ҷониби ман ва на аз ҷиҳати тақдир, аммо ҳолӣ нишонгоҳ туӣ ва надонам, ки кори ту ба куҷо расад ва кори худам надонам, то донӣ…» [171, ҷ. 1, с. 208- 209].

Аз иқтибоси боло равшан мешавад, ки Айнулқузот номаҳои хешро мувофиқ ба фаҳми мактубунилайҳ менигорад ва пайдост, ки мурherе беҳтар ва бедордилу огаҳ мехоҳад, то олами асрор ба саҳро ниҳад. Аз ин ҷо метавон фаҳмид, ки урафову сӯфия ва ҷумлаи дабирону номанигорон сухан ба қадри фаҳми мухотаб ва хонандагони худ гӯянд, на бар мақсуди хеш.

Айнулқузот дар баъзе аз мактубҳояш аз замон ва макони навишта шудани онҳо хабар медиҳад, ки ҷиҳати шинохти рӯзгор ва зиндагиномаи ӯ аҳаммияти беназир доранд. Масалан, дар оғози номаи сиюм мегӯяд: «…Бидон, ки шаби понздаҳуми рамазон буд…, ки ин набишта набиштам» [171, ч. 1, с. 253]. Дар охири номаи мазкур маълумоти бештарро пеши рӯйи мо мегузорад ва мегӯяд, ки ин номаро нимаи шаб дар хонаи Ардашер навиштааст: «Ин мактуб шаби понздаҳум навиштам, нимаи шаб дар хонаи Ардашер, ҳафизаҳу-л-Лоҳу (Худованд ӯро нигоҳ дорад- З.Ҳ.). Ва шаби чаҳордаҳум ду навиштаи ӯ расид ва пайваста менависад. Рӯзи чаҳордаҳум худ ҷавобе навишта будам, валекин ин низ дар роҳ бувад…» [171, ч. 1, с. 258].

Дар поёни номаи чиҳилу ҳаштум мегӯяд: «Баъдуласр ба соате ин мактуб ибтидо кардам ва қабл-ал-мағриб сози вузуъ хоҳам кардан…» [171, ч. 1, с. 381].

Маълум мешавад, ки Қозӣ номаҳои хешро на танҳо дар хонақоҳи худ, балки дар авқот ва макони гуногун менигоштааст. Аз иқтибоси фавқ маълум мешавад, ки номаи сиюмро дар нимаи шаби понздаҳуми моҳи шарифи рамазон дар хонаи Ардашер ва номаи чилу ҳаштумро байни намози аср ва шом нигоштааст.

Баъзе аз мактуботи Айнулқузот ба зоҳир номаҳои ихвониро мемонанд, чунонки дар поёни номаи сию якум гӯяд: «Чун ба саодат во Ҳамадон расӣ, шарҳи ин нома ба мушофиҳа бишнавӣ, агар ман донам... Фарзанд Аҳмадро... боре ду-се дидам... Агар «Қут-ул-қулуб» нусхаи дуруст ёбад, бихарад. Ва Баракаро салом кунад ва ӯ пайваста менависад ва моро ба дуо ёд дорад... Дӯстон ҳама басаломатанд ва мепурсанд...» [171, ч. 1, с. 265-266]. Аз иқтибоси фавқ равшан мегардад, ки Қозии Ҳамадон дар суроғи «Қут-ул-қулуб»-и Абутолиби Маккӣ (ваф.386ҳ./996м.) будааст. Ҳамчунин маълум мешавад, ки

ҳанӯз дар замони зиндагии ӯ асари мазкур дучори таҳриру таҳрифи котибон гашта, аз ин сабаб хоҳиш намудааст, ки нусхаи дурусти онро барояш харидорӣ кунанд.

Теъдоди умумии номаҳои Айнулқузот дақиқ маълум нест. А. Усайрон замони иншои номаҳои Айнулқузотро байни солҳои 516-525ҳ./1122-1131м. гуфтааст [172, 12-13]. Аз қавли зерини Қозӣ равшан мешавад, ки гоҳи зиёд дар як шабонарӯз чаҳор- панҷ навишта менигошта ва ҳар рӯз ҳафт-ҳашт маҷлиси илм мегузаронидааст: «Вақт бошад, ки дар шабонарӯзӣ чаҳор-панҷ навишта бинависам ҳар як ҳафтод-ҳаштод сатр, ки ҳар калима аз он гавҳаре бувад беқимат ва ман дар он вақт кориҳ бошам он набиштаро ба чанд гуна варандохте мекунам, ки ин чӣ бало аст, ки ман бад-он мубтало шудаам. Ва кадом рӯз бувад гӯӣ, ки сари хеш дар сари кори забону қалами хеш кунам. Ва ҳам ҳар рӯз ҳафт ё ҳашт маҷлиси илми рангоранг бо халқи мухталиф гуфта бошам, ки дар ҳар маҷлис аз он, валлоҳу аълам, кам аз ҳазор калима нагуфта бошам. Ва надонам, ки сар дар забон бозам ё дар қалам, валлоҳу аълам!» [171, ҷ. 2, с. 81]. Агар гӯем, ки Қозӣ давоми 9-10 соли охири зиндагии худ ҳар шаборӯз 4-5 мактуб навиштааст, теъдоди онҳо ҳазорон мактуб хоҳад буд, ки ақл бовар намекунад, аммо, ба занни қавӣ, метавон гуфт, ки миқдори номаҳояш ба маротиб бештар аз ин буда, ки то мо расидаанд. Гузашта аз ин, гоҳе дар ду-се моҳ на маҷлисе мегузаронид ва на номае менавишт, чунонки гуфтааст: «Ва гоҳ бувад, ки ду моҳ ва се моҳ барояд, ки на дарси муҳим тавонам гуфт ва на чизе тавонам навишт. Ва ман дар он кореҳ, ки чаро чунин меравад? Тақсир мекунам дар нашри илм, рӯзгори мутааллимон зоеъ мекунам...» [171, ҷ. 1, с. 82). Бояд гуфт, ки Қозӣ номаҳои худ ва маҷолиси хеш аз рӯйи ҳол менавишт ва барпо мекард, яъне ин ҳама аз илҳомоти ғайб буд, на навиштаҳои одӣ ва маҷолиси хушку зоҳирӣ. Чунонки худ дар фавқ ишора намуд, ҳар калима аз навиштаҳояш гавҳаре бувад беназир ва пурарзиш.

Насри номаҳои Айнулқузот ба зоҳир оҳанги тунду сахт доранд, аммо, дар маҷмуъ, забони номаҳояш, бе ҳеч муболиға, бисёр равону ширин, дилкаш ва дорои мусиқии хос аст, ки гоҳе назму шеър ва насри шоиронаро мемонанд.

Ҷиҳати шоҳид овардани чанд намунаи мухтасарро савоб медонем: ...аспе, ки сафираш назанӣ, хуш нахурад об [171, ч. 1, с. 100]. Он чи туро нест, аз он дур бош [171, ч. 1, с. 127]. Саргаштаи ин роҳ ҳама ин гӯяд… [171, ч. 1, с. 199]. Коғаз бирасид ва шаб ба охир омад … [171, ч. 1, с. 209]. Ин турфа нигар, ки мар маро бо ту фитод... [171, ч. 1, с. 258]. Рав бозӣ кун, ки ошиқӣ кори ту нест [171, ч. 1, с. 227]. Бозаргонӣ ба бедилӣ натвон кард... [171, ч. 1, с.289]. Шогирд бош, ишқ туро худ бас устод [171, ч. 2, с.128]. Санг аз бари обгинаи шомӣ дур. Бодро бо пашша ҳаргиз ошноӣ набувад [171, ч. 2, с.174]. ...паймона чу пур шавад, бигардонандаш [171, ч. 2, с. 249]. Моро чӣ аз он, ки ту гулу бодомӣ [171, ч. 2, с. 322].

«Номаҳо»-и Айнулқузот аз муншаот ва мактуботи аҳди худ ва номаҳои суханварони дигар, аз ҷумла «Макотиб»-и Муҳаммади Ғаззолӣ, «Номаҳо»-и Аҳмади Ғаззолӣ, «Макотиб»-и Саноии Ғазнавӣ, «Мактубот»-и Мавлонои Балхӣ, «Номаҳо ва муншаот»-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ фарқ мекунанд, ки дар ин хусус батафсил дар мақолоти алоҳида баҳс намудаем [р.к.: 2-М; 19-М; 21-М; 25-М; 27-М; 28-М; 30-М; 46-М; 49-М; 50-М; 59-М; 64-М ва ғ.].

**«Номаҳо»-и Айнулқузот бинобар он, ки ба унвони ёрону бародарон ва муридон навишта шудаанд ва ё дар посух ба пурсишҳои онон иншо гардидаанд, ба худ номи «мактуб» ё «нома»-ро гирифтаанд, аммо дар асл онҳо рисолаеро мемонанд, ки муаллиф тайи онҳо нуктаҳои муҳимми ирфониро бо истифода аз ашъори зиёди арабӣ ва форсӣ баён намудааст.** Чунонки ишора шуд, худи Айнулқузот дар китоби «Тамҳидот» аз номаҳои худ ба унвони «расоил» ёд мекунад ва мегӯяд: «Бисёр расоил ба рӯзгори дароз ба Қозӣ Имом Саъдуддини Бағдодӣ ва Хоҷа Имом Иззуддин... навиштам, ки муҷалладот бувад...» [172, с. 1]. Айнулқузот гоҳе дар чанд нома пайиҳам перомуни як мавзуъ баҳс мекунад ва ё, баръакс, гоҳе дар як нома аз мавзуи аслӣ дур гашта, ба шарҳу тавзеҳи мавзуи дигар, ки мухотаб аз он бехабар аст, мепардозад. Барои хонандае, ки аз тасаввуфу ирфон ва маонии Қуръону ҳадис бехабар аст, фаҳми номаҳои суханвар хеле мушкил аст. Айнулқузот дар

мактуботи худ гоҳи зиёд ба шарҳу тавзеҳи мавзуъҳое даст задааст, ки дар ҳеч як китоби дигар наметавон пайдо кард ва ғайри ӯ каси дигаре қодир нест, ки онҳоро шарҳу тавзеҳ диҳад ва яке аз вижагиҳои хос ва аҳаммияти адабиву ирфонии номаҳои Айнулқузот низ дар ҳамин аст. Ҷое худ ба ин маънӣ ишора намуда мегӯяд: «Ҳолӣ ту, эй бародар, ин мактуботро мутолиат мекун пайваста. Ва агар вақте туро ниҳодаанд, ки во ман афтӣ, он ки худ нурун ало нур бувад. Ҳар чи туро ва ғайреро аз ин мактубот мушкил бувад, аз ман бипурс ва аз ҳеч одаме дигар мапурс, албатта, ки ман донам, ки ин ҳама чист. Ва ҳон, то ба андак надорӣ ин мактуботро, ки агар дар кулли олам бигардӣ касро наёбӣ, ки аз ин бӯйе дорад, илло мошаа-л-Лоҳу, ло бал ҳанӯз ба бӯҷоди (абҷади- З.Ҳ.) роҳи Худо нарасидаанд. Ва оламиён, ки ҳанӯз фарқи миёни росту дурӯғ идрок накунанд, инчунин ҳақоиқро чӣ бошанд? Пайваста мутолаати ин навиштаҳо мекун! Ва дар шабонарӯзӣ вирде бинеҳ ин мутолиаатро, ки он суд, ки аз ин ёбӣ, аз ҳеч наёбӣ, албатта, албатта. Туро ба ройгон ба биҳишт медавонанд, чаро коҳилӣ кунӣ?» [171, ҷ. 2, с. 331-332].

Дарвоқеъ, Айнулқузот олими беназир ва орифи бебадил аст. Масъалаҳои ирфонӣ ва мавзуъҳои пурпечу мушкилро метавонад ба осонӣ шарҳу тавзеҳ диҳад. Агарчи нисбат ба урафои дигар боҷасорат аст, гоҳи зиёд аз баёни бештари мавзуъ худдорӣ намуда, ба ин васила худро аз шарри душманону ҳасудон эмин медоштааст. Чунончи, ҷое мегӯяд: «Ва низ беш аз ин чизҳо маълум аст, ки ба навиштан рост наёяд ва низ тарсам, ки бигӯям» [171, ҷ. 2, с. 331].

## III.2. Забон ва шеваи баёни номаҳои Айнулқузот

Забони насри «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ нисбатан сода ва равон аст. Дар насри мактубҳояш, ки аксар ҳамчун рисола перомуни мавзуоти алоҳида баҳс мекунанд ва ё дар ҷавоб ба саволҳои муридон навишта шудаанд, тасаннуот ва такаллуфоти муншиёнаи қарни дувоздаҳуми мелодӣ ба назар намерасад. Суханвари ориф дар нигориши номаҳо аз калимаву ибороти арабӣ, оёти Қуръону аҳодиси набавӣ, ашъори форсиву арабӣ, таронаҳои халқӣ, зарбулмасалу мақолҳои форсиву арабӣ, ақволи бузургони дину ирфон чунон моҳирона истифода намудааст, ки хонандаи огоҳ аз тасаввуфу ирфон дар фаҳми онҳо мушкилие эҳсос намекунад ва ин омехтагиҳо аз фасоҳат ва балоғати номаҳо чизе накостааст. Ҳ. Баннопур мегӯяд: «Хонандаи номаҳои ӯ мебояд худро ба сатҳи ӯ бирасонад, то забони вижаи ӯро дарёбад. Ӯ дар ин номаҳо забоне тоза меофаринад, агарчи гоҳ шитобзадагиҳое дар насри ӯ дида мешавад ва ин бе иртибот бо фазои берун нест, ин забон бо забони зиндагӣ ва забони роиҷ ба зоҳир ҳеҷ тафовуте надорад, аммо, дарвоқеъ, тафовутҳои бунёдӣ бо он дорад ва танҳо аз даричаи тааммул ва ҳушёриву шикебоӣ ва талош дар дарки қомуси вожагонӣ ва низ тасаллут ба истилоҳоти ирфониву каломӣ ва фалсафиву динӣ аст, ки метавон он ишороти забониро дарёфт» [336, с. 76]. Дарвоқеъ, забон ва шеваи баёни насри номаҳои Айнулқузот ба зоҳир содаву равон аст, аммо дар асл розу рамз ва маонии зиёди ирфониву фалсафӣ дорад, ки на танҳо хонандагони одӣ ва бехабар аз тасаввуфу ирфон, балки аксар муридону мухлисони ҳамзамонаш низ ба таври боиста матлаби ӯро дарк намекардаанд. Худ дар мактубҳояш борҳо ба ин маънӣ ишора намудааст, чунонки дар поёни яке аз номаҳояш ба мухотаб мегӯяд: «Менависӣ, ки мактуботи навиштаро акнун беҳтар фаҳм мекунам. Ҳанӯз ба куҷо расидӣ? То даҳ сол ва бист сол суҳбат бикунӣ, он гоҳ бидонӣ, ки донистан чӣ ранг дорад ва бидонӣ, ки ҳаргиз надонистаӣ. Чӣ донӣ, ки мактуби ман чист? Ҳар чи ту аз он битавонӣ донистан, он на туӣ, бал ва на фаҳми туст, фаҳми ман аст. Ва то фаҳми ман набошад, ту чӣ донӣ, ки чист? « وَاللهُ يوصِلُکَ اِلی حقايقِ هذِهِ الامورِ بِرحمته و

«عَونه. والسّلام» (Худованд туро ба ҳақиқати ин умур ошно бисозад ба раҳмат ва кӯмаки худаш, бо дуруд- З.Ҳ.) [171, ч. 3, с. 302]. Ҷойи дигар фаҳми мухотабро дар маърифати суханони худ камтар аз кӯдаки ширхора медонад ва мегӯяд: «Эй дӯст! Ту, ки ҳанӯз кӯдаки ширхора бошӣ, ло бал ҷанину фи-р-раҳим бошӣ, ло бал ҳанӯз нутфае «بَيْنِ الصُّلْبِ وَالتَّرَائِبِ» («миёни пушт [-и мард] ва устухони сина [-и зан]» – сураи Ториқ (86), ояти 7-ум - З.Ҳ.) бошӣ! Ин ҳадисро кай бошӣ?» [171, ч. 2, с. 160].

Бешак, баёни мухтассоти забон ва шеваи баёни «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ баҳси бештар мехоҳад ва дар маҳдудаи чанд сафҳа зикри он ҳама ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, ба ихтисор ва бештар дар мисоли як номаи суханвари ориф баҳс намуданро савоб медонем. Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар яке аз номаҳои худ, ки зайли шумораи 135-ум омадааст, нахуст аз саволи мухотаб ёд намуда мегӯяд: «Пурсида буд, ки асомии Худой, таоло, аз сифот муштақ аст, чун самеъ ва басир. Чун ҳама мавзуъ аст аз баҳри авқот. Пас он ҷо мегӯяд, ки «انَّ لله تسعةً تسعين اسماً» (Ҳамоно, Худойро наваду нуҳ ном бошад- З.Ҳ.). Он номи хос кадом аст? Ва қабла ҳозиҳи-л-авзоъ куҷо буд? Ва чаро наваду нуҳ аст ва саду яке нест?» [171, ч. 3, с. 309]. Сипас, ҳамчун орифи беназир ва муршиди комил барои фаҳми бештари мухотаб нахуст аз илми махориҷи ҳуруф ёд мекунад ва мегӯяд: «Дар истилоҳ одамӣ аст ва то одамиро забону ҳанҷара ва ҳанак набошад, худ дар нутқ наёяд. Ва чун «дол» ҳам он гоҳ дар вуҷуд ояд, ки сари дандонҳои зерини одамӣ бар забонаш ниҳода шавад, аммо бар миёни забонаш бояд, на бар сари забон, ки агар бар забон бувад дандонҳо «то» дар вуҷуд ояд, на «дол» ва чун бар тарфи забон бувад, «зол» дар вуҷуд ояд ва ҳамчунин ҳар ҳарферо махраҷе дигар ба кор ояд. Ва илми махориҷи ҳуруф илме дароз аст ва дар он аҷоиби сунъи эзадӣ аст, ки ҳар кас надонад ва дар шарҳи он итнобе бояд дароз. Ва «ذَٰلِكَ تَقْدِيرُ الْعَزِيزِ الْعَلِيمِ» («Ин ба тақдири (Худои) Ғолиби Доно аст», қисмати охири ояти 38-уми сураи Ёсин (36), ояти 96-уми сураи Анъом (6), ояти 12-уми сураи Фуссилат (41) - З.Ҳ.)» [171, ч. 3, с. 309]. Аз иқтибоси мазкур равшан мешавад, ки Қозии Ҳамадон аз илми

забоншиносӣ, махсусан қисмати овошиносӣ (фонетика) хуб огоҳӣ доштааст, дар акси ҳол наметавонист перомуни махориҷи ҳуруф чунин баҳс намояд.

Айнулқузот ихтилоф дар ҷойгоҳи тавлиди ҳар як овозу ҳуруфро аз аҷоиби сунъи Худой ва сабаби низоми улуми арзӣ медонад: «Алалҷумлати, агар на ихтилофи махориҷи ҳуруф будӣ, илмҳои арзиро низом муҳол будӣ. Ва бошад, ки он бародар идрок тавонад кард, ки офтоб агар набудӣ ё об набудӣ ё хок набудӣ, низоми олами арзӣ набудӣ. Ва он аз аҷоиби сунъи Худост» [171, ҷ. 3, с. 310].

Суханвари ориф вуҷуди номҳоро баста бар вуҷуди ҳарфҳо медонад ва мегӯяд, ки бидуни ҳуруф вуҷуди асомӣ ғайриимкон аст [171, ҷ. 3, с. 310] ва таъкид мекунад, ки «мақсуд аз асомӣ маонӣ бувад ва мусаммиёт, на ҳуруфу асвот ва аз ин ғофил будан халале бисёр дорад» [171, ҷ. 3, с. 310]. Сипас, Қозии Ҳамадон аз тағйир ёфтани ҳуруфу вожаҳо ҳангоми тарҷума, вале бидуни тағйир ва айнан боқӣ мондани маонии ҳақиқӣ сухан мекунад ва барои шоҳид мисолҳои ҷолиб оварда мегӯяд: «Эй дӯст, агар касе, масалан, гӯяд: «асал хӯрдам», донӣ мафҳум асалхӯрда бувад ва ту аз исми асал худ ғофил бошӣ. Ва агар гӯяд: «النّارُ تُحرقُ» (оташ месӯзонад- З.Ҳ.) мафҳум аз он оташ хоҳад, на ҳуруф. Ҳуруфи оташ ба тозӣ ва порсӣ худ бигардад (тағйир биёбад-З.Ҳ.), ҳақиқати оташ худ ҳаргиз нагардад, зеро ки ҳуруфи оташ ба порсӣ [آ، ت، ش] аст ва дар тозӣ [ن، ا، ر] ва асомии оташ дар ҳама забонҳо ҷуз мураккаби ҳуруф набувад. Ва ҳақиқати оташ худ дар ҳуруф натавонад ёфт ба ҳеҷ ҳол»[171, ҷ. 3, с. 310].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ мафҳумро асос ва асли ҳама мавҷудот медонад ва таъкид месозад, ки мурод аз баён маънӣ бошад, на забону исму ҳуруфу савт. Нахуст одам ба вуҷуд омад, сипас забон ва ҳуруфу овоз. Аз ин рӯ, мурод аз баёни калимот мафҳуми онҳо бошад, на ҳуруфи калимот. Суханвари ориф матлаби мазкурро бо забони бисёр сода ва мисолҳои равшан чунин баён медорад: «Акнун бидон, ки «осмон» ва «замин» дар ҳеҷ забоне – на порсӣ ва на тозӣ, аъни ҳуруфи манзум, набошад ва Худойи таоло будааст ва ҳаст. Аммо «Аллоҳ» ва «Худо» ва «Эзад» ва «Танкарӣ» («Тангарӣ»- мурод «Худо» бошад

[437, ч. 1, с. 493; 432, ч.5, с. 7055] - З.Ҳ.). ҳама баъди вуҷуди одамӣ бувад... Мавзуъ набуд ва тозӣ вазъ карда, баъда вуҷуди алсинатиҳим ва баъда вуҷуди истилоҳиҳим (баъд аз пайдоиши забонҳо ва пайдоиши истилоҳоти эшон будааст- З.Ҳ.), мутавозеун алайҳ будааст, чи то забони порсӣ нанҳоданд, ҳуруфи «Худо» мавзуъ набуд ва то забони туркиро вазъ накарданд, ҳуруфи «Танкарӣ» мавзуъ набуд. Ва ҳақиқати «Танкарӣ», **аънӣ** он чӣ аз ин калима фаҳм кунанд, «қадим-ул-вуҷуд» будааст. Ва чун гӯем: «Худо қадим будааст» мафҳуми ин калимаро хоҳем, на ҳуруфи ин калимаро. Агар гӯем: «асал ҳалост», маънии асал хоста бошем. Мафҳуми «асал» худ муназзаҳ аст аз ҳуруф ва савт. Ва маъниро маръӣ дон, ки ба гавҳари худ пок ва муназзаҳ аст, аз он ки ҳуруфи ҳиҷо ҳаргиз ӯро ошноӣ тавонад буд» [171, ч. 3, с. 310-311]. Аз иқтибоси мазкур равшан мешавад, ки суханвари ориф дар баробари забони форсӣ ва арабӣ забони туркии қадимро низ хуб медониста ва барои дарки бештари мухотаб вожаи туркии «Танкарӣ»- ро худ шарҳу тавзеҳ додааст.

Дар идомаи номаи мазкур Айнулқузот аз розу рамзи ирфонии ҳуруф ва ҳуруфи муқаттаъ ёд месозад ва мегӯяд, ки дар олами ирфон ва назди соликони роҳи Илоҳ маониро ҳуруфи дигар ва ҳуруфро калимоти дигар ва калимотро оёти дигар ва оётро сувари дигар бошад [171, ч. 3, с. 311], вале номаҳрамонро аз он хабар набошад, чунонки гӯяд: «Ва чун ҷалолати ин ҳақиқат тамом битобад, ҷамоли «حم عسق» ва « «المхудро во соликон намудан гирад. Ва дар ин олам маониро худ ҳуруфи дигар бувад ва ҳуруфро калимоти дигар ва калимотро оёти дигар, «وَمِنْ آَيَاتِهِ اللَّيْلُ وَالنَّهَارُ وَالشَّمْسُ وَالْقَمَرُ» («Ва аз нишонаҳои Ӯ шабу рӯз ва офтобу моҳ аст...»- қисмати аввали ояти 37-уми сураи Фуссилат (41) - З.Ҳ.) ва оётро суваре дигар. Ва сувари Қуръон дар ин олам як ҳарф бувад бе нақши ҳуруф ва қоим ба Зоти азалӣ. Чун бишнавӣ «وَكَلَّمَ اللَّهُ مُوسَى» («... Ва Худо бо Мӯсо сухан гуфт» - қисмати охири ояти 164-уми сураи Нисо (4) - З.Ҳ.), бидонӣ. Ва ин оламе азим аст ва ҳар касеро ин ҷо роҳ нест. Ин ҷо агар ҳазорон ҷон бувад қудсӣ ва ҳар ҷонеро ҳазорон пар бувад, ҳама бисӯзад. Ин ҷо самандарсифатон боянд, то роҳ ёбанд, ҷуз ба пари маъшуқ ин ҷо парвоз натавон кард. На он пар, ки Ҷабраил ва Микоилро бувад, ки « أُولِي أَجْنِحَةٍ مَثْنَى وَثُلَاثَ

«وَرُبَاعَ» («...[фариштагонро фиристодагоне гардонидааст, ки] дорои бозуҳо [болҳо]-и дугон-дугон ва сегон-сегон ва чаҳоргон-чаҳоргонанд...» - қисмате аз миёнаи ояти якуми сураи Фотир (35) - З.Ҳ.), балки паре, ки иборат ва киноят аз он чунин бувад, ки ва «يَزِيدُ فِي الْخَلْقِ مَا يَشَاءُ» («дар офариниши ҳар чи хоҳад, зиёда мекунад» - идомаи ояти мазкур, яъне ояти якуми сураи Фотир (35) - З.Ҳ.) [171, ч. 3, с. 311].

Айнулқузот минбаъд аз роҳу равиши соликон ва тариқи расидан ба Ҳақ хабар медиҳад ва мегӯяд, ки он ҷо мисли парвона бояд буд ва набояд аз сӯхтан ҳарос кард: «Он ҷо парвонавор бояд будан чун сӯхта гардад. Аммо бо вуҷуд парвона бошад, ба пари худ мепарад. Дар роҳи талаб чун бад-Ӯ расад, бар ӯ пар набувад. Пас оташ ӯро аз пари худ паре диҳад, «وَإِذَا شِئْنَا بَدَّلْنَا أَمْثَالَهُمْ تَبْدِيلًا» («ва чун хоҳем, ба тариқи бадал кардан, қавме монанди онҳоро ба иваз орем», қисмати охири ояти 28-уми сураи Инсон (76) – З.Ҳ.), «فَيَدْمَغُهُ فَإِذَا هُوَ زَاهِقٌ» («пас сари онро мешиканад ва ногаҳон ботил нобуд мешавад», қисмати миёнаи ояти 18-уми сураи Анбиё (21)- З.Ҳ.). «أَنَّ لَهُمُ النَّارَ» («барои онҳо оташ бошад», қисмате аз миёнаи ояти 62-юми сураи Наҳл (16)- З.Ҳ.) сифати дӯстон аст, ки «ليسَ فى القُرآنِ ذكرُ الاعداءِ» («дар Қуръон зикри душманон нест», зоҳиран, аз аҳодис аст- З.Ҳ.). Он ки мехонӣ, ки «بُورِكَ مَنْ فِي النَّارِ وَمَنْ حَوْلَهَا» («Ба касе, ки дар оташ аст ва ба касе, ки гирдогирди он аст, баракат дода шуд», қисмате аз миёнаи ояти 8-уми сураи Намл (27)- З.Ҳ.) намедонӣ ва агар донистӣ, лоҷарам « أَنَّ لَهُمُ النَّارَ» ҳамчунон донистӣ билофарқ. Ту Қуръон чӣ донӣ? Чун тӯтӣ мехонӣ. Ҷони қудсӣ то шароби таҳури Қуръонро аз дасти соқиёни Қуръон нӯш тавонад кард, аз дил ҷой созад ва аз маъшуқ шароб созад ва аз дасти «وَسَقَاهُمْ رَبُّهُمْ» («Парвардигорашон [шароби ниҳоят пок] ба онҳо бинӯшонад», маъхуз аз ояти 21-уми сураи Инсон (76) – З.Ҳ.) соқӣ». То бидонӣ, ки чаро гуфтанд:

То бодаи ёр ҳаст имони касе
Маъшуқа ба ҷон харидан имони ман аст» [171, ч. 3, с. 312].

Қозии Ҳамадон дар иқтибоси фавқ мухотабро бинобар надонистани маонии Қуръон сарзаниш мекунад ва мегӯяд, ки ҷони улвӣ ҷиҳати маърифати Қуръон бояд аз дил ҷой, аз маъшуқ шароб ва аз дасти Парвардигор соқӣ

бисозад. Сипас, мегӯяд, ки мардони раҳи Ҳақро ҳаргиз лаб аз ин шароби ниҳоят пок (ишқ, васли маъшуқ) хушк набошад ва барои шоҳид рубоии зерро меорад: «Мардонро аз ин шароб ҳаргиз лаб хушк нашавад:

Бо ишқ равон шуд зи адам маркаби мо,

Равшан зи шароби васл доим шаби мо.

З-он май, ки ҳаром нест дар мазҳаби мо,

Бо ёри қидам хушк наёбӣ лаби мо» [171, ч. 3, с. 312].

Р. Фарманиш дар фасли дувуми боби панҷуми китоби худ, ки «Ашъори истишҳодшуда» унвон дорад, рубоии мазкурро бо андаке тағйир (сатри чорум «То бори адам хушк наёбӣ лаби мо») оварда ва онро аз Ҳаким Саноӣ медонад ва дар ҳошияи сафҳа мегӯяд, ки ин рубоиро минбаъд ба Мавлоно нисбат додаанд [398, с. 291]. Аммо дар фасли рубоиёти «Девон»-и Ҳаким Саноӣ мо ин рубоиро пайдо накардем [75, с. 1108- 1178]. Дар «Савонеҳ»-и Аҳмади Ғаззолӣ рубоии мазкур бо андаке тағйир (дар сатри якум «аз адам» ба ҷойи «зи адам» ва дар сатри чорум «то рӯзи адам» ивази «бо ёри қидам») омадааст [74, с. 107]. Ҳусайни Ногурӣ (орифи мутаваффои соли 901ҳ./1496м.) дар «Шарҳи Савонеҳ»-и худ ҳар як мисраи рубоии мавриди баҳсро дар алоҳидагӣ шарҳ додааст, ки танҳо мисраи чоруми он андаке («то бози адам» ивази «бо ёри қидам») фарқ мекунад [194, с. 34]. Дар «Шарҳи Савонеҳ»-и мансуб ба қарни нуҳуми ҳиҷрӣ (XV мелодӣ) мисраи дувум ва чорум бо андаке тағйир ва ба гунаи зер омадаанд, ки, зоҳиран, таҳриф ва тағйиршудаи нусхаи асл мебошанд:

Бо ишқ равон шуд зи адам маркаби мо,

**Доим** зи шароби васл **равшан** шаби мо.

З-он май, ки ҳаром нест дар мазҳаби мо,

**То бози адам** хушк наёбӣ лаби мо [194, с. 68].

Дар «Куллиёт»-и Шамси Табрезӣ низ рубоии мавриди баҳс бо андаке тағйир (сатри якум «аз адам» ивази «зи адам», сатри чорум «то субҳи адам» ивази «бо ёри қидам») омадааст:

Бо ишқ равон шуд **аз** адам маркаби мо,

Равшан зи шароби васл доим шаби мо.

З-он май, ки ҳаром нест дар мазҳаби мо,
**То субҳи адам** хушк наёбӣ лаби мо [112, с. 1313].

Имкон дорад, ки рубоии мазкур сурудаи яке аз суханварони орифе буда, ки дар қарнҳои XI-XII зиндагӣ ва эҷод намудааст ва минбаъд бинобар байни суханварони ориф шуҳрат доштан Аҳмади Ғаззолӣ онро дар «Савонеҳ» ва Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар «Номаҳо»-и худ истишҳод намудаанд ва ниҳоят аз ҷониби котибон вориди «Куллиёт»-и Шамс гардидааст. Аз ин рӯ, баъзе онро ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, баъзеи дигар ба Аҳмади Ғаззолӣ, Ҳаким Саноӣ, Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва Мавлонои Балхӣ нисбат додаанд. Зоҳиран, асли рубоии мавриди баҳс ба сурати зер буда, аммо таҳиягарони «Номаҳо»-и Айнулқузот ва «Савонеҳ»-и Аҳмади Ғаззолӣ аз байни нусхаҳои мавҷуда сурати мазкурро баргузидаанд:

Бо ишқ равон шуд аз адам маркаби мо,
Равшан зи шароби васл доим шаби мо.
З-он май, ки ҳаром нест дар мазҳаби мо,
То бози адам хушк наёбӣ лаби мо.

Дар аксари нусах дар мисраи якум «аз адам» ва дар мисраи охир «то бози адам» омадааст [74, ҳошияи с. 107; 194, с. 34 ва 68].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ баъд аз баёни андешаҳои фавқ ва огоҳ сохтани мухотаб аз ҳуруфу савт, асомиву забон, маонӣ ва розу рамзи ҳуруфи муқаттаъ ва истилоҳоти тасаввуф ба саволи мухотаб посухи бевосита медиҳад ва мегӯяд, ки Худованд зоти қадим аст ва ҳеч яке аз ҳуруфу асомӣ ва авсофу сифот, агарчи наваду нуҳ ё чандин ҳазоранд, наметавонанд васфи Ӯ кунанд. Худованд якто аст ва ин ҳама асомиву авсоф, ки ба Ӯ додаанд, аз ихтилофи назари соликон бошад ва барои шинохтани асли Ӯ нахуст назарҳоро бояд пок ва софӣ кард, чунонки мефармояд: «Сифоти қидам ҳама дар қидам бо зот ва қадим будааст. Асомӣ он ҷо чӣ кунад? Ӯ худ муназзаҳ бувад аз нафси ҳуруф ва асвот. Ва он ҷо на тисъа бувад, на тисъин, он ҷо ҳама аҳадият бувад. Ва тағоюри авсоф аз ихтилофи мавҷудот хостааст дар назари соликон. Он ҷо, ки Ӯст, тағоюр чӣ кунад? Якеро ба ҳақиқат ба чандин ҳазор ном бархонад. Дар

ҳар парда Ӯро чандин ном ва Ӯ худи Ӯст ва он ҷо ҷалоли ягонагии Ӯст, аммо чандин ҳазор сифатро ҷилва диҳад, то он ки ... худро аз ҳама пардаҳо берун оварад. Ва ин дар ин маънӣ ҳанӯз бисёр мебояд набиштан. Ва ин чун муқаддимае аст, то ба шарҳи зот ва сифот бибояд донистан, ки ҳақоиқи он чист. Пас назаре софӣ бояд аз шавоғили дунявӣ ва ухравӣ то Ӯро тавонӣ дарёфтан. Ва пас аз ин худ бинависам. Вассалом» [171, ч. 3, с. 312].

Аз гуфтаҳои фавқ равшан мешавад, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз илми забоншиносӣ, махсусан улуми махориҷи ҳуруф, сарфу наҳви забони форсӣ ва арабӣ хуб огоҳӣ дошта, забон ва шеваи нигориши номаҳояш низ аз сабк ва шеваи нигориши муншиёни замон фарқ мекардааст.

Баъзе аз вижагиҳои забонии насри «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ:

1) Тақдими феъл бар дигар аъзоҳои ҷумла: Пурсида буд, ки асомии Худой таоло аз сифот муштақ аст, чун самеъ ва басир [ 170, ч. 3, с. 309]. Мавзуъ набуд ва тозӣ вазъ карда, баъда вуҷуди алсинатиҳим ва баъда вуҷуди истилоҳиҳим, мутавозеун алайҳ будааст[ 170, ч. 3, с. 310].

2) Такрори феъл: Чӣ то забони порсӣ нанҳоданд, ҳуруфи «Худо» **мавзуъ набуд** ва то забони туркиро вазъ накарданд, ҳуруфи «Танкарӣ» **мавзуъ набуд** [170, ч. 3, с. 310].

3) Корбурди феъли амр бо «ме-»: Пас, **медон**, ки биҳишт чаро дар осмон бувад ва дӯзах таҳт-ул-арзи собиа [171, ч. 2, с. 352].

4) Ба кор бурдани «бо» ба ҷойи «ба»: Ҳарчанд мекӯшам, ки худро **бо** соҳил оварам, то чизе нависам, ки туро ба кор ояд... [171, ч. 1, с. 282].

5) Истеъмоли «боянд» ба маънои «лозиманд», «заруранд», «даркоранд»: Ин ҷо самандарсифатон **боянд**, то роҳ ёбанд... [171, ч. 3, с. 311].

6) Истеъмоли «донад» (шакли дигари «тонад») ба маънои «тавонад»: мард бояд, ки бӯе **донад** бурд (170, ч. 1, с. 449).

7) Корбурди «ав» ба маънои «ё», «бал», «балки»: Худоро Юсуф ва Зулайхо бисёранд… на фаризат аст, ки номи маъшуқи худ барад… Чунин бувад агар тавонад, вагарна аз ин мақом даргузарад ва ба ҷое расад, ки тамйизу

ақл бархезад, **ав** низ мегӯяд: Кӯшам, ки бипӯшам, санамо, номи ту аз халқ... » [171, ч. 2, с. 130-134].

8) Ҳазфи пешванди «ба-»: Ва чун ҷалолати ин ҳақиқат **тамом** битобад... [171, ч. 3, с. 311].

9) Истифодаи «во» ба ҷойи «ба» ва «бо»: ...худро **во** соликон намудан гирад [ 170, ч. 3, с. 311]. Ва агар гӯям, ки Мӯсо ва Исо ва Муҳаммад се одаме буданд, ки халқро **во** Худо даъват кардандӣ... [171, ч. 2, с. 392].

10) «Аънӣ» - калимаи феъл бар ивази «мақсудам ин ки» ва «яъне»: Акнун бидон, ки «осмон» ва «замин» дар ҳеч забоне, на порсӣ ва на тозӣ, **аънӣ** ҳуруфи манзум, набошад ва Худойи таоло будааст ва ҳаст [171, ч. 3, с. 310]. Ва ҳақиқати «Танкарӣ», **аънӣ** он чӣ аз ин калима фаҳм кунанд, «қадим-ул-вуҷуд» будааст» [171, ч. 3, с. 310].

11) Истеъмоли пасванди «-ак» ба маънии «андак» ва корбурди шеваю лаҳҷа, ба монанди чизак, корак, ҳарфак, ҳадисак, умедак, бештарак, равшантарак, рӯзак, роҳатак ва ғ.: Ҷаҳд кун, то пайваста аз молу ҷоҳи ту **роҳатак**е ба мустаҳиқ расад [171, ч. 1, с. 57].

12) Истеъмоли «кай» ба маънии «чӣ вақт», «чӣ замон» ва «кай бошӣ» ба маънии «кай фаҳм созӣ»: Эй дӯст! Ту, ки ҳанӯз кӯдаки ширхора бошӣ, ло бал ҷанину фи-р-раҳим бошӣ, ло бал ҳанӯз нутфае «بَيْنِ الصُّلْبِ وَالتَّرَائِبِ» бошӣ! Ин ҳадисро **кай** бошӣ?» [171, ч. 2, с. 160].

13) Ҳазфи пасоянди -ро: Акнун бидон, ки «осмон» ва «замин»(**-ро**; З.Ҳ.) дар ҳеч забоне, на порсӣ ва на тозӣ, аънӣ ҳуруфи манзум, набошад [171, ч. 3, с. 310].

14) Шарҳу тавзеҳи луғоти душвор: Ва ҳақиқати «**Танкарӣ**», аънӣ он чӣ аз ин калима фаҳм кунанд, «қадим-ул-вуҷуд» будааст [171, ч. 3, с. 310].

15) Гоҳе аз такрори феъл парҳез мекунад: Ва дар ин олам маониро худ ҳуруфи дигар бувад ва ҳуруфро калимоти дигар ва калимотро оёти дигар... ва оётро суваре дигар [171, ч. 3, с. 311].

16) Ба кор бурдани саҷъ: Ин ҷо самандарсифатон **боянд**, то роҳ **ёбанд** [171, ч. 3, с.311]. Ва чун **ҷалолат**и ин **ҳақиқат** тамом битобад [171, ч. 3, с. 311].

17) «Чун» ба маънии «то», «то ин ки»: Он ҷо парвонавор бояд будан, **чун** сӯхта гардад [171, ч. 3, с. 311].

18) Истифодаи зиёди «бад-ӯ» ивази «ба ӯ»: Дар роҳи талаб чун **бад-ӯ** расад, бар ӯ пар набувад [171, ч. 3, с. 311].

19) Истифодаи феъл байни сифат ва мавсуф: Ин ҷо агар ҳазорон **ҷон бувад қудсӣ**... [171, ч. 3, с. 311].

20) Такрори исм: Пас оташ ӯро аз пари худ паре диҳад [171, ч. 3, с. 311].

21) «Било фарқ» ба маънои «бе фарқ» ва такрори феъл: Он ки мехонӣ, ки «بُورِكَ مَنْ فِي النَّارِ وَمَنْ حَوْلَهَا» намедонӣ ва агар донистӣ, лоҷарам «أَنَّ لَهُمُ النَّارَ» ҳамчунон донистӣ **било фарқ**» [171, ч. 3, с. 311-312].

22) Шарҳи истилоҳоти ирфонӣ: Айнулқузот дар номаи мавриди баҳс шарҳи истилоҳоти ирфонӣ мекунад ва мегӯяд, ки назди ошиқони Ҳақ мурод аз «ҷон»- макони ҷони улвӣ, мурод аз «шароб»- маъшуқи ҳақиқӣ ва мурод аз «соқӣ»- Худованд ва дасти Парвардигор бошад, чунонки гӯяд: Ҷони қудсӣ то шароби таҳури Қуръонро аз дасти соқиёни Қуръон нӯш тавонад кард, аз дил ҷой созад ва аз маъшуқ шароб созад ва аз дасти «وَسَقَاهُمْ رَبُّهُمْ» соқӣ [ 170, ч. 3, с. 312].

23) Такрори ҷонишини шахси сеюми танҳо: Дар ҳар парда **Ӯ**ро чандин ном ва **Ӯ** худи **Ӯ**ст ва он ҷо ҷалоли ягонагии **Ӯ**ст, аммо чандин ҳазор сифатро ҷилва диҳад, то он ки ... худро аз ҳама пардаҳо берун оварад [171, ч. 3, с. 312].

24) Истеъмоли зиёди «хонагоҳ» ивази муаррабии он «хонақоҳ»: ... намози дигар бар турбати Фатҳа бикардам ва ба **хонагоҳ** бозомадам... [171, ч. 2, с. 35].

25) Табдили «дол» ба «то» (ҳарфи «д» ба «т»): ... шумо он оламро **надидает** ва низ номаш нашнида, бале номаш шунуда **бошет**, валекин ... мафҳумаш **надонистет**... [171, ч. 2, с. 392];

26) Тахфифи вожаю ибороти арабӣ, ба монанди «қуддаҳ» ивази «қаддаса сирруҳу», «салъам» ивази «саллаллоҳу алайҳи ва саллам», «таъ» ба ҷойи «таоло», «Буласан» ивази Абулҳасан ва ғ.: ... ҳафт сол кам ё беш Баракаро, **қуддаҳ**, медидам ва ҳаргиз заҳра надоштамӣ, ки даст фаро кафши ӯ кунам [171, ч. 1, с. 46]. Увайси Қаранро... гуфтанд: «Чаро ба зиёрати Мустафо, **салъам**,

нарафтӣ?» Гуфт: «Дили модар нигоҳ доштам» [171, ҷ. 1, с. 62]. **Булҳасан**и Хараҷонӣ дар ҳоле ин гуфтӣ, ки: «Эй ман маъшуқи ту!» Ва дар ҳоле дигар мегуфт: «**Буласану**ро дардест, ки то худойии Худо бар ҷост, он дард барнахоҳад хост» [171, ҷ. 2, с. 249].

27) Истифодаи калимоте, ки хоси гӯиш ва шеваю лаҳҷа мебошанд: товад-тобад; бодид-падид ва ғ.: Ва якеро аз пардаи азамат ва ҷабарут **товад**... [171, ҷ. 1, с. 370]. ... ва мазҳаби суфастоиён он гоҳ **бодид** оянд? [171, ҷ. 2, с. 298].

Хулосаи калом, «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба зоҳир содаю равон, аммо дар асл пур аз оёти Қуръон, аҳодису ақвол, калимоту иборот ва таркиботи арабӣ, ашъори форсиву арабӣ, лаҳҷа, андешаҳои ирфонӣ ва истилоҳоти тасаввуф ва намунаи беҳтарини забони насри аҳди Салҷуқиён ва номаю тарассули ирфонӣ дар таърихи забон ва адабиёти форсӣ - тоҷикӣ мебошанд.

## III.3. Касрати корбурди вожаю ибороти арабӣ, истилоҳоти ирфонӣ, оёт ва ҳуруфи муқаттаа дар «Номаҳо»-и Айнулқузот

Яке аз вижагиҳои дигари номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба касрат истифода намудани вожаю ибороти арабӣ, оёт ва ҳуруфи муқаттааи Қуръон, аҳодиси расул (с), баёни андешаҳои ирфонӣ, корбурд ва шарҳу тавзеҳи истилоҳоти тасаввуф мебошад. Қозии Ҳамадонӣ аксари авқот дар баробари корбурди оёту аҳодис чунон ба шарҳу тавзеҳи ирфонии онҳо мепардозад, ки дар сарчашмаҳои дигар ба ин миқдор наметавон пайдо кард. Чунончи, дар яке аз номаҳои худ ба таври мухтасар ба шарҳу тавзеҳи ният пардохта, аз ақволу аҳодис ва оёти Қуръони карим ба гунаи зер истишҳод намудааст: «Дар ин мактуб бисёр улум аст. Ва инро андешаи дароз бисёр бояд то ба рӯзгор пухта гардад. Ва ин муқаддимаест дар ҳақиқати ният, ки лобуд(д) муҳаққақ бояд, ки бувад, пас аз ин, иншоаллоҳ, бинависам, ки ният чист? «والاعمال بالنيّات» (амалҳо ба ният вобастаанд-З.Ҳ.) чӣ бувад? Ва «يحشر النّاس يوم القيامة على نيّاتهم» (мардум рӯзи растохез аз рӯйи нияташон гирд хоҳанд шуд- З.Ҳ.) чӣ маънӣ дорад? То «يموت المرء على ما عاش عليه» (Шахс ба хотири он чӣ, ки зиндагӣ кардааст, мемирад- З.Ҳ.) яқин гардад. Ва «نية المؤمن خيرٌ من عملهِ» (Нияти муъмин аз амалаш беҳтар аст- З.Ҳ.) чаро гӯяд? Пас «يَوْمَ تُبْلَى السَّرَائِرُ» (сураи Ториқ (86), ояти 9-ум: «Рӯзе, ки замирҳои мардумон имтиҳон карда шавад»- З.Ҳ.), « وَنُخْرِجُ لَهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ كِتَابًا يَلْقَاهُ مَنْشُورًا» (сураи Исро(17), қисмати сонии ояти 13-ум: «Ва рӯзи қиёмат барои ӯ номае берун орем, ки онро бозкушода бинад» - З.Ҳ.) ҳама пайдо гардад ва ҳамчунин зоҳир гардад «وَكُلَّ إِنْسَانٍ أَلْزَمْنَاهُ طَائِرَهُ فِي عُنُقِهِ» (сураи Исро (17), қисмати аввали ояти 13-ум: «Ва номаи амали ҳар одамиро муттасил баста бар гардани ӯ сохтем» - З.Ҳ.), эй ҳомила. Ва «طَائِرُكُمْ مَعَكُمْ» (сураи Ё.Син (36), қисмате аз ояти 19-ум: «Фоли бади шумо ҳамроҳи худи шумо аст» -З.Ҳ.), «وَأَخْرَجَتِ الْأَرْضُ أَثْقَالَهَا» («Ва замин борҳои худашро берун оварад»; сураи Залзала(99), ояти 2-юм - З.Ҳ.) ва «يَوْمَئِذٍ تُحَدِّثُ أَخْبَارَهَا» («Дар он рӯз замин хабарҳои худро баён кунад»; сураи Залзала(99), ояти 4-ум - З.Ҳ.) ва « لِيُرَوْا أَعْمَالَهُمْ» («…то ба онҳо ҷазои аъмолашон намуда шавад; сураи Залзала(99),

қисмати сонии ояти 6-ум - З.Ҳ.) ҳама чун офтоб равшан гардад. Аммо агар касе дида надорад, маро товон набвад, ع: Хуршед на муҷрим ар касе бино нест...» [171, ч. 1, с. 15].

Аз иқтибоси мазкур маълум мешавад, ки Айнулқузот мақсуди худро бештар бо калимоту ибороти арабӣ ва фармудаҳои Қуръон баён мекунад ва аз оёту аҳодис чунон моҳирона истифода менамояд, ки на ҳар як нависанда, номанигор ва олиму ҳофизи Қуръон ба чунин баёну нигориш қодир аст. Афзун ба ин, Айнулқузоти Ҳамадонӣ гоҳи зиёд тавассути оёти Қуръон андешаҳо ва мақсуди худро баён медорад. Чунончи, ҷое аз мақоми ошиқону восилони Ҳақ ёд мекунад ва мегӯяд: «Ин ҷо «وَاللَّيْلِ إِذَا عَسْعَسَ» (Таквир, ояти 17-ум) дар « وَالصُّبْحِ إِذَا تَنَفَّسَ» (Таквир, ояти 18) гум шудааст. Ин ҷо «وَالضُّحَى» (Зуҳо, ояти 1-ум) ва «وَاللَّيْلِ إِذَا سَجَى» (Зуҳо, ояти 2-юм) як нуқта гаштааст. Ин ҷо «وَاللَّيْلِ إِذَا يَغْشَى» (Лайл, ояти 1-ум) ва «وَالنَّهَارِ إِذَا تَجَلَّى» (Лайл, ояти 2-юм) рӯй дар ҳам овардааст. Ин ҷо холи маъшуқ нишони камоли ҷамоли ӯст. Ин ҷо пайдо нест, ки хол кадом аст ва ҷамол кадом? ع: Алҳақ, ба чунон зулф мусалмон натавон буд. Байт:

Шаб рӯз кунад ёр, чу бинмояд рӯй,
В-аз рӯз шаб оварад, чу бигшояд мӯй.
Он бинмояд, ки то биёрояд кӯй,
В-он бигшояд, ки то чу мушк ояд бӯй.

Агар ошиқ шавӣ, фарқ надонӣ миёни рӯйи дӯст ва мӯйи дӯст» [171, ч. 1, с. 214].

Аз мазмуни номаҳо равшан мешавад, ки Айнулқузот аз китобҳои ҳадис, монанди «Саҳеҳ»-и Бухорӣ ва «Саҳеҳ»-и Муслим хуб огоҳӣ дошта, бештар ҳамчун сарчашмаи боэътимод аз фармудаи онҳо истифода намудааст. Чунончи, дар номаи 128-ум мефармояд: «Дар «Саҳеҳ»-и Бухорӣ ё Муслим аст, ки чун рӯзи шафоат бирасад, Худои таоло гӯяд: «Шафоати анбиё бирасид ва раҳмати ман ҳанӯз мондааст». «فَيَأْخُذُ مِنَ النّارِ قَبضَةً اَو قَبضَتَينِ- الشَّكُّ مِنّى» (Пас ӯ, як мушт ё ду мушт (шакк аз ман аст) аз оташро бармегирад- З.Ҳ.). Ту донӣ, ки дар қабзаи Ӯ чанд гунҷад? Ҳайҳот!» [171, ч. 3, с. 278-279].

Айнулқузот бештар вожаю ибороти арабиро омехта бо калимоту ибороти форсӣ-тоҷикӣ ба кор мебарад ва гоҳи зиёд барои шоҳид мақол ё ақволи маъруфи арабиро баён медорад, ки аксари хонандагон ва муҳаққиқоне, ки андаке аз забони арабӣ огоҳӣ доранд, ба зудӣ метавонанд мақсуди суханварро фаҳм кунанд. Чунончи, дар номаи мазкур ҷое мефармояд: «Эй ҷавонмард, агар мараз (беморӣ-З.Ҳ.)-е набудӣ, сиҳҳату биззоти (тандурустӣ- З.Ҳ.) набудӣ ва агар фироқи маъшуқ набудӣ, кас лаззати висол надонистӣ. وَ بِضِدِّها تَتَبَيَّنُ الأَشياءُ (Ҳар чиз бо зидди он шинохта мешавад- З.Ҳ.)» [171, ҷ. 3, с. 279].

Айнулқузот дар «Номаҳо»-и худ мавзуоти мушкили динӣ ва ирфониро ба таври нисбатан сода ва бо мисолҳои дунявӣ шарҳу тавзеҳ медиҳад, ки аз шореҳ ва муфассири хуб буданаш хабар медиҳанд. Чунончи, ҷое дар бораи асбоби илмҳои рост ва заннҳои фосид чунин хабар медиҳад: «Акнун илмҳои ростро асбобе ҳаст, ки аз он асбоб дар вуҷуд ояд ва он асбобро малоика хонанд... ва ин асбоб аст, ки халқро ба саодати динӣ ва дунявӣ мерасонад... Ва заннҳои фосидро асбобе ҳаст, ки аз он асбоб дар вуҷуд ояд ва он асбобро шаётин хонанд..., ҳамчунонки Худойи таоло пироҳани дӯхта ва ширбиринҷи пухта наёфарид, бе воситаи одамӣ, зеро ки дар ҳикмати Ӯ ин набуд ва агарчи дар қудраташ ҳаст. Ҳамчунон ҳеч одамиро ба саодат ва шақоват нарасонад бе воситаи малоика ва шаётин, зеро ки дар ҳикмати Ӯ нест, агарчи дар қудраташ ҳаст...» [171, ҷ. 1, с. 14-15].

Дар «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ истилоҳоти зиёди ирфонӣ шарҳ дода шудаанд, ки аксар дар фарҳангномаҳои истилоҳоти тасаввуф ба назар намерасанд ва ё аз лиҳози шарҳу маънӣ аз онҳо фарқ мекунанд. Аз ҷумлаи онҳо истилоҳҳои «кофу нун», «тавҳид», «иттиҳод», «ваҳдоният» [171, ҷ. 1, с. 173], «шавқ», «басту қабз» [171, ҷ. 1, с. 320], «имон» [171, ҷ. 1, с. 322], «илмуляқин», «айнуляқин» [171, ҷ. 1, с. 354], «ҳаққуляқин» [171, ҷ. 1, с. 356], «ваҳдати вуҷуд» [171, ҷ. 1, с. 385; 170, ҷ. 2, с. 278], «ҳаром», «воҷиб» [171, ҷ. 2, с. 15], «намоз» [171, ҷ. 2, с. 20], «табзир», «бухл», «саховат», «эсор» [171, ҷ. 1, с. 218], «сабқати замонӣ» ва «сабқати маънавӣ» [171, ҷ. 1, с. 72], «ҳаҷ» ва «савм» мебошанд. Чунончи, зайли «Коф.Нун» шарҳу баёни чанд истилоҳи

дигар мекунад, ки ҳама ба ҳам вобастаанд: «... муродотро ниҳоят нест, балки як «کن» ҳамаи муродотро бас аст ва як илм ҳамаи маълумотро бас аст ва як иродат ҳамаи муродотро бас аст ва як қудрат ҳамаи мақдуротро бас аст ва яке аз кори ҳама мекунад. Ва агар чунин набудӣ сифати Ӯ ноқис будӣ... Пас «کن» каломи Ӯст ва каломи Ӯ илми Ӯст ва илми Ӯ қудрату иродати Ӯст ва иродати Ӯ дархури қудрати Ӯст ва ҷабарути Ӯ ҷаббории Ӯст ва ҷаббории Ӯ ҳақиқати аҳадийяти Ӯст ва аҳадийяти сифоти Ӯ дар аҳадийяти Ӯст ва он ҷо ки аҳадийят натобад, халқ набвад «كُلُّ مَنْ عَلَيْهَا فَانٍ» (сураи Раҳмон (55), ояти 26-ум: «Ҳар ки бар рӯйи замин аст, фонӣ шавад» - З.Ҳ.). Ва чун халқ бувад **тавҳид** бувад, на аҳадийят «شَهِدَ اللَّهُ أَنَّهُ لَا إِلَهَ إِلَّا هُوَ وَالْمَلَائِكَةُ وَأُولُو الْعِلْمِ قَائِمًا بِالْقِسْطِ» (сураи Оли Имрон (3), қисмати аввали ояти 18-ум: «Худо гувоҳӣ дод (Яъне: ошкор сохт), ки ҳеҷ маъбуде нест, магар Ӯ; ва фариштагон ва соҳибони дониш (гувоҳӣ доданд) дар он (ҳол), ки (Худо) ба адл тадбиркунанда (-и олам) аст»- З.Ҳ.). Ва чун малак бувад ва шаҳодат бувад, **тавҳид** аст ва чун малакут бувад ва ғайб бувад, **иттиҳод** аст. Ва чун **ҷабарути зот** бувад он ҷо на тавҳид монад ва на иттиҳод ва ваҳдоният бувад» [171, ҷ. 1, с. 173].

Дар шарҳи «шавқ» ва «баст»-у «қабз» гӯяд: «Модом ки ҳавсаларо қут медарбояд, дар ӯ инзиоҷе (беором шудан- З.Ҳ.) ва изтироб мебувад, ин ҳолатро **шавқ** гӯянд. Чун қут биёфт ва он инзиоҷи талаб ба сукунати виҷдон бадал афтод, он ҳолати шавқ ба ҳолате бадал афтад, ки онро **баст** гӯянд. Агар қут мутааззир бувад пеш аз талаб ё пас аз талаб, ҳолате дигар иқтизо кунад, ки онро **қабз** гӯянд» [171, ҷ. 1, с. 320]. Муаллифи «Миръоти ушшоқ» вожаи «шавқ»-ро чунин тавзеҳ кардааст: «**Шавқ** - инзиоҷ ва ҳаракати дилро гӯянд ба ҷониби маъшуқ, аммо баъд аз вусул ба матлуб нашъати шавқ зоил шавад ба хилофи ишқ ва дард, ки дар вусул бияфзояд...» [202, с. 159].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ вожаи «имон»-ро чунин шарҳ мекунад: «Ва имон худ ҳама ин аст: الایمان نصفان، نصفٌ صبرٌ و نصفٌ شکرٌ Сабр дар фироқ ва шукр дар висол» [171, ҷ. 1, с. 322]. Саҷҷодӣ дар шарҳи «имон» қавли урафои зиёдро оварда, аз ҷумла гӯяд: «**Имон**- эътиқоди қалбӣ ба касе ё чизе» [438, с. 171].

Қозии Ҳамадонӣ гоҳи зиёд маонии луғот ва истилоҳотро ба тариқи саволу ҷавоб баён намудааст. Чунончи, зайли шарҳу тавзеҳи вожаи «тоат» ин усули шарҳро ба кор бурдааст: «**Тоат** донӣ чӣ бувад? Он ки ба фармони Ӯ бошӣ» [171, ҷ. 1, с. 217]. Аммо Саҷҷодӣ «тоат»-ро мувофиқ бо ирода ва ё амр ва оммтар аз «ибодат» мехонад, чунонки гӯяд: «Тоат – дар истилоҳи орифон, яъне мувофиқати ирода ё мувофиқати амр аст, ки аам аз ибодат мебошад, зеро тоат гоҳ мувофиқи амри Илоҳӣ аст ва гоҳ номувофиқ бо он, аммо ибодат фақат дар итоат аз аҳком ва қавонини Илоҳӣ аст» [438, с. 549]. Аз муқоисаи ташреҳоти мазкур равшан мешавад, ки назди Айнулқузоти Ҳамадонӣ «тоат» маънии хос ва ҳамеша дар итоати фармон буданро дорад, аммо назди урафои дигар дар қиёс бо ибодат баёнгари маънии омм аст.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ гоҳе маънии луғот ва истилоҳоти ирфониро дар муқоиса бо истилоҳоти дигар баён медорад, ки аз донандаи хуби маонии луғот ва истилоҳот будани ин суханвари ориф хабар медиҳанд. Чунончи, вожаҳои «табзир», «саховат»-у «бухл» ва «эсор»-ро дар қиёс бо ҳам ва ба таври зерин шарҳу тавзеҳ намудааст: «Ҷавонмардо! Саховат дигар аст ва табзир дигар ва имсок ба шарт дигар аст ва бухл дигар. Ва чун мол на дар вуҷуҳи худ харҷ кунӣ, **табзир** аст. « الشَّيَاطِينِ إِنَّ الْمُبَذِّرِينَ كَانُوا إِخْوَانَ» (сураи Исро (17), ояти 27-ум: «Ба дурустӣ, ки исрофкунандагон бародарони шаётин ҳастанд...» - З.Ҳ.). Ва чун аз вуҷуҳи худ бозгирӣ, **бухл** аст. والبخيلُ لايدخلُ الجنّة. Ва чун базлу имсок ба ҷойи худ бувад, **саховат** аст. Ва чун аз ҳоҷати худ вогирӣ, барои ҳоҷати дӯстон ва дарвешон, инро **эсор** хонанд, ки «وَيُؤْثِرُونَ عَلَى أَنْفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ خَصَاصَةٌ» (сураи Ҳашр (59), ояти 9-ум: «...ва дигаронро бар хештан муқаддам медоранд, агарчи худ эҳтиёҷ дошта бошанд...» – З.Ҳ.). Ва чун аз худ ва дигарон вогирӣ, инро **шуҳҳи мутоъ** хонанд» [171, ҷ. 1, с. 217].

Дар фарҳангномаи С.Ҷ. Саҷҷодӣ, ки яке аз луғатномаҳои комили истилоҳоти тасаввуф аст, бо вуҷуди истифодаи манобеи зиёди ирфонӣ аз осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ истифода нашудааст. Аз ин рӯ, дар муқоиса бо луғатномаҳои ирфонӣ омӯхтани истилоҳоти сӯфияи «Номаҳо»-и Айнулқузот суди бештар доранд.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ монанди аксари суханварони ориф пӯшида доштани асрори ишқро яке аз шартҳои роҳ медонад. Агарчи асрори ишқ хуб медонад, гоҳи зиёд аз изҳори он парҳез мекунад. Аммо гоҳе чунон сухан аз розу рамз мегӯяд ва пардаи асрор медарад, ки дар ҳеч як аз номаҳо ва осори суханварони ориф наметавон назирашонро пайдо кард. Аз мазмун, сабк ва услуби баёни номаҳо равшан мешавад, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ аксари ақоиди ирфонӣ ва асрори ишқу ошиқӣ ҳангоми мастии ишқ ва завқу ҳол навиштааст, на дар замони ҳушёрӣ ва аз рӯйи хондаву шунида, яъне қол. Аммо замони ҳушёрӣ монанди ағлаби суханварони ориф пӯшида доштани асрори ишқ ва роҳи расиданро ба Ҳақ савоб медонистааст. Чунончи, ҷое дар ин хусус мегӯяд: «Эй дӯст, на ҳар чи медонам, битавонам гуфт. Ҳайҳот! Ҳайҳот!

Хок аз сари ин рози куҳан боз макун,
Худрову маро дар сари ин роз макун.

Ҳамчунонки одамӣ маҷбур аст, бар он ки худро бинакушад, ҳамчунин маҷбур аст бар он ки асрори Худойи таолоро бознагӯяд, агарчи воз тавон гуфт. Ва ман аз завқ менависам, на аз хонда ва шунида...» [171, ч. 3, с. 278].

Яке аз вижагиҳои «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҷиҳати шоҳиди фикр ба касрат овардани ҳуруфи муқаттаа ва шарҳу тавзеҳи адабию ирфонии онҳо мебошад. «Ҳуруфи муқаттаа» дар луғат ҳуруферо гӯянд, ки ҷудо навишта мешаванд ва ҳуруфе, ки ҷиҳати ихтисор ба ҷойи калимот нависанд. Ин ҷо муроди мо ҳуруфи фавотеҳи сувари Қуръон аст, ки чаҳордаҳ ҳарф ( ا، ل، م، ر، ص، س، ک، ی، ح، ع، ق، ط، ه، ن) бошанд [432, ч.14, с.21326]. Баибораи дигар, ҳуруфи муқаттаа ҳарфҳое мебошанд, ки дар оғози 29 сураи Қуръон омадаанд, ки аз онҳо 26 сураи маккӣ ва 3 сураи маданӣ мебошанд. Аксари муфассирон ва муҳаққиқон ин ҳуруфро сирри Илоҳӣ гуфтаанд ва ба он боваранд, ки касе ба ҷуз Худованд фаҳми он накунад. Баъзе аз донишмандон ба он ақидаанд, ки дар сураҳои мазкур теъдоди ин ҳуруф нисбат ба ҳарфҳои дигар бештар аст [215, с. 256-257]. Зоҳиран, Айнулқузоти Ҳамадонӣ низ ҷонибдори ҳамин фикр аст, зеро ҷое ба ин маънӣ ишора намуда мегӯяд: «Аз ҳуруфи муқаттаа дуруст

мешавад ё на падид бувад, ки зоҳири калимоти Қуръон чанд аст» [171, ч. 1, с. 166].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба касрат ҳуруфи муқаттааро ба маънии пӯшида ва дур аз фаҳм будани Қуръон ба кор бурда, бамаврид ба шарҳу тавзеҳи ирфонии онҳо пардохтааст. Аз ҷумла, зайли номаҳои 1-ум, 15-ум, 19-ум, 20-ум, 26-ум, 34-ум, 35-ум, 40-ум, 42-юм, 43-юм, 48-ум, 59-ум, 68-ум, 74-ум, 82-юм, 83-юм, 86-ум, 89-ум, 92-юм, 94-ум, 101-ум, 135-ум, 138-ум, 144-ум шарҳу тафсири адабӣ ва ирфонии ҳуруфи муқаттаа мекунад [171, ч. 1, с. 6, 126, 127-128, 129, 165-166, 171-172, 220, 224, 286-287, 294-295, 320, 333-334, 341, 376, 449; ч. 2, с. 60, 111, 184, 188, 209, 233, 246, 289-290, 291, 381; ч. 3, с. 311, 329-330, 331, 384]. Аз иқтибоси зер равшан мешавад, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ маънии ҳуруфи муқаттаа медониста ва маҳз ба сабаби фаҳмидану донистани маонии пӯшидаи онҳо имонаш нисбат ба Қуръон афзун гаштааст: «Ҷойи дигар мегӯяд: «**ن**»، «**ق**»، «**الر**»، «**طسم**»، «**المص**»، «**حمعسق**» ту чӣ донӣ, ки ин чист? Ба ҷалолу қадри Худой, ки рӯзгоре бар ман гузар кардааст, ки агар на ин ҳуруфи муқаттаа ёфтаме дар Қуръон, маро ҳеч имон набудӣ ба Қуръон...» [171, ч. 1, с. 126].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ зайли номаи 26-ум ҳуруфи муқаттааи «Алиф.Лом.Ро»-ро чунин шарҳи адабӣ ва ирфонӣ намудааст: ««**Алиф**»-и улуҳийяти Ӯ ҳамаи вуҷудро посдор аст. Ва «**лом**»-и лутфи Ӯ ҳамаи малак ва малакутро ҳимоятдор аст. Ва «**ро**»-и рубубияти Ӯ ҳамаи оламро Парвардигор аст... Ҷавонмардо! Аз Қуръон бишнав: «**الر، حم، ن**» ин ҳуруф дар аввал се сурат гуфтааст ва ҳамаи ҳуруф «**الرّحمن**» аст. Агар «**ن**» шоҳиди солик аст, «**الر**» машҳуди ҷалоли лам язал аст. Ва агар алифи «**الر**» шоҳиди вусул аст, «**ن**» шуҳуди ғайб аст ва «**حم**» алалҳолатайн ҷабарути зот аст. Ва авсофи Ӯ муттасил ба лам язал» [171, ч. 1, с. 224].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳар яке аз ҳарфҳои Қуръонро дорои ҳазорон сир медонад ва ҷое аз номи Ибни Аббос мефармояд: «Ибни Аббос донад, то тавонад гуфт: «**Алиф**» Аллоҳ бувад ва «**лом**» Ҷабраил ва «**мим**» Муҳаммад. Ту чӣ донӣ, ки Ибни Аббос чаро гуфт. Як шаб Алии Бутолиб Ибни Аббосро

гуфт: «Тафсири «алиф»-и «алҳамдулиллоҳ» чист?». Гуфт: «Надонам». Соате як шарҳ кард аз баҳри Ибни Аббос. Пас гуфт: «Тафсири «лом»-и «алҳамд» чӣ бувад?». Ибни Аббос гуфт: «Чӣ донам?». Соате дигар шарҳи «лом» дод. То «дол»-и «алҳамд» расид, субҳ баромада буд. Ту пиндорӣ, ки ин тавонад буд, ки «алиф»-у «лом»-у «ҳо»-ву «мим»-у «дол»-ро тафсире тавонад буд? Ба ҷалоли қадри Худо, ки мубтадиён ин донанд, то туро ин азим наёяд. Ва касе ин донад, ба ҷалоли лам язал, ки ҳар ҳарфе аз ҳуруфи Қуръон чандин ҳазор сир дорад ва ҳазор-ҳазор зиён дорад. Бо ҳар диле сирре дигар гӯяд ба забони дигар. Ту куҷоӣ? Пиндорӣ, ҳар чӣ туро надоданд, худ нест? Ҳайҳот:

Мурғе, ки хабар надорад аз оби зулол

Минқор ба оби шӯр дорад ҳама сол» [171, ч. 3, с. 330-331].

Қозии Ҳамадонӣ ҷое ҳуруфи муқаттааро номҳои пӯшидаи Худованд мехонад ва мегӯяд: «Ва агар дар номҳо Ӯ бисёр пӯшида набудӣ, ҳаргиз ҳуруфи муқаттаа набудӣ дар Қуръон, ки «المص، طسم، يس، ق، ن» [171, ч. 1, с. 220]. Зайли мактуби дигар тамоми улуми Худойро нуҳуфта дар ҳуруфи муқаттааи «Алиф.Лом.Мим» медонад ва мегӯяд: «Ҳар чи дар илми Худой аст, ҳама дар тайи иззи «الم» аст, аммо мард бояд, ки бӯе донад бурд» [171, ч. 1, с. 449].

Дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ҳуруфи муқаттааи «Алиф.Лом.Мим.», ки дар оғози сураи Бақара ва Оли Имрон омадаанд, чунин шарҳу тавзеҳ ва тарҷума шудаанд: «Манам Худои доно» (44, с.17 ва с. 175). Ҳангоми муқоиса равшан мешавад, ки шарҳу тавзеҳи Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» фарқи зиёд дорад.

Айнулқузот зайли номаи бистум низ ба шарҳи ирфонии ҳуруфи муқаттаа мепардозад ва мегӯяд: «Ва чун солик ба бидояти ин сифат расад, аҷоиби муъҷизоту каромот ва оёти қазову қадар ба ӯ макшуф шавад ва «коф»-и «كهيعص» киноят дон аз бидояти он, ки соликро мабзул гардад аз «كن», ки исми аъзам аст. Ва чун ба ниҳояти «كن» расад, «нун» бинад, ки «ن وَالْقَلَمِ وَمَا يَسْطُرُونَ» пайвандад...» [171, ч. 1, с. 171].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ маонии ҳуруфи муқаттааро гоҳе пӯшида мехонад ва гоҳе ошкору равшан. Шояд ба он сабаб ки маонии ин ҳуруф назди

бехаброн пӯшида ва нуҳуфта бошад, аммо назди орифону ошиқон ва соликони роҳи Худо чун рӯз равшан, чунонки ҷое ба ин маънӣ ишора намуда мегӯяд: «Эй азиз! Агар ту гӯйӣ: «Ин ҳама дар Қуръон куҷост?» Ман гӯям: «Дар тайи иззи ҳуруфи «حم عسق. طسم. المص». Чӣ гӯйӣ? Ин ҳуруф ҳеч маънӣ дорад ё на? Чаро бар саҳро нанҳоданд? Ва агар гӯйӣ: «Чаро ту бар саҳро мениҳӣ?» Бидон, ки ҳам дар парда аст, ин ҳадис ба саҳро наёяд худ, ло бал ҷуз бар саҳро нест. Аммо кӯронро ба саҳро роҳ нест. Нашнидаӣ, ки чӣ гуфтанд:

Ошное қасди ман карду надиду бозгашт,

Ошно ҳаргиз надидам, эй аҷаб, ман ҷуз ба дашт» [171, ч. 1, с. 171].

Хулоса, Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳангоми нигориши номаҳо ба касрат аз вожаю ибороти арабӣ истифода карда, ҷиҳати тақвияту шоҳиди калом бамаврид аз оёту аҳодис, ақволу осори арабии бузургони дин ва адабу ирфон мадад ҷустааст. Бо вуҷуди он ки забони номаҳои Айнулқузот бисёр равону ширин аст ва ҳар як хонандаро дар оҳанги худ ғарқ месозад, нафароне, ки забони арабӣ намедонанд ва аз фармудаҳои Қуръони карим, ахбори расул (с), тасаввуфу ирфон, розу рамз ва маънии истилоҳоти хоси орифон иттилоъ надоранд, наметавонанд ба қадри кофӣ муроди суханварро фаҳм кунанд. Аз ин рӯ, ҳар як хонанда ва муҳаққиқи «Номаҳо»-и ӯро лозим аст, ки на танҳо аз забони арабӣ, балки аз шарҳу тафсири оёту аҳодис ва маонии истилоҳоти тасаввуф низ огоҳ бошад, дар акси ҳол аз мақсуди нигоранда, чунонки бояд, пай нахоҳад бурд ва матлаби суханварро дарк нахоҳад кард. Истилоҳоти ирфонии «Номаҳо»-и Қозӣ дар маҷмуъ метавонанд як фарҳангномаи истилоҳоти ирфониро ташкил кунанд, ки ҷиҳати шарҳу тавзеҳ ва маърифати осори худи суханвар ва урафои дигар хидмати беназир хоҳад кард.

## III.4. Аҳаммияти адабӣ ва вижагиҳои «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ

### III.4.1. Назари Айнулқузоти Ҳамадонӣ нисбат ба шеър

Яке аз вижагиҳои дигари «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ороста будани он бо шеър аст. Суханвари ориф ҳини баёни андешаҳои ирфонӣ ва посух ба пурсишҳои муридон ҷиҳати шоҳид ва тақвияти фикр ба касрат аз ашъори форсӣ ва арабӣ истифода намудааст, ки аксар рубоӣ ва мисраъву абёти ҷудогона аз ғазалиёту қасоид ва қитъаоту маснавиёт мебошанд.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ нисбат ба шеър дидгоҳи махсус дорад. Шеър назди ин суханвари ориф ҳамчун оинае аст, ки ҳар ки дар он сурати аҳволи худ ва хештани хешро метавонад бибинад. Чунончи, дар яке аз номаҳои худ нахуст дар хусуси ба камоли маърифат нарасидани ҳеч як офарида, фарқи назари ориф аз омӣ, дар ақл нағунҷидани он ҷаҳон, дар ҳавсалаи мардуми одӣ нағунҷидани илми анбиё ва авлиё, камтар аз қатрае будани ҳамаи олам дар назди илми азалӣ ва ғ. баҳс намуда, сипас, барои тақвияти фикр ду рубоии зерро меорад ва онҳоро мисоли оинае дар пешорӯйи мухотаб медонад: «Пас бидонӣ, ки мардон мардро дар ин роҳ чӣ гуна дида ва диданӣ аз даст фаро ниҳодаанд, чунонки яке аз ин маънӣ хабар дод, рубоӣ:

Дар дидаи дида, дидае бинҳодам
В-онро ба ҷамоли Ӯ ҷило медодам,
Ногаҳ ба сари кӯйи камол афтодам,
Аз дидаву диданӣ кунун озодам.

Ва ҳам аз ин маънӣ бувад, ки дигаре дар шеър гуфт, рубоӣ:

Гуфтам: «сари зулфайни бутам бишморам,
То ҷумла батафсил ба берун орам».
Мӯйе зи сари зулфи ту, эй дилдорам,
Як печ бипечиду табаҳ шуд корам.

Ҷавонмардо, ин шеърҳоро чун оина дон! Охир донӣ, ки оинаро сурате нест дар худ, аммо ҳар ки дар ӯ нигаҳ кунад, сурати худ тавонад дид. Ҳамчунин

медон, ки шеърро дар худ ҳеч маънӣ нест, аммо ҳар касе аз ӯ он тавонад дидан, ки нақди рӯзгори ӯ бувад ва камоли кори ӯст. Ва агар гӯйӣ шеърро маънӣ он аст, ки фоилаш хост ва дигарон маънии дигар вазъ мекунанд аз худ, ин ҳамчунон аст, ки касе гӯяд: «Сурати оина сурати рӯйи сайқал аст, ки аввал он сурат намуд» [171, ч. 1, с.216].

Аксари хонандагон ва ҳатто баъзе аз муҳаққиқону шореҳони ашъори адабӣ кӯшиш месозанд, ки мақсуди муаллифро дарёбанд ва ба он боваранд, ки шоир дар ашъори худ бештар мақсуд ва аҳволи худро баён медорад. Аммо ақидаи Айнулқузоти Ҳамадонӣ нисбат ба шеър ва шоир дигар аст. Ба назари ӯ, шеър дар худ ҳеч маъно надорад ва ҳар нафари хонанда метавонад аҳволи хеш аз он дарёбад. Аз ин рӯ, шеърро ба оина ташбеҳ мекунад. Оина ба худии худ холӣ аз сурат аст ва ҳар касе, ки ба он рӯбарӯ мешавад, дар он сурати хеш мебинад. Ба ақидаи ӯ, шеър низ ба худии худ то замоне ки хонандае ба он рӯй меорад, маъное надорад ва ё маънои он пӯшида аст. Ҳар як хонанда ба қадри фаҳм ва дониши худ метавонад маърифати шеър кунад. Фаҳму дарк ва маърифати як ғазали Саъдӣ ё Ҳофиз аз ҷониби хонандаи одӣ дигар асту аз ҷониби муҳаққиқи саъдишинос ва ҳофизшинос дигар. Имкон дорад, ки як нафар бо гузашти солҳо ва такмили донишу маърифат маъниҳои дигаре аз як шеър берун созад, чунонки бо гузашти солҳо сурати як шахс назди оина дигар шавад ва як хел намонад. Шахс чун ба оина назар месозад, сурати худ мебинад ва намедонад, ки он оинаро кӣ ва дар кадом замоне сохтааст. Аз ин рӯ, назди Айнулқузот низ муҳим маънои шеър аст ва ӯро бо сароянда ва сарчашмаи он, ки кист ва кадом аст, коре нест. Ба занни қавӣ, яке аз сабабҳои бидуни зикри сароянда овардани ашъори истишҳодшудаи номаҳо низ таваҷҷуҳ ба маонии ашъор аст, на гӯяндаи онҳо. Назди Айнулқузоти Ҳамадонӣ зикри сарояндаи ашъор чандон муҳим нест. Шояд ба ин сабаб, гоҳе абёти форсӣ аз номи як шайх ва орифи араб меорад ва гоҳи дигар аз номи Иблис. Лозим ба зикр аст, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ ашъори форсӣ ва арабии номаҳоро барои истишҳод, мисол ва тақвияти фикри худ овардааст. Ба ибораи дигар, ашъори истишҳодшуда ҳосили назар ва маърифати Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз он

ашъор аст. Аз ин рӯ, ҷиҳати дарёфти мақсуди Қозии Ҳамадонӣ аз ин ашъор бояд ба он матолибе, ки қабл аз истишҳоди онҳо баён намудааст, рӯй овард.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ бинобар нобасомонии авзои сиёсӣ ва ба душманияш бархостани Абулқосими Даргузинӣ – вазири Султон Маҳмуди Салҷуқӣ ва қисме аз намояндагони дину мазҳаб, ба таври пӯшида гуфтани матлаб ва пинҳонӣ пахш намудани номаҳои худро яке аз сабабҳои раҳоӣ аз шарри онҳо медонист. Аз ин рӯ, дар яке аз номаҳои худ шеърро яке аз василаҳои гурез аз таъну тухмати душманону ҳарзагӯён ва ошкор накардани худ мехонад. Чунонки гӯяд: «Чи агар зоҳир бигӯям аз ҳарзагӯён тарсам ва чун дар шеър бигӯям ва бигрезам, ҳар касе пай натавонад афтод. Ва низ натавонад гуфт, ки чӣ хостӣ? Аммо соҳиби басират донад, ки «الحرُّ يكفيهِ الإشارةُ». Агарчи ту пай натавонӣ бурд, аммо бисёранд, ки битавонанд, пас дар ин нома мақсуд туӣ, валекин мин ҳайс-ул-маҷозӣ, аммо мин ҳайс-ул-ҳақиқати мақсуд касе аст, ки ин фаҳм кунад...» [171, ч. 2, с. 274]. Ба эҳтимоли наздик ба яқин, яке аз сабабҳои дигари истишҳоди ашъори зиёд дар номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба таври пӯшида баён намудани матлаб ва гурез аз забони ҳарзагӯён будааст, ки дар иқтибоси фавқ ба таври равшан ишора намудааст.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ гоҳе ҳамчун шореҳ муроди шоирони ориф ва сӯфияро аз корбурди луғот ва истилоҳоти ирфонӣ баён дошта, фарқи маонии луғавию ирфонии онҳоро таъкид сохтааст. Чунончи, зайли номаи 94-ум муроди урафо ва шуарои сӯфимашрабро аз корбурди вожаи «бут» ва «бутпараст» баён намуда, бехабар будани оммаи мардум ва номаҳрамонро аз муроди онҳо изҳор мекунад ва ҷиҳати иттилои бештари мухотаб ба шарҳу тавзеҳи рубоии истишҳодшуда мепардозад: «Ва агар восиле гӯяд, масалан: «Агар фалон кас дар Рум бутпараст аст, маъшуқи ман аз ҳар буте боҷамолтар аст ва ман низ аз ҳама олам бутпарасттарам» ин сухан рост бувад. Ва чун касе пиндорад, ки ин кас бутпарастии зоҳир мегӯяд, аз ҷаҳли худ дар ғалат афтода бувад. Ва чун шуаро гӯянд «эй бут» ва «эй санам», донӣ, ки чӣ хостаанд? Ва чун маъшуқро алалитлоқ бут хонанд, пас ҳар кас худ ҳам он ҷо ки ҳаст, бутпараст аст. Ва агар шоире гӯяд масалан: «Агар фалон кас офтобу моҳу

ситора мепарастад, ман аз ӯ парастандатарам моҳу офтобро, чӣ ман бандатарам маъшуқи худро ва маъшуқи ман аз офтобу моҳ боҷамолтар аст, ин сухан рост бувад, чунонки гуфт:

Моҳиву маҳи фалак парастандаи туст,
Кабкиву ҳазор боз паркандаи туст.
Як шаҳр шакарчини шакархандаи туст,
Мискин тани ман зи баҳри дил бандаи туст.

Акнун агар маъшуқро «моҳ» хонанд ва моҳи саморо парастандаи ӯ хонанд ва агар ошиқ худро офтобпарасту моҳпараст ва ситорапараст хонад, рост бувад ва ту надонӣ ва ӯро бад-ин бавоиси бисёр бувад, ки ин гӯяд» [171, ч. 2, с. 305-306].

Хулоса, Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар бораи шеър дидгоҳи хоси худро дорад. Қозии Ҳамадонӣ шеърро монанди оинае медонад, ки ҳар як хонанда метавонад хештани хеш ва ё мани худро аз он пайдо намояд. Афзун ба ин, назди ин суханвари ориф шеър як навъи пӯшидагӯӣ ва яке аз василаҳои дур шудан аз забони душманон ва ҳарзагӯён аст.

## III.4.2. Андешаҳои ахлоқӣ ва тарбиявӣ дар «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ

Яке аз вижагиҳои «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҷиҳати шоҳид ва фаҳми бештари мухотаб овардани мисолҳои нисбатан сода ва баргирифта аз рӯзгор аст, ки аксар аҳаммияти тарбиявӣ ва ахлоқӣ доранд. Чунончи, Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҷое мухотабро панд медиҳад, ки ҳар чи аз ҷониби Худо мерасад, розӣ бояд буд, зеро агарчи ба зоҳир он мақбулу писандида нест, дар асл раҳмат ва меҳрубонӣ бошад, аммо агар мушкилӣ ва ё бадбахтие пеш омад, ҷиҳати рафъи он бояд кӯшиш кард, на розӣ: «Агар туро, масалан фарзанде азиз бувад ва ӯро ба зарурат ҳиҷомат бояд кардан, ту ӯро ба ҳиҷомат биранҷонӣ ва бад-он розӣ буда бошӣ ва бо ризои ӯ аз баҳри ранҷи ӯ ранҷурдил бошӣ. Пас ҳам розӣ бошӣ ва ҳам ранҷур. Аммо ризо аз баҳри маслиҳати ӯ аст. Ва ранҷ аз он рӯй бувад, ки ранҷур мегардад. Ва ҳамчунин ба ҳар чи Худойи

таоло кунад, розӣ бошӣ аз он рӯй, ки Ӯ мекунад. Ва чун коре сабаби шақоват фармуд, аз ин рӯй бад-он рӯй мункир мабош ва дар изолати он кор саъйе тамом мекун» [171, ч. 2, с. 222].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар ҳама кор сидқ ва ихлосро беҳтар аз одат ва зоҳирпарастӣ медонад ва назди ӯ амали андаки содиқона беҳтар аз амали зиёди риёӣ ва камоли одамӣ дар фармонбардорӣ аст. Ҷиҳати фаҳми бештари мухотаб мисоли зерро меорад ва мухотабро даъват ба фармонбардорӣ мекунад: «Як ракъат намоз, ки ба фармони соҳибдиле кунӣ, беҳ аз ҳазор ракъат, ки боис бар он одат аст ва як динор, ки ба фармон ба садақа диҳӣ, беҳ аз ҳазор динор, ки боис бар он риёву самъат ва ҳавои нафс бувад... як рӯз, ки ба фармони Ҳақ рӯза дорӣ, беҳ аз ҳазор рӯза, ки ба ризои худ дорӣ. Аммо туро барги он нест, ки ба фармон зиндагонӣ кунӣ ва ҳар чи туро мувофиқ ояд, бишнавӣ ва ҳар чи бо табъи ту насозад, нашнавӣ. Ин на фармонбардорӣ бувад...» [171, ч. 1, с. 44-45].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ устоду муаллим ва пиру муршидро сабаби камоли шогирд ва мурид медонад ва дар ҳама амал зарурати пири роҳнамойро таъкид месозад. Ба андешаи ӯ, муршид бояд ба оҳистагӣ муридро аз асрори сулук огоҳ созад, на ба якборагӣ, дар акси ҳол муриду шогирд аз ин роҳ берун шаванд ва рӯй битобанд, чунонки зайли номаи ҳафтум гӯяд: «Аммо як нукта бидон, ки аз аъмоли муроӣ ва мунофиқ он гаҳ ба ихлос роҳ бувад, ки ба фармони пире кунад, ки ӯ донад, ки шаётинро аз ниҳоди мурид бе илми мурид чун бирабояд ангехтан! Аммо чун аъмол аз роҳи одат бувад, на ба фармони соҳибдил, онро ҳеч самар набувад, ҷуз зиёдати нифоқи риё ва ширку уҷб ва дигар сифоти мазмум... Аз он ҷо, ки илми ӯ бувад, муридро дархури ӯ чизе фармояд. Ва чун вақт ояд, камин бигшояд ва ҳар рӯз қавме аз шаётин берун кунад, то он ҷо, ки «ло илоҳа иллаллоҳ» рахти худ дар ниҳоди мурид биниҳад, ки агар асрори ин кор бо мурид гӯяд, дар рӯзи аввал мурид бигрезад. Ва агар надонад, ки ин набояд гуфтан муридро, ин кас худ пириро нашояд» [171, ч. 1, с. 49]. Сипас асрори дигари устодиву шогирдӣ ва пириву муридӣ баён месозад ва мегӯяд, ки шогирд ва мурид аз тарбияти зиёд ва муттасил ба камол расанд, на якборагӣ. Агарчи дар оғоз ба тақлиду риё вориди ин роҳ шаванд, ба сабаби

тарбияти пиру устод камол хоҳанд ёфт ва барои шоҳиди ин фикр аз кӯдаке бадхат ёд мекунад, ки ба сабаби тарбияти устод хушхат мегардад. Чунончи, гӯяд: «... амали мурид чун ба фармони пир бувад, агарчи омехта бувад ба риё ва нуқсон, оқибат он ба ихлос кашад... Эй дӯст, аз он ҷо, ки қусури назари туст, ин нукта ба мисоле беҳтар фаҳм кунӣ. Набинӣ, ки чун кӯдак хат нависад, дар аввал бад нависад, аммо чун устоди ҳозиқ ӯро иршод кунад, аз бад навиштан ӯро ба камоли хат расонад... агар кӯдаки ҳафтсоларо гӯянд «рӯза дор ва намоз кун», ин ба ҷуз аз роҳи одат ва бими падар нашнавад, Лекин ин роҳ ба камол бувад, бале, ба як шарт, агар пире бувад, ин кӯдакро батадриҷ ба ихлос расонад ва агар пир набвад, одат дар ӯ марази музмин гардад ва аз ӯ ҳеч наёяд, илло мошааллоҳ. Набинӣ, агар касе хат бад нависад, аз худ беустоде, агар панҷоҳ сол нависад, аз ӯ ҳеч наёяд. Ва ин хат, ки ману ту менависем, агарчи ала-т-таъйин аз устоде наёмӯхтем, аммо хатҳои бисёр дида бошем, то ин қадар ҳосил шуда буд. Ва ин ҳам омӯхтан бувад. Агар қиёс кунӣ, ки агар ҳаргиз чашм бар ҳеч котиб наяфтодӣ ва ҳеч хат нек надидӣ, лобуд(д) хатти мо ҳам ба дараҷаи аввал будӣ. Ва низ агар бисёр нанвиштаме, аз хатти бад дасти мо бад-он рост нашудӣ» [171, ч. 1, с. 54]. Аз иқтибоси мазкур равшан мешавад, ки дар ҳар кор ҷаҳд ва такрор зарур бошад ва, ба қавли маъруф, «хуш кардан аз пур кардан аст». Дар акси ҳол бидуни саъйу кӯшиш, такрор ва меҳнати пайваста касе ба мақсуд нахоҳад расид.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ номи пир ва муршид набурдани муридро аз шарти адаб медонад ва бар он бовар аст, ки номи пир набурдани мурид сабаби эҳтироми пир ва таъзим бошад. Дар номае ин матлабро ба таври равшан баён намудааст: «Бисёр кас аз муридон будаанд, ки ҳаргиз номи пирон набурдандӣ, то даҳон ба гулоб нашустандӣ ва ҷамоате будаанд, ки ҳаргиз номи пири худ набурдаанд... Қавме Худойи таолоро ном баранд ва надонанд, ки он худ чӣ бувад. Ва қавме пири худро ном набаранд, ки аз Худойи таоло чизе дониста, чӣ хабар доранд, ки пирро ин ҳама таъзим аз он аст, ки дилаш маҳалли маърифати Худой бувад» [171, ч. 1, с. 105]. Аз иқтибоси фавқ равшан мешавад, ки шинохту бузург доштани пир ва устод болотар аз он аст, ки аз ӯ ном баранд

ва ифтихор кунанд. Ба зоҳир устод хондану қадри ӯ надонистан пеши Қозии Ҳамадонӣ номи Худой бурдан, аммо бузургиву сифоти беназири Ӯ нашнохтан аст. Бидуни тардид, Айнулқузоти Ҳамадонӣ ин шарти адаб худ риоят мекард, чунонки ҷое аз қурби ҳафт сол дар хидмату мулоқоти Барака будани худ ва заҳрае фаро кафши ӯ надоштани хеш ба таври зер ёд месозад, ки ҳам аҳаммияти тарбиявӣ ва ҳам тарҷумаиҳолӣ дорад: «Ва аз одат он гоҳ бархоста бошӣ, ки хидмати кафше кунӣ. Ва хидмати кафш на он бошад, ки кафш рост биниҳӣ, ки туро ҳанӯз ин истеҳқоқ нест, ки шояд даст фаро кафши мардон кунӣ, ки ҳафт сол кам ё беш Баракаро, қуддаҳ, медидам ва ҳаргиз заҳра надоштаме, ки даст фаро кафши ӯ кунам» [171, ч. 1, с. 46].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳар амалро баста ба ният ва ҳар ниятро дархури имон медонад ва тибқи фармудаи ҳадис нияти муъминро беҳ аз амали ӯ мехонад ва мегӯяд, ки дар як вақт беш аз як амал наметавон адо кард, зеро чун ба яке машғул гашт, аз дигаре боз хоҳад монд. Барои шоҳид аз ният ва амали Увайси Қаранӣ, Абубакри сиддиқ ва Ибни Сирин ёд мекунад ва мегӯяд: «Увайси Қаранро, разиаллоҳу анҳу, гуфтанд: «Чаро ба зиёрати Мустафо, салъам, нарафтӣ?» Гуфт: «Дили модар нигоҳ доштам». Ва чунин тавонад буд, ки модараш соҳибдил будааст ва ё ҷуз вай мутааҳҳиде надошт, вагарна зиёрати сайид, салъам, дар боқӣ накардӣ. Ва ҳар чи соҳибдил кунад, дархури нияти худ тавонад кард ва нияти ӯ дархури имони ӯ тавонад буд... Воаҷабо, аз кори Абубакри сиддиқ, ки зану фарзанд ба Макка гузошт ва дар сухбати сайид, салавотуллоҳи алайҳ, ҳиҷрат кард... Ибни Сирин намоз бар ҷанозаи Ҳасани Басрӣ накардӣ ва гуфт: «Маро нияте нест» [171, ч. 1, с. 62]. Сипас, Айнулқузоти Ҳамадонӣ шарҳи ҳадиси мазкур мекунад ва мегӯяд, ки агарчи одамӣ дар як вақт наметавонад беш аз як амали савоб кунад, метавонад дар як вақт чанд нияти нек кунад ва чандин савобро соҳиб шавад: «Амали муъмин яке тавонад буд дар ҳар ҳоле, аммо нияташ ба ҳама хайрот ва тоот бирасад. Пас савоби аъмоли муъмин маҳдуд аст, ки амалаш маҳдуд аст ва савоби нияти ӯро ҳадде нест, ки хайроту тоот дар нияти ӯ номаҳсур аст. « نیّت المؤمن خیرٌ من عمله» ин бувад, то донӣ» [171, ч. 1, с. 64]. Ин ҷо Айнулқузоти Ҳамадонӣ

мухотаб ва хонандаи номаҳои худро панди орифона медиҳад, ки нияти нек бисёр кунад ва савоби бештар ба даст орад.

Дар номаи дигар сабр фармудану илму дониш андӯхтан ва рӯй ба ахлоқи ҳамида оварданро васф намуда, дурӣ гузиданро аз ахлоқи мазмума панд медиҳад ва мегӯяд, ки на ҳар кас аз ҳақиқати ин авсоф огаҳ бошад: «Дигар, гуфта буд, ки сабр фармудан кори мардон аст. Ин рост аст, валекин илм парвардан ва дониш ҳосил кардан ҷаҳоне дигар аст ва ба авсофи маҳмуд муттасиф шудан ва аз авсофи мазмум мутааррӣ гаштан худ ҷаҳоне дигар аст. Маро илм ба зуҳду сабр ва тавҳиду таваккул ва ризову таслим ва қаноату муҳаббат ҳосил аст, аммо аз ҳақоиқи ин авсоф бағоят дурам» [171, ҷ. 2, с. 356].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ муршиди комил ва пири сахтгиру меҳрубон аст ва даъват ба роҳи рост ва ахлоқи ҳамидаро аз камоли дӯстӣ медонад. Гоҳе ҷиҳати тарбияти муридон ва ба роҳи неку писандида равон намудани онон, ки аксар ба синну сол бузургтар аз ӯ буданд, суханони сахт ва талх мегӯяд. Ин услуби баён дар аксари номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба назар мерасад, ки дар фаслҳои дигари рисола низ зикр шуд. Чунончи, дар номае мухотаб ва муриди худро, ки шастсола аст, чунин панду насиҳат мекунад: «Эй бародар! Ҳама гӯш бош ва тасарруфи фосид макун дар ин навишта, ки ба ҳаққи дӯстӣ, ки аз сари сидқ ва таҳқиқ менависам. Ақл надорӣ ва пиндорӣ, ки дорӣ! ... Ангор, ки рӯзе чанд худро, на маро, хоби харгӯшӣ додӣ, охир ба вақти марг, ки корҳо ҳама макшуф шавад ва оинаи бе мусомаҳате фаро рӯйи ту доранд, чӣ тавонӣ кард? Аммо тарсам, ки оинаро ҳолӣ дар ҳаққи ту ҳеч суд нест ва илло ҳар ҳарфе аз ин мактуб сад ҳазор оина аст... Агар дида дорӣ, камоли мардон битавонӣ дидан... Ва агар самъ дорӣ... камоли мардон битавонӣ шунидан... Ман дар ту на ин эътиқод доштам, ки чунин беҳосил берун ойӣ. Агар фармони ман мебарӣ, бар худ навҳаи зор бикун, ки касро ғами ту нахоҳад будан... Охир, эй он, ки шарм дорам ва натвонам гуфт, аз худ ва шаст соли умри худ шарм надорӣ, ки дини худро ба дунё бифрӯшӣ? ... чӣ суд, ки парда даридан на кори ман аст, вагарна бо ту коре кардаме, ки мурғро дар ҳаво ва моҳиро дар дарё бар ту ва кори ту гиря омадӣ...» [171, ҷ. 2, с. 373].

«Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ пур аз андешаю мисол ва пандҳои ахлоқию тарбиявӣ аст, ки баёни он ҳама суханро ба дарозо хоҳад кашид. Аммо ҷиҳати шоҳид чанде аз онҳоро бидуни шарҳу тавзеҳ меорем, ки «мушт намунаи хирвор» бошад: Ҷаҳд кун, то пайваста аз молу ҷоҳи ту роҳатаке ба мустаҳиқ бирасад ва агар соҳибдил аз ту осоиш ёбад, онро азим давлате дон [171, ҷ. 1, с. 57]. То тавонӣ роҳате мерасон, ки рӯзгоре ояд, ки хоҳиву натвонӣ [171, ҷ. 1, с. 209]. Ҷавонмардо! Чандон ки тавонӣ, аз молу ҷоҳ ва аз қаламу забон аз ҳеч кас дареғ мадор, ки вақт ояд, ки хоҳӣ хайре кунӣ ва натвонӣ... Хунук онро, ки дар дори дунё ҳисоб во худ кардааст. Ва вой бар аҳли ғафлат... [171, ҷ. 1, с. 218]. Пайваста, чандон ки тавонӣ, роҳате ба мустаҳиққон мерасон [171, ҷ. 1, с. 240]. Ҷавонмардо! Дар ҷаволи ғурур мабош... [171, ҷ. 1, с. 257]. Пеш аз он ки як қадам дар водии талаб баргирӣ, даъвии восилӣ мекунӣ? Восилонро худ ҳаргиз заҳраи он набувад, ки ин маънӣ дар хотири эшон бигзарад, муханнасонро чӣ қадр бувад! [171, ҷ. 1, с. 257-258]. Дар он кӯшад, ки худро аз дасти алоиқ бираҳонад, ки дунёро он қадр нест, ки киро кунад, ки саодати он ҷаҳонро аз баҳри ӯ тақвият кунанд бар худ [171, ҷ. 1, с. 312]. Зердастонро неку дор ва хайре мекун чандон, ки тавонӣ [171, ҷ. 1, с. 326]. Ту боре бандагони Ӯро аз моле, ки туро додааст ва аз ҷоҳ бенасиб макун... Аз ҳар чи туро дод ва ғайреро надод, насиб деҳ! Кӯрро аз дидаи бинои худ насиб деҳ... Ва гунгро аз забони гӯёи худ насиб деҳ, ки чун ӯро ҳоҷате бувад, ки натавонад гуфт, ту қиём кун бад-он ҳоҷат. Беморро аз сиҳҳати худ насиб деҳ! Ва бемолро аз моли худ насиб деҳ! Беилмро аз илми худ насиб деҳ! Бечораро аз чораи худ насиб деҳ! [171, ҷ. 2, с. 94-95]. Кӯдакро адаб додан, аз камоли лутфи падар бувад [171, ҷ. 2, с. 226]. Чандон ки тавонӣ, тоат мекун! Ва афзали тоат садақа бувад... Туро молу ҷоҳ аст ва дасту қаламу забон ҳаст... Он чӣ дорӣ, базл кун, то он чӣ надорӣ, бар ту базл кунанд [171, ҷ. 2, с. 211].

Хулоса, «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ пур аз андешаҳои тарбиявӣ ва ахлоқию ирфонӣ аст, ки аз пири роҳнамойу муршиди комил ва тарбиятгари беназир будани ӯ ҳикоят мекунанд. Ағлаби ашъори форсӣ ва арабии истишҳодшудаи номаҳо низ аҳаммияти тарбиявӣ ва ахлоқӣ доранд ва

хонандаро ба сӯйи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ даъват мекунанд. Агар гӯем, ки ҳеч як аз номаҳои Қозии Ҳамадонӣ холӣ аз андешаҳои ахлоқию тарбиявӣ нест, муболиға ё хато нахоҳад буд.

### III.4.3. Дифоъ аз Иблис дар «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ

Дар таърихи адабиёти тасаввуф ин мавзуи нав нест. Қабл аз Айнулқузоти Ҳамадонӣ низ бисёре аз суханварон ҳикоят аз Иблис ё дифоъ аз Иблис намудаанд. Аксари урафо дар осори худ аз моҷарое нақл кардаанд, ки дар Қуръони карим ва аҳодиси расул (с) омадааст ва мурод аз нақли он огоҳ намудани фарзандони Одам аз макру фиреби шайтон аст ва ҷанбаи ахлоқӣ дорад. Аммо баъзе аз урафо фармони саҷда ба Одам (а)- ро аз ҷониби Худованд озмоише беш намедонанд ва ин гурӯҳ дар адабиёти тасаввуф ҳамчун ҳомиёни Иблис шинохта шудаанд. Агар Башшор ибни Бурд сабаби ба Одам (а) саҷда накардани Иблисро дар тарҷеҳи оташ ба хок донад, Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ фармони саҷда ба Одам(а)-ро навъе озмун мехонад, Ҳаким Саноии Ғазнавӣ аз муаллими малакут будану минбаъд ба лаънати Худо гирифтор шудани Иблис ёд созад, Шайх Аҳмади Ғаззолӣ Иблисро «сарвари ошиқон» ва Шайх Абулқосими Гургонӣ «хоҷаи хоҷагон» ва «сарвари маҳҷурон» мехонад. Дар ин мавзуъ бисёре аз муҳаққиқон баҳс намудаанд, ки «Андешаҳои ирфонии Айнулқузот дар боби Иблис»-и Худойбахши Асадуллоҳӣ [331], «Гуфтугӯи урафо ва Иблис»-и Сайид Алиризо Ҳиҷозӣ ва Марями Афрофар [408], «Баррасии дидгоҳи Майбудӣ перомуни шайтон дар ду навбати шаръӣ ва ирфонии «Кашф-ул-асрор» бар асоси таҳлили суратбандии гуфтумонии вай дар ин ду навбат»-и Муҳаммади Беҳномфар ва Найира Покмеҳр [341], «Симои Иблис дар осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ»-и Наргис Ҳасанӣ [406], «Симои дугонаи Иблис дар осори Ҳаким Саноӣ»-и Ҳусайн Ҳайдарӣ [404], «Дидгоҳҳои Саноӣ дар бораи Иблис»-и Фаридаи Довудимақдам [353], «Баррасии татбиқии дидгоҳҳои шайтонпарастӣ ва андешаи Айнулқузот дар бораи Иблис»-и Муҳаммадризо Обидӣ ва Ақила Ороста [379], «Иблис ишқ меварзад»-и Алии Даштӣ [352], «Рӯйкарди Ҳуҷвирӣ ба Ҳаллоҷ бо тааммул дар «Кашф-ул-

маҳҷуб»«-и Нафисаи Эронӣ ва Мелоди Ҷаъфарпур [417], «Тасвири Иблис дар андешаи Айнулқузоти Ҳамадонӣ»-и Мондоно Ҳошимӣ [409], «Ҳаллоҷ ва шайтон»-и Сайид Аҳмад Ҳусайнии Козарунӣ [360], «Иллати хилқати шайтон бар мабнои фалсафа ва ирфони исломӣ»-и Ноҳид Сулаймонии Муқаддам [392], поённомаи Фотима Мустахдами Аббосӣ дар мавзуи «Намодпардозии шарри Иблис, шайтон аз дидгоҳи Ҳаллоҷ ва Айнулқузоти Ҳамадонӣ» [323], китоби «Нури сиёҳ (воковии назариёти Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар бораи Иблис)»-и Сайида Мондоно Ҳошимӣ [410] аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Иблис дар осори аксари суханварони ориф ба ду чеҳра намудор аст: чеҳраи аслӣ ва чеҳраи ирфонӣ. Дар асл шайтони раҷим ва иғвогар, ки ҷуз васвасаи фарзандони Одам (а) мақсаде надорад, аммо дар осори сӯфия ҳамчун муваҳҳиде ошиқ, покбозтарин ошиқ, сарвари маҳҷурон намудор аст. Иблисситоии сӯфия то ба он ҷо расид, ки сӯфияе чун Мансури Ҳаллоҷ ӯро намунаи олии ҷавонмардӣ хонданд ва, зоҳиран, аввалкасе, ки ситоиши Иблис кард, Мансури Ҳаллоҷ буд [378, с. 174]. Р.Николсон ҷойи дигар шуруи дифоъро аз Иблис мансуб ба машоихе медонад, ки қабл аз Ҳаллоҷ будаанд, монанди Саҳл ибни Абдуллоҳи Тустарӣ, Ҳасани Басрӣ, Ҷунайди Бағдодӣ, Абулҳусайни Нурӣ ва дигарон [378, с. 174-176], аммо «Тавосин»-и Ҳаллоҷро шеърҳои мансури зебое медонад, ки ба забоне шигифтангез ва тааммуқе хос дифоъ аз Иблис мекунад. Баъзе аз муҳаққиқон дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ беҳтарин ва зеботарин дифоияи Иблисро мансуб ба Ҳаким Саноӣ медонанд, ки Р.Николсон аз ҷумлаи онҳо аст [378, с.183-188]. Дифоияи Иблиси Саноии Ғазнавӣ ғазале аст, ки бо матлаи зер оғоз мешавад:

Бо ӯ дилам ба меҳру маваддат ягона буд,
Симурғи ишқро дили ман ошёна буд [75, с. 871-872].

Баъд аз Саноии Ғазнавӣ Шайх Аҳмади Ғаззолиро мудофеи Иблис медонанд. Агарчи Айнулқузот баъд аз онҳо аз Иблис дифоъ кардааст, Р.Николсон Қозиро бузургтарин мудофеи Иблис дар таърихи исломӣ мехонад [378, с. 188-189] ва мегӯяд: «Агар Ҳаллоҷро муассиси назарияи тақдиси Иблис бидонем, Айнулқузоти Ҳамадониро бояд густаришдиҳанда ва муфассири

беҳамтои ин андеша ва бар рӯйи ҳам такрори шахсияти Ҳаллоҷ бидонем, зеро бо ин ки дар фосилаи Ҳаллоҷ то Айнулқузот мутафаккирони дигаре чун Саноӣ ва Аҳмади Ғаззолӣ ба дифоъ аз Иблис бархостаанд, аммо ҳеч кадом аз нафаси гарм ва қудрати баёну шеваи тақрири Айнулқузот ва шӯридагии хоси ӯ бархурдор набудаанд» [378, с. 192-193].

Иблис дар Қуръони карим ҳамчун шайтони раҷим (сураи Таквир (81), ояти 25-ум), шайтони рондашуда (сураи Наҳл (16), ояти 98-ум), нисбат ба Парвардигори худ носипос (сураи Исро (17), ояти 27-ум), нофармон (сураи Марям (19), ояти 44-ум), душмани гумроҳкунандаи ошкор (сураи Қасас (28), ояти 15-ум) ёд шудааст, ки Қозии Ҳамадонӣ борҳо чеҳраи аслии ӯро ба таври ошкор баён сохтааст. Дар баробари чеҳраи аслӣ Айнулқузот дар чанд мактуби худ бамаврид аз Иблис дифоъ мекунад, ки мисолашон номаҳои ёздаҳум [171, ч. 1, с. 97], сию шашум [171, ч. 1, с. 304], сию ҳаштум [171, ч. 1, с. 314-315], панҷоҳу чаҳорум [171, ч. 1, с. 415], панҷоҳу панҷум [171, ч. 1, с. 425-427], ҳаштодум [171, ч. 2, с. 160], ҳаштоду савум [171, ч. 2, с. 186-189], саду шашум [171, ч. 2, с. 410-411, 412], саду ҳафтум [171, ч. 2, с. 416-417] мебошанд. Чунончи, дар номаи сию шашум Иблисро доие медонад ва мегӯяд: «Донӣ, ки Иблис кист? Доие аст дар роҳи Ӯ, валекин даъват мекунад аз Ӯ. Ва Мустафо, салъам, даъват мекунад бо Ӯ. Ва ҷалолати лам язал ва ло язол Иблисро бад-ин кор фаро дошт, ки халқро бигӯяд, ки:

Хоҳӣ, ки ҳама кор салимат бошад,
По чандон каш, ки бар гилемат бошад» [171, ч. 1, с. 304].

Дар номаи 38-ум аз парвардаи карам, муқарраби Ҳазрат, муаллими фариштагон будани Иблис ёд намуда мегӯяд: «Иблис, ки парвардаи карам буд ва муқарраби Ҳазрат буд ва муаллими фариштагон буд ва зовияи ӯ баробари соқи арши Худо буд..., бевосита аз хоси қидами Ӯ буд, чун тавонад, ки насиҳат накунад... Валекин муҳол бувад, ки солик ин фаҳм кунад дар олами илм ва тамйиз. Пас агар чунонки солике гармрав бувад, ки равиши ӯ гармтар аз равиши Иблис бувад, ин солик Иблисро ломуҳола дар роҳ возбинад ва аз ӯ даргузарад. Ва Иблис гӯяд: «Ин мард аз ман сияҳгилемтар аст. Фатҳа сирри

қавле гуфтааст, ки Иблис гоҳ-гоҳе гӯяд, ки дар ҷаҳон аз ман сиёҳгилемтар он мард омад» [171, ч. 1, с. 314-315].

Айнулқузот дар номаи 55-ум чеҳраи аслии Иблис боз мекунад ва ба мухотаб мегӯяд: «Ло бал сухани ҳақ бишнав, ки напиндорам, ки дар ҷаҳон аз ҳеч кас шунавӣ. Ҳар чи аз ту сар барзанад, ҳама хотири нафси аммора бувад ва ваҳйи шайтон, агар тоате бувад ва агар маъсияте, чаро, зеро ки дили ту муашшаши шайтон аст. Аз кӯза ҳамон бурун таровад, ки дар ӯст. Ӯ дар ниҳоди ту сар бар мулки худ ниҳодааст ва фармонаш дар ту ва дар мамлакати ту равон. Агар хоҳӣ, ки коре кунӣ, ки на шайтонро бувад, ба даргоҳи марде рав, ки номаш дар ин ҷарида аст, ки «إِنَّ عِبَادِي لَيْسَ لَكَ عَلَيْهِمْ سُلْطَانٌ» (сураи Исро (17), қисми аввали ояти 65-ум: «Ба дурустӣ, ки туро бар бандагони Ман ҳеҷ қудрате нест» - З.Ҳ.), то бо ту бигӯяд, ки ин кун ва он макун. Пас фармони ӯ на фармони Иблис бувад, ки Иблисро дар хотири ӯ ҳеч роҳе нест... Ҳар диле, ки Иблисро нест, ҳар чи аз он дил барояд, раҳмонӣ бувад, на шайтонӣ... Мардони Худой дигаранд ва мардони Иблис дигар» [171, ч. 1, с. 425-426]. Дар мактуби дигар, ки зайли шумораи ҳаштоду савум омадааст, Иблисро гирифтори дарди абадӣ медонад ва мефармояд: «Халқи олам аз Иблис ном шунидаанд, аммо медонам, ки ӯро худ аз кас ёд нест, ки рӯй дар дарди абадӣ дорад ва қути ӯ лаънати ӯст, ки паёпай мерасад ва ӯ нӯш мекунад, чунонки дӯстон раҳмат. Ва ӯ аз раҳмат мутанаффиртар аз он аст, ки дӯстон аз лаънат. Ҷаҳониёнро аз ин нукта чӣ хабар?» [171, ч. 2, с.188]. Сипас бебокона аз сирре, ки бо Иблис дар даруни парда гуфтанд, ёд месозад: «Ҷавонмард! Ҳеч хоҳӣ, ки бидонӣ, ки бо Иблис дар сир, аъни дар даруни парда, он ҷо ки на Одам буд ва на Ҷабраил ва на Мекоил, чӣ гуфтанд? Ҷуз дар кисвате заҳра надорам, ки наммомӣ кунам. Ҳамон гуфтанд, ки бо Умар ва Бурабеъ гуфтанд... Ло бал ва ло бал, сареҳ гӯям ва натарсам. Мурғи обиро аз оби тӯфон чӣ бок? Ё чӣ зиён аст аз ҷониби маллоҳ, хоҳ киштӣ ғарқ гир, хоҳ на» [171, ч. 2, с. 188-189].

Дар адабиёти тасаввуф ошиқони ростини Худо ҳар чи аз ҷониби маъшуқ– Худованд мерасад, хоҳ ширину хоҳ талх, хоҳ васлу ҷудоӣ ва хоҳ

дарду дармон шукр мегӯянд ва онро атияи беназир мешуморанд. Айнулқузот дар номае, ки зимни шумораи саду шашум омадааст, лаънати Иблисро ёдгоре аз Дӯст медонад: «Бо сари маҳҷурон гуфтанд, он ки дар олами шумо ӯро Иблис хонанд, ки: «Гилеми сиёҳи лаънат чаро аз дӯш наяндозӣ?» ...Гуфт: «Чандин ҳазор сол муътакифи кӯйи маъшуқ будам, чун қабулам карданд, насиби ман аз Дӯст дард омад. Ва чун бар манаш раҳмат омад, маро лаънат кард. Чӣ мешунавӣ? Дареғо...» Гуфт: «Фарқ донистан дар ёдгори Дӯст ширк бувад дар роҳи мо». «Йо»-и изофати «وانَّ علیک لعنتی» насиби мо омад, аз дӯст. Моро на лаънат ба ёд аст ва на раҳмат, кори мо дигар аст ва кори дигарон дигар. Чун маъшуқ туро аҳли ёдгори худ ниҳод, ёдгори ӯ агар гилеми сиёҳ бувад ва агар мумаззаҷ (навъе ҷома, яъне порча, ки зар дар он ба кор баранд; ҷомаи пурбаҳо-З.Ҳ.) ва мансуҷ (бофта-З.Ҳ.), ҳама яке бувад. Ҳар кӣ фарқ донад, ӯро аз ошиқӣ ҳеч хабар нест. Аз дасти дӯст чи асал ва чи ҳанзал! Он кӣ фарқ донад, ошиқи асал бувад, на ошиқи дӯст. Биё ба наззора кардан, агар роҳ ёбӣ боре ба даргоҳи дӯстон, ки тасбеҳи эшон ҳама ин аст, авром:

Ман на ба он омем абибари ту,
Ки ба ҷафо шам ё ба дашном шам» [171, ч. 2, с. 410-411].

Байти мазкур авром буда, ба лаҳҷаи маҳаллӣ суруда шудааст. Зоҳиран, дар мисраи якум «омем» маънии «омадам» (омадем), «абибар» маънии «ба бар» (ба сӯй)-ро дорад ва «шам» дар мисраи дувум мухаффафи «шавам» аст, ки тахмин имрӯз низ дар баъзе гӯишҳо ба кор мебаранд, аммо, ба занни қавӣ, «шавам» ин ҷо маънии «шудан», яъне «рафтан» ва «бадар шудан»-ро дорад. Дар сурати дуруст будани ин фикр байти мазкурро, ки аз фаҳлавиёт аст, метавон чунин маънидод кард:

Ман на ба он омадам андар бари ту,
Ки ба ҷафо шавам (яъне аз бари ту биравам) ё ба дашном.

Зайли номаи 107-ум Қозии Ҳамадонӣ аз Иблис дифоъ мекунад ва аз чанд лақаби ирфонии ӯ ёд месозад: «Он ягонаи вуҷуд, он сарвари маҳҷурон, он сирри қадар, он холи бар ҷамоли азал, он ғаюри мамлакат,

Шайх Абулқосими Гургон ӯро «хоҷаи хоҷагон» хондӣ. Бош, то вақте ба ҷамоли азал бино гардӣ, пас туро батадриҷ парвардаи нозу карашмаи он ҷамол кунад. Пас аз висоли мутавосил фарбеҳ гардӣ. Пас туро андак-андак аз олами اِنهُ لیُغان علی قلبی ба олами ҳиҷоб роҳ диҳанд, ки الفطامُ عن المألوف شدیدٌ. Пас, ба фироқ расӣ, пас, рӯйи маҳҷурӣ бибинӣ, пас бӯйе тавонӣ бурд аз ҷалолати давлати Иблис. Аз дӯстони ман як кас аст, ки ҳадиси ӯ баъзе тавонад шунид, кӣ ёрад гуфт ва кӣ тавонад шунид? Ва куҷо фаҳм афтад авомро ҳадиси касе, ки хоси хос бӯйи хоки қадами вай нашниданд. Охир шунида бошӣ, ки ӯ муаллими фариштагон буд. Чандин ҳазор сол зовияи ӯ бар соқи арш буд. Ин андак коре мепиндорӣ, ҳамон Иблис аст, ки бидояташ ин буд. Акнун ҳолаш ба ҷое расидааст, ки мисроъ: Бозичаи кӯдакони кӯйи ту шудаст. Ин мактуб ҳазор бор бархон ва ҳифз кун» [171, ҷ. 2, с. 416-417].

Лозим ба зикр аст, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҷонибдори Иблис нест ва аз ошиқону орифони ростин аст. Фармудаҳои Қуръонро ба ҷон қабул дорад ва аз шарри шайтон хуб огоҳ аст ва муридони худро низ борҳо аз макру роҳзании ӯ хабар медиҳад, аммо ҳамчун орифи беназир ва ошиқи ростин мардуми хом ва дар раҳи ишқ ноустуворро камтар аз Иблис мехонад.

### III.4.4. Мафҳуми ишқ дар «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар «Номаҳо»-и худ чунон васфу баёни ишқ мекунад, ки дар маҷмуъ ва алоҳидагӣ як ишқномаро мемонад. Борҳо барои шоҳид ва такмилу тақвияти ақоиди ирфонии худ нақлҳои ширин аз ишқномаҳои «Лайлӣ ва Маҷнун» [171, ҷ. 2, с. 68, 85, 455; ҷ. 3, с. 281], «Юсуф ва Зулайхо» [171, ҷ. 2, с. 131, 132, 133, 463, 465-466; ҷ. 3, с. 416-417] ва ғ. мекунад, ки хеле муаассир ва пандомӯзу орифона мебошанд. Аммо гоҳи зиёд муродаш аз Лайливу Маҷнун ва Юсуфу Зулайхо на он Лайливу Маҷнун ва на он Юсуфу Зулайхо аст, ки аксари суханварони форсу тоҷик васфу баёнаш кардаанд, чунонки ҷое гӯяд: «Маҷнун як шаб мин аввал-ил-лайли бо Лайлӣ бинишаст ва савдои хеш оғоз карданд, на ба забону гӯшту пӯст. Муаззин бонги

намози субҳ мегуфт, ки ҳанӯз Маҷнун мегуфт. Ва чун бонги намоз шунид, гуфт: «Воаҷабо! Имшаб намози хуфтан пеш аз вақт мегӯяд... Маҷнун чӣ бувад ва Лайлӣ чист? Агар истеъдоде ҳаст, рӯзе бувад, ки бирасӣ, вагарна ҷалолати азал гӯяд:

Чун ту ду ҳазор ошиқ аз ғам куштам,

В-аз хуни кас олуда нашуд ангуштам.

Савдои худ бо худ мегӯям. Аз қиссаи Юсуф чӣ донистаӣ то ин ғоят? Аҳсан-ул-қасас гуфт, чӣ бувад? Гуфт: « فَلَمَّا سَمِعَتْ بِمَكْرِهِنَّ أَرْسَلَتْ إِلَيْهِنَّ وَأَعْتَدَتْ لَهُنَّ مُتَّكَأً وَآتَتْ كُلَّ وَاحِدَةٍ مِنْهُنَّ سِكِّينًا وَقَالَتِ اخْرُجْ عَلَيْهِنّ» (сураи Юсуф (12), маъхуз аз қисмати аввали ояти 31-ум: «Пас чун (зани Азиз) ғайбати онҳоро шунид, ба сӯяшон одам фиристод ва барояшон маҷлисе муҳайё кард ва ба ҳар яке аз онҳо корде доду гуфт: «(Эй Юсуф) берун ой, бар ин занон»...» - З.Ҳ.). Аҷабо, аз ин ҳадис! Фориғон аз ишқи Юсуф даст буриданд ва Зулайхо, ки ишқи Юсуф дар миёни ҷон дошт, аз дур наззора мекард ва мегуфт:

Ёрон ба насиҳат омаданд дӣ бари ман,

То бу ки бурун кашанд ишқ аз сари ман.

Диданд ҷамолу ҳусни он дилбари ман,

Карданд суҷуд ҷумла пеши дари ман» [171, ҷ. 3, с. 282].

Қозии Ҳамадонӣ дар номаҳои худ борҳо аз дарду сӯзи ишқ қисса мекунад ва онро аҳсан-ул-қасас мехонад ва таъкид месозад, ки аҳли ғафлат аз ҳақиқати он бехабар бошанд: «... аз ҷалоли азал бишнав, ки аҳсан-ул-қасас аст қиссаи ишқ. Чаро чунин гуфт? Зеро ки дар қиссаи Юсуф ишқбозӣ ҳаст. Ту чӣ донӣ, ки «юҳиббуҳум» бо «юҳиббунаҳу» чун хоҳад, ки ҷаммошӣ кунад, гӯяд: «аҳсан-ул-қасаси». Аҳли ғафлатро аз ин нуқат чӣ хабар?...

Ошиқонро ҷоми май бо хунби май ҳамсанг деҳ,

Ҳар касеро дар navову дархури фарҳанг деҳ.

Завраки шомӣ биёвар пурсуҳайли Шом кун,

Муштарирӯёни маҷлисро суҳайлошом кун» [171, ҷ. 2, с. 130].

Афзун ба ин, Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаҳои худ чанд ҳикояти ширини тамсилӣ овардааст, ки аз ишқи шамъу парвона, пунбаву оташ ва ғ. ҳикоят мекунанд, аммо муродаш аз ин ҳама баёни ишқи ҳақиқӣ ва ирфонӣ аст, ки равандагони роҳи Илоҳро бошад. Чунончи, зайли номаи ҳаштоду якум гӯяд: «Эй ҷавонмард! Агар пунба бо оташ ишқбозӣ кунад, оташ бо ӯ чӣ гӯяд?» Гӯяд: «Висоли мо мабзул аст туро аз ҷониби карами мо, валекин мавҷуф аст ин висол бар фанои ту. То ту бошӣ, ҳаргиз висол набувад. Андар раҳи ишқ ё ту гунҷӣ ё ман!...». Оташро бо пунба қурби зоҳир бибояд дар бидоят. Аммо чун сӯхтаи висол шуд, дигар фироқро даст ба домани давлати ӯ нарасад, ки он оташ ӯро хокистар кард ва ӯро рафиқи лозим гашт, гуфт: «Худро дар талаби висоли мо дарбохтӣ, ҳақ бувад бар карами мо, ки туро дар доираи висол ҷой кунем, чунонки ҳаргиз ҳиҷронро он ҷо ҷо набувад» [171, ҷ. 2, с. 172-173].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ зайли номае васфи олами ишқ намуда, ақлро дар ин тариқ роҳзан ва шабеҳи зулмате дар баробари офтоб мехонад: «Чун ба олами ишқ расӣ, бидонӣ. Боқӣ аз шунудан ҳеч макшуф нагардад. Ва гӯйӣ: «Бошад, ки на чунин аст». Ва то ту ақли раъноро роҳзан бо худ дорӣ, аз ту ҳеч наёяд. Бош, то ҷамоли маъшуқ рӯй во ту намояд, он гаҳ ту нест гардӣ. Он гаҳ ин ҳақоиқ бидонӣ. Чун офтоб рӯй намуд, зулмат агар хоҳад в-агар не, бигрезад. «فَيَدْمَغُهُ فَإِذَا هُوَ زَاهِقٌ» («[Балки ҳақро бар ботил меафканем;] пас сари онро мешиканад ва ногаҳон ботил нобуд мешавад...» - сураи Анбиё (21), ояти 18-ум: - З.Ҳ.) ва «لله المثل الاعلى» («...Ва Худоро сифати баланд аст...» - сураи Наҳл (16), ояти 60-ум- З.Ҳ.). Чун офтоби ҷамоли азал битобад, кӯҳ пора шавад. Одамӣ он ҷо чӣ кунад «وَتَكُونُ الْجِبَالُ كَالْعِهْنِ الْمَنْفُوشِ» («Ва кӯҳҳо монанди пашми рангини ҳаллоҷишуда бошанд»- ояти 5-уми сураи Қориъа - З.Ҳ.)... Ин ҷо ҳар мӯй бар андоми ту «аналҳақ» гӯяд...» [171, ҷ. 2, с. 306].

Ҷойи дигар низ сухан аз ақлу ишқ мекунад ва тарозуи ақлро дар шинохти ишқ оҷизу нотавон мехонад: «Ошиқонро ба тарозуи ақли худ масанҷ, ки ишқ аз он муназзаҳ бувад, ки ӯро ба тарозуи ақл бартавон сахт:

Ишқ пӯшидасту ҳаргиз кас надодасташ нишон,
Лофҳои беҳуда то кай зананд ин ошиқон?

Ҳар кас аз пиндори худ дар ишқ лофе мезанад,

Ишқ аз пиндор холӣ в-аз чунину аз чунон [171, ҷ. 2, с. 217].

Ҷойи дигар боз сухан аз ақлу ишқ мекунад ва мегӯяд, ки ҳадиси ишқ дар баён нағунҷад ва чун ишқ расид, ақл нобуд гардад: «Ин ҷо фатвои муфтиён кор накунад. Агар дар ишқ ҳадисро маҷол будӣ, кор осон будӣ. Он ҷо, ки фармони Худойи таоло кор накунад, фатво он ҷо чӣ кунад? Он ҷо қалами таклиф бархост аз ошиқ, фармон он ҷо кай бувад? Ақли одамӣ аст, ки манзили амру наҳйи Худой аст. Чун офтоби ишқ барояд, ситораи ақл маҳв гардад.

Ҳуҷҷати амри Худой аст, эй писар, дар мард ақл,

Амр аз ӯ бархостӣ, гар ақл аз ӯ бархостӣ.

Ин ҷо ба кун ва макун чӣ кунад? Аҳкоми ошиқон дигар аст ва аҳкоми оқилон дигар» [171, ҷ. 2, с. 219].

Байти фавқ аз қасидаи «Ин чӣ хаймаст, ин ки гӯӣ пургуҳар дарёстӣ»-и Носири Хусрав буда, дар «Девони ашъор»-и суханвар ба гунаи зер омадааст:

**Гӯӣ аз** амри Худой аст, эй писар, дар мард ақл,

Амр аз ӯ бархостӣ, гар ақл аз ӯ бархостӣ [111, с. 228].

Аз фасли «Нусхабадалҳо»-и девон равшан мегардад, ки дар яке аз нусхаҳои девони суханвар «Ҳуҷҷату амри» омадааст [111, с. 630], ки наздик ба байти истишҳодшуда дар «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ аст. Чун «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ яке аз сарчашмаҳои наздик ба замони Носири Хусрав аст, минбаъд дар нашрҳои илмӣ-интиқодии «Девони ашъор»-и Носири Хусрав бояд ба эътибор гирифт. Бояд гуфт, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳафт байти дигарро аз қасидаи мазкури Носири Хусрав истишҳод намудааст, ки атрофи онҳо дар фасли «Атрибутсия – мансубияти ашъори истишҳодшуда» батафсил баҳс хоҳем кард.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаҳои хеш ба касрат аз ишқи ирфонӣ ва тариқи расидан ба маъшуқи ҳақиқӣ сухан карда, ҷиҳати шоҳид мисраъву

абёт ва рубоиёти зиёдро бидуни зикри муаллиф истишҳод намудааст, ки ашъори зер аз он ҷумлаанд:

Гар ту ба ҳалоки бандае шод шавӣ,
Дорам сари он, ки ман туро шод кунам [171, ҷ. 1, с. 129].

Он раҳ, ки ман омадам, кадом аст, эй ҷон?
То боз равам, ки кор хом аст, эй ҷон.
Бар ҳар қадаме ҳазор дом аст, эй ҷон,
Номардонро ишқ ҳаром аст, эй ҷон [171, ҷ. 2, с. 256].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ бештар аз ишқи ирфонӣ ва ҳақиқӣ сухан мекунад. Ошиқ дар ин тариқ аз худ фонӣ шавад ва айни маъшуқ гардад. Чунончи, ҷое дар тавсифи ошиқони роҳи Илоҳ гӯяд: «Ин ҷо холи маъшуқ нишони камоли ҷамоли ӯст. Ин ҷо пайдо нест, ки хол кадом аст ва ҷамол кадом? …Агар ошиқ шавӣ, фарқ надонӣ миёни рӯйи дӯст ва мӯйи дӯст. Пас чун аз фарқ то қадам як нуқта дард гардӣ, тасбеҳи ҷони ту ин бувад, ки байт:

Он бут, ки маро дод ба ҳиҷрон молиш,
Дил гум кардам миёни зулфу холеш.
Пурсанд рафиқони ман аз ҳоли дилам,
Он дил, ки маро нест, чӣ донам ҳолеш.

Ин ҷо доноӣ дар нодонӣ гум шавад. Ин ҷо дил ҷуз бедилонро набувад... Дар ин олами вуҷуд заррае намонад, куфру имон якранг бувад» [171, ҷ. 2, с. 256].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ зимни номае аз фарқи байни ошиқони дунё ва ошиқони Худой ёд мекунад ва мегӯяд, ки агарчи онҳо ба зоҳир айни якдигаранд, ба ботин фарқи зиёд байнашон ҷой дорад: «Ошиқони дунё чӣ донанд, ки ошиқони Худойро чӣ сифат бувад, ки эшон ҳам хӯранд ва ҳам хуспанд ва ҳам пӯшанд, валекин чизе, ки дар дил доранд, дигаронро хабаре аз он нест» [171, ҷ. 1, с. 23].

Зайли номаи 118-ум сухан аз камоли ишқ мекунад ва мегӯяд, ки ошиқ бояд лутфу қаҳри маъшуқро баробар дӯст дорад ва дарду балою дашноми

дӯстро беҳтар аз дармону бахшишу дуои дигарон донад: «Дар ишқ ҷафо бибояд ва вафо бибояд, то ошиқ пухтаи қаҳру лутфи маъшуқ гардад, вагарна хом бувад ва аз ӯ чизе нахезад. Агар дашноми дӯст беҳ аз офарини дигарон надонӣ, ҳанӯз аз роҳи ишқ бехабарӣ.

Ҳиҷрони ту хуштар аз вафои дигарон,
Мункир шуданат беҳ аз ризои дигарон» [171, ч. 2, с. 445].

Хулоса, Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар «Номаҳо»-и худ ба касрат васфу баёни ишқ, махсусан ишқи ирфонӣ намуда, бамаврид аз роҳу равиши толибон ва ошиқони роҳи Илоҳ, оҷиз ва нотавон будани ақл дар баробари ишқ, фарқи ошиқони дунё аз ошиқони Худо баҳс карда, барои тақвият ва шоҳид абёти зиёди форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ овардааст. Ишқ назди Айнулқузоти Ҳамадонӣ монанди пири роҳнамой ва муршиди комил аст, ки толибро сӯйи матлуб ва ошиқро сӯйи маъшуқ кашон-кашон мебарад. Қозии Ҳамадонӣ ишқро фарзи роҳ медонад ва ба он бовар аст, ки маҳз тавассути ишқ метавон ба мақсуд расид.

## III.4.5. Зарбулмасалу мақол ва пуркорбурдтарин санъатҳои бадеӣ дар «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ

Насри «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар баробари мисраъву абёт, рубоӣ ва порае аз анвои дигари шеърӣ бо зарбулмасалу мақол ва санъатҳои бадеӣ ороста аст. Аз ҷумла, суханвари ориф борҳо ҷиҳати шоҳиду мисол, тақвияти калом ва фаҳми бештари мухотаб аз зарбулмасалу мақолҳои форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ истифода намудааст. Айнулқузоти Ҳамадонӣ зарбулмасалҳоро ҳам ба таври мансур ва ҳам манзум ба кор бурдааст. Чунончи, зимни номаи 87-ум зарбулмасали маъруфи «қадри ҷавҳар ҷавҳарӣ донад»-ро ба гунаи зер ба кор бурдааст: «Маро бад-ин аҳвол ҷуз имоне натавонад буд. Ҷавонмардо, маро нест, аммо имон дорам, ки мардумро ҳаст. **Ҷавҳарӣ бошад, ки қимати ҷавҳар аз ҳамаи салотин беҳ донад**, аммо нонаш набувад» [171, ч. 2, с. 217].

Имрӯз зарбулмасали мазкурро бештар ба шакли «қадри зар заргар бидонад», «қадри зар заргар бидонад, қадри ҷавҳар – ҷавҳарӣ», «қадри зар заргар шиносад» ба кор мебаранд. Устод Рӯдакӣ маънии зарбулмасали мазкурро дар сатри чоруми рубоии зер моҳирона ба кор бурдааст:

Ҷое, ки гузаргоҳи дили маҳзун аст,
Он ҷо ду ҳазор найза болохун аст.
Лайлисифатон зи ҳоли мо бехабаранд,
**Маҷнун донад, ки ҳоли Маҷнун чун аст** [376, с.514].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаҳои дигар низ маънии зарбулмасали мазкурро баён доштааст. Чунончи, зимни номаи 77-ум «Ошиқе бояд, то сухани ошиқон тавонад шунуд» мегӯяд, ки баёнгари маънии зарбулмасали мавриди баҳс аст: «Дар ҳар лаҳза ҳазор-ҳазор гуна ранг баромезад, то ҳазор-ҳазор ошиқи дилсӯхтаро гард аз ҷону дил барангезад. **Ошиқе бояд, то сухани ошиқон тавонад шунуд**. Фориғонро аз ин ҳадис чӣ хабар?» [171, ҷ. 2, с.129]. Ҷойи дигар «бардаи Ловӣ шиносад бардаи Ловон» мегӯяд, ки баёнгари маънии зарбулмасали мазкур аст: «Аҳли ғафлатро аз ин нуқат чӣ хабар? Зулайхосифате ва маҷнунлақабе бояд, то қиссаи Юсуф ва ҳикояти Зулайхо тавонад шунуд. **Бардаи Ловӣ шиносад бардаи Ловон**» [171, ҷ. 2, с. 130].

Қозии Ҳамадонӣ зайли номае сухан аз муддаиёни ишқ ва тардоманон мекунад ва ҷиҳати тақвияти фикр масали манзуми «Оҳувонро кай расад кибри паланги барбарӣ»-ро меорад: «Аммо на ҳар муддаиро бад-ин маҳак зананд. Халилсифате, салъамро, шояд, ки гӯянд: «Исмоилро қурбон кун» ва Зайди Наътиро гӯянд, ки: «Занро талоқ деҳ!» Бош, то рӯзи қиёмат, ки Зайдро дар арасот оваранд ва ӯро гӯянд: «Эй тардоман, даъвии умматӣ кардӣ?» Имрӯз он рӯз аст, ки рӯйи муддаиён сиёҳ кунанд ва муханнасонро ба худ бино гардонанд. Аммо ҷамоли Муҳаммадӣ, салъам, бояд ки чунин сайд кунад. Довудро дар ин олам роҳ надоданд. Мисраъ: «**Оҳувонро кай расад кибри паланги барбарӣ**» [171, ҷ. 2, с. 242]. Айнулқузоти Ҳамадонӣ ин ҷо санъати талмеҳро низ ба кор бурда, яъне ишораи малеҳ ба қиссаи қурбонӣ кардани Иброҳим (а) намудааст.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ гоҳе барои шоҳиди фикр ашъореро истишҳод намудааст, ки дорои зарбулмасали манзум мебошанд. Чунончи, дар рубоии истишҳодшудаи зер масали маъруфи «хар рафту расан бурд» моҳирона ба кор рафтааст:

Дар чашмам чеҳри чун нигори ту бимонд,
Бар рӯям ранги гӯшвори ту бимонд.
Мастӣ сипарӣ шуду хумори ту бимонд,
**Хар рафту расан бибурду бори ту бимонд** [171, ч. 2, с. 276].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ гоҳе дар наср ва ашъори истишҳодшуда мисраъву абётеро барои шоҳид ва тақвияти гуфтор овардааст, ки ҳамчун зарбулмасал мебошанд. Чунончи, дар байти зер «Рустамро ҳам Рахши Рустам кашад» ҳамчун зарбулмасал аст:

Биёр пири муғону бидеҳ ба пури муғон,
Ки **Рустамро ҳам Рахши Рустам кашад** [171, ч. 2, с. 276].

Зайли номаи дувум масали манзуми «Хуршед на муҷрим ар касе бино нест»-ро барои тақвияти фикр овардааст: «... Ҳама чун офтоб равшан гардад. Аммо агар касе дида надорад, маро товон набувад, ع: «**Хуршед на муҷрим ар касе бино нест**» [171, ч. 1, с. 15].

Зимни номаи 125-ум ҷое санъати масал, ташбеҳ, талмеҳ, саволу ҷавоб, тазоду муқобала ва саҷъро моҳирона ба кор бурдааст: «Ин на бас бувад, ки Қуръон касеро бихӯрад? Тамъе дигар мебояд дошт? Дидаи хаффошро мансаби беш аз ин бояд, ки худро дар ҷалолати офтоб бозад, рав бозӣ кун, ки ошиқӣ кори ту нест. Аҷзи одамӣ ва заъфи башарийят куҷо расад? Ҷалоли Қуръон во саду бисту чаҳор ҳазор сарвар ин хитоб кард. ع: «**Санг аз бари обгинаи шомӣ дур**! Ғофилонро чӣ қадр бувад? Ӯ мегӯяд во ошиқони худ, байт:

Гирди дари мо чӣ гардӣ, эй девона?
Моно, ки туро тамом шуд паймона?
Чун менаравӣ ба оқибат во хона,
Ёдат н-ояд зи шамъу аз парвона?

Ва эшон ба забони ишқ ҳама ин ҷавоб диҳанд... Мо ошиқи туем, на ошиқи худ, ҷонро чӣ хатар бошаду дилро чӣ маҳал?» [171, ч. 2, с. 473-474].

Дар байти зер санъати ирсоли масал ва такрор истифода шудааст:

Ҳамвора туро канор, ҷонон набувад,
Бисёр бувад, тара бувад, нон набувад [171, ч. 2, с. 200].

Зимни номае сухан аз ҳаққи дӯстӣ мекунад ва зарбулмасали «гандумнамои ҷавфурӯш»-ро ба таври зер ба кор мебарад: «Бидон, эй бародари азиз,... ки суҳбат ва дӯстиро ҳуқуқ аст ва ҳар кӣ салоҳи ту дар дину дунё аз ту дареғ дорад, ба ҳаққи дӯстӣ қиём намекунад. Аммо чун дар ту маҷоли насиҳат шунудан бувад, агар дар гуфт худ бинад, насиҳат аз ту дареғ дорад, ҳаққи дӯстӣ зоеъ кардааст. Ва чун дар ту субуте набинад аз шунидани насиҳат, ҳаққи дӯстӣ он аст, ки роҳи гуфт бо ту наспарад, лаамрӣ, туро аз дуо нашояд, ки холӣ дорад. Ва агар собиқа дорӣ дар хидмати ҳозо аслун, сухане рост бишнав бемусомаҳат ва напиндорам, ки бишнавӣ: «**гандумнамои ҷавфурӯш будан**» ва бо Худо даволбозӣ кардан на коре аст ва самараи он ҷуз идбори абад ва ҳалоки сармад нест» [171, ч. 2, с. 372].

Дар номае, ки зайли шумораи 100-ум омадааст, бамаврид аз мақоли «муъмин оинаи муъмин аст» истифода мекунад, ки имрӯз байни мардум ба гунаи «дӯстон оинаи якдигаранд» дар кор аст, чунонки гӯяд: «Аммо кӯрро мумкин нест, ки дар оина кӯрии худ бинад. المؤمن مرآةُ المؤمنِ لا مرآة الكافِرِ (муъмин оинаи муъмин аст, на оинаи кофир- З.Ҳ.). Умари Хаттоб дар оинаи Бубакр – раз - ба нуқсони худ бино мешавад, аммо Буҷаҳлро, ки дида надошт, аз Абубакр чӣ суд?» [171, ч. 2, с. 373].

Аз гуфтаҳои фавқ равшан мешавад, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҷиҳати ороиши калом, шоҳиди сухан ва содаю оммафаҳм гардидани андешаҳои ирфонии худ аз зарбулмасалу мақол низ мадад ҷустааст.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаҳои худ ба касрат аз санъатҳои бадеӣ низ истифода намудааст, ки дар фавқ ва фаслҳои дигари рисола бамаврид ёд намудем. Шоистаи зикр аст, ки Қозии Ҳамадонӣ дар корбурди ҳам санъатҳои маънавӣ ва ҳам лафзӣ, ба монанди ташбеҳ, тавсиф, истиора, муболиға, тазоду

муқобала, саволу ҷавоб, талмеҳ, ташхис, ирсоли масал, таҷнис, саҷъ ва муламмаъ моҳир аст ва ҳар якро бамаврид ба кор мебарад. Ин ҷо ҷиҳати шоҳиди сухан ба ихтисор овардани чанд намунаро савоб медонем.

**Тазод ва муқобала**. Яке аз пуркортарин ва пуртаъсиртарин санъатҳои бадеии «Номаҳо»-и Айнулкузоти Ҳамадонӣ санъати тазод ва муқобала аст. Қозии Ҳамадонӣ ҷиҳати баёни мақсуд аз ин санъати шеърӣ бамаврид истифода кардааст. Чунончи, ҷое ҳини баёни сифоти зотӣ ва аразӣ, махсусан авсофи аризӣ аз санъати тазод ва муқобала, ташбеҳ, саҷъ ва такрори феъл моҳирона истифода намудааст: «Бидон, эй дӯст, ки **сукуну ҳаракат** ва **латофату касофат** ва **тариву хушкӣ** ва **ширинию туршӣ** ва **гармиву сардӣ**, ҳама авсофи оризианд дар ҷисм, ки ҷисм тавонад буд, бе он ки **сокин** бошад ва тавонад буд, ки бе он ки **мутаҳаррик** бувад. Ва ҳамчунин тавонад буд, ки **бе латофат** бувад чун замин ва **бе касофат** тавонад буд чун ҳаво ва **бе тарӣ** тавонад буд чун зару сим ва **бе хушкӣ** тавонад буд чун об ва **бе ширинӣ** тавонад буд чун **сирка** ва **бе туршӣ** тавонад буд чун **ангубин**, ки ин ҳама аҷсом аст ва ҳар яке алоҳида метавонад буд, бе он сифоти аҷсоми дигар» [171, ҷ. 1, с. 109].

Дар номае, ки таҳти шумораи 93-юм омадааст, ҷое сухан аз камоли ишқ ва дар ин мақом аз худ фонӣ ва айни маъшуқ гаштани ошиқ мекунад ва ҷиҳати ороиши калом, фаҳми бештари мухотаб ва шоҳиду тақвияти фикр аз санъати тазод ва муқобала ба таври зер истифода менамояд: «Он ҷо, ки « وَجَعَلَ الظُّلُمَاتِ وَالنُّورَ» («... ва **торики**ҳову **равшани**ро пайдо кард...»; сураи Анъом (6), ояти 1-ум- З.Ҳ.) рӯй вопӯшад, «اللَّهُ نُورُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ» (Худованд нури **осмон**ҳо ва **замин** аст...»; ояти 35-уми сураи Нур (24), аммо дар ҳошияи сафҳа ба иштибоҳ ояти 25-ум забт шудааст- З.Ҳ.) худро ҷилва додан гирад, **ҷалол** ҳама **ҷамол** гардад ва **қаҳр** ҳама **лутф** бошад ва **шар(р)** ҳама **хайр** бувад ва висоли абадӣ ва лаззати сармадӣ рӯй бо ту намояд. Пас **бидонӣ**, ки ҳаргиз **надонистӣ**... **Зеру боло** намонад, **росту чап** маҳв гардад, **қуддом ва халаф** нест шавад, **тақаддум ва тааххур** намонад, замон ва маконро пай кунанд ва то ин набувад, висоли азал муҳол аст:

То банди замонаро хирад накшояд,

Васли ману ту, буто, фароҳам н-ояд» [171, ч. 2, с. 279].

Дар байти фавқ санъати истиора низ ба кор рафта, мурод аз «бут» маъшуқ бошад.

Дар аксари ашъори истишҳодшудаи номаҳо низ санъати тазод ва муқобала ба назар мерасад. Чунончи, дар байти зерин вожаҳои «фарох»-у «танг» ва «дароз»-у «кӯтоҳ» мутазод ва муқобил мебошанд:

Ҷаҳони ишқ **фарох** асту **танг** синаи ту,

Ҳадиси ишқ **дароз** асту дасти ту **кӯтоҳ** [171, ч. 2, с. 360].

**Ташбеҳ.** Санъати ташбеҳ яке аз пуркортарин саноати бадеӣ дар «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ аст. Чунончи, ҷое сухан аз иродат ва соликони роҳи Ҳақ намуда, бидуни муршиди комил ва пири роҳнамой ба мақсуд расиданро ғайримумкин ва дарёфти муриди шоистаро барои пир муҳол мехонад ва ҷиҳати фаҳми бештари мухотаб мисоли зерро меорад, ки дорои санъати ташбеҳ аст: «Эй дӯст, одаме, ки ӯро иродат водид омад, дар мисол ба мӯрча монад, ки ба Каъба меравад аз Хуросон. Чӣ мегӯӣ? Ҳаргиз мӯрча ба худии худ ба Каъба тавонад рафтан? Ҳайҳот, ки агар ҳазор сол ҷон канад, ки ҳам ҳеч набувад. Аммо агар худро бар пари кабӯтаре ё бозе бандад, роҳ бар вай осон шавад. Аммо кори мӯрча дар он аст, ки худро бар пари кабӯтар бандад ва чун барбаст, роҳи ӯ ба расиди роҳи кабӯтар монда бувад ва ба як рӯз ба Каъба тавонад расид ба пари кабӯтар. Ва кори мурид дар он аст, ки худро чун бар пари пир бандад ва чун барбаст, роҳи мурид бирасид ва он роҳи пир аст, ки монда аст. Ва оламҳо бигардӣ, ки муридро наёбӣ, то донӣ Шайх Абулқосими Гургонӣ мегӯяд: «Чандин сол аст, ки мехоҳам то мурида биёбам» [171, ч. 1, с. 75]. Ин ҷо Қозии Ҳамадонӣ муридро ба мӯрча ва пиру муршидро ба кабӯтар ва бозе монанд кардааст. Назди Айнулқузот муриди мубтадӣ дар тайи расидан ба мурод камтар аз мӯрчае аст, ки орзуи ба Каъба расиданро дорад ва вуҷуди пири роҳнамой шабеҳи боз ё кабӯтаре аст, ки метавонад ба осонӣ ӯро ба мақсуд бирасонад.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҷое Худовандро ба котиб ва тамоми мавҷудоти оламро ба мактуби ӯ монанд мекунад ва мегӯяд: «Худойи таоло котибе аст ва ҳамаи олам мактуби Ӯст. Ва одамӣ дар он мактуб «ҷим»- е аст ва санг дар он мактуб «нуқта»-ест. Ва падид бувад, ки миёни одамӣ ва санг тафовут чанд тавонад буд ва ин тафовутро чӣ гуна қиёс бо он тафовут тавон кард, ки миёни одамӣ ва Худойи таоло бувад. Дар ин мисол нек андеша кун ва яқин дон, ки аҳли маърифат аз ин сухан рондан дар ҳаққи Худойи таоло шарм доранд ва чунонки туро шарм ояд, ки гӯйӣ: «Мамлакати Султон Санҷар фарохтар аз он мӯрча аст». Ва агар аз касе бишнавӣ, туро аз ин ханда ояд» [171, ч. 1, с. 205-206].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ зимни номае илми азалро ба дарёе монанд карда, тамоми оламро камтар аз қатраи он медонад ва мегӯяд: «Илми азал чун дарёе дон «وَلِلَّهِ الْمَثَلُ الأَعْلَى» («...ва Худоро сифати баланд аст...»; маъхуз аз ояти 60-уми сураи Наҳл (16) - З.Ҳ.). Аволимро кам аз қатрае дон дар он дарё. Ва ин илм дар сифот мебояд, ки пухта гардад, то рӯзе магар ҳиммат рӯйи худро во ту намояд» [171, ч. 1, с. 216].

Дар ашъори истишҳодшудаи номаҳо низ санъати ташбеҳ ба назар мерасад. Чунончи, дар байти зер ташбеҳи баргашта ба кор рафтааст:

Он кас, ки туро гуфт: «Ба рух чун моҳӣ»,
Ӯро зи ҷамоли ту набуд огоҳӣ [171, ч. 2, с. 225].

**Ирсоли масал**. Яке аз пуркорбурдтарин санъатҳои бадеии номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ санъати ирсоли масал ё тамсил аст. Суханвар ҷиҳати шоҳид, тақвияти фикр ва дарки бештари мухотаб мисолҳои зиёде аз рӯзгори машоиху урафо, бузургони дин ва рӯзгори хеш овардааст, ки дар фаслҳои дигари рисола низ ишора шуд. Чунончи, ҷое ҷиҳати фаҳми бештари мухотаб мисоли зерро овардааст: «Ва чун ин чаҳор илм муҳаққақ шавад, бидонӣ, ки қадим ҷуз яке сурат набандад, зеро ки дуиро аз ихтилофи авсоф истиғно нест. Ва ихтилоф ё ба сифоти зотӣ бувад ё ба сифоти оризӣ ва ин ҳар ду муҳол аст, пас муҳол бувад, ки ду қадим бошад. Агар фаҳм накунӣ, эй дӯст, он аз қиллати муморасат дон, зеро ки одат накардаӣ, ки ҷуз мазнуноту мустаҳсанот ва

машҳурот донӣ ва шунавӣ ва табъат забун шудааст. Чунончи, меъдаи ҳар касеро одат шуда бошад, ки ҷуз гӯшти мурғ ҳазм натавонад кард. Ва чун гӯшти гов хӯрад, ин кас меъдаи ӯ бори он накашад, чи одат надорад ба ҳазми таоми ғализ. Ва ту хӯй фаро кардаӣ, ки ҳаргиз чизе наёмӯзӣ, илло чизе, ки зуд идрок кунӣ» [171, ч. 1, с. 122].

Дар байти зер ҳам санъати ирсоли масал ва ҳам ташбеҳ ба кор рафтааст. Суханвар ҳаҷри ёрро ба санги ҳазорманӣ ва дили худро ба магас монанд карда мегӯяд:

Мазан ба ҳаҷр диламро, ки ғамзаеш бас аст,
Ки кас ҳазорманӣ санг бар магас назанад [171, ч. 1, с. 129].

Дар байти истишҳодшудаи зер ҳам санъати ирсоли масал ва ташбеҳ истифода шудааст:

Аз ту бинагардам, ар чӣ озор ояд,
Парвона ба тамъи нур дар нор ояд [171, ч. 1, с. 129].

Дар байти фавқ мегӯяд, ки агарчи озор мерасад, аз ишқи ту даст нахоҳам кашид, чунон ки парвона аз барои ишқи шамъ худро дар оташ мезанад.

Ҳамчунин, ҷое сухан аз сифати лозим ва ориз мекунад ва ҷиҳати шоҳид чанд мисоли зерро аз рӯзгор меорад: «Бидон, ки ҳар сифат, ки мавсуф бе он сифат мавҷуд тавонад буд, он сифатро ориз хонанд, чи агар лозим бувад, завол напазирад ва чун завол мепазирад, ориз аст, на лозим, чун тулу қаср ва саводу баёзи одамӣ ва алалитлоқ мегӯям, на одаме муайянро то донӣ. Ва сифоти оризро дар завол пазируфтан дараҷоти бисёр бувад. Бошад, ки зуд завол пазирад аз мавсуфи худ ... ва бошад, ки дер завол пазирад, чун обе, ки нек гарм шуда бошад, ки ҳарораташ рӯзе бимонад. Ва бошад, ки ба даҳ рӯз завол пазирад, чун суфрату лилмаризи ва заъф-ул-маризи ва бошад, ки ба ду-се моҳ завол пазирад, чун сабзии ғӯра, то ангур шавад. Ва бошад, ки ба соле завол пазирад, чун атласе, ки соле ала-д-давом дар офтоб ниҳанд. Ва бошад, ки ба сӣ сол ва чиҳил сол завол пазирад, чун сиёҳии мӯй. Ва ин дараҷот моро маълум аст» [171, ч. 2, с. 327].

**Таҷнис**. Дар байти истишҳодшудаи зер яке аз навъҳои таҷниси лафзӣ - таҷниси мураккаб ба кор рафтааст:

Айёр наӣ, ки бе ситам дам назанӣ,
Ҳар рӯз ҳазор корвон кам назанӣ.
Эй ҷони ҷаҳон, ҳама ҷаҳон гар хоҳӣ
**Барҳамзани**ю ду дида **бар ҳам назанӣ** [171, ҷ. 2, с. 470].

**Санъати саҷъ.** Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар корбурди санъати саҷъ низ маҳорати хос дорад ва бамаврид дар номаҳои худ онро истифода мекунад. Чунончи, зимни номае аз санъати мазкур, такрор ва тазоду муқобала ба таври зер истифода кардааст: «Худро дар фармон **тохтан** дигар аст ва худро иродати маъшуқ **бохтан** дигар. Бар фармони маъшуқ мутталеъ будан дигар аст ва бар иродати маъшуқ мутталеъ будан дигар. Ҷавонмардо, фармон **берун** аст ва иродат - **дарун**» [171, ҷ. 1, с. 75].

Дар номае ҳадиси иродат намуда, аксарро аз фаҳми он оҷиз медонад ва дар баёни ин матлаб аз санъати саҷъ, тазоду муқобала, такрор ва муболиға моҳирона истифода мекунад: «Туро бо ҳадиси иродат чӣ кор? Шодии висоли пир **ночашида** ва дарди фироқи ӯ **нодида** ва бар ҳайбату эъзоми ӯ гузар **нокарда**, ҳар рӯз ҳазор бор орзуи марг **нокарда** ва бори осмону замин **нокашида** ва таклифи молоюток аз дасти ҷаври вақт **нодида** ва заҳри рӯзгор нӯш **нокарда** ва рӯйи ҳасрати бениҳоят **нодида** ва дар дарёи ҳайрат ғарқ **ношуда** ва дар водии хунхори ишқ худро ҳазор бор гум **нокарда** ва аз дасти дили худ ҳазор бор хок бар сар **нокарда** ва аз дасти бе мусомаҳатии пир ҳар рӯз дар миёни хокистар **нонишаста** ва худро ба фарёдомада **нодида** ва ҳазор-ҳазор зуннор бар миён гоҳ аз дасти худ ва гоҳ аз дасти пир **нобаста** ва дар миёни хоку хун мароға **нозада** ва яшки (дар матн «нешаки» омадааст –З.Ҳ.) наҳанги нокомӣ дар самими ҷигари худ **нокарда** ва кӯҳро ба нохун **ноканда**, туро бо ин ҳадис чӣ ҳисоб?» [171, ҷ. 1, с. 198-199].

Дар иқтибоси зер низ саҷъи мутавозӣ ба назар мерасад: «Эй дӯст! Ба ман навишта будӣ, ки ба ҳиммати **мариза** ва даовии **ариза** кор рост наёяд» [171, ҷ. 2, с. 360].

**Талмеҳ**. Санъати талмеҳ низ яке аз санъатҳои серистифодаи номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ мебошад. Қозии Ҳамадонӣ дар номаҳои худ ба касрат аз талмеҳоти ишқӣ ва динӣ истифода намудааст. Аз ҷумла, дар рубоии зерин ишорае ба қиссаи Намруд ибни Канъон – подшоҳи асотирии Бобил шудааст, ки даъвои худоӣ мекард. Иброҳим (а) дар аҳди ӯ ба пайғамбарӣ баргузида шуд, ҳама бутҳоро шикаст ва мардумро ба парастиши Худованди якто даъват кард. Намруд Иброҳим (а)-ро осӣ кард ва дар оташ андохт, аммо оташ бо хост ва фармони Худованд сарду хомӯш гашт ва гулистон шуд. Дар мисраи дувуми рубоии зер ишораи малеҳ ба ҳамин қисмати достони Намруд шудааст, чунонки гӯяд:

То зулфи ту бар рухи ту raққосӣ кард,
Монандаи Намруд дилам осӣ кард.
Дарёи ду чашми ман тиҳӣ гашт зи дур(р),
Азбаски дар ӯ ҳаҷри ту ғаввосӣ кард [171, ҷ. 2, с. 361].

Дар байти аввал мегӯяд, ки вақте зулфи ту бар рухсораи чун моҳи ту раққосӣ кард, оташе дар дили ман андохт, ки монанди оташи Намруд буд. Дар байти дувум санъати муболиға ва ташбеҳ ба кор рафтааст. Шоир ашкҳои чашмони худро ба «дур(р)» ва ҳаҷри ёрро ба ғаввосе монанд карда мегӯяд, ки ҳаҷри ту монанди ғаввос ба дарёи чашмони ман ғӯта зад ва ҳамаи дурр (ашк)-ҳои он берун сохт.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаҳои худ бештар ба қиссаи қуръонӣ ва ишқии Юсуф (а) ишора намудааст. Аз ҷумла, дар номае, ки таҳти шумораи 123-юм омадааст, ба қиссаи Юсуф (а) ва иттиҳом кардани Ибни Ёмин бамаврид ишорае мекунад ва мегӯяд: «Ибни Ёминсифат бояд будан, ки роҳи мардон он аст. Донист, ки дуздӣ накард ва нагуфт, ки накардам. Ҳам илми Юсуф ба бароати соҳати ин бас аст. Ибни Ёминро аз халқ чӣ бок?

Аз ҳолам агар оламиён бехабаранд,
Аз оламам он бас, ки ту ҳолам донӣ.

Қадам бар бисоти адаби ошиқӣ медор, то маъшуқ аладдавом туро бувад. Чӣ мешунавӣ! مَن كانَ اللهِ كانَ اللهُ لهُ. (Ҳар кӣ барои Худост, Худо барои ӯст)» لَقَدْ كَانَ

«فِي قَصَصِهِمْ عِبْرَةٌ لِأُولِي الْأَلْبَابِ» («Ба дурустӣ ки дар қиссаи пайғамбарон барои соҳибони хирад панде ҳаст», маъхуз аз ояти 111-уми сураи Юсуф (12) - З.Ҳ.). Пиндорӣ қиссаи Юсуф ва бародаронаш самар аст? Ҳошо! Дар ҳар ҳарфе сад ҳазор-ҳазор ибрат таъбия аст» [171, ч. 2, с. 463].

Ҳамчунин дар номаи дигар ишорае ба қиссаи Юсуф ва бародарони ӯ, ғаму ранҷи Яъқуб (а) ва гирифтории Зулайхо мекунад ва мегӯяд: «Бародарони Юсуфро мусаххар ва мақҳур кунад, то ба сабаби ҳасаде, ки дар эшон падид овард, ончунон хатое кунанд. Чӣ гӯӣ азимтар аз ин хатое ва маъсияте мумкин бувад, ки бародаре ноболиғро бегуноҳе хун бирезанд ва падаре пири пайғамбарро бад-он ҳад биранҷонанд ва бо ин ҳама гӯянд: «إِنَّ أَبَانَا لَفِي ضَلَالٍ مُبِينٍ» («... Ҳамоно падарамон дар хатои зоҳир аст», сураи Юсуф (12), ояти 8-ум - З.Ҳ.). Ва ба ин басанда накунанд ва таманнои он кунанд, ки « وَتَكُونُوا مِنْ بَعْدِهِ قَوْمًا صَالِحِينَ» («...ва то баъд аз ин гурӯҳи шоиста бошед», сураи Юсуф (12), охири ояти 9-ум - З.Ҳ.). Фарёд, фарёд! Аз чунин булаҷабиҳо. Пас, баъд аз чунин гуноҳе бад-ин азимӣ, ҳазор-ҳазор киса бардӯзанд ва ба охир ҳамаро нубувват диҳанд ва падари пирро балои осмону замин бар ҷон ниҳанд, то пухтаи дард гардад. Ва Юсуфро чандин сол дар банди бандагӣ ва зиндон бидоранд. Ва Зулайхоро мубталои ишқи ӯ кунанд. Ва аҷоибе, ки ҳаргиз дар назари ҳеч офарида нагунҷад, ки агар дар муҷалладҳо баёни он кунам, аз он ушри миъшоре гуфта наёяд [171, ч. 2, с. 465].

Ҷойи дигар сухан аз ошиқони Худо мекунад ва ҷиҳати тақвияти фикр ишора ба достони Яъқуб ва ба Миср омадани он мекунад: «Яъқуб чун аз Канъон ба Миср ояд, ба талаби Юсуф ояд, агарна нон, гӯшт ва ҳалво ба Канъон ҳам бувад, чи дар дунё хӯрдан ва дар охират ҳам хӯрдан, ҳошо ва калло!

Дар олами ҷон оби ҳаёт аст ғизои мо,
На мо чу ту дар ҳар ду ҷаҳон ошиқи нонем [171, ч. 1, с. 76].

Дар ҷойи дигар ишора ба достони «Лайлӣ ва Маҷнун», фарзи роҳи Умари Хаттоб, Увайси Қаранӣ ва Буҷаҳл мекунад ва мегӯяд: «Аммо маҷнунсифате бояд, ки дар номи Лайлӣ шунидан ҷон тавонад бохт. Фориғеро аз ишқи Лайлӣ чӣ хабар? …Он кӣ ошиқи Лайлӣ нест, он чӣ фарзи роҳи Маҷнун аст, ӯро фарзи

роҳ нест. Дар роҳи Умари Хаттоб каду бар далқ дӯхтан фарз бувад ва дар роҳи Увайс бозичаи кӯдакон будан фарз бувад. Аммо Буҷаҳлро фарзи роҳ талаби мулки Макка бувад ва Мустафоро аз он ҷо берун кардан фарз бувад» [171, ч. 1, с. 462-463].

Зайли номаи 69-ум сухан аз ишқи ирфонӣ мекунад ва барои шоҳид ишорае ба достони «Лайлӣ ва Маҷнун» мекунад: «Акнун бидон, ки ҳама қасами маъшуқ аз он ҷо, ки ҳақиқат бувад, ҳама ба худ бувад, зеро ки агар Маҷнунро во саги кӯйи Лайлӣ ишқе бувад, на он бо саг бувад, ҳам бо Лайлӣ бувад» [171, ч. 2, с. 68].

**Санъати такрор**. Яке аз пуркортарин санъатҳои бадеии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ санъати такрор аст. Агарчи баъзе аз донишмандон такрорро яке аз уюби лафзӣ медонанд, дар насри Айнулқузоти Ҳамадонӣ, махсусан номаҳои ӯ корбурди ин санъати бадеӣ аз ҳусни каломи ӯ кам накарда, балки ҷиҳати содаву фаҳмо ва равшан гаштани матлаб хидмат намудааст Чунончи, дар номае такрори ҷонишини шахси сеюми танҳоро, ки мурод Худованд аст, моҳирона ба кор бурдааст. Афзун ба ин, ҷиҳати баёни мақсуд ва ороиши калом аз санъатҳои бадеии тавсиф, такрори феъл, тазоду муқобала ва саҷъ мадад ҷустааст: «**Ӯст**, ки **Ӯст**. Ва ҳар чи ҳаст, бад-**Ӯ** <u>ҳаст</u>, ё на ҳама ба худ <u>нест</u> аст. Ва <u>нести</u>и ғайри **Ӯ** <u>зарурӣ аст</u>, чунонки <u>ҳасти</u>и **Ӯ** <u>зарурӣ аст</u>. Ва **Ӯ**ро дар қидами **Ӯ** шарик <u>нест</u>. Ва бо **Ӯ** ҳеч офарида <u>нест</u>. Ва он ҷо, ки **Ӯст**, касе нест ва <u>натвонад будан</u>. **Ӯ**ро ҳеч ба <u>расида нест</u> ва дар ҳаққи Ӯ ҳеч <u>фарорасида нест</u> ва <u>нахоҳад расидан</u>. Ва <u>диву имрӯзу фардо</u>, ҳама дар илми **Ӯ** як ранг дорад, ки, албатта, ба <u>қалилу касир</u> дар он тафовут нест. Ва дар зоти Худ ягона аст ва авсофи **Ӯ** худ яке аст ва ҳама сифоти **Ӯ** том аст ва сифоти **Ӯ** муттасил аст ба зоти **Ӯ**... **Ӯст**, ки **қаҳраш** ҳама **лутф** аст ва **Ӯст**, ки **ғазаб**аш ҳама **роҳат** аст» [171, ч. 1, с. 221, 224].

Дар ҷумлаи зерин санъати такрор ва саҷъро бамаврид ва моҳирона ба кор бурдааст: «**Доранда** <u>дигар</u> аст ва **хонанда** - <u>дигар</u> ва **донанда** - <u>дигар</u>» [171, ч. 2, с. 217].

Дар номае, ки зайли шумораи нуҳум омадааст, ҷое сухан аз манозили сулук ва андуҳу шодии тариқи Илоҳ мекунад, ки баёнаш тавассути овозу ҳарф муҳол аст ва ҷиҳати баёни мақсуд ба касрат шумораи «ҳазор»-ро такрор сохта, бамаврид аз санъати тазоду муқобала ва такрори феъл низ истифода менамояд: «Эй дӯст, андуҳу шодии ин роҳ дароз аст ва ба навиштан рост наёяд. **Ҳазор-ҳазор гуна** шодӣ ва **ҳазор-ҳазор гуна** андуҳ ва **ҳазор-ҳазор гуна** хавф ва **ҳазор-ҳазор гуна** раҷо ва ҳамчунин зуҳду таваккул ва ризову таслим ва муҳаббат чандин **ҳазор-ҳазор гуна** бувад ва рӯз бувад, ки ҳазор ранг гуна соликро бароваранд ва чун пире бувад, ҳама осон бувад, чун набувад, хатар бувад...» [171, ч. 1, с. 74].

Хулоса, «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ороста ба зарбулмасалу мақолҳои арабию форсӣ-тоҷикӣ ва санъатҳои бадеӣ мебошанд, ки ҷиҳати шоҳид, тақвияти фикр, ороиши калом ва фаҳми бештари мухотаб истифода шудаанд. Қозии Ҳамадонӣ бештар аз санъатҳои тазоду муқобала, истиораву киноя, ташбеҳ, ирсоли масал ё тамсил, таҷниси лафзӣ, саҷъ, талмеҳ, такрор, тавсиф, муламмаъ ва муболиға истифода намудааст, ки дар фавқ ва фаслҳои дигари рисола ба таври мухтасар ишора намудем.

# БОБИ IV. «НОМАҲО»-И АЙНУЛҚУЗОТИ ҲАМАДОНӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ АДАБӢ ВА МАТНШИНОСӢ

## IV.1. Муруре ба нусхаҳои хаттии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ

Аз Айнулқузоти Ҳамадонӣ чӣ миқдори номаҳо боқӣ мондаанд, дақиқ муайян нест. Зоҳиран, яке аз иллатҳои муайян набудани теъдоди номаҳои суханвар дар он аст, ки миқдори мактубҳои ӯ дар нусхаҳои хаттӣ ба як қарор нестанд. Дар бораи нусхаҳои хаттии мактуботи Айнулқузоти Ҳамадонӣ А. Усайрон, Р. Фарманиш ва А. Мунзавӣ нисбатан маълумоти пурарзиш додаанд. Аз ҷумла, А. Усайрон дар муқаддимаи нашри «Тамҳидот» перомуни нуҳ нусхаи хаттии номаҳои суханвар [172, муқаддима, с.10-12], Р. Фарманиш дар ду фасли китоби «Аҳвол ва осори Айнулқузот» дар хусуси ду нусхаи хаттӣ ба таври муфассал [398, с.126-154; 155-160] ва А. Мунзавӣ дар пешгуфтори ҷилди якуми китоби «Номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ» дар бораи ҳашт нусха ва дар пешгуфтори ҷилди дувум дар бораи як нусхаи дигари мактуботи Айнулқузот маълумот додаанд [171, ҷ. 1, с.5-12; ҷ. 2, с.4-6]. Аз омӯзиши муқоисавии нусхаҳо равшан гардид, ки ҳеҷ яке аз онҳо фарогири тамоми мактуботи Қозӣ нестанд. Афзун ба ин, нусхаҳои мавҷуда аз лиҳози миқдор ва тартиб аз ҳамдигар бисёр фарқ мекунанд ва ҳеч як холӣ аз афтодагию ағлот ва камбудӣ нестанд.

**1. Нусхаи маҳфуз дар Китобхонаи Сипаҳсолор (Теҳрон)**, ба шумораи 3875, ки фарогири 105 барг ва ҳар сафҳа 15 сатрӣ аст. Ин нусха ба хатти насх дар соли 638ҳ./1240м. навишта шудааст. Номаҳои суханвар дар баргҳои 68-105 китобат шудаанд. А. Усайрон дар фасли «Нусхаҳои хаттии мактубот» [172, с. 10] ва А. Мунзавӣ дар пешгуфтори китоби «Номаҳо» [171, ҷ. 1, с.8] оид ба он маълумот додаанд. Таҳиягарони китоби «Номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ» онро бо ҳарфи англисии «R» ишора намуда, аммо ҳини тасҳеҳ ва нашри ҷилди якуми номаҳо аз он истифода накардаанд [171, ҷ. 1, с. 8]. Бояд гуфт, ки ин нусха нисбат ба нусахи дигари макотиби Айнулқузот қадимтар аст.

**2. Нусхаи Китобхонаи Коруллоҳ (Истанбул)**, ки таҳти шумораи 1100 нигоҳдорӣ мешавад. Ин нусха аз 136 варақ, ҳар сафҳаи 15 сатрӣ иборат буда, ба хатти насх соли 668ҳ./1270м. таҳрир ёфта, шомили 67 нома аст. А. Усайрон онро маҳфуз дар Китобхонаи Коруллоҳ гуфта, аммо Аҳмади Мунзавӣ Китобхонаи Ҷоуллоҳ (جاالله) забт кардааст. Нусхаи аксии он, ки таҳти шумораи 166 дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон нигоҳдорӣ мешавад, зери дасти мо аст, ки дар барги 4а ба хатти лотинӣ ва форсии сиёҳ «Макотиб-ул-муттақин. Макотиби Айнулқузоти Ҳамадонӣ, Коруллоҳ, 136 варақ, барои Донишгоҳи Теҳрон акс гирифта шуд, Муҷтабо Минавӣ» (MakātibulMuttaqin مکاتیب عین القصات همدانی، Carullah 1100, 136 varak, برای دانشگاه طهران عکس گرفته شد، مجتبی مینوی) навишта шудааст [164, с. 4а]. Зоҳиран, ин нусхаро устод Муҷтабо Минавӣ акс гирифта, ба Донишгоҳи Теҳрон эҳдо намудааст. Дар барги 4б унвони нусха ба хатти форсии сиёҳ «Макотиб-ул-муттақин» таълиф аш-Шайх Айнулқузот ал-Ҳамадонӣ қаддаса сирруҳу» навишта шудааст [164, с. 4б].

Оғози нусхаи мавриди баҳс чунин аст: «بسم الله الرَّحمن الرَّحيم ربّ وفّقنی لاتمامهِ واکمالهِ بحق محمّد وَآلهِ الحمدُلله وحده والصلوة علی رسوله محمد وآله من بعده و سلم تسليماً کثيرا. Худойи таоло оқибати маҳмуд бидиҳод моро ва он бародари ааззро. Дар хотир мебуд, ки дар шароит ва аркони намоз чанд мактуб бинависам, иншоаллоҳ, ки тақдир мусоидат намояд. Дар ин мактуб ҳақиқати ният хоҳам набиштан» [164, с. 5а].

А. Мунзавӣ ва А. Усайрон ҳангоми нашр ҳамди Худо ва дуруди расул (с)-у хонадони ӯро, ки баъди бисмиллоҳ дар нусхаи мавриди баҳс омадааст [164, с. 5а], ҳазф намудаанд [171, ҷ. 1, с. 1]. Таҳиягарони матн ҳангоми тасҳеҳу нашри номаҳо ин нусхаро бо ҳарфи англисии «K» ишора кардаанд. А. Усайрон дар муқаддимаи «Тамҳидот» ва А. Мунзавӣ дар пешгуфтори ҷилди якуми «Номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ» дар бораи ин нусха маълумоти мухтасар додаанд [172, с. 10; 170, ҷ. 1, с. 6]. Бинобар он ки ин нусха дар аҳди Салоҷиқаи Рум дар Осиёи Сағир ба хатти насхи туркӣ навишта шудааст ва холӣ аз хатоҳои матншиносӣ нест, таҳиягарони китоб тахмин намудаанд, ки котиб забони форсиро дуруст намедонистааст [171, ҷ. 1, с. 6].

**3. Нусхаи маҳфуз дар Китобхонаи шаҳид Алӣ Пошо (Истанбул)** ба шумораи 1417, ки аз 206 варақ ва ҳар сафҳаи 15 сатрӣ иборат аст. Ин нусха ба хатти насх буда, шомили 64 номаи суханвар аст, ки қисме дар соли 733ҳ. / 1333м. ва қисми дигар дар соли 762ҳ. / 1361м. таҳрир ёфтаанд. Аз мактуби 11-ум то 25-ум зери ҳар сатр тарҷумаи туркии номаҳо оварда шуда, оёт ва нишонҳо шингарф аст. Акси он дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон мавҷуд мебошад. Дар поён котиб худро Юнус ибни Шодӣ ибни Валийуддини Мавлавӣ хондааст. Дар оғози нома шумораи он дақиқан муайян шудааст. Таҳиягарони китоб онро бо ҳарфи англисии «S» ишора намуда, ҳини тасҳеҳ ва нашр ба таври васеъ аз он истифода кардаанд. Тартиби номаҳои чопшудаи ҷилди якум, ҷуз шаш мактуби аввал ва панҷ номаи охир, монанди ин маҷмуа мебошанд [171, ҷ. 1, с.12]. А. Усайрон ва А. Мунзавӣ дар бораи ин нусха маълумоти бештар додаанд [172, с. 10-11; 170, ҷ. 1, с. 8-9].

Хушбахтона, акси ин нусха зери дасти мо қарор дорад [165], ки ҳангоми зарурат ба он рӯй овардем. Дар сафҳаи дувуми он рақами 1899 (филм) ва шумораи 4525 (шумораи сабт), дар варақи савум номи А. Усайрон, макон ва шумораи нигаҳдорӣ ва миқдори барги он ба хатти англисӣ (Afif Osseiran, Sehit Ali Posa 1417, 206 yk) ва дар барги чорум унвони нусха бо хатти арабӣ «Макотиб-ул-Шайх ал-Ҳамадонӣ»(مکاتب الشیخ الهمدانی) оварда шудааст [165, с. 2а-4б]. Зоҳиран, ин ҳамон нусха аст, ки А. Усайрон ҳангоми таҳқиқи аҳвол ва осори Айнулқузот ва таҳияи «Тамҳидот» зери даст дошта, ба ин сабаб номи худро дар сафаҳоти аввали он навиштааст. Оғози нусха чунин аст: «Ҳолӣ он чӣ вақт имло кунад, дар ин маънӣ, ки «نيَّة المؤمن خيرٌ مِن عملِه» бихоҳам навиштан» [165, с.5а].

А. Мунзавӣ дар пешгуфтори китоб мегӯяд, ки «оғози он то миёни номаи ҳафтум афтодааст» [171, ҷ. 1, с.8], аммо А. Усайрон дар бораи афтодагии сафаҳоти аввали нусха маълумоте надодааст [172, с. 10-11]. Ҳангоми муқоисаи нусхаи мавриди баҳс бо нашри «Номаҳо» маълум гашт, ки аз оғоз то миёни мактуби ҳаштуми он (на ҳафтум, ки А. Мунзавӣ гуфтааст) афтодааст [165, с. 5а; 170, ҷ. 1, с. 59].

**4. Нусхаи мавқуфоти Мулло Мурод (Истанбул).** Ин нусха аз 379 сафҳа (ҳар сафҳа 21 сатр) иборат буда, соли 853ҳ./1449м.ба хатти настаълиқ навишта шудааст. Акси он дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон мавҷуд аст, ки нусхае аз он зери дасти мо аст [166]. Таҳиягарони китоб ин нусхаро бо ҳарфи англисии «М» ишора намудаанд. А. Усайрон ва А. Мунзавӣ дар бораи ин нусха ба таври мухтасар [172, с.11; 170, ҷ. 1, с. 6-7] ва Р. Фарманиш ба таври муфассал [398, с.126-154] маълумот додаанд. Ахбори муҳаққиқони мазкур дар бораи миқдори номаҳои ин нусха аз ҳам фарқ мекунанд. Р. Фарманиш миқдори номаҳои ин нусхаро 131 адад гуфтааст [398, с. 126], аммо А. Мунзавӣ маҷмуан 133 мактуб медонад ва мегӯяд, ки Р. Фарманиш ду номаро аз қалам андохтааст [171, ҷ. 1, пешгуфтор, с.6]. А. Усайрон миқдори мактуботи Айнулқузотро дар ин нусха 126 адад гуфта, панҷ номаи дигар («Рисолаи Ҷамолӣ»-и Айнулқузот ва 4 номаи Аҳмади Ғаззолӣ)-ро аз ин шумор берун овардааст [172, муқаддима, с.11], ки дар якҷоягӣ (126+1+4=131), баробари гуфтаи Р. Фарманиш, яъне 131 мактубро ташкил медиҳанд. А. Мунзавӣ 7 номаи ин нусхаро аз Аҳмади Ғаззолӣ медонад, аммо дар қавс шумораи се мактуб - якум, ҳафтум, ҳаштум (шумораи 8-умро ба такрор овардааст)-ро меорад [171, ҷ. 1, пешгуфтор, с.6], ки саҳеҳ нест. Ҳангоми таҳқиқи бевоситаи нусхаи мавриди баҳс моро равшан гашт, ки дар оғози нусха панҷ номаи Аҳмади Ғаззолӣ ба Айнулқузот, як мактуби нигошта ё зикри суолоти манқул аз Айнулқузот ба Аҳмади Ғаззолӣ ва посухи Шайх Аҳмади Ғаззолӣ ба он, васиятномаи Аҳмади Ғаззолӣ ба машоихи рӯзгор омада, номаҳои баъдӣ навиштаи Қозии Ҳамадон мебошанд. Тартиби номаҳои ин нусха аз нашри «Номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ» фарқ мекунад.

Дар сафҳаи аввали нусхаи зери дасти мо фармудаи зайли шайх, қутб-ул-орифин ҳазрати Ғавс Муҳйиддин омада, зери он рақами 1547 оварда шудааст, ки, зоҳиран, шумораи сабти нусха аст:

«قال الشیخ قطب العارفین حضرت غوث محی الدین

قطبی قلبی و قالبی لبنانی     سرّ خضری و عیسی عرفانی

هارونی عقلی و کلیمی روحی     نفسی فرعونی و هوایی هامانی» [166, с. 1б].

Номаҳои мавҷуд дар ин нусха шумора надоранд. Нусха бо мактуби зерини Аҳмади Ғаззолӣ, ки ба номи Айнулқузот навиштааст [166, с. 4а-5б], оғоз мешавад ва унвон надорад: «Бисмиллоҳи-р-раҳмани-р-раҳим ва биҳи настаъин. «وَمَا تَكُونُ فِي شَأْنٍ» («Ва ту дар ҳеҷ шуғле намебошӣ...» - сураи Юнус (10), қисмати аввали ояти 61-ум аст - З.Ҳ.) чун кор пайдо шавад, машҳуд шавад, шоҳид шоҳидии худ изҳор кунад, пас дар изҳори худ туро ихфо кунад» [166, с. 4а]. Таҳиягари «Маҷмуаи осори форсии Аҳмади Ғаззолӣ» ояти мазкурро ба иштибоҳ ояти 62-юми сураи даҳум забт кардааст [74, с. 243]. Мактуби мавриди баҳс дар китоби «Маҷмуаи осори форсии Аҳмади Ғаззолӣ» низ омадааст [74, с. 243-246].

Номаи дувум низ нигоштаи Аҳмади Ғаззолӣ ба Айнулқузот аст ва унвон надорад [166, с.5б-6а], дар «Маҷмуаи осори форсии Аҳмади Ғаззолӣ» зайли шумораи ҳафтум омадааст [74, с. 247-248].

Номаи савум дар қиёс бо номаҳои қаблӣ дорои чунин унвон аст: «Бисмиллоҳи-р-раҳмани-р-раҳим ва биҳи настаъин. Зикри вақоеъ ва суолоте, ки манқул аст аз имоми саиди шаҳид Айнулқузот Абулмаолӣ ал-Миёнаҷӣ, раҳмат-ул-Лоҳи алайҳи, ки ба хоҷаи имом ҳуҷҷат-ул-ислом Аҳмади Ғаззолӣ, разийа-л-Лоҳу анҳу, навиштааст ва Хоҷа Аҳмад ҷавоби он боздода» [166, с. 6а]. Ин мактуб, зоҳиран, нигошта ва ё нақлшуда аз Айнулқузот аст, ки дар он панҷ савол ва панҷ воқеаро навишта ва аз Шайх Аҳмади Ғаззолӣ ҷавоби онҳоро пурсон шудааст [166, с. 6а-6б].

Номаи чорум баъд аз «Бисмиллоҳ» чунин унвон дорад: «Нусхаи номае, ки имом Аҳмади Ғаззолӣ, қаддаса-л-Лоҳу руҳаҳу, ба хоҷа имоми саиди шаҳид Айнулқузот Абулмаолӣ ал-Миёнаҷӣ, раҳмат-ул-Лоҳи алайҳи, дар ҷавоби суолоте ва воқеот, ки шарҳ додем» [166, с. 6б-9а]. Ин мактуб дар «Маҷмуаи осори форсии Аҳмади Ғаззолӣ» зайли шумораи якум омадааст [74, с. 223-227].

Номаи панҷум унвон надорад ва чунин оғоз мешавад: «Бисмиллоҳи-р-раҳмани-р-раҳим ва биҳи настаъин. Алҳамдулиллоҳи рабби-л-оламина ва салотуҳу ъало сайид-ил-мурсалина Муҳаммадин ва олиҳи-л-акрамина. Ҳиҷоби ҳадасон адли кор аст, аммо ба ҳукми карами валоят он ҳиҷоб

саропардаи таманно беш нест. То таманно мебувад, ҳиҷоб мебувад» [166, с. 9а]. Ҳангоми таҳқиқ ва муқоиса маълум гардид, ки номаи мазкур васиятномаи Имом Аҳмади Ғаззолӣ ба баъзе аз машоихи рӯзгор аст [74, с. 250- 256].

Мактуби шашум аз ҷумлаи номаҳое аст, ки Имом Аҳмади Ғаззолӣ ба Айнулқузот навиштааст [166, с. 11б- 13б]. Нома чунин оғоз мешавад: «Бисмиллоҳи-р-раҳмани-р-раҳим. Саломуллоҳи ъала-л-валади-л-ааззи Айнулқузот ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу ва раъфатуҳу ва таҳиййотуҳу. Ва ал-ҳамду лиллоҳи рабб-ил-оламина ва салавотуҳу ъало набийиҳи Муҳаммадин ва олиҳи. Муддати иштиёқ аз ҳад гузашт…» [166, с. 11б; 74, с. 228]. Ин нома дар «Маҷмуаи осори форсии Аҳмади Ғаззолӣ» низ омадааст [74, с. 228-232].

Номаи ҳафтум низ навиштаи Аҳмади Ғаззолӣ ба Айнулқузот аст [166, с. 13б-15а] ва чунин оғоз мешавад: «Бисмиллоҳи-р-раҳмани-р-раҳим ва биҳи настаъин. Фарзанди аъазз қуррат-ул-ъайн Айнулқузот, акрамаҳуллоҳу ва аҳйоҳу, салом бихонад ва орзумандӣ фавқ-ул-васф шиносад…» [166, с. 13б]. Мактуби мазкур дар «Маҷмуаи осори форсии Аҳмади Ғаззолӣ» бо андаке тағйир омадааст [74, с. 236-238].

Номаи ҳаштум низ мактуби Аҳмади Ғаззолӣ ба Қозӣ аст [166, с. 15а- 16а] ва чунин оғоз мешавад: «Бисмиллоҳи-р-раҳмани-р-раҳим ва биҳи настаъин. Саломуллоҳи таъ ((تع)-аломати ихтисорӣ, мухаффафи таоло- З.Ҳ.) ъала-л-валади-л-аъаззи қуррат-ул-ъайн, Айнулқузот, ва раҳматтулоҳи ва баракотуҳу ва раъфатуҳу ва таҳиййотуҳу ва-л-ҳамду лиллоҳи рабби-л-ъоламина ва салавотуҳу ъало набиййиҳи сайид-ул-мурсалина Муҳаммад ва олиҳи-л-акрамина. Эй дӯст, бидон, ки иштиёқи он азиз на бад-он сифат аст, ки дар хотир мегунҷад ва анмузаҷе (اَنموذجی/ дар луғатномаи Муин ва Деҳхудо «унмузаҷ» - муарраби намуна, намудор –З.Ҳ.) пеши он азиз аст ва бар давоми хотири мусофири он диёр аст барои он азиз, то мурoқибони худ бинанд ва донанд» [166, с. 15а].

Номаи нуҳум нигоштаи Айнулқузот аст [166, с. 16а-18б] ва чунин оғоз мешавад: «Бисмиллоҳи-р-раҳмани-р-раҳим ва биҳи настаъин. Эй бародари азиз, атолаллоҳу бақока ва салака бика сабил-ас-саодот фӣ диника ва дунёка

ва таҳаррака ъани-ш-ширки ва-н-нифоқи. Бидон, ки таҳоратро дараҷот аст ва наҷосатро ҳамчунин. Дараҷаи аввал дар покӣ, ҳукми шаръ нотиқ аст бад-он, чунонки гӯяд: «Обу хок пок аст ва хуну бавл наҷас» [166, с. 16а]. Аз поёни номаи мазкур равшан мешавад, ки Айнулқузот ин мактубро дар хонаи Абулфараҷ, байни ишоин, яъне намози хуфтан, ё таоми шабонгоҳӣ, шаби савум аз авоили даҳаи охири моҳи рабеъ-ул-аввал навиштааст, чунонки гӯяд: «Ин навишта дар хонаи Абулфараҷ навиштам, байн-ал-ишоайни лайлат-ил-суласои мин авоил-ил-ашар-ил-охири шаҳри рабеъ-ил-аввали. Вассалом» [166, с. 18б]. Таҳиягарони «Номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ» ҳангоми тасҳеҳ ва нашри номаи шумораи чилу нуҳум аз ин нусха мадад ҷустаанд [171, ҷ. 1, с. 382- 387]. Ҳангоми таҳқиқ ва муқоиса равшан гашт, ки ин мактуб [166, с. 16а-18б] аз номаи шумораи чилу нуҳум [171, ҷ. 1, с. 382- 387] фарқ мекунад ва таҳиягарон ҳини нашр нусахи дигарро асос қарор додаанд.

Номаи даҳум ҳам аз Айнулқузот аст, зеро котиб қабл аз китобати он «айзан мин мактуботиҳи» навиштааст. Номаи мазкур чунин оғоз шудааст: «Бисмиллоҳи-р-раҳмани-р-раҳим ва биҳи настаъин. Худои таоло оқибат маҳмуд бидиҳод моро ва бародари аазз (арҷмандтар, бузургвортар-З.Ҳ.)-ро. Дар хотир мебуд, ки дар аркон ва шароити намоз чанд мактуб бинависам, иншоаллоҳ, ки тақдир мусоидат намояд. Ва дар ин мактуб ҳақиқати ният бихоҳам навиштан» [166, с. 18б-19а]. Ин мактуб дар китоби «Номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ» таҳти шумораи якум омадааст [171, ҷ. 1, с.1-8]. Ҳангоми муқоиса маълум шуд, ки ихтилофе байнашон ҷой дорад ва, зоҳиран, таҳрирҳои мухталифи як нома мебошанд.

Лозим ба зикр аст, ки Р. Фарманиш ба таври ихтисор ва бо тартиб дар бораи мавзуи баҳси ҳар як мактуби ин нусха маълумот додааст [398, с. 128-144], ки ҷиҳати шинохти мавзуоти баҳси «Номаҳо»-и Айнулқузот аҳаммияти беназир доранд. Чунончи, мегӯяд: «Мактуби нуҳум - дар баёни ҳақиқати таҳорат ва наҷосат ва шарҳи дараҷоти онҳо, бахусус дар намоз ва ҳамчунин шарҳи кайфияти баъзе аз сифоти худовандӣ ва шарҳи «Фотиҳат-ул-китоб» ва «Субҳоналлоҳ» [398, с. 129]. «Мактуби сию савум- дар илм ва қудрати Худои

таоло ва фарқи миёни илм ва қудрати Худои таоло бо илм ва қудрати одамӣ» [398, с. 133]. «Мактуби саду шашум - дар баёни ишқ ва маротиби он» [398, с. 141]. «Мактуби саду ҳафтум - дар ишқ ва васлу фироқ ва ақсоми соликон» [398, с. 141].

Аз ахбори мазкури Р. Фарманиш маълум мешавад, ки Айнулқузот дар номаҳои бисту савум, бисту чаҳорум, бисту панҷум, бисту ҳаштум, сию панҷум, сию шашум ба шарҳи «Аллоҳу акбар» пардохта [398, с. 132-133], дар мактуботи чаҳордаҳум- ҳаждаҳум шарҳи «ният» намуда [398, с. 130], дар номаҳои саду дувум-саду чаҳорум, яъне се нома дар баёни ишқи Иблис, қабули лаънати Худо аз тарафи Иблис ва иллати саҷда накардани ӯ бар Одам ва мақоми Иблис баҳс кардааст [398, с. 141]. Бояд гуфт, ки ҳеч як номаи Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз оғоз то поён дар шарҳу баёни як мавзуъ нест ва суханвари ориф дар як мактуб атрофи чанд мавзуъ баҳс намудааст, ки яке аз сабкҳо ва услубҳои хоси номанигории Қозӣ аст. Аз ин нигоҳ феҳристи мавзуоти мактубот, ки Р. Фарманиш овардааст, баёнгари тамоми мавзуи номаҳо нест. Донишманди мазкур худ ҷое ба ин маънӣ ишора намуда мегӯяд: «Ба таври ки мулоҳиза мешавад, матолиби макотиб хеле мутанаввеъ аст ва иллаташ ҳам ин аст, ки усулан мабнои навиштаҳои мутасаввифа (бар хилофи кутуби илмӣ ва адабӣ, ки рӯйи мавзуъ, бахусус, ва ё афсона ва достоне таҳрир мешавад) рӯйи завқу ҳол аст ва ба ҳамин муносибат мактубот низ машҳун аст ба ҳақоиқ ва румузи бешуморе аз мароҳили сулук ва ирфон, ки ба муқтазои ҳоли солик ва худи нависанда баён гардидааст» [398, с. 144]. Афзун ба ин, миқдор ва тартиби номаҳо дар нусхаҳои хаттии макотиби Айнулқузот мухталиф аст ва аксари нусхаҳои макотиби суханвар шуморагузорӣ нашудаанд. Чунончи, яке аз нусхаҳои маҳфуз дар Китобхонаи миллии Теҳрон (шумораҳои 766 ва 1735-ум) шомили ҳаштоду ҳашт мактуб аст ва мактуби якуми он дар нусхаи Мулло Мурод номаи даҳум аст ва мактуби даҳуми он дар нусхаи Мулло Мурод номаи нуздаҳум мебошад [398, с. 156].

**5. Нусхаи Китобхонаи миллии Порис** ба шумораи 35. Ин нусха дорои 360 ё 377 варақ буда, соли 1025ҳ./1616м. ба хатти насхи зебо китобат шудааст.

А. Усайрон теъдоди авроқи онро 365 [172, с. 11] ва А. Мунзавӣ 377 барг ва ҳар сафҳа 17 сатр [171, ч. 1, с.7] гуфтаанд. Таҳиягарони китоб онро бо ҳарфи англисии «P» ишора намуда, бинобар касрати афтодагиҳо, зиёдатиҳо ва табдили вожаю ибороти номафҳум аз ҷониби котиб ба он камтар эътимод кардаанд [171, ч. 1, с.7-8].

**6. Нусхаи Китобхонаи Бритиш Мюземи Лондон** ба шумораи 16823. Шомили 360 (ё 369) барг, ҳар сафҳа 17 сатр ва 92 мактуб мебошад. Нусхаи комил, бидуни таърихи китобат мебошад, ба хатти насх навишта шудааст. Мактубҳо шумора надоранд. А. Мунзавӣ тахмин мекунад, ки ин нусха дар қарни нуҳуми ҳиҷрӣ/понздаҳуми мелодӣ китобат шудааст [171, ч. 1, с.4]. А. Усайрон дар бораи ин нусха маълумоти кӯтоҳ додааст [172, с. 11], А. Мунзавӣ маълумоти нисбатан бештар дода, фарқи онро аз нусхаҳои дигар баён доштааст [171, ч. 2, с.4-9]. Таҳиягарони китоб онро бо ҳарфи англисии «L» ишора намудаанд. Акси ин нусха дар ихтиёри мо қарор дорад [167]. Дар сафҳаи дувуми он рӯйи коғази хос (баргаи маълумоти китобхона) ба хатти англисӣ шумораи нигоҳдории нусха (16,823), рақами сабт (003768) ва муаллиф (ABU'L-MAALI ABDALLAH EXCERPTA PERSICE) бо ранги сиёҳ навишта шудааст (167, с. 2). Матни номаҳо аз барги ҳафт оғоз мешавад. Дар ибтидо баъд аз бисмиллоҳ ҳамди Худо, салавот ба расул (с) ва аҳли хонадони ӯ ва номи муаллиф ба гунаи зер оварда шудааст: «بسم الله الرّحمن الرحيم الحَمدُ لِلهِ حَقَّ حَمدِهِ وَ صَلَوةُ عَلَى نَبِيِّهِ مُحمّدٍ وَآلِهِ مِن بعده. هَذِهِ نُسخَة كتب كتبها القاضى الامام العالم العارف عين القضاة ابوالمعالى عبدالله بن محمد بن على الميانجى رضى الله عنه الى بعض اصدقائه» [167, с. 7а]. Сипас, матни номаи аввал омадааст, ки мутобиқ бо номаи якуми китоби «Номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ» мебошад. Оғози нома чунин мебошад: «Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим. Худои таоло оқибати маҳмуд бидиҳод моро ва бародари ааззро...» [167, с. 7а].

**7. Нусхаи маҳфуз дар Китобхонаи миллии Теҳрон** таҳти шумораи 2177. Унвони нусха «Макотиб-ул-урафо» буда, шомили 86 мактуб, 479 барг ва ҳар сафҳа 17-19 сатр аст. Ба хатти насх аст, ба ҷуз сафҳаҳои 1-60 ва 76-220, ки бо хатти настаълиқ навишта шудаанд. Таърихи китобат ва таҳрири нусха маълум

нест. Нусха ноқис аст ва афтодагиҳо дорад. Таҳиягарони китоб онро бо ҳарфи англисии «I» ишора намудаанд. Р.Фарманиш дар фасли ҳаштуми боби савуми китоби худ ба таври нисбатан муфассал [398, с. 155-160], А. Усайрон зайли шумораи шашуми фасли «Нусхаҳои хаттии мактубот» [172, с. 11] ва А. Мунзавӣ дар пешгуфтори ҷилди аввали «Номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ» ба ихтисор дар хусуси ин нусха маълумот додаанд [171, ҷ. 1, с.5-6]. Акси ин нусха ва филми он (1614, 4608 ва 4609) зери дасти мо қарор дорад [168]. Ҳангоми муқоисаи сафҳаи якуми матни ин нусха [168, с. 3б] ва поёни он бо акси онҳо, ки дар охири пешгуфтори ҷилди якуми «Номаҳо» омадаанд [171, ҷ. 1, с.19-20], маълум гардид, ки нусхаи зери дасти мо айнан ҳамон нусхае аст, ки таҳиягарони китоб дар нашру тасҳеҳи «Номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ» истифода намудаанд. А.Мунзавӣ дар пешгуфтори нашри китоб мегӯяд, ки сафҳаи аввали нусха афтодааст [171, ҷ. 1, с.5]. Ҳангоми муқоисаи акси сафҳаи аввали нусхаи мазкур [168, с. 3б] бо оғози номаи якуми «Номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ» равшан гашт, ки, дарвоқеъ, сафҳаи аввали номаи якуми нусха, ки дар нашри китоб 9,5 сатри аввал аст [171, ҷ. 1, с. 1-2], афтодааст.

Нусхаи мавриди баҳс чунин оғоз мешавад: «...хабас аз шурути намоз аст ва фуқаҳо чунин гӯянд, ки «...الرکن ما يَتمّ الحکم به و الشروطُ ما يتمّ الحکمُ عنده لا به» [168, с. 3 б]. Таҳиягарони китоб шакли комили ҷумлаи мазкурро чунин тасҳеҳ кардаанд, ки ҳангоми қиёс бо иқтибоси мазкур афтодагӣ ва фарқи нусхаи мавриди баҳс равшан ба чашм расид, ки мо дар зер бо ранги сиёҳи баланд ишора мекунем: «Ва таҳорати ҳадас ва хабас аз **шароити** намоз аст, **لانهما يجيئان قبل الشروع فی الصلوة**. Ва фуқаҳо чунин гӯянд, ки « الرکن ما يَتمّ **به الحکم** و**الشرطُ** ما يتمّ الحکمُ عنده لا بِه» [171, ҷ. 1, с. 1].

**8. Нусхаи Китобхонаи Нофиз Пошои Истанбул** ба шумораи 464. Ин нусха шомили 149 (ё 142) варақ (ҳар сафҳаи 19 сатрӣ) ва бидуни таърихи китобат (тахмин қарни шашум ва ҳафтум) буда, бо хатти насхи наздик ба сулс навишта шудааст. Шумораи номаҳо пешопеши «бисмиллаҳ» бо хатти куҳан ва рақами ҳиндӣ таъйин шудааст. Аввалу охири нусха ноқис ва афтода, бисёре аз

номаҳоро котиб хулоса намудааст. А. Усайрон дар муқаддимаи «Тамҳидот» [172, с. 11] ва А. Мунзавӣ дар пешгуфтори китоб [171, ҷ. 1, с.7] ба ихтисор дар бораи он маълумот додаанд. Таҳиягарони китоб ҳангоми тасҳеҳу нашр ин нусхаро бо ҳарфи англисии «N» ишора намудаанд. Акси нусхаи мавриди баҳс дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон таҳти шумораҳои 1187-ум ва 1188-ум нигоҳдорӣ мешавад ва нусхае аз он дар ихтиёри мо аст [169]. Дар сафҳаи аввали нусха рақами филм, яъне 593 ва шумораи сабти он, яъне 1187 забт шудааст [169, с. 2]. Дар сафҳаи дигар бо хати лотинӣ ва форсӣ номи маҷмуа ва муаллиф, замони китобат, макон ва шумораи нигоҳдорӣ, теъдоди авроқ ва ғ. ба таври зер оварда шудааст: «Mektûbât-i Ainu'l-Qudât, مکتوبات عین القضاة همدانی، از نسخ قرن ششم و هفتم هجری، Nafiz Paşa Küt. 464, 142 var., برای کتابخانهٔ دانشگاه طهران عکس گرفته شد، اردبهشتماه 1335، مجتبی منوی» [169, с.3а]. А. Усайрон [172, с. 11] ва А. Мунзавӣ [171, ҷ. 1, с.7] миқдори авроқи нусхаи мавриди баҳсро 149 барг гуфтаанд, аммо, чунонки зикр шуд, дар сафаҳоти аввали акси нусхаи зери дасти мо бо хатти лотинӣ 142 варақ навишта шудааст. Оғози нусхаи мазкур чунин аст: «...гӯянд.و علی هذا التأویل. Раво бувад, ки кӯдаке чун зоҳири абёт ёд гирад ва маънӣ надонад, гӯянд, ӯ аз ҳамоса ҳеч надонад» [169, с. 3б]. Ҳангоми муқоиса равшан гардид, ки иқтибоси мазкур дар нашри А. Мунзавӣ ва А. Усайрон дар сатрҳои ҳафтум-нуҳуми номаи шасту нуҳум ба андаке тағйир ва ба таври зайл забт шудааст: «... гӯянд. و علی هذا التأویل. Раво бувад, ки **чун кӯдаке** зоҳири абёт ёд гирад ва **маънии он** надонад, гӯянд ӯ аз ҳамоса ҳеч надонад» [171, ҷ. 2, с. 62].

**9. Нусхаи Китобхонаи Тири Наҷиб Пошо** ба шумораи 301. Ин нусха фарогири 176 варақ аст. Аз варақи якум то ҳафтоду панҷум «Тамҳидот» ва аз барги 76-ум ба баъд «Мактубот»-и Айнулқузот омадааст. Нусха бидуни таърихи китобат буда, бо хатти насхи зебо навишта шудааст. А. Усайрон дар муқаддимаи китоби «Тамҳидот» ба ихтисор [172, с. 11 ва 27] ва А. Мунзавӣ дар пешгуфтори нашри китоб нисбатан муфассал [171, ҷ. 1, с. 9-10] перомуни ин нусха маълумот додаанд. Таҳиягарони китоб ҳангоми тасҳеҳ ин нусхаро бо ҳарфи англисии «T» ишора намудаанд. Аввалу охири нусха афтода, аз

ихтилофи хутути баъзе мактубот равшан мешавад, ки минбаъд аз ҷониби котиб таҳрир шудааст.

Аз баҳсҳои фавқ метавон ба ин хулоса расид:

1. Ҳеч як аз нусхаҳо шомили кулли мактуботи суханвар нестанд.

2. Миқдор ва тартиби номаҳо дар аксари нусхаҳои хаттӣ аз ҳам фарқ мекунанд.

3. Агарчи баъзе нусхаҳо аз ҷиҳати миқдори мактубот ба ҳам наздиканд, шомили номаҳое мебошанд, ки дигарӣ онро надорад.

4. Аксари нусхаҳо холӣ аз нуқс, афтодагӣ ва хатои матншиносӣ нестанд.

5. Нусхаи мавҷуд дар Китобхонаи Сипаҳсолор (Теҳрон), ки таҳти шумораи 3875 нигаҳдорӣ мешавад, нисбат ба нусхаҳои дигар қадимтар буда, дар соли 638ҳ./1240м. ба хатти насх китобат шудааст.

6. Нусхае, ки дар Китобхонаи шаҳид Алӣ Пошои Истанбул ба шумораи 1417 нигоҳдорӣ мешавад, шомили 64 нома буда, дар қарни чордаҳуми мелодӣ китобат шудааст ва нисбатан боэътимод аст. Бинобар ин А. Мунзавӣ ва А. Усайрон ҳангоми тасҳеҳ ва нашри мактуботи Айнулқузот аз ин нусха бештар суд ҷустаанд. Нусхаи аксӣ ва микрофилми ин нусха зери дасти мо қарор дорад.

## IV.2. Назари интиқодӣ ба нашри «Номаҳо»-и Айнулқузот

Нашри савуми «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ , ки зери дасти мо қарор дорад, ба эҳтимоми А. Мунзавӣ ва А. Усайрон дар соли 1377ҳ. аз сӯи интишороти «Асотир» дар се ҷилд ба табъ расидааст [171]. Нашри мазкур дар маҷмуъ, фарогири 159 нома буда, ҷилди аввал фарогири 64 нома, ҷилди дувум шомили 63 нома (номаҳои 65-127) ва ҷилди савум муштамил бар 32 нома (номаҳои 128-159) аст. Аммо баъзе аз муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар баёни теъдоди номаҳои маншури Қозӣ ба иштибоҳ роҳ додаанд. Аз ҷумла, Ҳ. Баннопур дар мавриди миқдори номаҳои интишоршудаи Айнулқузот мегӯяд: ««Номаҳо»-и Айнулқузот дар се ҷилд ба эҳтимоми А. Мунзавӣ ва А. Усайрон чоп шудааст. Ҷилди аввал муштамил бар 64 нома ва ҷилди дувум шомили 143 нома аст, ки ба тартиб дар солҳои 1969 ва 1972 дар Бейрут ва сипас дар Теҳрон (Бунёди фарҳанги Эрон) мунташир шуд. Ҷилди савуми номаҳои Айнулқузот ҳовии 31 нома аст, ки Мунзавӣ ба соли 1377 (Интишороти Асотир) дар Теҳрон мунташир кард…» [336, с. 72].

Аз гуфтаи донишманди мазкур шояд хонанда гумон созад, ки маҷмуи номаҳои Айнулқузот дар се муҷаллад ба 238 адад мерасад. Бидуни тардид, ин ҷо Ҳ. Баннопур ба иштибоҳе роҳ додааст. Ба эҳтимоли наздик ба яқин дар нусхаҳои мавриди истифодаи Ҳ. Баннопур низ мисли нусхаи зери дасти мо номаҳо дар се ҷилд пайи ҳам оварда шудаанд ва имкон дорад, ки донишманди мазкур ба пайдарпай рақамгузорӣ шудани номаҳо эътибор надодааст. Эҳтимоли дигар он, ки шояд дар нусхаи Бейрут (ҷилдҳои якум ва дувум, Бейрут, 1969 ва 1972) ҳамагӣ 143 номаи Қозӣ оварда шуда бошад, аммо ҷилди савуми «Номаҳо»-и Айнулқузот (Теҳрон, 1377), ки Ҳ. Баннопур аз он ёд мекунад, давоми бевоситаи ҷилдҳои якум ва дувуми нусхаи Теҳрон аст (Теҳрон, 1377), ки дар маҷмуъ се ҷилдро ташкил медиҳанд. Аз чӣ сабаб бошад, ки муҳаққиқи мазкур 32 нома (номаҳои 128-159)-и ҷилди савуми нусхаи Теҳронро 31 нома гуфта, бар шумори номаҳои нусхаи Бейрут афзудааст. Магар эътибор надода, ки ҷилди савуми Теҳрон бо номаи 128 оғоз мешавад ва

бо номаи 159 ба поён мерасад [171, ҷ. 3, с. 277- 444] ва ҳеч пайванде бо шумори ҷилди дувуми нусхаи Бейрут надорад, зеро Ҳ. Баннопур мегӯяд, ки ҷилди дувуми Бейрут (1972) шомили 143 нома аст. Агар пайванде байни шумори онҳо мебуд, «Номаҳо»-и ҷилди савуми Теҳрон бо номаи 144 оғоз мешуд ва ё номаҳои ин ҷилд аз нав рақамгузорӣ мешуданд. Ҳамчунин имкон дорад, ки ҷилди дувуми нусхаи Бейрут низ мисли нусхаи Теҳрон шомили 63 нома бошад ва ҳангоми чоп ба иштибоҳ 143 нома оварда шудааст. Чун нусхаҳои мавриди истифодаи донишманди мазкур (Бейрут, 1969 ва 1972) зери дасти мо нест, наметавонем сабаби иштибоҳи Ҳ. Баннопурро ба таври ошкор баён созем. Мисбоҳиддини Нарзиқул низ ҳангоми баёни миқдори мактуботи Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба иштибоҳ роҳ дода, теъдоди онҳоро 350 адад гуфтааст [252, с. 71-72; 253, с. 67].

Нашри дувуми «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, ки аз ду ҷилд иборат буда, бо мувофиқати А. Усайрон ва А. Мунзавӣ ва назорату ислоҳи Ҳ. Хидевҷам ба сармояи китобфурӯшии «Манучеҳрӣ» ва китобфурӯшии «Заввор» дар соли 1362 таҷдиди чоп шудааст, айни нашри савум аст. Аз ҷумла, пешгуфтори ҷилди якум [170, ҷ.1, с. 3-15] ҳамон пешгуфтор аст, ки А. Мунзавӣ моҳи феврали соли 1969 дар Бейрут ба нашри якум навиштааст ва дар нашри савум низ айнан омадааст (171, ҷ. 1, с. 3-15). Тартиб, миқдори номаҳо, шуморагузории сатрҳо, ҳатто ҳошия ва сафаҳоти ҳар ду нашр низ айни якдигаранд ва ба зоҳир як нашрро мемонанд [170, ҷ.1, с. 1-480; 171, ҷ. 1, с. 1-480]. Пешгуфтори ҷилди дувуми ҳар ду нашр низ ҳамон пешгуфтор аст, ки А. Мунзавӣ моҳи феврали соли 1972 дар Бейрут ба нашри якум навиштааст [170, ҷ.2, с. 3-12; 171, ҷ. 2, с. 3 – 12]. Тартибу миқдори номаҳо, шуморагузории сатрҳо, ҳошия ва сафаҳоти бахши дувуми ҳар ду нашр низ айни якдигаранд ва бо номаи 65-ум оғоз гардида, бо номаи 127-ум ба поён расидаанд [170, ҷ.2, с. 1-488; 171, ҷ. 2, с. 1-488]. Танҳо фарқи нашрҳои дуюм ва сеюм дар он аст, ки дар ду ҷилди нашри охир баъд аз пешгуфтор акси нусхаҳои хаттии номаҳои Айнулқузот бидуни рақамгузорӣ оварда шудаанд.

Китоби «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, ки дар натиҷаи тасҳеҳ ва муқобалаи нуҳ нусхаи хаттӣ таҳия гардидааст, аз заҳмати беҳисоби таҳиягарони он хабар медиҳад. Онҳое, ки бо нусхаҳои хаттии мактуботи Қозии Ҳамадонӣ аз наздик ошноӣ доранд ва ё аз мушкилоти сарчашмашиносию матншиносӣ ва тасҳеҳи матни осори адабӣ ва ирфонӣ бохабаранд, ин сухани моро ҷонибдорӣ хоҳанд кард, аммо дар баробари муҳассаноти зиёд нашри севуми «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ холӣ аз хатоҳои матншиносӣ нест. Чунончи, номае, ки таҳти шумораи дувум омадааст, чунин ба поён мерасад: Туро вусъати қасри муъмин чӣ кор, ки «عَرْضُهَا السَّمَوَاتُ وَالْأَرْضُ» («…паҳноии он монанди осмонҳо ва замин аст…», сураи Оли Имрон(3), қисмате аз миёнаи ояти 133-юм - З.Ҳ.). Гӯӣ тулаш чанд аст? Агар гӯш дорӣ аз «حم عسق» (сураи Шуро (42), оятҳои якум ва дувум - З.Ҳ.) бишнавӣ, ки тулаш чанд аст, вагарна шабат хуш бод, ки туро ҳамроҳон бисёранд... Дареғо, ки **коғаз пур шуд**!» [171, ҷ. 1, с. 15-16]. Ҷумлаи охир дар нусхаи хаттии мавқуфоти Мулло Мурод ба гунаи зер омадааст, ки саҳеҳ мебошад: «Дареғо, ки **коғаз бирасид**» [166, с. 25б]. «Бирасидан» маънии «ба охир расидан, ба поён расидан, тамом шудан»-ро дорад. Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар поёни номаи мазкур, ки, зоҳиран, шабонгоҳ навиштааст, мухотабро панд медиҳад ва мегӯяд, ки шабат хуш бошад ва коғаз тамом шуд. Ҷойи дигар дар поёни номаҳои 24-ум ва 65-ум низ суханвар «коғаз бирасид» гуфтааст, ки дурустии фикри моро тақвият медиҳанд: «Коғаз бирасид ва шаб ба охир омад …» [171, ҷ. 1, с. 209], «Коғаз бирасид...» [171, ҷ. 2, с. 26]. Ба занни қавӣ, таҳиягарони матн вожаи «бирасид» (برسید)-ро ба иштибоҳ «пур шуд» (پر شد) хондаанд, ки дар хатти форсӣ навишташон наздик ва шабеҳ аст.

Зимни номаи 23-юм ҷумлае чунин омадааст: «...ва **нешаки наҳанги нокомӣ** дар самими ҷигари худ **нокарда** ва кӯҳро ба нохун ноканда. Туро бо ин ҳадис чӣ ҳисоб?» [171, ҷ. 1, с. 199]. Дар нусхаи хаттии Мулло Мурод ҷумлаи мазкур ба гунаи зер омадааст, ки нисбатан саҳеҳ мебошад: « ... ва **яшки наҳанги нокомӣ** дар самими ҷигари худ **нодида** ва кӯҳро ба нохун ноканда, туро бо ин ҳадис чӣ ҳисоб?» [166, с. 106б]. «Яшк» дар луғат маънии чаҳор

дандони бузурги пешини баҳоим ва ҷонварони ваҳширо дорад ва мурод аз «наҳанг» тимсоҳ бошад, ки соҳиби дандонҳои бисёр нируманд ва бузург аст, аммо мурод аз «нешак» узви кӯчаки ҳашароти газанда бошад, ки бо он мегазад. Тимсоҳро дандонҳои бузургу неруманд аст, на нешаки газанда. Агарчи дар нусхаи хаттии Мулло Мурод вожаи мазкур ба таври равшан «яшк» (يشک) забт шудааст ва таҳиягарони матн дар ҳошияи сафҳа онро таъкид сохтаанд [171, ҷ. 1, с. 199], ба сабаби эътибор надодан ба маънии ҷумла ва муроди суханвар вожаи нодурусти «нешак» (نيشک)-ро аз нусхаҳои хаттии дигар, ки саҳеҳ нестанд, ихтиёр намудаанд.

Зимни номаи 29-ум Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҷое мухотабро чун муршиди комил панди орифона медиҳад ва мегӯяд, ки агар дар роҳи сулук мехоҳӣ ба матлуб бирасӣ, дар баробари пир ва муршид таслим бош ва қадам аз фармудаи онҳо берун манеҳ. Сипас барои шоҳид ба қиссаи Мӯсо ва Хизр ишора мекунад. Чунончи, гӯяд: «Хизр алайҳи-с-салом гуфт: Мисроъ: «Ишқ омаданӣ бувад, на омӯхтанӣ». «يا موسى لا تعجبک «جِدَارًا يُرِيدُ أَنْ يَنْقَضَّ فَأَقَامَهُ» («(Ва дар он ҷо) деворе (ёфтанд), ки мехост биафтад. Пас (Хизр) онро рост сохт», маъхуз аз ояти 77-уми сураи Каҳф (18) аст - З.Ҳ.). **Пина барниҳодани** Мӯсо - алайҳи-с-салавоту ва-с-салом - гуфт: «Чун ва чаро?»...» [171, ҷ. 1, с. 251]. Иқтибоси мазкур холӣ аз хатои матншиносӣ нест. Аз ҳошияи сафҳа маълум мешавад, ки таҳиягарони матн онро аз нусхаҳои нисбатан камэътибор овардаанд. Дар нусхаи хаттии Мулло Мурод, ки нисбатан боэътимод аст, поёни иқтибоси мазкур чунин омадааст: «**Пунба барниҳодани Мӯсо буд**. Гуфт: «Чун ва чаро?» [166, с. 215б]. Ҳангоми муқоиса равшан мегардад, ки нусхаи хаттии Мулло Мурод нисбатан саҳеҳ аст ва, ба занни қавӣ, шакли саҳеҳ ва асли матн «пунба барниҳодан» мебошад, на «пина барниҳодан». «Пунба ниҳодан» дар луғат маънии» фиреб додан, равона сохтани касе ба ҷое» ва ғ. омадааст. Аммо, зоҳиран, муроди Айнулқузот аз «пунба барниҳодан» аҳди худ фаромӯш кардани Мӯсо (а) аст, зеро Мӯсо (а) қабл аз ҳамраҳӣ намудан бо Хизр (а) ваъда дод, ки аз ҳеч чиз суол нахоҳад кард, аммо натавонист ба ин қавли худ вафо кунад. Замоне, ки Хизр (а) киштиро шикоф кард ва навҷавонеро бикушт, Мӯсо (а) аҳди худ

фаромӯш кард ва суол намуд. Ниҳоят қавл дод, ки дигар суол намекунад, аммо чун ба деҳае расиданд ва Хизр (а) девори хароберо рост кард, Мӯсо (а) боз чуну чаро оғоз кард.

Дар нашри мавриди баҳс абёте низ ба назар мерасанд, ки холӣ аз хатои матншиносӣ нестанд. Чунончи, зимни номаи ҳаштоду ҳаштум байте ба гунаи зер омадааст, ки холӣ аз хато нест:

Дар **гӯйи ягонагӣ** чи тоат, чи гуноҳ,

Бар кунгураи сунъ чи Хуршеду чи Моҳ? [171, ҷ. 2, с. 225].

Дар мисраи аввал бар ивази «**кӯйи ягонагӣ**» ба иштибоҳ «гӯйи ягонагӣ» забт шудааст.

Дар номаи 96-ум байте бидуни зикри муаллиф ба гунаи зер омадааст:

Хуш аст мастиву аз рӯзгор бехабарӣ,

Ки **харҷ** ғошияи мард бехабар кашадо [171, ҷ. 2, с. 341].

Байти мазкур маъхуз аз ғазали «Биёр он чӣ дили мо ба якдигар кашадо»-и Амир Муиззӣ буда, дар девони суханвар бо андаке тағйир ва ба гунаи зер омадааст:

Хуш аст мастию **он рӯзгори** бехабарӣ,

Ки **чарх** ғошияи мард бехабар кашадо [128, с. 772].

Шакли саҳеҳи байти мавриди баҳс дар «Луғатнома»-и Деҳхудо зайли вожаи «ғошия» ба таври зер омада ва аз Амир Муиззӣ дониста шудааст:

Хуш аст мастиву аз рӯзгор бехабарӣ,

Ки **чарх** ғошияи мард бехабар кашадо [432, ҷ. 11, с. 16549].

Аз муқоиса ва муқобалаи нашрҳои мазкур равшан мегардад, ки Айнулқузот дар номаи мазкур шакли саҳеҳи байтро оварда, аммо бо айби котибони нусах ва ё таҳиягарони матн вожаи «чарх» ба иштибоҳ «харҷ» забт шудааст. Ба занни қавӣ, бинобар шабоҳати навишт дар хатти форсӣ таҳиягари девони Амир Муиззӣ мисраи аввалро бо андаке тағйир ва нодуруст овардааст.

Дар номаи 98-ум, ки, зоҳиран, вопасин номаи Айнулқузоти Ҳамадонӣ аст, ҷое вожаи «Мовашон» ба иштибоҳ «Мовашо» забт шудааст: «Чӣ медонад муътариз, ки мақсуди ман аз Алванду **Мовашо** ва амсоли он чӣ бувад» [171,

ҷ. 2, с. 358]. Имкон дорад, ки ин ғалат ҳангоми нашр рух дода бошад, зеро дар сафҳаи дигари ҳамин нома вожаи мазкур ба шакли саҳеҳ омадааст: «Алванду Мовашон ва ҳадиси ошиқон ба ҳусни занне мутолаа бояд кард, ки ҳама шикво ва ранҷурӣ на бо Ҳамадон аст...» [171, ҷ. 2, с. 360].

Яке аз хидматҳои таҳиягарони матни номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар он аст, ки маъхуз аз кадом сура ва оят будани ҳар як оётро дар ҳошияи сафҳа зикр намудаанд. Ҳангоми муқоиса ва муқобала бо китоби Қуръони карим [23; 24] маълум гашт, ки чанде аз он ишорот саҳеҳ намебошанд. Чунончи, зайли номаи якум оятҳои ҳаштум ва нуҳуми сураи Балад омада, аммо дар ҳошияи сафҳа он ояти ҳаштум забт шудааст [171, ҷ. 1, с. 6], зимни номаи дувум ҷое ояти 22-юми сураи Қоф омада, аммо дар ҳошияи сафҳа сураи Қоф, ки сураи 50-уми Қуръон аст, ба иштибоҳ сураи 20-ум забт шудааст [171, ҷ. 1, с. 12], ҷойи дигар ояти 22-юми сураи Фаҷр, дар ҳошия ояти 23-юм забт шудааст [171, ҷ. 1, с. 248]; дар ду нома ояти 26-уми сураи Раҳмон ба иштибоҳ ояти 36-ум сабт гардидааст [171, ҷ. 1, с. 144 ва с. 173]; зимни номае ояти 27-уми сураи Рум ба иштибоҳ ояти 37-ум забт шудааст [171, ҷ. 1, с. 253] ва ғ. Афзун ба ин, ҳини нашр чанд ояти Қуръон аз ҷониби таҳиягарон хато хонда шудааст, ки имлои онҳо аз фармудаҳои Қуръон андаке фарқ мекунад. Чунончи, ҷое ба ҷойи «умйа» ба таври равшан «умйи» забт шудааст [171, ҷ. 1, с. 15]. Шакли саҳеҳи он чунин аст: «أَفَأَنْتَ تَهْدِي الْعُمْيَ», яъне «…оё ту кӯронро роҳ менамоӣ…» маъхуз аз ояти 43-юми сураи Юнус аст. Ҳамчунин дар идома бар ивази «наҳшуруҳу», ки фармудаи Қуръон аст, ба иштибоҳ «яҳшуруҳу» омадааст [171, ҷ. 1, с. 15]. Шакли саҳеҳи ин оят чунин аст: «وَنَحْشُرُهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ أَعْمَى», яъне «…ва рӯзи қиёмат ӯро нобино барангезем», маъхуз аз сураи Тоҳо, қисмати охири ояти 124-ум мебошад.

Хулоса, «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар баробари камоли фасоҳату салосат ва равонӣ холӣ аз таъқиду печидагӣ ва ибҳом нест. Хатохонӣ, тасҳиф, тағйир ва таҳрири матн, ки аксар аз бедиққатии котибони нусхаҳои хаттӣ рух дода, ҳангоми тасҳеҳ ва таҳияи матн аз назари мусаҳҳеҳон пӯшида мондааст ва ҳамчунин чанд хатои матншиносӣ, ки ҳангоми нашри

«Номаҳо» рух намудаанд, хонанда ва муҳаққиқонро бо мушкилоти бештаре мувоҷеҳ месозад. Ҳангоми муқоиса ва муқобалаи чанд номаи нашри мазкур бо нусхаи хаттии мавқуфоти Мулло Мурод, ки нисбатан боэътимод аст, маълум гардид, ки матнҳо ҷо-ҷо аз ҳам фарқ мекунанд ва афзунию афтодагиҳо байнашон ба назар мерасад. Лозим ба зикр аст, ки дар тасҳеҳи чанд хатои нашри мазкур маҳз ҳамин нусха ба кӯмаки мо расид. Имкон дорад, ки миқдори хатоҳои матншиносии нашри мазкур дар ҷумлаҳо ва ашъори арабӣ бештар аз ин бошад. Аммо муроди мо ин ҷо на баёни хатоҳои нашри мазкур, балки таъкиди мавҷудияти чанд хатои матншиносӣ ваислоҳи онҳо дар нашрҳои баъдии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ мебошад.

## IV.3. «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ – сарчашмаи адабӣ

Номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар баробари осори дигари ӯ ягона сарчашмаи адабӣ мебошанд, ки дар бораи урафо ва машоихи маъруфи аҳди худ, ба монанди Шайх Баракаи Ҳамадонӣ, Шайх Фатҳа, Хоҷа Аҳмади Ҳаммуя, Юсуфи Омирӣ ва Шайх Абулҳасани Бустӣ маълумоти пурарзиш медиҳанд. Аз ин нигоҳ, чанде аз тазкиранигорон ва муҳаққиқон аз осори ӯ ҳамчун сарчашмаи дасти аввал ва мунҳасир ба фард ёд намудаанд. Аз ҷумла, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар таълифи «Нафаҳот-ул-унс» ҳангоми муаррифии урафои мазкур [185, с. 413-417] бевосита аз осори Қозии Ҳамадонӣ, махсусан номаҳои ӯ ҳамчун сарчашмаи адабӣ истифода намудааст. Чунончи, зимни баёни аҳвол ва осори Муҳаммад ибни Ҳаммуя ал-Ҷувайнӣ аз «Номаҳо»-и Айнулқузот мадад ҷуста мегӯяд, ки «Айнулқузот дар яке аз мактуботи худ мегӯяд, ки кам касе аз ин тоифа улуми зоҳирӣ донад, Хоҷа Имом Абуҳомиди Ғаззолӣ ва бародараш Шайх Аҳмади Ғаззолӣ аз ин ҷумлаанд ва Хоҷа Имом Муҳаммади Ҳаммуяи Бакӯён (حمويه بكويان) низ аз ин ҷумла аст, чи донам, ки илм донад ва аз бузургон аст, дар сулук вайро китобест дар тасаввуф «Салот-ут-толибин» ном ва дар он ҷо басе ҳақоиқ ва дақоиқи ин тариқ дарҷ кардааст» [185, с. 414]. Таҳиягарони нашри Тоҷикистонии «Нафаҳот-ун-унс» номи ӯро «Хоҷа Имом Муҳаммади Ҳаммувия ба Гӯён» забт кардаанд [51, с. 513].

Иқтибоси мазкур баргирифта аз як мактуби Айнулқузоти Ҳамадонӣ аст, ки таҳти шумораи шасту ҳаштум нашр шудааст. Айнулқузот ин ҷо аз соликоне, ки илми зоҳири Қуръон донанд, ёд мекунад ва мегӯяд: «Ва касе ки аз соликон бувад ва илми зоҳир низ донад, кам бошад бағоят ва магар кам аз даҳ тан бошанд. Ва аз ин даҳ тан якеро ба яқин намедонам, ки ҳаст ё на. Хоҷа Имом Буҳомиди Ғаззолӣ ва бародараш Аҳмад аз ин ҷумла буданд ва Хоҷа Муҳаммади Ҳаммуя аз ин ҷумла аст, чи донам, ки илм донад ва аз ин бузургон аст дар сулук» [171, ҷ. 2, с. 51-52].

Аз муқоисаи иқтибосоти мазкур равшан мегардад, ки Мавлоно Ҷомӣ қавли Айнулқузотро бо андаке тағйир нақл намудааст. Абдураҳмони Ҷомӣ

зимни баёни аҳволи Шайх Баракаи Ҳамадонӣ [185, с. 416] ва Шайх Фатҳа [185, с. 416-417] низ аз «Номаҳо»-и Қозии Ҳамадонӣ мадад ҷустааст. Мавлоно Ҷомӣ зимни баёни аҳволи Шайх Абулҳасани Бустӣ низ аз осори Қозӣ мадад меҷӯяд ва мегӯяд: «Вай чун Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ аз асҳоби Шайх Абуалии Формадӣ аст ва ин рубоии мушкил машҳур, чунонки аз расоили Айнулқузоти Ҳамадонӣ маълум мешавад, аз они вай аст:

Дидем ниҳони гетӣ в-асли ду ҷаҳон,
В-аз иллату ор баргузаштем осон.
Он нури сияҳ зи ло нуқат бартар дон,
З-он низ гузаштем, на ин монду на он» [185, с.413].

Айнулқузот дар «Тамҳиди асли содис», ки дар баёни «Ҳақиқат ва ҳолоти ишқ» аст, ҷое аз хадду хол, зулф ва чашму абруи шоҳид ёд намуда, шарҳи «нури сияҳ» мекунад ва барои мисол абёти мазкурро бо андаке тағйир аз Абулҳасани Бустӣ меорад: «Хадду холи ин шоҳид шунидӣ. Зулфу чашму абруи ин шоҳид донӣ, ки кадом аст? Дареғо, магар ки нури сиёҳ бар ту болои арш арза накарданд?! Он нури Иблис аст, ки аз он зулф, ин шоҳид иборат кардаанд ва нисбат бо нури Илоҳӣ, зулмат хонанд, вагарна нур аст. Дареғо, магар ки Абулҳасани Бустӣ бо ту нагуфтааст ва ту аз ӯ ин байтҳо нашнидаӣ?

Дидем ниҳони гетӣ в-**аҳли** ду ҷаҳон...» [172, с.118-119].

Муаллифи китоби «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» низ зимни баёни аҳвол ва осори Абулаббоси Қассоб [127, с. 256], Бундори Розӣ [127, с. 366-374), Аҳмади Ҳаммуя [127, с. 526], Юсуфи Омирӣ [127, с. 621], Шайх Барбатӣ [127, с. 623] аз «Номаҳо» ва «Тамҳидот»-и Айнулқузот ҳамчун сарчашмаи ягона ва беназири адабӣ ва ирфонӣ истифода намудааст. Чунончи, зимни баёни аҳволу ашъори Абулаббоси Қассоб се байти ӯро аз осори Қозӣ оварда, ки, мутаассифона, ҳангоми нашр қисмати охири қофияҳои рубоӣ афтода ё хира гаштааст ва ягона сарчашмае, ки метавонад дарислоҳу тасҳеҳи рубоии мазкур мадад намояд, осори Айнулқузот мебошанд, ки мо аз онҳо истифода намудем. Маҳмуди Мудаббирӣ гӯяд: «Аз Қассоб танҳо Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар «Номаҳо» (ҷ.2, с.173) ва «Тамҳидот» (с. 63) шеър нақл карда ва

он се байт, шомили як рубоӣ ва як байт ба лаҳҷаи маҳаллии уромӣ. Ва ин байт аз назари таваҷҷуҳ ба ашъори маҳаллии давронҳои пешин ҳоизи аҳамият аст.

چندان برم نر من نام          پائی دیواری و رای می نام

Дар дидаи дида дидае бинҳодем

В-онро зи раҳи дида ғизо медодем.

Ногаҳ ба сари кӯйи ҷамол афтодем,

Аз дидаву диданӣ кунун озодем [127, с. 256].

Байти аввал, ки авромa аст, зайли номаи шумораи ҳаштоду якум айнан омада, Айнулқузот қабл аз овардани он мегӯяд, ки «Шайх Абулаббоси Қассоб пайваста дар ин самоъ будӣ. Аврома:...» [171, ҷ. 2, с. 173). Ҳангоми таҳқиқ ва муқоиса маълум гардид, ки рубоии мазкур зайли номаи бисту панҷум ва номаи чиҳилу дувум бидуни зикри муаллиф ва бо андаке тағйир [171, ҷ. 1, с. 216, 332] омада, вале дар «Тамҳидот» зайли «Тамҳиди асли робеъ – Худро бишнос, то Худоро бишносӣ» айнан ва бо зикри сарояндаи он омадааст, чунонки гӯяд: «Ин ҷо солик муроди худро ба ҳама муроде дарбозад ва дидаи худро ба ҳама дида дарбозад, то ҳама дида шавад. Абулаббоси Қассоб дар самоъ пайваста ин байтҳо гуфтӣ...» [172, с. 63]. Р. Фарманиш рубоии мазкурро ба иштибоҳ аз Ҳаким Саноӣ медонад [398, с. 307], ки дар ин хусус мо дар боби охири рисола баҳс хоҳем кард.

Маҳмуди Мудаббирӣ зимни баёни аҳволи Бундори Розӣ аз шуҳрати абёти лаҳҷавии ӯ ёд карда, байтеро аз номаҳои Айнулқузот овардааст, чунонки гӯяд: «Абёти лаҳҷавии ӯ бисёр шуҳрат дошта, ба тавре ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаҳои худ аз онҳо истифода бурдааст; аммо чун танҳо дар як маврид аз ӯ ном мебарад, ҳамон як мавридро дар ин ҷо овардем:

«ویم آن روج که ویمت نونیم          ونز آن روج که دیمم نمایی» [127, с. 366 ва 374].

Байти мазкур зайли номаи ҳафтоду якум бо зикри муаллиф ва андаке тағйир (дар мисраи дувум ивази «روج» вожаи «روح» омада) забт шудааст: «Бундори Розӣ гӯяд:

ویم آن روج که ویمت نونیم          ونز آن روح که دیمم نمایی» [171, ҷ. 2, с. 82].

Тарзи дурусти хониш ва маънии калимаи «вайам» (ويم) равшан нест. А. Содиқӣ тахмин мекунад, ки «вайам» (vay-am= بدم) маънии «бадам»-ро дорад. Маънии «Рӯч» (روج) тахмин «рӯз» аст ва, зоҳиран, вожаи «рӯҳ» (روح), ки дар сатри дувум омадааст, шакли тасҳифшудаи «рӯч» мебошад. «Вимат» (ويمت) тахмин шакли тасҳифшудаи «димат» (ويمت), яъне рӯят аст. «Навинем» ё «навиниям» (نونيم) ба зоҳир «навинам» (navēnam), яъне набинам мебошад. Зоҳиран, байти мавриди баҳс чунин маъно дорад:

Бадо (?) он рӯз, ки рӯйи туро набинам,

Хушо (?) он рӯз, ки рӯятро ба ман бинмоӣ [391, с. 13].

Маҳмуди Мудаббирӣ монанди баъзе аз муҳаққиқони дигар рисолаи «Лавоеҳ»-ро ба иштибоҳ аз осори Айнулқузот хонда ва зайли Маҷдуддини Толиб рубоиеро аз ин рисола овардааст [127, с. 622].

Хулоса, «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ яке аз куҳантарин сарчашмаҳои адабии ирфонӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аст, ки дар баробари абёти зиёди форсӣ ва арабӣ, ки бидуни зикри номи сароянда оварда шудаанд, чанд байт аз ашъори суханварони асрҳои даҳум ва ёздаҳумро дар худ ҷой додааст, ки дар манобеи дигар ба назар намерасанд. Шоҳиди ин ҳарф, абёти Юсуфи Омирӣ, Абулҳасани Бустӣ, Воизи Сарахсӣ, Хоҷа Аҳмади Ҳаммуя, Абулаббоси Қассоб, Бундори Розӣ мебошанд. Афзун ба ин, «Номаҳо» яке аз сарчашмаҳои мунҳасир ба фард аст, ки маҳз тавассути он метавон дар бораи аҳвол ва ақволи Шайх Барака, Шайх Фатҳа ва чанд нафари дигар маълумот ба даст овард.

### IV.3. 1. Ашъори Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар «Номаҳо»

Чунонки зикр шуд, Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар «Номаҳо»-и худ бештар ба баёни масоили фалсафию ирфонӣ пардохта, гоҳе ҷиҳати шоҳид ва таъкиду тақвияти сухан ва гоҳи дигар барои тамсил ва такмилу татмими фикр ба касрат аз ашъори форсӣ ва арабӣ мадад ҷустааст, ки аксар бидуни зикри гӯянда ва андак бо номи сароянда оварда шудаанд. Ба занни қавӣ, маҳз наовардани номи сарояндаи ашъори истишҳодшуда боис гардида, ки Р. Фарманиш дар яке аз

бобҳои китоби худ абёти зиёдеро мансуб ба ин суханвар донистааст [398, с. 212-289]. Иштибоҳи дигари донишманди мазкур дар он аст, ки қисме аз абёти боби мазкур маъхуз аз осори мансуби Айнулқузот, яъне «Лавоеҳ» ва «Яздоншинохт» мебошанд.

Бешак, Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар «Номаҳо» чанд байти арабӣ ва форсии худро гоҳе бо зикри ном ва гоҳе бидуни ишорат овардааст. Ҷиҳати шоҳид чанд байти суханварро, ки худ ба онҳо ишора намудааст, меорем. Аз ҷумла, Қозии Ҳамадонӣ зимни номае, ки, зоҳиран, ба унвони Комил-уд-давла навишта шудааст, аз мухотаб хоҳиш намудааст, ки Мушаррафро салом расонад ва ин рубоиро аз номи ӯ барояш бихонад, чунонки мегӯяд: «Мушаррафро салом кунад ва бо ӯ бигӯяд, ки Қозӣ мегӯяд:

Эй дӯст, раҳи ишқ бирафтию бибуд,
Рози дили худ зи мо нуҳуфтию бибуд.
Бемастиву бешароб хуфтию бибуд,
Як бор ба тарки мо бигуфтию бибуд [171, ч. 1, с. 273].

Аз мазмуни рубоии мазкур маълум мешавад, ки Мушарраф номи яке аз дӯстони орифи Айнулқузот буда, суханвар ин абётро ба сабаби муддате дур гаштани ӯ сурудааст.

Ё худ қабл аз овардани байти зер онро аз гуфтаи худ мехонад: «Ман низ мегӯям:

سقى الله أيامنا باللوى
وأيامنا بذوى الاخضر [171, ч. 1, с. 305].

Ҷойи дигар дар поёни номае, ки таҳти шумораи 99-ум омадааст, аз номи афроде, ки ба висоли маъшуқ расидаанд, чунин мегӯяд: «Онҳо, ки расиданд, чун бозгаштанд, ҳама ин мегуфтанд:

Паймудам роҳе, ки напаймояд кас,
Ҷойе, ки на ҷой буд ва на пешу на пас.

Ин байт ман гуфтаам ва тамомияш ин аст:

Онам, ки чу ман манам ба гетӣ дару бас,
Нобуда муқим дар мақоме ду нафас.

Ва ҳозал байти-л-охири ҳува-л-аввалу, вал- ҳамду лиллоҳи рабби-л-оламин, ва саллаллоҳу ъало Муҳаммадин ва Олиҳи ва борака ва саллама» [171, ч. 2, с. 279-280].

Абёти мазкур дар асл як рубоии Айнулқузоти Ҳамадонӣ мебошад, зеро аз лиҳози вазну қавофӣ ва мазмуну мундариҷа айни якдигаранд. Агарчи Қозии Ҳамадонӣ байти аввалро аз номи дигарон овардааст, қабл аз овардани байти дувум ба таври ошкор «Ин байт ман гуфтаам ва тамомияш ин аст» мегӯяд. Яъне мефармояд, ки байти болоро ман гуфтаам ва идомаи он (тамомияш) байти зер аст. Афзун ба ин, баъд аз овардани байти дувум мефармояд: «Ва ҳозал байти-л-охири ҳува-л-аввалу», яъне «ин байти охир байти аввал аст».

Ҷойи дигар, дар номае, ки зайли шумораи шастум омадааст, ба таври ошкор рубоии зерро аз ҷумлаи сурудаҳои хеш хондааст, чунонки гӯяд: «Маро аст ин ду байт:

Як рӯз гузар кардам дар кӯйи ту ман,
Ногоҳ шудам шефтаи рӯйи ту ман.
Бинвоз маро, ки аз пайи бӯйи ту ман
Мондам шабу рӯз дар такопӯйи ту ман» [171, ч. 1, с. 456].

Дар поёни номае сухан аз маънии «зуннор бастан»-и орифон ва ошиқони роҳи Илоҳ намуда, рубоии зерро ҳамчун панд ва ҳикмати ҳушдоркунандаи мухотаб овардааст, ки, ба занни қавӣ, аз ҷумлаи сурудаҳои худи суханвар мебошад, чунонки фармудааст: «Эй дӯст! Пиндорӣ, ки ҳаргиз донистаӣ, ки зуннордорӣ чист? Лаамрӣ, донистаӣ, валекин ҳамчунонки аҳли одат донанд, дар билоди Рум. Куфри эшон ва исломи шумо одат аст, на ҳақиқат. Нек бишнав аз ман, إنَّ من الشعر لحكمة.

Бе дида раҳи қаландарӣ натвон рафт,
Дуздида ба кӯйи мудбарӣ натвон рафт.
Куфр андари худ қоидаи имон аст,
Осон-осон ба кофарӣ натвон рафт [171, ч. 2, с. 46].

Дар номаи дигар ҷое аз таҷаллӣ намудани маъшуқ ва дар он дарёи азим ғарқ гардидани ошиқ ёд намуда, байти зерро аз номи ошиқ меорад, ки, ба занни

қавӣ, аз ҷумлаи сурудаҳои худи Айнулқузот аст, чунонки мегӯяд: «Эй дӯст, нашнидаӣ, ки ошиқ чун бад-ин мақом расад, ки Маъшуқ аз пардаи кибриё ва азамату ҷабарути худ бар вай таҷаллӣ кунад ва ӯ дар дарёи ат-таъзимуллоҳ ғарқ шавад, чӣ гӯяд? Аз ман бишнав, ки ъала-л-хабири сақатат. Ло будда аст, ки гӯяд:

Даъвӣ накунам, ки ошиқи рӯйи туам,

Ман хоки кафи пойи саги кӯйи туам [171, ҷ. 2, с. 46].

Сафадӣ се байти зерини арабиро, ки дар баҳри махсуси арабӣ, яъне баҳри тавил эҷод шудаанд, аз ҷумлаи ашъори Айнулқузоти Ҳамадонӣ медонад: «و من شعره [الطويل]

أقولُ لنفسی و هی طالبةُ العُلی

لکِ الله من طلابةِ للعلی نَفسا

أجيبی المنايا إن دعيتک إلی الرّدی

إذا ترکت للناسِ ألسنةً خُرساً

و منه [الطويل]

فما خدَعَ الأجفان بعدک غَفوةٌ

ولا وطیء الأجفان قبلک أدمعُ. [149, с. 291].

Муаллифи тазкираи «Риёз-ул-орифин» баъд аз баёни аҳволи суханвар панҷ рубоии форсӣ оварда, онҳоро мансуб ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ донистааст, ки холӣ аз хатои матншиносӣ нестанд [178, с. 168].

Аз намунаи абёти форсии мазкур, ки, ба занни қавӣ, аз ҷумлаи сурудаҳои ин суханвар мебошанд, худ равшан мегардад, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар баробари ашъори арабӣ дар сурудани ашъори форсӣ низ маҳорати тамом доштааст. Суханваре, ки «аз фарзандони зодаи хотирам ҳазор байт ғазал аст, ки бахшиши даҳрӯзаи табъи мананд» мегӯяд ва понздаҳ мисраи онро дар «Шаква-л-ғариб» меорад [162, с. 58], бидуни тардид, яке аз шоирони тавоно ва беназири орифи аҳди Салҷуқиён мебошад, ки, мутаассифона, ҳунари нависандагӣ, номанигорӣ ва шоирии ӯ то ҳол чунонки шоистаи мақом ва ҷойгоҳи ӯст, ба қадри боиста таҳқиқ ва муаррифӣ нашудааст. Имкон дорад, ки теъдоди абёти форсии ӯ низ монанди ашъори арабӣ зиёд буда, дар «Номаҳо»

ва осори дигари ӯ бидуни зикри сароянда ва ё аз номи шахсони дигар оварда шудаанд.

### IV.3.2. Авроман ва фаҳлавиёт дар «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ

Муҳаммад Муин дар шарҳи вожаи «авроман» мегӯяд: «**Авроман** (اورامن/ awrāman) - лаҳне аз мусиқии қадим, тақрибан, мутобиқи баҳри ҳазаҷи мусаддас, ки фаҳлавиётро бад-он мехонданд» [437, ч.1, с. 213]. Аммо Деҳхудо маънии вожаи мазкурро навъе аз хонандагӣ ва гӯяндагӣ мехонад, ки хосаи порсиён ва шеъри он ба забони паҳлавӣ будааст. «Аврома» ва «авромин» низ ҳамин маъноро дорад. «Авроманон» дар луғат малҳуноти фаҳлавиёт аз баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуфро гӯянд, ки ҳар мисраи он ба вазни мафоӣлун мафоӣлун фаъӯлун бошад. «Аврома» ба маънои «авроман» аст [432, ч. 3, с. 3627].

Яке аз вижагиҳои адабии «Номаҳо»-и Айнулқузот истишҳоди фаҳлавиёт ва аврома аст, ки ба лаҳҷа суруда шудаанд. Шоҳиди ин сухан ашъоре мебошанд, ки зайли номаҳои сию ҳаштум (ду байт) [171, ч. 1, с. 314], чиҳилу дувум (як байти фаҳлавӣ) [171, ч. 1, с. 330], чиҳилу ҳафтум (ду байт) [171, ч. 1, с. 370], ҳафтоду якум (байте аз Бундори Розӣ) [171, ч. 2, с. 82], номаи ҳаштодум (як байт аврома) [171, ч. 2, с. 168], ҳаштоду якум (ду байт аврома омадааст, ки яке аз Абулаббоси Қассоб аст) [171, ч. 2, с. 173, 176], номаи садум (як байт аврома) [171, ч. 2, с. 374], номаи саду шашум (як байт аврома) [171, ч. 2, с. 411], номаи саду ҳафдаҳум (ду байт аврома) [171, ч. 2, с. 444] омадаанд. Қисмате аз ин ашъорро Айнулқузот аз номи урафо оварда таъкид доштааст, ки ҳангоми самоъ мехондаанд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки дар маҷолиси Қозӣ ва сӯфияву машоихи дигар дар баробари ашъори арабию форсии суханварони ориф ин абёту таронаҳои халқӣ, аврома ва фаҳлавиёт низ суруда мешудаанд. Лозим ба зикр аст, ки хонишу фаҳми ашъори мазкур, ки ба лаҳҷаи Ҳамадон (мозандаронӣ, паҳлавӣ) суруда шудаанд ва ё аз фаҳлавиёти асрҳои IX-XII мебошанд, мушкил аст. Аз ин рӯ, нахуст ба хатти форсӣ овардан ва сипас то қадри тавон шарҳу тавзеҳ намудани онҳоро савоб медонем. Чунончи, зайли

номаи 38-ум ҷое баёни ҳоли Иблис мекунад ва мегӯяд: «Иблис, ки парвардаи карам буд ва муқарраби Ҳазрат буд ва муаллими фариштагон буд ва зовияи ӯ баробари соқи арши Худо буд وكلّم الله تكليما бевосита аз хоси қидами Ӯ буд, чун тавонад, ки насиҳат накунад «إِنِّي لَكُمَا لَمِنَ النَّاصِحِينَ» (сураи Аъроф (7), ояти 21-ум: «(Ва шайтон барояшон қасам хӯрд, ки) ман аз насиҳаткунандагони шумоам»- З.Ҳ.). Куҷо равед? Шеър:

دل بروسه داتا ان كل و ان كونه ديم
نموى ار تو نخواهى كه دلت وساريو
كار واسان ادر كسرا هخه چشم نكند
نه بمن در دل باشد نه تو در دامان نو [171, ҷ. 1, с. 314].

Дар қисмати насри иқтибоси фавқ санъати талмеҳ (қиссаи Иблис ва муаллими фариштагон будани ӯ) ва санъати такрор (ба такрор омадани феъли «буд» аз асоси замони гузаштаи «будан») истифода шуда, ҷиҳати осону фаҳмо гардидани матлаби муаллиф ва содаву равон гаштани забони насри нома хидмат намудаанд. Аммо ҷиҳати шоҳид таҳти вожаи шеър абёте оварда шудаанд, ки, зоҳиран, аксари вожаю ибороти онҳо дучори тасҳиф гашта, маънии онҳо норавшан мебошад. Қофияи шеър низ маъюб аст. Зоҳиран, «йу» ва «ну», ки дар охири сатрҳои дувум ва чорум омадаанд, дар асл «бу» аст, ки маънии «бошад»-ро дорад. Эҳтимол, нимаи сонии мисраи аввалро «он гулу он гуна дем» (ان كل و ان كونه ديم) хондан мумкин аст. «Намуй» (نموى) ба зоҳир маънии «намой», «бинамой»- ро дорад. А. Содиқӣ, ба эҳтимоли зиёд, маънии байти нахустро чунин маънидод кардааст: «То он гулу он гуна суратро бинамоӣ, агар намехоҳӣ, ки дилат... бошад» [391, с. 16]. Агарчи баъзе аз вожаҳои мисраи сеюм форсӣ аст, на гӯишӣ, баёни маънии он нисбатан душвор аст. Хондани мисраи охир нисбат ба мисраъҳои қаблӣ осон аст ва, зоҳиран, маънии «На маро (на ба ман) дар дил бошад, на туро дар домон»- ро дорад. Бидуни тардид, абёти мазкур дар замони муаллиф бисёр сода ва оммафаҳм буда, бад-ин сабаб Айнулқузот ҷиҳати боз ҳам равшан гаштани матлаб онро истишҳод намудааст, аммо бо гузашти қарнҳои зиёд чунон дучори тасҳифу тағйир гаштааст, ки фаҳму дарки он нисбат ба матлаби суханвар душвортар гаштааст.

Дар номае, ки таҳти шумораи 42-юм омадааст, байти зерин ҳамчун шеъри фаҳлавӣ ва боҳикмат оварда шудааст: «إنَّ من الشعر لحكمة» Фаҳлавӣ, шеър:

آیند هرا وابسته داری این

دهانه کرد خوار نکنی [171, ч. 1, с. 330].

Зимни номаи 80-ум байте ба гунаи зер омадааст, ки Айнулқузот онро авромa мехонад:

نه هر کش بار نبود درّو یاقوت

دشمرش نهلند وا زرّو دیبا [171, ч. 2, с. 168].

Дар сатри дувуми байти мазкур, зоҳиран, «дашмараш» (دشمرش) саҳеҳ нест. Аз ҳошияи сафҳа равшан мешавад, ки дар яке аз нусхаҳои хаттӣ шакли нисбатан саҳеҳи он «ва шаҳраш» (=ба шаҳраш) омадааст [171, ч. 2, с. 168]. А. Содиқӣ дар мисраи аввал бар ивази бор (بار) вожаи «ёр» (یار) ва дар мисраи дувум ба ҷойи «дебо» калимаи «динор»-ро дуруст медонад [391, с. 14], аммо аз ҳошияи сафҳа равшан мегардад, ки дар ҳеч яке аз нусхаҳои хаттӣ вожаи «ёр» наомадааст. Агарчи дар яке аз нусхаҳо «зарру динор» омадааст ва А. Содиқӣ низ ҳамин нусхаро нисбатан дуруст мехонад, ба андешаи мо, он саҳеҳ нест, зеро «зар» ва «динор» як маъно доранд. Ба эҳтимоли зиёд, шакли нисбатан саҳеҳи байти мазкур метавонад чунин бошад:

На ҳар каш ёр (бор?) набвад дурру ёқут,

Ва (= ба) шаҳраш наҳаланд во (ве) зарру дебо.

Яъне:

На ҳар касро, ки набвад, дурру ёқут

[На чунон аст, ки] ба шаҳраш бе зарру дебо гузоранд.

Дар номаи зайли шумораи 81-ум авромаи зер омада:

که ما خود عاشقانرا واشناسیم

که دیم عاشقان را رنگ تبُو [171, ч. 2, с. 176].

Маънии мисраи якум равшан аст, дар мисраи дувум «дим» (دیم) маънии «рӯй», «рухсор», «чеҳра»-ро дорад, аммо маънии «таббу» равшан нест. А.Содиқӣ «таббу»- ро ғалат мехонад ва тахмин мекунад, ки шакли дурусти он «наббу» ё «неббу» (نبّو/ nebbū, nebū), яъне «нест», «набошад» аст [391, с. 15].

Дар сурати дуруст будани фикри А. Содиқӣ маънии байти мазкур метавонад чунин бошад:

Ки мо худ ошиқонро мешиносем,
Ки рӯйи ошиқон беранг бошад.

Ба ибораи дигар, мо худ ошиқонро мешиносем, зеро рухсораи онҳоро ранг набвад, яъне рухсораи ошиқон бидуни ранг бошад. Мурод аз «беранг» рангпарида, рангбохта ва зард гаштани рухсор бошад ва одатан сӯфиёну ошиқони ростинро аз рухсораи зард шиносанд.

Афзун ба ин «Номаҳо»-и Қозӣ ҳовии чанд байту рубоие мебошанд, ки ба шеваю лаҳҷа суруда шудаанд ва ё худ таронаҳои халқиро мемонанд. Чунончи, байти зер абёти мардумиро мемонад ва бисёр содаю равон аст:

Ёд оядат аз омадани мо ба сари кӯй,
Дуздида дар он дидаи шӯхат нигаридан [171, ч. 1, с. 333].

Байти зерин низ бисёр сода ва дорои санъати такрор буда, шабеҳи абёти мардумӣ аст:

Ҳичӣ, ҳичӣ в-аз он ҳадисак ҳичӣ,
К-аз боди ҳаво навола натвон печӣ [171, ч. 2, с.174].

Байти зер низ айни сурудаҳои халқӣ мебошад:

Ман кораки хеш аз ин батар ёд орам,
Ин низ наку шавад, чунин пиндорам [171, ч. 2, с. 217].

Рубоии зерин таронаи халқиро ба хотир меорад ва дар мисраи дувуми он санъати таҷнис моҳирона ба кор рафтааст:

Дар роҳи ту ман киям, ки дар манзили ман
Аз чеҳраи ту гуле дамад бар гили ман.
Ин бас накунад зи ишқи ту ҳосили ман,
К-аз ишқи ту ороста гардад дили ман [171, ч. 1, с. 48].

Рубоии зер низ таронаи халқиро мемонад. Муаллиф ин ҷо васфи зулфи буридаи маъшуқ мекунад ва мегӯяд, ки он ҳанӯз дароз ва чавгонсифату камандсоз аст:

Зулф арчи буридаӣ, дароз аст ҳанӯз,

Бо Зуҳраву Муштарӣ бароз аст ҳанӯз.

Чавгонсифату камандсоз аст ҳанӯз,

В-андар сари ӯ ҳазор ноз аст ҳанӯз [171, ч. 1, с. 128].

Сурудаи зайл низ таронаи ишқии мардумиро мемонад:

Бо дил гуфтам, ки: «Эй дили зарқфурӯш,

Кам гард ба гирди ишқу бо ишқ макӯш!».

Нашнид насиҳату ба ман барзад дӯш,

То лоҷарамаш замона мемолад гӯш [171, ч. 2, с. 443].

Аз баҳсҳои фавқ равшан мешавад, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар баробари истишҳоди ашъори зиёди суханварон аз авромаю фаҳлавиёт ва абёту сурудаҳои мардумӣ бамаврид истифода намудааст. Агарчи авромa ва фаҳлавиёти «Номаҳо» бештар дучори тасҳиф ва тағйир гаштаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ яке аз сарчашмаҳои куҳан ва беназири адабӣ ҷиҳати шинохти авромаву фаҳлавиёт ва сарояндагони он мебошанд.

## IV.4. Атрибутсия – мансубияти ашъори истишҳодшуда

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар «Номаҳо»-и хеш ба касрат аз осори суханварони форсу тоҷик ва арабизабон ва ақволу фармудаҳои машоиху орифони номвар истишҳод намудааст, ки абёти ҷудогона ва суханони устод Рӯдакӣ [171, ҷ. 1, с. 464; 170, ҷ. 2, с. 133-134], Дақиқӣ [171, ҷ. 2, с. 471], Абулқосим Фирдавсӣ [171, ҷ. 1, с.351, 386 ва ғ.], Анварӣ [171, ҷ. 2, с. 487], Воизи Сарахсӣ [171, ҷ. 1, с. 286; 170, ҷ. 2, с. 104], Саноии Ғазнавӣ [171, ҷ. 1, с. 29, 282, 310 ва ғ.], Боботоҳири Урён [171, ҷ. 2, с. 10], Носири Хусрав [171, ҷ. 2, с.7-8; 114-115], Абулҳасани Харақонӣ [171, ҷ. 1, с. 285], Саҳл ибни Абдуллоҳи Тустарӣ [171, ҷ. 2, с. 221], Ибни Муътаз [171, ҷ. 1, с. 420], Ибни Аббос [171, ҷ. 1, с. 351; 170, ҷ. 2, с. 106, 215, 216], Абунувос [171, ҷ. 1, с. 365], Бухтурӣ [171, ҷ. 2, с. 38], Ҳамадонӣ [171, ҷ. 2, с. 123], Шайх Барака [171, ҷ. 1, с. 45; 170, ҷ. 2, с. 50-51, 384], Хоҷа Муҳаммади Ҳаммуя [171, ҷ.2, с. 51-52], Шайх Фатҳа [171, ҷ. 1, с. 323; 170, ҷ. 2, с. 119, 439], Муҳаммади Маъшуқ (Маътуқ) [171, ҷ. 1, с. 62; 170, ҷ. 3, с. 352-353], Умми Фарваҳ [171, ҷ. 1, с. 420], Фузайл (170, ҷ. 1, с. 458], Боязиди Бистомӣ [171, ҷ. 2, с. 12], Ҷунайди Бағдодӣ [171, ҷ. 2, с. 142], Шиблӣ [171, ҷ. 2, с. 403], Маози Ҷабалӣ [171, ҷ. 2, с. 474], Маъруфи Кархӣ [171, ҷ. 3, с. 373], Зайд ибни Аслам [171, ҷ. 2, с. 155], Ҳусайн ибни Алӣ [171, ҷ. 2, 31-32], Абулаббоси Қассоб [171, ҷ. 2, с. 33-34], Булалои Мааррӣ [171, ҷ. 2, с. 38] ва даҳҳо суханвару орифи дигар, ба монанди Амир Муиззӣ, Абусаиди Абулхайр, Абуҳомиди Ғаззолӣ, Аҳмади Ғаззолӣ, Авҳадуддини Кирмонӣ, Унсурии Балхӣ, Ҳусайн ибни Мансури Ҳаллоҷ, Маҷнуни Омирӣ, Умар ибни Абурабиа, Мутанаббӣ, Ҷоҳиз, Фараздақ, Абутаммом, Абуфирос, Асмаӣ, Соҳиб ва Салмон аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Чунонки зикр шуд, Қозии Ҳамадонӣ аксар вақт ашъори форсӣ ва арабиро бидуни зикри муаллиф ва ё аз номи бузургони дину ирфон овардааст, ки муайян намудани муаллифи аслии он ҳама ашъор таҳқиқи зиёд ва баҳси алоҳидаро талаб мекунад. Ҷиҳати шоҳиди фикр ин ҷо ба таври мухтасар перомуни муаллифи чанд байти форсӣ-тоҷикӣ ва тасҳеҳи онҳо изҳори назар

хоҳем кард. Чунончи, Айнулқузоти Ҳамадонӣ зимни номаи 125-ум байти зерро бидуни зикри муаллиф оварда, онро тасбеҳи ҷони орифон хондааст: «Тасбеҳи ҷони орифон ҳама ин бувад, ки

Кошки андар ҷаҳон шаб нестӣ,

То маро ҳиҷрони он лаб нестӣ» [171, ч. 2, с. 471].

Байти мазкур нахустбайти яке аз сурудаҳои Дақиқии Балхӣ мебошад [11, с. 25]. Аз қавли Айнулқузоти Ҳамадонӣ равшан мегардад, ки сӯфияи қарнҳои XI-XII дар маҳофили худ байти мазкури Дақиқиро чун тасбеҳ ба такрор мехондаанд.

Айнулқузот зимни номаи 127-ум сухан аз авоме мекунад, ки худ ҳанӯз дар роҳи талаби илм қадаме нанҳода, забони таън бар аҳли илм мекушоянд ва гоҳе кофару навроҳ мехонанд, аммо уламо ба онҳо бо чашми раҳмат менигаранд ва бар ивази таъни онҳо ҳарфе намегӯянд. Сипас байти зерро ҳамчун ҳикояти забони ҳоли уламо бидуни зикри муаллиф меорад:

Фардо, ки бар ману ту вазад боди Меҳргон,

Он гаҳ шавад падид, ки аз мо ду мард кист [171,ч. 2, с. 487].

Байти мазкур мақтаи «Мунозираи кадубун бо дарахти чинор» ё «Мунозираи бӯтаи каду бо дарахти чинор»-и Анварии Абевардӣ аст. Ин мунозира аз панҷ байт иборат буда, байти мавриди баҳс дар нашрҳои Р. Ҳодизода, Н. Қосим ва С. Нафисӣ бо андаке тағйир, яъне ба гунаи зер омадааст:

Фардо, ки бар ману ту вазад боди Меҳргон,

Он гаҳ шавад падид, ки **номарду мард** кист [3, с. 138; 2, с. 237, 53, с. 355]

Ба андешаи мо, мисраи дувум, ки дар «Номаҳо»-и Айнулқузот омадааст, нисбатан саҳеҳ ва ба асл наздик аст, зеро дар қитъаи мазкур сухан на дар бораи мардию номардӣ, балки сабурӣ, қудрат ва тавоноии ду навъи рустанӣ меравад. Мурод аз вожаи «мард» истодагарӣ намудан дар баробари боди Меҳргон (фасли хазон) аст. Қозии Ҳамадонӣ ин ҷо қудрат ва тавоноии чанорро ба илму дониш ва ҳилми уламо ва таъну худситоии кадубунро ба авоме, ки забони таън ба олимону фозилони давр кушодаанд, монанд кардааст. Афзун ба ин, дар

номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ даҳҳо байти дигар бидуни зикри муаллиф оварда шудаанд, ки мансуб ба устод Рӯдакӣ, Фирдавсии Тӯсӣ, Саноии Ғазнавӣ ва дигар суханварони маъруфи форсу тоҷик мебошанд ва дар ин хусус мо батафсил дар фаслҳои алоҳида баҳс намудаем. Гузашта аз ин, дар номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ абёте ҷой доранд, ки дар девони ашъори чанд суханвар ба гунаи мухталиф омадаанд ва ба ин сабаб муайян намудани муаллифи аслии онҳо нисбатан душвор аст. Чунончи, зимни номаи 95-ум Қозии Ҳамадонӣ сухан аз мардони раҳи ишқ мекунад ва байти зеринро бидуни зикри муаллиф меорад: «Ҳавсалаи мардон куҷо бад-ин сер шавад, агар исм мусаммо бувад ё набувад:

Биёр он ки дили дӯстон ба якдигар кашадо,

Наҳангвор ғам аз ҷони мо бадар кашадо [171, ҷ. 2, с. 321].

Таҳиягарони матн байти мазкурро аз Амир Муиззӣ donista, дар ҳошияи сафҳа байти зеринро аз «Девон»-и ӯ овардаанд, ки аз байти мавриди баҳс бисёр фарқ мекунад:

Биёр он **чӣ дилу ҷон** ба якдигар кашадо,

**Ба сар каш он чӣ балову алам ба сар** кашадо [171, ҷ. 2, с. 321].

Афзун ба ин, зайли номаи 96-ум чаҳор байти зерин бидуни зикри муаллиф истишҳод шудаанд, ки аз лиҳози вазну қофия айни байти фавқ мебошанд:

Агар ба соғари дарё ҳазор бода кашам,

Ҳанӯз ҳиммати ман бодаи дигар кашадо.

Ғуломи соқии хешам, ки бомдоди пагоҳ

Маро зи машриқи хум, офтоб баркашадо.

Дари нишоти ман он гаҳ гушодатар бошад,

Ки маст гардаму соқӣ маро бадар кашадо.

Хуш аст мастиву аз рӯзгор бехабарӣ,

Ки **харҷ** ғошияи мард бехабар кашадо [171, ҷ. 2, с. 341].

Дар мисраи охир ба ҷойи «чарх» иштибоҳан «харҷ» забт шудааст, ки мо дар фаслҳои қаблӣ дар ин хусус баҳс намуда будем. Таҳиягарони матн дар ҳошияи сафҳа абёти мазкурро низ аз Амир Муиззӣ донистаанд [171, ҷ. 2, с.

341]. Абёти мазкур аз нахустғазали Амир Муиззӣ буда, шакли нисбатан комили ғазал дар девони суханвар шомили ҳафт байт аст ва ба таври зер омадааст:

Биёр он **чӣ** дили **мо** ба якдигар кашадо,
**Ба сар каш он чӣ балову алам ба сар** кашадо.
Ғуломи соқии хешам, ки бомдоди пагоҳ
Маро зи машриқи хум офтоб баркашадо.
Чу теғи бода **бароҳечам** аз миёни қадаҳ
Замона бояд то пеши ман сипар кашадо.
Чи зарру симу чи хошок пеши ман он рӯз,
Ки аз миёнаи симоб оби зар кашадо.
Хуш аст мастию **он** рӯзгори бехабарӣ,
Ки **чарх** ғошияи мард бехабар кашадо.
Дари **нишасти** ман он гаҳ кушодатар бошад,
Ки маст гардаму соқӣ маро бадар кашадо.
Агар ба соғари дарё ҳазор бода кашам
Ҳанӯз ҳиммати ман **соғари** дигар кашадо [128, с.772].

Дар «Девон»-и Сайфи Фарғонӣ низ ғазале дар ҳамин вазну қофия ба назар мерасад, ки, ба эҳтимоли қавӣ, таҳрир ё тасҳифи ғазали мазкур аст. Таваҷҷуҳ намоед:

**Биёвар** он **чӣ** дили **мо** ба якдигар кашадо,
**Ба сар каш он чӣ дилам бори ӯ басар** кашадо.
Ғуломи соқии хешам, ки бомдоди пагоҳ
Маро зи машриқи хум офтоб баркашадо.
Чу теғи бода **бароҳехтам** аз ниёми қадаҳ,
Замона бояд то пеши ман сипар кашадо.
Чи **зарр, чи симу** чи хошок пеши **мард** он рӯз,
Ки аз миёнаи симоб оби зар кашадо.
Хуш аст мастию **аз** рӯзгор бехабарӣ,
Ки **чарх** ғошияи **масти** бехабар кашадо.

Агар ба соғари **заррин** ҳазор бода кашам

Ҳанӯз ҳиммати ман **бодаи** дигар кашадо.

Дари **нишоти** [ман] он гаҳ кушодатар бошад,

Ки маст **бошаму** соқӣ маро бадар кашадо [154, с. 751-752].

Аз муқоиса ва муқобалаи ашъори истишҳодшудаи номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ бо ғазалиёти мундариҷ дар девонҳои Амир Муиззӣ ва Сайфи Фарғонӣ равшан мегардад, ки ихтилофи зиёде байнашон ҷой дорад. Баъд аз таҳқиқ ва муқоисаи ашъори мазкур метавон ба ин натиҷа расид:

1. Ба эҳтимоли наздик ба яқин муаллифи аслии абёти истишҳодшуда Амирушшуаро Муҳаммад ибни Абдулмалики Нишопурӣ, мутахаллис ба «Муиззӣ» яке аз шоирони номвари аҳди Маликшоҳ ва Санҷари Салҷуқӣ ва муосирони Айнулқузоти Ҳамадонӣ мебошад, ки тахмин байни солҳои 1124-1127 вафот кардааст.

2. Абёти истишҳодшуда наметавонанд аз Сайфи Фарғонӣ бошанд, зеро замони зиндагии ин суханвар тахмин байни солҳои бистуми қарни XIII ва ибтидои асри XIV буда, аз муосирони Саъдии Шерозӣ аст. Гузашта аз ин, дар девони Сайфи Фарғонӣ қабл аз овардани ғазали мазкур ба таври равшан чунин таъкид шудааст: «Ва ғазали сонӣ ин аст ва шоир маълум не ва гумон меафтад, ки аз муншаоти қудамост» [154, с. 751].

3. Абёти истишҳодшудаи номаҳои Айнулқузот яке аз таҳрирҳои куҳани ғазали мазкури Амир Муиззӣ буда, наздик ба нусхаи муаллифӣ мебошанд, ки, зоҳиран, минбаъд аз тарафи котибони нусах дучори тағйир ва тасҳиф шудаанд.

4. Ғазалҳое, ки дар девонҳои Амир Муиззӣ ва Сайфи Фарғонӣ омадаанд, холӣ аз хатои матншиносӣ нестанд ва ҷойи абёт низ дар нашрҳои мазкур аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

5. Бинобар қадим ва яке аз нусхаҳои замони муаллиф будани абёти истишҳодшуда дар нашрҳои минбаъдаи илмию интиқодии «Девон»-и Амир Муиззӣ ба эътибор гирифтани онҳо савоб хоҳад буд.

6. Баъд аз муқоиса ва муқобалаи абёти истишҳодшуда бо нашри девонҳои суханварони мазкур ва бо назардошти қадим будани абёти истишҳодшуда ғазали мавриди баҳси Амир Муиззиро метавон ба таври зер тасҳеҳ намуд:

Биёр он чӣ дили мо ба якдигар кашадо,
Наҳангвор ғам аз ҷони мо бадар кашадо.
Ғуломи соқии хешам, ки бомдоди пагоҳ
Маро зи машриқи хум офтоб баркашадо.
Чу теғи бода бароҳехтам аз ниёми қадаҳ
Замона бояд то пеши ман сипар кашадо.
Чи зарру симу чи хошок пеши ман он рӯз,
Ки аз миёнаи симоб оби зар кашадо.
Хуш аст мастию **аз** рӯзгор бехабарӣ,
Ки чарх ғошияи мард бехабар кашадо.
Дари нишоти ман он гаҳ кушодатар бошад,
Ки маст гардаму соқӣ маро бадар кашадо.
Агар ба соғари дарё ҳазор бода кашам
Ҳанӯз ҳиммати ман бодаи дигар кашадо.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ зимни номае, ки таҳти шумораи 88-ум омадааст, бидуни зикри номи сароянда ду байти зерро оварда:

Гар ҳарифон аз дамодам сар бипечонанд равост,
Бар кафи ман неҳ, ки пури Зол беҳ Шабдезро.
Ҷони мо майрову қолаб хокрову дил туро
В-ин сари пурзиллату васвос теғи тезро [171, ҷ. 2, с. 216].

Р. Фарманиш абёти мазкурро аз Амир Муиззӣ медонад [398, с. 290]. Мутаассифона, мо абёти мазкурро аз «Девон»-и Муиззӣ пайдо накардем [128], аммо дар «Девон»-и Бобоафзали Кошонӣ зайли ғазали «Эй парешон карда амдан, зулфи анбарбезро» бо андаке тағйир ба назар расиданд. Ғазали мазкур ин аст:

Эй парешон карда амдан зулфи анбарбезро,
Бар дили ман дашна дода ғамзаи хунрезро.

Шуд фурӯзон оташи савдоят андар ҷону дил,

Дарфикан дар ҷоми беранг оби рангомезро.

Май паёпай бемуҳобо деҳ, маяндеш аз ҳариф,

Ёд медор ин ду байти гуфта дастовезро:

«Гар **ҳарифе** аз дамодам сар **бипечонад,** равост,

Бар кафи ман неҳ, ки пури Зол беҳ Шабдезро.

Ҷони мо майрову қолаб хокрову дил туро

В-ин сари **таннози пурвасвос** теғи тезро.»

Дар ҳоли ризо руҳфизоянда баданро,

Дар вақти сахат пойгушоянда равонро [105, с. 242].

Бояд гуфт, ки байти охир аз ҷумлаи абёти ин ғазал нест ва илҳоқишуда аст, зеро ҳам аз лиҳози вазну қофия ва ҳам мавзуъву мазмун аз абёти дигари ғазал куллан фарқ мекунад. Байти дувуми мавриди баҳс дар «Девон»-и Саноии Ғазнавӣ дар ду ҷой бо андаке тағйир ба назар мерасад, ки, ба эҳтимоли қавӣ, ду таҳрири як байт мебошанд. Чунончи, зайли ғазали «Ҷовидон хидмат кунанд он чашми рангомезро» ба гунаи зайл омадааст:

Ҷони мо майрову қолаб хокрову дил туро

В-ин сари **таннози пурвасвос** теғи тезро [75, с. 793- 794].

Аммо зимни қасида ё тағаззули «Соқиё, май деҳ, ки ҷуз май нашканад парҳезро» ба гунаи зер забт шудааст:

Ҷони мо майрову қолаб хокрову дил туро

В-ин сари **пурзиллату тазвир** теғи тезро [75, с. 26].

Аз ҳошияи сафҳа равшан мешавад, ки дар баъзе нусахи «Девон»-и Саноӣ байти мазкур айнан чун байти дувуми истишҳоднамудаи Айнулқузот омадааст [75, с. 26]. Аз ин ҷо равшан мегардад, ки байти дувуми мавриди баҳс сурудаи Саноии Ғазнавӣ мебошад. Ба эҳтимоли қавӣ, байти якуми мавриди баҳс низ маъхуз аз ҳамин сурудаи Саноӣ мебошад, ки минбаъд бо айби котибони нусах аз матн афтода, байти дувум дучори тасҳиф ва таҳрир гардидааст, зеро ду байти истишҳодшуда ҳам аз лиҳози вазну қофия ва ҳам аз ҷиҳати сабку мазмун шабеҳ ва идомаи якдигар мебошанд. Гузашта аз ин, дар ғазали мансуб ба

Бобоафзал пайи ҳам, монанди номаҳои Айнулқузот омадаанд. Айнулқузоти Ҳамадонӣ, ки аз ҳамзамонони Саноии Ғазнавӣ аст, имкон дорад, ки абёти мавриди баҳсро аз нусхаҳои қадим ва муаллифӣ истишҳод карда бошад. Лозим ба зикр аст, ки абёти мавриди баҳс наметавонанд маъхуз аз ғазали Бобоафзал бошанд, зеро ин суханвар баъди даргузашти Айнулқузоти Ҳамадонӣ зиндагӣ ва эҷод намудааст. Зоҳиран, Бобоафзал абёти мавриди баҳсро аз Саноии Ғазнавӣ тазмин намуда, зеро қабл аз овардани ин абёт ба таври ошкор «Ёд медор ин ду байти гуфта дастовезро» мегӯяд.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номае, ки зайли шумораи 65-ум омадааст, ба ду қисм будани офариниши Худой ишора намуда мегӯяд: «Худойи таоло ҳар чӣ офарид, ба ду қисм офарид: баъзе ба худии худ офарид, бевоситаи дигаре ва баъзе бавосита офарид. Ва ин восита иммо («иммо» ба маънии пайвандаки ҷудоии «ё»- З.Ҳ.) одамӣ бувад ва иммо фаришта ва иммо шайтон. «لِمَا خَلَقْتُ بِيَدَيَّ» (ояти 75-уми сураи Сод (38): («...[онро] бо ду дасти Худ офаридаам?»- З.Ҳ. ) киноят аст аз он ки бевосита офаринад, чи агар ҳама ба худии худ офаридӣ бе ҳеч восита, пас дар ҳаққи Одам чаро гуфтӣ, ки «خَلَقْتُ بِيَدَيَّ»! Ва баъзе бавосита офарид, чун илми Мустафо ва анбиё, ки ба воситаи Ҷабраил пайдо кунанд, лобал «عَلَّمَ بِالْقَلَمِ» (ояти 4-уми сураи Алақ (96): «(Он, ки) ба дастёрии қалам илм омӯхт» - З.Ҳ.) худ сареҳ аст ва чун ғавоят ва залолати Буҷаҳл ва куффор, ки ба воситаи Иблис ва ҷунуди ӯ бувад, ки «وَاسْتَفْزِزْ مَنِ اسْتَطَعْتَ مِنْهُمْ» (ояти 64-уми сураи Исро (17): «Ва аз онҳо ҳар киро тавонӣ (ба овози худ аз ҷой биҷунбон...)»- З.Ҳ.) ҳам Ӯ кунад, валекин бавосита» [171, ч. 2, с.4]. Сипас барои шоҳиди фикр ва фаҳми бештари мухотаб мисоли равшане оварда, дар бораи фарқи маънии офариниши бавосита аз бевосита ва ҳақиқату маҷози Қуръон сухан мекунад ва ҷиҳати шоҳид абёти зерро бидуни зикри сароянда меорад: «Гирам (фарз кардам- З.Ҳ.), ки халқро Иблис излол кунад, Иблисро бад-ин сифат кӣ офарид?

Гар сеҳр зи ҷодувони Бобил хезад,
Аз Бобилиён кӣ растахез ангезад?

...Аммо мӯсосифате бояд, то дар ҳоли мастӣ гӯяд: «إِنْ هِيَ إِلَّا فِتْنَتُكَ» («Ин (ҳодиса) ба ҷуз имтиҳони Ту чизе нест «- ояти 155-уми сураи Аъроф (7) аст - З.Ҳ.). «وَأَضَلَّهُمُ السَّامِرِيُّ» («ва Сомирӣ онҳоро гумроҳ сохт», ояти 85-уми сураи Тоҳо (20) - З.Ҳ.) чӣ маъно дорад? Бор Худоё! То кунун хок бар сар мекардам аз дасти Сомирӣ ва мегуфтам:

Ҳама ранҷи ман аз Булғориён аст,
Ки модомам ҳамебояд кашидан.

Акнун истиғфор ҳамекунам ва мегӯям: « إِنْ هِيَ إِلَّا فِتْنَتُكَ تُضِلُّ بِهَا مَنْ تَشَاءُ وَتَهْدِي مَنْ تَشَاءُ» («Ин (ҳодиса) ба ҷуз имтиҳони Ту чизе нест: ҳар киро хоҳӣ, ба он гумроҳ мекунӣ ва ҳар киро хоҳӣ, ба он роҳ менамоӣ»- ояти 155-уми сураи Аъроф (7) - З.Ҳ.). Аз суханҳои худ бақияи абёт:

Ҳамеоранд турконро зи Булғор
Зи баҳри пардаи мардум даридан.
Гунаҳ Булғориёнро низ ҳам нест,
Бигӯям, гар ту битвонӣ шунидан:
«Худоё, ин балову фитна аз туст,
Валекин кас намеёрад **чахидан**.
Лабу дандони ин туркони чун моҳ
Бад-ин хубӣ чӣ боист офаридан!
Ки аз баҳри лабу дандони эшон
Ба дандон лаб ҳамебояд газидан?» [171, ч. 2, с.7-8].

Лозим ба зикр аст, ки Айнулқузот дар фавқ васф ё ситоиши Иблис накарда, ки баъзе бар ин боваранд, балки таъкид намуда, ки Худованд бар ивази мукофоти амал «ҳар киро хоҳад, гумроҳ мекунад ва ҳар киро хоҳад, роҳ менамояд». Сипас изҳор доштааст, ки ошиқони ростин ин навъ суханон дар ҳоли мастии ишқ гӯянд: «Гирам, ки Булғориён пардаи мардум медаранд, аммо эшон дар Булғор аз куҷо омаданд? На ҳам аввал Ту офаридӣ! Агар [на] ҳаволати «فَقَبَضْتُ قَبْضَةً مِنْ أَثَرِ الرَّسُولِ» («ва муште аз нақши пои фиристода (яъне Ҷабраил (а)) гирифтам, пас, онро афкандам», ояти 96-уми сураи Тоҳо (20) - З.Ҳ.) бо Сомирӣ кардӣ, овоз дар гӯсола кӣ пайдо кард?

«إِنْ هِيَ إِلَّا فِتْنَتُكَ». Эй азиз! Мастон дар мастӣ ин нуқта баён карданд ва ин хатар карданд, ё на («ё» ба маънии «агар», «ё на» -»агарна» «вагарна», «ваилло» омадааст - З.Ҳ.) дар ҳушёрӣ кай дар хотири эшон ин гузар кунад? В-агар кунад, сар дар коҳ кунанд» [171, ч. 2, с.8].

Гузашта аз ин, Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар китоби «Тамҳидот» низ ба шарҳу баёни мавзуи мазкур пардохта, барои шоҳид шаш байти мавриди баҳсро дар якҷоягӣ ба таври зер овардааст: «Гирам, ки халқро излол Иблис кунад, Иблисро бад-ин сифат кӣ офарид? Магар Мӯсо аз баҳри ин гуфт: « إِنْ هِيَ إِلَّا فِتْنَتُكَ تُضِلُّ بِهَا مَنْ تَشَاءُ وَتَهْدِي مَنْ تَشَاءُ». Дареғо, гуноҳ худ ҳама аз ӯст, касеро чӣ гуноҳ бошад?! Магар ин байтҳо нашнидаӣ?

Ҳама ранҷи ман аз Булғориён аст,
Ки модомам ҳамебояд кашидан.
Гунаҳ Булғориёнро низ ҳам нест,
Бигӯям, гар ту битвонӣ шунидан:
«Худоё, ин балову фитна аз туст,
Валекин кас намеёрад **хаҷидан**.
Ҳамеоранд турконро зи Булғор
Зи баҳри пардаи мардум даридан.
Лабу дандони **он** туркони чун моҳ
Бад-ин хубӣ **набоист** офаридан!
Ки аз **хубий(и)** лабу дандони эшон
Ба дандон лаб ҳамебояд газидан».

Халқро ҳидоят ба Аҳмад ҳаволат кунанд ва залолат бо Иблис [172, с. 188-189].

Аз муқоисаи абёти истишҳодшудаи «Номаҳо» ва «Тамҳидот» метавон ба ин хулоса расид, ки:

1. Абёти мазкур айни якдигар нестанд ва дучори таҳриру тасҳифи котибони нусах гаштаанд, зеро ҳангоми муқоиса ва муқобала гуногунхонӣ ва табдили абёт ба назар мерасанд. Чунончи, байти аввале, ки дар «Тамҳидот» омадааст, дар номаи мазкур дар алоҳидагӣ ва қабл аз абёти баъдӣ нақл

шудааст, байти дувуми «Тамҳидот» дар «Номаҳо» байти сеюм, байти сеюми «Тамҳидот» дар «Номаҳо» байти чорум, байти чоруми «Тамҳидот» дар «Номаҳо» байти дувум аст. Афзун ба ин, дар «Номаҳо» ба ҷойи «**хаҷидан**» - «**чахидан**», «**он туркони чун моҳ**» - «**ин туркони чун моҳ**», «**набоист**» - «**чӣ боист**», «**Ки аз хубий(и) лабу дандони эшон**» - «**Ки аз баҳри лабу дандони эшон**» омадааст. Аз ҳошияи сафаҳоти «Номаҳо» ва «Тамҳидот» равшан мешавад, ки баъзе абёти истишҳодшуда дар нусхаҳои хаттии «Номаҳо» ва «Тамҳидот» айни якдигар мебошанд, аммо таҳиягарони матн ба гунаи мазкур онҳоро тасҳеҳ намудаанд.

2. Айнулқузот дар «Тамҳидот» аз муаллифи абёт ёд намекунад ва танҳо аз мухотаб мепурсад, ки «магар ин байтҳо нашнидаӣ?» Аз ин тарзи пурсиши суханвар равшан мешавад, ки, зоҳиран, абёти мазкур дар он давр байни сӯфия ва урафо нисбатан маъруф буда, Айнулқузот бамаврид онро ёдрас намудааст. Муҷтабо Минавӣ дар «Ёддоштҳо»-и худ аз иборати «магар ин байтҳо нашнидаӣ?» ба он хулоса расидааст, ки ин қитъа қабл аз Айнулқузот аз ҷониби суханвари дигаре гуфта шудааст ва аз ӯ нест (343, ҳошияи с. 360). Аммо дар номаи мазкур қабл аз овардани абёти мавриди баҳс нахуст «мегуфтам» ва сипас «аз суханҳои худ бақияи абёт» мегӯяд. Аз як сӯ, метавон хулоса кард, ки шояд ин абёт аз сурудаҳои худи Айнулқузоти Ҳамадонӣ бошанд. Имкон дорад, ки Айнулқузот қаблан қитъаи мавриди баҳсро дар «Номаҳо» оварда, сипас дар «Тамҳидот» онро ба такрор нақл намуда гуфтааст, ки қаблан дар навиштаҳои ман «магар ин байтҳо нашнидаӣ?» Аммо аз сӯйи дигар, метавонанд ин абёт сурудаи суханвари орифи дигаре бошанд, ки Айнулқузот онро истишҳод намудааст.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар фасли алоҳидаи «Нафаҳот-ул-унс», ки ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ бахшида шудааст, матолиби мазкур ва абёти мавриди баҳсро аз «Тамҳидот» бо андаке тағйир оварда [185, с. 414-416; 51, с.513-515; 172, с.188-189], аз сарояндаи он ёд накардааст, лекин, дар равзаи ҳафтуми «Баҳористон» Носири Хусравро дар саноати шеър ва

фунуни ҳикмат васф намуда, қитъаи мавриди баҳсро аз сурудаҳои ӯ донистааст, чунонки гӯяд: «Дар саноати шеър моҳир буд ва дар фунуни ҳикмат комил. Аммо ба суи эътиқод ва майл ба зандиқаву илҳод муттаҳам (шуда буд) ва ӯро «Сафарнома»-е аст, ки дар аксари маъмура сафар карда ва муҳовароте, ки бо афозил карда, ба назм оварда ва **ин абёт, ки Айнулқузот дар китоби «Зубдат-ул-ҳақоиқ» эрод карда, аз ҷумлаи манзумоти ӯст**. Қитъа:

Ҳама **ҷаври** ман аз Булғориён аст,
Ки модомам ҳаме бояд кашидан.
Гунаҳ Булғориёнро низ ҳам нест,
Бигӯям, гар ту битвонӣ шунидан:
«Худоё, ин балову фитна аз туст,
Валекин кас намеёрад чахидан.
Ҳамеоранд турконро зи Булғор
Зи баҳри пардаи мардум даридан.
Лабу дандони **он** хубони чун моҳ
Бад-ин хубӣ набояст офаридан,
Ки аз **ишқи** лабу дандони эшон
Ба дандон лаб ҳаме бояд газидан» [184, с. 95].

Мавлоно Ҷомӣ ба таври равшан қитъаи мазкурро аз Носири Хусрав хонда таъкид намудааст, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ онро аз Носири Хусрав истишҳод кардааст, вале боз ба иштибоҳ сарчашмаи ин матолибу ашъорро «Зубдат-ул-ҳақоиқ» хондааст, на «Тамҳидот». Р. Фарманиш бошад абёти мавриди баҳсро дар ду боби китоби худ ба гунаи мухталиф оварда, онро аз сурудаҳои Айнулқузот медонад ва дар ҳошияи сафҳа ишора мекунад, ки минбаъд он ба Носири Хусрав нисбат дода шудааст [398, с.93-94, с. 268]. Қосим Ғанӣ низ абёти мавриди баҳсро аз шатҳиёти Айнулқузоти Ҳамадонӣ медонад [350, ҷ. 2, с. 419], аммо сарчашмааш на нусхаҳои хаттӣ ё боэътимоди осори Қозӣ, балки нақли Мавлоно Ҷомӣ аз «Нафаҳот-ул-унс»аст. Зоҳиран, донишманди мазкур эътибор надода, ки Мавлоно Ҷомӣ абёти мавриди баҳсро

ҳамчун намунаи осори Айнулқузот оварда, на сурудаи аслии ӯ ва дар «Баҳористон» ба таври равшан аз Носири Хусрав будани онро таъкид сохтааст.

Мударриси Разавӣ қитъаи мавриди баҳсро аз Ҳаким Саноӣ медонад ва дар девонаш ҷой намуда, дар ҳошияи сафҳа мегӯяд, ки дар яке аз маҷмуаҳои хаттии авохири қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ, ки дар Китобхонаи Донишгоҳ маҳфуз аст, қитъаи мазкур ба Саноӣ нисбат дода шудааст [75, с. 1088].

Э. Браун дар фасли ««Ашъори куфромези мансуб ба Носири Хусрав»« қитъаи мазкурро мансуб ба Носири Хусрав медонад, на аз ашъори аслии ӯ ва мегӯяд, ки «бар хилофи руҳи мазҳабӣ ва диндоронае, ки дар ашъори девони чопи сангӣ вуҷуд дорад, порае ашъори озодфикронаи наздик ба куфр низ ба Носири Хусрав нисбат додаанд, ки ҳатто имрӯза ҳам дар Эрон шуҳрат доранд ва дар маъдуде аз нусхаҳои хаттии девони вай низ дида мешавад» [343, с. 359] ва барои шоҳид тарҷумаи ду ашъори ӯро нақл кардааст. Қитъаи аввал шомили чор байт буда, абёти якум ва сеюми он айни қитъаи мавриди баҳс мебошанд, аммо байтҳои дуюм ва чоруми он тамоман фарқ мекунанд, чунонки гӯяд: «Қитъаи аввалро Ҷомӣ зимни шарҳи мухтасаре, ки дар бораи Носири Хусрав дар «Баҳористон» баён доштааст, оварда ва чунин аст:

Худоё, ин балову фитна аз туст,
Вале аз тарс натвонам чахидан.
**Агар реге ба кафши худ надорӣ**
**Чаро боист шайтон офаридан?**
Лабу дандони туркони Хиторо
Бад-ин хубӣ набояст офаридан.
**Ба оҳу мекунӣ ғавғо, ки бигрез,**
**Ба тозӣ ҳай занӣ, яъне давидан** [343, с.360].

Аз ахбори Э. Браун маълум мешавад, ки, зоҳиран, ӯ ин қитъаро аз «Баҳористон»-и Ҷомӣ овардааст, аммо аз муқоиса ва муқобалаи абёти фавқ бо қитъаи дар «Баҳористон» омада маълум мегардад, ки донишманди мазкур онро аз манбаи дигар, ба эҳтимоли қавӣ, аз нусхаҳои хаттии

«Девон»-и Носири Хусрав овардааст, на аз «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, аммо қитъаи дувуме, ки Э. Браун овардааст, ба ин баҳси мо рабте надорад. Мутарҷими форсии китоби мазкур Фатҳулло Муҷтабоӣ дар ҳошияи сафҳа мегӯяд, ки дар «Девон»-и Носири Хусрав (чопи Теҳрон, 1304-1307) қасидаи баланде ба ин вазну қофия омадааст, ки ағлаби ин абётро онҷо метавон пайдо кард, аммо аз сустии баъзе алфоз ва такрори қисме аз қавофӣ равшан мешавад, ки кулли қасида аз Носири Хусрав нест [343, с. 360]. Дар китоби «Гулшани адаб» зайли ашъори Носири Хусрав қасидае таҳти унвони «Мунозира бо Худо» оварда шудааст [11, с.162-166] ва, зоҳиран, ин ҳамон қасидае аст, ки Фатҳулло Муҷтабоӣ ба он ишора кардааст. Гузашта аз ин, имкон дорад, ки сарчашмаи иқтибоси Э. Браун ва ҳам мураттибони «Гулшани адаб» яке аз нусхаҳои девони Носири Хусрав бошад, зеро ду байти овардаи Э. Браун, ки дар «Номаҳо» ва «Тамҳидот»-и Айнулқузот, «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва «Девон»-и Саноӣ ба назар намерасанд, дар «Гулшани адаб» ҷой доранд [11, с. 164-165].

Аз баҳсҳои фавқ метавон ба ин хулоса расид, ки абёти мавриди баҳс, ки дар «Номаҳо» ва «Тамҳидот»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ истишҳод шудаанд, мансуб ба Носири Хусрав мебошанд, зеро худи Айнулқузот аз маъруфияти ин ашъор ёд намуда ва Мавлоно Ҷомӣ низ ба таври ошкор аз Носири Хусрав истишҳод намудани Қозии Ҳамадонро таъкид кардааст. Агарчи Мударриси Разавӣ абёти мавриди баҳсро мансуб ба Саноии Ғазнавӣ гуфтааст, сарчашмааш яке аз нусхаҳои хаттии авохири қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ, баробар ба охири асри XIII мелодӣ мебошад, на нусахи асос, ки зери дасташ қарор доштанд. Муҳаққиқоне, ки аз Носири Хусрав будани абёти мавриди баҳсро инкор мекунанд, худ таъкид намудаанд, ки дар чанд нусхаи девони суханвар абёти мазкур ба таври нисбатан комил, яъне дар дили қасида ҷой доранд.

Шоистаи зикр аст, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаҳои дигари худ низ аз Носири Хусрав истишҳод намудааст [171, ҷ. 2, с. 114-115 ва с. 219].

Чунончи, зайли номае сухан аз ақоиди мухталифи таълимиён намуда, ҷиҳати шоҳид абёти зеринро бидуни зикри сароянда меорад:

Ҳар касе чизе ҳамегӯяд зи тиравойи хеш
То гумон ояд, ки ӯ Қустой(и) бин Луқостӣ.
Он ки гӯяд: «Гар ҷаҳонро нестӣ ду Кирдигор
Нестӣ воҷиб, ки ҳаргиз хор бо хурмостӣ».
В-он ки гуфтӣ: «Гар ҷаҳонро сонее одил будӣ,
Бар ҷаҳону халқ яксар доди ӯ пайдостӣ.
Ин чаро банда заифу чокари ҳар кас будӣ
В-он чаро шоҳи қавию меҳтару волостӣ?
Нуру хайру поку хуб андар табоеъ кай чунин
Зулмату шарру палиду зиштро аъдостӣ?»
Ман бигӯям аз забони Ибни Ҳайён ростӣ
Оқилонро гӯш кардан қавли ман ёростӣ.
Пушти ин муште муқаллид хам, ки кардӣ дар рукуъ
Дар биҳишт ар на умеди қаляву ҳалвостӣ? [171, ҷ. 2, с. 114-115].

Мурод аз «таълимиён» фирқаи маъруф ба «ботинӣ» ва «исмоилия» мебошанд, ки Носири Хусрав низ яке аз намояндагони ин фирқа буд. Абёти мазкур аз қасидаи «Ин чӣ хайма-ст, ин ки гӯӣ пургуҳар дарёстӣ»-и Носири Хусрав буда, дар девони суханвар ба гунаи зайл омада ва ҷойи абёт низ аз ҳам фарқ мекунанд:

...Ҳар касе чизе ҳамегӯяд зи тиравойи хеш
То гумон **ояд-т, к- ӯ** Қустой(и) бин Луқостӣ.
**Ин ҳамегӯяд, ки: «Гармон** нестӣ ду Кирдигор,
Нестӣ воҷиб, ки ҳаргиз хор бо хурмостӣ».
Нуру хайру поку хуб андар табоеъ кай чунин
Зулмату шарру палиду зиштро аъдостӣ?
**В-он-т гӯяд**: «Гар ҷаҳонро сонее одил будӣ,
Бар ҷаҳону халқ яксар доди ӯ пайдостӣ...»
Ин чаро бандай (и) заифу чокару **сосистӣ**

В-он чаро шоҳу қавию меҳтару волостӣ...

Ман **бигуфтӣ ростӣ, гар аз забони ин хасон**

Оқилонро гӯш кардан қавли **мо** ёростӣ.

**Рӯй зи меҳроб кай кардӣ, агарна дар биҳишт**

**Бар умеди нону деги** қаляву ҳалвостӣ? [111, с. 226-228].

Қасидаи мазкур дар девони Носири Хусрав фарогири 48 байт аст [111, с. 225-228]. Аз муқоиса ва муқобалаи абёти истишҳодшудаи номаҳо ва девони суханвар маълум мешавад, ки абёти девон бештар дучори таҳрифи котибон гаштааст. Чунончи, дар девони ашъор ба ҷойи «ояд, ки ӯ» - «ояд-т, к-ӯ», ивази «Он ки гӯяд: Гар ҷаҳонро» - «Ин ҳамегӯяд, ки гармон», ба ҷойи «В-он ки гуфтӣ» - «В-он-т гӯяд», бар ивази «чокари ҳар кас будӣ» - «чокару сосистӣ», ба ҷойи «Ман бигӯям аз забони Ибни Ҳайён ростӣ» - «Ман бигуфтӣ ростӣ, гар аз забони ин хасон», ивази «ман» - «мо», ба ҷойи «Пушти ин муште муқаллид хам кӣ кардӣ дар рукуъ/ Дар биҳишт ар на умеди қаляву ҳалвостӣ?» - «Рӯй зӣ меҳроб кай кардӣ, агарна дар биҳишт/ Бар умеди нону деги қаляву ҳалвостӣ?» омадааст.

Дар абёти истишҳодшудаи «Номаҳо» аз ду нафари ҳаким ва донишманд ёд шудааст: яке Қусто ибни Луқои Баалабакӣ (ваф. 300ҳ./945м.), ҳаким, файласуф ва риёзидони Румӣ, ки забони юнонӣ ва арабӣ неку медонист ва чанде аз китобҳоро ба забони арабӣ тарҷума кардааст. Баъзе «Қусто»-ро номи китоби таснифнамудаи Луқо (дар аҳкоми оташпарастӣ) низ гуфтаанд, ки, зоҳиран, саҳеҳ нест [432, ҷ. 11, с. 17571]. Дигаре Ибни Ҳайён, ба занни қавӣ, Абумарвон ибни Халафи Қуртубӣ маъруф ба «Ибни Ҳайён» (377-469ҳ./ 987-1077м.) аст, ки муаррихи маъруф буд [432, ҷ. 1, с. 351]. Имкон дорад, ки «ин хасон» нисбат ба «Ибни Ҳайён» саҳеҳ бошад ва ба сабаби шабоҳати навишти форсӣ бо айби котибони нусахи номаҳо «Ибни Ҳайён» забт шудааст.

Фаразан гӯем, ки миқдор ва тартиби абёти девон дуруст аст, пас метавон гуфт, ки байни тартиби абёти истишҳодшудаи номаҳо (тартиби абёт: 21, 22, 24, 26, 23, 29, 38) ва девони Носири Хусрав (тартиби абёт: 21, 22, 23, 24, 26, 29, 38) ихтилофе ҷой дорад. Аз фасли «Нусхабадалҳо» маълум мегардад, ки дар

баъзе аз нусхаҳои девон абёти мавриди баҳс ҳам аз лиҳози имло ва ҳам тартиби абёт монанди номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ мебошанд [111, с. 629-631]. Аз ин ҷо метавон ба хулосае расид, ки тартиби абёт низ дар номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ нисбатан саҳеҳ ва ба асл наздик мебошанд. Бино ба сабаби ҳамаср будани Носири Хусрав ва Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва шабеҳ будани баъзе аз нусхаҳои девон бо абёти истишҳодшудаи номаҳо метавон гуфт, ки абёти истишҳодшудаи номаҳои Қозии Ҳамадонӣ яке аз нусхаҳои қадим, нисбатан саҳеҳ ва наздик ба асл мебошанд. Аз ин рӯ, дар нашрҳои минбаъда ҳангоми тасҳеҳ ва таҳияи девони Носири Хусрав ба эътибор гирифтани абёти истишҳодшудаи номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ савоб хоҳад буд.

Чунонки таъкид шуд, Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба нудрат қабл аз истишҳоди ашъор аз муаллифи онҳо ёд намудааст. Аз ҷумла, зимни номаи 34-ум қабл аз овардани абёти зерин аз муаллифи он чунин ёд кардааст: «Зиҳӣ, Воизи Сарахс, хокат хуш бод, ки хуб мегӯяд, ки шеър:

Гар ба раҳи ошиқӣ-т ҳеч ниёз аст,
Роҳ дароз асту бо нишебу фароз аст.
Бори Худой аст ишқ, саркашу нобок,
Бандакуш аст, эй аҷаб, на банданавоз аст» [171, ҷ. 1, с. 286].

Аз иқтибоси фавқ равшан мешавад, ки Воизи Сарахсӣ яке аз шоирони ориф мебошад, ки қабл аз Айнулқузоти Ҳамадонӣ зиндагиву эҷод карда ва ба ин сабаб суханвар «хокат хуш бод» гуфтааст. Афзун ба ин, зайли номаи 73-юм низ чаҳор байти зерро аз номи Воизи Сарахсӣ меорад: «[Хоҷа Абуалӣ] Воизи Сарахсӣ гӯяд:

Дарой бо ман, ёро, ба кор агар ёрӣ,
В-агарна рав ба саломат, на бар сари корӣ.
На ҳамраҳӣ ту маро, роҳи хеш гиру бирав,
Туро саломат боду маро нагунсорӣ.
Маро ба хонаи хаммор бар, бад-ӯ биспор,
Нигар, маро ба ғами рӯзгор наспорӣ.
Набид чанд маро деҳ барои мастиро,

Ки сер гаштам аз ин зиракиву ҳушёрӣ» [171, ҷ. 2, с. 104].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ абёти мазкурро дар «Тамҳидот» низ аз номи Хоҷа Абуалии Сарахсӣ овардааст [172, с. 15]. Ҳангоми муқоиса ва муқобала маълум гашт, ки матни дар «Тамҳидот» омада аз абёти мазкур андаке фарқ мекунад. Чунончи, дар мисраи якум ба ҷойи «Дарой, бо ман, ёро...» - «Дарой, ҷоно, бо ман...», дар мисраи дувум ивази «на бар сари корӣ» - «ки бар сари корӣ», дар мисраи чорум ба ҷойи «саломат боду» - «саломат бодо», дар мисраи шашум ивази «нигар» - «дигар» ва дар мисраи охир ба ҷойи «набид» муарраби он «набиз» омадааст. Ба занни қавӣ, матне, ки дар номаи мазкур омадааст, нисбат ба абёте, ки дар «Тамҳидот» омадаанд, саҳеҳ мебошанд.

Таҳиягарони китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» осори боқии Воизи Сарахсиро ҳамагӣ чаҳор мисраъ медонанд, ки дар рисои Абусаиди Абулхайр сурудааст ва, зоҳиран, ин мисраъҳоро аз китоби «Асрор-ут-тавҳид» овардаанд:

З-он гуфт, он ки гуфт, ки ҳақро макон бувад,
Шубҳат будаш, ки ту ба макону макин дарӣ.
Аз баҳри халқ Эзидат андар макон намуд,
Зеро ки халқро зи бурун нест қодирӣ [4, с. 150].

М. Мудаббирӣ осори боқии суханвари мазкурро ҳамагӣ як қасидаи марсия медонад, ки аз ҳафт байт иборат буда, дар сӯги Абусаиди Абулхайр суруда шудааст [127, с. 524]. Донишманди мазкур панҷ байти аввали қасидаро аз «Лубоб-ул-албоб» ва ду байти охирро аз «Асрор-ут-тавҳид» меорад, ки ду байти охир айни мисраъҳои фавқ мебошанд. Бино ба қавли М. Мудаббирӣ, нахустбайти қасидаи мазкур чунин аст:

Не аз Зуҳал бадию на некӣ зи Муштарӣ,
Ҳаст ин ҳама зи довару нек аст доварӣ [127, с. 525].

Таҳиягарони китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» номи комили ин суханварро Имом Абубакр Муҳаммад ибни Воизи Сарахсӣ ва маъруф ба «Абубакри Воиз» мегӯянд [4, с. 150], М. Мудаббирӣ бошад, номи пурраи ӯро «Имом Абубакр Муҳаммад ибни Аҳмад Воизи Сарахсӣ» мехонад [127, с. 524]. Дар «Тамҳидот» ва баъзе нусахи хаттии номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ номи

ӯ «Хоҷа Абуалӣ Воизи Сарахсӣ» ва дар баъзе нусхаҳои хаттии номаҳо ба ихтисор «Воизи Сарахсӣ» омадааст. Агар Хоҷа Абуалӣ Воизи Сарахсӣ, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ мегӯяд, ҳамон Воизи Сарахсӣ аст, ки М. Мудаббирӣ ва мураттибони китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» аз аҳволу осори ӯ ёд кардаанд, пас ду байте, ки зайли номаи 34-ум ва чаҳор байте, ки зимни номаи 73-юм омадаанд, абёти тоза ва бозёфтшуда аз Воизи Сарахсӣ мебошанд. Дар сурати дуруст будани ин ҳарф минбаъд теъдоди осори бозмондаи Воизи Сарахсиро на ду байт ё ҳафт байти марсия, балки 13 байт бояд гуфт, ки сарчашмаи шаш байти тозаёфтшудаи он «Номаҳо» ва «Тамҳидот»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ мебошанд. Имкон дорад, Хоҷа Абуалӣ Воизи Сарахсӣ, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз ӯ ёд карда, шахси дигаре ба ҷуз Имом Абубакр Муҳаммад ибни Воизи Сарахсӣ бошад. Дар ин сурат метавон тахмин намуд, ки Хоҷа Абуалӣ Воизи Сарахсӣ яке аз нахустин шоирони ориф мебошад, ки қабл аз Айнулқузот зиндагӣ ва эҷод намуда, маҳз тавассути «Номаҳо» ва «Тамҳидот» намунаи осори ӯ то замони мо расидааст.

Хулоса, «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ яке аз сарчашмаҳои куҳан ва боэътимоди адабӣ аст, ки ҷиҳати тасҳеҳ ва нашрҳои илмию интиқодии ашъори суханварони асрҳои IX-XII, ба монанди устод Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Анварӣ, Амир Муиззӣ, Саноии Ғазнавӣ, Носири Хусрав, Воизи Сарахсӣ ва даҳҳо нафари дигар метавонад хидмат намояд. Афзун ба ин, ашъори форсии истишҳодшудаи «Номаҳо», ки аксар бидуни зикри гӯянда ва андаке бо номи сароянда оварда шудаанд, метавонанд ҷиҳати дарёфти абёти тозаи шоирони ҳамасри устод Рӯдакӣ ва аҳди Ғазнавиёну Салҷуқиён хидмати беназир созанд. Таҳқиқи ашъори истишҳодшудаи «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз муҳаққиқ ва матншинос диққат ва дониши зиёди филологӣ тақозо мекунад, зеро Қозии Ҳамадонӣ гоҳи зиёд ашъори як суханварро аз номи нафари дигар овардааст. Чунончи, шеъри «Бонги Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме»-и устод Рӯдакиро аз номи Абубакри сиддиқ [171, ч. 1, с. 464], байти Анварии Абевардиро аз номи авом [171, ч. 2, с. 487] ва чанд байти форсиро аз номи машоих ва урафои маъруфи араб Шайх Шиблӣ,

Ҷунайди Бағдодӣ ва дигарон овардааст [171, ҷ. 2, с. 404], ки дар асл сурудаи онҳо нестанд. Бо таваҷҷуҳ ба замони зиндагии Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва дастрасии ӯ ба нусхаҳои қадимтарини ашъори суханварони аҳди Сомониёну Ғазнавиён ва Салҷуқиён ашъори истишҳодшудаи «Номаҳо»-ро метавон ҳамчун яке аз сарчашмаҳои куҳан ва нусхаҳои боэътимоди ашъори шоирон пазируфт. Лозим ба таъкид аст, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ бештар аз шоирони Хуросонӣ, ба монанди устод Рӯдакӣ, Саноии Ғазнавӣ, Воизи Сарахсӣ, Аҳмади Ғаззолӣ, Носири Хусрав ва дигарон истишҳод намуда, бештар аз тасаввуф ва урафои Хуросон сухан намудааст, ки то андозае аз майл доштани ӯ ба шеър ва тасаввуфи Хуросон иттилоъ медиҳанд. Он ҳама мисраъву абёт, рубоиёту таронаҳо, авроманҳо ва фаҳлавиёт, пораҳое аз ғазалиёту қасоид, ки дар номаҳои суханвар истишҳод шудаанд, дар маҷмуъ баёзи пур аз ақоиди ахлоқию тарбиявӣ, амсолу ҳикам ва баёни ишқу ирфонро мемонанд.

### IV.4.1. Баҳсе дар тасҳеҳ ва таъйини муаллифи мисраъҳои арабии «Номаҳо»-и Айнулқузот

Чунонки зикраш гузашт, китоби «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ нашри нисбатан мукаммали мактуботи суханвар буда, дар маҷмуъ фарогири 159 нома мебошад, ки аз онҳо 157 нома ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва танҳо ду номаи охир (номаҳои 158-ум ва 159-ум) ба забони арабӣ навишта шудаанд. Айнулқузот дар 81 номаи форсӣ-тоҷикии худ ҳамагӣ 221 байт ва 10 мисраи арабӣ овардааст, вале дар 76 номаи форсӣ ва 2 номаи арабӣ ашъори арабӣ ба назар намерасанд.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ зайли номаи 3-юм як мисраъ [171, ҷ. 1, с. 22] дар номаи 27-ум се мисраъ [171, ҷ. 1, с. 230], дар номаи 33-юм як мисраъ [171, ҷ. 1, с. 276], дар номаи 78-ум ду мисраъ [171, ҷ. 2, с. 142 ва 144], дар номаи 80-ум як мисраъ [171, ҷ. 2, с. 153] ва дар номаи 137-ум ду мисраи арабӣ [171, ҷ. 3, с. 324 ва 325] оварда, танҳо дар ду нома, ки зери рақамҳои 3-юм [171, ҷ. 1, с. 22] ва 27-ум қарор доранд [171, ҷ. 1, с. 230], ба гӯяндаи онҳо ишора намудааст. Аз ҷумла, зайли номаи сеюм, ки дар бораи ҳақиқати ният баҳс мекунад, аз

биҳишти Ҳақ будани Қуръон, маърифати Қуръон ва ҳуруфи муқаттаи он ва аз ишқи ҳақиқӣ бебаҳра будани номаҳрамон сухан намуда, барои тақвияти фикр нахуст як байти форсӣ ва як байти арабиро пайиҳам меорад ва сипас боз як мисраи арабиро дар хитоб ба Маҷнун нақл месозад: «Қуръон аст биҳишти Ҳақ. Ту чӣ мешунавӣ? Пиндорӣ, ки донӣ Қуръон чист? «Мо фи-л-ҷаннати илла-л-Лоҳ» (Дар ҷаннат ҷуз Худованд нест- З.Ҳ.) чӣ маъно дорад, ки Худои таоло «Тоҳо» ва «Ёсин» дар биҳишт бар аҳли биҳишт хонад? «Ёсин қалбу-л-Қуръони» (Ёсин дили Қуръон аст - З.Ҳ.) чӣ маъно бувад? Ки «инналлоҳа субҳонаҳу ва таоло қараа «Тоҳо» ва «Ёсин» қабла ан халақа-л-халқа би алфи алфи ом» (Ба таҳқиқ, Худованди субҳон ва таоло ҳазорон сол қабл аз офариниши махлуқот сураҳои «Тоҳо» ва «Ёсин»-ро хонд) , чун Каломи қадим аст, пас «алфи алфи ом» (ҳазорон сол-З.Ҳ.) чӣ маъно дорад? Бош то маҳрам гардӣ, ки ҳама зоҳир аст, аммо номардонро ишқ ҳаром аст…. Ҷавонмардо! Маҷнунсифате бояд, то гӯяд:

و ما حُبُّ الدِّيار شَغَفنَ قَلبی          وَلكِن حُبُّ  مَن سَكَنَ الدِّيارا

(Дили маро дӯстии хонаҳо шефта накардааст, балки дӯстии он, ки дар он хонаҳо сокин аст (мурод Лайлӣ- З.Ҳ.), шефта намудааст).

Маро лабони ту бояд, шакар чӣ суд кунад?
Ба ҷойи меҳри ту меҳре дигар чӣ суд кунад?

Маҷнунро гуфтанд: «Чаро гуфтӣ: «أُقبِّلُ ذاالجدارَ وذاالجِدارا؟»» [171, ч. 1, с. 21-22].

Мисрае, ки дар поёни иқтибос аз номи Маҷнун оварда шудааст, дар асл мисраи қаблии байти мазкури арабӣ аст. Агарчи Айнулқузот ба таври равшан аз гӯяндаи он хабар намедиҳад, қабл аз овардани байти арабӣ «Маҷнунсифате бояд, то гӯяд» гуфта ва пеш аз зикри мисраи арабӣ «Маҷнунро гуфтанд: «Чаро гуфтӣ» мегӯяд, ки хонанда ва муҳаққиқи огоҳ пай мебарад, ки сарояндаи он мисраъ Маҷнун аст. Саид Воиз низ байти фавқро аз Маҷнуни банӣ Омир медонад, ки дар васфи диёри Лайлӣ сурудааст. Байти мазкур дар асл байти дувуми яке аз сурудаҳои Маҷнуни банӣ Омир мебошад, ки дар девони ӯ ба гунаи зер омадааст:

أَمُرُّ عَلَى الدِّيارِ دِيارِ لَيلَى    أُقَبِّلُ ذاالجِدارَ وذاالجِدارا؟

و ما حُبُّ الدِّيارِ شَغَفنَ قَلبى    وَلَكِن حُبُّ مَن سَكَنَ الدِّيارا

(Бар хонаҳое, ки назди хонаи Лайлӣ аст, мегузарам ва ба ҳар як девор бӯса мезанам, аммо дили маро на муҳаббати он хонаҳо, балки муҳаббати он нафаре, ки дар он хонаҳо сокин аст, шефта кардааст) [121, с. 131].

Мисраи дувуми абёти мазкур айнан ҳамон мисрае аст, ки дар номаи мавриди баҳс нафаре сабаби суруда шудани онро аз Маҷнун суол кардааст. Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки мисраи мазкур сурудаи Маҷнуни банӣ Омир аст ва Айнулқузот, бешак аз гӯяндаи он хабар дошта, ба ин сабаб онро аз гуфтаи Маҷнун хондааст.

Айнулқузот дар номаи 27-уми хеш, ки дар шарҳи «Аллоҳу акбар» навиштааст, ҷое дар хусуси вожаи «акбар» баҳс намуда, барои тақвияти сухан байте аз шеъри аҳди ҷоҳилият меорад ва сипас ҷиҳати фаҳми бештари мухотаб ба шарҳу тавзеҳи калимаи «ракуба», ки дар он байти арабӣ омадааст, мепардозад ва барои шоҳид се мисраъ аз ашъори Абдуллоҳ ибни Абдинаҳм-яке аз саҳобаҳои расул (с) меорад: «...Ва дар маънии «акбар» хилоф аст. Ва аз олиме пурсиданд, ки «Аллоҳу аъзам» ба ҷойи «Аллоҳу акбар» шояд? Гуфт: «Агар изор ба ҷойи ридо раво бувад, пас «аъзам» ба ҷойи «акбар» раво бувад. Ва ин истинбот аз ин ҷо кардаанд, ки «العظمة إزارى و الكبرياء ردائى» (Бузургӣ изор аст ва кибриё ридо- З.Ҳ.). Ва аз он ҷо, ки тозӣ аст, ин нек нест, зеро ки «акбар» (اكبر) аз «такаббур» (تكبّر) аст, на аз «кибар» (كبر), ки дар муқобалаи «сиғар» (صغر) бувад. Ва дар тозӣ гӯянд: «فلان اكبر من فلان» (Фалон бузургтар аз фалон – З.Ҳ.), аз «кибриё» набувад, зеро ки «اشدُّ تكبّراً» (бузургтарин- З.Ҳ.) бояд гуфт. Ва низ хилоф аст, ки «акбар» муболиғат аст ё на. Қавме гуфтаанд: «Акбар» ба маънии кабир аст, чунонки дар Қуръон биёяд: «وَهُوَ أَهْوَنُ عَلَيْهِ» (қисмате аз миёнаи ояти 27-уми сураи Рум (30) «...ва ин кор бар Вай осонтар аст...» –- З.Ҳ.)... Ва чунонки дар шеъри ҷоҳилият омадааст, ки:

هى الهَمُّ لَو أنَّ المُنى أسبَقَت بِها    ولَكنّ فى كرمى رَكوبةُ أعسرُ

Эй асир. Ва ракуба пушта аст, ки Абдуллоҳ ибни Абдунаҳм (таҳиягарони китоб Абдутайм овардаанд, ислоҳ аз мост-З.Ҳ.) бар он ҷо ҳодии Мустафо буд,

саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ва разӣ ани-л-ҳодӣ биҳи (Ва Ҳодӣ (Худованд) розӣ бошад аз ӯ- З.Ҳ.) ва мегуфт мухотабан линоқатиҳи (хитобан ба уштури худ –З.Ҳ.) :

تَعَرَّضی مدارجاً رسومی

تَعَرُّضَ الجَوزاء لِلنُّجوم

«هذا ابوالقاسم فاستقیمی» [171, ч. 1, с. 229-230].

Бино ба қавли Саид Воиз, байти мазкур аз Бишр ибни Абихозими Асадӣ аст, ки дар ҳаҷви Утба ибни Ҷаъфар ибни Килоб сурудааст ва дар девони шоир бо андаке тағйир омадааст [346, с. 65]. Аммо се мисраи поёнӣ аз Абдуллоҳ ибни Абдунаҳм аст ва Айнулқузот он мисраъҳоро аз номи гӯянда овардааст. Аммо таҳиягарони китоб- А. Мунзавӣ ва А. Усайрон, зоҳиран, ба сабаби шабоҳати андак дар хатти форсӣ ва иттилоъ надоштан аз гӯяндаи аслии мисраъҳо ба ҷойи «Абдуллоҳ ибни Абдунаҳм» ба иштибоҳ «Абдуллоҳ ибни Абдутайм» овардаанд ва ё ин хато ҳангоми ҳуруфчинӣ ва нашр рух намудааст [171, ч. 1, с. 230].

Абдуллоҳ ибни Абдунаҳм маъруф ба лақаби «Зулбиҷодайн» (соҳиби ду дона матоъ) аст. Зоҳиран, ин лақабро ба ӯ Муҳаммад пайғамбар (с) додаанд. Абдуллоҳ барвақт аз падар маҳрум шуд ва тарбияти ӯро амакаш ба дӯш гирифт. Замоне, ки пайғамбар (с) ба Мадина омаданд, ӯ исломро қабул кард. Амакаш намехост, ки ӯ исломро қабул кунад ва чун аз вуруди ӯ ба ислом огоҳ шуд, ҳар чи барояш дода буд ва либоси танашро низ бозгирифт ва ӯро бараҳна назди модар фиристод. Модараш биҷод (як навъ матои дурушт, гилем, кисоъ)-еро ду қисм кард ва ба ӯ дод. Абдуллоҳ нимеро изори пой ва ними дигарро ридо намуд ва ба хидмати пайғамбар (с) омад. Аз ин рӯ, ӯро Зулбиҷодайн гуфтанд. Дар воқеаи Табук вафот кард ва пайғамбар (с) худ ӯро дар хок ниҳоданд. Бино ба қавле, пайғамбар (с) панҷ нафарро бевосита ба қабр гузоштаанд, ки яке аз онҳо Зулбиҷодайн мебошад [430, с.73, зайли «Зулбиҷодайн»]. Саид Воиз низ мисраъҳои мазкурро аз Абдуллоҳи Зулбиҷодайн медонад. Донишманди мазкур мухтасар аз манобеи дигар, ки ин мисраъҳоро овардаанд, ёд намуда, пас аз тавзеҳи кӯтоҳ ва нақли ривояте аз

соҳиби «Лисон-ул-араб» мисраъҳои мазкурро чунин тарҷума кардааст: «Эй шутур, ин Абулқосим аст, истодагӣ ва пойдорӣ кун ва роҳҳои пурпечухами душвори кӯҳистониро монанди ситораи ҷавзо морпечӣ бирав» [346, с. 66].

Айнулқузот дар оғози номаи 33-юм баъд аз дуо аз пайваста нома навиштани худ ба мухотаб ёд намуда, ғайр аз дил бехабар будани дигаронро аз мақсуди аслӣ ба таври зер баён мекунад ва барои шоҳид як мисраи арабиро бидуни зикри муаллиф меорад: «Бидон, ки пайваста менависам ва арҷу, ки мерасад. Ва умед медорам, ки ба ту менависам. Ва ту дар миён чун ҳалқа бар дар нестӣ, ки тақдир булаҷабӣ чунин бисёр ёд дорад. Аз яке котиб созад ва аз яке мактубилайҳ созад. Ва на котибро хабар аз ҳақиқати кор ва на мактубилайҳро. Набинӣ, ки дастро ва қаламро туҳмати котибӣ ҳаст ва аз мақсуд хабар на? Ва коғазро туҳмати мактуб фиҳӣ ва алайҳӣ бошад, валекин ҳайҳот, ҳайҳот. Ал-ақиқу ва аҳлиҳи (ҳаммазмун бо «қадри зар заргар бидонад» - З.Ҳ.) . Ҳар котиб, ки на дил бувад, бехабар аст. Ва ҳар мактубилайҳ, ки на дил аст, ҳамчунин. Мисраъ: «و کم سَترَت حبّاً على النّاس زينبُ»... ҳар котиб, ки на Ҳақ(қ) бувад ва ҳар мактубилайҳ, ки на дил бувад, ба кор наёяд. Котиб ва мактубилайҳ фӣ қулубиҳим бояд» [171, ч. 1, с. 276].

Р. Фарманиш дар фасли «Феҳристи ашъори Айнулқузот» ду байти зерро оварда, сарояндаи онро Қайс ибни Мулавваҳ медонад ва дар ҳошияи сафҳа мегӯяд, ки дар номаҳои 51-ум, 61-ум, 59-ум, 62-юм ва 77-ум танҳо мисраи якум ва дар мактуби 17-ум (нусхаи Туркия) танҳо мисраи дувуми он омадааст:

فلوانّ ما بی بالحصی فلق الحصی    و بالريح لم يُسمع لهنّ هُبوبُ

و کم سترت **وجها**على الناس زينبُ    و مِن اين للوجه المليح ذنوبُ [398, с.322].

Мисраи сеюми абёти фавқ бо андаке тағйир (حبّاً - وجهًا) мисраеро мемонад, ки Айнулқузот зайли номаи 33-юм барои шоҳид овардааст.

Агарчи Р. Фарманиш дар ҳошияи сафҳа дар хусуси дар панҷ мактуби Айнулқузот ба таври алоҳида омадани мисраи якум ва дар як нома омадани мисраи дувуми абёти фавқ маълумот медиҳад, перомуни ба таври алоҳида дар номае омадани мисраи сеюм сухан накардааст [398, с. 322]. Мо дар нашри А. Мунзавӣ ва А. Усайрон он номаҳоеро, ки мисраъҳои якум ва дувуми абёти

мазкур ба таври алоҳида оварда шудаанд, пайдо накардем. Байти якуми мазкур дар «Девони Маҷнуни Лайлӣ» зайли шеъри «أرى أهل ليلى أورثونى صبابة» ҳамчун байти даҳум ва бо андаке тағйир (ба ҷойи «فلوانّ» ба гунаи «ولوأن») омадааст:

ولوأنّ ما بى بالحصى فلق الحصى و بالريح لم يُسمع لهنّ هُبوبُ [124, с. 45].

Аммо байти сонӣ дар ин шеър ба назар намерасад. Қайс ибни Мулаввaҳ ҳамон Қайс Банӣ Омир аст [431, с. 554]. Қайс Банӣ Омир – Маҷнун ибни Мулаввaҳ ибни Мазоҳими Омирӣ шоире ошиқпеша аз Наҷд аст. Ҳанӯз дар айёми хурдӣ ошиқи Лайлӣ - духтари Саъд гашт. Баъд аз гирифторӣ ба шеъргӯӣ оғоз кард, гоҳе бо ҷонварон унс мегирифт, гоҳ дар Шому Наҷд ва гоҳ дар Ҳиҷоз пайдо мешуд. Ҷасадашро дар миёни сангҳои биёбон дарёфтанд ва ба назди хонаводааш бурданд. Ашъори ӯ дар девоне ҷамъоварӣ гардида чоп шудааст [431, с. 554]. Зоҳиран, Р. Фарманиш абёти мазкурро аз девони ӯ наовардааст.

Мисраи мавриди баҳс, зоҳиран, сурудаи Бухтурӣ аст ва дар девони ӯ зайли қасидаи «بعَمرِكَ تَدرِى أى شأنَىَّ أعجَبَ», ки дар мадҳи Ибни Бистом суруда шудааст, дар байти чорум ба гунаи зер омадааст:

وسَمَّيتُها من خَشيَتِ الناسِ «زَينَباً» وكم سَتَرَت حُبّاً على النّاسِ «زينبُ»

(Ва ӯро аз тарси мардум «Зайнаб» ном ниҳодам, Ва Зайнаб дӯст доштани худро аз мардум сахт пӯшида медошт) [68, с. 134].

Айнулқузот дар номаи дигари худ, ки зайли рақами 78-ум омадааст, дар алоҳидагӣ барои шоҳид ду мисраи арабӣ овардааст. Чунончи, ҷое офариниши дӯзахро аз камоли лутфу раҳмати Худованд медонад ва ҷиҳати шоҳид дар баробари чанд мисолу оёти Қуръон ва абёти форсӣ мисраи зеринро бидуни зикри муаллиф меорад: «سلامُ على الدارين إن ُكنتَ راضياً» (Салом бар ду ҷаҳон, агар розӣ бошӣ -З.Ҳ.) [171, ч. 2, с. 142].

Р. Фарманиш дар китоби мазкур [398] ва Саид Воиз дар мақолаи худ [349, с. 33-46] аз ин мисраъ ёд накардаанд.

Айнулқузот дар поёни номаи мазкур аз асрори Илоҳӣ, асрори Қуръон ва мактаби Иблис сухан намуда, барои шоҳид мисраи зайли арабиро бидуни номи гӯянда овардааст: «تَراضَينا بِقسمِ اللهِ فينا» [171, ч. 2, с. 144].

Саид Воиз гумон дорад, ки мисраи мазкур ривояте дигар аз мисраи якуми байти зерини Маҳмуди Варроқ мебошад:

«تَرَاضَيناَ بِحُكم اللهِ فينا   لَنَا أدَبٌ و لِلثَّقَفِىِّ مالُ»

(Ба ҳукми Худо дар байни худ розӣ шудем, адаб аз они мо ва мол аз они Сақафӣ аст) [349, с. 40]. Аммо Р. Фарманиш ин мисраъро бо ояти баъдӣ як байт дониста, онро зайли номи Абутаммом ба гунаи зер овардааст:

«تَراضَينا بِقسمِ اللهِ فينا   وَلَتَعْلَمُنَّ نَبَأَهُ بَعْدَ حِينٍ» [398, с. 338].

Зоҳиран, ин ҷо Р. Фарманиш ба иштибоҳ роҳ додааст, зеро дар нома қабл аз мисраи мазкур ҳарфи «айн» (ع) омадааст, ки маънии «мисраъ ва нисфи байт»-ро дорад. Сатри дувум, ки Р. Фарманиш мисраи дувуми байт донистааст, дар асл ояти охирин, яъне ояти 88-уми сураи Сод (38) аст, ки Худованд мефармояд: «Ва хабари (сидқи) он (Қуръон- З.Ҳ.)-ро баъди замоне, албатта, хоҳед донист».

Чунонки дар боби қаблӣ ишора шуд, Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаҳои худ зарбулмасал ва мақолҳои зиёди форсиву арабиро ба кор бурдааст, ки қисме ба таври манзум мебошанд. Аз ҷумла, дар яке аз номаҳои худ, ки таҳти рақами 80-ум қарор дорад, ҷое дар хусуси ҳамагонро муяссар нашудани маърифати Худованд ёд намуда, баъди панди мухотаб масали зерро баён намудааст: «Ва маърифати Худойи таоло ҳосил наёяд, илло аз фикре дуруст. Фикр мегӯям, на тафаккур, то бехабаре эътирозе накунад, لا تَتفكَّروا فى ذاتِ اللهِ (Дар зоти Худованд сахт фикр накунед- З.Ҳ.). Ва фикри дуруст ҷуз аз дили софӣ ва пок аз шавоғили дунявӣ ва алоиқи баданӣ ҳосил наёяд. Ва ту, Азиз, мубталойӣ ба шавоғили дунявӣ ва аз фарқ то ба қадам ба коре додаӣ, ки ба рӯзгор агар хоҳӣ аз он халос наёбӣ... Пас аз ту ин фикри софӣ кай сурат бандад? Аммо «و بَعضُ الشَّرِّ أهوَنُ مِن بَعضٍ» (порае аз бадиҳо осонтар аз бадиҳои дигар аст – З.Ҳ.)» [171, ч. 2, с. 153].

Иборати мазкур масале аст, ки одатан ҳангоми пайдо шудани ду шар(р), ки байнашон тафовут аст, ба кор мебаранд. Лозим ба зикр аст, ки иборати мазкур дар ашъори аксари шоирони арабизабон ҳамчун мисраъ ё ниммисраъ истифода шудааст. Аз ҷумла, Саид Воиз перомуни дар ашъори шоирони арабизабон корбурди зиёд доштани масали мазкур ёд намуда, пас аз овардани

ду байти арабӣ байти зайли Хоҷа Ҳофизро низ бо масали мавриди баҳс ҳаммазмун медонад:

Рӯзе агар ғаме расадат, тангдил мабош,

Рав, шукр кун, мабод, ки аз бад батар шавад [349, с. 41].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номае, ки таҳти рақами 82-юм оварда шудааст, баъд аз дуо ва шарҳи нишони инояти Худованд барои тақвияти фикр қисмате аз ояти 265-уми сураи Бақара («إِنْ لَمْ يُصِبْهَا وَابِلٌ فَطَلٌّ») («...Ва агар ба он борон намерасид [ҳам], шабнам кифоят мекард...»- З.Ҳ.)- ро овардааст [171, ч. 2, с. 181]. Аммо Саид Воиз ояти мазкурро дар қатори мисраю абёти арабии номаҳои Айнулқузот зикр карда, онро шабеҳи байте аз Камолуддин Алӣ ибни Муҳаммад ибни Юсуф ибни Набиҳи Мисрӣ медонад [349, с. 43]. Аз муқоисаи матни нома бо ояти мазкур маълум мешавад, ки он на мисраи арабӣ, балки қисмате аз ояти Қуръони карим аст.

Айнулқузот дар номаи 137-ум бо ишораи «айн» мисраи зеринро бидуни зикри гӯяндаи он овардааст: «فانَّ الهُمومَ بقَدرِ الهِمَم» (Андуҳҳои мардум бо ҳиммати эшон бастагӣ дорад) [171, ч. 3, с. 324]. Дар асл мисраи мазкур сатричоруми қитъаи зерин аст, ки Айнулқузот онро зайли номаи дигари худ, ки зери рақами 83-юм қарор дорад, овардааст:

وقائلةٍ لِم عَرَتکَ الهُمومُ    وأمركَ مُمتَثَلُ فى الأمَمِ؟

فَقُلتُ دعينى على غُصَّتيِ    فَإنَّ الهُمومَ بِقدرِ الهِمَمِ [171, ч. 2, с. 187].

Р. Фарманиш абёти мазкурро бо андаке тағйир (мисраи сеюм فَقُلتُ دعينى على «عفتيِ ») оварда, гӯяндаи онро Соҳиб медонад [398, с. 335]. Воқеан, абёти мавриди баҳс сурудаи Соҳиб ибни Аббод (938-995) – яке аз адибон ва вазирони номдори Оли Бӯя аст, аммо мисраи севум дар девони Соҳиб ибни Аббод ба гунаи дигар, яъне «فَقُلتُ : ذرينى على غُصَّتيِ» омадааст [82, с. 280]. Аз ин ҷо равшан мешавад, ки сурудаи мавриди баҳс дар «Номаҳо»-и Айнулқузот, китоби Р. Фарманиш ва девони ашъори Соҳиб ибни Аббод ба гунаи мухталиф омадааст. Зоҳиран, Р. Фарманиш ба сабаби шабоҳати андак дар навишт мисраи сеюмро ба ҳамин сурат хонда ва ё ин тағйир ҳини нашр рух намудааст. Гузашта аз ин, чун «Номаҳо»-и Айнулқузот яке аз сарчашмаҳои куҳан ва боэътимоди адабӣ

ба шумор меравад, хуб мешуд минбаъд таҳиягарони девони ашъори Соҳиб ибни Аббод онро ҳамчун яке аз нусхаҳои куҳани сурудаи мавриди баҳс ба эътибор бигиранд.

Айнулқузот дар банди 77-уми номаи мазкур бо зикри «мисраъ» ва бидуни номи муаллиф мисраи зерро низ овардааст: «فَليتَ اذقلت و زَهرتُها دَمى» [171, ч. 3, с. 325], ки муаллифи онро мо пайдо накардем. Р. Фарманиш дар феҳристи китоби худ аз ин мисраъ ва гӯяндаи он ёд накардааст.

Хулоса, Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун донандаи ашъори суханварони арабизабон дар номаҳои худ баробари абёту ашъори арабӣ ҷиҳати дурӣ аз итолаи калом ва тақвияти фикр бамаврид аз мисраъҳои арабӣ низ мадад ҷустааст. Ин адиби беназир ва Ҳаллоҷи сонӣ аксар вақт мисраъҳои арабиро бидуни номи муаллиф овардааст. Зоҳиран, яке аз сабабҳои зикр накардани муаллифони мисраъҳо дар он аст, ки Айнулқузот он мисраъҳоро барои тақвияти фикр оварда ва муродаш баёни мақсуд буда, на овардани мисраъ ва зикри муаллифи он. Афзун ба ин, имкон дорад, ки ин мисраъҳо дар он аҳд назди аҳли фазлу адаб бисёр маъруф ва серистеъмол буда, ҳеч ниёзе ба зикри сарояндаи онҳо набудааст. Ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ равшан гардид, ки «Номаҳо»-и Айнулқузот на танҳо намунаи беназири насри ирфонии асри XII, балки яке аз сарчашмаҳои боэътимоди адабӣ мебошад, ки метавонад дар муаррифӣ ва тасҳеҳу таҳияи девони ашъори суханварони арабизабон низ хидмат намояд.

## IV.5. Аҳаммияти «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар тасҳеҳ ва маърифати ашъори суханварони қарнҳои IX-XII

«Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ на танҳо намунаи беназири насри ирфонии қарни XII, балки яке аз сарчашмаҳои пурбаҳои адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Лозим ба зикр аст, ки «Номаҳо»-и ӯ дар баробари аҳаммияти зиёди тарҷумаиҳолӣ, сиёсию таърихӣ, ирфонӣ ва фалсафӣ нусхаи муаллифии ашъори форсӣ ва арабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва яке аз куҳантарин сарчашмаҳои боэътимод ҷиҳати маърифат ва тасҳеҳи осори шоирони асрҳои IX-XII, махсусан осори устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Анварии Абевардӣ, Воизи Сарахсӣ, Саноии Ғазнавӣ, Носири Хусрав, Абулаббоси Қассоб, Шайх Аҳмади Ғаззолӣ ва дигарон мебошад.

Аз омӯзиш ва таҳқиқи «Номаҳо» маълум мешавад, ки, зоҳиран, Айнулқузоти Ҳамадонӣ ашъори баланди аксари суханварони орифро ҳифз дошта, бамаврид дар мактуботи худ онҳоро барои шоҳид ва тақвияти фикр овардааст. Қозии Ҳамадонӣ гоҳи зиёд аз овардани номи гӯяндаи ашъор худдорӣ карда, гоҳе сурудаи як суханварро аз номи бузургони дину ирфон нақл намудааст. Дар номае, ки зайли шумораи 109-ум омадааст, аз фаромӯш намудани муаллифи байти зер чунин ёд кардааст: «Дар ҳар ҳарфе аз ин навишта ҳазор-ҳазор хирвор дард аст, надонам, ки ин байт киро аст. Байт:

Дилтангтар аз даҳони танги ту шудам,
Бориктар аз фусуну ранги ту шудам» [171, ҷ. 2, с. 423-424].

### IV.5.1 Аҳаммияти «Номаҳо»-и Айнулқузот дар тасҳеҳи ашъори устод Рӯдакӣ

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар баробари абёти суханварони дигар аз ашъори Рӯдакӣ низ бамаврид истишҳод намудааст. Аз ҷумла, зайли номаи 77-ум, ки сухан аз ишқи ҳақиқӣ, асрори ишқ, достони Юсуф ва Зулайхо ва русуму одоби ошиқони роҳи Илоҳ меравад, дар хусуси пеши номаҳрамон номи маъшуқи худ

пӯшида доштани ошиқ ёд намуда, барои тақвияти сухан ва шоҳиди фикр абёти зайли устод Рӯдакиро овардааст:

Кӯшам, ки бипӯшам, санамо, номи ту аз халқ,

То номи ту кам дар даҳани анҷуман ояд.

**Ҳар гаҳ, ки сухан гӯям, агар хоҳаму гар не,**

Аввалсуханам номи ту андар даҳан ояд» [171, ч. 2, с. 130-134].

Р. Фарманиш дар китоби «Аҳвол ва ашъори Айнулқузот» абёти мазкурро бо андаке тағйир аз «Номаҳо»-и Айнулқузот оварда, сарояндаи онро Абусаиди Абулхайр медонад [398, с. 301].

Абёти мазкур дар нашри С. Нафисӣ зайли ғазали «Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд» (байтҳои панҷум ва шашум) ба гунаи зер омадаанд:

Кӯшам, ки бипӯшам, санамо, номи ту аз халқ,

То номи ту кам дар даҳани анҷуман ояд.

**Бо ҳар кӣ сухан гӯям, агар хоҳаму гар не**,

Аввалсуханам номи ту андар даҳан ояд [376, с. 500].

Равшан аст, ки С. Нафисӣ ашъори устод Рӯдакиро аз сарчашмаҳои мухталиф гирдоварӣ намуда ва аз рақамҳое, ки зери ғазали мазкур овардааст, маълум мешавад, ки сарчашмаҳои ин ғазал «Суханони манзуми Абусаиди Абулхайр», нусхаи Тоҷикистонии «Осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ва «Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти Шайх Абисаид» мебошанд. Зоҳиран, ба сабаби ду сарчашмаи мазкур Р. Фарманиш он абётро аз Шайх Абусаид донистааст. Ба андешаи мо, абёти мазкур аз Шайх Абусаид нест, зеро Абусаиди Абулхайр дар маҷлисҳои худ бештар аз ашъори суханварони дигар мехонда, на аз сурудаҳои худ ва, бино бар қавли Муҳаммади Мунаввар, «ӯро чандон истиғроқ будӣ ба ҳазрати Ҳақ, ки парвои байт гуфтан надоштӣ; илло ин як байт, ки бар зуҳри руқъаи Ҳамза набишт… Дигар ҳама он буда, ки аз пирон ёд доштааст» [114, с. 162- 163].

С. Нафисӣ дар китоби «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ» ва Абдулманнони Насриддин дар мақолаи «Мансубияти осор - атрибутсия» зайли баҳси «Шеърҳое, ки дар сарчашмаҳои муътабар ва ба замони Рӯдакӣ

хеле наздик бидуни зикри номи шоир сабт шудаанд» дар хусуси мансубияти ғазали «Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд» ба устод Рӯдакӣ баҳс кардаанд [263, ч.1, с. 95-99; 376, с. 60-63]. Лозим ба зикр аст, ки «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар қатори китобҳои «Асрор-ут-тавҳид»-и Муҳаммади Мунаввар ва «Кашф-ул-асрор»-и Майбудӣ яке аз сарчашмаҳои куҳани ашъори устод Рӯдакӣ аст, ки абёти ҷудогонаи Одамушшуаро ва даҳҳо суханварони дигарро бидуни зикри муаллиф барои тақвияти фикр овардаанд, вале аз чӣ сабаб бошад, ки ҳангоми таҳияи девони устод Рӯдакӣ аз назари С. Нафисӣ дур мондааст. Аз ин нигоҳ дар нашрҳои минбаъда ё таҳияи нусхаҳои илмӣ-интиқодии девони Рӯдакӣ ба назар гирифтани ин сарчашмаи куҳан – «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ савоб хоҳад буд.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаи 61-ум, ки сухан дар баёни маънии «Узкуру неъматаллоҳи» ва фарқи фарзи роҳи ошиқони Ҳақ аз аҳли зоҳир меравад, мухотабро пандҳои орифона медиҳад ва барои тақвияти фикр ҳикоёти ширинеро аз рӯзгори Иброҳими Халил(а), Абубакри Сиддиқ(р) ва Муҳаммад мустафо (с) ба таври мухтасар нақл намуда, ҷиҳати шоҳид абёти зерро аз устод Рӯдакӣ меорад: «Халилро фарзи роҳ буд, ки чандин бор бишнид: «Ё Қуддус!» Ва чандин рама гӯсфанд ба қоили ин калима дод. Номи маъшуқ шунидан ӯро азизтар аз ҷон буд, чи ҷои рамаи гӯсфанд буд… Аммо маҷнунсифате бояд, ки дар номи Лайлӣ шунидан ҷон тавонад бохт. Фориғеро аз ишқи Лайлӣ чӣ хабар? …Он кӣ ошиқи Лайлӣ нест, он чӣ фарзи роҳи Маҷнун аст, ӯро фарзи роҳ нест… Чун Мустафо (с) дар роҳи Мадина мерафт во Бубакр, ба хористон расиданд. Ва Мустафоро (с) пой бараҳна шуда буд, Бубакр ӯро дар дӯш гирифт. Авом пиндоранд, ки ӯро аз он ранҷе буд. Надонанд, ки таърихи рӯзгори Бубакр буд. Магар, валлоҳу аълам, дар ҳамаи умри хеш он шодӣ надида буд. Ҳеч донӣ, ки Бубакр он соат вақти худро ба иншоди кадом байт мегузаронид? Бишнав! Арҷу, ки бишнавӣ, аммо туро ҳанӯз гӯши ошиқон нест, ин чун бишнавӣ?

Бонги Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,
Бӯйи ёри меҳрубон ояд ҳаме.

Рӯди Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст,

Хинги моро то миён ояд ҳаме.

Дашти Ому бо дурушти(и) реги ӯ

Зери поям парниён ояд ҳаме» [171, ч. 1, с. 462-464].

Аз иқтибоси фавқ равшан мешавад, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ абёти мазкури устод Рӯдакиро барои тақвият ва шоҳиди фикр аз номи Абубакри Сиддиқ овардааст.

Дар нашри С. Нафисӣ абёти мазкур ба гунаи зайл омадааст:

Бӯи Ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,

Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.

Реги Омуву дуруштий роҳи ӯ,

Зери поям парниён ояд ҳаме.

Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст

Хинги моро то миён ояд ҳаме… [376, с. 512].

Устод Абдулманнони Насриддин баъди омӯзиш ва нақду баррасии зиёд ва бо такя ба нусах ва таҳқиқоти охир абёти мазкурро ба гунаи зайл овардаанд:

Боди Ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,

Бӯи ёри меҳрубон ояд ҳаме.

Реги Омуву дурушти роҳи ӯ,

Зери поям парниён ояд ҳаме.

Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст

Хинги моро то миён ояд ҳаме… [263, ч. 1, с. 231].

Дар хусуси матншиносӣ, тағйироти матн ва нусхаҳои мухталифи қасидаи мазкури устод Рӯдакӣ донишмандони зиёди ватаниву хориҷӣ баҳс намудаанд, ки Ҳ. Эте, Д. Росс, П. Ҳорн, И.С. Брагинский, Ҷ. Гиунашвили, С. Нафисӣ, М. Риёҳӣ, Ҷ. Мансур, А. Мирзоев, Р. Мусулмонқулов, А. Афсаҳов, С. Саъдиев, А. Насриддинов, А. Сатторзода, А. Ҳаким аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Устод Абдулманнони Насриддин дар мақолаи «Тағйироти матн» бо такя ба сарчашмаҳои куҳан, нусхаҳои мавҷудаи муътамад ва андешаи донишмандони зиёди ватаниву хориҷӣ батафсил дар бораи нусхаҳои мавҷуда ва тағйироти

матни шеъри мазкури устод Рӯдакӣ баҳс намуда [263, ч. 1, с. 124-135], «Кашф-ул-асрор»-и Майбудиро қадимтарин ва «Мактубот»-и Айнулқузоти Ҳамадониро дувумин сарчашмаи куҳантарини ашъори устод Рӯдакӣ хондаанд [263, ч. 1, с. 126-127]. Устод Абдулманнони Насриддин мегӯянд, ки байти аввали қасидаи мазкур дар «Кашф-ул-асрор»-и Майбудӣ ба гунаи «Боди Ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме/ Бӯи ёри меҳрубон ояд ҳаме» омада ва «Айнулқузоти Ҳамадонӣ низ байтро айнан дар ҳамон намуде, ки Абулфазли Майбудӣ сабт кардааст, иқтибос овардааст» [263, ч. 1, с. 127]. Бино ба ахбори донишманди мазкур яке аз таҳиягарони осори суханвар Ҷаҳонгири Мансур бо риояи асолати матн ва сабти сарчашмаҳои куҳан – «Кашф-ул-асрор»-и Майбудӣ ва «Мактубот»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ нусхаи «Боди Ҷӯи Мӯлиён» ва «Бӯи ёри меҳрубон»-ро мақбул доништа [263, ч. 1, с. 128-129], донишмандони тоҷик Расул Ҳодизода ва Ансор Афсаҳов низ дар китоби «Ҳазор мисраи Рӯдакӣ» бо дарназардошти тарҳи ягонаи навишти вожаҳои «бод» ва «ёд» дар расм-ул-хатти арабӣ нусхаи мазкурро пазируфтаанд [263, ч.1, с. 130].

Устод Абдулманнони Насриддин бо ҷонибдорӣ аз таҳқиқоти ҷолиби Муҳаммадамини Риёҳӣ, ки дар қисмати тавзеҳоти «Мирсод-ул-ибод» омадааст, абёти мазкури мундариҷро дар «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ нусхаи тасҳифёфтаи ашъори Рӯдакӣ медонанд ва ба он боваранд, ки вожаи «бонг» нусхаи тасҳифшудаи «бод» аст ва сабаби ба «бонг» табдил шудани «бод»-ро чунин шарҳ медиҳанд: «Ба назари мо, «бонг» низ нусхаи тасҳифшудаи «бод» аст, чаро ки то асри XIV дар аксари нусхаҳо болои ҳарфи «дол» ҳатман нуқта мегузоштанд, зоҳиран, баъзе котибон онро нуқтаи «нун» пиндоштаанд ва дар ҳолати андаке ҷузви поёнии «дол»-ро кашидан он ба «коф» шабоҳат пайдо мекунад. Яъне ҳар куҷо нусхаи «бонги Ҷӯи Мӯлиён» мастур аст, занни ғолиб он, ки тасҳифи «бод» буда ва «бонг» дар ин таркиб ночаспон аст» [263, ч. 1, с. 131-132].

Аз таҳқиқоти донишмандони мазкур маълум мешавад, ки, зоҳиран, абёти дар «Номаҳо»-и Айнулқузот сабтшуда нусхаи тасҳифшудаи ашъори устод Рӯдакӣ мебошад. Лозим ба зикр аст, ки вожаи «бонг» ба маънои «овоз», «ово»,

«садо», «фарёд», «савт» ва ғ. дар ашъори устод Рӯдакӣ ба касрат ба кор рафтааст. Аз ин нигоҳ имкон дорад, ки шакли «Бонги Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме», ки дар «Номаҳо»-и Айнулқузот омадааст [171, ч. 1, с. 464], метавонад саҳеҳ бошад, зеро вожаи «бонг» ба маънои «садо» ва «овози оби ҷӯй» аз лиҳози маъно ва вазну таркиб ҳеч халале ба мисраъ ва шеъри мавриди баҳс ворид намесозад ва, ба қавли донишмандони мазкур, «ночаспон» нест.

Р. Фарманиш дар фасли савуми китоби «Аҳвол ва осори Айнулқузот», ки «Ашъори истишҳодшуда» унвон дорад, байти зерро аз устод Рӯдакӣ дониста ишора намудааст, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ онро дар яке аз номаҳои хеш овардааст:

Мастак шудаӣ, маро намедонӣ, ҳай,
Ёрон-т кӣ буданду куҷо хӯрдӣ май? [398, с. 313]

Дар нашре, ки зери дасти мо қарор дорад, байти мазкур зайли номаи 104-уми Айнулқузот омадааст. Қозии Ҳамадон дар ин нома мухотабро нахуст аз саодат ва хайру лаззату роҳат иборат будани он, ду гуна будани саодат - саодати мутлақ ва саодати муқайяд хабар дода, сипас аз неъмати беназир будани касби саодат, зикри неъмат ва шукри он ёд мекунад ва мегӯяд: «Ҳамон нуқат аст, ки рӯзе ҳам Шиблӣ дар пеши Ҷунайд шуд ва гуфт: «Мо тақулу фиман Аллоҳу кона фиҳи азалан ва абадан?» (Ту чӣ мегӯӣ дар бораи шахсе, ки Худованд азалан ва абадан бо ӯст?- З.Ҳ.) Ҷунайд гуфт:

Мастак шудаӣ, маро намедонӣ, ҳай
Ёрон-т кӣ буданду куҷо хӯрдӣ май?» [171, ч. 2, с. 403-404]

Аз иқтибоси фавқ маълум мешавад, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ байти мавриди баҳсро аз забони Ҷунайд нақл намудааст. Бидуни тардид ин байт аз Ҷунайд нест ва Қозии Ҳамадон бинобар мувофиқ будани мазмуни байт онро аз номи Ҷунайд овардааст. Дар нусхаҳои осори устод Рӯдакӣ, ки зери дасти мо қарор доранд, мо ин байтро пайдо накардем [376; 260]. Ҳамчунин Р. Фарманиш ба чӣ далел онро аз устод Рӯдакӣ хонда ва муродаш кадом сарчашма аст, моро маълум нашуд. Ба занни қавӣ, ин байт аз устод Рӯдакӣ нест, балки аз суханвари дигар ё фаҳлавиёт аст.

Р. Фарманиш байти зайлро низ аз устод Рӯдакӣ медонад, аммо мо онро аз китоби «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, ки нашри нисбатан нав аст ва нусхаҳои осори устод Рӯдакӣ пайдо накардем. Бинобар холӣ аз хато набудан ва дар нусхаи зери дасти мо ба назар нарасидан аз китоби Р. Фарманиш бо хатти асли арабиасос овардани ин байтро савоб медонем:

اسب هر اواسعه زه داری      این بوهانه کرد خورا در نکنی [398, с. 313].

Аз баҳсҳои фавқ метавон ба ин натиҷа расид, ки номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ яке аз сарчашмаҳои куҳани ашъори устод Рӯдакӣ мебошанд. Айнулқузоти Ҳамадонӣ абёти ҷудогонаи устод Рӯдакиро на аз номи гӯяндаи аслӣ, балки аз забони бузургони дин ва орифони маъруф овардааст, зеро муродаш аз истишҳоди ашъор на муаррифии муаллиф, балки тақвияти фикр ва шарҳу тавзеҳи маонии матлаб ва мавзуи мақсуд мебошад. Афзун ба ин, Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар «Номаҳо»-и худ абёти зиёди форсӣ-тоҷикиро бидуни зикри муаллиф овардааст, ки ҷиҳати шинохти осори аслӣ ва тасҳеҳи ашъори суханварони асрҳои IX-XII метавонанд хидмат намоянд.

## IV.5.2. Таъсирпазирии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ

«Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ, бешак, асари беназири ҳамосӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аст. Маҳз ҷойгоҳи рафеъ ва арзиши илмию адабии он боис шудааст, ки дар баробари осори ҳамосӣ осори зиёди ғайриҳамосӣ, махсусан осори ирфонӣ низ аз он таъсир пазируфтаанд. Зоҳиран, огоҳии комил аз ин асари ҳамосӣ, андешаҳои ҳикамӣ, мазомини баланд ва пур аз розу рамзи он боис шудааст, ки ғолиби суханварони ориф дар мавқеиятҳои хос ва бамаврид аз ашъори Фирдавсӣ ва андешаҳои ӯ истифода кунанд. Яке аз суханварони орифе, ки бамаврид аз андешаҳои Ҳакими Тӯсӣ ва абёти «Шоҳнома» мадад ҷустааст, Айнулқузоти Ҳамадонӣ мебошад.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар «Номаҳо»-и худ бамаврид аз «Шоҳнома»-и Фирдавсии Тӯсӣ байтҳо оварда, вале ҳеҷ ҷой аз сарояндаи онҳо ёд накардааст. Чунончи, зайли номаи 44-ум ҷое аз бузургии Қуръон, қиссаҳои қуръонӣ ва

маъниҳои зоҳирию нуҳуфтаи он ёд намуда, аксарро аз асрор ва мағзи маъниҳои Қуръон бехабар медонад ва ҷиҳати шоҳид байти зерро аз «Шоҳнома» бидуни зикри муаллиф меорад: «Эй азиз! Ин қасаси Қуръон худ ҳама буд ба зоҳир, аммо дар тайи он басе чизҳои булаҷаб таъбия карданд, « لَقَدْ كَانَ فِي يُوسُفَ وَإِخْوَتِهِ آيَاتٌ لِلسَّائِلِينَ» (Ояти 7-уми сураи Юсуф: «Ба дурустӣ, ки дар қиссаи Юсуф ва бародарони ӯ барои суолкунандагон нишонаҳо ҳаст» - З.Ҳ.). Муште аҳмақони ғофил пиндоранд, ки қиссаи Зулқарнайн ба зоҳир набуд, завоҳирро дафъ кунанд, «وهو عندی کفر بما أنزل الله علی رسوله محمد –صلعم-» ҳар кӣ зоҳирро диҳад, аҳмақе бакамол бувад. Ва ҳар кӣ вар (бар - З.Ҳ.) зоҳир қаноат кунад, ҷомид аст вомонда дар ҳазизи башарият ва ӯро аз ҳақиқати шароеи анбиё, салъам, ҳеч хабаре нест. Агар тафсир ҳам ин қадар зоҳир аст, пас Алӣ Бутолиб чаро гуфт: «Аз тафсири «Фотиҳат-ул-китоб» агар хостаме, ҳафтод шутур пурбор кардаме… Лобал ва лобал.

Аз ин роз ҷони ту огоҳ нест,

Бад-ин парда-андар туро роҳ нест» [171, ч. 1, с. 350-351].

Байти мазкур маъхуз аз байти шашуми «Оғози достони Суҳроб» аст [48, ҷ. 2, 209; 47, ҷ. 2, с. 189]. Ҳаким Фирдавсӣ дар оғози ин достон фармудааст:

Кунун розми Суҳробу Рустам шунав,

Дигарҳо шунидастӣ, ин ҳам шунав.

Яке достон аст пуроби чашм,

Дили нозук аз Рустам ояд ба хашм…

Аз ин роз ҷони ту огоҳ нест,

Бад-ин парда-андар туро роҳ нест [48, ч. 2, с. 208-209].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаи 49-ум нахуст аз дараҷоти таҳорат ва наҷосат, ҳамчунин таҳорат ва наҷосати зоҳиру ботин сухан намуда, сипас аз покии Худованд ёд мекунад ва мегӯяд, ки ҳеч як офарида қудрати шинохти покии Офаридгорро надорад, зеро Ӯ пок аз он аст, ки касе битавонад покии Ӯро шиносад ва барои шоҳиди фикр байти зеринро бидуни зикри гӯянда меорад: «Пас покии Ӯро маънӣ чунин дон, ки Ӯ пок аст аз он ки покии Ӯро кас

битавонад донист, ки Ӯ пок аст аз ҳар чи ғайре аз Ӯ битавонад донист, ки Ӯ дар дониши ҳеч офарида нагунҷад. Чаро? Зеро ки:

Хирадрову ҷонро ҳамесанҷад Ӯ,

Дар андешаи сахта кай гунҷад Ӯ?» [171, ҷ. 1, с. 386].

Байти мазкур маъхуз аз байти даҳуми фасли «Оғози китоб»-и «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аст [48 ҷ. 1, с. 23; 47, ҷ.1, с.25-26].

Айнулқузот дар номаи 81-уми худ нахуст аз Худованд талаб мекунад, ки асбоби мулоқотро бо мухотаб ҳақиқатан ва маҷозан муяссар созад ва назди аҳли ҳақиқат чӣ маъно доштани «мулоқоти маҷозӣ» ва «мулоқоти ҳақиқӣ»-ро баён месозад. Сипас, андешаҳои ирфонии худро дар бораи қурбат ва дурии олами дил ва олами тан, фарқи мунтаҳиён ва мубтадиён, ошиқони ростин ва аҳли ғафлат баён дошта, барои шоҳиди фикр дар баробари ҳикояти ширин ва мисраъву абёти дилчасп байти зерро бидуни зикри гӯянда меорад:

Чӣ мардӣ бувад хира ошуфтан,

Базерандаровардаро кӯфтан [171, ҷ. 2, с. 175].

Байти мазкур низ маъхуз аз «Шоҳнома»-и Фирдавсии Тӯсӣ аст. Сухансарои Тӯс дар фасли «Панд додани Кайхусрав эрониёнро» байти мавриди баҳсро айнан овардааст [48, ҷ. 5, с. 347].

Қозӣ дар номае, ки зайли рақами 31-ум омадааст, ҷое аз аркони панҷгона ёд намуда, ҳар якро шарҳу тавзеҳи ирфонӣ ва илмӣ мекунад ва барои шоҳид байти зерро, ки дар вазни «Шоҳнома» аст, меорад: «Аркони дин панҷ аст: **намоз** шукри дил аст ва шукри ҷавореҳ ва **закот** шукри мол ва **савм** шукри шаҳвати батн ва фарҷ аст, ки ду неъмати азим аст. Агар шаҳвати батн набудӣ, бақои одамӣ набудӣ. Байт:

Чу баргирӣ аз кӯҳу нанҳӣ ба ҷой,

Саранҷом кӯҳ андар ояд зи пой» [171, ҷ. 1, с. 261-262].

Р.Фарманиш байти мазкурро аз Шайх Абусаид донистааст [398, с. 311], вале дар китоби «Асрор-ут-тавҳид»-и Муҳаммад ибни Мунаввар [114] мо онро пайдо накардем. Байти мазкур дар «Луғатнома»-и Деҳхудо зайли калимаи «саранҷом» айнан омада ва аз сурудаҳои Унсурии Балхӣ дониста шудааст

[432, ч. 9, с. 13559], вале зайли вожаи «пой» (таркиби «аз пой андар омадан») ба номи Унсурӣ бо андаке тағйиру таҳрир ва ба гунаи зер омадааст:

Чу аз кӯҳ гирию нанҳӣ ба ҷой,

Саранҷом кӯҳ андар ояд зи пой [432, ч.4, с.5401].

Лозим ба таъкид аст, ки дар «Девон»-и Унсурии Балхӣ, аз ҷумла фасли «Абёти маснавии баҳри мутақориб» [65, с. 351-362] ва фасли «Ашъори мансуб ба Унсурӣ» [65, с. 371-376] байти мазкур ба назар нарасид. Ба андешаи мо, таҳиягари «Луғатнома»-и Деххудо байти мазкурро бевосита аз «Девон»-и Унсурии Балхӣ наоварда, бо такя ба сарчашмаҳои дасти дувум онро сурудаи ин суханвар донистааст, зеро ҷойи дигар, яъне зайли «баргирифтан» байти мавриди баҳсро барои шоҳид айнан оварда, онро тахминан аз «Калила ва Димна» донистааст ва бинобар шубҳае ба ин гуфтаи худ доштан баъди зикри сарчашма «аломати савол» гузоштааст [432, ч.3, с. 4623].

Афзун ба ин, Р. Фарманиш дар китоби худ се рубоӣ оварда, онҳоро аз Абулқосим Фирдавсӣ донистааст [398, с. 296-297]. Чун сарчашмаи ду рубоии аввал («Дар ишқи ту аз маломатам нанге нест»; «Аз нафйу зи исбот бурун саҳроест») рисолаи «Лавоеҳ» аст ва ин асар аз ҷумлаи осори аслии Айнулқузот нест, мо аз баҳси сабаби мансубияти онҳо ба Фирдавсӣ худдорӣ мекунем, аммо рубоии «Он кас, ки ҳазор олам аз ранг нигошт…» [398, с. 297], ба занни қавӣ, аз Фирдавсии Тӯсӣ нест.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номае, ки зайли шумораи 17-ум омадааст, аз қудрати беназири Офаридгор сухан намуда, вуҷуди ҳар як зарра аз мавҷудот, осмону ситора, раъду барқ, борон, набототу ҳайвоноту маодинро баста ба қудрат ва илму иродати Худованд медонад ва барои шоҳид байти зерро меорад, ки дар вазни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аст:

Битарсам аз ин бекарона сипоҳ,

Ки шон гӯш каррасту дида табоҳ» [171, ч. 1, с. 144].

Байти мазкур дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба назар нарасид. Имкон дорад, ки он аз «Шоҳнома» ва ё осори дигари ҳамосӣ, ки дар пайравии он навишта шудаанд, истишҳод шудааст. Дар фасли «Кӯшнома»-и Ҳаким Эроншон

(Эроншоҳ), ки яке аз шоирони аҳди Салҷуқӣ аст, байте ба гунаи зер омадааст, ки мисраи сонии он шабоҳати андаке ба мисраи аввали байти мавриди баҳс дорад, аммо аз ҷиҳати мазмун абёти мазкур аз ҳам фарқ мекунанд:

Бад-ӯ Кӯш гуфт: «Эй сарафроз шоҳ,

Маяндеш аз ин бекарона сипоҳ» (83, с.221).

Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба ҷуз абёти «Шоҳнома» гоҳи зиёд аз қаҳрамонони ин ҳамосаи беназир ёд карда ва ё абётеро овардааст, ки зикри қаҳрамонони «Шоҳнома» мекунанд. Чунончи, зайли номаи 87-ум бо истифода аз санъати ирсоли масал васфи Рустами Дастон ва аспи ӯ мекунад ва мегӯяд:

Биёр пири муғону бидеҳ ба пури муғон,

Ки Рустамро ҳам Рахши Рустам кашад [171, ҷ. 2, с. 216].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар байти зерин низ ёд аз Рустам- пури Зол мекунад ва мегӯяд, ки агар ҳарифон аз шароби лаболабу лабрез ва дамбадаму паёпай сарпечӣ намоянд, маро пешкаш кун ва бар кафи ман бинеҳ, зеро он ҷомро шахси шоиста мебояд, чунонки аспи Шабдезро Рустам- писари Зол бояд. Шабдез номи аспи Хусрави Парвиз аст.

Гар ҳарифон аз дамодам сар бипечонанд, равост,

Бар кафи ман неҳ, ки пури Зол беҳ Шабдезро… [171, ҷ. 2, с. 216].

Байти мазкур зайли номаи 83-юм бо андаке тағйир ва ба гунаи зер омадааст:

Гар ҳарифон аз дамодам сар **бипечанд, ин равост**,

Бар кафи ман неҳ, ки пури Зол беҳ Шабдезро… [171, ҷ. 2, с. 187].

Аммо зимни номаи 96-ум мисраи сонии байти боло ба иштибоҳ «Бар кафи ман неҳ, ки пури Зол беҳ **шайдез**ро» забт шудааст [171, ҷ. 2, с. 339], ки ин иштибоҳи ғайриихтиёрӣ, ба занни қавӣ, ҳангоми нашр рух намудааст.

Қозии Ҳамадонӣ зайли номаҳои понздаҳум ва шастум барои шоҳид байти зеринро ба такрор овардааст, ки ёд аз Рустам – паҳлавони беназир мекунад:

Теғи хеш аз хуни ҳар тардомане рангин макун,

Чун ту Рустампешаӣ, он беҳ, ки бар Рустам занӣ.

[171, ҷ. 1, с. 129, 455]

Аз баҳсҳои фавқ равшан мешавад, ки «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар баробари сарчашмаҳои зиёди арабию форсӣ аз «Шоҳнома»-и Фирдавсии Тӯсӣ низ таъсир пазируфтааст. Суханвари ориф гоҳе ҷиҳати шоҳиди андешаҳои ирфонӣ бевосита абёти «Шоҳнома» -ро оварда ва гоҳе барои далел абётеро нақл намудааст, ки васфи қаҳрамонони ин асар, махсусан Рустами Дастон мекунанд. Афзун ба ин Р. Фарманиш дар китоби «Аҳвол ва осори Айнулқузот» чанд байти дигарро ба иштибоҳ аз Абулқосими Фирдавсӣ медонад, ки мо ба таври мухтасар мансубияти онҳоро ба муаллифи «Шоҳнома» инкор намудем.

### IV.5.3 Аҳаммияти «Номаҳо»-и Айнулқузот дар тасҳеҳ ва маърифати ашъори Саноии Ғазнавӣ

Ҳаким Саноии Ғазнавӣ аз худ мероси пурбаҳое ба ёдгор гузоштааст, ки маъруфтаринашон «Девони ашъор», маснавиҳои «Корномаи Балх», «Сайр-ул-ибод илал маъод», «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа ва шариат-ут-тариқа» ва «Макотиб» мебошанд. Афзун ба ин, чанд маснавии дигарро ба ӯ нисбат медиҳанд, ки мисолашон «Тариқ-ут-таҳқиқ», «Ақлнома», «Ишқнома», «Таҳримат-ул-қалам» ва «Таҷрибат-ул-илм» мебошанд [224, с. 54- 61].

Аз «Девони ашъор»-и Ҳаким Саноӣ, ки фарогири қасоид, тарҷеоту таркиббандҳо, мусаммат, ғазалиёт, муқаттаот ва рубоиёт аст [75], маълум мешавад, ки дар сурудани тамоми анвои шеърӣ маҳорати тамом доштааст. Маҳз ҳунари суханварии ӯ боис шуда, ки аксари ҳамзамонон ва сухансароёни баъдӣ пайравии ӯро ихтиёр карда, аз сурудаҳояш судҳо бардоштаанд. Яке аз суханварони орифе, ки аз сурудаҳои Ҳаким Саноӣ бештар мадад ҷуста ва мисраъву абёти зиёдеро бидуни зикри муаллиф истишҳод намудааст, Айнулқузоти Ҳамадонӣ мебошад. А. Мунзавӣ мегӯяд, ки Қозӣ аз Ҳаким Саноӣ – шоири ҳамрӯзгори худ ҷойе як мисраъ ва ҷойи дигар ду байти дигари дунболаи онро бе зикри номи гӯянда нақл кардааст [171, ҷ. 2, с. 78], аммо ҳангоми таҳқиқи ин мавзуъ ва муқоисаю муқобалаи абёти шоҳиди «Номаҳо»-и Айнулқузот бо «Девони ашъор»-и Ҳаким Саноӣ равшан гардид, ки миқдори

абёте, ки Қозӣ аз ин суханвари ориф истишҳод намудааст, даҳҳо байтро ташкил менамояд. Ба андешаи мо, истишҳоди ашъори Саноӣ дар осори Айнулқузот дорои ду аҳамият аст: агар аз як сӯ, абёти истишҳодшуда ҷиҳати фаҳми муроди нигорандаи номаҳо ба мухотаб ва хонандаи имрӯз кӯмак созанд, аз ҷиҳати дигар номаҳои Қозӣ метавонанд ҳамчун куҳантарин нусхаи ашъори Ҳаким Саноӣ дар тасҳеҳ ва маърифати ашъори ин суханвар хидмат намоянд. Чунончи, Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаи чаҳоруми хеш ҷое дар бораи ният сухан намуда, ҷиҳати шоҳид мисраи зеринро бидуни зикри гӯянда меорад: «Он рӯз ошкоро гардад, ки кӣ муъмин бувад ва кӣ мушрик, аънӣ дар миллати Халил, салъам, кӣ буд ва кӣ набуд? Ва Мустафо мегӯяд, салъам, ки: «Йаҳшуру-н-носу йавмал- қиёмати ғурлан»... **Яке з-ин чоҳи зулмонӣ бурун шав! То ҷаҳон бинӣ!**» [171, ҷ. 1, с. 29].

Мисраи мазкур сурудаи Ҳаким Саноӣ буда, сатри дувуми нахустбайти қасидаи «Натиҷаи ҳоли Нишобур» аст. Ҳаким Саноӣ ин ҷо мефармояд:

Дило, то кай дар ин зиндон фиреби ину он бинӣ?
Яке з-ин чоҳи зулмонӣ бурун шав, то ҷаҳон бинӣ [75, с.704].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаи 33-юм баъд аз дуои хайри мухотаб нахуст ҳамчун орифи роҳдон дар хусуси ғайриимкон будани баёни ҳақиқат ва асрори дил дар нома ёд мекунад ва мегӯяд, ки аҳволи дил танҳо дил донад [171, ҷ. 1, с. 276]. Ҳамчунин мегӯяд, ки дасту қалами маро бо он ҳама нависандагӣ наметавон котиб хонд ва чашму гӯши туро бо вуҷуди хондани ин мактуб наметавон мактубилайҳ гуфт. Ваҳму димоғ, илм ва ақли ту низ наметавонанд мактубилайҳ бошанд. Агар дили бедору огоҳ дорӣ, танҳо он метавонад, ки мактубилайҳ бошад [171, ҷ. 1, с. 276-277]. Ин ҷо Айнулқузот муроди худро аз вожаҳои «котиб», «коғаз» ва «мутарҷим» ба тарви зерин баён медорад, ки дар ҳеч як фарҳангҳои тафсириву ирфонӣ ва дастурҳои дабирӣ наметавон дарёфт: «Котиб Ҳақро донад, таоло ва тақаддус, аммо йатахаййалаҳу ва йатаваҳҳамаҳ-ул-амйони. Чун **котиб** ба ҳақиқат Ҳақро донад, дили маро **коғаз** донад, ки маҷрои маонӣ аст ва маҳалли ҳақоиқ ва ақли маро **мутарҷим** шиносад аз он ҳақоиқ, зеро ки дар олами малак забони аҳли малакут касе фаҳм натавонад

кард, агар тарҷумон ҷабарутӣ набувад. Охир дида бошӣ, ки аҷамӣ забони арабӣ фаҳм накунад, илло ба воситаи тарҷумоне, ки ҳам арабият донад ва ҳам аҷамият» [171, ч. 1, с. 277]. Баъд аз баёни муфассали ин мавзуъ аз муқассир будани мухотаб дар талаби Ҳақ, ҳанӯз як қадам ба ихлос нарафта даъвии восилӣ кардани ӯ ва дар шариату тариқат собитқадам набуданаш сухан намуда, дар ниҳояти нома панд медиҳад, ки пайваста абёти зерро бихонад: «Вақтро бад-ин ду байт тасбеҳ мекун:

Гар пойи ман аз аҷз талабкори ту нест,
То зан(н) набарӣ, ки дил гирифтори ту нест.
Не з-он н-оям, ки дил харидори ту нест,
Худ дидаи ман маҳрами дидори ту нест» [171, ч. 1, с. 282].

Агарчи Айнулқузоти Ҳамадонӣ муаллифи рубоии мазкурро зикр накардааст, он аз сурудаҳои Ҳаким Саноӣ мебошад ва дар девони суханвар ба гунаи зер омадааст:

Гар пойи ман аз аҷз талабкори ту нест,
То зан(н) набарӣ, ки дил гирифтори ту нест.
На з-он **болам, ки ҷон** харидори ту нест,
Худ дидаи **мо** маҳрами дидори ту нест [75, с. 1123].

Ба андешаи мо, рубоие, ки дар номаи Айнулқузот омадааст, нисбат ба нусхаи Мударриси Разавӣ саҳеҳ ва ба асл наздик аст: 1) «**не з-он н-оям**» гуфтан нисбат ба «на з-он болам» саҳеҳ аст, зеро дар байти аввал сухан дар бораи қадам дар роҳи талаб ва висоли маъшуқ нагузоштани ошиқ ва дар байти дувум сабаби он- маҳрами дидори маъшуқ набудани ӯ меравад. Ин ҷо сухан аз наёмадани ошиқ ба кӯйи маъшуқ меравад, на болидан; 2) «**дил харидори ту нест**» гуфтан саҳеҳ аст, нисбат ба «ҷон харидори ту нест», зеро дар мисраи дувуми рубоӣ сухан аз гирифтории дил меравад, на ҷон; 3) зоҳиран, «**дидаи ман**» нисбат ба «дидаи мо» гуфтан саҳеҳ аст. Агарчи «мо» гуфтан халале ба вазн ва маънии рубоӣ намерасонад, шоир дар мисраи якуми рубоӣ «пойи ман» мегӯяд, на «пойи мо». Гузашта аз ин, дар рубоии мавриди баҳс гуфтугӯи шахси якуми танҳо (гӯянда, яъне ман, ошиқ) ва шахси дувуми танҳо (шунаванда, яъне

ту, маъшуқ) омадааст. Ин ҷо суханвар мегӯяд: «Агарчи дил гирифтори ишқи туст, пойи ман дар талабат оҷиз аст. Агар наёмадам ва васли ту дарёб накардам, на аз он аст, ки харидорат наям, бал аз он бошад, ки ҳанӯз дидаи ман маҳрами дидори ту нест».

Дар номаи 37-ум Айнулқузот барои тақвияти фикр байти зерро бидуни зикри муаллиф овардааст, ки, зоҳиран, нусхаи куҳани сурудаи Ҳаким Саноӣ аст:

Мулкати Оли Банӣ Одам надорад қимате,

Бандагӣ бояд намудан миллати Парвизро [171, ҷ. 1, с. 310].

Байти мазкур дар девони Саноӣ ва осори мунтахаби ӯ зайли қасидаи «Соқиё, май деҳ, ки ҷуз май нашканад парҳезро» ба гунаи зер омадааст:

Мулкати Оли Банӣ Одам надорад қимате,

**Хоки раҳ** бояд **шумурдан давлати** Парвизро [75, с. 26; 40, ҷ. 2, с. 22].

Аз ҳошияи сафҳаи «Девон»-и Саноӣ равшан мешавад, ки дар яке аз нусхаҳо мисраи сонӣ «Бандагӣ бояд намудан мулкати Парвизро» омадааст [75, ҳошияи с. 26]. Аз таҳқиқ ва муқоисаи нусхаҳо метавон хулоса намуд, ки Айнулқузотро таҳрири дигар ва нисбатан қадими «Девон»-и Саноӣ зери даст будааст. Шоистаи зикр аст, ки байти мазкур дар «Номаҳо»-и Айнулқузот аз лиҳози маъно нисбатан мувофиқ ба ақоиди ирфонии суханвари ориф аст.

Р. Фарманиш дар фасли «Ашъори истишҳодшуда»-и китоби худ гоҳе ба иштибоҳ ашъори суханварони дигарро, ки дар «Номаҳо»-и Қозӣ бе зикри муаллиф нақл шудаанд, ба Ҳаким Саноӣ нисбат додааст. Аз ҷумла, донишманди мазкур рубоиеро ба гунаи зер оварда, таъкид кардааст, ки онро Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз Ҳаким Саноӣ истишҳод намудааст:

Дар дидаи дида дида мебинҳодем,

В-онро ба камоли ӯ ҷило медодем.

Ногаҳ ба сари кӯйи камол афтодем,

В-аз дидаву диданӣ кунун озодем [398, с. 307].

Айнулқузот дар номаи чиҳилу дувум, ки пур аз ақоиди ирфонӣ, шарҳу тафсири истилоҳоти тасаввуф ва ҳуруфи муқаттаъ аст, нахуст дар борои

маърифати зот ва сифоти Худованд сухан намуда, баъд аз баёни муфассали ин мавзуъ перомуни ба дарки асмо ва сифоти Худованд муяссар гардидани солик ва бо ҳама диданӣ аз дидан бозмондани ӯ ёд мекунад ва барои шоҳид рубоии мазкурро бидуни зикри гӯянда ба таври зайл меорад: «Ин ҷо бидояти «юҳиббуҳум» пайдо гардад ва «юҳиббунаҳу» рӯй дароварад. Ва ин ҷо солик дидаи худро бо ҳама диданӣ дарбозад, мақом ин бувад, ки мегӯяд:

Дар дидаи дида **дидае бинҳодем**,
В-онро ба камоли **худ ғизо** медодем.
Ногаҳ ба сари кӯйи **ҷамол** афтодем,
**Аз** дидаву диданӣ кунун озодем» [171, ҷ. 1, с. 332].

Рубоии мавриди баҳс дар номаи 25-ум бидуни зикри муаллиф бо андаке тағйир забт шудааст, чунонки гӯяд: «Пас бидонӣ, ки мардон мардро дар ин роҳ чӣ гуна дида ва диданӣ аз даст фаро ниҳодаанд, чунонки яке аз ин маънӣ хабар дод! Рубоӣ:

Дар дидаи дида **дидае бинҳодам**,
В-онро ба **ҷамоли ӯ ҷило медодам**.
Ногаҳ ба сари кӯйи **камол афтодам**,
Аз дидаву диданӣ кунун **озодам**» [171, ҷ. 1, с. 216].

Таҳиягар ва мусаҳҳеҳони нашри китоб – А. Мунзавӣ ва А. Усайрон дар як ҷилд рубоии мавриди баҳсро ба ду навъ овардаанд. Аз ҳошияи сафҳа маълум мегардад, ки, зоҳиран, дар чаҳор нусхае, ки мусаҳҳеҳони мазкур зери даст доштаанд «бинҳодем» ва дар ду нусхаи дигар «бинҳодам» омадааст [171, ҷ. 1, с. 332], вале дар хусуси тағйироти дигари матни рубоии мазкур он ҷо ишорае ба назар намерасад.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ рубоии мавриди баҳсро дар фасли «Тамҳиди асли робеъ (Худро бишнос, то Худоро бишносӣ)»-и китоби «Тамҳидот» низ бо андаке тағйир оварда таъкид намудааст, ки Абулаббоси Қассоб дар маҷолиси самоъ онро пайваста месурудааст, чунонки гӯяд: «...Ин ҷо солик муроди худро ба ҳама муродӣ дарбозад ва дидаи худро ба ҳама дида дарбозад, то ҳама дида шавад. Абулаббоси Қассоб дар самоъ пайваста ин байтҳо гуфтӣ:

Дар дидаи дида дидае бинҳодем,

В-онро **зи раҳи дида ғизо медодем**.

Ногаҳ ба сари кӯйи ҷамол афтодем,

Аз дидаву диданӣ кунун озодем» [172, с. 63].

Мо рубоии мавриди баҳсро аз «Девони ашъор»-и Ҳаким Саноӣ пайдо накардем [75]. Зоҳиран, рубоии мазкур аз Шайх Абулаббос Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдулкарим Омулии Табаристонӣ маъруф ба «Абулаббоси Қассоб» аст, ки, бино ба қавли Қозӣ, онро пайваста дар самоъ гуфтӣ [172, 63]. Абулаббоси Қассоб аз машоихи маъруфи қарни X ва аз ҳамзамонони Шайх Абусаиди Абулхайр буд. Абулаббос соҳиби хонақоҳ ва муридони зиёд буда, Шайх Абусаид хирқа аз дасти ӯ пӯшидааст. Маҳмуди Мудаббирӣ бо такя ба «Номаҳо» ва «Тамҳидот»-и Айнулқузот рубоии мазкурро аз Абулаббоси Қассоб медонад ва онро ба гунае нақл мекунад, ки дар «Тамҳидот» омадааст [127, с. 256].

Аз баҳсҳои фавқ метавон ба ин натиҷа расид, ки нусхаи нисбатан саҳеҳи рубоӣ ҳамон аст, ки дар «Тамҳидот» [172, с. 63] омадааст ва сарояндаи он, зоҳиран, Абулаббоси Қассоб мебошад, на Ҳаким Саноӣ, аммо ба чӣ далел Р. Фарманиш онро аз Ҳаким Саноӣ донистааст, моро маълум нашуд. Афзун ба ин, Р. Фарманиш чанд байти дигари «Номаҳо»-и Айнулқузотро аз Саноии Ғазнавӣ медонад, ки дар девони суханвар ба назар намерасанд ва баръакси он дар «Номаҳо» чанд байти истишҳодшуда аз ин суханвар бидуни зикри муаллиф ҷой доранд, ки донишманди мазкур аз онҳо ёд накардааст.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаи 42-юм рубоии зерро низ бидуни зикри муаллиф оварда гуфтааст, ки агар солики тариқат ҳушёр гардад, ин рубоӣ бихонад:

З-он як назари ниҳон, ки мо дуздидем,

Дур аз ту ҳазор гуна меҳнат дидем.

Дар кӯйи ҳавас пардаи худ бидридем,

Ту ишқ фурӯхтиву мо бихридем [171, ҷ. 1, с. 333].

Дар асл рубоии мазкур аз Ҳаким Саноӣ аст ва дар девони ашъори суханвар бо андаке тағйир ва ба гунаи зер омадааст:

З-он як назари ниҳон, ки мо duздидем,

Дур аз ту ҳазор **дарду** меҳнат дидем.

**Андар ҳавасат** пардаи худ бидридем,

Ту **ишва** фурӯхтиву мо бихридем [75, с. 1157].

Аз муқоиса ва муқобалаи нусхаҳои мазкур маълум мешавад, ки ихтилофе байнашон ҷой дорад. Мисраи сеюми рубоӣ таҳрир пазируфтааст. Ба занни қавӣ, мисраи охири рубоӣ, ки дар девон омадааст, нисбатан саҳеҳ аст, зеро маъшуқ одатан ишва мефурӯшад, ҷиҳати ҷазби дили ошиқ ва ошиқ ба ҷону дил онро харидор аст, аммо ишқро нашавад харидану бифрӯхтан. Аз ҳошияи сафҳа маълум мегардад, ки дар ду нусхаи хаттии мактубот низ вожаи «ишва» омада, аммо таҳиягарони матн калимаи «ишқ»-ро, ки дар се нусхаи дигар омадааст, баргузидаанд [171, ҷ. 1, ҳошияи с. 333]. Зоҳиран, асли вожа «ишва» буда, бинобар шабоҳати навишт дар хатти арабӣ котибони нусах онро «ишқ» хондаанд.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаи 46-ум ҷое пас аз баёни ақоиди ирфонӣ мегӯяд: «Ин ҳадис ҷуз асҳоби воқеаро ба кор наёяд.

Онро, ки биёмадаст, зебо омад,

Ишқ омаданӣ бувад, на омӯхтанӣ» [171, ҷ. 1, с. 360].

Ба андешаи мо Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаи мазкур мисрае аз рубоиёти Ҳаким Саноиро истишҳод намудааст. Чун забони «Номаҳо»-и Қозӣ бисёр ширину дилкаш ва гоҳи зиёд мавзуну муқаффост, зоҳиран, таҳиягарони матн – А. Мунзавӣ ва А. Усайрон сухани дар ҳамон вазн гуфтаи нигорандаи номаро мисраи якуми байт пиндоштаанд. Сурати комили рубоӣ дар девони Саноии Ғазнавӣ ба гунаи зайл омадааст:

Пурсӣ, ки зи баҳри маҷлис афрӯхтанӣ

Дар ишқ чӣ лафзҳост бардӯхтанӣ.

Эй бехабар аз сӯхтаву сӯхтанӣ,

Ишқ омаданӣ бувад, на андӯхтанӣ [75, с. 1176].

Рубоии мазкур дар «Куллиёти Шамси Табрезӣ» ба гунаи зер омадааст:

Шамъест дили мурод афрӯхтанӣ,
Чокест, зи ҳаҷри дӯст бардӯхтанӣ,
Эй бехабар аз сохтану сӯхтанӣ,
Ишқ омаданӣ бувад, на омӯхтанӣ [112, с. 1485].

Агарчи мисраи истишҳоднамудаи Айнулқузоти Ҳамадонӣ айни сурудаи Мавлонои Балхӣ аст, ба занни қавӣ Қозӣ онро аз Ҳаким Саноӣ овардааст, на аз Мавлонои Балхӣ, зеро фаъолияти эҷодии Мавлонои Балхӣ (1207-1273) тахмин баъд аз як қарни даргузашти Айнулқузот (ваф.1130-1131) оғоз гардидааст. Зоҳиран, Айнулқузот дар асл ин мисраъро ба сурати «Ишқ омаданӣ бувад, на андӯхтанӣ» оварда, аммо минбаъд бо айби котибон ва ё маъруфияти сурудаи Мавлонои Балхӣ онро тағйир ва ё таҳрир кардаанд. Ҳамчунин имкон дорад, ки асли сурудаи Саноии Ғазнавӣ «Ишқ омаданӣ бувад, на омӯхтанӣ» буда, Айнулқузот ва Мавлонои Балхӣ онро ба ҳамон сурат нақл намудаанд, зеро бо як назар ба ашъори Ҳаким Саноӣ ва Мавлонои Балхӣ метавон дарёфт, ки шеъри Мавлоно аз ашъори Саноии Ғазнавӣ таъсири зиёд пазируфтааст. Мавлоно гоҳе айнан мисраъву абёти Саноиро тазмин карда ва гоҳи зиёд мазмунеро аз сурудаҳои ӯ баргирифтааст.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаи 50-ум ҷое аз аҳволи соликони роҳи Илоҳ ва толибони ҷамол ёд намуда, барои истишҳод ду байт аз сурудаҳои Ҳаким Саноиро бидуни зикри муаллиф дар алоҳидагӣ овардааст, чунонки гӯяд: «Ҷавонмардо! Солик ин ҷо расад, ки тасбеҳи зарроти вуҷуд шунавад, оёти ҷамол бинад ва ҳанӯз беруни кор бувад... Агар дар дидани ин оёти ҷамол ва шунидани ин анвои алҳон бимонад, ҳаргиз ба намояндаи ин оёти ҷамол нарасад. Пас агар, чунонки равандае гармрав бувад, Халилвор аз ин ақабот баргузарад, ки «لَا أُحِبُّ الْآفِلِينَ» (сураи Анъом (6), қисмати охири ояти 76-ум: «…Фурӯравандагонро дӯст надорам» - З.Ҳ.):

Киро лабони ту бояд, шакар чӣ суд кунад?
Ба ҷойи меҳри ту меҳре дигар чӣ суд кунад?

Эшон ӯро нек донанд, дар ғалат наяфтанд, зуд баргузаранд ва гӯянд: «Гуфтем, расидем сари роҳ на он буд». Аз ҷаноби азал бо эшон гӯянд: Ин ҳама ҳиҷоб аст, то акнун дидӣ. Дар даруни парда қадаме дарниҳанд.

Чор табъу ҳафт чарху панҷ ҳис маҳрам наянд,

Хаймаи ишрат бурун з-ин ҳафту панҷу чор зан» [171, ч. 1, с. 390-391].

Байти аввали мазкур матлаи яке аз ғазалҳои Ҳаким Саноӣ мебошад, ки дар девони суханвар ба гунаи зер омадааст:

**Маро** лабони ту бояд, шакар чӣ суд кунад?

Ба ҷойи меҳри ту **меҳри** дигар чӣ суд кунад? [75, с. 861].

Аз ҳошияи сафҳаи «Номаҳо»-и Айнулқузот маълум мешавад, ки дар яке аз нусхаҳо (мавқуфоти Мулло Мурод) «маро» омада, вале таҳиягарони матн ҳангоми тасҳеҳ матни чаҳор нусхаи дигарро, ки «Киро лабони ту бояд, шакар чӣ суд кунад?» омадааст, пазируфтаанд [171, ч. 1, с. 391]. Зоҳиран, асли сурудаи Саноӣ «Киро лабони ту бояд...» буда ва дар чаҳор нусхаи хаттии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ он айнан омадааст. Мурод аз «киро» мухаффафи «ҳар киро», «ҳар касро» бошад. Ҳамчунин имкон дорад асли сурудаи Саноӣ «Маро лабони ту...» бошад, зеро дар яке аз нусхаҳои хаттии номаи мавриди баҳс низ чунин омадааст. Дар ҳар сурат, дар нашрҳои баъдии илмӣ-интиқодӣ байти мазкури номаи Айнулқузотро ҳамчун яке аз сарчашмаҳои қадим ва наздик ба замони суханвар бояд ба эътибор гирифт.

Байти сонӣ дар девони Ҳаким Саноӣ зайли таркиббанде, ки дар мадҳи Имодуддин Сайфулҳақ Абулмафохир Муҳаммад ибни Мансур сурудааст, ба сурати зерин омада:

**Ҳафт чарху чор табъу** панҷ ҳис маҳрам наянд,

Хаймаи ишрат бурун з-ин ҳафту панҷу чор зан [75, с. 719].

Аз ҳошияи сафҳаи номаи Айнулқузот [171, ч. 1, с. 390-391] маълум мешавад, ки, зоҳиран, дар ҳамаи нусахе, ки мусаҳҳеҳони китоб зери даст доштаанд, байти мазкур ба ҳамон сурат нақл шудааст. Таҳиягари девони Ҳаким Саноӣ низ дар поёни сафҳа [75, 719] аз ихтилофи нусхаҳои девони суханвар хабар намедиҳад, аммо Р. Фарманиш дар фасли дувуми китоби худ

байти мавриди баҳсро аз як номаи Айнулқузот чунон нақл кардааст, ки дар девони Саноӣ омадааст [398, с. 308]. Бо такя ба китоби Р. Фарманиш ва нусхаи мактуботе, ки зери даст дошт, метавон хулоса намуд, ки, зоҳиран, Айнулқузот дар номаи мазкур байти Саноиро ба ҳамон тарз истишҳод намудааст, ки дар девони суханвар омадааст, аммо минбаъд бо айби котибон матни аслии байт тағйир пазируфта, мусаҳҳеҳони китоби «Номаҳо» низ онро ба ҳамон сурат овардаанд.

Дар номаи дигари худ, ки таҳти рақами 55-ум қарор дорад, Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар хусуси махсусиятҳои равиши роҳи Илоҳ, тафовути равандагон, фарқи хосу ом дар фаҳми маонии ирфонӣ, ба дил бояд дар роҳи Худо рафтан, фарқи табиби дил аз табиби қолаб, ба гӯшу чашм ғайриимкон будани фаҳми суханони аҳли дил ва ғ. баҳс намуда, барои шоҳид байти зеринро бидуни зикри муаллиф меорад:

Ба ҳар-ч аз роҳ **бозафтӣ**, чи (куфр) он **(дин)**-у чи имон,
Ба ҳар-ч аз дӯст вомонӣ, чи зишт он нақшу чи зебо [171, ҷ. 1, с. 438].

Байти мазкур аз қасидаи «Макун дар ҷисму ҷон манзил, ки ин дун асту он воло»-и Саноии Ғазнавӣ буда, дар нашрҳои девони суханвар ба гунаи зер омадааст:

Ба ҳар-ч аз роҳ **дур афтӣ**, чи куфр он **ҳарфу** чи имон,
Ба ҳар-ч аз дӯст вомонӣ, чи зишт он нақшу чи зебо.

[75, с. 51; 40, ҷ. 2, с. 34]

Аз ҳошияи сафҳаи «Девон»-и Саноӣ маълум мешавад, ки дар яке аз нусхаҳо «Ба ҳар-ч аз роҳ бозафтӣ» омада [75, ҳош. с. 51], аммо таҳиягари девон шакли «дур афтӣ»-ро баргузидааст. Аз ин ҷо равшан мешавад, ки ҳини нигориши номаҳо Айнулқузотро таҳрири дигари қасида зери даст будааст.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаи дигари худ, ки зайли шумораи 68-ум омадааст, ҷое дар бораи фарқи ҳофизони кулли Қуръон, ки маънои он надонанд ва орифоне, ки ба маърифати Худо даст ёфтаанду панҷоҳ оят ё сураи Фотиҳаро ҳифз надоранд, баҳс мекунад ва барои тақвияти фикр аз Билоли Ҳабашӣ ёд намуда, барои истишҳод ду байт аз Ҳаким Саноӣ меорад, чунонки

гӯяд: «Эй дӯст! Билоли Ҳабашӣ мегуфт: «Ашҳаду анна ло илоҳа илла-л-Лоҳу». Ба «син» мегуфт, ба «шини муъҷам» наметавонист гуфт. Пас, саййид, салъам, гуфт: «Сину Билоли инда-л-Лоҳи шин». Аммо Буҷаҳл ва Булаҳаб «ашҳад» рост битавонистандӣ гуфт. Чӣ гӯйӣ аҳли Қуръон, аҳлу-л-Лоҳи ва хосатуҳу Бучаҳл буд, ё Билол?... Олимӣ на он аст, ки ту донистаӣ то ин ғоят. Саноӣ гӯяд:

Имомат гар зи кибру ҳирсу бухлу кин бурун н-ояд,

Ба дӯзах донаш аз маънӣ в-араш дар гулситон бинӣ.

В-агарчи тайласон дорад, машав ғарра бад-он, к-он ҷо

Яке тавқест аз оташ, ту он к-аш тайласон бинӣ» [171, ч. 2, с. 49-50].

Абёти мазкур аз «Қасидаи натиҷаи ҳоли Нишопур»-и Ҳаким Саноӣ буда, дар нусхаи Мударриси Разавӣ ба гунаи зер омадааст:

Имомат гар зи кибру ҳирсу бухлу кин бурун н-ояд,

Ба дӯзах донаш аз маънӣ **гараш** дар гулситон бинӣ.

В-агарчи тайласон дорад, машав ғарра, **ки дар дӯзах**

Яке тавқест аз оташ, **ки онро** тайласон бинӣ [75, с. 709].

Аз ҳошияи сафҳаи нашри Мударриси Разавӣ маълум мешавад, ки ҳеч як аз нусхаҳои зери дасти ӯ буда айни абёти номаи мазкури Айнулқузот нест. Аз ин рӯ, абёти мазкури номаи Қозиро метавон ба ҳайси яке аз нусхаҳои қадим ва даврони зиндагии Ҳаким Саноӣ пазируфт ва дар нашрҳои минбаъда ва нусхаҳои илмӣ-интиқодии девони суханвар ба эътибор гирифт.

Айнулқузот дар қисмати поёни номаи мазкур батафсил перомуни ишқи ҳақиқӣ баҳс намуда, ҷое барои шоҳид рубоии зерро бидуни зикри муаллиф меорад, ки, бешак, аз Ҳаким Саноӣ аст, чунонки гӯяд: «Бидояти ин кор ишқ аст, то расӣ, он гаҳ бинӣ. Ҳоле донам, ки дурӣ, эй азиз!

Бар сини **сипеҳри** сир сипоҳ омад ишқ,

Бар кофи **кулоҳи гул** кулоҳ омад ишқ.

Бар мими мулуки мулк моҳ омад ишқ,

Бо ин ҳама як қадам зи роҳ омад ишқ» [171, ч. 2, с. 59].

Мударриси Разавӣ дар девони Ҳаким Саноӣ рубоии мазкурро бо андаке тағйир ва табдили мисраъҳои дуюм ва сеюм овардааст:

Бар сини сарири сир сипоҳ омад ишқ,

Бар мими мулук **подшоҳ** омад ишқ

Бо кофи **камоли** кул кулоҳ омад ишқ,

Бо ин ҳама як қадам зи роҳ омад ишқ [75, с. 1149].

Аз ҳошияи сафҳаи нусхаи Разавӣ маълум мешавад, ки дар яке аз нусхаҳо рубоии мазкур монанди номаи Айнулқузот омадааст [75, ҳош., с. 1149]. Мураттиби «Осори мунтахаб»-и Ҳаким Саноӣ, зоҳиран, рубоии мавриди баҳсро аз нусхаи Мударриси Разавӣ баргузида, онро ба гунаи зер овардааст:

Бар сини сарир **сарсипоҳ** омад ишқ,

Бар мими мулук **подшоҳ** омад ишқ.

Бо кофи **камоли** кул кулоҳ омад ишқ,

Бо ин ҳама як қадам зи роҳ омад ишқ [40, ҷ. 1, с. 298].

Зоҳиран, нусхаи нисбатан саҳеҳ ва ба асл наздики рубоии мавриди баҳс дар «Тамҳидот»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба назар мерасад, ки онро ба таври зер метавон хонд:

Бар сини сарири сир сипоҳ омад ишқ,

Бар кофи каломи кул кулоҳ омад ишқ.

Бар мими мулуки мулк моҳ омад ишқ,

Бо ин ҳама як қадам зи роҳ омад ишқ [172, с. 114].

Дар сурати дуруст будани фикри мазкур мусаҳҳеҳони нусхаҳои баъдии девони Ҳаким Саноиро лозим аст, ки дар тасҳеҳи рубоии мазкур нусхаи «Тамҳидот»-ро ҳамчун яке аз нусхаҳои қадим ба эътибор бигиранд, зеро А. Усайрон, ки мусаҳҳеҳи китоби «Тамҳидот» мебошад, аз чӣ сабаб бошад, ки ҳангоми тасҳеҳ ва таҳияи «Номаҳо»-и Айнулқузот ҳамроҳи А. Мунзавӣ нусхаи нисбатан саҳеҳи рубоии мазкурро, ки дар «Тамҳидот» омадааст, ба назар нагирифтааст.

Ҳаким Саноӣ дар яке аз рубоиёти худ, ки баёнгари ишқи ирфонӣ ва ваҳдати вуҷуд аст, мефармояд:

То бо худӣ арчи ҳамнишинӣ бо ман,

Эй бас дурӣ, ки аз ту бошад то ман.

Дар ман нарасӣ, то нашавӣ аз худ гум,

К-андар раҳи ишқ ё ту гунҷӣ, ё ман [75, с. 1161].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар яке аз номаҳои худ, ки зайли шумораи ҳафтоду якум омадааст, байти сонии рубоии мазкурро бидуни зикри сарояндаи он ба гунаи зер овардааст, ки аз мавҷудияти таҳрири дигари байти мазкур хабар медиҳад: «Агар пашшае ошиқи бод ояд, чӣ гӯйӣ ҳаргиз висол миёни эшон тавонад буд? Ҳайҳот! …

Дар ман нарасӣ, то нашавӣ **як бо ман**,

К-андар раҳи ишқ ё ту гунҷӣ, ё ман» [171, ҷ. 2, с. 84].

Айнулқузот дар номаи дигари худ, ки зайли рақами 87-ум омадааст, баъд аз дуои мухотаб нахуст дар ҷавоби пурсиши ӯ аз се нома навиштани худ ёд мекунад ва мегӯяд, ки пеши ҳар кас баён намудани ин улум ҳаром бошад ва танҳо онҳое, ки дар мақоми ризо ва мақомоти соликони пухта қарор доранд, дарки ин маонӣ метавонанд кард [171, ҷ. 2, с. 212-213]. Сипас ҳамчун орифи беназир аз мақоми ишқ ва аҳволи ошиқони ҳақиқӣ сухан карда, барои истишҳод рубоии зеринро бидуни зикри муаллиф меорад:

Чун ман набувад кас ба ҷаҳон дархури ишқ,

З-он бар сари ман ниҳод чарх афсари ишқ.

Якбора шудам ба табъи дил чокари ишқ,

Дорам сари он, ки сар кунам дар сари ишқ» [171, ҷ. 2, с. 214-215].

Рубоии мазкур дар девони Ҳаким Саноӣ ба гунаи зайл омадааст:

**Ҷуз ман ба ҷаҳон набвад кас** дархури ишқ,

З-он бар сари ман ниҳод чарх афсари ишқ.

**Якбор ба табъи хуш шудам** чокари ишқ,

Дорам сари он, ки сар кунам дар сари ишқ [75, с. 1149].

Айнулқузот дар номае, ки таҳти рақами 91-ум омадааст, ҷое дар раҳи ишқ сарсупурда будан, ҷон бохтан ва ба ҳар балою дард розӣ ва шокир буданро аз шарти адаб медонад ва баъд аз ишораи кӯтоҳ ба қиссаи қурбонӣ намудани Иброҳими Халил рубоии зеринро меорад:

Рӯзе, ки бувад **дилам** зи ҷонон пурдард,

Шукрона ҳазор ҷон фидо бояд кард.

К-андар сари кӯйи ошиқӣ, эй сарамард,

Бе шукр қафои некувон натвон хвард» [171, ч. 2, с. 243].

Рубоии мазкур аз рубоиёти Ҳаким Саноӣ буда, дар нусхаи Мударриси Разавӣ мисраи якуми он «Рӯзе, ки дилат бувад зи ҷонон пурдард» омадааст [75, с. 1130]. Зоҳиран, «дилат» гуфтан нисбат ба «дилам» саҳеҳ аст, зеро суханвар ба мухотаб мегӯяд: «Эй некмард, рӯзе, ки дилат аз ғами маъшуқ пурдард гашт, бояд ба он дарду бало шукрона намоӣ ва бар ивазаш на як, балки ҳазорон ҷон фидо созӣ». Аз ҳошияи сафҳаи номаи мазкур маълум мешавад, ки дар яке аз нусхаҳо «дилат» омадааст, вале мусаҳҳеҳони китоб вожаи «дилам»-ро, ки дар се нусха омадааст, пазируфтаанд [171, ч. 2, с. 243]. Мусаҳҳеҳони китоби «Номаҳо»-и Айнулқузотро лозим аст, ки дар нашрҳои баъдӣ он нусхаеро ба эътибор бигиранд, ки нисбатан саҳеҳ ва айни девони суханвар аст, на матни таҳрифшударо, ки дар чандин нусах ба такрор омадааст.

Айнулқузот дар номае, ки таҳти рақами 95-ум омадааст, барои истишҳод абёти зерро бидуни зикри муаллиф овардааст, ки аз ғазалиёти Ҳаким Саноӣ мебошад:

«Соқиё, **пур шуд дил** аз тимор, пур кун ҷомро,

Бар кафи ман неҳ се бода **давлати айёмро**.

То замоне бе замона **ҷону дил шодон кунем**,

**Кам кунем аз дил замоне меҳнати фарҷомро**.

Номи мо бар ях нигору соткине сар бимол,

Ҷуз ба беномӣ кӣ ёбад дар ду гетӣ номро?!» [171, ч. 2, с. 322].

Дар девони суханвар ғазали мазкур ҳамагӣ шаш байт аст ва байти якуму дувуми он ба сурати зер омадааст:

Соқиё, **дил шуд пур** аз тимор пур кун ҷомро,

Бар кафи **мо** неҳ се бода **гардиши аҷромро**.

То замоне бе замона **ҷоми май бар каф ниҳем**,

**Бишканем андар замона гардиши айёмро** [75, с. 796].

Аммо байти севуме, ки дар номаи мазкур омадааст [171, ч. 2, с. 322], дар девони суханвар ба назар намерасад [75, с. 796]. Аз ин ҷо метавон хулоса намуд, ки, зоҳиран, асли ғазали мазкур ҳафт байт ё бештар аз он будааст. Аз ҳошияи сафҳаи девон равшан мешавад, ки Мударриси Разавӣ аз абёте, ки дар номаи Айнулқузот омадааст, ба хубӣ огоҳ аст [75, ҳош. с. 796]. Зоҳиран, ба сабаби он ки байти сеюми мазкур дар яке аз номаҳои Айнулқузот омада, вале дар девони Саноӣ наомадааст, он байтро вориди девон накардааст. Бинобар он ки ҳар ду муосир буданд, ба эҳтимоли қавӣ, Айнулқузоти Ҳамадонӣ ин байтро аз нусхаи муаллифӣ ё аз нусхаи қадимтарини девони Саноӣ, ки ҳанӯз дар замони зиндагии суханвар китобат шудааст, истишҳод намудааст. Дар сурати дуруст будани ин фикр **байти сеюми мундариҷ дар «Номаҳо»-и Айнулқузот байти тозаи дарёфтшуда аз Саноии Ғазнавӣ мебошад, ки сарчашмаи он номаи мазкури Айнулқузоти Ҳамадонӣ мебошад**. Аз ин рӯ, бояд дар нашрҳои баъдӣ ва илмию интиқодии девони Саноии Ғазнавӣ бояд аз ҷониби таҳиягарони матн ба эътибор гирифта шавад.

Айнулқузот дар поёнтари номаи мазкур нақле аз Шайх Барака – муршиди хеш меорад [171, ч. 2, с. 323] ва сипас сухан аз ишқу ошиқӣ намуда, барои шоҳид чаҳор байти зерро бе зикри муаллиф нақл мекунад, ки, бешак, баргирифта аз нусхаҳои куҳани ашъори Саноӣ мебошанд:

Эй пайки ошиқон, гузаре кун ба боми дӯст,
Баргард бандавор ба гирди мақоми дӯст.
Гирди саройи дӯст тавофе куну бубин
Он бору борномаву он эҳтишоми дӯст.
Хоҳӣ, ки нархи мушк шикаста шавад ба Марв
Барзан ба зулфи пуршикани мушкфоми дӯст.
Хоҳӣ, ки бори нав камаре бандӣ аз Сарахс
Ҳамроҳи хеш кун ба сӯйи ман саломи дӯст» [171, ч. 2, с. 323-324].

Дар девони Ҳаким Саноӣ ғазали «Эй пайки ошиқон, гузаре кун ба боми дӯст» 12 байт аст. Ду байти аввали мазкур дар девони Саноӣ низ ду байти нахустини ғазал аст ва байнашон ҳеч фарқ ба назар намерасад. Байти севуми

мазкур низ дар девони суханвар байти севум аст, аммо дар мисраи якуми ин байт ба ҷои «Марв» вожаи «Чин» омадааст [75, с. 819]. Байти чоруми мундариҷ дар номаи мазкур аз байти чоруми девон куллан фарқ мекунад, зеро мисраи ҳафтуми мазкур дар девони суханвар чун мисраи нуҳум ва ба гунаи «Хоҳӣ, ки бори анбар бахшӣ ту аз Сарахс» омада ва мисраи ҳаштуми мундариҷ дар номаи Айнулқузот дар девони Саноӣ ҳамчун мисраи чордаҳум ва бо андаке тағйир, яъне бар ивази «сӯйи ман» «сӯйи мо» омадааст [171, ҷ. 2, с. 324; 75, с. 819].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ на танҳо ҳангоми баёни андешаҳои ирфонӣ, балки ҳини шарҳу тавзеҳ ва тафсири оёти Қуръони карим ва аҳодиси расул (с) низ аз ашъори Ҳаким Саноӣ мадад ҷустааст. Аз ҷумла, дар номаи 127-ум ҷое аз шифобахшанда ва шарҳи маъҷунҳои бемориҳои мухталиф будани Қуръон ёд намуда, барои истишҳод байти зерро бидуни зикри муаллиф аз Саноии Ғазнавӣ овардааст:

Аввалу охири Қуръон зи чӣ «бо» омаду «син»,

Яъне андар раҳи дин раҳбаратон Қуръон бас» [171, ҷ. 2, с. 485-486].

Байти фавқ аз қасидаи «Даргаҳи халқ ҳама зарқу фиреб асту ҳавас» буда, дар нусхаи Мударриси Разавӣ ба гунаи зайл омадааст:

Аввалу охири Қуръон зи чӣ «**бе**» омаду «син»,

Яъне андар раҳи дин раҳбаратон Қуръон бас [75, с. 309].

Зоҳиран, асли сурудаи Ҳаким Саноӣ ҳамон аст, ки дар номаи мазкури Айнулқузот истишҳод шудааст [171, ҷ. 2, с. 485-486]. Аз ҳошияи сафҳаи девон низ маълум мешавад, ки дар яке аз нусхаҳо «бо» омада, вале мусаҳҳеҳи китоб онро сарфи назар намудааст [75, ҳош. с. 309].

Айнулқузот дар номае, ки таҳти рақами 155-ум омадааст, дар хусуси одоби пир ва мурид сухан намуда, ҳар як фармудаи пирро барои мурид чун хилъати Илоҳӣ медонад, ки ҳар ҷо бувад дар ҳимояти он хилъат бошад ва парокандагии муридро сабаби дур шудани ӯ аз ҳимояти пир меҳисобад ва барои истишҳод байти зерро бидуни зикри муаллиф меорад:

Ё бирав ҳамчун занон рангеву бӯйе пеш гир,

Ё чу мардон андар ойу гӯй дар майдон фикан [171, ҷ. 3, с. 435].

Байти мазкур аз қасидаи «Барги бебаргӣ надорӣ, лофи дарвешӣ мазан»-и Ҳаким Саноӣ буда, дар «Девон» ва «Осори мунтахаб»-и суханвар айнан омадааст [75, с. 484; 40, ч. 2, с. 94].

Айнулқузоти Ҳамадонӣ зимни номае сухан аз олами ишқ мекунад ва мегӯяд, ки ошиқ ин ҷо дар баробари маъшуқ аз худ фонӣ шавад ва ҷиҳати шоҳид абёти зерро бидуни зикри муаллиф меорад:

Чу омад рӯйи маҳрӯям, кӣ бошам ман, ки ман бошам,
Ки он гаҳ хуш бувам бо ӯ, ки ман бе хештан бошам.
Ман он гаҳ худ касе бошам, ки дар майдони ишқи ӯ
На дил бошам, на ҷон бошам, на сар бошам, на тан бошам.

[171, ч. 2, с. 306].

Абёти мазкур чаҳор сатри аввали як ғазали Ҳаким Саноии Ғазнавӣ буда, дар «Девон»-и ин суханвар ба гунаи зайл омадааст:

Чу омад **рӯйбаррӯям**, кӣ бошам ман, **ки бошам**,
**Чӣ хуш вақте бувад бо ман**, ки ман бе хештан бошам.
Ман он гаҳ худ касе бошам, ки дар майдони **ҳукми ту**
На дил бошам, на ҷон бошам, на сар бошам, на тан бошам.

[75, с. 930-931].

Аз муқоиса ва муқобалаи абёти мазкур равшан мешавад, ки, зоҳиран, абёте, ки дар «Номаҳо»-и Айнулқузот омадааст, нисбатан қадим ва саҳеҳ мебошад. Аз ҳошияи сафҳаи девон маълум мешавад, ки дар яке аз нусхаҳо дар мисраи якум «маҳрӯям» ва дар мисраи дувум «Ки он гаҳ хуш бувам бо ӯ» омадааст, ки айни «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ мебошанд, аммо аз чӣ сабаб мусаҳҳеҳи девон ҳангоми тасҳеҳ ва таҳияи матн нусхаи дигарро нисбатан саҳеҳ пиндоштааст. Афзун ба ин, ҳангоми нашр аз сатри якум ҷойнишини «ман» афтода, вазни ғазалро халалдор кардааст. Айнулқузоти Ҳамадонӣ боз чанд байти дигари Ҳаким Саноиро бидуни зикри гӯянда дар «Номаҳо» ва «Тамҳидот»-и худ истишҳод намудааст, ки баён ва қиёсу муқобалаи ҳамаи онҳо бо «Девони ашъор»-и суханвар баҳси алоҳидаро мехоҳад.

Аз таҳқиқи ин мавзуъ ва муқоисаву муқобалаи «Девони ашъор»-и Ҳаким Саноӣ бо ашъори истишҳодшудаи ӯ дар «Номаҳо»-и Айнулқузот метавон ба ин натиҷа расид:

1. Айнулқузоти Ҳамадонӣ (тахмин 1096-1131) аз ҳамзамонони Ҳаким Саноӣ (1079- 1140) буд ва пеш аз ӯ дар синни 35-солагӣ ба шаҳодат расид.

2. Ҳаким Саноӣ ҳамчун суханвари ориф ҳанӯз дар замони зиндагии худ обрӯ ва маъруфияти беназир дошта, сурудаҳояш дар осори ҳамзамонон ҳамчун истишҳод нақл шудааст.

3. Айнулқузоти Ҳамадонӣ бо он ҳама дониш, ҳунари нависандагӣ ва мақом дар тасаввуф Ҳаким Саноиро ҳамчун суханвари ориф ва беназир эътироф карда, дар осораш аз сурудаҳои ӯ мадад ҷустааст.

4. Овозаи шуҳрати Ҳаким Саноӣ ва сурудаҳои ӯ ҳанӯз дар даврони зиндагияш на танҳо дар Ғазнину Балх ва Сарахс, балки то Ҳамадон ва дигар манотиқи форсизабонон расида, дар маҳофилу маҷолиси аҳли тариқат ва осори сухансароёни ориф ба касрат нақл мешудааст.

5. Аз омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ маълум мешавад, ки «Номаҳо»-и Айнулқузот ва «Девони ашъор»-и Ҳаким Саноӣ ниёз ба тасҳеҳ доранд ва ҷойи нусхаҳои интиқодии онҳо ҳанӯз холӣ аст.

6. «Номаҳо» ва «Тамҳидот»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ яке аз қадимтарин сарчашмаҳое мебошанд, ки дар замони зиндагии Ҳаким Саноӣ таълиф шудаанд ва метавонанд ҳамчун нусхаи куҳан дар тасҳеҳи ашъори ин суханвар хидмат кунанд.

7. Айнулқузоти Ҳамадонӣ на танҳо барои тасдиқ ва тақвияти фикр аз ашъори Ҳаким Саноӣ мадад ҷустааст, балки гоҳи зиёд ҷиҳати шарҳу тавзеҳи ирфонӣ ва маърифати абёти алоҳида ва рубоиёти суханвар хидмат намудааст.

8. «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ сарчашмаи беназир, қадимтарин ва мунҳасир ба фард аст, ки метавонад ҷиҳати дарёфти абёти тоза ва тасҳеҳи абёти ашъори Саноии Ғазнавӣ кӯмак намояд. Чунончи, байти зерин, ки дар яке аз номаҳои Қозии Ҳамадонӣ истишҳод шудааст, байти навёфтаи Саноӣ буда, дар девони нашршуда ва манобеи дигар ба назар намерасад:

Номи мо бар ях нигору соткине сар бимол,

Ҷуз ба беномӣ кӣ ёбад дар ду гетӣ номро?! [171, ч. 2, с. 322].

9. Нусхаҳои боэътимоди осори Айнулқузотро метавон ҳамчун яке аз куҳантарин нусхаи ашъори Саноӣ ва ҳам шарҳномаи абёти алоҳидаи ин суханвари ориф пазируфт ва дар тасҳеҳу нашри нусхаҳои илмӣ-интиқодии осори Ҳакими Ғазнавӣ ба кор гирифт.

## ХУЛОСА

Натиҷаҳои таҳқиқ ба таври зерин ҷамъбаст гардидаанд:

1. Абулмаолӣ Абдуллоҳ ибни Абубакри Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳасан ибни Алии Миёнаҷии Ҳамадонӣ, маъруф ба «Айнулқузоти Ҳамадонӣ» яке аз суханварони номвар ва орифи асри XII мебошад. Агарчи дар бораи замони таваллуд ва муддати зиндагии ӯ ақоиди мухталиф ба назар мерасанд, аз ахбори «Маҷмаъ-ул-одоб»-и Ибни Фуватӣ равшан мегардад, ки соли 490ҳ. / 1096м. таваллуд шуда, дар синни сиюпанҷсолагӣ, яъне соли 525ҳ. / 1131м. ба шаҳодат расидааст. Бино ба ахбори сарчашмаҳо ва «Номаҳо»-и суханвар таҳсилоти муқаддамотиро аз падар гирифта, аз хурдӣ ҳамроҳи ӯ дар маҳофили ирфонӣ ва маҷолиси самоъ, ки дар хонаи урафо ва сӯфияи замон баргузор мегардиданд, ширкат мекардааст. Падар ва бобои Айнулқузот низ қозии Ҳамадон буда, ба тасаввуф ва шеъру адабиёт майл доштаанд [3-М; 66-М].

2. Сарчашмаи қадимтарин ва боэътимоде, ки аз номгӯи осори илмӣ ва адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ хабар медиҳад, «Шаква-л-ғарибї ъани-л-автони ило уламои-л-булдони» мебошад, ки суханвар онро замони гирифторӣ дар зиндони Бағдод ба забони арабӣ таълиф намудааст. Қозии Ҳамадонӣ дар ин асари худ аз нуҳ асари мафқуд ва ду асари мавҷуди худ хабар додааст [14-М; 15-М, 66-М].

3. Мероси илмӣ ва адабии Айнулқузоти Ҳамадониро метавон ба се қисмат, яъне осори мафқуд, осори мавҷуд ва осори мансуб ҷудо кард. Осори мафқуди Айнулқузоти Ҳамадонӣ инҳо мебошанд: «Қиро ал-ъошӣ ило маърифат-ил-урони ва-л-аъошӣ»; «Рисолаи Алоия»; «Ал-муфталазу мин-ат-тасриф», «Амолӣ ал-иштийоқ фӣ лайолӣ ал-фироқ», «Мунйат-ул-ҳайсуб», «Ғоят-ул-баҳси ъан маън-ал-баъси», «Савлат-ул-бозили-л-амуни ъало Ибн ал-Лабуни», «Ал-мадхалу ила-л-арабиййати ва риёзати улумиҳа-л-адабиййати», «Тафсиру ҳақоиқ-ал-Қуръон». Айнулқузоти Ҳамадонӣ қисме аз ин осорро то синни бистсолагӣ ва қисми дигарро то синни бистучаҳорсолагӣ таълиф намудааст. Аз мавзуи баҳси осори мафқуди суханвар маълум мешавад, ки ӯ

ҳанӯз дар замони наврасӣ соҳиби фазлу дониши беназир буда, дар улуми динӣ ва дунёвӣ, аз ҷумла сарфу наҳви арабӣ, адабиётшиносӣ, назмшиносӣ, фалсафаю ирфон, ҳикмат, ҳисоби ҳиндӣ ва ғ. китобу рисолаҳое ба забони арабӣ навиштааст, ки на танҳо наврасону ҷавонон, балки панҷоҳ ва шастсолаҳо аз фаҳму дарки онҳо бебаҳра будаанд [15-М; 63-М; 66-М].

4. Аз Айнулқузоти Ҳамадонӣ чанд асар ба таври мухтасар ва комил то замони расидаанд, ки «Назҳат-ул-ушшоқ ва наҳзат-ул-муштоқ», «Қасидае дар мадҳи Муҳаммад(с) ва хулафои рошидин», «Рисолаи Ҷамолӣ», «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Тамҳидот», «Шаква-л-ғариби ъани-л-автони ило уламои-л-булдони» ва «Номаҳо» мебошанд [13-М; 14-М; 66-М].

5. Маъруфтарин осоре, ки аксари муҳаққиқон иштибоҳан ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ нисбат додаанд, рисолаҳои «Лавоеҳ», «Яздоншинохт», «Шарҳи калимоти қисори Боботоҳир», «Ғоят-ул-имкони фӣ дироят-ил-макони», «Мадор-ул-уюби фӣ-т-тасаввуфи», «Ар-рисолат-ул-яминия» мебошанд. Муаллифи рисолаи «Лавоеҳ» дар асл Ҳамидуддин Муҳаммад ибни Атоуллоҳи Ногаврӣ, яке аз сӯфиёни қарни сездаҳуми мелодӣ мебошад, ки дар Бухоро таваллуд шуда, дар Ногаври Ҳинд зиста, дар Деҳлӣ вафот кардааст. Ба занни қавӣ, шабоҳати андак, ки дар осори форсии Қозии Ҳамадонӣ ва рисолаи мазкур ба назар мерасад ва таъсирпазирии онҳо аз «Савонеҳ»-и Аҳмади Ғаззолӣ, ҳамчунин дар як маҷмуаи хаттӣ бо «Савонеҳ»-и Аҳмади Ғаззолӣ ва «Тамҳидот»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ омадани рисолаи «Лавоеҳ» боис гардидааст, ки баъзе аз муҳаққиқон ин рисоларо ба иштибоҳ аз Айнулқузоти Ҳамадонӣ донистаанд. Рисолаи «Яздоншинохт» низ аз ҷумлаи осори мансуб ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ буда, дар ҳеч як аз нусхаҳои мавҷуда номи Қозӣ зикр нашудааст. Сабк ва шеваи баёни рисолаи мавриди баҳс аз сабк ва шеваи нигориши осори форсии Айнулқузоти Ҳамадонӣ куллан фарқ мекунад. Сайид Насруллоҳи Тақавӣ ин рисоларо аз таълифоти Шаҳобуддини Суҳравардӣ дониста, соли 1316ҳ. ба нашр расонидааст. «Шарҳи калимоти қисори Боботоҳир» ба зоҳир як фарҳангномаи хурди луғот ва истилоҳоти тасаввуф буда, ба забони арабӣ таълиф гардидааст. Замони китобати нусхаҳои мавҷудаи

он нисбатан мутааххир, яъне қарни XIX буда, дур аз замони зиндагии Боботоҳир ва Айнулқузоти Ҳамадонӣ мебошанд. Агарчи баъзе аз муҳаққиқон онро аз ҷумлаи осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ гуфтаанд, ба эҳтимоли қавӣ, он аз таълифоти муаллифе мебошад, ки пайрави мактаби Муҳйиддин ибни Арабӣ буда, тахмин баъд аз қарни сездаҳуми мелодӣ зиндагӣ ва эҷод кардааст. Асари «Ғоят-ул-имкони фӣ дироят-ил-макони», ки Р. Фарманиш ва оқои Латифуллоҳ ба иштибоҳ онро аз ҷумлаи осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ дониста ва ба нашр расонидаанд, ба занни қавӣ, аз ҷумлаи мусаннафоти Шайх Абумуҳаммад Маҳмуд ибни Худодод ибни Юсуфи Ушнавӣ мебошад, ки дар қарнҳои XII-XIII зиндагӣ ва эҷод намудааст [14-М; 65-М; 66-М].

6. Номаҳои Айнулқузот идомаи суннатҳои номанигории куҳани форсӣ - тоҷикӣ аст. Пайдоиши нома ва номанигории форсӣ-тоҷикӣ баробар бо замони пайдоиши хат ва муқаддам бар ҳама осори катбӣ, ҳатто қабл аз сангнабиштаҳо ва соири катибаҳо аст. Агарчи аз номаҳои куҳани инсони ибтидоӣ ҳеҷ иттилое дар даст нест, метавон тахмин кард, ки аввалин навиштаҳои ӯ номаҳои ихвонии бисёр сода, кӯтоҳ ва холӣ аз ҳар гуна ҳунари нависандагӣ буд. Дар замони Ҳахоманишиён номаҳо бештар ба хатти оромӣ навишта мешуданд, зеро дабирони ин давр оҳиста-оҳиста дар баробари хатти мехӣ истифодаи хатти оромиро ба роҳ монданд ва ниҳоят ҳамаи номаҳои давлатӣ, мактубҳои шоҳон ва фармонҳоро бо ин хат менигоштанд. Дар заминаи баъзе қароини мавҷуда метавон дарёфт, ки нахуст номаҳои давраи Ашкониён низ ба забони оромӣ буда, баъд аз нимаи асри дуюми қабл аз мелод забон ва хатти портӣ ҷойи онро гирифтааст [8-М; 10-М].

7. Номанигорӣ ва расму одоби дабирӣ дар аҳди Сосониён ба авҷи худ расид. Шоҳони Сосонӣ дар қиёс бо мулуки қаблӣ ба табақаи дабирон ва ҳунари нависандагӣ эътибори махсус медоданд. Дар ин давр анвои гуногуни номаҳо, ба монанди маношир, фатҳнома, аҳднома ва савганднома, васиятнома, султониёт, ихвониёт, тавқеот ва ғ. мавҷуд буданд, ки ҳар яке аз онҳо расму одоб, сабк, шеваи нигориш ва мухтассоти худро доштанд. Минбаъд ҳамин усули нигориш ва анвои номаҳо ба василаи дабирони эронитабор дар

номанигории арабӣ роҳ ёфта, сабаби пайравӣ ва тақлиди нависандагони араб гардидаанд. Ба сурати зебо ва балеғ овардани муқаддимаи номаҳо, ороста ва ҳунарӣ будани насри номаҳо, овардани ақволи бузургон ва латоифу ҳикам, панду ашъор, муаммиёти латифа, киноёт ва истиорот, риояти дараҷа ва мақоми котиб ва мухотаб, истифодаи санъатҳои лафзӣ ва маънавӣ, мавҷудияти аркони мухталиф, овардани алқобу ановин ва нууте мутаносиб бо мақом ва дараҷаи мухотаб, таваҷҷуҳ ба зоҳири номаҳо, баёни маонӣ ва зебоии калом аз ҷумлаи вижагиҳои номаҳои давраи Сосониён мебошанд. Намунаи нисбатан комил ва беҳтарини номаҳои ин давра «**Номаи Тансар**» аст. Агарчи асли паҳлавии ин нома то мо нарасида ва нусхаи мавҷудаи он аз паҳлавӣ ба забони арабӣ ва аз арабӣ ба забони форсӣ тарҷума шудааст, ҳанӯз услуби фаннӣ ва оростагии насри он то андозае боқӣ мебошад. Яке аз куҳантарин рисолаҳои мухтасаре, ки оид ба қавоид ва одоби номанигорӣ баҳс мекунад, рисолаи «**Ойини нома набиштан**» аст. Зоҳиран, асли ин китоб ба забони паҳлавӣ буда, дар охирҳои давраи Сосониён ва ё дар қарнҳои аввали исломӣ бо таваҷҷуҳ ба услуби номаҳои ихвонии аҳди Сосонӣ тадвин шудааст [7-М; 12-М; 39-М].

8. Дар оғози даврони исломӣ аксари дабирони Хилофат эронитабор буданд ва чун расму оини дабирӣ, номанигорӣ ва нависандагии арабӣ ба монанди Сосониён пешрафта набуд, дабирони эронӣ ночор ба осори тоисломии худ муроҷиат мекарданд ва дар баробари аз онҳо баҳра бурдан барои истифодаи дигарон қисме аз осори тоисломии худро ба забони арабӣ тарҷума мекарданд. Минбаъд ин расму оини нигориш мавриди эҳтиром ва қадршиносии аъроб қарор гирифт ва бештари касоне, ки ба тарҷумаи китобҳои илмӣ ва адабии аҳди Сосониён даст заданд, аз ҷумлаи дабирони эронитабор буданд. Метавон гуфт, ки оини номанигорӣ баъд аз ислом ба василаи дабирони эронӣ дар номанигории арабӣ роҳ ёфт ва мавриди омӯзишу тақлид қарор гирифт. Дар рушди номанигорӣ ва нависандагии арабӣ хидмати Абулалои Солим, Ҷабала ибни Солим ибни Абдулазиз, Абдулҳамид ибни Яҳё ва Ибни Муқаффаъ шоистаи зикр аст. Махсусан, Абдулҳамиди Котиб дар муншаот ва тарассул таҳаввули тоза ба вуҷуд овард, яъне номаҳоро аз сурати эҷоз ба

тариқи итноб ва шеваи насри мурсал андохт. Дар қарнҳои IX-X дар насри арабӣ таҳаввули нав, яъне истифодаи санъати саҷъ ба вуҷуд омад, ки ба насри номаҳо низ бе таъсир намонд. Маъруфтарин нависандае, ки дар корбурди саҷъ маҳорати беназир дошт, Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн, маъруф ба «Ибни Амид» буд. Нома ва номанигории арабӣ дар қарнҳои VIII-X маҳз ба сабаби Абдулҳамиди Котиб аз тариқи эҷоз ва ихтисор ба итноб гузашт ва бо зуҳури Ибни Амид ба тасаннуъ ва такаллуф афтод [12-М; 39-М].

9. Дар давраи ҳукумати Тоҳириён ва Саффориён забони расмии девон арабӣ буд. Бо омадани Сомониён ва таваҷҷуҳи беназири онҳо ба забони миллӣ, дигарбора ба забони форсӣ-тоҷикӣ навиштани номаҳо ҷорӣ шуд. Байни оммаи мардум ва гоҳе байни умаро, ҳукком ва фузалои эронӣ низ номаҳо ба забони форсӣ навишта мешуданд, вале номаҳои дарборие, ки ба хулафои араб ва ҳокимони маҳаллӣ навишта мешуданд, ба забони арабӣ буданд [32-М].

10. Аксари дабирони Оли Бӯя тозигӯй буданд. Дар ин давра на танҳо номаҳои девонӣ, балки номаҳои ихвонӣ низ ба забони тозӣ навишта мешудаанд. Дар аҳди Оли Зиёр номаҳо ба ду забон, яъне забони арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ навишта мешуданд, аммо забони расмии девон забони арабӣ буд [34-М].

11. Дар оғози аҳди Ғазнавиён низ забони номаҳои девонӣ арабӣ буд ва ин шева то ба рӯзгори вазорати Абулаббос Фазл ибни Аҳмади Исфароинӣ - соҳибдевони бузурги дарбори Султон Маҳмуд идома кард. Дар даврони вазир Абулаббос забони девони расоил аз арабӣ ба форсӣ-тоҷикӣ баргардонида шуд. Аз оғози давраи Султон Масъуди Ғазнавӣ на танҳо ихвониёт, балки номаҳои девонӣ низ ба ду забон – арабӣ ва форсӣ навишта мешуданд. Ба ҷуз номаҳое, ки ба дарбори Хилофат ирсол мешуданд, боқии номаҳо, маноширу фармонҳо, султониёт ва ғ. ба забони форсӣ-тоҷикӣ навишта мешуданд [33-М].

12. Давраи Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён муҳимтарин давраи муншаотнависӣ ва ривоҷи фанни номанигорӣ дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мебошанд. Дар ин давра бисёре аз дабирони дарбор, ба монанди Мунтаҷибуддини Бадеъ ва Рашиди Ватвот, адибону муншиёни берун аз

дарбор, ба монанди Хоқонии Шарвонӣ ва Абдулвосеи Ҷабалӣ, олимону орифон, ба монанди Шайх Аҳмади Ғаззолӣ ва Айнулқузоти Ҳамадонӣ китобҳои алоҳида дар бораи қавоиди номанигорӣ ва маҷмуаи номаҳои форсӣ-тоҷикӣ таълиф намуданд. Забони девони расоил дар оғози давраи Салҷуқиён низ арабӣ буд, аммо минбаъд ҳамаи номаҳои девонӣ ба ҷуз номаҳое, ки ба дарбори хулафо навишта мешуданд, ба забони форсӣ-тоҷикӣ иншо мегардиданд [4-М; 25-М; 66-М].

13. Сабк, усули номанигорӣ ва мавзуоти номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз номаҳои девонӣ ва ихвонии давраҳои қаблӣ ва аҳди худ фарқ мекунанд. Агарчи ин суханвари ориф аз расм ва одоби номанигории аҳди хеш хуб огаҳӣ дошт, дар номаҳои худ онҳоро риоят накардааст. Айнулқузот дар номаҳо овардани ановину нуут, адъия ва васфу ситоиши пурмуболиғаи мактубунилайҳро, ки аз ҷумлаи расм ва одоби номанигорӣ маҳсуб мешуданд, бидъат медонад ва дар ҳеч як аз номаҳои худ онҳоро риоят накардааст.Номаҳояш бештар дар мавзуоти мухталиф таълиф гардида, пур аз оёту аҳодис, ақволи бузургони дину ирфон, истилоҳоти тасаввуф ва баёни мароҳили сулук мебошанд [3-М; 16-М; 17-М; 18-М; 40-М; 41-М; 66-М].

14. Бинобар ноoромии авзои сиёсии замон номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба таври пинҳонӣ байни муридон пахш карда мешуд. Шояд ба ин сабаб дар аксари номаҳо номи нигоранда ва мухотаб ба таври равшан ба назар намерасад. Одатан, Қозии Ҳамадонӣ номаҳои худро ба назди Аҳмад, ки, зоҳиран, фарзанди ӯ буд, мефиристод. Дар хонаи Аҳмад, ки маркази пахши номаҳо буд, нахуст номаҳо нусхабардорӣ гардида, сипас ба муридони дигар ирсол мешуд. Қисме аз номаҳои суханвар ба унвони Имом Саъдуддини Бағдодӣ, Хоҷа Имом Иззуддин, Имом Зиёуддин ва аксар ба Хоҷа Комил-уд-давла навишта шудаанд [66-М].

15. Аксари номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар атрофи мавзуоти алоҳида баҳс мекунанд ва шоҳиди ин фикр номаҳое мебошанд, ки ба шарҳу баёни «ният», «намоз», «Аллоҳу акбар», «фотиҳат-ул-китоб», муҳаббат ба Қуръон, маърифати Худованд, муҳаббат ба расул (с) ва ёрону саҳобагон, зарурати пир

ва одоби мурид, ситоиши Иблис, ахлоқи ҳамида, эҳсон, ризо, закоту садақа, сулуки орифон ва тариқи расидан ба Ҳақ, истилоҳоти сӯфия ва ғ. бахшида шудаанд. Лозим ба зикр аст, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ ин мавзуотро гоҳе дар чанд нома пайиҳам баён намудааст. Чунончи, наздик сӣ нома дар шарҳу баён ва тафсири ирфонии «ният» навиштааст. Қисме аз номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ на дар атрофи як мавзуъ, балки перомуни чанд мавзуи мухталиф баҳс мекунанд. Агарчи дар оғози нома муаллиф дар атрофи як мавзуи мушаххас баҳс намуданашро таъкид намудааст, ҳангоми баёни мавзуъ дарк месозад, ки фаҳми ин матлаб бидуни фаҳми матолиби дигар муҳол ва ғайримумкин аст, пас ночор ба шарҳу тавзеҳи мавзуи дигар мепардозад ва баёни мавзуи аввалро ба номаи сонӣ мегузорад. Аз як сӯ, ин навъи равиши баён то андозае усули қисса андар қисса ва ҳикоят андар ҳикоятро ба ёд меорад, ки дар осори мансури классикӣ бештар ба назар мерасанд, аммо дар тарассул ва мактубот хоси Айнулқузоти Ҳамадонӣ мебошад [3-М; 5-М; 66-М].

16. Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун олиму адиб, шореҳу муфассир ва орифи беназир масъала ва мавзуъҳои пурроз ва мушкили ирфониро дар номаҳои худ ба таври нисбатан сода шарҳу тавзеҳ додааст. Афзун ба ин, гоҳе дар номаҳои худ перомуни забоншиносӣ, махсусан сарфу наҳв ва махориҷи ҳуруф, адабиётшиносӣ, бахусус шеър ва анвои дигари осори манзум, матншиносӣ, бавижа таҳрифот дар матн ва тарҷумаи осори адабӣ баҳсҳои ҷолиб намудааст, ки аз адабиётшиносу матншинос ва забоншиноси беназир будани ӯ хабар медиҳанд [5-М; 57-М; 60-М; 66-М].

17. Теъдоди умумии номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба таври дақиқ маълум нест. Аз мазмуни номаҳои суханвар равшан мешавад, ки гоҳе дар як шаборӯз чаҳор-панҷ мактуб менавишта ва ҳафт-ҳашт маҷлис мегузаронида ва дар ҳар як маҷлис наздик ҳазор калима мегуфтааст, аммо гоҳе мешуда, ки дар ду-се моҳ на номае менавишта ва на маҷлисе доир мекардааст. Қозии Ҳамадонӣ чун муршиди беназир ва орифи вораста аксари авқот номаҳо аз рӯйи ҳол менавишт ва дар маҷолис бештар аз ҳол мегуфт, навиштаҳояш номаҳои одӣ ва маҷолисаш хушку зоҳирӣ набуданд [18-М; 66-М].

18. Номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба сабаби он, ки ба унвони ёрону муридон навишта шудаанд ва ё дар ҷавоб ба пурсишҳои онон таълиф гардидаанд, ба худ исми «нома» ва «мактуб»-ро гирифтаанд, аммо дар асл ҳар яке аз онҳо рисолае мебошад, ки ин суханвари ориф тайи онҳо нуктаҳои муҳимми ирфониро гоҳе ба таври пӯшида ва гоҳе ба таври равшан бо истифода аз ашъори зиёди арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ, оёту аҳодис ва нақлу ҳикоёти ширин аз рӯзгори бузургони дин ва ирфон баён намудааст [17-М; 18-М; 66-М].

19. Забони насри номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ дорои вижагиҳои хос аст, ки парҳез аз такрори феъл, корбурди пешоянди «бо» ба ҷойи «ба», истеъмоли «боянд» ба маънои «лозиманд», корбурди «ав» ба маънои «ё», «бал» ва «балки», истифодаи «во» ба ҷойи «ба» ва «бо», ҳазфи пешванди «ба-» ва пасоянди «-ро», истеъмоли «аънӣ» - калимаи феъл бар ивази «мақсудам ин ки» ва «яъне», истеъмоли «кай» ба маънии «чӣ вақт», «чӣ замон» ва «кай бошӣ» ба маънии «кай фаҳм созӣ», истеъмоли «чун» ба маънии «то», «то ин ки», истеъмоли «било фарқ» ба маънои «бе фарқ», касрати истифодаи «бад-ӯ» ивази «ба ӯ», истеъмоли зиёди «хонагоҳ» ивази гунаи муарраби он «хонақоҳ», истифодаи феъл байни сифат ва мавсуф, ба касрат ба кор бурдани лаҳҷа, касрати истифодаи саҷъ, такрори исм, ҷонишин ва шумора, тахфифи вожаю ибороти арабӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд [60-М; 66-М].

20. Айнулқузоти Ҳамадонӣ нисбат ба шеър дидгоҳи махсус дорад. Шеър назди ӯ ҳамчун оинае аст, ки ҳар ки дар он сурати аҳволи худ ва хештани хешро мебинад. Ба андешаи Қозӣ, шеър дар худ ҳеч маъно надорад, чунонки оина ба худии худ холӣ аз сурат аст. Ҳар як шахс дар оина сурати худ мебинад, на созандаи он. Гузашта аз ин, шеър назди ин суханвари ориф як навъи пӯшидагӯӣ ва яке аз василаҳои дур шудан аз забони душманон ва ҳарзагӯён аст. Ашъори истишҳодшудаи номаҳо ҳосили назар ва маърифати Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз он ашъор аст ва ҷиҳати дарёфти мақсуди суханвар аз ин ашъор бояд ба он матолибе, ки қабл аз истишҳоди онҳо баён шудаанд, рӯй овард [17-М; 66-М].

21. Номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ пур аз андешаҳои тарбиявӣ ва ахлоқӣ мебошанд. Дар аксари номаҳои худ мухотабро панд медиҳад, ки роҳи рост ва ҳақро пеша кунад, бемолро аз мол, беилмро аз илм ва беморро аз сиҳҳати худ насиб диҳад ва ҳоҷати ҳар як ҳоҷатмандро бароварда созад. Гоҳи зиёд ҷиҳати шоҳид ва тақвияти андешаҳои ахлоқии худ ашъори форсию арабӣ ва ҳикоёти ширин аз рӯзгори бузургони дину ирфон меорад, ки аҳаммияти зиёди ахлоқӣ ва тарбиявӣ доранд [16-М; 17-М; 18-М; 66-М].

22. Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаҳои худ ба касрат аз вожаю ибороти арабӣ, оёту аҳодис ва истилоҳоти тасаввуф истифода намудааст. Мақсуди худро тавассути оёти Қуръон чунон моҳирона баён мекунад, ки на ҳар як нависандаю номанигор ва олиму ҳофизи Қуръон ба чунин баёну нигориш қодир аст. Афзун ба ин, гоҳе чунон ба шарҳу тавзеҳи оёту аҳодис, ҳуруфи муқаттаа, луғоту истилоҳоти сӯфия ва баёни сулуки соликон мепардозад, ки дар осори суханварони дигар, кутуби шарҳу тафосир ва фарҳангномаҳои ирфонӣ ба назар намерасанд [5-М; 18-М; 55-М; 58-М; 66-М].

23. Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар чанд номаи худ, монанди Ҳасани Басрӣ, Ҷунайди Бағдодӣ, Мансури Ҳаллоҷ, Саноии Ғазнавӣ, Шайх Аҳмади Ғаззолӣ дифоъ аз Иблис намудааст. Гоҳе Иблисро ҳамчун доие медонад, ки даъват аз Худованд мекунад, на ба Худованд. Гоҳе аз парвардаи карам, муқарраби даргоҳ ва муаллими фариштагон будани Иблис ёд месозад ва лаънати Иблисро ёдгор ва раҳмате аз ҷониби Худованд медонад ва ӯро сарвари маҳҷурон ва хоҷаи хоҷагон мехонад. Дар маҷмуъ Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз орифони беназир ва ошиқони содиқ аст ва муридону мухотабони худро пайваста аз макру роҳзании Иблис ҳушдор месозад. Агарчи гоҳе дифоъ аз Иблис мекунад, муродаш аз Иблис ошиқи содиқ ва ориф аст, ки ҳар як доду ситад ва шодию ғамро аз ҷониби маъшуқи ҳақиқӣ, яъне Худованд медонад, на он Иблиси аслӣ, ки мардуду лаъин аст [66-М].

24. Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар «Номаҳо»-и худ ба касрат васфу баёни ишқу ошиқӣ намуда, ҷиҳати шоҳид нақлу ҳикоёти ширин аз достони «Лайлӣ ва Маҷнун», «Юсуф ва Зулайхо» ва ғ. овардааст. Гоҳе қиссаҳое аз рӯзгори

Лайливу Маҷнун ва Юсуфу Зулайхо меорад, ки сирф орифонаанд ва дар ишқномаҳои ҳамноми онҳо ба назар намерасанд. Қозии Ҳамадонӣ ақлро дар тариқи ишқу ошиқӣ ҳамчун роҳзан ва зулмате дар баробари офтоб медонад ва мегӯяд, ки чун офтоб рӯй намуд, зулмат аз миён бигрезад. Тарозуи ақлро дар шинохти ишқ ва забону қаламро дар шарҳу баёни ишқ нотавон мехонад. Ишқ назди Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун пир ва муршиди комил аст, ки ошиқи ростинро сӯйи маъшуқи ҳақиқӣ кашон-кашон мебарад [66-М].

25. Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар «Номаҳо»-и худ аз зарбулмасалу мақол ва санъатҳои бадеӣ бамаврид истифода намудааст. Гоҳе ҷиҳати шоҳид ва тақвияти фикр зарбулмасалу мақолҳои форсӣ ва арабиро оварда, аммо гоҳи зиёд мисраъву абётеро истишҳод намудааст, ки баёнгари мазомини зарбулмасалу мақолҳои маъмул мебошанд. Қозии Ҳамадонӣ дар корбурди санъатҳои бадеии маънавӣ ва лафзӣ низ дасти тавоно дорад ва ҷиҳати ороиши калом ва муассирии сухан бештар аз санъатҳои ташбеҳу таҷнис, кинояву истиора, тавсифу талмеҳ, тазод ва муқобала, ирсоли масал (тамсил), саволу ҷавоб, такрору саҷъ, ташхису муламмаъ ва муболиға мадад меҷӯяд [66-М].

26. Нашри сеюми «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ нисбат ба нашрҳои қаблии он нисбатан комил буда, фарогири 157 номаи форсӣ-тоҷикӣ ва 2 номаи арабӣ мебошад. Дар баробари муҳассаноти зиёд нашри мазкур холӣ аз хатоҳои матншиносӣ нест. Ҳангоми муқоиса ва муқобалаи он бо нусхаҳои хаттӣ хатохониҳои матн, таҳрифи матн, табдили ҳуруф, афтодани ҳуруф, тағйири матн, афзудани ҳуруф ва ғ. ба назар расиданд, ки аксар аз бедиққатии котибони нусхаҳои хаттӣ рух дода, ҳангоми тасҳеҳ ва таҳияи матн аз назари мусаҳҳеҳон пӯшида мондааст. Афзун ба ин, ҳангоми таҳия ва нашри «Номаҳо» чанд хатои дигари ғайриихтиёрӣ рух намудаанд, ки хонанда ва муҳаққиқонро бо мушкилоти бештаре мувоҷеҳ месозанд [17-М; 18-М; 66-М].

27. Номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ яке аз сарчашмаҳои беназир ва мунҳасир ба фард мебошанд, ки дар бораи аҳволу ақвол ва ашъори Шайх Баракаи Ҳамадонӣ, Шайх Фатҳа, Хоҷа Аҳмади Ҳаммуя, Юсуфи Омирӣ, Шайх Абулҳасани Бустӣ, Воизи Сарахсӣ, Абулаббоси Қассоб, Бундори Розӣ

маълумоти мухтасар ва пурарзиш медиҳанд. Афзун ба ин, Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаҳои худ ашъори зиёди форсӣ ва арабиро бидуни зикри муаллиф истишҳод намудааст, ки ҷиҳати дарёфт ва тасҳеҳи ашъори суханварони қарнҳои X-XII мусоидат хоҳанд кард [16-М; 17-М; 18-М; 66-М].

28. Бешак, «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ягона сарчашмаи адабӣ мебошад, ки нисбат ба осори дигари ӯ ашъори бештари форсию арабии суханварро фарогир аст, зеро чанд байту рубоии Қозии Ҳамадонӣ, ки дар «Номаҳо» гоҳе бо зикри ном ва гоҳе бидуни ишорат омадаанд, дар «Тамҳидот»-у «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Шаква-л-ғариб» ба назар намерасанд. Гузашта аз ин, аҳаммияти «Номаҳо» ҷиҳати дарёфти абёти тозаи суханварони асрҳои IX-XII беназир аст, ки мисолашон абёти тозаи Ҳаким Саноии Ғазнавӣ ва Воизи Сарахсӣ мебошанд [17-М; 66-М].

29. Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар «Номаҳо»-и худ ба касрат аз аврома ва фаҳлавиёт истифода намудааст, ки дар ҳеч як аз номаҳои суханварони форсу тоҷик ба чашм намерасанд. Афзун ба ин, чанд рубоии форсӣ, ки ҷиҳати истишҳод оварда шудаанд, ба эҳтимоли наздик ба яқин, таронаҳои халқӣ мебошанд, ки ба лаҳҷа суруда шудаанд [66-М].

30. Аксари ашъори истишҳодшудаи «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ бидуни зикри муаллиф оварда шудаанд. Ҳангоми таҳқиқ муаллифи аслии қисме аз онҳо муайян гардида, аз ҷумлаи ашъори устод Рӯдакӣ, Дақиқии Балхӣ, Фирдавсии Тӯсӣ, Амир Муиззӣ, Носири Хусрав, Саноии Ғазнавӣ, Воизи Сарахсӣ будани онҳо таъкид карда шуданд.

Бо таваҷҷуҳ бар нукоти мазкур «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадониро метавон яке аз сарчашмаҳои қадимтарин ва боэътимоди адабӣ ва намунаи беназири насри ирфонии асри дувоздаҳуми мелодӣ арзёбӣ кард ва ҷиҳати тасҳеҳ, таҳия ва нашри нусхаҳои илмию интиқодии осори суханварони қарнҳои IX-XII истифода намуд [16-М; 17-М; 66-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз баҳсҳои фавқ ва таҳқиқоти анҷомёфта равшан мешавад, ки бо вуҷуди таълифи чанд китобу мақолоти алоҳида оид ба рӯзгор ва мероси илмию адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ то ҳол зиндагинома ва мероси илмию адабии ӯ ба таври боиста омӯхта нашудааст. Дар диссертатсия кӯшиш шудааст, ки замони таваллуду вафот, ному насаб, кунияту лақаб, осори аслию мансуб ва мафқуду мавҷуди Қозии Ҳамадонӣ бо такя ба осори худи суханвар ва сарчашмаҳои қадиму боэътимод муайян карда шуда, арзиши адабию ирфонӣ, вижагиҳо ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики қарни XII мавриди омӯзиш ва баррасии амиқ қарор дода шавад. Бо натиҷагирӣ аз таҳқиқи мавзуъ ҷиҳати истифодаи амалии он чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Диссертатсия метавонад ҷиҳати омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти қарнҳои XI- XII, вижагиҳои адабии насри асрҳои мазкур, таърих ва назарияи номанигории форсу тоҷик ва мухтассоти номаҳои аҳди Салҷуқиён мусоидат намояд.

2. Дар диссертатсияи алоҳида мавриди омӯзиш ва таҳқиқи амиқ қарор додани «Тамҳидот», «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Шаква-л-ғариб»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҷиҳати муайян намудани нақши суханвар дар таърихи адабиёти форсу тоҷик, адабиёти тасаввуф ва адабиёти арабизабони асрҳои XI- XII амри муҳим шуморида мешавад.

3. Ҳангоми нашри нусхаҳои илмию интиқодии ашъори суханварони қарнҳои XI-XII, махсусан, ашъори устод Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, Саноии Ғазнавӣ, Амир Муиззӣ, Воизи Сарахсӣ, Носири Хусрав, Шайх Аҳмади Ғаззолӣ, Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва дигар шоирони форсу тоҷик ва арабизабон ҳамчун нусхаи боэътимод ва қадим ба эътибор гирифтани ашъори истишҳодшудаи «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ муҳим аст.

4. Таҳқиқи забоншиносӣ, махсусан, хусусиятҳои сарфӣ ва наҳвии насри «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҷиҳати шинохти бештари ҳунари

навишандагӣ, забон ва услуби насри осори форсии суханвар мусоидат хоҳад кард.

5. Бо такя ба нусхаҳои боэътимод ва қадимтарин таҳия ва нашри илмию интиқодии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба хатти кириллӣ ҷиҳати ҷалби бештари муҳаққиқони ватанӣ ба осори форсии суханвар метавонад мусоидат намояд.

6. Дар асоси шарҳу тавзеҳи луғот ва истилоҳоти ирфоние, ки дар осори форсии Айнулқузоти Ҳамадонӣ – «Номаҳо» ва «Тамҳидот»-и ӯ оварда шудаанд, таҳия гардидани «Фарҳанги луғот ва истилоҳоти ирфонии Айнулқузоти Ҳамадонӣ» ҷиҳати маърифат ва шарҳи андешаҳои ирфонии суханвар судманд хоҳад буд.

7. Дар ҷараёни таълими таърихи адабиёти тоҷик, сарчашмашиносӣ, матншиносӣ, фолклоршиносӣ, таърихи забони адабии тоҷикӣ ва лаҳҷашиносӣ ба таълими зиндагинома ва мероси адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва вижагиҳои адабиву услубии «Номаҳо»-и ӯ таваҷҷуҳ карда шавад.

8. Дар муқоиса бо нусхаҳои аслӣ ва тарҷумаҳои форсӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума намудани осори арабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҷиҳати шинохти бештари зиндагинома ва арзиши илмию адабии мероси суханвар муҳим арзёбӣ мегардад.

9. Маводи дар диссертатсия фароҳамомада метавонад ҷиҳати омӯзиш ва таълими таърихи адабиёти форсу тоҷик, адабиёти тасаввуф, матншиносӣ, сарчашмашиносӣ, сабкшиносӣ, нақди адабӣ, фанни интихобӣ ва семинарҳои тахассусии факултетҳои филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам оварад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Сарчашмаҳо ба хатти кириллӣ

1. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн] / Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.

2. Анварӣ, Авҳадуддин. Мунтахаби девон [Матн] / Авҳадуддини Анварӣ. – Душанбе: Адиб, 2022. – 352 с.

3. Анварӣ, Авҳадуддин. Девон [Матн] / Авҳадуддини Анварӣ // Таҳияи нашр бо тасҳеҳ ва тавзеҳоти Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 263с.

4. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ [Матн] – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 408 с.

5. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад. Маснавии маънавӣ [Матн] / Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ // Бар асоси матни Р. Николсон ва муқобала бо нусхаҳои дигар. – Теҳрон: Нашри замон, 2001. – 732 с.

6. Балъамӣ, Абуалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад. Таърихи Табарӣ [Матн] / Абуалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ // Бо муқаддима ва тавзеҳоти М. Умаров ва Ф. Бобоев. Дар ду ҷилд. – Теҳрон: Нашри замон, 1380 / 2001. Ҷилди 1. - XII+817 с., Ҷилди 2. – С. 818-1632 с.

7. Балъамӣ, Абуалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад. Таърихи Табарӣ [Матн] / Абуалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ. Ҷилди 1. – Душанбе: «Ирфон», 1992. – 656 с.

8. Берунӣ, Абурайҳон. Китоб ат-Тафҳим ли авоили синоат ат-танҷим [Матн] / Абурайҳони Берунӣ. – Душанбе: Дониш, 1973. – 286 с.

9. Берунӣ, Абурайҳон. Осор-ул-боқия [Матн] / Абурайҳони Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.

10. Гардезӣ, Абусаид Абдулҳай. Зайн-ул-ахбор [Матн] / Абусаид Абдулҳайи Гардезӣ // Ба хатти кириллӣ баргардони Қ. Рустам. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 415 с.

11. Гулшани адаб [Матн] / Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 432 с.

12. Ғаззолӣ, Абуҳомид Муҳаммад. Кимиёи саодат [Матн] / Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ // Таҳияи Д. Дӯст ва Қ. Элчибеков. Дар ду ҷилд. – Душанбе: ЭР-граф, 2008. Ҷилди 1. – 672 с.; Ҷилди 2. – 668 с.

